**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД**
**БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ**

**СУЛТОНЗОДА ТОҶИБОЙ СУЛТОНӢ**

# КАМОЛУДДИН ҲУСАЙНИ ХОРАЗМӢ ВА СУННАТҲОИ ШАРҲНАВИСӢ БАР «МАСНАВИИ МАЪНАВӢ»-И МАВЛОНОҶАЛОЛУДДИНИ БАЛХӢ

**Рисола барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик**

Мушовири илмӣ: доктори
илмҳои филологӣ, профессор
**Сатторов Абдунабӣ**

**Душанбе –2020**

## МУНДАРИҶА


| | | |
|---|---|---|
| МУҚАДДИМА | | 4-14 |
| **БОБИ 1.** | **САЙРИ ТАЪРИХИИ ШАРҲНАВИСӢ БАР «МАСНАВИИ МАЪНАВӢ»** | |
| Фасли 1. | Аввалин шореҳони «Маснавӣ» | 15-33 |
| Фасли 2. | Оғози шарҳнависӣ бар «Маснавӣ» дар Мовароуннаҳру Хуросон | 33-43 |
| Фасли 3. | Шарҳҳои «Маснавии маънавӣ» ва анвои он | 43-50 |
| **БОБИ 2.** | **КАМОЛУДДИН ҲУСАЙНИ ХОРАЗМӢ ВА НАҚДУ ТАҲЛИЛИ «ҶАВОҲИР-УЛ-АСРОР «-И Ӯ** | |
| Фасли 1. | Рӯзгору осори Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ | 51-63 |
| Фасли 2. | Камолуддини Хоразмӣ – шоири мумтоз | 63-69 |
| Фасли 3. | Муаррифии нусхаҳо ва сабаби таълифи шарҳи Хоразмӣ | 69-75 |
| Фасли 4. | Баррасии мақолоти даҳгонаи шарҳи Хоразмӣ | 75-82 |
| Фасли 5. | Иртиботи мақолоти даҳгонаи шарҳ бо «Маснавии маънавӣ» | 82-99 |
| Фасли 6. | Равишҳои шарҳи «Маснавӣ» дар «Ҷавоҳир-ул-асрор» | 99-111 |
| 6.1 | Тафсири дохилӣ дар шарҳи Хоразмӣ | 111-116 |
| 6.2 | Шарҳ бо ёрии «Девони кабир» | 116-121 |
| 6.3 | Шарҳ бо ҳикоёт, оёт ва аҳодис | 121-133 |
| 6.4 | Сабки шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор» | 133-142 |
| Фасли 7. | Сарчашмаҳои шарҳи Хоразмӣ | 142-144 |
| 7.1 | «Табақот-ус-сӯфия»-и Абӯабдурраҳмони Сулламӣ | 144-145 |
| 7.2 | «Ат-таъарруф»-и Абӯбакри Калободӣ | 145-146 |
| 7.3 | «Ар-рисолат-ул-Қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ | 147-154 |
| 7.4 | Баҳрагирии Хоразмӣ аз Хоқонӣ | 154-166 |
| 7.5 | «Тазкират-ул-авлиё»-и Аттори Нишопурӣ ҳамчун сарчашма | 166-171 |
| 7.6 | Рисолаи Фаредуни Сипаҳсолор | 171-182 |
| **БОБИ 3.** | **ШАРҲНАВИСӢ БАР «МАСНАВИИ МАЪНАВӢ» ДАР ШИБҲИ ҚОРАИ ҲИНД** | |
| Фасли 1. | Пайвандҳои Мавлоно бо Ҳинд | 183-189 |
| Фасли 2. | Шайх Абдулатифи Аббосӣ – шореҳи «Маснавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ | 189-197 |
| Фасли 3. | Шарҳи «Мукошифоти разавӣ»-и Муҳаммадризои Лоҳурӣ ва вижагиҳои он | |

| | | |
|---|---|---|
| 3.1 | Баррасии зиндагиномаи шореҳ | 197-209 |
| 3.2 | Вижагиҳо ва арзишҳои шарҳи Муҳаммадризои Лоҳурӣ | 209-216 |
| 3.3 | Рабт ва ҳампайвастагии ҳикоёт ва қиссаҳои «Маснавӣ» | 216-223 |
| 3.4 | Истифодаи қиссаву ҳикоёт дар шарҳи «Мукошифоти разавӣ» | 223-226 |
| 3.5 | Шарҳ бо оёту аҳодис ва ақволи арабӣ | 226-228 |
| 3.6 | Корбурди тафсири дохилӣ дар «Мукошифоти разавӣ» | 229-236 |
| Фасли 4. | «Асрор-ул-ғуюб»-и Хоҷа Айюби Порсо ва мухтассоти он | |
| 4.1 | Мақоми шарҳ ва шахсияти шореҳ | 236-239 |
| 4.2 | Сохтори «Асрор-ул-ғуюб» ваусули кори шореҳ | 239-242- |
| 4.3 | Назари интиқодии Хоҷа Айюб ба шарҳҳои дигари «Маснавӣ» | 242-249 |
| 4.4 | Усули шарҳи «Маснавӣ» дар «Асрор-ул-ғуюб» | 249-259 |
| 4.5 | Шарҳ бо нақлу ҳикоятҳои марбут ба рӯзгори Мавлоно | 260-271 |
| Фасли 5. | Шарҳи Валимуҳаммади Акбарободӣ ва мақоми он дар маърифати «Маснавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ | 272-276 |
| 5.1 | Маърифати «Маснавӣ» аз назари Акбарободӣ | 276-281 |
| 5.2 | Акбарободӣ ва баҳрабардории ӯ аз осори шореҳони дигар | 281-286 |
| 5.3 | Усули шарҳи «Маснавӣ» аз дидгоҳи Акбарободӣ | 286-300 |
| 5.4 | Сарчашмаҳои шарҳи Акбарободӣ | 300-307 |
| 5.5 | Нусхаҳои мавриди истифодаи шореҳ | 307-313 |
| **БОБИ 4.** | **ШАРҲҲОИ «МАСНАВӢ» ДАР ОСИЁИ САҒИР** | |
| Фасли 1. | Нигоҳе ба мактаби шарҳнигории туркӣ бар «Маснавӣ» | 314-320 |
| Фасли 2. | Юсуфи Синачок ва талхису шарҳи «Маснавӣ» дар Осиёи Сағир | 320-322 |
| Фасли 3. | «Гулшани тавҳид» – шарҳи манзуми «Маснавии маънавӣ» | 322-335 |
| ХУЛОСА | | 336-346 |
| Китобнома | | 347-382 |

# МУҚАДДИМА

**Зарурати таҳқиқ.** «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ аз ҷумлаи шоҳкориҳои беназири ирфон аст, ки тӯли садсолаҳо диққати муҳаққиқон ва шореҳони осори адабиро дар Шарқу Ғарб ба худ кашидааст. Дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ ҳеч асари дигаре монанди «Маснавии маънавӣ» мавриди таваҷҷӯҳ, тақлид, баҳрабардорӣ ва шарҳу тафсир қарор нагирифтааст.

Шарҳу тафсири «Маснавии маънавӣ» аз замони зиндагии Мавлоно оғоз ва то имрӯз идома ёфта, микдоран аз сад адад зиёданд. Қисме аз ин шарҳҳо, аз ҷумла шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор»-и Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ, «Мукошифоти разавӣ»-и Муҳаммадризои Лоҳурӣ, «Асрор-ул-ғуюб»-и Хоҷа Айюби Порсо, «Шарҳи «Маснавии маънавӣ»-и Мир Нуруллоҳи Аҳрорӣ, «Латоиф-ул-луғот»-и Абдулатифи Аббосии Гуҷаротӣ, «Махзан-ул-асрор»-и Валимуҳаммади Назири Акбарободӣ, «Футӯҳоти маънавӣ»-и Абдулалии Баҳрулулуми Лакҳнавӣ, «Шарҳи кабири Анқаравӣ»-и Русухиддин Исмоили Анқаравӣ, «Гулшани тавҳид»-и Шоҳидии Муғлавӣ, «Шарҳи Маснавӣ»-и Муҳаммаднаим, «Шарҳи асрор»-и Мулло Ҳодии Сабзаворӣ, Шарҳи Шоҳ Доии Шерозӣ ва монанди инҳо дар Эрон, Афғонистон ва Туркия ба нашр расидаанд, вале ба таври ҷудогона ва густарда мавриди омӯзиш қарор нагирифтаанд. Ҳол он ки ба риштаи таҳқиқ кашидани шарҳҳои «Маснавии маънавӣ», таҳияву нашри муҳимтарини онҳо ва муайян акрдани арзиши филологиашон дар адабиётшиносӣ хеле муҳим мебошад.

Таҳқиқи шарҳҳои «Маснавии маънавӣ» ба дарку маърифати афкори Мавлоно, шинохти рамзҳои ирфонии «Маснавӣ», ошно гардидан бо дараҷаи маърифатгарии гузаштагон ва муайян намудани арзишу мақоми он имконият медиҳад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзӯъ.** Мактаби шарҳнигорӣ бар «Маснавии маънавӣ» дар садаи понздаҳуми мелодӣ дар Мовароуннаҳр ба вуҷуд омада,

сипас дар Эрон, Туркия ва Ҳиндустон интишор ёфтааст. Ба вуҷуд омадани беш аз сад шарҳ ба забони форсӣ ва даҳҳо тарҷумаву шарҳ ба забонҳои туркӣ, урду, пашту, панҷобӣ, синдӣ, олмонӣ, инглисӣ, арабӣ ва даҳҳо гузидаву мунтахаб аз он баёнгари бузургии Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ аст.

Дар бахшҳои алоҳидаи китобу таҳқиқоти зиёди олимони ватанию хориҷӣ, аз ҷумла Аннемари Шиммел [320], Абдулбоқии Гулпинорлӣ [146 ва 148], Луис Франклин [282], Тавфиқ Субҳонӣ [254 ва 255], Холиқ Мирзозода [71], А. Насриддинов [222 ва 223] ва дигарон дар баробари таваҷҷуҳ ба паҳлӯҳои мухталифи рӯзгору осори Мавлоно ишорае низ ба шарҳу шарҳнигорӣ бар «Маснавии маънавӣ» ҷой доранд. Махсусан, дар китоби олими олмонӣ Аннемари Шиммел [320] ва таҳқиқоти олими амрикоӣ Франклин Люис [282], муқаддимаи шарҳи Шоҳ Доъии Шерозӣ [127] бахшҳои муҳимме дар заминаи шинохти шахсияти Мавлоно, осор ва муаррифии умумии шарҳҳои «Маснавӣ» дар Осиёи Сағир мавҷуданд.

Дар мавриди мақом ва маҳбубияти Мавлонои Балхӣ дар сарзамини Ҳинд низ садҳо рисолаю китоби таҳқиқӣ аз ҷониби муҳаққиқони форсӣ, ҳиндӣ ва аврупоӣ ба вуҷуд омадаанд, ки дар онҳо ишораҳо вобаста ба шарҳҳои «Маснавӣ» чун мактаби бузурги шинохти афкори Мавлоно баён гардидаанд [37; 38; 108; 151; 158; 217; 237; 252; 255; 268; 282; 310; 320; 318].

Роҷеъ ба шарҳҳои «Маснавӣ» дар Туркия аз китобу мақолаҳои Абдулбоқии Гулпинорлӣ [146], Аннемари Шиммел [320], Алии Гузалюз [407], Исмоил Гулек [383]; Ёзув Камол [387], Йерҳан Йетек [382], Абдулмаҷиди Сивосӣ [380], Этилла Сентурк [381], маҷмӯаи мақолаҳои «Мавлоно аз дидгоҳи туркон ва эрониён» [209] ва ғ. низ метавон маълумот пайдо намуд. Аз ҷумла, дар мақолаи «Шарҳҳои «Маснавӣ»-и устоди Донишгоҳи «Паёми нур»-и Ҷумҳурии исломии Эрон Тавфиқ Субҳонӣ [254] ва мақолаи «Шарҳҳои «Маснавӣ» дар Анатулӣ»-и олими турк Алии Гузалюз [407] шарҳҳои асримиёнагии «Маснавии маънавӣ», ки дар кишвари Туркия таълиф гардидаанд, ба таври умумӣ муаррифӣ гардидаанд.

Дар Эрон вобаста ба интишор ва дастраси аҳли таҳқиқ намудани шарҳҳои «Маснавӣ» корҳои судманде анҷом ёфта, қисме аз шарҳҳои муътабар, ба монанди «Мукошифоти разавӣ»-и Муҳаммадризои Лоҳурӣ [58], «Асрор-ул-ғуюб»-и Хоҷа Айюби Порсо [82], «Махзан-ул-асрор»-и Валимуҳаммади Назири Акбарободӣ [4], «Футӯҳоти маънавӣ»-и Абдулалии Баҳрулулуми Лакҳнавӣ [25], «Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор»-и Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ [113], «Шарҳи кабири Анқаравӣ»-и Русухиддин Исмоили Анқаравӣ [7] ва ғ. рӯи чоп омадаанд.

Шарҳнависӣ дар Эрон, махсусан, дар замони мо ривоҷи беандоза пайдо кардааст. Бузургтарин мавлавишиноси эронӣ Бадеуззамони Фурӯзонфар дар заминаи омӯзиш ва таҳқиқи беш аз чиҳилсолаи хеш ба таълифи «Шарҳи «Маснавӣ»-и шариф» даст зада, танҳо ба шарҳи 3008 байти дафтари аввал тавфиқ ёфтааст. Муаллиф ду асари арзишманди дигар бо номҳои «Аҳодиси маснавӣ» ва «маъхази қасас ва тамсилоти «Маснавӣ» низ дорад, ки ҳосили пажӯҳиши бесобиқаи ӯ дар ин замина мебошад. Бо вуҷуди нотамом будан шарҳи Фурӯзонфар аз беҳтарин шарҳҳои «Маснавӣ» ба ҳисоб меравад [276].

Донишманд ва мавлавипажӯҳ Мӯсои Насрӣ тамоми абёти «Маснавӣ»-ро бо ибороти содда ва равон ба наср гардонидааст [78]. Муаллиф кӯшидааст, ки маънои ҳар байтро бо як ё ду ҷумла баён кунад. Китоби ӯ, ки аз шаш муҷаллад иборат аст, барои фаҳми зоҳирии абёти «Маснавӣ» мусоидат мекунад. Шарҳи мазкур «Наср ва шарҳи «Маснавӣ» ном дошта, бори аввал соли 1327 бо кӯшиши Муҳаммад Рамазонӣ ба нашр расидааст [78].

Дар байни солҳои 1348–1352 Муҳаммадтақии Ҷаъфарӣ китоби худ «Тафсир ва нақду таҳлили «Маснавӣ»-ро дар 15 ҷилд ба нашр расонд [122]. Дар бораи арзиши шарҳи мазкур донишманди турк Абдулбоқии Гулпинорлӣ менависад: «Ин шарҳ аз назари фалсафӣ ҳақиқатан арзанда аст. Ин донишманди бузург фалсафаи Юнон ва бисёр парчамдорони ҷадидро бо нобиғаи бузурги Шарқ, намояндаи бузурги имону ислом Мавлоно муқоиса карда ва таълиқоти фалсафаи илмии мавҷуд дар онро дар Мавлоно нишон додааст» [148; 42–43].

«Мавлавинома (Мавлавӣ чӣ мегӯяд?)»-и устод Ҷалолуддини Ҳумоӣ, ҳарчанд ба шеваи суннатии шарҳнигорӣ таълиф нагардида ва муаллиф низ онро шарҳ наномидааст, дар ҳақиқат аз беҳтарин шарҳи «Маснавӣ» ва кашфи ҳақоиқи баланди ирфонӣ, фалсафӣ, иҷтимоии он мебошад [293].

Мавлавишиноси бузурги Эрон Муҳаммади Истеъломӣ солҳои 1359-1368 ҳ. [1981-1990 м.] дар асоси чанд нусхаи муътабар ба таҳия ва тасҳеҳи «Маснавӣ» машғул шуда, онро ба таври ихтисор дар шаш дафтар шарҳ додааст, ки яке аз шарҳҳои муҳим дар маснавишиносӣ ба ҳисоб меравад [66].

Солҳои охир «Шарҳи ҷомеи «Маснавӣ»-и донишманди эронӣ Карими Замонӣ дар ҳафт муҷаллад ба нашр расид, ки аз пурфурӯштарин шарҳҳои муосири «Маснавӣ» дар Эрон мебошад [41]. Шарҳи мазкур дар заминаи асноди шарҳҳои асримиёнагӣ, махсусан, шарҳҳои Валимуҳаммади Акбарободӣ, Анқаравӣ ва Рейналд Николсон таълиф шуда, барои доираи васеи хонандагон пешбинӣ гардидааст.

Дар миёни шарҳҳои дигаре, ки дар кишварҳои хориҷ аз Эрон ба нашр расидаанд, «Шарҳи Маснавии маънавӣ»-и Рейналд Николсон [79] ва «Наср ва шарҳи маснавии шариф»-и Абдулбоқии Гулпинорлӣ [146] маҳбубият ва маъруфияти зиёд пайдо кардаанд. Гузашта аз ин, дар Эрон шарҳу тафсири достонҳои алоҳидаи «Маснавии маънавӣ» низ ба ҳукми анъана даромадааст, ки баррасии ҳар кадоми онҳо аз имконоти мо берун аст. Шарҳҳои Ҷаводи Салмосизода [89, 90], Абдулкарими Суруш [266], Эдвард Жозеф [39,40] аз ҳамин қабиланд.

Вале, бо вуҷуди чопу интишори шарҳҳои муътабари асримиёнагӣ ва таълифи шарҳҳои ҷадид дар кишвари Эрон, таҳқиқу баррасии шарҳҳои асримиёнагӣ ба андозаи зарур роҳандозӣ нашудаанд. Дуруст аст, ки мавлавишиносони эронӣ ба шарҳҳои «Маснавӣ» ишораҳои фаровон кардаанд, вале ба таври ҷудогона ҳеч як шарҳро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор надодаанд. Аз миёни мақолоту навиштаҳои парокандаи зиёде, ки дар заминаи таҳқиқи шарҳҳои «Маснавӣ» ба вуҷуд омадаанд, китоби «Муаррифӣ ва нақду таҳлили шарҳҳои «Маснавӣ»-и муҳаққиқи эронӣ Ризо Шаҷарӣ ягона

китобест, ки ба таври алоҳида ба ин масъала бахшида шудааст [315]. Шаҷарӣ дар фасли аввали асари мазкур бо такя ба феҳристҳои муътабар шарҳҳои «Маснавӣ»-ро муаррифӣ карда, дар бахши дувуми он ба нақду таҳлили чаҳор шарҳи «Маснавии маънавӣ» – «Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор»-и Камолуддини Хоразмӣ, «Фотеҳ-ул-абёт»-и Исмоили Анқаравӣ, «Шарҳи «Маснавии маънавӣ»-и Мавлавӣ»-и Рейналд Николсон ва «Шарҳи «Маснавӣ»-и шариф»-и Бадеуззамони Фурӯзонфар иқдом намудааст. Зоҳиран муаллиф хостааст, як шарҳи фарорудӣ [113], як шарҳи туркӣ [7], як шарҳи инглисӣ [79] ва як шарҳи эрониро [276] мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳад.

Бояд гуфт, ки солҳои охир кӯшиши чопу интишори «Маснавӣ», шарҳ тарҷумаҳои он дар Ӯзбекистон, монанди тарҷумаи қисматҳое аз «Маснавӣ», ки ба қалами Ҷамол Камол, Асқар Маҳкам, Абдумурод Холмурод [372, 373, 374] ва дигарон тааллуқ дорад, тарҷумаи китоби «Шарҳи ҷомеи маснавӣ»-и донишманди муосири эронӣ доктор Карими Замонӣ ва тарҷумаи ӯзбекии шарҳи Одинамуҳаммади Хоразмӣ [259] зиёд ба назар мерасад.

Дар хазинаи китобхонаҳои Ӯзбекистон нусхаҳои хаттии зиёде аз шарҳҳои «Маснавии маънавӣ» барҷой монда, соҳиби рисола дар мақолаи алоҳида масъалаи мазкурро мавриди баррасӣ қарор додааст [263].

Дар хазинаи дастхатҳои китобхонаҳои ин кишвар ҳамчунин чандин нусхаҳо нигоҳдорӣ мешаванд, ки дар асрҳои XVII–XIX таълиф гардида, дар пайравии «Маснавӣ»-и Мавлоно навишта шудаанд. Аз ҷумла, маснавии «Мабдаи нур»-и мансуб ба Бобораҳими Машраб ва «Маснавии Харobотӣ»-и Абдуллоҳи Харботӣ, ки аввалӣ шарҳи «Маснавӣ» ва дувумӣ, як навъ назира бар «Маснавӣ»-и Мавлоно ба ҳисоб меравад [276], баёнгари таъсиру нуфузи ин шоҳкори адабиёти ирфонӣ ба адабиёти туркии Осиёи Миёна ва Туркистони Шарқӣ мебошад [212]. Маҷзуби Намангонӣ дар «Тазкират-ул-авлиё»-и хеш дар робита бар шарҳҳои «Маснавӣ» таъкид мекунад, ки чун ба Имлои Бухороӣ таклиф пешниҳод мекунанд, ки шарҳе бар «Маснавӣ» бо забони туркӣ нависад, ӯ иҷрои ин вазифаро ба Мирмақсудхоҷаи Қошғарӣ, ки

аз муридони Офоқхоҷа буд, пешниҳод мекунад ва дар забони туркӣ қалами бурро доштани ӯро таъкид менамояд [77; 48].

Бояд гуфт, ки шореҳони «Маснавӣ» аз дидгоҳ ва равзанаи мухталиф ба бозкушоии афкори Мавлоно таваҷҷуҳ намудаанд. Барои мисол, аксари шореҳони ҳиндӣ «Маснавии маънавӣ»-ро аз дидгоҳи мутафаккир ва орифи бузурги садаи XIII меликӣ Муҳйиддин ибни Арабӣ шарҳу тафсир намудаанд ва аз ин сабаб мавриди интиқоди шадиди донишмандон (махсусан, донишмандони муосири эронӣ) қарор гирифтаанд. Вале бархе аз муҳаққиқон ҷой доштани андеша ва ҷаҳонбинии Ибни Арабиро дар ҷаҳони фикри Мавлоно дур аз зеҳн намедонанд. Чунончи, Мӯҳсини Ҷаҳонгирӣ дар китоби «Муҳйиддин ибни Арабӣ чеҳраи барҷастаи ирфони исломӣ» менависад: «Барои касе, ки ошноии андак бо андеша ва ирфони ин ду бузурги андешаманд ва ориф дошта бошад, ҷойи тардиде боқӣ намемонад, ки миёни эшон ақоиди муштараке мавҷуд будааст ва барои ман мусаллам шудааст, ки Мавлавӣ ҳадди ақал дар асли ваҳдати вуҷуд, ки асли асил ва асосу бунёди андеша ва ирфони Ибни Арабӣ аст ва низ дар эътиқод ба ишқ ва ваҳдати адён ҳамақида ва ҳамандешаи ӯст, дар осораш, бавижа дар «Маснавӣ»-аш, бо ишқ ва шавқи зоидулвасф ва шӯру шавқи фаровон ба шарҳу баёни онҳо пардохтааст» [306].

Корҳои дар заминаи таҳқиқи шарҳҳои «Маснавии маънавӣ» навишташударо метавон ба се даста тақсим намуд:

а) мақолоти алоҳида, ки дар онҳо оид ба шарҳҳои «Маснавӣ» маълумоти муқаддамотӣ дода шудаанд;

б) шарҳнависӣ бар достонҳо ва ҳикоёти алоҳидаи «Маснавӣ»;

в) таҳияи фарҳанги луғоти «Маснавӣ».

Ҳеч яке аз нусхаҳои хаттии шарҳҳои «Маснавии маънавӣ» дар кишвари мо нашр ва арзиши амалии онҳо мушаххас нашудааст ва табиист, ки мавриди таҳқиқ ҳам қарор нагирифтаанд. Соли 2001 бори аввал нашри комили «Маснавии маънавӣ» дар Теҳрон бо хати сириллик сурат гирифта бошад ҳам, мутаассифона, нусхаи мазкур аз иштибоҳу ғалатҳо орӣ набуда, ниёз ба нашри

нави ин шоҳасар то имрӯз боқӣ мондааст [256]. Аммо то кунун ҳеч яке аз шарҳҳои «Маснавӣ» дар кишвари мо ба хати сириллик таҳия ва арзиши аслии онҳо мушаххас нашудааст. Аз ин рӯ, ба риштаи таҳқиқ кашидани онҳо саҳифаҳои тозаеро дар мавлавишиносӣ боз хоҳад намуд.

**Мақсад ва вазифаҳои тадқиқот.** Рисолаи ҳозир аввалин кӯшиш дар муаррифӣ ва муайян кардани арзиши шарҳҳои «Маснавии маънавӣ» дар адабиёти форсии тоҷикӣ мебошад.

Чунонки муҳаққиқон таъкид мекунанд, ба риштаи таҳқиқ кашидани шарҳҳо ҳамчун манбаи муҳимми сухансанҷии форсии тоҷикӣ барои адабиётшиносӣ, аз ҷумла таърихи адабиёт, поэтика, матншиносӣ, нақди адабӣ, сарфу наҳв ва луғатшиносӣ муфид мебошад [220, 2/17]. Таҳқиқи шарҳҳои «Маснавии маънавӣ»-ро донишмандони эронӣ низ зарур меҳисобанд. Ҳасани Лоҳутӣ дар мавриди зарурати таҳқиқи шарҳҳои асримиёнагии ҳиндӣ дар мақолаи «Мавлонои Эрон дар миёни ҳиндуён» менависад: «Писандида он аст, ки пажӯҳишҳои донишгоҳӣ, дастикам дар ҳадди рисолаи докторӣ, дар бораи муҳтавои шарҳҳои ҳиндуён ва албатта туркон сурат гирад, то дуруст ва нодурустро аз ҳам вонамояд» [198, 41].

Дар рисолаи ҳозир, ки «Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ ва суннатҳои шарҳнависӣ бар «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ» унвон дорад, таҳқиқи шарҳҳои «Маснавӣ» ба таври густарда бори аввал сурат мегирад. Муаллифи рисола дар асоси омӯхтани як қатор нусхаҳои хаттию чопии шарҳҳои маъруфи «Маснавии маънавӣ» кӯшиш намудааст, ки арзишҳои аслии онҳоро муайян намояд.

Ҳадафи аслии таҳқиқот, пеш аз ҳама, муаррифии шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор»-и Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ ҳамчун нахустин шарҳи «Маснавии маънавӣ», муайян намудани арзиш в а вежагиҳои он, таъсиру нуфуз ва ҷойгоҳи он дар ташаккули шарҳнигорӣ бар «Маснавӣ» мебошад. Вобаста ба ин, дар меҳвари таҳқиқот ҳадафу вазифаҳои зерин қарор гирифтаанд:

– муаррифии шарҳҳои асримиёнагии «Маснавии маънавӣ» аз рӯи ҷуғрофиёи интишор;

– муаррифии аввалин шореҳон ва нахустин мактабҳои шарҳнигорӣ бар «Маснавии маънавӣ»;

– муайян намудани заминаҳои ба вуҷуд омадани мактаби шарҳнигорӣ бар «Маснавии маънавӣ»:

– арзиши шарҳҳо дар маърифати рамзҳои «Маснавии маънавӣ»;

– арзиш ва қимати шарҳҳое, ки дар Туркия, Эрон ва Ҳинд ва таълиф ёфтаанд;

– баррасии махсусиятҳои забонӣ ва сабкии шарҳҳо;

– роҳу усули нигориши шореҳон, сарчашмаҳо ва заминаҳои фикрии шореҳони «Маснавии маънавӣ».

**Равиши таҳқиқ ва заминаи назарии он.** Бунёди назарӣ ва методологии рисола бар асоси усули таҳқиқи муқоисавию таърихӣ, татбиқӣ, қиёсӣ, матншиносӣ ва оморӣ буда, ҳангоми таълиф таҳқиқоти олимони ватанию хориҷӣ, аз қабили Абдулҳусайни Зарринкӯб, Забеҳуллоҳи Сафо, Маликушшуаро Баҳор, Шиблии Нӯъмонӣ, Бадеуззамони Фурӯзонфар, Аннемари Шиммел, Абдулбоқии Гулпинорлӣ, Абдулкарими Суруш, Вилям Читтик, Расул Ҳодизода, Худойӣ Шарифов, Абдуманнони Насриддин, Абдунабӣ Сатторзода, Носирҷон Салимӣ, Низомиддин Зоҳидӣ ва дигарон ба кор гирифта шудаанд.

**Навгонии илмии рисола.** Дар рисола аввалин маротиба кӯшиши таҳқиқи шарҳҳои «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ сурат гирифтааст. Муаллиф мақом, арзишу аҳаммият ва ҷойгоҳи ин шарҳҳоро дар мисоли аввалин шарҳи «Маснавӣ» - «Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор»-и Камолиддин Ҳусайни Хоразмӣ муайян намудааст.

Муаллиф шарҳҳоро аз лиҳози забон, ҳаҷму муҳтаво, анвоъ ва арзиши онон дастабандӣ карда, роҷеъ ба шарҳҳои форсӣ, ҳиндӣ, туркӣ, арабӣ, инглисию олмонӣ ва шарҳҳое, ки бо забонҳои дигари ҳиндӣ таълиф гардидаанд, маълумоти муфид додааст.

Дар рисола бори аввал дар асоси сарчашмаҳои илмӣ шахсияти Камолуддини Ҳусайни Хоразмӣ муаррифӣ шуда, ихтилофи назарҳое, ки дар байни аҳли таҳқиқ мавҷуд буданд, рафъ гардидаанд.

Таҳиягари матни шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор» доктор Муҳаммадҷаводи Шариат мисли аксари муҳаққиқони дигар шахсияти Ҳусайни Хоразмиро бо сӯфии машҳури ҳамноми ӯ - Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ [тав. 958 ҳ.], ки пас аз саду ҳаждаҳ соли вафоти Ҳусайни Хоразмӣ зистааст, омехта мекунад. Соҳиби рисола дар асоси таҳқиқу омӯзиши яке аз сарчашмаҳои маъруфи давр – «Маҷолис-ун-нафоис»-и Мир Алишери Навоӣ ва маълумоти худи Камолуддини Хоразмӣ дар «Ҷавоҳир-ул-асрор» ба натиҷае расид, ки аксари муҳаққиқон, бино бар такя кардан ба маълумоти китоби Қозӣ Нуруллоҳи Шуштарӣ – «Маҷолис-ул-муъминин» шахсияти ин ду нафарро ба ҳам омехта кардаанд. Муаллифи рисола бар он муваффақ шудааст, ки чеҳраи воқеии Хоразмиро барои хонандагон муаррифӣ кунад.

Бояд гуфт, ки дар зиндагии шахсӣ ва маънавии Камолуддини Хоразмӣ ва ошноии ӯ бо «Маснавии маънавӣ» Хоҷа Абулвафои Хоразмӣ, ки аз сӯфиёни маъруфи замон буд, таъсири муҳим гузоштааст.

Рисолаи мазкур барои пур кардани холигоҳи шарҳнависӣ бар «Маснавии маънавӣ» аз кӯшишҳои аввалин ба ҳисоб меравад.

**Арзиши назарӣ ва амалӣ.** Натиҷаҳои бадастомадаи рисоларо метавон барои навиштани асарҳои ҷомеи таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ истифода намуд. Ҳамзамон, мумкин аст, ки аз маводи рисола:

- дар ҷараёни таҳияи китобҳои дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олӣ, миёна ва миёнаи махсус;

- таълими фанни «Таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ» дар факултаҳои филологӣ;

- хондани дарсҳои махсуси «Шарҳнигории осори адабӣ» ва «Маснавихонӣ»;

- таълифи асарҳои илмию таҳқиқӣ, дар заминаи таърихи адабиётнависӣ, рисолаҳои магистрӣ ва поённомаҳо.

**Сарчашмаҳои таҳқиқ.** Зимни таълифи рисола маъхазҳои зерин ҳамчун асоси таҳқиқ қарор гирифтанд:

- қадимитарин шарҳҳои «Маснавии маънавӣ», аз ҷумла «Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор»-и Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ, «Мукошифоти разавӣ»-и Муҳаммадризои Лоҳурӣ, «Асрор-ул-ғуюб»-и Хоҷа Айюби Порсо, «Махзан-ул-асрор»-и Валимуҳаммади Назири Акбарободӣ, «Футӯҳоти маънавӣ»-и Абдулалии Баҳрулулуми Лакҳнавӣ, «Латоиф-ул-луғот»-и Абдулатифи Аббосии Гуҷаротӣ, «Шарҳи кабири Анқаравӣ»-и Русухиддин Исмоили Анқаравӣ, «Шарҳи маснавӣ»-и Муҳаммаднаим, «Шарҳи асрор»-и Мулло Ҳодии Сабзаворӣ, «Гулшани тавҳид» - и Шоҳидии Муғлавӣ ва ғ., ки дар Хоразм, Ҳиндустон, Покистон ва Туркия таълиф гардидаанд;
- қадимитарин рисола ва тазкираҳои наздик ба замони зиндагии Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, аз ҷумла «Рисолаи Сипаҳсолор», «Маноқиб-ул-орифин»-и Аҳмади Афлокӣ, «Рисолаи Қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ, «Нафаҳот-ал-унс»-и Абдураҳмони Ҷомӣ, «Маҷолис-ун-нафоис»-и Алишери Навоӣ;
- осори таҳқиқотии бузургтарин олимони мавлавипажӯҳ, аз ҷумла Абдулҳусайни Зарринкӯб, Рейналд Николсон, Бадеуззамони Фурӯзонфар, Абдулбоқии Гулпинорлӣ, Аннемари Шиммел, Абдулкарими Суруш, Франклин Луис ва дигарон ташкил додаанд.

**Нуктаҳои меҳварӣ барои дифоъ:**

- Баррасии аввалин падидаҳои таҳаввул, ташаккул ва интишори шарҳнависӣ бар «Маснавии маънавӣ»;
- Анвоъ ва нахустин шарҳҳое, ки дар Мовароуннаҳру Хуросон, Ҳинду Синд ва Осиёи Сағир ба вуҷуд омадаанд;
- Ошкор намудани заминаҳои пайдоиши шарҳнависӣ бар «Маснавии маънавӣ» дар Мовароуннаҳр, сарчашмаҳои фикрии шореҳон;
- Таҳқиқи равишҳои шарҳнигории мактабҳои мухталифи маснавишиносӣ дар Осиёи Сағир, Ҳиндустон ва Эрон;

- Муайян намудани пайвандҳои фикрии шореҳони «Маснавӣ»;
- Муаррифии шарҳҳои «Маснавӣ», муайян кардани мақоми шарҳҳо дар маърифати «Маснавии маънавӣ»;
- Таъйини нақш ва мақоми «Ҷавоҳир-ул-асрор» дар муайян намудани равишҳои шарҳнигорӣ бар «Маснавӣ»;
- Муайян намудани шахсият, муҳити эҷодӣ, ҷаҳоншиносӣ ва чеҳраи ҳунарии Камолуддини Хоразмӣ ва ба ин восита аз миён бардоштани ихтилофи назарҳо дар шинохти ду шахсияти ҳамном;
- Шеваҳои шарҳнигорӣ дар «Ҷавоҳир-ул-анвор»;
- Заминаҳои фикрӣ ва сарчашмаҳои мавриди истифодаи Камолуддини Хоразмӣ;
- Таъсир ва нуфузи шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор» ҳамчун аввалин шарҳи «Маснавии маънавӣ» дар ташаккули мактаби шарҳнигорӣ бар «Маснавӣ»;
- Мақоми шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор» дар маърифати «Маснавии маънавӣ».

**Апробатсияи кор.** Рисола дар ҷаласаи кафедраи адабиёти классикии тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров (суратҷаласаи № 8 аз 27 марти соли 2020) муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод гардидааст. Натиҷаҳои асосии таҳқиқ дар се монография, 48 мақолаи илмӣ баён гардидаанд, ки аз ҷумлаи онҳо 16 мақола дар маҷаллаҳои дар феҳристи КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти номгардида нашр шудаанд. Ҳамчунин, чор мақола дар хориҷа (Ҷумҳурии исломии Эрон ва Ҳиндустон) интишор шуда, дар машваратҳои илмии кафедраи адабиёти классикии тоҷик, ҳамоишҳои илмии донишгоҳӣ, вилоятӣ, умумиҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ (Машҳад-2015, Турбати Ҷом-2016) гузоришҳои илмӣ кардааст.

**Сохтори рисола.** Рисола аз муқаддима, чаҳор боб, ҳаждаҳ фасл, хулоса ва китобнома иборат мебошад.

# БОБИ 1. САЙРИ ТАЪРИХИИ ШАРҲНАВИСӢ БАР «МАСНАВИИ МАЪНАВӢ»

## Фасли 1. Аввалин шореҳони «Маснавӣ»

Афкори орифонаи Мавлоно Ҷалолуддин дар «Маснавӣ» аз оғоз зеҳну таваҷҷуҳи бисёр иродатмандон ва пайравони ӯро ба худ кашида ва агарчи барои касоне, ки дар ҳалқаи иродати ин шахсияти истисноии олами ирфон қарор доштанд, то андозае мафҳум буд, ончунонки аз «Мактуботи Мавлоно», рисолаи Фаредуни Сипаҳсолор ва «Маноқиб-ул-орифин» бармеояд, ёрони ӯ низ порае аз мушкилоти маснавиро аз худи ӯ мепурсидаанд ва Мавлоно ба онҳо посух мегуфтааст. Масалан, дар бораи байти зер:

Гуфт пайғамбар, ки нафҳатҳои Ҳақ,

Андар ин айём меорад сабақ [13; 1/1951].

Мавлоно дар яке аз номаҳои худ «нафҳатҳои Ҳақ»-ро чунин тавзеҳ медиҳад: «Назди муҳаққиқон ин нафаҳот анфоси бародарони динӣ аст, ки сабақ ёфтаанд бар бародарони дигар анфоси ишон ва назарҳои ишон ва омезгорӣ бо ишон нафаҳот ва мавоҳиб ва атоё ва хилқати ҳақ аст…»[17,108].

Дар номаи дигар [мактуби шумораи 8] дар тавзеҳи байти зер аз дафтари дувум мегӯяд:

Ҳиндувонро истилоҳи Ҳинд мадҳ,

Синдиёнро истилоҳи Синд мадҳ [13; 2/1757],

«…Ҳар касе акобирро ба забоне ва наъте ситояд…, ки наът ва забони ҳар навъе дигар аст, арманӣ ба забони арман…» [163, 294].

Дар китоби «Фиҳӣ мо фиҳӣ», ки яке аз шоҳкориҳои Мавлоно ва ба таъбири Зарринкӯб «маҳсули андешаҳои Мавлавӣ қабл аз замонест, ки сурудани шеърро ба таври пайгир оғоз кунад», нуктаҳои пуррамзу рози зиёде нуҳуфтаанд, ки метавонанд дар ҳалли душвориҳои «Маснавӣ» мусоидат намоянд.

Аҳаммияти китоби «Фиҳӣ мо фиҳӣ» дар маърифати «Маснавӣ» яке аз шореҳони турк Аҳмад Авнӣ Қунуқро бар он водошт, ки бархе аз муҳимтарин абёти «Маснавӣ»-ро бо истинод ба «Фиҳӣ мо фиҳӣ» шарҳ кунад [146, 210].

Чунончи, Мавлоно дар «Маснавӣ» мефармояд:

Сурати мо андарин баҳри азоб

Медавад чун косаҳо бар рӯи об.

Ҳарчи сурат мевасилат созадаш,

З-он василат баҳр дур андозадаш [14, 1/1118-1119].

Дар «Фиҳӣ мо фиҳӣ» мегӯяд: «Мо ҳамчу косаем бар сари об, рафтани коса бар сари об ба ҳукми коса нест, ба ҳукми об аст…, лошак ҳама косаҳо бар сари оби қудрат ва машият аст» [163, 294].

Ё дар бораи ин байти машҳури «Маснавӣ»:

Ин сухан шир аст дар пистони ҷон,

Бе кашанда хуш намегардад равон [13, 1/2378].

Ин маънӣ бо мазмуни он чӣ дар «Фиҳӣ мо фиҳӣ» омадааст, комилан мувофиқ аст: «Сухан ба қадри мустамеъ меояд, чун ӯ накашад, ҳикмат низ берун наёяд, чандон ки мекашад…, ҳикмат фурӯ меояд» [19, 143].

Низ, дар ин байте, ки маънои таҳтонии онро ба таври возеҳ «Фиҳӣ мо фиҳӣ» боз мекунад:

Войи он зинда, ки бо мурда нишаст,

Мурда гашту зиндагӣ аз вай бичаст [13, 1/1536].

Аз матлабҳои дар «Фиҳӣ мо фиҳӣ» омада маълум мегардад, ки мурод аз «мурда» мурдадилонанд, ки ҳамсуҳбатӣ ва ҳамнишинӣ бо онҳо ва инчунин аз асари суҳбати онҳо кас дилмурда мегардад. Пас, муроди Мавлоно аз «зинда» оқилонанд, ки суҳбаташон боиси фараҳ ва роҳати дигарон мегардад. Мавлоно дар мавриди фоидаи суҳбат гӯяд: «Дӯстонро дар дил ранҷҳо бошад, ки он ба ҳеч доруе хуш нашавад: на ба хуфтан, на ба гаштан ва на ба хӯрдан, илло ба дидори дӯст, ки «лиқо-ул-халил шифо-ул-ъалил», то ҳадде, ки агар мунофиқе миёни муъминон нишинад, аз таъсири эшон он лаҳза муъмин шавад… бинигар, ки он пашм аз муҷовирати оқиле чунин бисоти мунаққаш

шуд ва ин хок ба муҷовирати оқил чунин сарое хуб шуд. Суҳбати оқил дар ҷимодот чунин асар кард, бингар, ки суҳбати муъмине дар муъмин чӣ асар кунад…» [19, 223].

Аммо, агарчи байти зерини «Маснавӣ» маънии равшану зоҳир дошта, ишора ба ҳадиси «Муъмин – оинаи муъмин» мекунад, боз ҳам Мавлоно дар «Фиҳӣ мо фиҳӣ» калиди маъниро ба дасти хонандаи «Маснавӣ» медиҳад:

Муъминон ойинаи ҳамдигаранд,

Ин хабар ме аз паямбар оваранд [13, 1/1328].

Мавлоно дар «Фиҳӣ мо фиҳӣ» мегӯяд: «…Агар дар бародари худ айб мебинӣ, он айб дар туст, ки дар ӯ мебинӣ. Олам ҳамчунин ойина аст, нақши худро дар ӯ мебинӣ, ки «ал-муъмину миръоту муъмин». Он айбро аз худ ҷудо кун, зеро он чи аз ӯ меранҷӣ, аз худ меранҷӣ» [19, 23].

Мавлоно дар «Фиҳӣ мо фиҳӣ» ҳатто гоҳо калимоти алоҳидаро низ ба маънои таҳтонӣ ва ирфониашон шарҳ медиҳад. Чунончи, калимаи «ғарқоби фано»-ро аз байти зер мисол меоварем:

Чун ба хеш омад зи ғарқоби фано,

Хуш забон бикшод дар мадҳу сано [13, 6/75].

Дар «Фиҳӣ мо фиҳӣ» калимаи «ғарқоб» бо қаринаи дигар, яъне «истиғроқ» ба тариқи зерин шарҳ шудааст: «Истиғроқ» он бошад, ки ӯ дар миён набошад ва ӯро ҷаҳд намонад ва феълу ҳаракат намонад, «ғарқоб» бошад, ҳар феълеро, ки аз ӯ ояд, он феъли ӯ набошад, феъли об бошад. Агар ҳанӯз дар об дасту пой мезанад, ӯро ғариқ нагӯянд, ё бонге мезанад, ки «оҳ, ғарқ шудам!». Ва инро низ «истиғроқ» нагӯянд» [41, 77–78].

Низ дар маънии байти зерин:

Эй бидида акси бад бар рӯи ам,

Бад на ам аст, он туӣ, аз худ марам [13, 1/1327].

Мавлоно дар «Фиҳӣ мо фиҳӣ» сареҳан ва бо тамсили зебое ба ин маънӣ чунин ишора мекунад: «Гуфт: Пилеро оварданд бар сари чашмае, ки об

хӯрад, худро дар об медид ва мерамид. Ӯ мепиндошт, ки аз дигаре мерамад, намедонист, ки аз худ мерамад. Ҳамаи ахлоқи бад аз зулму кин ва ҳасаду ҳирс ва бераҳмию кибр чун дар туст, намеранҷӣ, чун онро дар дигаре мебинӣ, мерамӣ ва меранҷӣ» [18, 23–24].

Мисоли зерин ҳам далели боризи ин нукта аст, ки дар «Фиҳӣ мо фиҳӣ» асли андешаи Мавлоноро ифода ёфтааст. Мавлоно дар дафтари севум мегӯяд:

Он ниёзи марямӣ будасту дард,

Ки чунон тифле сухан оғоз кард [13, 3/3203].

Маънои ин матлабро дар «Фиҳӣ мо фиҳӣ» мехонем: «Дард аст, ки одамиро раҳбар аст. Дар ҳар коре, ки ҳаст, то ӯро дарди он кор ва ҳавасу ишқи он кор дар дарун нахезад, ӯ қасди он кор накунад ва он кор бе дард ӯро муяссар нашавад, хоҳ дунё, хоҳ охират, хоҳ бозаргонӣ, хоҳ подшоҳӣ, хоҳ илм, хоҳ нуҷум ва ғайра. То Марямро дарди заҳ пайдо нашуд, қасди он дарахти бахт накард… Тан ҳамчун Марям аст ва ҳар яке Исӣ дорем. Агар моро дард пайдо шавад, Исии мо бизояд ва агар дард набошад, Исӣ ҳам аз он роҳи ниҳонӣ, ки омад, боз ба асли худ пайвадад» [18, 20].

Ҳамин тариқ, баррасии иҷмолии матлабҳои фавқ нишон медиҳад, ки «Фиҳӣ мо фиҳӣ» ва «Мактубот» аз сарчашмаҳои фикрии Мавлоно Ҷалолуддин ҳастанд ва метавон бо ёрии ин осор ба зовияҳои андешаи орифи Румӣ даст ёфт. Ин осор барои шореҳони «Маснавии маънавӣ» низ ҳамчун сарчашмаи шарҳу тавзеҳи афкори Мавлоно хизмат намудаанд.

Маънои қисме аз рамзу истиороти ирфонии «Маснавӣ»-ро низ метавон бо ёрии байтҳои алоҳидаи «Ғазалиёти Шамс» шарҳу тафсир намуд, зеро дар «Маснавӣ» Мавлоно матлаберо бо истифодаи калима ва ё таъбире мавриди корбурд қарор додааст, ки айни ҳамон матлабро метавон бо байтҳои «Ғазалиёти Шамс» тафсир намуд. Чунончи, дар байти зерини «Маснавӣ» мехонем:

Парда бардору бараҳна гӯ, ки ман

Менахуспам бо санам бо пераҳан [13, 1/138].

Маълум аст, ки калимаи «пераҳан» дар ин байт ба сурати рамз ба кор гирифта шудааст, вале дарки онро дақиқан метавон бо ин байт аз ғазалиёти Мавлоно, ки дар он мурод аз «пероҳан» – «ҷомаи тан» ё «тан» мафҳум мешавад, фаҳм кард. Мавлоно мегӯяд:

Бо ту бараҳна хуштарам, ҷомаи тан бурун кунам,

То ки канори лутфи ту ҷони маро қабо бувад [15, 5852].

Намунаи ин гуна ҳаммонандиҳо байни абёти «Маснавӣ» ва ғазалиёти Мавлоно хеле зиёд аст ва метавон мисолҳои зиёдро ба истишҳод овард, вале азбаски мо зимни баррасии шарҳи Камолуддини Ҳусайни Хоразмӣ ба ин масъала муфассалтар таваҷҷуҳ мекунем, дар ин ҷо аз тафсили бештар худдорӣ менамоем. Чунин муштаракот на танҳо дар миёни осори гуногуни Мавлоно фаровон аст, балки байни ҳикоёт, қиссаву достонҳо ва абёти алоҳидаи «Маснавии маънавӣ» низ ҷой дошта, имкон медиҳанд, ки баъзе аз матлабҳо бо қисматҳои дигари «Маснавӣ», ки худ муфассири баъзеи дигар аст, шарҳ дода шавад.

Чунин нукот муҳаққиқони зиёдеро бар он водоштааст, то ин ки худи Мавлоноро ба унвони аввалин шореҳи маснавӣ бипазиранд.

Бояд гуфт, ки тавассути худи «Маснавӣ» шарҳ додани калимаю мафҳум беҳтарин асли шарҳи ин асари бузург мебошад, ки ҳеч вақт хонандаро ба саргумӣ намебарад.

Дар «Маснавӣ» матлабҳои зиёде мавҷуданд, ки яке дигареро тавзеҳи бештар мебахшанд ва ё тақвият медиҳанд. Агар хонанда ба маърифати яке аз ин матлаб роҳ ёбад, бешак, метавонад, ба осонӣ маъниҳои дигари ҳаммонандро дарку фаҳм кунад. Чунончи, дар дафтари аввал дар ҳикояти «Зоҳир шудани аҷзи ҳакимон аз муолиҷаи канизак…» Мавлоно мегӯяд:

Лек гуфтӣ: «Гарчи медонам сират,

Зуд ҳам пайдо кунаш бар зоҳират» [14, 1/60].

Ба ишораи шореҳони «Маснавӣ» бунёди байти мазкур мавқуф бар ояти 4, сураи «Муъмин» аст, ки Худованд мегӯяд: «Маро бихонед, то шуморо иҷобат кунам». Маъние, ки Мавлоно баён кардааст, чунин аст: Худованд ба

инсон гуфт, агарчи ман аз ботини ту огоҳ ҳастам, боз ҳам худро аз ёди ман ғофил макун ва онро бо зоҳират (бар забонат) низ баён кун» [41,77].

Дар маҷмӯъ, муроди Мавлоно аз ин байт баёни ваҳдати дилу забон аст, ки инсон ҳақиқати Ҳақро ҳам бо дил ва ҳам бо забон (яъне, ҳам дар рафтор ва ҳам дар гуфтор) эътироф намояд. Аммо, мушкили байти мазкур барои хонанда дар он аст, ки Мавлоно аз «зоҳир» – «қавл» ва «забон»-ро мурод доштааст ва мегӯяд: бояд дилу забонат комилан мувофиқ бошанд. Ин маънӣ дар мавриди мутааддиде дар зимни ҳикоёти «Маснавӣ» такрор шуда ва назири он байти зер аз достони «Муовия ва Иблис» аст:

Лутф, к-ояд бе дилу ҷон дар забон,

Ҳамчу сабза[й] тун бувад, эй дӯстон [14, 2/2851].

Мавлоно мегӯяд: муҳаббат ва ё сухане, ки бе ваҳдати дилу ҷон ба забон меояд, мисоли сабзаест, ки дар макони ифлосӣ мерӯяд. Ин ҷо лафзи «дил» ҷанбаи зоҳирӣ ва «ҷон» ҷанбаи ботинӣ дорад. Чунонки мушоҳида мешавад, маънии байти мазкур комилан бо байти фавқ қарин аст. Метавон мисоли дигареро низ аз ҳикояти дар боло ёдшуда овард: Замоне, ки шоҳ аз оҷизии табибон дар илоҷи канизак огоҳ шуд, чора ҷуз ин наёфт, ки побараҳна ҷониби масҷид равад ва саҷдагоҳро аз ашки худ пуроб кунад. Мавлоно дар ин матлаб ишора бар он дорад, ки танҳо ашки тавбаю надомат дар пешгоҳи Ҳақ метавонад мушкилкушои кори шоҳ бошад. Ҳарчанд дарки ин матлаби釋 мармуз дар ҳикояти мазкур барои хонанда равшан баён нашудааст, вале дар ҳикояти «Шайх Аҳмади Хузравия…» бунёди матлаб бар ҳамин рамзи гиря гузошта шудааст ва Мавлоно сареҳан ба ин маънӣ ишора мекунад:

То нагиряд кӯдаки ҳалвофурӯш,

Баҳри ҷуди Ҳақ намеояд ба ҷӯш [14, 2/445].

Гузашта аз ин, бархе аз рамзу киноёти ҳикоёти «Маснавӣ» тавассути абёти ҳамон як ҳикоят шарҳу тафсир ёфтаанд, ки онро беҳтарин асли шарҳ баршумурдан мувофиқи матлаб аст. Чунончи, дар «Ҳикояти он гов, ки танҳо дар ҷазираест бузург…» дар бораи гове сухан меронад, ки ҳамарӯза дар ҷазираи хушобу ҳавое зиндагӣ карда ва аз алафҳои он баҳра мегирад. Бад-ин

минвол солҳои тӯлонӣ аз ин неъмат баҳра бардорад ҳам, ҳар шаб дар ғами он ки мабодо барои пагоҳ хӯрдание меёбад ё не, то субҳ боз лоғар мегардад. Фардо низ ҳамин ҳолат такрор меёбад:

Як ҷазирай сабз ҳаст андар ҷаҳон,
Андар ӯ говест танҳо хушдаҳон.
Ҷумла саҳроро чарад ӯ то ба шаб,
То шавад зафту азиму мунтаҷаб.
Шаб зи андеша, ки фардо чӣ хварам,
Гардад ӯ чун тори мӯ лоғар зи ғам.
Чун барояд субҳ гардад сабз дашт,
То миён руста қасили сабзу кашт.
Андарафтад гов бо ҷӯъулбақар,
То ба шаб онро чарад ӯ сар ба сар.
Боз зафту фарбеҳу ламтур шавад,
Он танаш аз пиҳу қувват пур шавад.
Боз шаб андар таб афтад аз фазаъ,
То шавад лоғар зи хавфи мунтаҷаъ.
Ки чӣ хоҳам хурд фардо вақти х(в)ар,
Солҳо ин аст кори он бақар… [14, 5/2857-2864].

Мавлоно рамзи абёти мазкурро дар поёни ҳикоят боз намуда, чунин шарҳу тавзеҳ медиҳад:

Нафс он гов асту он дашт ин ҷаҳон,
К-ӯ ҳаме лоғар шавад аз хавфи нон.
Ки чӣ хоҳам хӯрд мустақбал? Аҷаб!
Лути фардо аз куҷо созам талаб? [14, 5/2868-2869]

Чунин тавзеҳоти Мавлоноро дар робита бо шарҳи нуктаҳои алоҳидаи «Маснавӣ» метавон зиёд ба истишҳод овард, вале бар муқтазои «мушт – намунаи хирвор» ба ҳамин ду маврид иктифо карда, чунин натиҷагирӣ карданро салоҳ медонем: Мавлоно ба унвони аввалин шореҳи «Маснавии маънавӣ» нуктаҳои зиёди ирфониро дар «Маснавӣ» худ гузориш намудааст

ва метавон бо камоли итминон соҳиби ин китоби маънавиро «аввалин шореҳи «Маснавӣ» ҳисобид.

Омӯзиш дар заминаи ин матлаб нишон медиҳад, ки бархе аз матлаб ва нуктаҳои алоҳидаро дар тӯли таърихи тӯлонии шарҳнигорӣ бар ин китоби мустатоб ҳам шореҳон натавонистаанд ташреҳ диҳанд. Чунончи, дар мавриди байти зерин:

Ним зарра з-ин иноят бас бувад,

Ки зи тадбири хирад сесад расад [14, 6/3796].

Дар шарҳи таркиби «сесад расад» нафаре аз шореҳони асримиёнагӣ натавонистаанд ба асли мақсад роҳ ёбанд. Чунончи, Акбарободӣ менависад: «расад» – ба фатҳайн чашм доштан. Ва дар истилоҳи ҳукамо чабутара, ки ба иртифои ҳафтсад газ бар теғи кӯҳе шомих баданд ва бар он нишаста тулӯъ ва ғуруби ситорагон ва асрори фалак муоина кунанд. Ва ба маънии нигоҳбони роҳ ва посбон ва ҷойи нигоҳ доштан низ омада» [4, 2608].

Ҳатто донишманди эронӣ Карими Замонӣ, ки шарҳи ӯ, бешак, аз шарҳҳои ҷомеи «Маснавӣ» дар замони муосир буда, бо фаро гирифтани муҳимтарин шарҳҳои замони гузашта таълиф гардида, натавонистааст дар тафсири таркиби мазкур ба сиҳҳат бирасад, аз ин рӯ, пас аз баёни чанд маънии калимаи «расад» андешаҳои тардидомези хешро чунин ҷамъбаст месозад: «Расад – дар камин нишастан, нигаҳбон, роҳ, борон, сабзаи кам. Зоҳиран ҳеч як аз маонии ёдшуда бо байти фавқ дарнамесозад, зеро «расад» дар ин ҷо муносиби маънии «баҳра» ва «насиб» аст» [41, 981].

Ба назари мо Карими Замонӣ ба шарҳи ин калима муваффақ нашуда, зеро барои байти фавқ чунин маънӣ бардоштааст: «Ним зарра аз алтоф ва таваҷҷуҳоти подшоҳ беҳтар аз сесад баҳрае аст, ки аз тадбири ақл ҳосил шавад» [41, 981].

Аммо, ба ишораи Николсон, «расад» ин ҷо ба маънии ҳилла, макр, фусун омадааст [79, 2234].

Донишманди инглис ин андешаи хешро бо байти дигари маснавӣ, ки дар дафтари севум омада, он ҷо Мавлоно калимаи «расад»-ро ба маънии

мазкур корбаст мекунад, асоснок кардааст. Байти дафтари севум, ки дар он «расад» ба маънои «макр»-у «ҳила» корбаст шуда:

Он дигар гуфтӣ, ки сеҳр асту тилисм,

К-ин расад, бошад адувви ҷону хасм [13, 3/3927].

Зикри ин матлабҳо моро ба андешае меорад, ки бо вуҷуди навишта шудани шарҳҳои зиёд, ҳанӯз ҳам нукоти алоҳидаи «Маснавӣ» дар ҳеч замон пурра ва ба таври комил маърифат нашудааст ва бозёфту гузориши шореҳон ҳама бар мизони нисбият қарор доранд.

Имрӯз ҳам метавон ба байтҳои мушкили «Маснавӣ» рӯ ба рӯ шуд, ки дарозои қарнҳо шореҳон нисбат ба маънии онҳо назароти мухталиф баён карда, аз тарафи муфассирини муосир низ дар шарҳи маонии онҳо андешаи ягона вуҷуд баён нагардидааст.

Ин андешаро метавон дар мисоли байти зерин тақвият бахшид. Мавлоно дар дафтари севум мефармояд:

З-оби сард ангури афсурда заҳад,

Сардиву афсурдагӣ берун ниҳад [13, 3/4194].

Шореҳи «Маснавӣ» Валимуҳаммади Акбарободӣ барои байти мазкур маънии мушаххас ҳосил карда натавониста, танҳо бо ташреҳи луғоти он иктифо карда: «Заҳидан» – ҷӯшидан ва берун омадан. Ва ин ҷо ба маънии аввал аст, яъне меҷӯшад ва ба намуди тозагӣ медарояд» [4, 1501].

Ин тавзеҳи шореҳ чунин маънӣ дорад, ки ангури аз шиддати сардӣ афсурда агар ба оби сард андохта шавад, ба ҳолати тозагӣ бармегардад. Азбаски дар нусхаи Николсон ба ҷойи «заҳад»-и мисраи аввал «раҳад» омадааст [79, 4194], ӯ натавонистааст, маънии дархӯрро ҳосил кунад, аз ин рӯ, маънии ироакардаи Акбарободиро мақбул донистааст [79, 1313].

Карими Замонӣ низ бар ҳамин назар буда, маънии байтро чунин баён кардааст: «Барои мисол, ҳар гоҳ ангур ях бизанад, онро даруни оби сард қарор медиҳанд, то сардии яхзадагии он аз миён биравад». Аммо, ба назар мерасад, ки маънии баёнкардаи шореҳи дигари муосири маснавӣ Муҳаммади Истеъломӣ ҷолибтар ва ба ҳақиқат наздиктар аст, ки мегӯяд: «Ангури

афсурда» ангурест, ки мутобиқи расми қадими Машриқзамин дар фасли поиз захира мекарданд ва барои он ки фосид нашавад ва ба ҷӯш наёяд, рӯи он барфу ях мерехтанд ва дар фасли зимистону авоили баҳор онро бо об задан аз инҷимод дармеоварданд ва масраф мекарданд».

Ҳарчанд Карими Замонӣ ин маъниро низ дар идомаи шарҳи хеш зикр мекунад, ҷонибдори кадом маънӣ будани худро баён накардааст [41, 3/4194].

Ҳаройина, маънии байти мазкур дар шарҳҳо ягона нест, аммо вақте дар китоби «Қонуни тиб»-и Ибни Сино оид ба сармогирифтагӣ, бо мисол овардан аз меваи сармозада матлаби зерро қироат мекунем, гиреҳи байт кушода мешавад. Ибни Сино менависад: «Касоне, ки тарафи (сармогирифтаро) андар оби сард гиранд, чунин манфиат бинанд, ки дард аз онҳо дур гардад, Чунонкимеваи яхбастаро агар андар оби сард биандозанд, чунон шавад, ки гӯӣ ях аз вай баромада, болои вайро гирифта бошад ва нарм шуда, бипазад. Ва агар ба оташ наздикаш оранд, табаҳ гардад» [44, 212].

Баъд аз осори худи Мавлоно чанд сарчашмаҳои дигаре мавҷуданд, ки ҳарчанд ба маънои комил шарҳи «Маснавӣ» нестанд, бо ёрии онҳо метавон бархе аз норавшаниҳои афкору андешаи Мавлоноро муайян намуд.

Яке аз сарчашмаҳо «Рисолаи Сипаҳсолор» мебошад, ки баъд аз даргузашти Мавлоно низ таваҷҷуҳ ба осор ва кӯшиш дар шинохти шахсияти маънавӣ ва ирфонии вай дар сарзамини Осиёи Сағир ва махсусан дар Қуния бештар шуд. Аз ин лиҳоз, нахустин кӯшишҳое, ки дар Қуния сурат гирифтанд, ба шарҳи зиндагинома ва андешаҳои Мавлоно вобаста буданд.

Фаредун ибни Аҳмад, маъруф ба Сипаҳсолор, ки ба қавли худ «чиҳил сол дар ҳалқаи муридони Мавлоно» [97, 28] қарор дошта, дар рисолаи хеш, ки дар куҳансолӣ навиштааст, ба зикри лаҳзаҳои рӯзгор, андеша ва аҳволи Мавлоно пардохтааст. Ӯ менависад: «Аз ибтидои ҳол то инқирози вақт рӯз ба рӯз риёзат ва муҷоҳидотро музоъаф мефармуд, дар муддати чиҳил сол, ки ин заъиф мулозими ҳазраташ буд ва пайваста чун паргор сар бар нуқтаи остон доштӣ, эшонро ҷомаи хобу болиш надид ва ҷиҳати осоиш як шаб эшонро бар паҳлӯ хуфта мушоҳида накард…» [97, 28].

Қобили таъкид аст, ки ин рисола аз куҳантарин ва муҳимтарин санадест, ки дар бораи зиндагии Мавлоно Ҷалолуддин маълумот медиҳад. Сипаҳсолор нахустин касест, rb ба таърихи валодати Мавлоно ишора кардааст ва манбаъҳои баъдӣ онро такрор кардаанд [97, 19]. Рисолаи Сипаҳсолор, гузашта аз он ки ҷанбаи манқабатомез дошта, муҳимтарин ва дақиқтарин манбаъ дар бораи зиндагии Мавлоно ба шумор меравад, ҳамчунин сарчашмаи ҷаҳони фикрии ӯ мебошад.

Сипаҳсолор бар он назар аст, ки на ҳар кас қобили дарки маонии рамзолуди Маснавиро дорад, аз ин рӯ «то ҷони одамӣ аз ҳама муҷаррад нашавад ва муваҳҳид нагардад, аз «Маснавӣ»-и Мавлоно – аззамаллоҳу зикраҳу – бӯе набарад [97, 61].

Нуктаи дигар он аст, Сипаҳсолор аз аввалин шореҳони «Маснавӣ»-ст, ки ба шарҳи афкори Мавлоно тавассути осори худи ӯ иқдом намудааст. Ин муаллиф дар рисолаи худ барои шарҳи афкори Мавлоно аз «Фиҳӣ мо фиҳӣ» ва «Ғазалиёти Шамс» мисолҳои ҷолиб овардааст. Чунончи, дар масъалаи он ки Мавлоно ба чӣ хотир шеър месароид, бо истишҳод аз китоби «Фиҳӣ мо фиҳӣ» менависад: «Бидон, акрамакаллоҳ, ки ҳазрати Худовандгор фӣ китоби «Фиҳӣ мо фиҳӣ» ба забони муборакихеш дар тамҳиди узри ин муқаддамот баён фармудааст, ки «маро хӯест, ки нахоҳам, ки ҳеч офаридаро дил аз ман озурда шавад, ин ки ҷамоате дар самоъ худро бар ман мезананд ва баъзе ёрон эшонро манъ мекунанд, маро он хуш намеояд ва сад бор гуфтаам, ки барои ман касро чизе магӯед, ман ба он розиям, охир ман то ин ҳад дилдорам, ки ин ёрон, ки ба назди ман меоянд, аз бими он ки малул нашаванд, шеър мегӯям, то бад-он машғул шаванд ва чандон ки тарк мекунам, боз маро матлуб ба он медорад» [97, 62].

Пас аз зикри ин матлаб Сипаҳсолор абёти зеринро аз «Ғазалиёти Шамс» барои тақвияти андешаҳои хеш мисол меорад ва мегӯяд:

«Чунонкимефармояд:

Ман куҷо, шеър аз куҷо, лекин ба ман дармедамад

Он яке турке, ки ояд, гӯядам «ҳай каймусан».

Турк кӣ, тоҷик кӣ, румӣ киӣ, зангӣ киӣ,

Моликулмулке, ки донад мӯ ба мӯ сирри алан [97, 62].

Вагарна, ман аз куҷо, шеър аз куҷо, валлоҳ, ки ман аз шеър безорам ва пеши ман аз шеър бадтар коре нест, ҳамчунон аст, ки яке даст дар шиканба кардааст ва онро мешӯяд, барои орзӯи меҳмон, чун иштиҳои меҳмон ба шиканба аст, лозим шуд». Чунонкимефармояд:

Аз косаи исторагон в-аз хони гардун фориғам,

Баҳри гадорӯён басе ман косаҳо лесидаам.

«Охир одамӣ бингарад, ки халкро дар фалон шаҳр чӣ коло мебояд ва чӣ колоро харидоранд, ӯ низ ҳамон харад ва онро фурӯшад ва агарчи дунтарини матоъҳо бошад. Ман таҳсилҳо кардам дар улум ва ранҷҳо бурдам, то назди ман фузало ва муҳаққиқон ва зиракон ва нағуландешон оянд, то бар эшон чизҳои ғарибу нафису дақиқ арза кунам. Ҳақ таоло худ чунин хост, он ҳама илмҳоро ин ҷо ҷамъ кард ва он ранҷҳоро ин ҷо овард, ки бад-ин кор машғул шавам. Чӣ тавонам кардан? Дар вилояти мову қавми мо аз шоирӣ нангтар коре набувад. Мо агар дар вилояти худ монда будем, мувофиқи табъи эшон мезистем ва он меварзидем, ки эшон хостандӣ, мисли дарс гуфтану таснифи китобҳо кардан ва ваъзу тазкир гуфтан». «Масалан чун табиб бар сари ранҷур ояд ва ранҷур аз тановули ашраба малул шуда бошад ва орзуи фуқоъ дошта, табиб бад-он баҳона адвияро дар кӯзаи фуқоъ таъбия кунад, то ранҷур бихӯрад ва шифо ёбад» [97, 59–61].

Чунонки мушоҳида мешавад, Сипаҳсолор барои таъйиди андешаи хеш дар ду маврид аз ашъори Мавлоно мисол оварда, онро бо матлаби «Фиҳӣ мо фиҳӣ» мустанад гардонидааст. Дар рисолаи Сипаҳсолор ба чунин асли шарҳу баён, яъне бо абёти «Маснавӣ» шарҳ додани ғазалиёт ва ё баръаксро зиёд дучор меоем, ки аз мутолиот ва иҳотаи комили муаллиф бар афкору ашъори Мавлоно дарак медиҳад. Ин равиш, яъне тавассути осори худи Мавлоно даст ёфтан ба зовияҳои афкори ӯ, нахуст аз тарафи ӯ роҳандозӣ шудааст.

Нуктаи бисёр ҷолиби дигар он аст, ки Сипаҳсолор бар ваҳдати афкору осори Мавлоно мӯътақид будани худ ва бо Қуръону аҳодис пайванди

мустақим доштани Маснавиро чунин баён мекунад: «Ва каломи ҳазрати Худовандгори мо агарчи ба зоҳир шеър аст, аммо саросар сирри тавҳид ва тафсири каломи қадим ва аҳодису ахбор ва лубби ҳақоиқу маъониву осор аст. Соликони роҳи тариқатро муршид ва носикони ҳарами ҳақиқатро мӯнис, маҷмӯи сулуки соликон дар замири он мудраҷ, чунонки Худовандгор ба забони муборак мефармуд, ки «баъд аз мо «Маснавӣ» шайхӣ кунад ва муршиди толибон гардад ва соиқу собиқи эшон бошад» [97, 61].

Сипаҳсолор дар баъзе маврид ҳангоми зарурат ақволу афкори бузургони тасаввуфро зикр карда, ба ин муносибат аз ашъори Мавлоно мисолҳо меоварад. Дар ин ҳолат маънии мавриди назар барои хонанда боз ҳам равшантар ҷилва мекунад. Чунончи, дар ин қавли Боязиди Бастомӣ, ки фармудааст: «Сӣ сол он чӣ Ҳақ фармуд, ман он кардам, акнун сӣ сол аст, ки он чӣ ман мегӯям, Ҳақ он мекунад», Сипаҳсолор байтҳои зерини «Маснавӣ»-ро меоварад:

Оби дарё мурдаро бар сар ниҳад
В-ар бувад зинда, зи дарё кай раҳад?
Чун бимурдӣ ту зи авсофи башар
Баҳри асрорат ниҳад бар фарқи сар [13, 1/2842 - 2843].

Яъне, «дар мабодии сулук, ки ҳанӯз иродати ӯ дар иродати Ҳақ мустаҳлик набуд, сӣ сол нафси худро бар он меовард, ки дар мутовиъати авомиру навоҳии Ҳақ қиём менамуд. Баъд аз сӣ сол, ки иродати ӯ дар иродати Ҳақ фонӣ шуд ва ӯро иродате ғайри иродати Ҳақ намонд, аз ӯ ҳамон содир мешуд, ки Ҳақ мехост ва Ҳақ таоло ҳамон мефармуд, ки ӯ мехост. Масалан, шахсе дар дарёе афтод, модом ки ӯро ҳаракате боқӣ аст, дасту пое хилофи ҳаракати дарё мезанад. Чун ба куллӣ мустағрақ шуд ва дигар ҳаракат намонд, баъд аз он ҳукми ҳаракати ӯ ҳаракати дарёст ва Худовандгори мо мефармояд, разияллоҳу анҳу» [97, 52–53].

Бояд гуфт, ки ҳарчанд гузориши Сипаҳсолор беҳтарин тафсири абёти фавқ аст, аксари шореҳони асримиёнагии «Маснавӣ» (монанди Акбарободӣ,

Муҳаммадризо, Баҳрулулум, Хоҷа Айюб) ба ин маънӣ таваҷҷуҳ накарда ва шарҳи ин абётро фурӯ гузоштаанд.

Бо ин ҳама, Сипаҳсолор барои шарҳу тафсири абёти «Маснавӣ» иқдом наварзидааст ва зимни таълифи асари хеш низ ин андешаро бар сар надошт, вале зимни нақли лаҳзаҳои рӯзгор, афкор ва маноқиби Мавлоно усули хуберо ба кор бурдааст, ки минбаъд ҷузве аз шеваи кори шореҳони «Маснавӣ» қарор гирифтааст.

Ин шеваҳои корбурдро чунин нишон додан мумкин аст:

1. Сипаҳсолор рӯзгору афкори Мавлоноро дар робита ба осори худи мутафаккир баён карда, ба ин васила аз воқеияти зиндагии шахсии ӯ ҷудо набудани офаридаҳои ӯро таъкид намудааст.

2. Бо Қуръону аҳодис ва ақволи сӯфиёни бузург иртибот доштани осори Мавлоно, аз ҷумла «Маснавӣ»-ро бо мисолҳои дақиқ нишон додааст.

3. Байни ҳам иртиботи қавии маънавӣ доштани офаридаҳои Мавлоно, яъне ғазалиёт, «Маснавӣ», мактубот «Фиҳӣ мо фиҳӣ» ва ғ.-ро нишон додааст.

Рисолаи Сипаҳсолор ба таври мустақим ба «Маноқиб-ул-орифин»-и Аҳмади Афлокӣ ва аввалин шарҳи «Маснавӣ» – «Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор»-и Камолуддини Хоразмӣ таъсиргузор буда, ин масъала дар бахши «Сарчашмаҳои шарҳи Хоразмӣ» баррасӣ гардидааст.

Китоби дигаре, ки дар он роҷеъ ба зиндагинома, зикри маноқиб ва аҳволу каромоти Мавлоно маълумот меравад, «Маноқиб-ул-орифин»-и Шамсиддин Муҳаммади Афлокии Орифӣ мебошад, ки таълифи он панҷоҳ сол баъд аз вафоти Мавлоно, соли 718 ҳиҷрӣ сурат гирифтааст. Ҳамон тавр, ки бархе аз муҳаққиқон таъкид мекунанд, «Маноқибу-л-орифин» бар асоси рисолаи Сипаҳсолор танзим гардидааст [10, 12].

Ин китоб, новобаста ба он ки ҳикоёти муболиғаомезе дар мавриди Мавлоно дорад, дар байни дӯстдорони Мавлоно шуҳрати зиёд пайдо кард, ба тавре ки аз сӯи пайравони мактаби Мавлоно талхис ва тарҷума шудааст. Чунончи, соли 1540 мелодӣ [945 ҳ.] «Маноқибу-л-орифин» аз тарафи Абдулваҳҳоб ибни Ҷалолиддин Муҳаммад ал-Ҳамадонӣ, маъруф ба Собунӣ,

ки фарзанди яке аз шайхони нақшбандӣ буда, аз Ҳамадон ба Миср ҳиҷрат карда буд, бо номи «Савоқиб-ул-маноқиб» талхис ва ба форсӣ таҳрир шудааст. «Савоқиб-ул-маноқиб»-ро дарвеш Саноӣ Ҷалил [ваф. 1543 м.] ба туркӣ баргардонида ва сипас бори дигар бо номи «Тарҷумаи Савоқиб» тавассути Маҳмуди маснавихон ба туркӣ тарҷума шудааст [148, 48].

Қиссаву ҳикоёт ва ривояти каромоту мақомоти Мавлоно Балхӣ, ки дар «Маноқиб-ул-орифин» зикр гардидаанд, аз тарафи Хоҷа Айюби Порсо зимни шарҳи абёти «Маснавӣ» фаровон истифода шудааст.

Дар муаррифии Мавлоно ва интишори афкори ирфонии ӯ хидмати Султон Валад – фарзанди рашиди Мавлоно хеле бузург буд. Султон Валад соли 683 ҳ., пас аз вафоти Ҳусомуддини Чалабӣ, бар маснади хилофати падар нишаст ва ба нашру тарвиҷи осору афкори ӯ пардохт. Аввалин кӯшишҳои Султон Валад дар ин замина ташкили маҷолиси шарҳу тафсири «Маснавӣ» мебошад, ки ҳосили он дар маснавии «Интиҳонома» омадааст. Албатта, ин кӯшишҳои Султон Валад дар шарҳнигорӣ бар «Маснавӣ» мақоми махсус надоранд ва танҳо барои дарку фаҳми қисме аз мазмуну маъниҳои «Маснавӣ» судманд буданд [272, 184–190]. Бояд гуфт, ҳарчанд Султон Валад мекӯшад, ки дар ин асар ва осори дигараш ба сабку сиёқи падари худ наздик шавад, вале «ҳеч гоҳ шеъри ӯ арзиш ва арҷи Мавлоноро ба даст наёвард, бисёре аз андешаҳо ва мазомин ва ҳатто ҳикоёт ва достонҳое, ки дар «Ибтидонома»-и худ овардааст, баргирифта, аз «Маснавӣ» ва дигар осори Мавлоност». [148, 82–83].

Бо вуҷуд, дар ин ҷо сазовор медонем, ки назари бузургтарин муҳаққиқи афкору андешаи Мавлоно Ҷалолуддин – донишманди беназир хонум Шиммелро дар мавриди мақоми Султон Валад дар тарвиҷ ва шарҳу тафсири орои Мавлоно зикр кунем: «Достонҳои манзуми ӯ [яъне, осори Султон Валад, – Т.С.] содиқтарин шарҳи зиндагӣ ва таълимоти падараш аст, ҳарчанд ки гоҳе савобиқи таърихиро то андозае бо лоқайдӣ ба кор мебарад, аммо ӯ бо сабки холии аз тасаннуъ орӣ аз такаллуф ва бо равиши соддаи худ дар шарҳи баъзе аз печидатарин орои Мавлоно ба ҳангоми бозгуфтани достонҳои ӯ,

арзишмандтарин манбаъ аст барои пай бурдан ба андешаҳои Ҷалолуддин» [320, 514–515].

Шиммел чеҳраи ҳунарии Султон Валадро тимсоли оинае арзёбӣ мекунад, ки равшанибахш ва раҳнамои дилбохтагони «Маснавӣ» буд: «Пас аз шахсияти холиқуллода ва мубҳами падари бузургаш Баҳоуддин Валад ва ҷамолу нерӯи дурахшони худи Мавлоно ин мард [яъне, Султон Валад, – Т.С.], ки насли севум аст, то андозае бе ҷӯшу хурӯш ба назар мерасад. Ӯ, яқинан, мутафаккири халлоқ набуд, аммо шореҳи садиқ аст, илҳомбахши оташин набуд, аммо оинадори касонест, ки бо онон ишқ меварзид ва кӯшидааст, то ҷамоли ононро дар ашъори худ мунъакис созад».

Қадимитарин шарҳи «Маснавӣ»-ро метавон ба қалами Аҳмади Румӣ, ки аз муридони Султон Валад ва фарзанди ӯ Орифи Чалабӣ аст, марбут донист. Асари Шайх Аҳмади Румӣ, ки пас аз 48 соли вафоти Мавлоно Ҷалолуддин таълиф гардидааст [720 ҳ.], «Дақоиқ-ул-ҳақоиқ» ном дошта, соли 1354/1976 бо эҳтимоми Сайид Муҳаммадризо Ҷалоли Ноинӣ ва Муҳаммади Шервонӣ дар Теҳрон дар ҳаҷми 580 саҳифа интишор гардидааст. Шайх Аҳмади Румӣ ин китобро бо дархости муридони худ соли 720 қамарӣ навиштааст:

Буд ъишрин сабъамо соли тамом,
К-ин рисола дар Аваз шуд интизом [85, 3].

Дар бораи қадимтарин шарҳи «Маснавӣ» будани «Дақоиқ-ул-ҳақоиқ» адабиётшиноси Эрон доктор Забеҳуллоҳи Сафо навиштааст: «Қадимтарини ин шарҳҳо китоби ҳозир («Дақоиқ-ул-ҳақоиқ» –Т.С.) аст. Муаллифи ин китоб Мулло Аҳмади Румӣ яке аз пайравони Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммад аст, ки ба фаҳвои суханони худ «мақолотҳои шайхи роҳбар Шоҳ Мавлоно Ҷалолулҳаққи ваддин»-ро мустақиман аз он муқтадои соликони роҳи ҳақ шунидаю ба ҳофиза супурда буд ва ин китобро… танзим намудааст» [85, 4].

Профессор Абдулманнони Насриддин аз куҳантарин шарҳи «Маснавӣ» будани «Дақоиқ-ул-ҳақоиқ» чунин хабар медиҳад: «Аз нахустин донишмандоне, ки ба кашфи ҳақоиқи «Маснавии маънавӣ» ва асрори шеъри

Мавлоно кӯшиш кардаанд, Аҳмади Румиро номбар кардан мумкин аст. Ин марди донишманд дар қарни VIII ҳиҷрӣ китобе бо номи «Дақоиқ-ул-ҳақоиқ» таълиф кардааст» [223, 25].

Дар бораи шахсияти ҳунарии муаллифи китоб маълумоти дақиқе дар даст нест, вале муҳимтарин таҳқиқ оид ба рӯзгор ва осори Шайх Аҳмади Румӣ ба қалами Олфунс С. М. Ҳаммер тааллуқ дошта [37, зайли «Аҳмади Румӣ»], муаллиф бо таваҷҷуҳ ба шуҳрати «Румӣ»-и Аҳмад гумон мекунад, ки вай дар Осиёи Сағир зода шудааст, вале дар осори Аҳмади Румӣ ҳеч далеле барои собит сохтани ин андеша ба назар намерасад. Аҳмади Румӣ дар ин асар танҳо роҷеъ ба яке аз шаҳрҳои Туркияро бо номи Олона ном бурдааст, ки он низ зодгоҳи Аҳмад набуда, танҳо дар яке аз сафарҳояш ба он ҷо қадам ранҷа кардааст [37, 293]. Аммо, бархе аз муҳаққиқон бо таваҷҷуҳ ба иродат ва алоқаи шадиди Аҳмади Румӣ бо Мавлоно ва ҳамасрону шогирдони вай, ӯро аз муридони Мавлоно донистаанд [37, 293].

Асари Аҳмади Румӣ фарогири муқаддимаву ҳаштод фасл мебошад, ки ҳар фасли он маъмулан бо ояте аз Қуръони маҷид ё ҳадисе аз Паёмбари ислом оғоз мешавад. Пас аз зикри оят ё ҳадис муаллиф тарҷумаи форсии онро оварда, байтеро аз абёти «Маснавии маънавӣ» ё «Девони Шамси Табрезӣ» ҳамчун шоҳид зикр намуда, сипас, мувофиқи маънои он достонеро дар вазн ва қолаби «Маснавӣ» (рамали мусаддаси маҳзуф ё мақсур) меоварад. Дар интиҳои манзуми ҳар фасл гоҳе як ё ду ва гоҳе беш аз ин абётро аз «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно зикр менамояд. Аз ин хотир, аксари муҳаққиқон китоби мазкурро на шарҳи комил, балки тафсиргунае аз маснавӣ ҳисоб кардаанд, аммо, барои он арзиши бештареро қоил нашудаанд. Чунончи, доктор Зарринкӯб таъкид мекунад, ки ин шарҳ «мутазаммини бадоеъ ва асрори бадеъ ва қобили мулоҳизае нест» [159, 770].

Бо вуҷуди ин, асари Аҳмади Румӣ ба унвони аввалин китоби шарҳгуна бар «Маснавӣ» шинохта шудааст.

Баъд аз таълифи асари Аҳмади Румӣ тақрибан муддати дусад сол шарҳу тафсири қобили тааммуле дар ин сарзамин бар «Маснавӣ» ба назар

намеояд, вале мактаби шарҳнигории ин асари ҷаҳонӣ дар кишварҳои Ҳинду Синд ва сипас дар Осиёи Сағир ба фаъолият шурӯъ мекунад, ки дар ин бора мо дар бахшҳои алоҳида изҳори андеша мекунем.

Ҳамин тариқ, баррасӣ дар заминаи фасли мазкур моро ба чунин натиҷаҳо роҳнамоӣ мекунад:

1. Аввалин касе, ки дар шарҳу тафсири «Маснавӣ» иқдом кардааст, худи Мавлоно Ҷалолуддин мебошад. Мавлоно дар мавриди мухталиф андешаҳои хешро дар «Ғазалиёти Шамс», «Фиҳӣ мо фиҳӣ», «Мактубот» ва «Маҷолиси сабъа» шарҳу тафсир кардааст.

2. Дар «Маснавӣ» мавридҳои зиёде ҳастанд, метавонанд барои дарку фаҳмиши рамзҳои он ба хонанда ёрӣ мерасонанд. Зеро Мавлоно зимни овардани ҳикоёт борҳо ба рамзу истиора ва нуктаҳои ирфонии «Маснавӣ» сареҳан ишора кардааст. Аз ин рӯ, баъзе нуктаҳои мармузи «Маснавӣ»-ро метавон ба воситаи абёти дафтарҳои дигари ин шоҳасари бузург шарҳу тафсир намуд.

3. Дар шинохти шахсияти маънавӣ ва ирфонии Мавлоно Ҷалолуддин маноқибномаи Фаредуни Сипаҳсолор ва тазкираи Аҳмади Афлокӣ қобили таваҷҷуҳи зиёд мебошанд. Зеро, ҳарчанд дар ин осор ҳикоёти муболиғаомезу воқеоти ғайритабиӣ фаровон нақл шудаанд, боз ҳам, бино бар он ки дар замони зиндагии худи Мавлоно ё фарзандони ӯ таълиф гардида, андеша ва афкори ин суханварро бевосита фаро гирифтаанд, дорои арзиши вижа мебошанд. Муаллифони мазкур баъзе паҳлӯҳои ҳаёт ва андешаи Мавлоно Ҷалолуддинро бо ёрии абёти «Маснавӣ» ва ё «Девони Шамс» шарҳу тафсир намудаанд. Беҳуда нест, ки ин китобҳо барои бархе аз шореҳони «Маснавӣ» , аз ҷумла Хоҷа Айюби Порсо [82] зимни шарҳи абёти «Маснавӣ» ҳамчун сарчашмаи баҳрабардорӣ қарор гирифтаанд.

4. Дар шинохт ва интишори афкори Мавлоно Ҷалолуддин хидмати фарзанди рашиди вай Султон Валадро алоҳида таъкид кардан бамаврид аст, зеро ончунонки аз «Интиҳонома» пайдост, ӯ бо ташкили маҷлисҳои шарҳу тафсир дар ривоҷи ин ҷараён саҳм гузоштааст.

5. Аз ҷиҳати қадимӣ будан асари Аҳмади Румӣ «Дақоиқ-ул-ҳақоиқ»-ро метавон ҳамчун намунаи аввалини мактаби шарҳнигорӣ бар «Маснавӣ» арзёбӣ намуд. Ҳарчанд дар ин асар абёти «Маснавӣ» мавриди тавзеҳ ва ташреҳи алоҳида қарор нагирифтаанд, онро ҳамчун тафсиргунае бар «Маснавӣ» пазируфтан имкон дорад.

## Фасли 2. Оғози шарҳнависӣ бар «Маснавии маънавӣ» дар Мовароуннаҳру Хуросон

Шинохти осору афкори Мавлоно Ҷалолуддин пайравӣ, омӯзиш ва шарҳу тафсири каломи ӯ дар замони зиндагии ӯ дар Осиёи Сағир оғоз гардидааст. Мутаассифона, роҷеъ ба пайванд ва иртиботи аҳли адаби Мовароуннаҳру Хуросон дар шинохти осору ашъори Мавлоно дар замони ҳаёти ӯ санаде дар даст нест. Агарчи Афлокӣ дар «Маноқиб-ул-орифин» [320, 848] аз мулоқоти Саъдӣ ва Мавлоно ва инчунин бурдани як ғазал аз Мавлоно ба Шамсиддини Ҳиндӣ – подшоҳи Шероз хабар додааст, ин нукта бо таърих мувофиқати том надорад [66, 1/47].

Бо ишораи Абдулҳусайни Зарринкӯб қадимитарин осоре, ки дар онҳо номи Мавлоно зикр шуда ва ё шеъре аз ӯ омадааст, таълифоти Алоуддавлаи Симнонӣ [ваф. 735 ҳ.], Шайх Насириддин Чароғи Деҳлӣ [ваф. 757ҳ.] ва Мирсаид Алии Ҳамадонӣ [ваф. 785ҳ.] мебошад. Алоуддавлаи Симнонӣ дар ҷавоби суоли шахсе, ки аз ӯ пурсидааст: «Мавлоно Румӣ чӣ гуна касе буд?», гуфтааст: «Ман ҳаргиз сухани ӯ нашунидаам, ки вақти ман хуш нашудааст» [159, 747].

Дар малфузоти Шайх Насириддини Чароғи Деҳлӣ ду байт ва дар «Захирату-л-мулук»-и Мирсаид Алии Ҳамадонӣ низ чанд байт аз як ғазали Мавлоно омадааст [159, 747].

Пас аз баёни ин нуктаҳо Зарринкӯб таъкид мекунад, ки бештарин алоқаро нисбат ба Мавлоно ва ашъори ӯ дар осори бузургони қарни нуҳум, монанди Шоҳ Қосими Анвор [тав. 757 ҳ.], Қивомуддини Санҷобӣ [ваф. 820

ҳ.], Ҳоҷа Абулвафои Хоразмӣ [ваф. 835 ҳ.], Камолуддин (Тоҷуддин) Ҳусайни Хоразмӣ [ваф. 840 ҳ.] метавон мушоҳида кард [159, 747].

Воқеан, Шоҳ Қосими Анвор дар ғазалу қитъаоташ аз Мавлоно ва маснавии ӯ ёд карда, хонандаро ба мутолиаи ин шоҳасари адабиёти умумибашарӣ чунин ташвиқ менамояд:

Эй бародар, гар раҳи сурат равӣ,
То қиёмат бӯи маънӣ нашнавӣ.
Ҷони ҷовидон агар хоҳӣ, бихон
«Маснавии маънавӣ»-и Мавлавӣ [5, 12]

Низ, дар мақтаи яке аз ғазалҳояш бори дигар ин маъниро чунин ба риштаи назм кашидааст:

Ҷони маънӣ, Қосим, ар хоҳӣ, бихон,
«Маснавии маънавӣ»-и Мавлавӣ [5, 12].

Вале аҳли таҳқиқ бар он назар муттафиқ ҳастанд, ки бори аввал кӯшиш дар мавриди шарҳу тафсири «Маснавӣ» аз Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ шурӯъ мешавад. Китобҳои ӯ, ки дар сарчашмаҳо бо номҳои «Кунуз-ул-ҳақоиқ» ва «Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор» ёд шуда, аввалӣ дар назм ва дувумӣ дар наср навишта шудаанд, аввалин шарҳҳои маснавӣ ба ҳисоб мераванд. Аз «Кунуз-ул-ҳақоиқ» танҳо порчаҳои алоҳидае боқӣ мондаанд, вале «Ҷавоҳир-ул-асрор»-и Хоразмӣ ҳамчун аввалин гузориш ва шарҳи «Маснавӣ» сарчашмаи баҳрабардории шореҳон ва муҳаққиқони зиёде қарор гирифтааст. Мутаассифона, шореҳ бар иллати марги нобаҳангом натавонистааст, ба шарҳи беш аз се дафтари аввалини «Маснавӣ» тавфиқ ёбад, вале боз ҳам шарҳи ӯ ба унвони қадимитарин шарҳ, ки дар Мовароуннаҳр таълиф гардидааст, шоистаи ифтихори мо будааст.

Дар садаи XV Мавлоно Яъқуби Чархӣ [ваф. 851] даст ба шарҳу тафсири «Маснавӣ» зад. Шарҳи Яъқуби Чархӣ пас аз шарҳи Ҳусайни Хоразмӣ дувумин ба ҳисоб меравад. Ҳарчанд ин ду шахсияти бузург дар як замон зистаанд, дар мавриди он ки аз фаъолияти шарҳнигории ҳамдигар

бохабар буданд ё не, маводе дар даст надорем. Рисолаи мазкур аз тарафи Халилуллоҳ Халилӣ таҳия ва интишор гардидааст. Яъқуби Чархӣ ҳамзамони Мавлоно Ҳусайни Хоразмист, вале, мутаассифона, дар муҳимтарин сарчашмаи наздик ба замони зиндагии ин ду шахсияти бузург, яъне дар «Нафаҳот-ул-унс мин ҳазарот-ил-қудс» [883 ҳ.] танҳо дар бораи Яъқуби Чархӣ маълумот дода шудаасту халос.

Халилуллоҳи Халилӣ дар муқаддимаи ба «Рисолаи Найнома» навиштааш [121] таъкид мекунад, ки «ҳангоме, ки Ҷомӣ тазкираи «Нафаҳот-ул-унс мин ҳазарот-ил-қудс»-ро ба поён расонид, бисту се сол аз вафоти Мавлонои Чарх сипарӣ шуда буд» [121, 9]. Ба андешаи мо, дар ин китоб иштибоҳе рух додааст, зеро агар, Чунонки Халилӣ ишора мекунад, агар соли итмоми «Нафаҳот-ал-унс» 883 ҳ. бошад, аз вафоти Мавлонои Чархӣ на бисту се сол, балки сию се сол бояд гузашта бошад. Дар ин сурат, Яъқуби Чархӣ ёздаҳ сол пас аз вафоти аввалин шореҳи «Маснавӣ» Камолуддини Хоразмӣ [ваф. 840 ҳ.] фавтидааст. Абдураҳмони Ҷомӣ дар бораи ватани Яъқуби Чархӣ, мулоқоти ӯ бо Баҳоуддини Нақшбанд ва дидори ӯ бо Хоҷа Убайдуллоҳи Аҳрор маълумот дода бошад ҳам [123, 495–496], ин маълумот барои равшан кардани тамоми лаҳзаҳои дигари рӯзгори Яъқуби Чархӣ кофӣ нест. Маълумоти дар бораи Яъқуби Чархӣ овардаи муаллифи китоби «Рашаҳот айн-ул-ҳаёт» Алӣ ибни Ҳусайни Кошифӣ [909 ҳ.] низ аз ишороти Ҷомӣ фаротар намеравад. Халилӣ дуруст таъкид мекунад, ки «ин ҳар ду муаллифи бузургвор (мурод Ҷомӣ ва Фахриддин Алии Сафӣ, –Т.С.) танҳо ба зикри ному мавтини вай пардохта ва аз насаби вай (Яъқуби Чархӣ, – Т.С.) сокит гузаштаанд» [121, 9]. Он чӣ аз Мавлоно Яъқуби Чархӣ то замони мо омадааст, се рисолаи ӯст, ки яке «Тафсири сураи «Фотеҳа» ва тафсири ду ҷузъи охири «Қуръони маҷид», «Рисолаи Найнома» ва рисолаи мухтасар дар исботи вуҷуди авлиё ва муроқибати эшон мебошад [121, 20–21], ки ному насаби пурраи муаллиф ва баъзе ҷузъиёти равшани зиндагии ӯ дар ин осор зикр шудаанд. Мувофиқи ин маълумот ва он чӣ Ҷомӣ дар «Нафаҳот»

овардааст, Мавлоно Яъқуби Чархӣ ба суҳбати пешвои тариқат Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд расида будааст.

Бояд гуфт, ки ҳам «Маснавӣ» ва ҳам «Ғазалиёти Шамс» дар байни нақшбандиён ва муридони ин гурӯҳи ирфонӣ пас аз китоби осмонӣ аз бештарин таваҷҷуҳ ва эҳтиром бархурдор будааст. Ба ишорати Абдураҳмони Ҷомӣ Хоҷа Муҳаммади Порсо – раҳбари силсилаи нақшбандия ба девони Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ фол мезад [124, 490] ва низ ғайр аз Қуръон, девони Ҳофиз ва «Маснавӣ», ҳама китобҳои худро бахшидани яке аз пешвоёни нақшбандӣ эҳтироми ин тоифа бар «Маснавӣ»-ро бозгӯ мекунад [320, 527]. ОнЧунонкиаз дебочаи шарҳи Яъқуби Чархӣ маълум мегардад, ӯ бо хоҳиши баъзе аз асҳоб ва аҳбоби худ [121, 28] ба шарҳи «Маснавӣ» пардохта, ба тавзеҳу таҳлили мухтасар дар бораи абёти «Найнома», достони подшоҳ ва канизак, достони Шайх Дақуқӣ ва қиссаи Шайх Муҳаммади Сарразӣ муваффақ мегардад. Ончунон ки аз ишораи худи Яъқуби Чархӣ ҳам маълум мегардад, муаллиф муҳимтарин рамзу розҳои ирфонии абёти «Маснавӣ»-ро, ки дар зимни қиссаи най баён гардидааст, бозкушоӣ намудааст. Ӯ ин матлабро дар оғози шарҳи хеш чунин зикр кардааст: «…Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ қуддисаллоҳу таоло бинои китоби «Маснавӣ»-ро ба услуби ғариб ниҳодааст, ки пеш аз эшон набудааст ва асрори ҳақиқат ва улуми тариқатро дар либоси шариат ба тариқи рамзу ғамз дар зимни ҳикоёт ва қисас баён кардааст, ки фаҳми ҳар кас бад-он намерасад, то ароиси ҳақоиқи ӯ аз чашми номаҳрамон дар қубоби ғайрат мастур бошанд. Ва дар аввали китоб баён кардааст бар сабили иҷоз ва иҷмол дар зимни қиссаи най тасаввуфро ва мақсуди аслиро аз тасаввуф, ки он талаби васл аст ба маҳбуби ҳақиқӣ, баъд аз фироқ, бар наҳҷи сайру сулук…» [121, 29].

Ба андешаи мо, муҳимтарин хусусияти шарҳи Мавлоно Яъқуби Чархиро дар ду нукта арзёбӣ кардан мувофиқи матлаб аст:

1. Аз дидгоҳи ирфонӣ тафсир кардани матлабҳо.
2. Шарҳ тавассути оёти Қуръон.

Аз дидгоҳи ирфонӣ тафсир кардани матлабро метавон зимни шарҳи нахустбайти «Маснавӣ» ба мушоҳида гирифт.

Чархӣ менависад: «Ва анфоси шарифаи урафо, ки баёни асрори ҳақиқат кардаанд ба назму наср ва изҳори дарди фироқу оташи ҳиҷрон ва шикоят аз ҷудоии маҳбуби ҳақиқӣ дар ин зиндон монанд кард ба анин ва ҳанин, ки зоҳиран аз най содир мешавад. Ҳамчунонки завқу шавқи аҳли ваҷду талвинро ба анфоси шарифа ва ашъори латифаи эшон ҳосил меояд, ба най низ ҳосил меояд» [121, 31].

Тавассути оёти китоби осмонӣ шарҳу тафсир кардани «Маснавӣ», бешубҳа, ба муфассири Қуръони карим будани шореҳ рабт дорад. Ин ду ҷанбаи фаъолияти шарҳнигории Яъқуби Чархӣ имкон додааст, ки дар миёни ин ҳама таъвилоти зиёде, ки дар зимни рамзҳои абёти «Найнома» баён шудааст, сухани хешро гӯяд. Чунонки шореҳони «Маснавӣ» дар мавриди рамзҳои достони подшоҳ ва канизак андешаҳои гуногун баён доштаанд, Ҳусайни Хоразмӣ наздиктарин касе ба асри Мавлоност, ки «Маснавӣ»-ро шарҳ намуда, аз подшоҳ, ба «рӯҳи инсонӣ» ва аз канизак ба «нафс» ва аз заргар ба «дунё» ва аз табиби рӯҳонӣ ба «рӯҳулқудус» таъбир намудааст. Абдуллатифи Аббосӣ, ки китоби «Маснавӣ»-ро бо 80 нусхаи дигар муқобала намудааст, бар он назар аст, ки подшоҳ киноя аз «ақли ҷузъӣ», ҳаким «ақли куллӣ», канизак «нафс» ва заргар «дунё» мебошад. Ҳазрати Баҳрулулум, Валимуҳамммади Акбарободӣ ва Муҳаммадризои Лоҳурӣ - ҳар яке дар ин маврид таъвилоти ҷудогона баён кардаанд, аммо таъвилоте, ки Яъқуби Чархӣ баён кардааст, дигар аст.

Нуктаи дигаре, ки баёнгари мушаххасоти шарҳи «Найнома»-и Чархӣ мебошад, зикри рабти байни достонҳои «Маснавӣ» аст, ки мо истифодаи ин аслро дар шарҳи Хоразмӣ мушоҳида мекунем. Яъқуби Чархӣ пас аз Камолуддини Хоразмӣ аввалин касест, ки рабти достонҳои «Маснавӣ»-ро бо абёти «Найнома» баён кардааст. Аз ин хотир, ӯ пас аз шарҳи «Найнома» ба тафсири ду достони дигари «Маснавӣ», ки яке дар дафтари дувум ва дигаре дар дафтари панҷуми «Маснавӣ» омадааст, иқдом намудааст. Шореҳ

пайванди ин ду достонро ба гунаи зер маънидод кардааст: «Муриди содиқ… бояд, ки доиман толиби дӯстони Ҳақ таоло бошад, то ба қасду мақсуд бирасад. Чунонки Шайх Дақуқӣ ва Шайх Муҳаммади Ғазнавиро қуддиса сирруҳумо муяссар шуд ва ин фақир мехоҳад, ки ин рисоларо ба шарҳи қиссаи ин ду азиз хатм кунад, то мӯниси асҳоби талаб ва арбоби тараб бошад» [121,60].

Болотар таъкид карда будем, ки аз иртибот ва аз фаъолияти шарҳнигории ҳамдигар бохабар будан ё набудани Камолуддини Хоразмӣ ва Мавлоно Яъқуби Чархӣ маводе ё маълумоте дар даст надорем. Аммо, тафсири байти «Ҳар кӣ ҷуз моҳӣ зи обаш сер шуд, Ҳар кӣ берӯзист, рӯзаш дер шуд» дар тафсири Яъқуби Чархӣ андешаи моро дар бораи он ки Мавлоно Яъқуб аз шарҳи Хоразмӣ огоҳ будааст, тақвият мебахшад. Яъқуби Чархӣ дар шарҳи байти мазкур менависад: «Яъне, ғайри моҳӣ аз об сер мешавад, фааммо моҳиро аз об серӣ нест:

Рег зи об сер шуд, ман нашудам, зиҳӣ, зиҳӣ,

Лоиқи ин камони ман нест дар ин ҷаҳон зеҳе» [121, 41].

Ин байтро Ҳусайни Хоразмӣ дар зимни ду байти дигар бо ҳамин вазну қофия дар китоби худ ва дар мисраи дувум ба ҷойи «ин камони ман» - «харкамони ман» зикр кардааст. Инчунин, таркиби «моҳиро аз об серӣ нест» ва байти фавқ танҳо дар ҳар ду шарҳ ба назар мерасаду халос.

Хоразмӣ менависад: «Аммо моҳиро аз об серӣ нест ва дар порсӣ (яъне, шеър – Т.С.) аз ҳоли худ хабар медиҳад:

Рег зи об сер шуд, ман нашудам, зиҳӣ, зиҳӣ,

Лоиқи харкамони ман нест дар ин ҷаҳон, зеҳе» [113, 373].

Таҳқиқи муфассал ва вижагиҳои дигари ин рисолаи кӯчак, вале пурмаънои Яъқуби Чархӣ, ки аз доираи кори таҳқиқии мо берун аст, дар оянда метавонад паҳлӯҳои дигари масъалаи мазкурро равшан кунад ва мо ба нукоти зерин ишора карданро лозим медонем:

1. Мавлоно Яъқуби Чархӣ аз аввалин шореҳонест, ки танҳо ба шарҳу тафсири «Найнома»-и «Маснавӣ» иқдом намудааст.

2. «Рисолаи ноия»-и Мавлоно Яъқуби Чархӣ, ҳарчанд рисолаи кӯчакест, аз лиҳози муҳтавою мазмун шоистаи таҳқиқоти алоҳидаест. Ҳарчанд ин китоб ҷуз шарҳи дебочаи «Маснавӣ»-ю таҳлили мухтасар дар бораи достони «Подшоҳ ва канизак» ва ду достони дигар, яъне «Достони Шайх Дақуқӣ» ва «Шайх Муҳаммад Сарразӣ» чизи дигаре дарбар надорад, ҳам аз ҷиҳати қимат ва ҳам аз ҷиҳати фарогирии порае аз нукоти ирфонии «Маснавӣ» дорои аҳаммият мебошад.

3. Равиши Чархӣ он аст, ки нахуст як ё чанд байт аз «Маснавӣ»-ро нақл мекунад ва сипас ба шарҳ ва тавзеҳи куллии он мепардозад. Нақли аҳвол ва ҳикоёти бузургони тасаввуф ва истишҳод ба каломи онон ва ҳамчунин зикри оёт ва аҳодис ва ашъори муносиб аз вижагиҳои ин тафсири мухтасар аст. Насри китоб содда, равон ва дур аз ҳар гуна печидагиҳоест, ки дар бархе аз осори суфия мушоҳида мешавад.

Шоир ва орифи бузурги асри XV Низомуддин Маҳмуди Шерозӣ [1407–1465], ки бо тахаллуси Шоҳ Доъӣ маъруфият дорад, шарҳе бар «Маснавӣ» навиштаст. Шоҳ Доъии Шерозӣ низ мисли Камолуддини Хоразмӣ пайрави мактаби яке аз бузургтарин симоҳои ирфону тасаввуф Муҳйиддин ибни Арабӣ [325] аст ва аз дидгоҳи он ориф ба шарҳи бархе аз мушкилоти «Маснавӣ» пардохтааст. Аз ин рӯ, шарҳи Шоҳ Доъии Шерозӣ шарҳи мушкилоти «Маснавӣ» ба ҳисоб меравад. Шоҳ Доъӣ бештар ба шарҳу тавзеҳи мафҳуми байт ва ҳикоятҳои «Маснавӣ» диққат дода, ба шарҳи маънии калима ва таркибҳо камтар таваҷҷуҳ намудааст. Шарҳи Доъӣ бо забони содда ва равон таълиф шуда, вале баъзан зимни ташреҳи фалсафӣ ва каломӣ душвор гардидааст. Ин шарҳ дар олами шарҳнигорӣ барои шинохти бархе аз мушкилоти «Маснавии маънавӣ» муфид мебошад.

Дар садаи понздаҳуми мелодӣ Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ низ ба шарҳу тафсири абёти «Найнома» иқдом намудааст.

Ҷомӣ аз иродатмандони Ҷалолуддини Балхӣ буда, дар бораи дидори ӯ аз Қуния ва турбати Мавлоно низ ҳикояте нақл шудааст [148, 272–273]. Ҷомӣ бар ду байти оғозини «Маснавӣ» шарҳе ба назму наср менависад. Ин шарҳ бо

номи «Рисолату-н-ноия» ё «Найнома» низ маъруф аст. Асари мазкур, ҳарчанд чандон бузург нест, бисёре аз шореҳони баъд аз ӯ, хоса, пайравони мактаби Ибни Арабӣ, аз ҷумла Муҳаммадризои Лоҳурӣ [58,3], Хоҷа Айюби Порсо [82, 11], Валимуҳаммади Акбарободӣ [4,7], Баҳрулулум [25, 3] ва дигарон аз ин шарҳ истифода карда, дар аксар маврид айни ибороти рисолаи мазкур ва ё мазмуни онҳоро дар шарҳи худ овардаанд. Чунончи, Акбарободӣ дар шарҳи мисраи аввали дафтари якуми «Маснавӣ» менависад: «Маънияш ҳамон аст, ки Ҳазрати Мавлавӣ Ҷомӣ навиштаанд….» [4, 7] ва Муҳаммадризо менависад: «Мавлоно Ҷомӣ мефармояд, ки…» [58, 3], Хоҷа Айюб менависад: «Ва Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ қуддиса сирруҳу ас-сомӣ дар шарҳи байтайн фармуда, ки…» [82, 11], низ Ҳазрати Баҳрулулум менависад: «Орифи сомӣ шайх Абдурраҳмони Ҷомӣ қуддиса сирруҳу дар шарҳи ин байт мефармоянд, ки…» [25, 3]. Чунонки мушоҳида мегардад, ҳар чаҳор шореҳи маъруфи «Маснавӣ» ҳам айни як сухани Ҷомиро дар бораи он ки мурод аз «най» инсони комил аст, айнан иқтибос меоваранд ва дар баъзе маврид чанд абёти Ҷомиро низ зикр кардаанд [82, 11 ва 25, 3–4]. Аммо бархе шореҳон, баробари овардани назари Мавлоно Ҷомӣ дидгоҳи ин мутафаккирро дар хусуси тамсили «най» ва «найистон», «мард»-у «зан» рад кардаанд [276, 1, зайли абёти 1 ва 2].

Нусхаи хаттии «Рисолаи ноия»-и Мавлоно Ҷомӣ, ки дастраси мост, аз 22 саҳифа иборат буда, бо хати котиб Мир Алӣ нусхабардорӣ шудааст [125]. Хаттот дар поёни он менависад: «Фӣ санати арбаъина ва тисъамоия» [125,18]. Ҷомӣ пас аз муқаддимаи кӯтоҳ, ки дар васф ва азамати Мавлоно ва асари барҷастаи ӯ «Маснавии маснавӣ» баён медорад, аз маонии баланд ва асрори «Маснавӣ» сухан ронда, ба шарҳи ду байти оғози «Маснавӣ» мепардозад. Ӯ бо баёни ин, ки мурод аз най «орифи комил», «найқалам» ва ё «асбоби мусиқии най» аст, ба шарҳу тавҷеҳи андешаи худ мепардозад ва бо шубҳаҳои эҳтимолӣ посух медиҳад. Ӯ бар асоси назариёти Муҳйиддин ибни Арабӣ андешаҳои хешро баён дошта, «мард» ва «зан»-ро асмои илоҳӣ ва аъёни мумкинот медонад, ки «аз асмо ва сифоти Ҳақ ҷудо гаштаанд ва дар

мартабаи инсонӣ зуҳур ёфтаанд» ва нолаи онҳо низ ба сабаби дурӣ аз мартабаи худ ва шавқи бозгашт ба ҷойгоҳи барини хеш аст. Чунончи, порае аз абёти Мавлоно Ҷомӣ:

Кист най? Он кас, ки гӯяд дам ба дам
Ман наям, ҷуз мавҷи дарёи қидам.
Аз вуҷуди худ чу най гаштам тиҳӣ,
Нест аз ғайри Худоям огаҳӣ.
Фонӣ аз хешам ману боқӣ ба Ҳақ,
Шуд либоси ҳастиам якбора шақ.
Орамидам бо ҳаќу аз худ рамид,
Он диҳам берун, ки ҳақ дар ман дамид.
Бо лаби дамсози хешам гашта ҷуфт,
Менаёрам бар лаб, илло он чӣ гуфт…
…Най, ки оғози ҳикоят мекунад,
З-ин ҷудоиҳо шикоят мекунад.
К-аз найистоне, ки дар вай ҳар адам
Ранги ваҳдат дошт бо нури қидам.
То ба теғи фурқатам бибридаанд,
Аз нафирам марду зан нолидаанд.

Кист мард? Асмои халлоқи вадуд,
К-ӯ бувад фоил дар атвори вуҷуд.
Кист зан? Аъёни ҷумла мумкинот,
Мунфаил гашта зи асмо в-аз сифот…
Шуд гиребонгирашон ҳуббулватан,
Ин бувад сирри нафири марду зан [122, 10].

Бояд гуфт, ки Ҷомӣ тавассути рисолаи хеш бахше аз истилоҳоти ирфонӣ, назариёти Мавлонои Балхиро шарҳ дода, маърифатгаронро аз рамзҳои ин шоҳасар огоҳ намуд.

Рисолаи Ҷомӣ ҳам бо назм ва ҳам бо наср таълиф гашта, бо содагӣ, латофат ва равонии насру назмаш имтиёз мекунад. Ин рисола, ҳарчанд мухтасар дар шарҳи ду байти оғози «Маснавӣ» навишта ва суруда аст, аммо бештари шореҳон бад-он ишора кардаанд ва аз он барои тақвияти андеша иқтибос овардаанд.

Аз ин лиҳоз, рисолаи кӯчаки Мавлоно Ҷомӣ ба унвони як шарҳи бисёр хуби ирфонии «Маснавӣ» мавриди таваҷҷуҳ ва баҳрабардории шореҳони зиёде қарор гирифтааст.

Дар баъзе аз китобҳои таърихи адабиёт ва тазкираҳо дар хусуси соҳиби шарҳи «Маснавӣ» будани Камолуддин Ҳусайн ибни Алии Кошифии Сабзавории Байҳақӣ ва воизи машҳур бо номи мулло Ҳусайн Воизи Кошифӣ ё мулло Ҳусайни Воиз иттилоъ дода шудааст [251, 523].

Саид Нафисӣ дар китоби «Таърихи назму наср дар Эрон» илова бар «Лубоби маснавӣ» ва «Лубби лубоби маснавӣ», ки гузидаи «Маснавӣ» буда, аз тарафи Ҳусайн Воизи Кошифӣ таҳия гардидааст, дар мавриди соҳиби шарҳи «Маснавӣ» будани Кошифӣ изҳори андеша кардааст. Забеҳуллоҳи Сафо низ илова бар ду хулосаи «Маснавӣ» як шарҳро бидуни зикри номе барои ӯ таъйид мекунад [251, 526]. Вале то имрӯз ин шарҳ ба аҳли илм дастрас нашуда ва бархе ҳадс задаанд, ки «наздик будани номи муаллифи «Ҷавоҳир-ул-асрор» бо Мавло Ҳусайни Байҳақии маъруф ба Кошифӣ сабаби бархе иштибоҳот шуда ва бархе аз шореҳони «Маснавӣ» ва дигаронро дар иштибоҳ афкандааст» [409].

Бадеъуззамон Фурӯзонфар мегӯяд: «Лубби лубоб»-и Мулло Ҳусайни Кошифӣ ҳарчанд сурати шарҳро надорад, аммо аз он ҷиҳат, ки мушаххасоти «Маснавӣ»-ро бар ҳасби маром мураттаб сохта ва дар оғози ҳар қисмат ба мақсуд ишорате карда, онро метавон аз марғубтарин шарҳҳо донист. [279, 165].

Ҳамин тариқ, маълум мегардад, ки аввалин шарҳи «Маснавии маънавӣ» дар Мовароуннаҳр ба қалами Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ тааллуқ доштааст. Шарҳи Хоразмӣ дорои муҳассаноти зиёдест, ки мо дар ин

бора дар бахши алоҳида муфассалан суханронӣ кардем. Пас аз шарҳи Хоразмӣ «Рисолаи ноия»-и Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар байни шореҳони пасин аз шуҳрати зиёде бархурдор будааст.

Дар ганҷинаи китобхонаҳои дунё номгӯи зиёди шарҳҳои «Маснавӣ» маҳфузанд, ки дар сурати мавриди омӯзиши алоҳида қарор гирифтанашон саҳифаҳои наверо дар шарҳшиносии «Маснавии маънавӣ» дар Мовароуннаҳру Хуросон боз хоҳанд кард.

**Фасли 3. Шарҳҳои «Маснавии маънавӣ» ва анвои он**

Азбаски шарҳҳои «Маснавӣ» аз лиҳози забон, шакл ва ҳаҷму муҳтаво аз ҳам тафовут доранд, бархе муҳаққиқон [315] шарҳҳоро аз лиҳози забон ба форсӣ, туркӣ, ҳиндӣ, арабӣ, англисӣ дастабандӣ кардаанд:

1. **Шарҳҳои форсӣ.** Азбаски Мавлоно «Маснавӣ»-ро ба забони форсӣ сурудааст, бештари шарҳҳои навишташуда бар «Маснавӣ» низ бо ҳамин забонанд. Мавлавиён ва шореҳони Осиёи Сағир забони форсиро «забони муқаддас» меҳисобиданд, ба забоне, ки бо он Мавлоно Ҷалолуддин «Маснавии маънавӣ» – «Қуръони порсӣ»-ро сароидааст, ҳусни таваҷҷуҳу иродати зиёд доштанд [209, 120]. Ҳатто аввалин шарҳҳое, ки дар асри XV аз тарафи мавлавиёни Осиёи Сағир таълиф гардиданд, бо забони форсӣ буданд. Аввалин маноқиби рӯзгори Мавлоно бо номи «Рисолаи Фаредуни Сипаҳсолор», нахустин тазкираи марбут ба муҳити маънавии Мавлоно ва пайравону иродатмандони ӯ – «Маноқиб-ул-орифин» низ бо забони форсӣ таълиф гардидаанд. Чандин шарҳи «Маснавӣ», ки дар кишварҳои Туркия ва Ҳиндустон ба қалам омадаанд, бо забони форсӣ мебошанд. Аз шарҳҳои форсии Осиёи Сағир шарҳи Муслиҳиддин Мустафо ибни Шаъбон, маъруф ба Сурурӣ [ваф. 969 ҳ.] ва шарҳи Иброҳими Шоҳидӣ қобили зикранд. Аз шарҳҳои форсии Шибҳи Қораи Ҳинд низ метавон шарҳҳои барҷастаи «Латоиф-ул-маънавӣ»-и Абдулатифи Аббосӣ, «Махзан-ул-асрор»-и Акбарободӣ, «Асрор-ул-ғуюб»-и Хоҷа Айюб, «Мукошифоти разавӣ»-и

Муҳаммадризои Лоҳурӣ ва ғ.-ро ном бурд, ки бо забони форсӣ таълиф гардидаанд.

2. **Шарҳҳои туркӣ.** Асрҳои XVI–XVII ҳарчанд забони форсӣ забони муҳим ба ҳисоб мерафт, забони туркӣ расмӣ шуд ва шарҳҳои бузурги ин давр бо ҳамин забон таълиф гардиданд. Пас аз шарҳи форсии Сурурӣ охири асри XVI шореҳи турк Шамъӣ [995 ҳ.] ба таълифи шарҳе иқдом мекунад ва баъди 14 сол шаш дафтари «Маснавӣ»-ро ба туркӣ шарҳ медиҳад. Ин ду шарҳ қадимитарин шарҳҳои комил бар «Маснавӣ» дар Туркия ба ҳисоб меравand. Дар садаи ҳафтдаҳум Русухиддин Исмоили Анқаравӣ [1041 ҳ.] ҷомеътарин ва арзишмандтарин шарҳи туркиро бар «Маснавӣ» менависад, ки яке аз беҳтарин шарҳҳои туркӣ дар Осиёи Сағир ба шумор меравад. Шарҳи мазкур, ки бо номи «Шарҳи кабири Анқаравӣ» машҳур аст, аз 15 ҷилд иборат буда, аз тарафи Исмат Сатторзода ба форсӣ тарҷума ва нашр шудааст [7].

3. **Шарҳҳои арабӣ.** Шиммел таъкид мекунад, ки ба сабаби тафовути зиёди сабкҳои адабии форсӣ ва арабӣ, арабҳо ҳақиқатан ба шеъри Мавлавӣ алоқаманд нашуданд ва ба суннатҳои шеъри орифонаи худ устувор монданд [320, 551]. Бо вуҷуди ин, дар садаи нуздаҳум узви силсилаи мавлавия Шайх Юсуф ибни Аҳмад шарҳе ба забони арабӣ бо номи «Ал-манҳаҷ-ул-қавӣ ли туллоб-ул-маснавӣ» таълиф намуд. Дар бораи муаллифи шарҳи мазкур ва арзиши китоби ӯ Николсон менависад: «Муаллиф худро ходими дарвешони хонақоҳи Бешиктоши рустои Босфор тавсиф мекунад ва мегӯяд, ки ин асарро барои истифодаи аҳолии Сурия ё дигар аъзои тариқат, ки хондани шарҳҳои туркиро душвор меёбанд, таълиф кардааст. Ба ишораи Николсон қисмати аъзами ин шарҳ маъхуз аз «Фотеҳ-ул-абёт» аст ва нависанда баъзе нақли қавлҳои ҷолибро аз тафсири Наҷмуддини Кубро [бар Қуръон] бар он афзудааст, аммо аҳаммияти чандони дигаре надорад» [79, 2]. Ончунонки Бадеъуззамони Фурӯзонфар таъкид мекунад, шореҳ нахуст тамоми абёти «Маснавӣ»-ро ба забони арабӣ баргардонидааст (ҳарчанд абёти арабӣ бисёр суст ҳастанд) ва сипас ба шарҳи абёт пардохтааст [276, 13]. Вале

устоди донишкадаи адабиёти Донишгоҳи Истамбул доктор Алӣ Гузалюз асари мазкурро тарҷумаи арабии шарҳи Анқаравӣ дониста, менависад: «Бино бар хоҳиши мавлавиёни Димишқ Ҷангӣ Юсуфи Дада онро (яъне, шарҳи Анқаравиро – Т.С.) ба номи «Ал-манҳаҷ-ул-қавӣ ли туллоб-ул-маснавӣ» ба арабӣ баргардондааст» [407]. Ин шарҳ ҳанӯз ба форсӣ тарҷума нашудааст.

Асари дигаре, ки бо забони арабист, «Тарҷума ва шарҳи «Маснавӣ»-и Ҷалолуддини Румӣ»-и устоди Донишгоҳи Қоҳира ва Бейрут доктор Муҳаммад Абдусаломи Кафофӣ мебошад. Муаллиф аз сабаби дилбастагӣ ба «Маснавӣ»-и Мавлоно дафтари аввали онро ба арабӣ тарҷума ва шарҳ кардааст. Шореҳ нахуст дар бораи зиндагии Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ муқаддимае менависад ва роҷеъ ба Мавлоно, аҳамияту мақоми «Маснавӣ» дар байни форсизабонон ва дӯстдорандагони он иттилоъ медиҳад, сипас, бархе аз шарҳҳои форсиву туркӣ ва шарҳи арабии «Ал-манҳаҷ-ул-қавӣ ли туллоб-ул-маснавӣ»-ро муаррифӣ мекунад. Кафофӣ асари Камолуддин Ҳусайни Хоразмиро қадимитарин шарҳҳои мавҷуди форсӣ муаррифӣ карда, аз байни шарҳҳои зиёди туркӣ шарҳи Шамъӣ [1000 ҳ.] ва Исмоили Анқаравӣ [1042 ҳ.]-ро арзишманд ҳисобидааст. Муаллиф дар оғоз ҳамаи абёти «Маснавӣ»-ро ба арабӣ тарчума кардааст ва сипас байтҳои душворро мухтасаран тавзеҳ додааст. Ин шарҳ соли 1966 мелодӣ дар Бейрут ба чоп расида ва нусхаҳое аз он дар Эрон мавҷуданд [51].

4. **Шарҳҳои инглисӣ ва олмонӣ**. Илова ба тарҷумаҳои зиёде, ки аз «Маснавӣ» ба забонҳои инглисӣ, олмонӣ, фаронсавӣ сурат гирифтааст, ду шарҳ бо забонҳои олмонӣ ва инглисӣ бар «Маснавӣ» вуҷуд дорад: Аввалин шарҳ тарҷумаест аз шарҳи Анқаравӣ, ки ба кӯшиши Жозеф фон Ҳаммер Пургштол ба забони олмонӣ сурат гирифтааст. Жозеф фон Ҳаммер Пургштол [1774–1856] тарҷумаи порае аз «Маснавӣ»-и Мавлоноро дар нашрияи «Ганҷинаҳои Ховарзамин» - нахустин нашрияи илмии ховаршиносӣ бо забони олмонӣ интишор дод. Ӯ дар китоби худ «Таърихи адабиёти Эрон» дар бораи Мавлоно ва «Маснавӣ»-ӣ ӯ муфассал маълумот додааст [405]. Ёдовар мешавем, ки маҳз тарҷумаи Ҳаммер аз девони Ҳофизи Шерозӣ ба Гӯте илҳом

бахшида буд, то «Девони ғарбию шарқӣ»-и худро тасниф кунад. Ба андешаи донишмандони Ғарб тарҷумаҳое, ки Ҳаммер дар китоби мазкур аз «Девони Шамс» ва «Маснавӣ» анҷом додааст, баёнгари ҳунари шоирии Мавлоно буданд.

Муҳимтарин китобе, ки Мавлоноро ҳамчун шоир дар дунёи олмонизабон муаррифӣ кард, китоби «Ғазалиёт»-и Фридрих Руккерт [1788–1866] мебошад. Руккерт, ки ҳам шоир ва ҳам донишманди ховаршинос аст, дар ин китоб 44 ғазали Мавлавиро тарҷума намудааст [320, 531].

Дар шинохти Мавлоно дар олами инглисзабонон хидмати донишманди инглис Рейналд Николсон ниҳоят калон аст. Ӯ бо фаро гирифтани забони форсӣ ба шарҳу тасҳеҳ ва тарҷумаи «Маснавӣ» даст зада, яке аз нодиртарин нусхаҳои интиқодии «Маснавӣ»-ро ба вуҷуд овард, ки то имрӯз дар маснавипажӯҳӣ ҳамтое пайдо накардааст. Ин шарҳ ба эътиқоди баъзе аз соҳибназарон ва муҳаққиқон беҳтарин шарҳест, ки то кунун бар «Маснавӣ» навишта шудааст [176,19]. Муҳаққиқ ва нависандаи номдори инглис Рейналд Николсон бист соли умри гаронмояи худро сарфи тасҳеҳ, тарҷума ва шарҳи «Маснавӣ»-и Мавлоно кард ва дар ин замина осори муҳаққиқона, ҷовидонаву илмие офарид. Шарҳи Николсон аз тарафи Ҳасани Лоҳутӣ тарҷума ва соли 1374 дар Теҳрон интишор гардидааст [79].

Баррасии тарҷумаҳои осори Мавлоно аз доираи баҳси мо берун аст, аз ин рӯ, ба ҳамин гуфтаҳо қаноат намуда, хонандаро дар ин замина ба мутолиаи китоби Аннемари Шиммел [320, 511 ба баъд] ва Франклин Луис [282, 604 ба баъд], ки дар онҳо муфассалан маълумот дода шудааст, раҳнамоӣ менамоем.

5. **Шарҳҳои «Маснавӣ» ба забонҳои Шибҳи қора.** «Маснавӣ» дар миёни ҳиндуён аз оғоз ҳамчун китоби муътабар мавриди таваҷҷуҳ буд. Баробари шарҳҳои зиёде, ки бар «Маснавӣ» навишта шудаанд, ин асари гаронқадр борҳо ба забонҳои Шибҳи Қора, монанди урду, синдӣ, панҷобӣ, кашмирӣ, пашту… низ тарҷума ва шарҳ шудааст. [151, 147–160]. Шиммел дар китоби арзишманди «Шукӯҳи Шамс» роҷеъ ба тарҷумаи «Маснавӣ» ба

забонҳои Шибҳи қора муфассал маълумот додааст, ки мо такрори онро зарур нашуморидем [320, 530–538].

Яке аз тарҷумаҳои хуби «Маснавӣ» ба забони урду тарҷумаест бо номи «Пероҳани юсуфӣ», ки Мавлоно Муҳаммад Юсуфи Алишоҳи Чиштии Низомӣ соли 1293 (асри XIX) анҷом дода ва чандин бор ба чоп расидааст. Ва аз шарҳҳои «Маснавӣ» низ метавон бо шарҳи «Мафотеҳ-ул-улум» аз Мавлоно Мирзо Муҳаммад Назири Аршии нақшбандӣ (ба урду) ва шарҳи пир Имомшоҳ ба забони панҷобӣ ва шарҳи Абдулҷаббори Банкаш ба забони пашту ишора кард. Ҳақ ба ҷониби муҳаққиқи олмонӣ Шиммел аст, ки дар мавриди табаҳҳури шоирони урдузабон ва таъсири ашъори Мавлоно Ҷалолуддин ба афкори онҳо менависад: «Агар забони адабии мусалмонони Ҳинд, яъне урду, ишорат ба Мавлавӣ ё тарҷумае аз ашъори Мавлавиро дар худ надошта бошад, ҳайратангез аст» [320, 530].

Соли 1826 тарҷумаи «Маснавӣ» бо забони урду аз тарафи муншӣ Мустаон Алӣ бо номи «Боғи Ирам» бори аввал анҷом ёфта, мукрраран ба чоп расидааст. Таваҷҷуҳ ба феҳристи А. Спрингер дараҷаи нуфузи ашъори Мавлавиро дар садаи XIX бо забони порсӣ ва урду нишон медиҳад. Мутмаинем, ки таҳқиқ дар заминаи феҳристҳои мавҷуд ва китобҳои феҳристнашудаи китобхонаҳои Ҳинду Покистон метавонад, адабиёти моро бо иттилооти тоза ғанӣ гардонад.

Аз лиҳози шакл ё навъи адабӣ шарҳҳои «Маснавӣ»-ро ба ду даста тақсим кардан мумкин аст: шарҳҳои манзум ва шарҳҳои мансур.

Баъзе аз шореҳони «Маснавӣ», ки худ шоир буданд, кӯшидаанд, ки «Маснавӣ»-ро бо забони шеър шарҳу тафсир кунанд. Дар ин замина аввалин кӯшиш аз тарафи нахустин шореҳи «Маснавӣ» Камолуддини Хоразмӣ бо таълифи «Кунузу-л-ҳақоиқ» оғоз гардидааст. Мутаассифона, аз ин шарҳ, ба ҷуз абёти андак, чизе боқӣ намондааст. Бархе кӯшидаанд абёти алоҳидаи «Маснавӣ»-ро бо шеър шарҳ кунанд. Абдураҳмони Ҷомӣ, пас аз Хоразмӣ, дувумин шоирест, ки ба ин кор даст зад ва ду байти аввали «Маснавӣ»-ро ба сурати манзум ва мансур тафсир кардааст. Пас аз Ҷомӣ шоири форсигӯи

туркзабон Иброҳим Шоҳидии Муғлавӣ [128] аз ҳар дафтари «Маснавӣ» сад байт ва дар маҷмӯъ аз тамоми «Маснавӣ» шашсад байт интихоб карда ва ҳар байти онро бо панҷ байти дигар шарҳ дода, байни абёти худ ва «Маснавӣ» иртибот барқарор намудааст. Ба ишораи муҳаққиқи эронӣ Ризо Шаҷарӣ [315] ин равиш мавриди истиқболи шоироне чун Охунд Мулло Муҳаммадалии Нурӣ [ваф. 1253 қ.], Холис Толибонии Қодирӣ (қарни XIX), Мулло Ҷиюни Сиёлкутӣ [ваф. 1118 қ.], Сардор Меҳрдилхони Муҳаммадзои Қандаҳорӣ [қарни XIX] қарор гирифтааст. Ба ҷуз ин шарҳҳо шарҳҳои дигар бо наср навишта шудаанд.

Шарҳҳои «Маснавӣ»-ро аз дидгоҳи пурра фаро гирифтани дафтарҳои «Маснавӣ» ва ё қисме аз он, инчунин, аз назари мавриди шарҳ қарор додани қитъа ва ё байтҳои алоҳидаи «Маснавӣ» низ метавон дастабандӣ кард, Мутаассифоона, аз баъзе шарҳҳо қисматҳои кам боқӣ монда, вале аз ишороти муҳаққиқон равшан мегардад, ки шореҳ дафтарҳои дигарро низ шарҳ кардааст. Ба ҳар ҳол, ин шарҳҳо ҷузъи шарҳҳои ноқис шумурда мешавад.

Шарҳҳои комил шарҳҳое ҳастанд, ки шореҳони онҳо тамоми шаш дафтари «Маснавӣ»-ро шарҳ кардаанд. Дар ин шарҳҳо абёте, ки аз назари шореҳон душвор ҷилва кардаанд, мавриди таваҷҷуҳ ва тавзеҳи бештар қарор гирифтаанд. Чунин шарҳҳо асосан дар асри бист навишта шуда, ба қалами Муҳаммадтақии Ҷаъфарӣ [15 ҷилд], Сайидҷаъфари Шаҳидӣ [8 ҷилд], Карими Замонӣ [7 ҷилд] тааллуқ доранд ва аз мавзӯи баҳси мо берунанд. Аз шарҳҳои гузашта танҳо шарҳи Исмоили Анқаравиро ҷузви шарҳҳои комил шумурдан мувофиқи матлаб аст.

**Шарҳҳои мушкилоти «Маснавӣ».** Бархе аз шореҳони «Маснавӣ» танҳо ба шарҳу гузориши абёте иқдом кардаанд, ки ба назар душвор ҷилва намудааст. Дар ин замина метавон шарҳҳои Камолуддини Хоразмӣ [113], Муҳаммадризои Лоҳурӣ [58], Хоҷа Айюби Порсо [82], Валимуҳаммади Акбарободӣ [4], Ҳазрати Баҳрулулум [25], Шоҳ Доии Шерозӣ, Мулло Ҳодии Сабзаворӣ [88]-ро зикр намуд.

**Шарҳи абёти «Найнома».** Абёти «Найнома», хосса, ду байти аввали «Маснавии маънавӣ» дар тӯли асрҳои зиёд муқарраран мавриди шарҳу тафсири шореҳону маънишиносон қарор гирифтааст. Ба ин даста шарҳи Мавлоно Яъқуби Чархӣ, шарҳи «Рисолаи ноия»-и Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ, шарҳи Муҳаммад Ориф Сайфиддини Деҳлавии Сиёлкутӣ – Ворис [95], «Шарҳи ду байти «Маснавӣ»-и Ғиёсиддини Бадахшонӣ [12], «Шарҳи баъзе абёти Мавлавии Румӣ»-и Абдулаҳади Сарҳиндӣ [92] ва садҳо дигарро метавон дохил кард. Донишманди тоҷик шодравон Абдулманнони Насриддин бо истинод ба қавли шарқшиноси рус О. Ф. Акимушкин аз мавҷудияти беш аз 20 шарҳ дар заминаи ду байти аввали «Маснавӣ» хабар додааст [225, 205], вале мурур дар феҳристи нусхаҳои хаттии форсии Аҳмади Мунзавӣ [72; 73 ва 74] ва ҳамчунин «Китобшиносии Мавлавӣ» [76] нишон медиҳад, ки ин теъдод зиёдтар аз он аст, ки баён гардидааст.

Баъзе аз алоқамандону дилбастагони осори Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ бар он бовар буданд, ҳосили андешае, ки Мавлавӣ дар тамоми дафтарҳои шашгонаи «Маснавӣ» баён доштааст, дар зимни ҳаждаҳ байти оғози «Маснавӣ» баён ёфтааст. Махсусан, ду байти аввали «Маснавӣ» чун «фотеҳатулкитоби «Маснавӣ» таваҷҷуҳи шореҳонро бештар ба худ кашида, ба таълифи рисолаҳои «Найнома» водоштааст.

**Шарҳи достонҳои алоҳидаи «Маснавӣ».** Достонҳои алоҳидаи «Маснавӣ» низ аз гузашта то имрӯз таваҷҷуҳи бисёр шореҳон ва муҳаққиқонро ба худ ҷалб кардаанд. Азбаски Мавлоно муҳимтарин масъалаҳои марбут ба ирфону фалсафаи исломиро «дар ҳадиси дигарон» баён мекунад, барои бархе аз алоқамандони «Маснавӣ» маърифати матлабҳо душвор ҷилва намудааст. Аз ин сабаб, шореҳон бо дарки ин ниёз кӯшидаанд, ба шарҳу тафсири достонҳои алоҳида пардозанд. Аввалин кӯшиш дар ин замина аз тарафи Мавлоно Яъқуби Чархӣ зимни мавриди шарҳу тавзеҳ қарор додани достони маъруфи подшоҳ ва канизак аз дафтари аввали «Маснавӣ» ва достони Шайх Сарразӣ аз дафтари панҷуми ин шоҳасар сурат гирифтааст. Аммо ин шева на дар гузашта, балки махсусан дар замони мо ривоҷ пайдо

кардааст. Шарҳи Ҷамолиддини Ҳумоӣ дар достони «Дижи ҳушрабо» (ё қалъаи Зотуссувар), шарҳҳое бо номи «Тӯтиён», «Нахчирон», «Моргирон», «Ташнагон», «Ношунавоён», ки дар маҷмӯаҳои «Ҳафт банди ной» аз тарафи шореҳ ва маснавипажӯҳи Фаронса Эдвард Жозеф сурат гирифтаанд [39], маҷмӯаи сеҷилдии «Бишнав аз най»-и Аҳмади Иқтидорӣ [26; 27; 28], «Шарҳи чиҳил достон аз «Маснавӣ»-и Нодири Вазинпур [80], «Чил шарҳ бар чил ҳикоя»-и Абдумурод Холмурод [372; 373; 374] намунаҳое аз ин гуна шарҳҳо ҳастанд.

Ҳамин тариқ, баҳс дар заминаи мазкур моро ба натиҷае меорад, ки бар «Маснавӣ» ба забони форсӣ, забонҳои ҳиндии Шибҳи қора, туркӣ, арабӣ, олмонӣ ва англисӣ шарҳҳо навишта шудаанд.

# БОБИ 2. КАМОЛУДДИН ҲУСАЙНИ ХОРАЗМӢ ВА НАҚДУ ТАҲЛИЛИ «ҶАВОҲИР-УЛ-АСРОР ВА ЗАВОҲИР-УЛ-АНВОР»-И Ӯ

## Фасли 1. Рӯзгору осори Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ

Ба риштаи таҳқиқ кашидани мероси бойи гузаштагони адабиёти пурифтихори форсии тоҷикӣ имкон медиҳад, ки бисёр нуктаҳои муҳим ва норавшан барои алоқамандони каломи бадеъ возеҳ гардад. Бисёр иттифоқ афтодааст, ки навиштаҳои як муаллиф бо номи муаллифи дигар интишор мегардад ва ба ин васила номи суханвари асиле барои чанд муддат дар паси пардаи фаромӯшӣ қарор мегирад.

Камолуддини Ҳусайни Хоразмӣ низ аз ҳамин гуна суханвароне аст, ки ашъори пур аз рамзу роз ва ирфонии ӯ, бино бар иштибоҳ, ба номи сӯфии машҳури қарни 1Х Ҳусайн ибни Мансури Ҳаллоҷ интишор гардидааст. Чунончи, соли 1343 ҳ. китобе бо номи «Девони Мансури Ҳаллоҷ» дар Теҳрон ба нашр расид ва баъдҳо маълум гардид, ки ин асар моли Ҳаллоҷ набуда, ба аввалин шореҳи «Маснавӣ» – Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ тааллуқ доштааст.

Иллати ин иштибоҳ он буда, ки Камолуддини Ҳусайн бо тахаллуси «Ҳусайнӣ» шеър менавишт ва ношир ҳам гумон кардааст, ки девони мазкур ба Мансури Ҳаллоҷ тааллуқ дорад. Аммо ба забони форсӣ шеър гуфтан, ё ҳатто як ҷумлаи форсӣ навиштани Ҳаллоҷ маълум нест.

Камолуддин Ҳусайн, ки дар сарчашмаҳо бо номи Камолуддини Кубравӣ ё Камолуддини Хоразмӣ низ шинохта шудааст [251, 491–493], аз суханварони бузурги садаи чордаҳи мелодӣ мебошад.

Забеҳуллоҳи Сафо дар мавриди сабаби бо насаби «кубравия» шинохта шудани Хоразмӣ менависад: «Мавлоно Камолуддин Ҳусайн ибни Ҳасани Хоразмии Кубравии заҳабӣ аз нависандагон ва шоирону орифони маъруфи қарни нуҳуми ҳиҷрӣ аст. Аслаш аз Мовароуннаҳр буд, вале чун бошиданаш дар Хоразм буд, «Хоразмӣ» ном ёфт. Дар «Маҷлис-ул-ушшоқ» омада, ки ӯ аз

фарзандони Шайх Наҷмуддини кубравӣ будааст ва иштиҳораш ба кубравӣ аз ин ҷиҳат аст» [251, 491].

Роҷеъ ба зиндагии хонаводагӣ ва шахсии Камолуддини Ҳусайн иттилооти зиёде дар даст нест. То он ҷое ки барои мо маълум аст, аввалин маълумот дар бораи зиндагиномаи Хоразмӣ аз тазкираи «Маҷолис-ун-нафоис»-и Алишери Навоӣ [370, 14] сарчашма гирифта, минбаъд дар маъхазҳои дигар ба такрор зикр гардидааст. Аз маълумоти китоби Алишери Навоӣ аён мегардад, ки Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ аз аҳли тасаввуф, пайрави тариқати мавлавия ва аз шогирдон ва муридони Хоҷа Абулвафои Хоразмӣ буд. Ӯ менависад: «Мавлоно Ҳусайн Хоразмий – Хожа Абулвафо қуддиса сирруҳунинг зоҳир илмида муридидур» [ҳамон ҷо]. Чунонки ба назар мерасад, Навоӣ дар бораи «Камолуддин» ном доштани шореҳи мазкур сухан нагуфта, ӯро «Мавлоно Ҳусайни Хоразмӣ» ва муриди Абулвафои Хоразмӣ донистааст. Абулвафои Хоразмӣ аз сӯфиёни машҳури силсилаи кубравия [ваф. 835 ҳ. мутобиқ ба 1431–1432 м.] аст, ки дар замони худ бо номи Хоҷа Абулвафо машҳур будааст. Дар бораи Абулвафои Хоразмӣ дар сарчашмаҳои муҳимми замони ӯ ишораҳое ҷой дошта, шахсияташро ҳамчун яке аз чеҳраҳои дурахшони ирфонии давр ба қалам додаанд [123,423 ва 370, 13]

Навоӣ зимни маълумоти хеш дар бораи шахсияти маъруфи замони худ будани Ҳусайни Хоразмӣ ишора карда, аз се асари муаллиф ёд кардааст, ки яке «Мақсид-ул-ақсо», дигаре шарҳи «Маснавӣ» ва севум шарҳ ба забони қадими туркии хоразмӣ бар «Қасидаи бурда» мебошад: «Мавлоно (Камолуддини Хоразмӣ, – Т.С.) ӯз замонининг машоҳиридиндур ва «Мақсади ақсо» анинг таснифидур. Ва Мавлоно Жалолуддин Румий (қуддиса сирруҳу) маснавийсиға шарҳ битибдур ва «Қасидаи бурда»-ға ҳам хоразмча туркий тил билан шарҳ битибдур. Ӯзға мусаннафоти ҳам бор. Аммо ахлоқ ва сифоти ботин илмида ёруғлик топқоннинг мунофисидур» [370, 14].

Аз ҳодисаҳои дигаре, ки дар зиндагии ӯ иттифоқ афтода ва онро Навоӣ дар асари хеш зикр кардааст, он аст, ки мардуми Ҳирот ӯро ба сабаби як байт

шеър такфир кардаанд ва Шоҳрух Мирзо ба ҳамин сабаб ӯро ба Ҳирот хонд ва ба муҳокимаи мазҳабӣ кашид ва чун марди донишманд буд, натавонистанд, чизе бар ӯ собит кунанд, ба диёри худ бозгашт. Вале ӯзбакҳо аз ӯ даст барнадоштанд ва саранҷом ӯро соли 840 ҳ. [1470 м.] ба шаҳодат расониданд. Алишери Навоӣ дар ин бора дар тазкираи «Маҷолис-ун-нафоис» менависад: «Ва Мавлоно Шоҳрух Мирзо замонида бир ғазал учун такфир қилиб Хоразмдин Ҳирийға келтурдилар. Чун донишманд ва истилоҳ билур киши эди ҳеч нима собит қила олмадилар. Қайтиб яна ӯз мулкига кетти. Ва ул ғазалнинг матлаи будурким:

Эй дар ҳамаи олам пинҳон туву пайдо ту,

Ҳам дарди дили ошиқ, ҳам асли мудово ту.

Мавлонони Тансӯфий булоғида (Хоразмда) ӯзбак шаҳид қилди ва қабри Хожа Абулвафо (қуддиса сирруҳу) қабрининг оёғи саридур [370, 14].

Баробари осори дигари ирфонию тасаввуфӣ, ки аз Хоразмӣ ба ёдгор мондааст, шуҳрати ӯро китоби «Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор», ки дар шарҳи «Маснавӣ»-и Мавлоно нигошта шудааст, афзун гардонидааст. Ин асар ҳарчанд нотамом аст, аз он ҷиҳат, ки ба унвони аввалин шарҳи «Маснавӣ»-и Мавлавӣ маҳз дар сарзамини Мовароуннаҳр навишта шудааст, баррасӣ мебошад.

Мутаассифона, дар бораи гузаштагони Хоразмӣ дар китобҳои мавриди истифодаи мо маълумоти дақиқ ба назар нарасид. Таҳиягари матни «Ҷавоҳир-ул-асрор» доктор Муҳаммадҷаводи Шариат «падари ӯ [яъне, падари Камолуддин, – Т.С.] шайх Шаҳобуддин Ҳусайн аз авлоди шайхи бузургвор Бурҳониддини Қилич аст, ки дар Андиҷон мадфун аст ва падари шайх дар замони Ҷукӣ Мирзо ба Хоразм рафта ва дар он ҷо мутааҳҳил ва Шайх [яъне, Камолуддини Хоразмӣ, – Т.С.] дар он ҷо мутаваллид шудааст» [113, «ёздаҳ»] – мегӯяд, ки ба ҳақиқати таърихӣ созгор намеояд. Муҳаммадҷаводи Шариат дар пешгуфтори хеш таъкид мекунад, ки «Он чӣ дар бораи ӯ [яъне, Ҳусайни Хоразмӣ – Т.С.] медонем, аз китобҳои «Маҷолис-

ун-нафоис» ва «Маҷолис-ул-муъминин» аст ва манобеи дигар ҳама аз ин сарчашма манбаъ гирифтаанд» [113, «ёздаҳ»].

Вале бояд гуфт, ки дар ин миён танҳо маълумоти тазкираи Навоӣ аз назари қимат ва асолат ба ҳақиқат рост меояд. Доктор Шариат дар ин маврид шореҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор»-ро иштибоҳан бо «Шайх Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ», ки дар «Маҷолис-ул-муъминин», дар фасли «Хотами муршидини тариқи ҳамадонӣ Шайх Камолуддини Хоразмӣ» омадааст, яке дониста, дар пешгуфтори худ бар шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор» хулосаи онро нақл кардааст[132,162].

Гузашта аз ин, Муҳаммадҷаводи Шариат дар мавриди роҷеъ ба каромоту мақомоти Ҳусайни Хоразмӣ аз тарафи Маҳмуди Ғиждувонӣ ном шахсияте таълиф гардидани китоби «Мақомоти Шайх Камолуддини Ҳусайн» изҳори назар карда, менависад: «Шахсе ба номи Маҳмуди Ғиждувонӣ китобе навиштааст ба номи «Мақомоти Шайх Камолуддини Ҳусайн», ки то он ҷо, ки ман таҳқиқ кардаам, нишонае аз ин китоб дар даст нест» [82, «ёздаҳ»].

Нуктаи ҷолиб ин ҷост, ки маноқиб ё мақомотро одатан дар бораи шахсиятҳои бузурги тасаввуф ва дорои мартабаи ирфон менависанд. Вале, шореҳи «Маснавӣ» Камолуддини Хоразмӣ, онЧунонкиаз ишороти худи ӯ дар шарҳи мазкур бармеояд, шахсияти ирфонии баландмартаба ва ё муршиди тариқате набуд, то ин ки дар бораи ӯ маноқиб навишта шавад. Таҳқиқ нишон медиҳад, ки ин нуктаро доктор Шариат аз «Маҷолис-ул-муъминин» баргирифтааст.

Дар китоби «Феҳристи дастнависҳои тоҷикӣ-форсии китобхонаи давлатии РСС Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ» [107, 49] таҳти рақами 1838 асаре бо номи «Ҷодат-ул-ошиқин» ва ё мақомоти Ҳазрати Шайх Ҳусайни Хоразмӣ» муаррифӣ шудааст. Ин ҳамон асарест, ки муҳаққиқи эронӣ Муҳаммадҷаводи Шариат онро ба Маҳмуди Ғиждувонӣ нисбат медиҳад, вале китоби мазкур на дар бораи Шайх Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ – шореҳи «Маснавӣ», балки дар мақомоти маънавии шахсияти тасаввуфии дигаре навишта шудааст, ки низ «Шайх Камолуддин Ҳусайни

Хоразмӣ» ном дошта, тақрибан пас аз сад соли даргузашти Хоразмӣ зиндагӣ кардааст.

Аз сабаби он ки ин ду шахсият ҳамном будаанд, доктор Муҳаммадҷаводи Шариат ва бархе аз пажӯҳандагон бо иштибоҳ ононро як нафар ҳисобидаанд. Дар бораи ин шахсияти ирфонӣ метавон аз китобҳои Аҳрор Мухторов [214] ва Расул Ҳодизода [294] низ маълумот ба даст овард. Шодравон Расул Ҳодизода дар «Самарқандpoints» ҳангоме, ки дар бораи яке аз маҳаллаҳои қадимии ин шаҳри куҳанбунёд маълумот меоварад, менависад: « Кӯча ва гузар ба номи олими асри 16 Махдуми Хоразмӣ (Ҳусайни Хоразмӣ 1466–1551] аст. Номи пурраи Махдуми Хоразмӣ Мавлоно Камолуддин Ҳусайн Ал-хоразмӣ будааст. Вай муриди сардори ҷараёни кубравия Абдулвафои Хоразмӣ буд. Ин шахси бонуфуз дар Хоразм борҳо ба таъқибу таҳдиди уламои дин гирифтор шуда ва охир соли 835 ҳиҷрии қамарӣ бо дасти тоифаи уламо ба қатл мерасад. Баъд аз ин воқеаи хунин Камолуддин Ҳусайн аз хатари кушта шудан паноҳгоҳе ҷуста, ба Самарқанд бо гурӯҳи пайравону мухлисонаш фирор мекунад ва дар ҳамин мавзеъ, ки баъдтар ба номи ӯ мавсум шуд, иқомат мегузинад ва дар Самарқанд ба Махдуми Хоразмӣ мулаққаб мешавад. Махдуми Хоразмӣ дар оғози иқоматаш дар Самарқанд таъсиру нуфузи бузург дошт. Ӯ дар маҳалли иқоматаш масҷид ва барои ҷаҳру маҷлисҳои суруд ва самоъ хонақоҳ бино мекунад…» [294, 139].

Агар мо ин навиштаҳои устоди равоншодро бо он чӣ Ҳусайни Хоразмӣ дар «Ҷавоҳир-ул-асрор» овардааст, муқоиса кунем, ихтилофи назар дар байни ин ду навишта равшан эҳсос мегардад. Расул Ҳодизода соли фавти Абулвафоро дуруст қайд карда бошад ҳам, иштибоҳан «бо дасти тоифаи уламо ба қатл мерасад» - мегӯяд. Ҳол он ки Абулвафо аз дасти тоифае ба қатл нарасида, мувофиқи навиштаи Ҳусайни Хоразмӣ, ки дар зимни шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор» омадааст, дар синни 78-солагӣ вафот кардааст. [261].

Баъди вафоти Абулвафо ба Самарқанд омадани Камолуддини Хоразмӣ ва инчунин дар ҳамин шаҳр вафот кардани ӯ низ ба он чӣ Навоӣ дар «Маҷолис-ун-нафоис» зикр мекунад, созгор намеояд. Соҳиби рисолаи ҳозир

дар мақолаи «Аввалин шореҳ ва нахустин шарҳи «Маснавии маънавӣ» бо такя ба маълумоти Муҳаммадҷаводи Шариат навишта будам: «Роҷеъ ба зиндагии хонаводагӣ ва шахсии Камолуддини Ҳусайн иттилооти зиёде дар даст нест. Аммо, он чи аз маълумоти «Маҷолис-ун-нафоис» ва «Маҷолис-ул-муъминин» маълум мегардад, он аст, ки падари ӯ Шаҳобуддини Ҳусайн аз авлоди шайхи бузургвор Бурҳониддини Қилич будааст ва дар ҷавонӣ аз Андиҷон ба Хоразм рафта ва дар он ҷо издивоҷ мекунад. Камолуддин дар он ҷо ба дунё омадааст...» [261].

Вале пас аз дастрасӣ пайдо кардан ба китоби «Маҷолис-ул-муъминин» ва ҳамчунин нусхаи хаттии «Ҷодат-ул-ошиқин»-и Шарафуддин Ҳусайн ба натиҷаи дигаре даст ёфтем, ки хилофи андешаҳои пешинаамон буд. Дар ҷилди дувуми китоби «Маҷолис-ул-муъминин»-и Қозӣ Сайид Нуруллоҳи Шуштарӣ фасли махсусе мавсум ба «Хотами муршидини тариқи ҳамадонӣ Шайх Камолуддини Хоразмӣ» ихтисос ёфтааст [132, 162–180]. Мутолиа нишон медиҳад, ки фасли мазкур дар камолоти маънавӣ ва маноқиби шахсияте бахшида шудааст, ки зиндагияш бо он чи дар тазкираи Навоӣ омада, шабоҳат надорад. Камолуддин Ҳусайни мазкур аз пешвоёни тариқати сӯфия буда, ба «ҳазрати имом-ул-муттақин, пешвои аиммаи маъсумин Амирулмуъминин Алӣ(а)» [132, 165] ва «султон-ул-аимма Алӣ ибни Мӯсо Ризо» [ҳамон ҷо, 166] таваҷҷуҳ ва иродати хос доштааст. Бахши аъзами ин маноқибро баёни иродати шайх Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ ба Имом Ризо ташкил додааст ва шайх тавофи равзаи Имом Ризоро «мақорани ҳафтод ҳаҷ» [ҳамон ҷо, 166] донистааст. Шайхи мазкур шеър ҳам менавишта ва дар поёни фасл бисту шаш байт дар сифати имомони шиа суруда, дар поёни он тахаллуси хешро ба сурати «Ҳусайни Хоразмӣ» зикр кардааст. Аз шеъри мазкур таассуботи шадиди Шайх Камолуддини Хоразмӣ ба хубӣ ошкор мегардад:

Туро зи дӯстии оли Муртазо пурсанд
Ба рӯзи ҳашр, на аз Амру Бакру ҳизби басус
Ҷаве муҳаббати авлоди Мустафо дар дил,

Ба назди ақл беҳ аз тахту тоҷи Кайковус

Санои оли Алӣ аз Ҳусайни Хоразмӣ,

Ба гӯши ҷон шунаву ёд гиру дасташ бӯс.

Муҳаймино, малико, ҳам ба ҳаққи оли Алӣ,

Ба рӯзи ҳашр макун аз Алӣ маро маъюс [132, 178].

Ба андешаи мо, ин маълумот боис гардидааст, ки қозӣ Нуруллоҳи Шуштарӣ ва баъдан бо истифода аз китоби ӯ мусаҳҳеҳ ва фароҳамоварандаи матни шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор» доктор Муҳаммадҷаводи Шариат иштибоҳан ин ду шахсиятро як нафар шуморанд.

Дар «Донишномаи адаби форсӣ (адабиёти форсӣ дар Осиёи Миёна)» бо номи «Камолуддин Ҳусайн бинни Аҳмад бинни Иброҳими Хоразмӣ» вомехӯрем, ки соли вафоти ӯ 958 қ. нишон дода шудааст. Таъкид мешавад, ки Камолуддини Хоразмӣ муаллифи асари ирфонии «Иршод-ул-муридин» буда, фарзанди ӯ Шарифаддин Ҳусайни Хоразмӣ «Ҷодат-ул-ошиқин» ва шогирдаш Маҳмуди Ғиждувонӣ «Мифтоҳ-ал-толибин»-ро, ки дарбардорандаи бархе ашъор, мақолот ва низ суханоне дар мақомоти Камолуддини Хоразмӣ мебошад, дар маноқиби ӯ навиштаанд [38, 745].

Ин нукта ва мулоҳизоти дигаре моро ба хулоса овард, ки зикри номи «Ҳусайни Хоразмӣ» дар асари «Маҷолис-ун-нафоис»-и Мир Алишери Навоӣ ишора ба шореҳи «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно мекунад ва он чӣ дар «Маҷолис-ул-муъминин» зикр шудааст, мансуб ба шахсияти ҳамноми ӯст, ки аз пешвоёни тариқати тасаввуф дар равияи ташайюъ мебошад.

Дар зиндагӣ, ташаккули шахсият ва эҷодиёти Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ таъсиру нуфузи яке аз симоҳои ирфонии асри Х1У Абулвафои Хоразмӣ хеле бузург мебошад [261].

Бояд таъкид намуд, ки дар бораи Абулвафои Хоразмӣ дар сарчашмаҳои муҳимми замони ӯ ишораҳое ҷой дошта, шахсияти ӯро ҳамчун яке аз чеҳраҳои дурахшони ирфонии давр ба қалам додаанд [123, 423; 370, 13].

Бино ба иттилои муҳаққиқи эронӣ доктор Муҳаммадҷаводи Шариат ҳудуди 250 байт аз ашъори Абулвафо дар ҷунги нусхаи мунҳасир ба фард дар

китобхонаи Малики Теҳрон таҳти рақами 306 нигоҳдорӣ мешавад. Бояд таъкид кард, ки ҳамаи он рубоиёте, ки Ҷомӣ, Гозургоҳӣ, Хондамир ва Ризоқулихони Ҳидоят аз номи Абулвафо дар осори худ зикр карданд, дар он ҷунг ҷой дорад [113, 225]. Адабиётшиноси афғонистонӣ Наҷиб Моили Ҳиравӣ дар китоби «Дар шабистони ирфон» бо истифода аз ҳамин ҷунг ва сарчашмаҳои дигар 146 рубоии Абулвафоро овардааст [375, 42–43].

Соли 1372 ҳ.(1953 мелодӣ) бо эҳтимоми адабиётшиноси эронӣ Сайид Аҳмад Биҳиштии Шерозӣ китоби «Рубоинома. Гузидаи рубоиёт аз Рӯдакии Самарқандӣ то имрӯз» ба нашр расид, ки дар он 98 рубоии Абулвафои Хоразмӣ ҷойгузин гардидааст [84]. Ин рубоиётро адабиётшиноси ӯзбек Эргаш Очилов ба забони ӯзбекӣ тарҷума карда, ҳамроҳ бо баррасии мухтасари рӯзгор ва махсусиятҳои ашъори Абулвафо дар Тошканд ба нашр расонидааст [378, 84–93].

Боиси таъкид аст, ки роҷеъ ба баъзе лаҳзаҳои рӯзгор ва осори Абулвафо асноди ҳеч китоби ёдшуда ба андозаи маводи шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор» муфид, мӯътамад ва дақиқ нест. Аз ин рӯ, шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор»-ро метавон аз муҳимтарин сарчашмаи шинохти рӯзгори Абулвафои Хоразмӣ ба ҳисоб овард [261].

Азбаски Камолуддини Хоразмӣ «дар илми зоҳир шогирд ва дар илми ботин мурид»-и Хоҷа Абулвафои Хоразмӣ [370,13] буд, ҳангоми таълифи «Ҷавоҳир-ул-асрор» намунаҳои қобили мулоҳизаро аз осори устоди хеш зикр намудааст. Аз ҷумла, чунин мисолҳоро метавон дар саҳифаҳои 17 (1 рубоӣ), 81 (1 рубоӣ), 82 (1 рубоӣ), 88 (1 рубоӣ), 103 (1 рубоӣ), 110 (1 рубоӣ), 1654 (2 рубоӣ), 1655 (6 рубоӣ), 1656 (1 рубоӣ)…-и шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор» ба мушоҳида гирифт. Дар «Ҷавоҳир-ул-асрор» маълумоти пурқимате мавҷуданд [113, 1650], ки барои муайян кардани баъзе аз лаҳзаҳои рӯзгору осори Камолуддини Хоразмӣ ва устоди ӯ – Абулвафо аз арзиши бузург бархурдоранд [261].

Чунонки таъкид кардем, дар шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор» маълумоти пурқимате мавҷуданд, ки барои муайян кардани баъзе аз лаҳзаҳои рӯзгору

осори Камолуддини Хоразмӣ ва устоди ӯ – Абулвафо аз арзиши бузург бархурдоранд. [113, 1650]

Аз ҷумла, аз муҳтавои яке аз номаҳо маълум мегардад, ки Камолуддини Хоразмӣ, ки пас аз вафоти устоди хеш бештар дилшикаста гардида ва ҳатто кори таълифи шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор»-ро як сӯ гузошта буд, аз таъсири мактуби насиҳатомези устод ба идома бахшидани шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор» иқдом мекунад: «Аммо дар миёни ин макотиб ду мактубро алоҳида ҷудо гузошта буданд. Ва он ду мактуб ба номи ин заиф... дар боби насиҳат навишта буданд. Ва бандаро, баъд аз мушоҳидаи он макотиб ва мутолиаи он насоеҳ, он миқдор забти аҳвол ҳосил шуд, ки имкони иштиғол бад-ин китоб [яъне, шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор», – Т.С.] шуд…» [113, 1660].

Бо назари мо, муҳимтарин нукоте, ки аз мутолиаи ин мактубот ҳосил мегардад, иборат аз ин аст:

– Абулвафои Хоразмӣ на танҳо ба сароидани рубоӣ, балки ба шаклҳои дигари шеърӣ низ таваҷҷуҳ доштааст. Намунае аз ғазали Абулвафо маҳз дар номаи аввал зикр шудааст [113, 1660];

– Шайх Абулвафо бародари донишманде бо номи Абулфатҳ доштааст ва ӯ низ шахсияти соҳибмаърифат ва суханвари огоҳ, соҳиби таълифоте буда, бар асари бемории нобаҳангом фавтидааст. Намунае аз шеър ва андешаи ӯ дар ин номаҳо зикр гардидааст;

– Хоҷа Абулвафо ба осори Шайх Саъдӣ ва махсусан ба асари ахлоқии «Бӯстон» таваҷҷуҳ дошта, порчаи хеле зебоеро дар маърифати сабр зикр кардааст [113, 1661].

Ва ниҳоят ин номаҳо барои шинохти бештари шахсият ва сифоти инсонии шореҳи «Маснавӣ» Камолуддини Хоразмӣ низ мадад мекунанд. Зеро дар ин мактубот Хоҷа Абулвафо соҳиби хулқи дилписанд, хислатҳои неки инсонӣ, шогирди вафодору ғамхор ва ҳамдил будани Ҳусайни Хоразмиро батакрор зикр шудааст.

Осори Камолуддини Хоразмӣ, ки имрӯз дастраси аҳли илм гардидаанд, аз ҷиҳати микдор аз даҳ адад зиёд ва ба масъалаҳои мухталифи ирфону адаб бахшида шуда, баёнгари ҳунар ва маҳорату қудрати суханварии Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ мебошанд.

Доктор Муҳаммадҷаводи Шариат дар муқаддимаи ҷилди дувуми «Ҷавоҳир-ул-асрор» микдори таълифоти Ҳусайни Хоразмиро даҳ адад баршумурдааст, ки онҳо ба ин қароранд:

1. «Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор» дар шарҳи «Маснавӣ»-и Мавлавӣ [835 қ.]. Ин китоб бори аввал ба кӯшиши Муҳаммадҷаводи Шариат ба чоп расидааст (Исфаҳон, 1361 ш.).

2. «Янбуъ-ул-асрор фи насоеҳ-ил-аброр» ба форсӣ дар ахлоқ ва пандҳои ирфонӣ, ки ин китоб соли 1360 ш. ба кӯшиши Маҳдии Дурахшон мунташир шудааст. Дар мавриди ин китоб Сафо менависад: «Аз осори мансури ӯ яке «Янбуъ-ул-асрор фӣ насоеҳ-ул-аброр» аст ба форсӣ дар ахлоқ, ки чунонки худ дар муқаддимаи он гуфта, дар нигориши он аз насоеҳи подшоҳи аср касби фоида кардааст ва агар мақсуд аз ин подшоҳ, Чунонки ақл ҳукм мекунад, Шоҳрух ибни Темур бошад, бад-ин тақдир бояд Камолуддин онро баъд аз сафари Ҳирот ва дарки ҳузури Шоҳрух таълиф карда бошад» [249].

3. «Кунуз-ул-ҳақоиқ фӣ румуз-ид-дақоиқ», ки маснавии ирфонӣ дар шарҳи «Маснавӣ»-и Мавлавӣ аст.

4. «Мақсид-ул-ақсо фӣ тарҷумат-ил-мустақсо», ки тарҷумаи китоби «Мустақсо», асари Абулкиром Абдуссалом аст [834 қ.].

5. «Шарҳи қасидаи «Бурда» (ба форсӣ), ки онро Навоӣ ба забони туркии хоразмӣ ном бурдааст [370, 13].

6. «Асос-ул-қавоид», ба форсӣ дар илми ҳисоб.

7. «Назҳат-ул-мулук фӣ ҳаёт-ил-афлок» ба форсӣ дар ситорашиносӣ, ки гузорише аз «Шарҳи мулаххаси чағминӣ» аст.

8. «Девони қасоид ва ғазалиёт», ки бо иштибоҳ ба Мансури Ҳаллоҷ нисбат додаанд. Аз вай ашъоре аз қасида, ғазал, маснавӣ ва рубоӣ дар даст

аст ва худ порае аз онҳоро дар «Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор» овардааст.

9. Девони ашъор. Ин асар соли 1343/1964 м. бо номи «Девони ашъори Ҳусайн ибни Мансури Ҳаллоҷ» тавассути китобхонаи Саноӣ чоп шудааст [43], аммо баъд маълум мешавад, ки ин девон аз Ҳаллоҷ набуда, балки аз Камолидини Хоразмӣ аст, ки ӯ бо тахаллуси Ҳусайнӣ шеър гуфтааст.

10. «Туҳфат-ул-аброр фӣ афзал-ил-азкор». Муҳтавои ин китоб дар масъалаҳои ирфону тасаввуф буда, дар «Ҷавоҳир-ул-асрор» худи муаллиф ба ин маънӣ ишора кардааст: «Ва ин мабоҳисро дар китоби «Туҳфат-ул-аброр фӣ афзал-ил-азкор» дар фасли робеъ аз қисми аввал истифо кардаем» [113, 147]. Низ дар поёни мақолаи ҳафтуми «Ҷавоҳир-ул-асрор», он ҷо ки дар бораи мабдаъ ва маод баҳс мекунад, менависад: «Ва ин мабоҳисро дар фасли робеъи қисми дувум аз китоби «Туҳфат-ул-аброр» овардаем» [113, 157]. Аз ишораи дигари шореҳ маълум мегардад, ки ин асари ирфонӣ бо забони арабӣ будааст. «…Ва дар китоби «Туҳфат-ул-аброр фӣ афзал-ил-азкор» маҷмӯи қисми сонӣ муқаррири ин маонӣ аст. Аммо чун он китоб ба забони тозӣ буд, ду-се калима аз он ба форсӣ тарҷума карда шуд…» [113, 182].

11. Китобе дар улуми зоҳирӣ ва истилоҳоти он.

12. Дар муқаддимаи шарҳи Акбарободӣ омадааст, ки Хоразмӣ шарҳе бар «Фусус-ул-ҳикам»-и Ибни Арабӣ низ таълиф карда ва дар он асар бархе аз абёти «Маснавӣ»-ро ҳамчун абёти шоҳид мавриди истифода қарор дода будааст. Шарҳи мазкур соли 1366/1987 дар Теҳрон ба нашр расидааст [4, «се»].

Чунонки таъкид кардем, «Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор» шарҳи нотамомест, ки се дафтари «Маснавии маънавӣ»-ро дарбар дорад ва дар чаҳор муҷаллад ба нашр расидааст [113]. Сабаби дар чаҳор ҷилд таҳия шудани ин асар он аст, ки шореҳи Хоразмӣ пеш аз оғоз кардани шарҳи мазкур ба унвони раҳнамо ё заминагузории вуруд ба ҷаҳони фикрии Мавлоно муқаддимаи муфассале иборат аз даҳ мақола навиштааст, ки он дар ҷилди аввали нусхаи «Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор» ҷой дода шудааст.

Ҳамин тавр, се дафтари боқимонда бошад, мутаносибан шарҳи се дафтари аввали «Маснавӣ»-ро дарбар гирифтааст.

Бархе аз муҳаққиқони маъруфи Мавлоно «Ҷавоҳир-ул-асрор»-ро иштибоҳан бо китоби дигари ӯ – «Кунуз-ул-ҳақоиқ фӣ румуз-ид-дақоиқ», ки шарҳи манзуми «Маснавӣ» буда, ба ҷуз пораҳои алоҳида аз он чизе ба ҷой намондааст, як асар ҳисобидаанд. Аз ҷумла, муҳаққиқи олмонӣ хонум Шиммел менависад: «Дар авоили садаи нуҳум (понздаҳум) Камолуддин Ҳусайн ибни Ҳасани Хоразмии Кубравӣ [ваф. 840 ҳ.қ.] китоби худ ба номи «Кунуз-ул-ҳақоиқ фи румуз-уд-дақоиқ»-ро навишт, ки танҳо бахше аз он ба ҷо мондааст ва «Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор» ҳам номида мешавад» [320, 519]. Албатта, иллати асосии ба чунин иштибоҳ роҳ додани Шиммел дастрасӣ надоштан ба сарчашмаҳои асил будааст, вагарна худи Камолуддини Хоразмӣ дар чанд ҷойи шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор» ба «Кунуз-ул-ҳақоиқ фӣ румуз-уд-дақоиқ» ном асари худ ишораҳои сареҳ намудааст.

Ҳамин тариқ, баҳс дар мавзӯи «Рӯзгор ва осори Ҳусайни Хоразмӣ» моро ба натиҷаҳои зерин мерасонад:

1. Рӯзгор ва осори Ҳусайни Хоразмӣ ба таври комил омӯхта нашуда, дар зиндагиномаи ӯ то имрӯз торикиҳое боқӣ мондаанд.

2. Аксари муҳаққиқони тоҷику эронӣ, бино бар иштибоҳи тазкираи «Маҷолис-ул-муъминин», шахсияти шореҳро бо ориф ва сӯфии асри XVI Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ омезиш додаанд.

3. Муҳимтарин сарчашмаи омӯзиши рӯзгори Камолуддини Хоразмӣ тазкираи «Маҷолис-ун-нафоис»-и Навоӣ ва осори худи шореҳ - «Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор» ва «Шарҳи «Фусус-ул-ҳикам» маҳсуб мегарданд.

4. Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ аз мактаби шахсияти воломақоме чун Абулвафои Хоразмӣ, ки аз иродатмандони калом ва муридони рӯҳонии Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ мебошад, таълим гирифтааст. Натиҷаи ҳамин тарбият ва роҳнамоиҳои Абулвафои Хоразмӣ буд, ки Камолуддини Хоразмӣ ба каломи осмонии Мавлоно содиқона дил баст ва аввалин шарҳи «Маснавии маънавӣ»-ро асос гузошт.

5. Мавриди омӯзиш қарор додани осори дигари Ҳусайни Хоразмӣ имкон медиҳад, ки бисёр муаммоҳои марбут ба рӯзгору осори ӯ ҳаллу фасл гарданд.

**Фасли 2. Камолуддини Хоразмӣ шоири мумтоз**

Ошноӣ бо шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор» нишон медиҳад, ки шореҳ шоири ҳунарманде буда, барои тақвияти фикр дар баробари аз ашъори суханварони забардасти форсу араб намунаҳо овардан, аз ашъори худ низ мисолҳо оварда, онр бо нишонии «ли муаллифи» мушаххас мекунад.

Мутолиа нишон медиҳад, ки Хоразмӣ аз тасаввуф баҳраи комил дорад ва ашъораш низ намунаи бисёр хуби шеъри ирфонӣ дар садаи XIV–XV melодӣ мебошад. Шореҳ ончунонкибарои шарҳу тавзеҳи як истилоҳи ирфонӣ аз «Маснавии маънавӣ» ва ё «Девони кабир» истишҳод меоварад, аз осори манзуми хеш низ дар шарҳи мазкур истифода кардааст. Ашъори Хоразмӣ нишон медиҳад, ки ӯ ҳамчун шоири тавоно ва забардаст қариб дар тамоми анвои шеър қувваозмоӣ кардааст.

Дар шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор» метавон ба шинохти ду ҷанбаи шеъри Хоразмӣ ошноӣ пайдо намуд:

а) дар қасидасароӣ ба шоири тавонои асри XII Хоқонии Шарвонӣ тақлиду пайравӣ кардани ӯ;

б]) дар баёни мазмуну маъниҳои ирфонӣ маҳорати комил доштани ӯ.

Яке аз махсусиятҳои шеъри Хоразмӣ дар баҳраҷӯиҳои ӯ аз шеъри шоири қасидасарои асри Х11 Хоқонии Шарвонӣ зуҳур кардааст. Хоразмӣ илова бар он ки аз қасидаҳо ва ғазалиёти Хоқонӣ пайравӣ мекунад, ашъоре бар вазну қофияи шеъри Хоқонӣ месарояд ва баъзан мисраъ ва таркиботи ӯро айнан иқтибос ва тазмин менамояд, ки ин нукта баёнгари таваҷҷуҳи хоси ӯ ба ашъори Хоқонӣ аст.

Хоразмӣ худ низ шоири забардаст ва тавоност, бахусус, вақте мебинем, ки дар ҳар қолабе табъи худро озмудааст. Дар шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор» намунаҳои қобили таammуле аз сурудаҳои Хоразмӣ дарҷ гардидаанд, ки дар

сурати дар алоҳидагӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтанашон метавонанд чеҳраи ҳунарии шореҳро ҳамчун шоири забардаст рӯнамо созанд. Аз ин рӯ, ҷанбаи дигари каломи манзуми Хоразмиро истифодаи мазмунҳо ва афкори ирфонӣ ташкил додааст. Чунонки қаблан низ ишора шуд, ӯ дар шеър «Ҳусайн» тахаллус мекард ва ҳамин мӯҷиб шуда буд, ки девони ашъораш ба номи Мансури Ҳусайн ибни Ҳаллоҷ чоп шавад [43].

Баррасӣ ва тааммул дар ашъори Хоразмӣ, ки дар лобалои шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор» омадаанд, нишон медиҳад, ки дар шеъри Хоразмӣ мазмунҳои ирфонӣ дар ниҳояти камол инъикос гардида, наҳваи каломи Имом Хоқонӣ, Шайх Ироқӣ, Мавлоно ва Шайх Атторро ба хотир меоранд. Чунончи, дар мақолати чаҳоруми муқаддимаи шарҳ зимни ташреҳи мусталеҳоти ирфонии «талвин ва тамкин» абёти зерро овардааст, ки даъвои моро дар мавриди соҳиби ашъори дилнишини ирфонӣ будани ӯ тасдиқ мекунад:

То туӣ дар миёна, холӣ нест
Чеҳраи ваҳдат аз ниқоби шакӣ.
Гар ҳиҷоби худӣ барандозӣ,
Ишқу маъшуқу ошиқ аст яке [113, 115].

Баробари он ки дар ашъори шореҳ маъонии ирфонӣ ба гунаи аҳсан баён гардидаанд, истифодаи саноеи адабӣ низ қобили таваҷҷуҳ аст. Чунончи:

Орзӯи ҷони мо ҷуз талаби ёр нест,
Гарчи дар инкори мост, ҳар кӣ дар ин кор нест.
Он ки зи ғайрат чу мо дида зи ғайрат надӯхт,
Дидаи бино наёфт, толиби дидор нест
Лаззати умри азиз нест аҷаб, гар наёфт
Юсуфи моро ба ҷон ҳар кӣ харидор нест.
Дар талаби сирри ишқ ҳар кӣ чу мо сар набохт,
Дар ҳарами хоси дӯст маҳрами асрор нест.

То ту туӣ, нестат дар ҳарами ёр бор,

Хилвати хоси ҳабиб манзили ағёр нест.

Ҳастии мутлақ агар ҳаст туро орзӯ,

Нест шав аз ҳар чӣ ҳаст, дар раҳи дилдор нест.

Қофиласолори ишқ кӯси сафар мезанад,

Бахти гаронхоби ман, вой, ки бедор нест [113, 186].

Ин ғазалро аз лиҳози фаро гирифтани маънии ирфонӣ метавон аз шумори беҳтарин ғазалҳои орифона дар баёни маънии ваҳдати вуҷуд арзёбӣ намуд. Гузашта аз ин, ин, он аз назари истифода ва ҳамоҳангии калимот ва сохтори зоҳирӣ каломи Мавлоноро ба ёд меорад.

Аксари намунаҳои шеърие, ки муаллиф аз ашъори хеш ба истишҳод овардааст, бо ирфону тасаввуф пайванди қавӣ доранд. Ба ибораи дигар, Хоразмӣ танҳо дар мавриди ташреҳи афкори орифонаи Мавлоно Ҷалолуддин шеърҳои хешро ҳамчун намуна зикр мекунад, аз ин рӯ, дар шарҳи мазкур чеҳраи ҳунарии ӯ ҳамчун шоири сӯфимашраби аз ҳақоиқу асрор огоҳ зуҳур кардааст. Ӯ гоҳо ҳангоми шарҳи абёти ирфонии «Маснавӣ» тариқи каломи мансури хеш ин ҳақоиқро баён медорад ва сипас барои тақвияти андеша ба ашъори хеш ишора мекунад. Чунончи, дар поён бо баёни пуррамзу роз оид ба ваҳдат сухан ронда, сипас, як ғазали хешро, ки аз 22 байт иборат аст, ба истишҳод меоварад: «Рӯшноӣ дар хонаҳо мухталиф, аммо офтоб ба ваҳдат муттасиф, ихтилофи дару девор монеи ваҳдати офтоби пуранвор нест, касрати аъдод ба ҳасаби касрати такрири воҳид ваҳдати воҳидро қодеҳ набошад, такассури амвоҷ сели баҳри маввоҷро мутакассир нагардонад. Асмо мусамморо мин куллулвуҷуҳ мутааддид накунад. Ва агар иттилоъ бар баъзе аз ин ҳақоиқ мехоҳӣ, дар ин абёт тааммул намоӣ.Лимуаллифиҳӣ:

Эй бо дили шикаста туро кор омада,

Дарди ту марҳами дили афгор омада.

Дида матои қалби маро сад ҳазор айб

В-он гаҳ зи рӯи лутф харидор омада...» [113, 930–931].

Ғазали мазкур дар шарҳ пурра оварда шуда, намунае аз беҳтарин ғазалҳо дар баёни масъалаи ирфонии ваҳдати вуҷуд аст.

Вақте Хоразмӣ дар бораи ишқ сухан мекунад, ҳамеша ишқи зоти аҳадият дар назар аст, ки ба ишқи мутлақ номзад гардидааст:

Ишқи мутлақ сар зи ҷайби ғайб берун мекунад

В-ин ҳама чуну чароро боз берун мекунад.

Хоҳ ишқаш ном неҳ, хоҳӣ адам, хоҳӣ вуҷуд,

Ӯст, к-ин афсонаҳо пайдо, на афсун мекунад.

Бар шуҳуди худ вуҷудашро чу ҷилва медиҳад,

Хештанро бар ҷамоли хеш мафтун мекунад.

Зоҳиру ботин ба ҳам бинмуду андар пеши халқ

Номи эшон зоҳиран Лайлию Маҷнун мекунад [113, 137].

Азбаски дар таълимоти орифон мурод аз ишқ зоти Худовандӣ аст, дар исботи вуҷуди Худо ҳар кас бастаи тасаввуроти худ аст. Хоразмӣ дар ин маврид мегӯяд: «Ва худ кадом исм лоиқи зоти ӯст. Ва кадом сифат сазовори камолоти ӯ? Зеро ки дар исботи асмо ва сифот бар он зот ҳар аҳаде тобеи тасаввурот ва тахайюлоти худ аст. Чӣ ҳар чиро сифати камол шиносад, бар ӯ исбот кунад. Ва ҳар чиро симати нуқсон донад, аз ӯ нафй кунад. Зоҳиран ҳар камолот сохтаи туст ва асмою сифот пардохтаи ту... ва Ҳақ субҳонаҳу ва таоло ҳамчунонки аз ташбеҳи ту муқаддас аст ва муалло, аз танзеҳи ту низ муназзаҳ асту мубарро» [113, 137–138].

Аз дидгоҳи таълимоти ирфонии Хоразмӣ маърифати асрори илоҳӣ танҳо лоиқи мардуми доно аст. Аз ин рӯ шореҳ мегӯяд:

Ҳарфи маънӣ гаронбаҳо гуҳар аст,

Чун ба нодон расӣ, магӯю хамӯш.

Қимати лаъл ҷавҳарӣ донад,

Чӣ ниҳӣ дар дукони хурдафурӯш» [113, 384–385].

Қобили зикр аст, ки на танҳо дар каломи манзуми Хоразмӣ, балки дар мавридҳои дигаре аз шарҳ низ шореҳ дар мавриди пӯшида доштани асрори илоҳӣ ҳамин андешаи хешро тақвият бахшидааст. Чунонкидар ҷойи дигар

мегӯяд: «Ва чун кошифи ин асрор нозукӣ дорад, ин рози бо сӯзу гудоз ҷуз бо маҳраме ҳамроз ва ҳамдаме дамсоз дар миён наметавон овард…» [113, 383]. Аз ин рӯ, Хоразмӣ мегӯяд: «То тарки обу гил накунӣ, партави ҷону дил наёбӣ ва то сари ҳастӣ ба теғ наяндозӣ, сарири фақру тоҷи ризо ҳосил насозӣ ва то аз рафиқони ҳаво ҷудо нашавӣ, шоистаи ҳазрати Худо нашавӣ ва то сар ба қимати тоҷи ризо надиҳӣ, пой бар сарири сарварӣ нaниҳӣ ва то чун шоҳбоз дида аз ғайри шоҳ набандӣ, чашми хеш бар рӯи шоҳ боз набинӣ ва то чун осмон сарафканда набошӣ, хештанро сарафроз набинӣ...» [113, 363]. Шореҳ инсонҳои холӣ аз сӯзу дардро бо ибороти «серон», «поймоли мол», «нобинои модарзод», «бе завқ», «бе дида»… чунин зикр кардааст: «Лаззати таомро гурусна донад ва қадри обро ташна шиносад. Лӣ муаллифӣ:

Ба серон мадеҳ нӯшдоруи маънӣ,

Зи ташнадилон ноштое талаб кун.

Поймоли молро аз дарди ишқ ва сӯзи ҳол чӣ хабар? Ва нобинои модарзодро аз кӯҳлулҷавоҳири иршод чӣ суд?» [113, 385].

Шореҳ таъкид мекунад, ки инсони бемаърифат монанди шахси кӯр аст, ки барои онҳо қимати кӯҳлулҷавоҳир ва мил тафовуте надорад:

Безавқро чӣ мол диҳиву чӣ маърифат,

Бедидаро чӣ мил кашиву чӣ тӯтиё.

Шахси бемаърифат монанди беморест, ки дар даҳонаш таоми ширин мазае надорад, балки мисоли кӯрест, ки барои ӯ ҳадиси чашм гуфтан арзиш надорад: «Мазаи шаҳдро даҳони талхи ранҷур дарнаёбад ва ҳадиси чашмро ҳеч кӯр фаҳм накунад. Шеър:

Дило, ту шаҳд манеҳ дар даҳони ранҷурон,

Ҳадиси чашм магӯ бо ҷамоати кӯрон.

Агарчи аз раги гардан ба банда наздик аст,

Худой дур бувад аз бари худодурон» [113, 384–385].

Хоразмӣ дар каломи манзуми худ аз санъатҳои гуногуни шеърӣ, махсусан, аз санъати таҷнис фаровон баҳра бардошта, маъниҳои зебое ба

зуҳур овардааст. Чунончи, байти зерин ҳам, ки бо истифодаи санъати таҷнис сурат гирифтааст, аз лиҳози ҳунар ҷолиби диққат аст:

Агар бар чашми ман душман ҳазорон тир бардӯзад,

Муҳол аст ин ки аз рӯят замоне дида бардӯзам [113, 188].

Ин ҷо дар мисраи аввал «бардӯзад» ба маънои «тир андозад» омадааст ва «дида бардӯзам» ба маънои «чашм баргирам», «чашм пӯшам» аст.

Санъати таҷнис дар байти зерин ҳам ниҳоят зебо корбаст гардидааст:

Хушо он ки аз бахри ёре шигифт

Каноре гирифту каноре гирифт [113, 399].

Дар ин ҷо таркиби «канор гирифтан» ду бор зикр шудааст ва дар ҳар ду маврид ҳам маънии гуногун дорад: таркиби аввал ба маънои «аз мардум канор гирифтан ва пинҳон шудан» ва таркиби дувум ба маънои «унсу улфат ва ҳамнишинӣ бо ёр»-ро ифода мекунад.

Дар порчаи зерин таҷниси хатро дар мисоли калимоти «гунҷо», «ганҷ», «кунҷ», «гунҷ» ва инчунин «қаср»-у «қусур»-у «қайсар» мушоҳида мекунем: «Маро аз ғояти азамат ва кибриё гунҷоӣ дар арзу само нест, валекин ҷойи гунҷойии ин ганҷ кунҷи дили бандаест, ки дил аз ҳама олам бардошта бошад ва тааллуқи мосиворо аз хотир фурӯ гузошта бувад. Ва хонаи ёрро аз хаёли ағёр холӣ сохта ва ба қасри қайсар аз қусури ҳиммат напардохта бошад...» [113, 51].

Масъалаи таҳқиқ ва баррасӣ дар робита ба муайян кардани чеҳраи ҳунарии Хоразмӣ доманаи фарох дорад, аммо ҳамин нигоҳи иҷмолӣ нишон медиҳад, ки Хоразмӣ ҳамчун яке аз пайравони собитқадами ирфону тасаввуф на танҳо ҳамчун шореҳ, балки ҳамчун шоири соҳибҳунар низ суннатҳо ва анъанаҳои шоирони мутасаввифи садаҳои XII–XIV-ро, монанди Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, Шайх Ироқӣ, Шайх Аттори Нишопурӣ, Ҳаким Саноӣ, Ҳофизу Саъдии Шерозӣ ва дигарон бо ҳунармандии хос идома додааст.

Дуруст аст, ки дар қисме аз сурудаҳои Хоразмӣ ва махсусан дар қасидаҳои ӯ шеваи ҳунари Хоқонии Шарвонӣ пайгирӣ шуда ва чеҳраи ӯро ҳамчун пайрави Хоқонӣ ҷилва додааст, вале боз ҳам ҳунари шоирии

Хоразмиро метавон дар офариниши маъниҳои ирфонӣ ва махсусан дар ғазалиёташ ба мушоҳида гирифт. Аз ин хотир, таҳқиқ дар заминаи ғазалиёти Хоразмӣ метавонад барои таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ саҳифаҳои номаълумеро боз намояд.

## Фасли 3. Муаррифии нусхаҳо ва сабаби таълифи шарҳи Хоразмӣ

Чунонки зикр шуд, як нусхаи нашри лакҳнавии шарҳи Хоразмӣ дар дастрасии марҳум Фурӯзонфар қарор дошта ва теъдоде аз нусхаҳои он низ дар китобхонаҳои Эрон мавҷуд аст. Аз ҷумла, нусхаи нисбатан қадимитари шарҳи мазкур, ки доктор Муҳаммадҷаводи Шариат онро ба унвони нусхаи асл дар таҳияи шарҳи мазкур ба асос гирифтааст, дар китобхонаи Донишгоҳи Теҳрон нигоҳдорӣ мешавад. Доктор Шариат таъкид мекунад, ин нусха дар миёни нусхаҳои дигари маҳфуз дар китобхонаҳои Эрон комил ба шумор меравад. Воқеан ҳам дар қиёс бо нусхаҳои дигаре, ки аз ин шарҳ боқӣ мондааст, ин нусха дорои тафовутҳоест, ки онро бар нусахи дигар имтиёз мебахшад. Бартариҳои нусхаи мазкурро метавон ба тариқи зерин арзёбӣ кард:

1. Нусхаи мазкур комил буда, дар он ҳам муқаддима, ҳам даҳ мақола ва ҳам шарҳи се дафтари «Маснавӣ» пурра вуҷуд доранд.

2. Аз муқаддимаи ҳамин нусха маълум мегардад, ки китоб ба писари Шоҳрух Мирзо эҳдо гардидааст.

3. Ин нусха қадимитарин нусхаи шарҳи Хоразмист ва ин матлаб аз таърихи китобати он, ки дар охири дафтари аввал ба сурати «даҳуми ҷимодиюлаввали соли 840» ва дар охири дафтари севум ба гунаи «зулҳиҷҷаи соли 841» омадааст, фаҳмида мешавад.

4. Дебочаи арабии нусхаи мазкур дар нусахи дигар ба назар намерасад.

Ин нусха бо хатти настаъликҷи зебо навишта шудааст, аммо аз мутолиааш метавон ба натиҷае расид, ки ин нусха нусхаи асл нест ва бояд аз рӯи нусхаи дигар рӯйнавис шуда бошад. Муҳаққиқони дигар ҳам, бо назардошти ҷой доштани ғалатҳои марбут ба тарзи навишти калима ва дуруст хондаву навишта нашудани онҳо, дар матни шарҳи мазкур бар ин натиҷа расидаанд, ки зоҳиран котиби ин нусха шахси босаводе набудааст ва «аз рӯи нусхаи дар пеш дошта наққошӣ кардааст» [113, «понздаҳ»]. Ин нусха аз 573 сафҳаи 19-сатрӣ иборат мебошад.

Нусхаи дигаре аз ин шарҳ дар Китобхонаи миллии Эрон маҳфуз аст, ки онро доктор Шариат бо аломати шартии «мим» ишора кардааст. Ин нусха хатти настаъликҷи равшан дорад ва навиштаи Ҳусайн – фарзанди Маҳмуди Шабистарӣ буда, қисмате аз ибтидои матни он (то зикри Робеаи Адвия) вуҷуд надорад, вале шарҳи се дафтарро фаро гирифтааст. Таърихи китобат ба моҳи рамазони соли 889 рост меояд.

Таърихи китобати нусхаи китобхонаи Остони қудси разавӣ маълум нест, вале он бо нусхаи хаттии Китобхонаи миллии Эрон шабоҳати зиёд дорад ва чунин менамояд, ки ҳар ду аз рӯи як нусха китобат шуда бошанд. Ин нусха ҳам бо хатти насхи зебо навишта шудааст ва ба гумони қавӣ аз нусхаҳои қадимии шарҳи «Маснавӣ» буданаш аз эҳтимол дур нест. Монандии ашъори арабӣ, оёт ва аҳодис дар ин ду нусха дар мавридҳои зиёд метавонад мушкилоти марбут ба шарҳи Хоразмиро то андозае аз байн бардорад.

Дар китобхонаи Остони қудси разавӣ нусхаи дигари ин шарҳ низ нигаҳдорӣ мешавад, ки бо хатти насх дар замони Низомшоҳ дар шаҳристони Давлатобод соли 1039 китобат шудааст. Иборат аз 180 саҳифа буда, шомили муқаддима ва мақолоти даҳгона мебошад. Бо он ки ин нусха беғалат нест ва порае афтодагиҳои матнӣ ҳам дорад, боз ҳам имкон дорад, барои рафъи бархе мушкилоти нусахи дигар созгор ояд.

Мавлавипажӯҳи турк Абдулбоқии Гулпинорлӣ дар китоби «Мавлавия пас аз Мавлоно» аз мавҷудияти нусхае аз шарҳи Хоразмӣ дар китобхонаи

Донишгоҳи Истамбул хабар дода, аз ҷумла, менависад: «Шарҳи мавсум ба «Кунуз-ул-ҳақоиқ фӣ румуз-ид-дақоиқ» аз Камолуддин Ҳусайн ибни Ҳасани Хоразмӣ даргузашта, дар 840 ҳ. [1435–1436 м.] шарҳи чандон шинохташуда нест. Нусхаи китобхонаи Донишгоҳи Истамбул, ки соли 1069 ҳ. истинсох шуда, шарҳи се дафтари «Маснавӣ» аст ва дар муқаддимаи дафтари дувум омадааст, шарҳи ин дафтар рӯзи дувуми рамазони соли 833 ҳ. [1430 м.] оғоз шудааст. Ин шарҳи форсӣ яке аз омилҳои шарҳи «Маснавӣ» ба забони туркӣ будааст. Шарҳи Хоразмӣ дар Ҳиндустон ба чоп расидааст» [148, 205].

Чунонки мушоҳида мегардад, Абдулбоқии Гулпинорлӣ иштибоҳан ба ҷойи «Ҷавоҳир-ул-асрор» «Кунуз-ул-ҳақоиқ» навиштааст, зеро «Кунуз-ул-ҳақоиқ» шарҳи манзум буда, аз он абёти пароканда боқӣ мондааст, на се дафтар.

Шарҳи Хоразмӣ соли 1893 мелодӣ дар чопхонаи машҳури Лакҳнав дар се ҷилд [як муҷаллад] ба чоп расидааст. Ин нусха дорои 700 саҳифа матн ва 14 саҳифа феҳрист аст. Бо хатти настаълиқи хоно музайян гардида, оёти қуръонӣ бо хатти насх оварда шудаанд.

Камолуддин Ҳусайн дар оғози муқаддимаи даҳгонаи худ роҷеъ ба сababи таълифи китоби мазкур андешаҳои муфид баён кардааст, ки барои бозшинохти баъзе лаҳзаҳои ҳаёти шореҳ ва инчунин чаҳоншиносии ирфонии ӯ аҳаммияти муҳим дорад. Аввалин ишораи Хоразмӣ, ки баёнгари сабаби таълифи шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор» мебошад, бо номи устодаш Абулвафои Хоразмӣ вобастагӣ дорад. Шореҳ таъкид мекунад, ки маҳз ба баракати устоду раҳнамои хеш Абулвафои Хоразмӣ аз овони туфулият ба омӯхтану мутолиа, омӯзиши сарфу наҳв ва луғат пардохтааст. Забеҳуллоҳи Сафо бо ишора ба аҳаммияти муқаддимаи шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор» менависад: «Ва аммо Мавлоно Ҳусайн, бино бар он чӣ дар дебочаи «Ҷавоҳир-ул-асрор» гуфта, ба баракати таълими Хоҷа Абулвафо аз хурдсолӣ боз бо «Маснавӣ»-и Мавлоно саргарм, аз маъонии олияи он бархурдор ва аз он роҳ машҳури билод буд, Чунонкимуддатҳо онро дарс гуфтаву мушкилоти хосторонро ҳал менамуд. Ва, сипас, бо хоҳиши муридон китоби «Кунуз-ул-ҳақоиқ фӣ румуз-

ид-дақоиқ»-ро пардохт ва саранҷом дар охири ҳаёт ба тадвини «Ҷавоҳир-ул-асрор» дар шарҳи «Маснавӣ» саргарм шуд. Иштиғоли Камолуддин Ҳусайн ба масъалаи ирфонию истиғроқ дар маонии он барои ӯ дарди саре низ фароҳам овард, ки дар тарҷумаи аҳволаш мундариҷ аст» [251, 491–492]. Ин омӯзиш Хоразмиро ба мартабае мерасонад, ки аллакай дар овони шабоб аҳли завқу мутолиа аз дуру наздик ба назди ӯ меомаданд ва ё тариқи номаҳо дар ҳалли мушкилоти «Маснавӣ»-и Мавлавӣ аз ӯ ёрӣ мехостанд: «Ман банда ба баракати суҳбати Хоҷа ва юмни ҳиммати ӯ салламаҳуллоҳ аз овони туфулият, ки ҳанӯз ба тамоими атфол месохтам ва ба амоими риҷол намепардохтам ва табъи латиф ба такрори луғат мефарсудам ва нақди умри шариф дар забти қавоиди наҳв сарф менамудам, рағбати тамом ба абёт ва ашъори «Маснавӣ»-и ҳазрати Мавлавӣ қуддиса сирруҳ доштам ва ҳамеша хотир ба истикшофи он асрор мегумоштам ва ба китобат ва ҳифзу мутолиаи он мешитофтам ва аз рӯҳонияти ҳазрати Мавлавӣ қуддиса сирруҳ файзҳо меёфтам, то ба ҳадде, ки дар замони шабоб, ки оташи табиатро вақти илтиҳоб буд, аснофи ибод аз атрофи билод мушкилоти абёти ҳазрати Мавлавиро қуддиса сирруҳ бад-ин заъиф мефиристоданд ва дар истифтоҳи мағолиқи абвоби он доди муболиға медоданд» [113, 17–18].

Ҳамин баҳраёбӣ аз файзи рӯҳонии Мавлоно ба Камолуддин имкон медод, ки ба он суолҳое, ки аз ҷониби алоқамандони каломи Мавлавӣ – ин хизонаи асрори маънавият ироа мешуд, ҷавоб нависад. Камолуддин менависад, ки «ҷамоате аз арбоби маориф, ки дар идроки ғамоизи асрори маориф ориф буданд, сабақ-сабақ пеши ин заиф мубоҳиса менамуданд ва дархӯри қобилияти хеш аз забони ин дарвеш воридоти ғайбӣ мешунуданд» [113, 18].

Ҳамин баҳраёбӣ аз файзи рӯҳонии Мавлоно ба Камолуддин имкон медод, ки ба он суолҳое, ки аз ҷониби алоқамандони каломи Мавлавӣ – ин хизонаи асрори маънавият ироа мешуд, ҷавоб нависад. Камолуддин менависад, ки «ҷамоате аз арбоби маориф, ки дар идроки ғамоизи асрори маориф ориф буданд, сабақ-сабақ пеши ин заиф мубоҳиса менамуданд ва

дархӯри қобилияти хеш аз забони ин дарвеш воридоти ғайбӣ мешунуданд» [113, 18].

Он чи, пеш аз ҳама, аз ин ишора фаҳмида мешавад, камоли маънавии шореҳи Хоразмӣ аст, ки аҳли ирфону маърифат аз ҳузури ӯ сабақ ва дар кашфи рамзҳои «Маснавӣ» баҳра мебурданд, ки нишондиҳандаи дараҷаи маърифат ва ошноии ӯ бо тариқати ирфону тасаввуф мебошад. Камолуддин бо илтимоси ин гурӯҳ маҷмӯаи тақрироти хешро навишта, ба назм даровард ва «Кунуз-ул-ҳақоиқ фӣ румуз-ид-дақоиқ» унвон гузошт. Ин ҳамон китобест, ки муҳаққиқони маснавипажӯҳ онро ҳамчун шарҳи манзуми Камолуддини Хоразмӣ бар «Маснавӣ» муаррифӣ кардаанд.

Ҳарчанд аз ин пас ҳам ташнакомони каломи Мавлоно аз Камолуддин истидои хешро дар мавриди навиштани шарҳе бар «Маснавӣ» фурӯ нагузоштанд, Хоразмӣ «бе ишорати ғайбӣ бад-он амри азим» иштиғол намеварзад ва рӯи арзу ниёз ба даргоҳи бениёзи чорасоз меоварад, то ӯро башорате бар навиштани шарҳи «Маснавӣ» бидиҳад. Ин нуктаро шореҳ дар қитъаи шеърии зерин чунин баён доштааст:

Калиди раҳматам охир ато фирист чунон,

Ки ганҷи маърифат аввал ҳам аз ту буд ато.

Аз он шароб, ки номаш муфарреҳи зот аст,

Ба раҳмат ин ҷигари гармро бисоз даво.

Маро ту бош, ки аз мову ман дилам бигрифт,

Барор теғи иноят, на ман гузор, на мо [113, 18].

Шореҳ таъкид мекунад, ки баъд аз ин ҳам «вуҷуди худро бар ҷиноҳи ҳиммати Хоҷа салламаҳуллоҳ баста, таваҷҷуҳ ба рӯҳонияти ҳазрати Мавлавӣ менамудам, ки:

Маро ногаҳонӣ иноят расид,

Ки эй ман ғуломи чунон ногаҳон.

«Ва ҷаноби Хоҷа салламаҳуллоҳ бандаро башорат дод, ки дар воқеа чунон дидам, ки он муқарраби ҳазрати қайюмӣ Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ ба ҳукми савоқиби азалия ва муносиботи рӯҳония ба дидани ин мухлис омада

буданд ва ба шарҳи ҳиками мутаолия ва кашфи асрори муталолия ва баёни румузи дақоиқ ва исори кунузи ҳақоиқ иштиғол менамуданд ва маро аз он мақолот басе асрори аҷиба рӯй менамуд ва мақомоти алийа мушоҳида меафтод ва иртиқоъ ба маротиби сания даст медод. Ва чун имъони басар ва иҳолати назар дар шаклу ҳайати Мавлавӣ мекардам, муоина медидам, ки ба ҳақиқат Ҳазрати Худовандгор ва мутасаддӣ ба кашфи асрор туӣ, маънӣ маънии Мавлавӣ аст ва сурат сурати Ҳусайнӣ…» [113,19].

Муаллиф ҷойи дигар номи хешро ба сурате зикр кардааст, ки аз он дар тариқати сӯфия соҳибмақом будани ӯ равшан мегардад: «Баъд аз ҳамди Ҳазрати Парвардигор ва дуруд бар ҷаноби Набии мухтор чунин гӯяд муҳаррири ин калимоти шӯрангез ва муқаррири ин мақолоти шараромез, пайрави мустағриқони биҳори асрори субҳонӣ ва пешвои мустаҳликони бодияи анвори султонӣ, бандаи шефтаи мумтаҳан Ҳусайн ибни Ҳасан аҳсануллоҳу илайҳ…» [113,7]. Маълум мегардад, ки Хоразмӣ башоратро дар мавриди навиштани шарҳи мазкур тавассути пиру раҳнамои хеш Абулвафо дарёб мекунад. Зоҳиран чун худи Хоразмӣ ҳам дер боз дар садади анҷом додани чунин шарҳе буд, ин башоратро айни иноят донист ва дар ҳамин вақт буд, ки Хоразмшоҳи аъзам Носириддин Абулманоқиб Иброҳим Султон аз ӯ таълифи шарҳи «Маснавӣ»-ро дархост кард. Ин шоҳзода фарзанди Ғиёсуддин Абулфатҳ Шоҳмалик ҳокими Хоразм буд, ки «офтоби рӯҳониёти Мавлавӣ бар қалби қобили ӯ тохта ва ба хотири файёзаш, ки оинаи ҷамолнамои шоҳист, хутур карда… ки китоби «Маснавӣ»-и ҳазрати Мавлавиро мебояд, ки шарҳе навишта шавад… ва дар ин боб ба хатти шариф ва иборати латифи хеш мактубе бад-ин дарвеш навишта…» [113, 20].

Пас аз ин воқеа Хоразмӣ азми хешро бар навиштани шарҳи «Маснавӣ» ҷазм мекунад ва ба навиштани китоб камари ҳиммат мебандад. Хоразмӣ ин тасмими хешро чунин ба қалам додааст: «Ва чун фармони ҳумоюни ӯ бар муқтазои илҳоми малик ҳамчун ишорати ғайбӣ буд, узру истиғфор муносиб нанамуд. Лоҷарам баъд аз талаби тавфиқ аз малики мутаол ба шарҳи китоб

иштиғол намудам ва ин китобро ба илҳоми ҳазрати Парвардигор «Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор» ном ниҳодам» [113, 21].

Бисёр муҳаққиқон байти маъруфи «Маснавии маънавӣ»-и Мавлавӣ, Ҳаст Қуръон бо забони паҳлавӣ»-ро, ки бо қаринаҳои мухталиф ва тағйироти андак дар китобҳои гуногун дида шуда, баёнгари робитаи қавии ин шоҳасари олии исломӣ бо Қуръони карим аст, мансуб ба Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ медонанд. Вале бояд гуфт, ки Хоразмӣ аз нахустин шореҳонест, ки ба иртиботи маънавии «Маснавӣ»-и шариф ва Қуръони азимушшаън ишора карда, дар оғози китоби мазкур менависад: «Дар ҳақиқат, гуфтори арбоби камол қавли Эзиди мутаол аст, чӣ эшон ба манзалаи ноянд, ки наво дар эшон аз нафаси раҳмонӣ аст. Ё ба масобати кӯҳ, ки садо дар эшон аз замзамаи ишқи раббонӣ аст. Чунонки мефармояд, қуддиса сирруҳ:

Мо чу ноему наво дар мо зи туст,

Мо чу кӯҳему садо дар мо зи туст…

Пас ба ҳукми ин муқаддамот чун аввалкалимае, ки аз Қуръони маҷид ва фурқони ҳамид бар сарвари комилон нозил шуд, «иқраъ» буд, Чунонкиаксари арбоби тафосир бар онанд. Лоҷарам дар «Маснавӣ», ки дар ҳақиқат, каломуллохро тафсири ҳақиқии маънавӣ аст, ибтидо ба калимаи «бишнав» кардааст…» [113, 351–352].

Ҳамин тариқ, аз муқаддимаи шарҳи мазкур метавон ба маълумоти пурқимати роҷеъ ба бархе ҷанбаҳои зиндагиномаи шореҳ дастрасӣ пайдо намуд, ки дар сарчашмаҳои дигар ба назар намерасанд. Ҳамчунин, ишороти шореҳ хонандаро барои шинохти мақоми «Маснавии маънавӣ» ошно месозад.

### Фасли 4. Баррасии мақолоти даҳгонаи шарҳи Хоразмӣ

Дар байни мақолоти даҳгонаи»Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор» мақолаи аввалин ҳаҷман бузург буда, зикри маноқиби чанд тан аз риҷоли бузурги тариқати тасаввуфро дарбар гирифтааст. Он аз зикри маноқиби Алӣ

ибни Абӯтолиб оғоз шуда, сипас ба сурати зерин идома меёбад: Зикри Увайси Қаранӣ, Шайх Ҳасани Басрӣ, Шайх Молики Динор, Шайх Муҳаммад Восеъ, Шайх Ҳабиби Аҷамӣ, Шайх Абӯусмони Маккӣ, Султон Иброҳими Адҳам, Робияи Адавия, Фузайли Иёз, Бишри Ҳофӣ, Шайх Абулфайз Зуннуни Мисрӣ, Султонулорифин Абӯязиди Бастомӣ, Абдуллоҳ ибни Муборак, Шайх Суфёни Саврӣ, Шақиқи Балхӣ, Шайх Довуди Тойӣ, Шайх Маъруфи Кархӣ, Шайх Сарии Сақатӣ, Ҷунайди Бағдодӣ, Шайх Абӯалӣ Аҳмад ибни Муҳаммади Рудборӣ, Шайх Абӯалӣ ибн-ал-Котиб, Шайх Абӯусмон Саид ибни Саломи Мағрибӣ, Шайх Абулқосими Курагонӣ, Шайх Абӯбакри Нассоҷ, Имом Аҳмади Ғаззолӣ, Шайхулмашоих Абӯнаҷиби Сӯҳравардӣ, Аммори Ёсир ва Шайх Наҷмуддини Кубро. Мақолаи аввалро, ки фарогири аҳволу аҳволи 29 нафар аз риҷоли сӯфия аст, метавон ба унвони қисми аввали муқаддимаи шарҳи Хоразмӣ пазируфт, зеро он дар алоҳидагӣ ҳам метавонад, ҳукми як рисолаи алоҳидаро дошта бошад. Аммо, аз ин миён, зикри аҳволи Шайх Наҷмуддини Кубро нисбатан муфассал аст. Ин боб чунин номгузорӣ шудааст: «Зикри султонулавлиё вал ақтоб ал-муршиду илаллоҳи-л-ваҳҳоб, Наҷмулҳақ вад-дин Абулҷаноб Аҳмад ибни Умар-ал-Хайюқӣ қуддисаллоҳу сирраҳу ва аъло фил иллийин зикраҳу». Шореҳ ин қисматро, дар навбати худ, ба се бахш ҷудо намудааст, ки мутаносибан чунин ном доранд:

а) дар баёни шаҷараи иродати Шайх қуддисаллоҳу сирруҳу;

б) ал-тамҳид;

в) ал-муқаддима.

Бояд гуфт, ки дар ин се бахш [113, 90–106] шореҳ оид ба лақаби Наҷмуддини Кубро, каромот, сафарҳо, зану фарзандон, камолоти маънавӣ, хирқаи иродати Шайх, 12 нафар муридони ӯ сухан ронда, таъкид мекунад, ки падари Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ яке аз 12 муридони Шайх Наҷмуддини Кубро буд. Сипас, сабаби ба тамҳид руҷӯъ карданашро чунин баён медорад: «Аммо аз барои зикри интисоби Ҳазрати Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ қуддисаллоҳу сирруҳу ба ҷаноби қутб-ул-ақтоб Абулҷаноб алайҳи ризвону

малики-л-ваҳҳоб [яъне, ба Наҷмуддини Кубро,–Т.С.] ба тамҳиде муҳтоҷем» [113, 94]. Агар дар бахши нахуст дар бораи лақаби Наҷмуддини Кубро, каромот, сафарҳо, зану фарзандон ва камолоти маънавии ӯ сухан ронда бошад, дар бахши тамҳид [саҳ. 96–101] дар бораи Мавлоно Аҳмади Хатибӣ ва писараш Баҳоувалад (бобо ва падари Мавлоно) ва ривоёте, ки ба рӯзгори онон марбут буда, дар рисолаи Сипаҳсолор низ омадааст, маълумот медиҳад. Чунончи, маҷолиси вазъи Баҳоувалад [саҳ. 96], муридони Баҳоувалад, ривояти хоби 300 нафар донишмандони Балх [саҳ. 97], бухли Фахри Розӣ ва азимати сафар кардани Баҳоувалад [98–99] ва ғ. аз рисолаи Сипаҳсолор бе зикри сарчашма бардошт шуда бошанд ҳам, шореҳ дар ибтидои бархе аз матлаб аз китобҳои таърихӣ ва рисолаҳои гуногун истифода карданашро таъкид мекунад.

Мақолаи аввали «Ҷавоҳир-ул-асрор», ки дар бораи бузургони тасаввуф маълумот медиҳад, бо зикри маноқиби Алӣ ибни Абӯтолиб оғоз мегардад. Ин нукта баъзе муҳаққиқонро бар он водоштааст, ки Хоразмиро аз мазҳаби аҳли ташайюъ муаррифӣ кунанд [186, 288-293].

Бадеуззамон Фурӯзонфар дар муқаддимаи ҷилди аввали «Шарҳи «Маснавӣ»-и шариф» дар робита ба шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор» ва инчунин дар мавриди он ки чаро Хоразмӣ зикри бузургони тасаввуфро аз Алӣ ибни Абӯтолиб (р) оғоз мекунад, менависад: «Мусаннифи ин китоб пеш аз оғози шарҳи «Маснавӣ» даҳ муқаддима дар зикри аҳволи машоихи тариқат ва баёни истилоҳоти сӯфиён ва қисмате аз мабонии ирфон ва тасаввуф тартиб дода, ки бисёр муфид аст, бахусус, муқаддимаи нахустин, ки мутазаммини баёни аҳволи машоихи тасаввуф аст ва оғоз мешавад, аз ҳазрати Амиралмуъминин Алӣ ибни Абӯтолиб (салавотуллоҳу вас аломуҳу алайҳӣ ва ало олиҳӣ, ки сӯфиён санади хирқа ва силсилаи фақрро ба тариқи мутааддид бад-он ҳазрат мунтаҳӣ мешуморанд (ҳарчанд холӣ аз баҳс ва ишкол нест) ва поён мепазирад ба шарҳи ҳоли Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммад, ки «Маснавӣ»-и ӯ мавриди баҳс аст» [276, «ёздаҳ»].

Тайи бахшҳои мазкур Хоразмӣ аз рӯзгори ин мардони бузурги адабу ирфони исломӣ нақлҳо оварда, каромоту мақомоти ононро зикр кардааст. Маноқибҳои мазкур аз ҷиҳати ҳаҷм чандон бузург нестанд ва Хоразмӣ кӯшидааст, ки дар бораи машоих бо овардани як, ду ва се ривояти аз ҷиҳати ҳаҷм начандон калон иктифо кунад.

Аз мақолаи дувум сар карда, то поёни мақолаи даҳум, ки онро метавон қисми дувуми муқаддимаи шарҳи Хоразмӣ ба ҳисоб овард, шореҳ дар бораи мусталаҳоти ирфонӣ маълумоти муфассал ва пурқимат медиҳад. Дар бораи аҳаммияти ин бахши муқаддимаи шарҳ дар пешгуфтори китоби «Шарҳи «Маснавӣ»-и шариф» Бадеуззамон Фурӯзонфар менависад: «Ва низ муқаддимаи дувум, ки дар таъриф ва шарҳи мусталаҳоти сӯфиён аст, аҳаммияте басазо дорад ва барои шиносоии мақомоти риҷоли ин тоифа ва фаҳми мусталаҳоти онҳо яке аз манобеи саршор ва дорои аҳаммияти фаровон аст» [276, «ёздаҳ»].

Пеш аз он ки ба баррасии мақолот пардозем, пешорӯи мо чанд савол қарор мегирад, ки посух гуфтан бар онҳо аз манфиат холӣ намебошад:

1. Чаро шореҳ дар ибтидои кори хеш ба навиштани чунин як муқаддимаи тӯлонӣ ва муфассал иқдом намудааст?

2. Дар сурате, ки муқаддимаи мазкурро метавон ҳамчун як асари алоҳидаи марбут ба ирфону тасаввуф пазируфт, он бо «Маснавии маънавӣ» чӣ иртибот дорад?

Барои ба ин суолҳо посух додан мебояд ҳадафи аслии Мавлоно Ҷалолуддинро аз таълифи ин шоҳасари беназир дар чанд ҳарф хулоса кунем: маълум аст, ки муроди Мавлоно Ҷалолуддин аз баёни сирри нолаи най, ки аз дафтари аввал оғоз шуда ва то поёни дафтари шашум идома меёбад, баёни ҳолоти инсонест, ки аз асли худ ҷудо шуда, бар ин ҷаҳони фонӣ омадааст. Пас, ин нолаи ҷудоии ӯ баргаштан ба ватани аввалии хеш аст, ки танҳо тавассути такомулу тасфияи рӯҳӣ ва расидан ба мақоми камол даст медиҳад, ки онро маърифат меноманд. Хоразмӣ ин маъниро дар муқаддимаи шарҳи хеш чунин баён мекунад: «…Бар орои зоҳираи арбоби улум ва бар нуфуси

тоҳираи кошифони сирри мактум рӯшан ва пайдо ва зоҳиру ҳувайдост, ки мақсуди куллӣ аз офариниши олам ва мақсуди аслӣ аз хилқати бинийати бани одам маърифати зоту сифоти Ҳазрати бечун аст, камо қолуллоҳу таъоло: «Ва мо халақтул ҷинна вал инса илло лияъбудуни» ва камо варада фи-л-аҳодиси-л-қудсийати: Кунту канзан махфиян фааҳбабту ан уърафа фахалақтул халқа лиуърифа ва таҳаббабту илайҳим биниъамӣ фаарафунӣ». Ва ҳар оина, бар саҳоифи замоири худовандони басоир ва асҳоби сароир мунтақаш ва мусаввар ва собиту муқаррар аст, ки камоли маърифати илоҳӣ, ки мақсуди ҳазрати подшоҳӣ аст, аз эҷоди ҷамеи мавҷудоти ҷаҳон ҷуз аз инсон дуруст наёяд, ки оинаи ҷаҳоннамои Ҳақ ва маҳрами хилватсарои ғайби мутлақ…ӯст» [113, 7–8].

Пас маълум мегардад, ки Хоразмӣ барои хонандаи китоби хеш равзанаеро аз рӯзгори бузургони тасаввуф ва маърифати баъзе истилоҳоти ирфон боз кардааст, то василае барои роҳ ёфтан ба олами асрори «Маснавӣ» гардад. Ин маъниро шореҳ дар поёни муқаддимае, ки бар фаслҳои даҳгона навиштааст, баён намуда, таъкид мекунад, ки агар толиби маъонӣ ва румуз ин мақолотро бо диққат хонад, дар дарку фаҳми матлаби «Маснавӣ» ба ҳеч гуна душворӣ бархӯрд намекунад: «Пеш аз шурӯъ ба шарҳи абёт, бар наҳҷи тақдими муқаддамот даҳ мақола эрод кардам то ғавомизи ин баҳри заххорро илтиқоти ҷавоҳири асрор душвор набошад. Ва ба ҳақиқат чунон аст, ки агар толиби кашфи ғавомизи асрор ин мақолотро аз сари таҳқиқ ва истибсор дарёбад, аз ҳиками олия ва ҳақоиқи мутаолия ҳеч чиз бар ӯ пӯшида намонад» [113, 21].

Бояд гуфт, ки зикри маноқиби бузургони тасаввуф, ки Хоразмӣ дар муқаддимаи мақолаи аввал овардааст, чандон муфассал нест, вале бо «Маснавӣ» иртиботи қавӣ дорад. Чунончи, Хоразмӣ дар маноқиби Боязиди Бастомӣ сухан карда, дар мавриди аз пургӯӣ парҳез карданашро чунин баён медорад: «Чун баъзе аҳволи ӯ ҳам дар «Маснавӣ» мастур аст ва дар шарҳ мазкур хоҳад шуд, дар ин боб итноб накардем ва илло:

То қиёмат гар бигӯям ин калом,

Сад қиёмат бигзарад в-ин нотамом» [113, 64].

Пас, маълум мегардад, ки маноқиби Боязиди Бастомӣ ва сӯфияи дигарро Хоразмӣ ба хотири раҳнамоии хонандаи «Маснавӣ» ба шинохти румузу асрори он баён кардааст.

Заминаҳои фикрии шореҳро дар навиштани ин муқаддима ҳадисҳои манқул аз муҳаддис Ҷобир ибни Абдуллоҳ, осори Абӯабдураҳмони Сулламӣ, осори Айнулқуззоти Ҳамадонӣ, «Фусус-ул-ҳикам» ва «Футӯҳоти маккия»-и Муҳйиддин ибни Арабӣ ва садҳо китобҳои дигар ташкил додаанд. Ӯ бо истифода аз сарчашмаҳои мазкур ба натиҷае мерасад, ки машраби Мавлоно Ҷалолуддин бо машраби Ҳазрати Муҳаммад (с) якест. Ӯ силсилаи иртиботи байни анбиё (дар симои ҳазрати Паёмбари акрам (с) ва инсонҳои комилро (дар симои ҳазрати Мавлоно) чунин баён кардааст: «Аз Ҳазрати Хоҷа алайҳиссалом нақл мекунанд, ки гуфт: «Дар уммати ман ҳамеша чиҳил кас бар хулқи Иброҳим (а) бошад ва эшон ва ҳафт кас бар хулқи Мӯсо (а) буванд ва эшон автоданд ва се кас бар хулқи Исо (а) бошанд ва эшон хулафоанд; ва як кас бар хулқи ман бошад ва ӯ қутб аст. Пас эшон ба андозаи маротиби хеш содоти динанд ва салотини мамолики яқин, ки ба баракати эшон борон аз осмон ояд ва бало аз рӯи замин бархезад ва мардум ба воситаи эшон ризқ ёбанд… Ва дар ҳадис омадааст, ки Ҳазрати Илоҳӣ ба файзи фазли номутаноҳӣ миллати исломро дар сари ҳар сад сол ба яке авлиёи Ҳазрати зулҷалол нусрат медиҳад» [113, 13].

Хоразмӣ бар вуҷуди чунин авлиё мӯътақид буда, зикр мекунад, ки «боби вилояти муҳаммадия масдуд нест, балки аз барои ибқои шариат ва эҳёи суннат ба ҳар вақте ва ҳар замоне ва қарне ва овоне Эзид азза шаънуҳу соҳибдиле берун оварад ва саҳифаи дили ӯро лавҳи анвори иктисобӣ ва ладунӣ созад, то гулзори дилҳои бандагони Ҳақ ба оби илму маърифати ӯ torовате ва назорате ёбад» [113, 13]. Зимнан, Хоразмӣ таъкид мекунад, ки баъзе пайравони Шайх Муҳйиддин ибни Арабӣ бар онанд, ки хатми вилояти муҳаммадия ба соҳиби «Фусус-ул-ҳикам» собит аст ва худи Шайх Муҳйиддин низ дар «Футӯҳоти Маккия» ва баъзе ҷойҳои «Фусус-ул-ҳикам»

ошкору ниҳон худро «хотами вилояти муҳаммадия» медонад, вале Хоразмӣ мегӯяд: «Бе ҳеч шубҳа ва райб бар мустакшифони румузи сирри ғайб ва бар худовандони басоир ва абсор, ки дар овони мулоҳизаи ашёъ маъмуранд, ба эътибор, ки «фаътабиру ё улилабсори» (Ҳашр, 2) чун офтоби оламтоб равшан аст ва чун субути нубуввати Ҳазрати расолат мубарҳан, ки Ҳазрати Худовандгор (мурод Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, – Т. С.) кошифи ғавомизи асрор, нӯшандаи каъси ирфон, пӯшандаи либоси ғуфрон, вориди авдияи маъориф, фориди андияи латоиф, сӯхтаи субуҳоти ҷалол, омӯхтаи таҷаллиёти ҷамол, муқарриби ҳазрати малики қайюмӣ, Мавлоно ва шайхино Ҷалолулҳақ ва-д-дин ар-Румӣ қуддисаллоҳу сирруҳу ва авсала илайно би фазлиҳи бирраҳу, агарчи аз машоихи табақот ба ҳасби замон мутааххир аст, аммо аз рӯи улувви дараҷот ва аз ҷиҳати маърифати Ҳазрати аҳадияту-з-зот бар собиқони офоқ фоиқ аст ва қутбулақтоби аҳди хеш ва мазҳари вилояти муҳамадия ва вориси улум ва ахлоқи набавия аст» [113, 14].

Хоразмӣ барои тасдиқи гуфтаҳои хеш овардани далелу бурҳонро лозим намедонад ва мегӯяд, ки агар ин навиштаҳои мухтасари ман ба дарозо намекашид, барои исботи гуфтаҳои хеш ҳазор далел меовардам, вале дар ин миён «Маснавӣ»-ро, ки «ҷомеъи асрори маънавист» далели қотеъ бар гуфтаҳои хеш медонад ва чунин суол мегузорад: «[Назди] худовандони зеҳни ваққод ва соҳибони қареҳаи наққод ва назди толибони содиқ ва муридони муҳаққиқ, ки бо вуҷуди машраби соф соҳиби инсоф бошанд, кадом далел бар ин даъвӣ қотеътар ва кадом бурҳон бар ин маънӣ сотеътар аз китоби «Маснавӣ», ки ҷомеъи асрори маънавӣ аст, хоҳад буд?» [113,15]. Хоразмӣ «Маснавӣ»-ро ба таъбири Ҳазрати Мавлавӣ қуддиса сирруҳу «асли асли дин» ва тавсифи «воситаи кашфи асрори васли яқин», «фиқҳи акбари аҳмадӣ», «шаръи азҳари муҳаммадӣ», «сайқали оинаи ҷон», «воситаи таҷаллии ҷонон», «кошифи ҳақиқии ҳақоиқи Қуръон» васф карда, онро шабеҳи Нили Миср медонад, ки собиронро шароби ъизоб (ширин – Т.С.) ва оли Фиръавн ва кофиронро ҳасрату азоб аст, назири гуфтаи худи Мавлоно дар «Маснавӣ»:

Ҳамчу Қуръон маснавии мо зи дил

Ҳодии баъзеву баъзеро музилл.

Хоразмӣ бар он бовар аст, ки машраби ҷаноби Мавлавӣ бо Ҳазрати паёмбари акрам (с) мувофиқати комил дорад ва ин мисли он ҳолат аст, ки Ҳазрат синаи муборaки худро ба ҷониби Яман кушода, дар мушоҳидаи ҳоли Увайси Қаранӣ «Инни аҷиду нафаса-р-раҳмони мин қибали-л-Ямани» мегуфтанд ва ё монанди он ҳолати Султон Боязиди Бастомӣ аст, ки солҳо пеш аз валодати Шайх Абулҳасани Харақонӣ ба асҳоби хеш сурату сирати ӯро баён фармуда буд:

Комилон аз дур номат бишнаванд,
То ба қаъри пуду торат дарраванд.
Балки пеш аз будани ту солҳо
Дида бошандат туро бо ҳолҳо [13, 4/1800–1801].

Ҳамин тариқ, Хоразмӣ бо овардани ин мисолҳо ба чунин натиҷае мерасад, ки «лоҷарам чун мушоҳидаи Расул (а) Увайси Қараниро буд ва чун дидани султон Боязид Абулҳасанро, ҷаноби Мавлавӣ қуддиса сирруҳу Ҳазрати «қутб-ул-аброр»-и вақти хешанд ва ин сиррест, ки аз собиқаи улфат дар олами рӯҳоният дарак медиҳад» [113, 23].

Муаллифи шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор» ба такрор зикр менамояд, ки овардани мақолоти даҳгона ба унвони раҳкушо ва ё раҳнамои дӯстдорони «Маснавӣ»-и Мавлоно буда, маърифати ин бахш имкон медиҳад, ки хонанда аз афкору ақоиди ҳазрати Мавлавӣ дар «Маснавии маънавӣ» огоҳ гардад.

## Фасли 5. Иртиботи мақолоти даҳгонаи шарҳ бо «Маснавии маънавӣ»

Дар мақолаи нахустини фасли аввали «Ҷавоҳир-ул-асрор» «Фӣ зикри баъзе машоих…», ки ҳаҷми бештарини ин маҷмӯаро дарбар гирифтааст ва дар баёни аҳволи машоих ва бузургони тасаввуф аст, аз масъалаи муносибати мурод бо муршид, мақоми пиру раҳнамо дар тарбия ва раҳнамоии солик

сухан рафтааст. Ин масъала яке аз масоили меҳварии андешаҳои Мавлоно дар «Маснавӣ» низ мебошад, ки дар мавқеи мухталиф ва зимни ҳикоёти гуногун баён гардидааст. Чунончи, Хоразмӣ аз забони Шайх Ҷунайди Бағдодӣ ба суоли «Муридро аз калимоти машоих ва ҳикоёти ишон чӣ фоида?» чунин посух медиҳад: «Тақвияти дил ва суботи қадам бар муҷоҳида ва таҷдиди аҳди талаб. Гуфтанд: Инро мувакkиде аз Қуръон дорӣ? Гуфт: Бале. Ва ин оят бархонд, ки «ва куллан нақуссу алайка мин анбои-р-русули» (Ҳуд, 120). Ва сирри ин сухан он аст, ки иштиғол ба зикри аброр ва илитифот ба мулоҳизаи ахбори ахёр ва истимоъи калимоти рӯҳпазири ишон ба манзалаи дарёфтани суҳбати рӯҳгустари ишон аст, чӣ мурод аз мусоҳибати нафси одамӣ дарёфтани баракати нафаси ӯст. Ва лиҳазо аҳли Қуръонро «аҳлуллоҳ» хонанд ва арбоби ҳадисро «асҳоби набӣ» донанд» [113, 25].

Ба унвони намуна ва нишон додани иртиботи ин андеша лаҳзаеро аз достони «Қалъаи ҳушрабо», ки тайи дафтари шашум дар «Маснавӣ» омадааст, зикр мекунем ва онро бо афкори Хоразмӣ мавриди муқоиса қарор медиҳем: замоне, ки бародарон [соликон] бо ризоияти падар барои сайру саёҳати кишвар мебароянд, падар [пир, муршид, раҳнамо] ононро ҳушдор медиҳад, ки мувофиқи гуфтаи ӯ амал намоянд ва ба он қалъаи мамнӯъ надароянд. Фарзандон ин сухани падарро аз ёд бурданд, дохили он қаъла гардиданд ва дар доми бало гирифтор шуданд. Мавлоно чунин донистакорӣ ва хилофи маслиҳати шахси раҳнамо амал карданро накӯҳиш мекунад ва матлабро аз забони шоҳзодагон зимни гирифтори бало гардидан ва изҳори пушаймонӣ кардани онҳо чунин баён медорад:

Такя бар ақли худу фарҳанги хеш
Будамон, то ин бало омад ба пеш.
Ин сазои он ки тухми ҷаҳл кошт
В-он насиҳатро касоду саҳл дошт.
Эътимоде кард бар тадбири хеш,
Ки барам ман кори худ бо ақл пеш [14, 6/ 3808-3810].

Хоразмӣ таъкид мекунад, ки «агар бечораеро, ки шайхи комил ва пири мукаммил набошад ва шайтон хоҳад, ки дар аснои талаби мушоҳидат ва мубоширати риёзат ва муҷоҳидат ба шубҳате ё ба бидъате роҳи талаби ӯ бизанад, ба калимоти машоих руҷӯъ кунад ва накди воқеаи хеш бар маҳаки баёни шофии эшон занад, то аз тасарруфи васвоси шайтонӣ ва ҳаводиси нафсонӣ халосӣ ёбад ва бар ҷодаи сироти мустақим ва мирсоди дини қавим бозояд, чи дар ин роҳ раҳзанони шаётин-ал-ҷинни вал инс бисёранд, ки чун равандае бе далелу бадрақа равад, ҳарчанд зудтар равад, дар водии ҳалокаш андозанд. Пас толибро аввало воҷиб аст, ки дасти иродат ба домани соҳибдавлате занад то шарафи суҳбати ӯ воситаи найли саодати абадӣ… гардад ва ҳақиқат чунон аст, ки бе васотати суҳбати аҳли камол мушоҳидаи ҷамоли каъбаи висол навъе аз муҳолот аст». [113, 26–27]

Хоразмӣ бо зикри баёни аҳволи машоих ва бузургони тасаввуф, ки онро бо баёни фасле дар аҳволу афкори Мавлоно ва Шамси Табрезӣ ба поён мебарад, таъкид мекунад, ки агар мусоҳибати муршидро наёбед, пас аз суханҳои эшон баҳра ҷӯед. Яъне, чун Мавлоно қутбулақтоб аст, пас сирри каломи ӯ дар суханони авлиёи гузашта ниҳон аст. Хоразмӣ менависад: «Агар мусоҳибати аброр ва муҷолисати ахёр, ки гули бӯстони иқбол ва шамъи шабистони омол ва райҳони чамани рӯҳ ва мифтоҳи хазоини футӯҳ ва воситаи иқди камол ва нигини хотами ҷалоланд, даст надиҳад, ба бӯи висоли эшон аз зикри мақол ва нашри хисоли эшон ғофил набошед, ки сухани диловези он тоифа шаҳди шаккарез аст, фурӯзандаи чароғи басиратҳост ва ороянадаи боғи сариратҳост, райҳони чамани рӯҳ аст, шамъи анҷумани футӯҳ аст, гавҳари дурҷи доноӣ аст, ахтари бурҷи биноӣ аст. Пас ба ҳукми ин муқаддамот дар аввали ин мақолот баъзеро аз авлиёи табақот зикр кардем ва баъзе мақолот ва ҳолоти эшонро овардем ва бо вуҷуди илтизоми ихтисор дар зикри Худовандгор манзури назари қайюмӣ Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ қуддаса сирруҳ навъе баст ҷоиз доштем ва ҳиммат бар кашфи силсилаи Худовандгор ва машоихи хеш гумоштем…» [113, 27].

Ҳамин тариқ, Хоразмӣ дар ин фасл бо овардани мисолҳо ва бо истифода аз оёти қуръонӣ, аҳодиси набавӣ, амсолу ҳикам, абёти «Маснавӣ» ва ҳамчунин ашъори дигари баргузида аз куллиёти Шамси Табрезӣ кӯшиш ба харҷ додааст, ки тариқи камолоти маънавии соликро нишон диҳад, ҳамон солике, ки идомаи тариқ ӯро ба сӯи камолоти маънавӣ мебарад ва ба сурати инсони комили мукаммал табдил медиҳад. Инсони комиле, ки тиҳӣ аз худ гаштаву пур аз дӯст бошад, инсоне, ки муроди Мавлоно низ аз таълифи «Маснавӣ» маҳз ҳамин инсони комил аст. Ин маъниро Хоразмӣ дар ибтидои фасл, пас аз тавсифи халифаи чаҳорум, ки ба асли баёни Аттори Нишопурӣ дар «Тазкират-ул-авлиё» шабоҳат дорад, зимни суолу ҷавоби байни Алӣ ибни Абӯтолиб ва Даълаби Ямонӣ ва бо истифода аз ашъори Мавлоно Ҷалолуддин баён кардааст. Вақте Алӣ ибни Абӯтолиб дар сари минбар сухан мегуфт, Даълаби Ямонӣ суол дод: «Ҳал раъята раббака?». Ҳазрати амир ҷавоб дод, ки ман ҳаргиз напарастидаам Парвардигореро, ки надида бошам.

Гуфт: чӣ гуна дидӣ ё Алӣ?

Гуфт: Ӯро дидаҳо ба мушоҳидаи аён надиданд, аммо дилҳо ба ҳақоиқи айқон дарёфтанд. Ин ба ҳукми «калима-н-носа ало қадри уқулиҳим» дархури фаҳми мухотаб аст. Вагар не, хӯшачини хирмани асрори ӯ, яъне ҳазрати Мавлавӣ қуддиса сирруҳу, мефармояд:

Ҳама ҷамоли ту бинам, чу чашм боз кунам,

Ҳама шароби ту нӯшам, чу лаб фароз кунам.

Ва дар форсии [ғазали – Т.С.] дигар мефармояд:

Агар даме бигузорӣ ҳавову ноаҳлӣ,

Бубинӣ он-ч набӣ диду он-ч дид валӣ.

Худойро чу шиносиву хос банда шавӣ,

Худойро ту бубинӣ ба рағми мӯътазилӣ» [113, 29].

Чунонки ин ҷо мулоҳиза мегардад, байте, ки Хоразмӣ барои тақвияти суханони ҳазрати Алӣ меоварад, қавли Мавлоно Ҷалолуддин буда, байти аввал дар ҷилди чаҳоруми «Куллиёти Шамси Табрезӣ» [21, 4/57] ва абёти сонӣ дар ҷилди шашуми ҳамин чоп [21, 6/291] мастур аст. Азбаски суоли

Даълаб аз рӯи айбҷӯӣ ва нуктагирӣ матраҳ шуда буд ва ӯ пас аз ин ҷавоби ҳазрати Алӣ мунфаил ва пушаймон гардид ва қавл дод, ки дигар аз рӯи айбҷӯӣ ба касе суол намедиҳад. Манзури Хоразмӣ ҳам аз ин суолу ҷавоби Алӣ ва Даълаб баёни он аст, ки чӣ гуна метавон ба мушоҳидаи ҷамоли лоязолӣ шарафёб гардид, «монеаи роҳи мушоҳидаи зоти ҳақ чист?», чӣ кас метавонад ба ин шараф ноил гардад ва баръакс. Хоразмӣ матлабро бо абёти зерин аз дафтари севуми «Маснавӣ» [13, 3/1641] ҳусни ихтитом мебахшад:

Дар ҳадис омад, ки дил ҳамчун парест,
Дар биёбоне асири сарсарест.
Бод ӯро ҳар тараф ронад газоф,
Гаҳ чапу гаҳ рост бо сад ихтилоф.
Ҳар нафас дилро дигар ройе бувад,
Он на аз вай, балки аз ҷойе бувад.
Пас чаро эмин шавӣ бар ройи дил,
Аҳд бандӣ то шавӣ охир хиҷил [113, 29].

Хоразмӣ, пас аз ин, суоли «ҳақиқат чист?»-ро аз забони Кумайл ибни Зиёд, ки дар шумори тобеин қарор дошта, аз асҳоби Алӣ ибни Абӯтолиб буд, баён месозад ва дар зимни он масъалаҳои муҳимми марбут ба маърифати меҳварии «Маснавӣ»-ро бо истифода аз каломи маҷид ва абёти куллиёти Шамс ташреҳ медиҳад. Барои он ки матлаб боз ҳам равшантар гардад, мо муҳтавои пурсу посухи Кумайл ва Алиро (а) мавриди таҳлил қарор медиҳем ва иртиботи онро бо афкори Мавлоно нишон медиҳем.

Дар ин пурсу посух Алӣ ба сифати инсони ба Ҳақ расида ва Кумайл ба сифати солик зуҳур карда, мунтаҳо суоли «маърифати асрори Ҳақ чӣ гуна муяссар мегардад?» ва «Солик бояд чӣ гуна бошад?» дар заминаи афкору андешаи Мавлоно ҳаллу фасл гардидааст. Чунончи, вақте Кумайл суоли фавқро матраҳ мекунад, Алӣ чунин ҷавоб медиҳад: «Туро бо ҳақиқат чӣ кор, ки ҳанӯз худованди дилӣ ва аз мақоми фано ғофилӣ ва маърифати ҳақиқатулҳақоиқро инқитоъ аз алоиқ бояд ва бастаи дили ҷон мушоҳидаи

ҷононро нашояд» [113, 29]. Хоразмӣ бо истифода аз ашъори «Куллиёти Шамс» ин маъниро ба тариқи зерин баён кардааст:

Ақл - банду дил - фиребу ҷон - ҳиҷоб,

Роҳ з-ин ҳар се ниҳон аст, эй писар [21, 3/10].

Барои расидан ба маърифати Ҳақ пас аз касби истеъдод мебояд, ки интизори нури тавфиқ, ҳидоят ва ҷазаботу инояти Худовандӣ буд, зеро гирифтори ақлу бастаи дилу ҷон наметавонад ба асрори маърифат роҳ ёбад. Дар ин сурат, ЧунонкиМавлоно дар «Маснавӣ» мегӯяд, солик монанди барги коҳест, ки тоби бардоштани бори кӯҳро надорад:

Орзӯ мехоҳ, лек андоза хоҳ,

Барнатобад кӯҳро як барги коҳ.

Чун Кумайл гуфт: «На маро соҳиби асрори худ кардаӣ ва ба таҷаллиёти анвори худ навохтаӣ ва ба назари иноят истеъдод додаӣ?». Амиралмуъминин ба ӯ ҷавоб дод, ки солике, ки воқифи асрор аст ва истеъдод касб кардааст, маҳрами асрор аст ва лоиқи истифозаи анвори муршид аст, аммо чун дарёи ботини муршид ба ҷӯш ояд, рашаҳоти он бар қалби қобили солик фоиз гардад». Аммо муҳол аст, ки солик танҳо бо касби истеъдод ба мартабаи дарки ҳақиқат расида тавонад:

Нест шав, то ҳастият аз пай расад,

То ту ҳастӣ, ҳаст, дар ту кай расад?

То нагардӣ маҳв дар зулли фано,

Кай расад исботат аз иззи фано? [113, 30]

Масъалаи дигаре, ки Хоразмӣ дар партави суолу ҷавоби амиралмуъминин Алӣ ва Кумайл матраҳ кардааст, баҳси ақлу илм ва нигоҳ доштани сир аст, ки онро Хоразмӣ ба тариқи зерин матраҳ мекунад. Чун Кумайл зиёдаравӣ кард ва дар мавриди маҳву фано зиёда талаб баён намуд, Амиралмуъминин гуфт: «Маҳви ҳастии мавҳум ва софӣ шудани офтоби маълуми ҳақиқӣ аз ғамоми касрат, яъне аз тариқи илмӣ ба аёнӣ омадан ва узли нури ақл кардан… уруҷ аз ваҳдоният ба олами аҳадият, то солик аз илм ба яқин ояд ва аз гӯш ба оғӯш» [113, 32]. Маълум аст, ки муроди гӯянда аз ин

сухан инкори ақл дар шинохт ва расидан ба мақоми маърифати зоти аҳадият аст, ки чи дар «Куллиёти Шамс» ва чи дар «Маснавӣ»-и мустатоб ин маънӣ ҷойгоҳи хоса дорад. Хоразмӣ барои тақвияти ин андеша аз ғазалиёти Шамс мадад меҷӯяд:

Ақлро маъзул кардему ҳаворо ҳад задем,

К-ин ҷалолат лоиқи ин ақлу ин ахлоқ нест. [21,1/231].

Пӯшида нигоҳ доштани сир ва салтанати он бар ақл ҳам аз шартҳоест, ки роҳнамои солик дар ин тариқ мебошад. Амиралмуъминин ба Кумайл дар ин маврид мегӯяд: «Сирри ту агарчи толиби ҳақиқат аст ва дар вуҷуди он шакке нест, аммо заиф аст, лоҷарам ақл бар ситри он қодир аст ва дил бар ихфои ӯ ғолиб. Ва ту дар ин ҳол соҳиби ҳақиқат ва муҳибби ҳақиқӣ нестӣ, балки олимӣ ориф. Пас, ҳар гоҳ ки сир қавӣ гардад ва салтанати ӯ бар ақл зуҳур ёбад ва нури ақл ба нури сир интимос пазирад, чун нури қамар дар партави зиёи шамс ва ба нури ишқ сири ақл мутаҳаттик шавад, баъд аз он соҳиби ҳақиқат гардӣ. Ва солики роҳи худопарастиро ин мақом мақоми мастӣ аст. Аммо мастии ҳар кас ба қадри истеъдоди ӯст» [113, 32].

Ин масъала, ки мақоми маҳв гаштан дар худ ва зинда шудан дар ҳақ аст, дар таълимоти Мавлоно ҷойгоҳи муҳим дорад ва ҳам дар «Маснавӣ» ва ҳам дар «Девони ғазалиёти Шамс» ба таври васеъ тавсиф шудааст. Мавлоно дар бисёр ҷойҳои «Маснавӣ» дар мавриди китмони сир, ки далолаткунандаи ҳамин маънист, сухан гуфтааст:

Орифон, к-аз ҷоми Ҳақ нӯшидаанд,

Розҳо дониставу пӯшидаанд.

Ҳар киро асрори кор омӯхтанд,

Мӯҳр карданду даҳонаш дӯхтанд [14, 5/2239–2240].

Низ ҷойи дигар:

Сирри ғайб онро сазад омӯхтан,

К-ӯ зи гуфтан лаб тавонад дӯхтан [14, 3/3387].

Гузашта аз ин, Хоразмӣ мехоҳад, бо гузориши чунин суол нишон диҳад, ки дар шинохти зоти Ҳақ ақл кофӣ нест ва бе касби истеъдод ҳам солик наметавонад ба мақоми маърифат расад.

Хоразмӣ ин маъниро бо овардани абёти зерин аз «Куллиёти Шамс» таъйид кардааст:

Гароне намонад дар он ҷову ғайре,

Ки гирад сари маст аз май гаронӣ.

Хушо он замоне, ки ҳар пораи мо

Ба рақс андар ояд, ки «раббӣ сақонӣ!» [21, 7/ 10].

Ба назар мерасад, ки дар суолу ҷавоби Кумайл ва Амиралмуъминин Алӣ (а) дараҷа ба дараҷа сайри такомули солик баён мегардад. Ин аст, ки бо талаби дар ҷавобҳо зиёдат кардани Кумайл ҳазрати Алӣ (а) ба ӯ дар мавриди мақомоти баъдии такомули мурид дар роҳи маърифати ҳақ сухан ронда, дар охир мегӯяд: «баёни илмиро бигзор ва ҳадди ақлиро тарк кун ва нури ақлиро, ки нисбат бо нури Ҳақ чун сироҷ аст, ба нисбат бо офтоб, зоил кун…» [113, 32]. Далели ин матлабро Хоразмӣ аз абёти дафтари севуми «Маснавӣ» ба тариқи зерин баён мекунад:

Ҳамчунин ҷӯёи даргоҳи Худо,

Чун Худо омад, шавад ҷӯянда ло.

Гарчи он васлат бақо андар бақост,

Лек аввал з-он бақо андар фаност.

Сояҳое, ки бувад ҷӯёи нур,

Нест гардад, чун кунад нураш зуҳур.

Ақл кай монад чу бошад парда ӯ,

Куллу шайъин ҳолик илло ваҷ ҳаҳу.

Ҳолик омад пеши ваҷҳаш ҳасту нест,

Ҳастӣ андар нестӣ худ турфаест.

Андар ин маҳзар хирадҳо шуд зи даст,

Чун қалам ин ҷо расида шуд шикаст [13, 3/4658–4663].

Чунонки мушоҳида мегардад, баёни зикри Амиралмуъмини Алӣ ибни Абӯтолиб дар партави суолу ҷавоби эшон бо Даълаби Ямонӣ ва Кумайл сурат гирифта, зимни он масъалаҳои бунёдии тасаввуф, ки дар «Маснавӣ»-и Мавлоно матраҳ гардидааст, баён мешавад. Беҳуда нест, ки Хоразмӣ ин фасли таълифоти хешро, ки ба «баёни иҷмолии каламоти Амиралмуъминин» ихтисос дорад, «шарҳи тамомии китоби «Маснавӣ» бо шарҳаш» [113, 34] медонад ва таъкид мекунад, ки тамоми таълифоти хосони Худованд низ шарҳи ин калимот аст, ки ман баён кардам. Ӯ, бино бар муҳаббату дилбастагии шадиде, ки нисбати Мавлоно аз устод ва раҳнамояш Абулвафои Хоразмӣ гирифта буд, ҳазрати Мавлоно Ҷалолуддинро дар дараҷаи улувви камолот донистааст ва аз ин сабаб, Чунонки худ ҳам таъкид мекунад, «дар шарҳи ҳар калима истишҳод ба абёти ҳазрати Мавлавӣ» кардааст: «Ин аст баёни иҷмолии калимоти ҳазрати Амиралмуъминин ва тамомии китоби «Маснавӣ» бо шарҳаш, балки муаллафоти аввалин ва охирин аз хавосси раббулъоламин шарҳи ин каламот аст. Ва мани банда дар шарҳи ҳар калима аз он ҷиҳат истишҳод ба абёти ҳазрати Мавлавӣ қуддиса сирруҳу кардам, то шаммае аз риёзи камолоти ӯ ба машоми ҷонат расида бошад. Ва ба ҳукми «изо алам тастатеъ амран фадаъҳу» дар зикри ҳазрати Амиралмуъминин каррамаллоҳи ваҷҳаҳу бад-ин қадар иктифо кардем» [113, 34].

Дар миёни бахшҳое, ки ба бузургони тасаввуф ихтисос доранд, фасли «Зикри султонуавлиё вал ақтоб ал муршиду илаллоҳил ваҳҳоб Наҷмулҳақ вад дин Абулҷаноб Аҳмад ибни Умар ал Хайютӣ қуддисаллоҳу сирруҳу ва аъло фил иллийин зикраҳу» [113, 90–106], ки ба маноқиби Шайх Наҷмуддини Кубро бахшида шудааст, ҷойгоҳи ҷудогона дорад. Зеро дар ин бахш, ки бо як «Тамҳид» ва «Муқаддима» дар бораи Мавлоно ва Шамс зикри сухан рафтааст, беш аз ҳама фаслҳои дигар ҷаҳони фикрӣ ва иртиботи рӯҳонии пайравони тариқати Кубравия бо Шамси Табрезӣ ва Мавлоно Ҷалолуддин нишон дода шудааст. Заминаҳои фикрии Камолуддини Хоразмиро дар ин бахш маноқиби Фаредуни Сипаҳсолор, ашъори Абулвафои Хоразмӣ ва оёти қуръонӣ тақвият бахшидаанд. Ин бахш метавонад, дар шинохти рӯзгори

Наҷмуддини Кубро ва иртиботи бархе аз пешвоёни тасаввуфи исломӣ, монанди Бобо Фараҷи Табрезӣ, Аммори Ёсир, Бобо Камоли Ҷундӣ, Шамси Табрезӣ ва Мавлоно Ҷалолуддин маводи тоза пешниҳод намояд. Ҳарчанд бахше аз ин маълумот дар бораи Мавлоно Ҷалолуддин баргирифта, ё баёни бевосита аз маноқиби Сипаҳсолор аст, дар зимни он нуктаҳои ҷолибе низ баён гардидаанд.

Азбаски дар ин бахш сухан дар мавриди Наҷмуддини Кубро муфассал баён гардидааст, Хоразмӣ дар бораи лақаб, каромот, зану фарзанд, шуғл, шаҷараи иродат ва унсу ҳамнишиниҳои ин пешвои тариқати кубравия маълумоти судманд додааст. Чунончи, зимни баёни мақому дараҷаи Наҷмуддин Хоразмӣ менависад: «Ин Шайхи бузургвор ва баргузидаи Ҳазрати Парвардигор бағоят азимушшаън ва рафеъулмақом будааст. Ва анвори вилоят ва осори ҳидояти ӯ машориқ ва мағориби офоқро мунаввар ва музайян сохта. Ва аз касрати зуҳури ғароиб ва бурузи ғароиб бар дасти ӯ машоихи изом алайҳим ризвону-л-малики-л-аллом «Томматулкубро» лақабаш карданд ва гуфтанд: «Қомат алайҳи қиёмату-л-ушшоқ». Ва аз ғояти таъсири назараш «Шайхи валитарош» номаш ниҳоданд» [113, 90].

Бахши охирини мақолаи мазкурро Хоразмӣ «Муқаддима» унвон гузошта, бо баёни маноқиби Шамсуддини Табрезӣ ихтисос додааст. Дар тайи ин муқаддима дар перомуни мақоми Шамсуддини Табрезӣ, такомули рӯҳонии Шамс, бо ишораи Наҷмуддини Кубро барои иршоди Шамс вазифадор гардидани Бобо Камоли Ҷундӣ, муносибати Мавлоно бо Фахруддини Ироқӣ ва бархӯрди Шамс бо Мавлоно Ҷалолуддин сухан рафтааст. Чун бахшҳои пешини мақолати аввал дар ин бахш ҳам Хоразмӣ аз чанд сарчашма баҳра бардоштааст, ки ашъори Абулвафои Хоразмӣ аз ҳамин ҷумла буда, шореҳ зимнан аз ашъори худи Мавлоно ҳам ҷиҳати ташреҳи бархе матлаб суд ҷустааст.

Ҳамин тариқ, дар бахши мазкур Хоразмӣ силсилаи иродати Шамсро ба воситаи Бобо Камоли Ҷандӣ ба Наҷмуддини Кубро мерасонад: «Пас, ҳазрати Худовандгор ҳам аз ҷиҳати волиди шариф ва ҳам аз ҷиҳати шайх

Шамсуддини Табрезӣ муттасил ба ҳазрати қутбулақтоб Наҷмуддин Абулҷанобанд» [113, 105]. Дар иртибот ба ҳамин андеша Хоразмӣ аз саранҷоми рӯзгори Наҷмуддини Кубро ҳодисаи қатли ӯро нақл карда, ба воситаи он андешаи хешро бо байти Мавлоно истинод бахшидааст, ки хеле ҷолиб аст: «Ва машҳур аст, ки ҳазрати қутбулақтоб дар ҳангоми шаҳодат парчами кофареро гирифта буданд. Баъд аз шаҳид шудан даҳ кас аз дасти Шайх натавонист гирифтан. Пас Ҳазрати Мавлавӣ интисоби худро ба ҷаноби Шайх шарҳ бад-ин ваҷҳ медиҳад:

Мо аз он муҳташамонем, ки соғар гиранд,
На аз он муфлисакон, ки бузи лоғар гиранд.
Ба яке даст майи холиси имон нӯшанд,
Ба яке дасти дигар парчами кофар гиранд» [113, 106].

Ин ҳикоят дар «Нафаҳот-ал-унс» бо тағйироти кӯчак зикр шудааст [123, 524–525].

Ҳамин тавр, Хоразмӣ мақолаи аввалро бо зикри ин нукта ба поён мебарад, ки Ҳазрати Мавлоно дар муддати иқомат дар Димишқ ба суҳбати Шайх Муҳйиддини Арабӣ, Шайх Саъдуддини Ҳамавӣ, Усмони Румӣ, орифи комил Авҳадуддини Кирмонӣ ва Шайх Садруддини Қунавиро дарёфтааст ва аз файзи суҳбати онҳо баҳра бардоштааст.

Азбаски муроди Хоразмӣ ҳамчун шореҳ тавассути қавли бузургони тасаввуф замина гузоштан барои маърифатгарони «Маснавӣ» аст, зикри аҳволу ақволи ин бузургон барои шореҳ танҳо баҳона ва беҳтарин роҳест, ки «Маснавӣ»-ро ба маърифатгарон шарҳу тавзеҳ диҳад. Ин маъниро худи Хоразмӣ ҳам дар мавқеи гуногун баён доштааст ва мақолати аввалро бо зикри ҳамин нукта ба тариқи зерин ҷамъбаст кардааст: «Боқии камолоти Ҳазрати Мавлавӣ ҳам дар «Маснавӣ» зимни ҳикоёти авлиё ва каромоти эшон ба зуҳур хоҳад пайваст. Чунонки худ фармудааст:

Хуштар он бошад, ки сирри дилбарон,
Гуфта ояд дар ҳадиси дигарон» [113, 106].

Зикри ин нукта ва бахусус байти мавриди назар нишон медиҳад, ки Хоразмӣ аз муҳтавои пуррамзу рози «Маснавӣ» огоҳ буда, ишора ба он дорад, ки Мавлоно дар зимни ҳикоёту қиссаҳо ба баёни асрори ғайбӣ, ки «сирри дилбарон» номзад шудааст, даст ёфтааст. Байти мазкури «Маснавӣ»-и шарифро, ки баёнгари «камолоти ҳазрати Мавлавӣ зимни ҳикоёти авлиё ва кароматӣ эшон» буда, муҳаққиқони муосири мавлавипажӯҳ мукарраран ба он ишора кардаанд ва ҳатто китобе мусаммо ба «Сирри дилбарон» тадвин низ гардидааст, бори аввал Камолуддини Хоразмӣ ҳамчун далел истифода кардааст.

Ҳамин тариқ, аз баррасии мақолати аввали шарҳи Хоразмӣ метавон ба чунин натиҷа даст ёфт, ки ин мақолаҳо дар сурати алоҳида ба нашр расидан ҳам дорои аҳаммияти муҳиманд, вале онҳо аз осори дигари таълимии дорои ҷанбаи илмии адабиёти сӯфия тафовути назаррас доранд. Зеро дар ҳолате, ки осори дигари сӯфия ба зикри манокибу каромоти авлиё пардохтаанд, бештари санад ва бурҳони ин мақолотро дар «Ҷавоҳир-ул-асрор» суханони Мавлоно ташкил додаанд.

Мақолаи дувум аз мақолоти даҳгонаро Хоразмӣ «Фӣ тафсирил алфозин тадуру байна ҳозиҳи-т-тариқати-л-лазина ороуҳум ҳавла Каъбатил латоифи-т-тоифати» номгузорӣ карда, дар паҳнои он ба шарҳу тафсири истилоҳоти хоси мавриди истифодаи аҳли тасаввуф тахсис додааст. Дар ин бахш ҳудуди 44 истилоҳи ирфонӣ, аз ҷумла вақт, мақом, ҳол, қабзу баст, ҳайбату унс, тавоҷуд ва ваҷду вуҷуд, ҷамъу тафриқа, фано ва бақо, ғайбу ҳузур, завқу шурб, маҳву исбот, сатру таҷаллӣ, муҳозараву мукошафа ва мушоҳада, лавоеҳ, талвин ва тамкин, қурбу бӯъд, нафас, хотир, илмулякину айнулякин ва ҳаққулякин, ворид, шоҳид, нафс, рӯҳ ва сиррвақт, мақом, ҳол, қабзу баст, ҳайбату унс, тавоҷуд ва ваҷду вуҷуд, ҷамъу тафриқа, фано ва бақо, ғайбу ҳузур, завқу шурб, маҳву исбот, сатру таҷаллӣ, муҳозараву мукошафа ва мушоҳада, лавоеҳ, талвин мепардозад, ки ба назари ӯ барои дарку фаҳми «Маснавӣ» зарурӣ мебошанд.

Хоразмӣ ҳангоми таълифи ин фасл ба осори адабию илмии марбут ба ирфону фалсафа такя намуда, аз ғазалиёти Девони Шамси Табрезӣ, абёти «Маснавии маънавӣ», рубоиёти Абулвафои Хоразмӣ, ашъори худ, ки бо зикри «лӣ муаллифӣ» мушаххас намудааст ва махсусан аз «Рисолаи Қушайрия», «Кашф-ул-маҳҷуб» ва аз оёту аҳодис баҳра бардоштааст.

Мақолати севум «Фӣ табоюни машориби арбоби-л-ҳол ва табоъуди маротиби асҳоби-л-камол» («Дар баёни машраби арбоби ҳол ва мартабаи волои асҳоби камол») ном дошта, дар он Хоразмӣ дар бораи ихтилофи байни тоифаи арбоби завқу қулуб ва толибони мушоҳидаи ҷамоли Ҳақ дар идроки маърифати Ҳақ сухан рондааст.

Мақолаи севум нисбат ба мақолоти пешина ҳаҷман калон нест ва шореҳ барои баёни аҳволи ҳар тоифае бо ибораи «ва тоифае», «ва тоифаи дигар» ба шарҳи ихтилофот мепардозад. Аммо, дар ин мақола «ихтилоф» на ба маънои зиддияти байни гурӯҳҳо ва ё тоифаҳо аст, балки ба маънои гуногунии алфоз дар кашфи ҳақиқати зот мавриди назар аст. Хоразмӣ дар ин мақола бештар ба ашъори ирфонии Шайх Аттор, Фахриддини Ироқӣ, ғазалиёти Мавлоно, «Маснавӣ», ашъори шоири араб Лабид ишора кардааст, ки дар ин миён ашъори худи ӯ низ ҳаст. Ва бояд гуфт, ки агар дар мақолоти аввал аз сурудаҳои худ танҳо байтҳои алоҳида овардааст.

Пас аз баррасии кӯтоҳи ин боби марбут ба аҳволи арбоби қулуб Хоразмӣ ба натиҷаи муҳиме мерасад, ки ихтилоф дар сухани арбоби қулуб танҳо дар лафз аст ва дар маънӣ онҳо якеанд: «Ва ин ихтилоф дар аҳвол аст, на дар маонӣ, чунонки ихтилофи сулуки соликон дар сурати равиш аст, на дар таваҷҷуҳи рӯҳонӣ» [113, 128] ва поёни роҳи ҳама тоифа якест.

Мақолати чаҳорум «Фӣ ҳазароти-з-зотияти ва баъзи-л-мартабати-л-куллияти» ном дошта, дар тайи он дар бораи ҳазароти хамс, шинохти маротиби илоҳӣ, инсони комил ва ташбеҳи офариниш ба ҳуруфи олиёт, олами аъёни собита ва асмои сифоти илоҳӣ баёни андеша мекунад ва ба ин восита ба шарҳи порае аз абёти «Маснавӣ» мепардозад. Ин бахш ба масъалаҳои муҳимми ирфонӣ бахшида шудааст. Иқтибосу ишороте, ки дар

мақолаи мазкур ба китобу рисолоти Ибни Арабӣ ва Садруддини Қунавӣ мекунад, ба андешаҳо ва орои Ибни Арабӣ шабоҳати зиёд дорад ва аз он гувоҳӣ медиҳад, ки шореҳ дар тариқати маърифати илоҳӣ пайрави мактаби ирфонии Шайхи акбар Муҳйиддин ибни Арабӣ будааст. Хоразмӣ монандиҳои байни ақволи Ибни Арабӣ ва Мавлоноро ҳосили улфат ва ҳамнишинии байни онҳо медонад ва мӯътақид аст, ки Мавлоно Ҷалолуддин замони дар Димишқ таҳсил кардан ба суҳбати сӯфиёни бузурги замон, аз ҷумла, Ибни Арабӣ расида ва байни онҳо асрору ҳақоиқи ирфонӣ баррасӣ гардидааст [113, 106].

Боиси таъкид аст, ки аксари муҳаққиқони муосири мавлавишинос дар масъалаи иртиботи фикрии Ибни Арабӣ ва Мавлоно Ҷалолуддин назари манфӣ доранд ва бар онанд, ки назариёти Ибни Арабӣ ҳеҷ гуна робита бо таълимоти ирфонии Мавлоно надорад. Аз ин рӯ, онҳо шарҳҳои асримиёнагиро, ки дар он шореҳон «Маснавӣ»-ро аксаран аз зовияи ҷаҳоншиносии Ибни Арабӣ тафсир кардаанд, қобили таваҷҷуҳ намедонанд ва як навъ камбудии тамоми шарҳҳо маънидод мекунанд [315,133].

Аммо, ба назари мо, шабоҳати андешаҳои Ибни Арабиро бо наҳваи тафаккури Мавлоно куллан наметавон инкор намуд. Ин маъниро устод Зарринкӯб низ дар «Сирри най» таъкид намудааст [159, 1/488].

Ба назари мо, Камолуддини Хоразмӣ дар ин мақола бо асноди собит шабоҳат ва пайванди фикрии Ибни Арабӣ ва Садруддини Қунавиро бо Мавлоно Ҷалолуддин нишон додааст, ки ҳеҷ тардиде наметавонад дар асолати андешаи ӯ бошад. Чунончи, дар мавриди он ки вуқӯи ихтилоф дар маърифати асҳоби ҳол сабаби ихтилоф дар маърифати Ҳақ нест ва низ дар мавриди исботи вуҷуди Ҳақ Хоразмӣ ба сарчашмаи андешаи хеш, ки бешубҳа «Фусус-ул-ҳикам»-и Ибни Арабӣ аст, бо ибораи «чунонки Шайх қуддисаллоҳу сирраҳу (мурод Ибни Арабӣ аст, – Т.С.) дар фасси ҳикмати аҳадият оварда аст» равшан ишора мекунад [113, 132].

Хоразмӣ дар фасли мазкур истилоҳоти зиёди ирфонии марбут ба мартабаҳои шинохти Ҳақ, аз қабили лавҳи қадар ва лавҳи маҳфуз, лавҳи маҳв

ва исбот, мартабаи исми қобил, мартабаи исми фоил, ақли муҷаррад, исми алим ва муфаззал, нафси муҷаррада, мартабаи инсони комилро дар робита бо афкори Мавлоно шарҳ медиҳад. Баҳсҳо дар мавриди ақлу ишқ, ваҳдат дар гуногунандешӣ, инсони комил, сирри ҳуруф ва ғайра, ки дар партави абёти «Маснавӣ» [113, 133 ва 137], ғазалиёти Шамс [113, 135], ашъори Ироқӣ [113, 141], «Футӯҳоти Маккия»-и Ибни Арабӣ [113, 132,133 ва 140], «Эъҷоз-ул-баён»-и Қунавӣ [113, 131, 132 ва 140], рубоиёти Абулвафо [113, 129] ва ашъори фаровони Хоқонӣ [113, 129,131, 137] мавриди шарҳу тафсир қарор гирифтаанд, симои Хоразмиро чун донандаи хуби афкори сӯфия ҷилва медиҳад.

Азбаски мақулаи инсони комил ва мақоми он дар «Маснавии маънавӣ» ҷойгоҳе бунёдӣ дорад, мақолаи шашуми «Ҷавоҳир-ул-асрор» «Фил аволими ва ҳазаротил мусаммоти бил маҷоли вал матолиъи вал минассот» дар маънии олам ва инсон, ки «ҳар фарде аз афроди олам оламест куллӣ, ки долл аст бар ҷамеи асмо» [113, 149] баҳс мекунад.

Дар тайи ин фасл, ки баҳс дар ирфони назарӣ аст, Хоразмӣ андешаҳои хешро бо қавли яке аз шореҳони бузурги «Фусус-ул-ҳикам»-и Ибни Арабӣ – муаллифи китоби «Хусус-ут-такаллум фи маъонии «Фусус-ул-ҳикам» Шайх Шарафуддин Довуди Қайсарӣ [ваф. 751 ҳ.қ.], ки аз орифони маъруфи қарни XIV мелодӣ мебошад, ҷамъбаст кардааст. Шуҳрати Қайсарӣ бештар барои шарҳест, ки бар «Фусус-ул-ҳикам» карда ва муқаддимае бар 12 фасл роҷеъ ба масъалаҳои ирфону тасаввуф бар он афзудааст.

Дар барои «Муқаддимаи Қайсарӣ» доктор Сайид Ҷалолуддини Оштиёнӣ китобе таълиф карда, муҳтавои онро мавриди баррасӣ қарор додааст [236]. Чунин ба назар мерасад, ки Хоразмӣ сохтори муқаддимаи шарҳи хешро аз ҳамин асар баргузида ва бар оғози шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор» мақолоти даҳгонаи мазкурро афзудааст.

Мақолаи ҳафтум «Фӣ кашфи сирри-л-бадви вал иҷоди ва баёни-т-туруқи-л- мабдаъи вал маоди» мантиқан идомаи мақолати шашум буда, ҳаҷман калон нест [113, 153–159] ва дар он дар хусуси он ки «кулли олам

сурати илм ва мазҳари ҳазрати маъбуд аст ва Ӯ субҳонаҳу муҳити ҷамеъ» [113, 153] сухан рафтааст. Дар паҳнои ин баррасиҳо низ Хоразмӣ аз «Маснавии маънавӣ» барои тақвияти афкори хеш истинод меҷӯяд ва ба ин васила иртиботи румузи фасли мазкурро бо «Маснавӣ» нишон медиҳад.

Азбаски ин фасл низ монанди фасли пешина ба масъалаҳои сирф ирфонӣ бахшида шудааст, Хоразмӣ андешаҳои хешро дар бораи мабдаъ ва маод бо зикри порае аз маълумоти «Мирсод-ул-ибод»-и Наҷми Розӣ ва «Фусус-ул-ҳикам»-и Ибни Арабӣ [113, 155–156] асоснок кардааст.

Мақолаи ҳаштум «Фи-т-танбиҳи ало ҳақиқати-р-рӯҳул аъзами ва асмоиҳи фил олами инсонийи би эътибори мартабатин минал маротиби ва мулоҳазати маъно минал маъони» фарогири баҳси ҳақиқати рӯҳ, асрори асмо ва сифот, иртиботи рӯҳ ва ҷисм, рӯҳи инсонӣ ва рӯҳи мутлақ, олами сағир ва олами кабир, таҷаллии рӯҳи мутлақ дар мазоҳири ашё ва инсон, инсони комил ва ғ. буда, бештар дар заминаи мулоҳизарониҳои муаллифи шарҳ ва баҳрабардориҳои ӯ аз ашъори Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, Хоқонии Шарвонӣ ва бархе осори ирфонии бузургони тасаввуф таҳрир шудааст. Дар муқоиса бо мақолоти панҷуму шашум ва ҳафтум мақолаи ҳаштум бо сабки баёни бисёр содда ва шево (агар иқтибосоти китобҳои илмии ирфониро, ки дар ду маврид омадааст, ба назар нагирем, – Т.С.) мутамоиз буда, дар маҷмӯъ онро метавон ба унвони баҳси рӯҳи аъзами инсонӣ ва такомули он, нафс ва инсон дар «Маснавӣ» муаррифӣ намуд.

Дар байни мақолоти даҳгонаи шарҳи Хоразмӣ мақолаи даҳум, ки аз ҷиҳати тартиб охирин мақолаи ин муқаддимаи муфассал аст, ба масъалаи ишқ бахшида шудааст, ҷойгоҳи хоса дорад, зеро мақулаи ишқ, ки аз масоили меҳварии тасаввуфи исломӣ аст, дар ин мақола хеле муфассал ва аз дидгоҳи аҳли ирфон мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтааст.

Ин мақола «Фӣ ҳақиқатил муҳаббати ва ақсомиҳо ва зуҳури натоиҷиҳо лӣ ақвомиҳо» унвонгузорӣ шуда, дар қиёс бо мақолоти дигари даҳгона бо забони бисёр зебои шоирона ва бо истифодаи калимаю ибороти хушоҳанг

рӯи саҳфа омадааст. Шореҳ бо каломи зебо сухан аз ҳақиқати ишқ мекушояд ва ин мақуларо бо калимоту ибороти шоирона ва мусаҷҷаъ тавзеҳ медиҳад.

Пас баҳсу баррасии матолибе, ки тайи фаслҳои даҳгона баён мегардад, метавон ба чунин натиҷаҳо дастрасӣ пайдо кард:

1. Муқаддимаи мазкур барои нафаре, ки мехоҳад, бо «Маснавии маънавӣ» унсу иродат пайдо кунад, раҳнамои хубе буда метавонад. Зеро дар паҳнои он тамоми рамзу истиорот ва муҳимтарин аркони тасаввуфи исломӣ, ки бинои андешаи Мавлоно Ҷалолуддин дар таълифи «Маснавӣ» бар он гузошта шудааст, баён гардидааст.

2. Муқаддимаи мазкур шомили нуктаҳои муҳимми тарҷумаиҳолӣ дар мавриди зиндагиномаи Хоразмӣ мебошад.

3. Аз ин муқаддима метавон ба унвони як навъ рисолаи марбут ба ирфон ва сайри такомули афкори ирфонӣ, шинохти шахсиятҳои барҷастаи олами ирфон ва ғ. баҳра бардошт. Аз ин рӯ, онро метавон чу як рисолаи алоҳидаи ирфонӣ мавриди омӯзиш қарор дод.

4. Табиист, ки ба вуҷуд омадани чунин як асари ирфонии комиле бе замина буда наметавонад. Аз ишороти Камолуддини Хоразмӣ ва инчунин мушоҳидаҳои шахсии соҳиби рисола аён гардид, ки шореҳ ҳангоми таълифи муқаддимаи мазкур ба муҳимтарин китобҳои роҷеъ ба ирфони исломӣ таваҷҷуҳ дошта, аз онҳо иқтибос ва истифода мекунад. Китобҳои «Футӯҳоти Маккия» ва «Фусус-ул-ҳикам»-и Ибни Арабӣ, «Ал-лумаъ фит тасаввуф»-и Абӯнасри Сарроҷ, «Табақот-ус-сӯфия»-и Абӯабдураҳмони Сулламӣ, «Рисолаи Қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ, «Ат-таарруф»-и Абӯбакри Калободӣ, «Тазкират-ул-авлиё»-и Шайх Аттор, «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Усмони Ҳуҷвирӣ, «Мирсод-ул-ибод»-и Наҷмуддини Розӣ, «Эҳёу улум»-и Имом Ғаззолӣ, Рисолаи Фаредуни Сипаҳсолор ва ғ. номгӯи ками осоре мебошанд, ки Хоразмӣ аз онҳо истифода намудааст. Соҳиби рисола дар ин мавзӯъ ба таври алоҳида дар бахши «Сарчашмаҳои шарҳ» муфассал ва бо далелҳо изҳори андеша кардааст.

5. Муқаддимаи мазкур баъдан ҳамчун манбаи боэътимоди шинохти рӯзгору афкори Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ аз тарафи суханварони бузурге чун Абдураҳмони Ҷомӣ мавриди истифодаи бевосита қарор гирифтааст. Дар рисола мавзӯи мазкур бо мисолҳои мушаххас баррасӣ гардидааст.

6. Муқаддимаи мазкур бо унвони муҳимтарин сарчашмаи омӯзиши орову афкор ва маноқиби бузургони тасаввуф дорои аҳаммияти муҳим аст.

7. Муқаддимаи мазкур баёнгари мақому манзалат ва ҷойгоҳи Ҳусайни Хоразмӣ дар маърифати ирфони исломӣ мебошад.

## Фасли 6. Равишҳои шарҳи «Маснавӣ» дар «Ҷавоҳир-ул-асрор»

Ҳар як шореҳ дар ҷараёни фаъолияти хеш роҳ ва аслеро ҷустуҷӯ мекунад, ки битавонад тавассути он ҷавҳари каломи мавриди ташреҳро ба хонанда бирасонад. Маҳз чигунагии расонидани маънии матлуби ҳикоёту достонҳои «Маснавӣ», ки дар маҷмӯъ онро метавон бо унвони паёми Мавлоно ба хонандагон пазируфт, аз муҳимтарин нукоте мебошад, ки фазилати кори шореҳро бозгӯ мекунад.

Камолуддини Хоразмӣ чун аввалин шореҳи «Маснавӣ» буд, дар ин раҳгузор назди худ таҷрибаи тайёр надошт ва роҳкушои нахустин буд. Бино бар ин, роҳу асли шарҳ ва тафсири ӯ ба унвони нахустин таҷрибаи шарҳнигорӣ бар «Маснавӣ» мавриди таваҷҷуҳи шореҳони пасин низ қарор гирифтааст.

Маълум аст, ки дар бораи нахустин байти «Маснавӣ» ва хосатан шарҳи истилоҳи «най» шореҳони асримиёнагӣ зиёд сухан гуфтаанд. Бешак, Хоразмӣ аввалин касест, ки се маънии ин истилоҳро зикр мекунад:

– мурод аз най шайхи комил ва пири мукаммил аст;

– қалам аст дар дасти котиб, ки аз юмни таслим воситаи таълим гаштааст;

– қалами вуҷуди Муҳаммадӣ, ки воситаи зуҳури сирри мактум ва робитаи таълими улум аст.

Шореҳ ваҷҳи ҳар яке аз ин монандиҳоро баён дошта, андешаҳои хешро бо оёти қуръонӣ асоснок мекунад. Чунончи, дар маънии аввал мегӯяд: «Шайхи комил ва пири мукаммил ба қироат маъмур аст ва аз бидояти фитрат, ки мабдаъ аст, хабар медиҳад. Камо қолаллоҳу таоло «Иқраъ биисми Раббикаллази халақ, халақал инсона мин алақ» [сураи 96, Алақ, оятҳои 1 ва 2].

Ва ӯ дар мақоми нафйи вуҷуди башарият ва рафъи қуюди анонийат монанди най аст ва дар тахти тасарруфи нойӣ… [113, 351].

Дар мавриди тамсили «най» ба қалам низ ишора ба ояти «иқраъ ва раббукал акрамуллази аллама бил қалам, ъалламал инсона мо лам яълам» [сураи 96, Алақ, оятҳои 3, 4ва 5] ва ҳадиси мубораки «аввалу мо халақаллоҳу рӯҳӣ ва авалу мо халақаллоҳуул» қалам кардааст.

Шореҳ муроди Мавлоноро аз «найистон» – «найистони олами илоҳӣ» ва аз «марду зан» – уқулу нуфус, ки аз ватани аслӣ ҷудо шудаанд, таъвил намудааст. Барои хонандаи закӣ равшан аст, ки Мавлоно Ҷомӣ низ дар рисолаи «Ноия» ҳамин маъниро ба риштаи назм кашидааст ва бино бар бо назм баён шуданаш он мавриди таваҷҷуҳи аҳли шарҳ қарор гирифтааст.

Муаллифи ин рисола дар натиҷаи таҳқиқ ба натиҷае расид, ки ба шарҳи Камолуддини Хоразмӣ дар давоми қарнҳо шореҳони зиёде таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Рӯйкарди шореҳон ба шарҳи Камолуддини Хоразмӣ аз Муҳаммадризои Лоҳурӣ – соҳиби «Мукошифоти разавӣ» оғоз гардидааст ва Муҳаммадризо на танҳо бо ёрии бозёфтҳои Хоразмӣ андешаҳои худро тақвият мебахшад, балки дар мавриди зиёд айнан, гоҳе муфассал ва гоҳо мухтасаран аз шарҳи Хоразмӣ бардошт мекунад. Чунончи, ин ҷо ба чанд нукта ишора мекунем: Чунонки қаблан ҳам таъкид карда будем, Камолуддини Хоразмӣ аввалин касест, ки абёти «Маснавӣ»-ро бо истифода аз ашъори Хоқонии Шарвонӣ шарҳ додааст. Ҳамин шеваи кори Хоразмиро, ки яке аз шеваҳои махсуси фаъолияти ӯст, соҳиби «Мукошифоти разавӣ» бе ҳеч гуна дудилагӣ мепазирад ва ҷо-ҷо дар ташреҳи баъзе аз матлаб аз шеъри Хоқонӣ мадад ҷуста, сухани худро бо қавли Хоқонӣ таъйид мебахшад. Ин

нукта аз дилбастагӣ ва огоҳии Камолуддини Хоразмӣ аз ашъори Хоқонӣ гувоҳӣ медиҳад, аммо, вақте айни ҳамин матлабро дар гузориши Муҳаммадризо ба мушоҳида мегирем, бешубҳа, онро натиҷаи таваҷҷуҳ ва баҳрабардориҳои соҳиби «Мукошифоти разавӣ» аз шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор» донистан ба мақсад мувофиқ аст. Муҳаммадризо на танҳо аз шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор», балки аз таълифоти дигари Камолуддини Хоразмӣ, махсусан, ашъори ӯ баҳраҳо бардоштааст. Чунончи, дар шарҳу тафсири байти «Хоҷаро мол асту солаш айбпӯш, Хоҷа дар ғайб асту ғарқа то ба гӯш»[13, 1/2349] бо таъбири «азизе аз қудамо» як байт оварда менависад: «Дар ин модеҳ азизе аз қудамо хуб гуфта:

Ба сони субҳ, ки чизе надошт, козиб буд,

Чу қурси зар ба каф овард, рафту содиқ шуд» [58, 186].

Ин байт дар «Ҷавоҳир-ул-асрор» бо андаке тағйирот чунин омадааст:

Ба сони субҳ, ки чизе надошт, козиб буд,

Чу қурси зар ба каф овард, содиқаш хонанд [113, 613].

Азбаски дар шарҳи Хоразмӣ байти мазкур бо ишораи «лӣ муаллифӣ» мушаххас карда шудаааст, ба моли Хоразмӣ будани он шубҳае намемонад. Аз ин ҷо метавон ба натиҷаи дигаре низ даст ёфт: мо зимни баррасии иҷмолии шарҳи Муҳаммадризо таъкид карда будем, ки шореҳ чанде аз шореҳонро бо калимоти «азизе гуфта», «шореҳе навишта» ва ғ. ишора кардааст, ки шахсияти онон ба мо маълум нашуд. Аммо санади болоӣ нишон медиҳад, ки Муҳаммадризо баробари он ки бо таъбири «Хоҷа Ҳусайни Хоразмӣ мегӯяд...» [58, 398] ба муаллифи «Ҷавоҳир-ул-асрор» дақиқан ишора мекунад, вале боз ҳам аз таъбири «азизе аз қудамо» маҳз Хоразмиро дар назар дошта будааст, ба ин далел, ки шарҳи Хоразмӣ қадимитарин шарҳи «Маснавӣ» мебошад.

Низ зимни тавзеҳи байти маъруфи «Бо лаби дамсози худ гар ҷуфтаме, // Ҳамчу най ман гуфтаниҳо гуфтаме» [13 ,1/27] байти зеринро овардааст:

Туро ба Қоф, ки ҳаргиз набудааст гузар,

Зи мо ҳикояти анқо куҷо кунӣ бовар.

Ин байт низ дар «Ҷавоҳир-ул-асрор» ба ҳамин тарз зикр шудааст [113, 384], вале интисобаш ба нафаре аз суханварон маълум нашуд.

Барои нишон додани баҳрабардориҳои Муҳамадризо аз шарҳи Хоразмӣ ва инчунин тавассути асари мазкур аз ашъори Хоқонии Шарвонӣ баҳраҷӯӣ кардани ӯ чанд санадро зикр менамоем:

Дар байти зер Муҳаммадризо ваҷҳи хитоби Мавлоно ба лафзи «эй писар»-ро чунин баён мекунад:

«Банд бигсил, бош озод, эй писар,

Чанд бошӣ банди симу банди зар.

Ва ба лафзи «писар» хитоб кардани мушъир бад-он аст, ки дар банди симу зар будан мартабаи туфулият аст:

Мард аз пайи симу зар напӯяд,

Тифл аст, ки сурху зард ҷӯяд» [58, 8].

Мурур ба ашъори Хоқонӣ нишон медиҳад, ки байти охирин моли ин шоири шарвонӣ буда, дар «Туҳфат-ул-ироқайн» ба сурати зер омадааст:

Мард аз пайи лаълу зар напӯяд,

Тифл аст, ки зарду сурх ҷӯяд [117, 17]

Хоразмӣ дар «Ҷавоҳир-ул-асрор» байти мазкури Мавлоноро бо воситаи абёти дигари Хоқонӣ шарҳ дода бошад ҳам, Муҳаммадризо маъниро аз Хоразмӣ айнан гирифтааст.

Хоразмӣ мегӯяд: «Лоҷарам бар толиби ошиқ ва муриди содиқ воҷиб аст, ки чун қадам дар роҳи талаб ниҳад, аввал банди тааллуқот бигсалад, ки гуфтаанд: Дар банди ҳар чи бошӣ, бандаи он бошӣ... Ва ба лафзи «писар» хитоб карда, то маълум шавад, ки дар банди симу зар будан мақоми туфулият аст...» [113, 374].

Муҳаммадризо чунин бардошт кардааст: «Ишорат мекунад, ки чун муриди содиқ хоҳад ки қадам дар роҳи талаб бардорад ва аз мартабаи хомӣ бароят ва пухта шавад, аввал банди тааллуқот бигсалад, ки гуфтаанд: Дар банди ҳарчӣ бошӣ, бандаи он бошӣ» [58, 8]. Чунонки дида мешавад, ин ду

порча ба ҳам мушобеҳати том дошта, аввалӣ нисбатан муфассал ва дувумӣ мухтасар баён шудааст.

Аз муқоисаи ин санадҳо ба сароҳат маълум мегардад, ки Муҳаммадризо ҳангоми гузориши «Маснавӣ» шарҳи Хоразмиро мавриди мутолиа қарор дода ва назароти ӯро истифода кардааст. Аммо бояд гуфт, ҳарчанд бардоштҳои Муҳаммадризо як навъ, тариқи ихтисор сурат гирифтаанд, дар маҷмӯъ баёнгари ҳамон андешаҳои Хоразмӣ ҳастанд ва шаҳодат бар он медиҳад, ки Муҳаммадризо ба Хоразмӣ иродати хос дошта ва ӯро дар чанд мавриди дигар бо ишораи «Хоҷа Ҳусайни Хоразмӣ» низ ёд кардааст. Чунончи, зимни шарҳи байти:

Сад ҳазорон бор бибридам умед,

Аз кӣ? Аз Шамс. Ин шумо бовар кунед? [21, 2/1112].

«Хоҷа Ҳусайни Хоразмӣ мегӯяд, ки истифҳом бар сабили инкор аст, яъне бовар макунед...» [58, 389].

Чунин баҳрабардориҳои Муҳаммадризоро дар шарҳи мазкур метавон зиёд ба мушоҳида гирифт, ки барои тақвияти андешаҳои хеш ба мисоли зерин таваҷҷуҳ менамоем:

Эй давои нахвату номуси мо,

Эй ту Афлотуну Ҷолинуси мо.

Хоразмӣ менависад: «Дар ин ду байт баъзеро аз осори ишқ баён мекунад, ки бисёре аз разоил ва уюб аз амрози муҳликаи ғиюб аст, ба воситаи ишқ дафъ мешавад. Ва баъзеро аз асли он сифоти замима, ки нахват ва номус аст, ба тасреҳ зикр кард, то мазийати ин ду бар соири разоил зоҳир гардад. Чӣ кибру нахват ва ҷалолату азамат, мунозиат дар радди ӯ аз дари ҳазрати Кирдугор аст ва ҳеч аҳадеро дар азамату кибриёи Эзид таоло мунозаат нарасад. Ва аввал касе, ки нахват варзид, Иблис буд. Чунонки гуфт: «Халақтанӣ мин нори ва халақтаҳумин тин». Одам дар судури ҷарима масканат варзид ва хештан муқассир дид, ки «Раббано, залламно анфусано», лоҷарам сазовори сарири иҷтибо ва лоиқи тоҷи истифо гашт. Ва Иблис дар хилофи фармон ба уҷбу ғурур пеш омад, лоҷарам доғи «инна алайка лаънати

ило явмиддин» мӯҳри пешонии ӯ омад. Ва бештари офот аз роҳи номус бархезад.

Чунонки мефармояд, қуддиса сирруҳу:

Кард Ҳақ номусро сад ман ҳадид,

Эй басо баста, ки ҳабли нопадид.

Ва авваласари ишқи маҷозӣ он аст, ки аз ин ду банди муҳкам халосӣ диҳад, Чунонки мушоҳида меафтад, ки подшоҳе гоҳе аз раҳгузари ишқ ғуломии ғуломе ихтиёр мекунад. Ва кошифи ин роз қиссаи Маҳмуд ва Аёз аст. Шеър:

Ҳазор гуна ҷунун арчи кард он Маҷнун,

Ҳазор шайд баровард он гузин шайдо.

Чу ишқи чеҳраи Лайлӣ бар он ҳама арзид,

Бибин чӣ арзад асро биабдиҳи Лайло» [113, 379–380].

Муҳаммадризо ин матлаброро тариқи ихтисор чунин бармедорад: «Дар ин ду байт танбеҳ аст ба ин ки бисёре аз разоил ва уюби нафс, ки амрози муҳликаи қулуб аст, ба воситаи ишқ дафъ мешавад ва баъзе аз аҳволи он сифоти замима, ки нахват ва номус бошад, сареҳ зикр кардаанд, то мазиди қубҳи он зоҳир шавад, зеро ки аввал касе, ки нахват варзид, Иблис буд, ки мардуд шуд. Ва бештари офот аз номус хезад. Ва аввал асари ишқ, хоҳ ҳақиқӣ бошад, хоҳ маҷозӣ, он аст, ки аз ин ду банди муҳкам худро халос созад ва подшоҳиро бар ғуломӣ ифтихор бахшад.

Агарчи қисса дароз аст, анмузҷе аз он ҳикояти Маҳмуд ва Аёз аст.» [58, 9].

Чунонки мушоҳида мегардад, ин ҷо бунёди андешаи Муҳаммадризоро гузориши Хоразмӣ ташкил додааст. Муҳаммадризо гузориши Хоразмиро тариқи хулоса, дар ҳадди ихтисор ва бо андаке тағйирот нақл кардааст, вале абёти шоҳид ва пораҳои оёти каломи раббониро, ки Хоразмӣ ҷиҳати истишҳод нақл карда ва аз муҳимтарин хусусияти сабкии шарҳи мазкур ҳам ҳаст, сарфи назар намудааст.

Баҳраҷӯиҳои Муҳаммадризо аз «Ҷавоҳир-ул-асрор» танҳо бо овардани шарҳи маънии абёт ва ё зикри ашъори Хоқонӣ маҳдуд намегардад. Муҳаммадризо дар баъзе маврид аз фаро гирифтани ҳикоя, қисса ва ривоёте, ки Хоразмӣ аз сарчашмаҳои дигар нақл кардааст, парҳез намекунад. Чунончи, дар шарҳи байти зер аз дафтари аввали «Маснавӣ»:

Баҳри ин фармуд раҳмон, эй писар,

«Кулла явмин ҳува фи шон», эй писар [13, 1/1821].

Муҳаммадризо ин ҷо ду нақлро меоварад, ки маъхази яке аз онҳо шарҳи Хоразмӣ аст. Ӯ менависад: «Аз Ибни Утба манқул аст, ки даҳр дар ҳазрати илоҳӣ ду рӯз аст: яке рӯзи тамоми муддати дунё. Ва шаъни Худованд дар рӯзи дунё амру наҳй ва имомат ва эҳё ва манъ ва атост. Ва рӯзи дувум рӯзи қиёмат. Ва шаъни раббуларбоб дар он рӯз ҷазо ва ҳисоб. Ба эътиқоди ин зарраи саргардон ҳадиси «ман истиво явмоҳу ва ҳува мағбуну» ишора ба ҳамин ду рӯз мекунад, яъне, охират бар дунё ғолиб бошад. Оварданд, ки яке аз мулук вазири худро аз шуюни илоҳӣ пурсид. Вазир муҳлат хост ва ба хона ғамгин омад. Ғуломи сиёҳе дошт, асари малол дар ҷабини хоҷа дид ва сурати ҳол аз ӯ пурсид. Вазир аз он ҳол ахбор кард. Ғулом гуфт: ба малик бигӯ, ки шаъни илоҳӣ илоҷи лайл дар наҳор ва илоҷи наҳор дар лайл аст ва ихроҷи ҳайй аз майит ва шифо додани сақим ва сақим сохтани салим ва ибтилои муъоф ва офият додани мубтало ва фақир сохтани ағниё ва ғанӣ гардонидани фақир. Вазир каломи ӯро ба малик расонид, малик хилъати вазорат бар ғулом пӯшонид. Ғулом гуфт: имрӯз яке аз шуюни илоҳӣ ин аст, ки хилъати вазорат ба ҳамчун ман ғуломи сиёҳе арзонӣ дошт...» [58, 151–152].

Қавли мазкур, ки дар «Мукошифоти разавӣ» аз номи Ибни Утба нақл шудааст, дар «Ҷавоҳир-ул-асрор» аз номи Ибни Айния манқул аст ва зоҳиран ба иштибоҳи носихон онро «Ибни Утба» зикр кардаанд.

Хоразмӣ менависад: «Ва овардаанд, ки яке аз мулук аз вазири худ суол кард аз шуюни илоҳӣ. Вазир як рӯз мӯҳлат талабид ва ғамгин ба хона рафт. Вазир ғуломе сиёҳ дошт. Чун осори маллат дар ҷабини мавлои хеш ҳувайдо дид, гуфт: эй хоҷа, сабаби малолат чист, то ба тадоруки он қиём намоям?

Вазир аз он ҳол ахбор кард. Ғулом гуфт: ба малик бигӯ, ки шаъни илоҳӣ илоҷи лайл дар наҳор ва илоҷи наҳор дар лайл аст ва ихроҷи ҳайй аз майит ва ихроҷи майит аз ҳайй ва шифо додани сақим ва сақим сохтани салим ва ибтилои муъоф ва офият додани мубтало ва фақир сохтани ағниё ва ғанӣ гардонидани фуқаро. Вазир ба малик расонид. Ғуломи сиёҳро талабид ва хилъати вазорат бар ӯ пӯшонид. Ғулом гуфт: имрӯз яке аз шуюни илоҳӣ ин аст, ки хилъати вазорат ба ҳамчун ман ғуломи сиёҳе арзонӣ дошт...» [113, 565].

Чунонки мушоҳида мегардад, ин ду ҳикоят тақрибан назири ҳаманд. Фарқҳои ночизе, ки дар ин ду матн ба назар мерасанд, баёнгари онанд, ки Муҳаммадризо, ҳарчанд сарчашмаи бардошти хешро зикр намекунад, онро аз шарҳи Хоразмӣ бардошт кардааст. Тафовут ин ҷост, ки шореҳи лоҳурӣ танҳо баъзе калимоти ҳикояти мазкурро ҳазф карда, онро тақрибан пурра ва бе он ки ба сарчашмае ишора кунад, ба истишҳод овардааст.

Шореҳи дигари Маснавӣ» Валимуҳаммади Акбарободӣ низ аз шарҳи Хоразмӣ ба гунае баҳра бардошта бошад ҳам, дар мавриди сарчашмаи баҳрабардории хеш иттилоъ надодааст. Чунончи, дар мавриди мисраи «Ҷуфти хушҳолону бадҳолон шудам...» менависад: «Мустамеъон ду қисманд: хушҳол ва бадҳол. Хушҳол касест, ки ба истимои нағма дари маърифат ва ҳузур ба рӯи ӯ бикшояд ва ё шавқи зикр ё ибодат дар дилаш падид ояд. Ва бадҳол касест, ки хатари фисқу фуҷур дар ботинаш пайдо шавад, ё муҳаббати молу ҷоҳ дар табиати ӯ ҳувайдо шавад. Пас хушҳол се фирқаанд: аҳли маърифат ва аҳли сулук ва аҳли ибодат. Ва бадҳол ду фирқа: муртакиби мунҳиёт ва толиби риёсот» [4, 10]. Ин андеша баргирифта аз назари зерини Хоразмӣ дар «Ҷавоҳир-ул-асрор» аст, он ҷо, ки менависад: «Ва мустамеон ду тоифаанд: яке хушҳол ва яке бадҳол. Ва ҳар яке аз занни худ бо ман дамсоз гашта ва сирри замири маро аз даруни ман боз наҷуста...» [113, 361].

Зимни шарҳи абёти «Ҳикояти подшоҳи ҷуҳуди дигар, ки дар ҳалоки дини исавӣ саъй намуд», Хоразмӣ менависад: «Ва дар баъзе тафосир овардаанд, ки дар наздикии мамлакати ин ҷуҳуд, ки душмании дини Исо ба

тариқи мутобаати ворис ёфта буд, шаҳре аз шаҳрҳои насоро буд. Дар мамлакати насоро қаҳт шуд, мардум майл ба мамлакати ҷуҳуд карданд. Кофарон ба малики хеш гуфтанд, ки: «агар эшон бад-ин ҷониб биёянд, дар мамлакати мо низ қаҳт шавад ва моро ҷилои ватан бояд кард». Ҷуҳуд аз барои душмании дини Исо хандақҳо фармуд, ки бар дари шаҳр сохтанд ва ҳезуму нафт дар он хандақҳо андохтанд. Ва буте доштанд баробари филе, «Калоб» ном. Дар ҳаволии оташ бар пой карданд. Ва ҳар кӣ меомад, мефармуданд, ки «бар ин бут саҷда кун ва ба шаҳр дарой». Ва агар саҷда намекард, дар оташ меандохтанд...» [113, 256–257].

Акбарободӣ бе он ки ба сарчашмаи бардошти хеш ишора кунад, матлаби мазкурро бо тағйироти кам чунин зикр кардааст: «Ва дар баъзе аз тафосир аст, ки наздики мулки ин подшоҳ шаҳре буд аз насоро. Дар он шаҳр қаҳт афтод. Насоро майли мамлакати ҷуҳуд карданд. Аҳли мамлакат ба подшоҳ гуфтанд, ки: «Агар инҳо биёянд, дар мамлакати мо низ қаҳт шавад, баъд аз он моро ҷилои ватан рӯ диҳад». Подшоҳи ҷуҳуд фармуд, ки хандақҳо бар дари шаҳр кананд ва ба ҳезуму нафт пур кунанд. Ва буте дошт «Калоб» ном, баробари филе. Дар ҳаволии оташ насб карданд. Ва ҳар кӣ меомад, мефармуданд он бутро саҷда кунад, агар намекард, дар оташ меандохтанд...» [4, 91]. Агар ин матлаб дар шарҳи Акбарободӣ бо тағйироти андак сабт шуда бошад, муаллифи «Мукошифоти разавӣ» Муҳаммадризо онро бе ҳеч гуна тағйирот дар асари хеш нақл кардааст [58, 60–61].

Ҳамин тариқ, баҳси мазкур нишон медиҳад, ки шарҳи Хоразмӣ ба унвони нахустин шарҳи «Маснавӣ» мавриди баҳрабардории бузургтарин шореҳоне чун Муҳаммадризои Лоҳурӣ ва Валимуҳаммади Акбарободӣ қарор гирифта ва ба ин восита мавриди таваҷҷуҳи шореҳони дигар гаштааст. Агар Хоразмӣ шарҳи бархе аз истилоҳоти ирфонӣ ва ё порае аз саргузашти риҷоли бузурги сӯфияро аз сарчашмаҳои ирфонии пеш аз худ гирифта бошад, ин нукта баёнгари ковишҳои мустадоми ӯ дар маънишиносии абёти «Маснавӣ» мебошад. Муҳимтарин заминаҳои марбут ба шинохти маъхази қисас, ҳикоёт ва оёту аҳодиси «Маснавӣ», ки дар шарҳҳои дигар зикр шуданд, пеш аз ҳама,

дар шарҳи Камолуддини Хоразмӣ маҷоли баён ёфта, сипас ба шарҳҳои дигар интиқол ёфтаанд. Вале бархе шореҳон бо сабабҳои номаълум аз зикри номи Хоразмӣ сарфи назар карда, танҳо бо зикри «азизе аз қудамо» қаноат варзидаанд. Ин нукот далолат бар он мекунад, ки шарҳи Камолуддини Хоразмӣ дар раванди Шарҳнигорӣ бар «Маснавии маънавӣ» ҳамчун сарчашмаи муҳим ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи шореҳон қарор гирифта будааст.

Маъмулан, дар замони муосир дар зери мафҳуми «шарҳи «Маснавӣ» байт-байт шарҳу тафсир ва маънидод кардани он, баёни румуз, луғоти душвораҳм ва ғ. фаҳмида мешавад. Чунин ба назар мерасад, ки дар замони Камолуддини Хоразмӣ чандон эҳтиёҷ ба бозкушои гиреҳҳои дигари мафҳумҳои мушкили «Маснавӣ» мавҷуд набуд ва аслан зарурате ҳам ҷой надошт, ки ӯ дар сари ҳар калимаю ибороти «Маснавӣ» андеша кунад ва онро шарҳу тавзеҳ диҳад. Аз ин хотир дар асли кори шореҳ байт-байт шарҳ додани «Маснавӣ» мақом надорад, балки шореҳ муҳимтарин нукоти ирфонии ҳикоёти «Маснавӣ»-ро, ки барои дарку маърифати матлаби Мавлоно мусоидат менамоянд, тариқи умумӣ мавриди шарҳ қарор додааст. Бо ибораи дигар, Хоразмӣ на ин ки ҷузъ-ҷузъ ба шарҳу тафсир мепардозад, балки матлаби кулли «Маснавӣ»-ро шарҳ медиҳад. Азбаски тафовути замонӣ ҳам байни замони зиндагии Мавлоно Ҷалолуддин ва Камолуддини Хоразмӣ чандон зиёд набуд ва ҳанӯз ҳам паёми Мавлоно бо ҳамон асолат ва суҳулат ба алоқамандони «Маснавӣ» интиқол меёфт, Хоразмӣ заруратеро дар мавриди байт-байт шарҳ намудани «Маснавӣ» намедид. Шореҳ дар ҷойе ба ин маънӣ чунин ишора мекунад: «Боқии абёт то охири сурхӣ ба шарҳ мӯҳтоҷ нест» [113, 584]. Ин нукта далолат бар он дорад, ки Хоразмӣ бо шарҳу тавзеҳи абёти калидӣ иктифо карда, он ҷо, ки зарурати шарҳро надорад, фурӯ гузоштааст. Низ дар ҷойи дигар, чун муқаддимаи лозимиро бар маърифати румузи достони «Бозаргон ва тӯтӣ» баён мекунад, ҳамаи абётро шарҳпазир намедонад ва менависад: «Чун ин муқаддима мумаҳҳад гашт, аксари абёт, ки дар ин сурхӣ аст, мафҳум гардад, магар баъзе абёт, ки тавҷеҳи он муҳтоҷ ба

баён аст» [113,545]. Вале боз ҳам он чӣ дарку маърифати «Маснавӣ»-ро дар тамоми адвор барои хонандагон душвор гардонида ва боиси ба вуҷуд омадани шарҳҳои мутааддид гардидааст, корбурди рамзу истилоҳоти ирфонӣ, оёти раббонӣ ва аҳодиси набавӣ будааст, ки ҷузви муҳими шарҳу тафсирнигорӣ бар «Маснавии маънавӣ»-ро ташкил додааст.

Тадриҷан роҳу асли дигари тафсир, аз қабили шарҳ додани маънии луғот ва вожаҳои ҷудогона, шарҳи этимологии калимаҳо, тафсири ибораҳо, баёни маънии мусталеҳот, шарҳи байт ба байт, муайян кардани фоилу мафъул, баёни замоир ва монанди инҳо ба кор гирифта шуданд, ки ин шеваи кор дар шарҳи Хоразмӣ ба назар намерасид. Бо ибораи дигар, Камолуддини Хоразмӣ дар ҳеч маврид ба бозкушои маънии луғавии калимот ва иборот машғул нашудааст, ӯ танҳо кӯшиш намудааст, ки матлаберо шарҳ диҳад, ки маърифати «Маснавӣ» бар он вобаста аст. Ба ин маънӣ ӯ мисли шореҳони баъд аз худ аз ҷузъ ба кулл роҳ напазируфтааст, ё ин ки мисли бархе шореҳон танҳо ба шарҳи калимоту иборот иктифо накардааст, балки бо зикри ҷузви нисбатан комили як ҳикоят ё достон ба шарҳи рамзҳои «Маснавӣ» иқдом намудааст.

Хоразмӣ пеши худ мақсад гузошта буд, ки ҳосили паёми Мавлоноро дар маҷмӯъ ва дар яклухтӣ фаро бигирад. Ба ибораи дигар, шореҳ кӯшидааст, ки ҳосили матлабҳои «Маснавӣ»-ро тариқи хулоса манзури хонандагон гардонад. Ба ин маънӣ, шарҳи хешро бо таълифи мақолоти даҳгонаи марбут ба риҷоли сӯфия, шарҳи мафоҳими ирфонӣ ва одобу русуми орифон оғоз бахшидани Хоразмӣ ҳам бесабаб набуд. Ӯ бештар аз ҳама ба нукоте диққат додааст, ки заминаи вуруд ба ҷаҳони тафаккури ирфонии Мавлоно Ҷалолуддинро фароҳам сохтаанд.

Ҳамин тариқ, мавриди шарҳ қарор додани он қисматҳои муҳиме, ки барои баёни андеша ва афкори Мавлоно мусоидат менамоянд, аз махсусияти дигари шарҳи Хоразмӣ ба ҳисоб меравад. Ҷолиб будани ин хусусият дар он зоҳир мегардад, ки шореҳро аз шарҳу тасфирҳои тӯлонӣ ва нозарур нигоҳ медорад, зеро дар «Маснавӣ» абёте низ кам нестанд, ки ниёз ба шарҳ

надоранд. Мутаассифона, дар шарҳҳои баъдӣ мо ин аслро мушоҳида намекунем. Аксари шореҳон танҳо ба шарҳи абёте пардохтаанд, ки дар назарашон душвор ҷилва мекунад. Вале дар шарҳи Хоразмӣ пайвастагии андеша ва матлаб куллан нигоҳ дошта мешавад, ки барои маърифатгар ниҳоят муфид мебошад.

Бояд гуфт, ки дар аксари шарҳҳои «Маснавӣ» шарҳи калимагӣ ҷузве аз фаъолияти шореҳонро ташкил додааст, вале Хоразмӣ аз шарҳи калимаву ибороти алоҳидаи «Маснавӣ» сарфи назар кардааст ва дар шарҳи мазкур мо ба тавзеҳи калимаю таркиб ва таъбироти алоҳида дучор намешавем. Сабаб он аст, ки «Маснавӣ» барои хонандагони он, ки меросбарони воқеии забони форсӣ дар сарзамини Хоразм ва фаротар аз он буданд, комилан номафҳум набуд ва онон эҳтиёҷ ба чунин тафсири ҷузъӣ надоштанд. Ин нуктаро таҳқиқи забоншиносии «Маснавӣ» низ, ки аксари калимоту иборот ва мафҳумҳои он имрӯз ҳам дар қаламрави ба истилоҳ Осиёи Миёна, ки Хоразм ҳам ҷузъе аз ин сарзамини бузург аст, равоӣ доранд, метавонад, тақвият бахшад [258; 75-81].

Баррасӣ ва нигоҳи иҷмолӣ ба «Маснавӣ» дар ин мавзӯъ моро ба ин натиҷа бовар мекунонад, ки он ба унвони як уқёнуси беканор ва хазинаи пурдурри маонӣ марворидҳои шоҳвореро дар худ нуҳуфтааст, сарчашмаи он забони зиндаи халқ мебошад. Дар ҳақиқат, уқёнуси беканори «Маснавӣ»-ро мутолиа карда, хонанда ҳазорон калимоти дигарро аз қабили бегоҳ ё бегаҳ, ганда, мунгидан, шикасташох, тонистан, додар, тубра, гиҷу гоҷ, бедаҳан, лаванд, каҷу маҷ, каҷу килеб ва ғ. дармеёбад, ки гузашта аз он ки дар забони зиндаи халқ мавриди корбурд қарор доранд, қисме аз онҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик фаровон истеъмол мешаванд ва ба зеҳнияти мардуми мо қаринанд.

Гузашта аз нуктаҳои ишорашуда, таркибҳои фаровон, истифодаи зарбулмасалу мақол, боварҳои мардумӣ, ибороти рехта, расму одат ва масъалаҳои дигари ба зиндагии мардум иртиботдошта, ки назар ба дигар ҳамзабонон беш аз ҳама ба шева, тарзи гуфтору ҷаҳоншиносии мо, тоҷикон,

хеле наздик аст, моро ба он вомедорад, ки аз ин арзиши олии зодаи завқу тафаккури инсонӣ ифтихор намоем.

### 6.1. Тафсири дохилӣ дар шарҳи Хоразмӣ

Тавзеҳу ташреҳи осори суханварон ба воситаи таълифоти худи онон аз беҳтарин усул ва шеваҳои баён ва расидан ба умқи андешаи муаллифон аст, ки имкон медиҳад, матлаб дуруст ва ҳадафманд бозгӯ карда шавад.

Шореҳон ва алоқамандони «Маснавӣ» дар масъалаи шарҳу тавзеҳи афкори Мавлоно Ҷалолуддин назари мухталиф доштанд, аз ин рӯ, дар маънидод кардани андешаҳои ӯ аз равзанаҳои гуногун нигоҳ мекарданд. Табиист, ки ҳар шореҳ ба ин масъала назари хешро дорад ва аксари шореҳон кӯшиш кардаанд, ки афкори Мавлоноро аз даричаи тафаккури Ибни Арабӣ шарҳу тавзеҳ диҳанд.

Ин аст, ки масъалаи мазкур аз баҳсноктарин масъалаҳои маърифати афкори Мавлоно қарор гирифта, муҳаққиқон ва пажӯҳишгарони муосири мавлавипажӯҳро ба баёни андешаҳои мухталиф водоштааст. Чунончи, маълум аст, ки муҳимтарин шарҳҳои «Маснавии маънавӣ» дар сарзамини Ҳинд таълиф гардида ва шореҳони ин минтақа аксаран афкору арои Мавлоноро аз дидгоҳи Муҳйиддин ибни Арабӣ шарҳу тафсир кардаанд.

Аз ин ҷост, ки муҳаққиқони эронӣ муҳимтарин шарҳҳои дар кишвари Ҳинд таълифгардидаи «Маснавӣ»-ро, бино бар аз дидгоҳи Ибни Арабӣ шарҳу тафсир қарор гирифтанашон мавриди интиқод қарор додаанд. Муҳаққиқони муосири эронӣ ин хусусиятро аз камбудиҳои шарҳҳои ҳиндӣ донистаанд.

Имрӯз аксари муҳаққиқони мавлавипажӯҳи муосири эронӣ кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки ҳамин ҳамоҳангиҳои байни афкори Мавлоно Румӣ ва Ибни Арабиро нодида бигиранд, аммо ҳақиқат он аст, ки байни афкори ин ду шахсияти бузурги олами ирфон пайвандҳои қавӣ эҳсос мегардад. Аз ин рӯ, дар боби нисбат миёни ирфони назарии Ибни Арабӣ ва ирфони Мавлоно Ҷалолуддин дар мавлавишиносӣ байни муҳаққиқон назарҳои мухталиф баён

шудааст. Ҷалолуддини Оштиёнӣ дар муқаддимае, ки бар тарҷумаи китоби «Шукӯҳи Шамс»-и Шиммел навиштааст, ҷонибдори пайванди байни афкори Мавлоно ва Ибни Арабӣ аст [320, «шасту шаш»], аммо Фурӯзонфар, бо он ки мусоҳибати Мавлоноро бо Ибни Арабӣ дур аз ҳақиқат намедонад, бар ин назар аст, ки дар шарҳу тафсири афкори Мавлоно набояд аз оро ва андеша ва ирфони Ибни Арабӣ суд ҷуст.

Камолуддини Хоразмӣ низ мисли аксари шореҳони «Маснавӣ» бар он назар аст, ки Мавлоно Ҷалолуддин аз афкору таълимоти Муҳйиддин ибни Арабӣ баҳраҳо бардошта ва ин баҳрабардориҳо на танҳо дар «Маснавӣ», балки дар офаридаҳои дигари Мавлоно низ мушоҳида мегардад. Гузашта аз ин, ӯ дар «Ҷавоҳир-ул-асрор» ин нуктаро баён медорад, ки Мавлоно чанд муддат дар Димишқ бо Ибни Арабӣ, Садруддини Қунавӣ, Авҳадуддини Кирмонӣ «мусоҳибат ва муҷолисат дошта ва асрору ҳақоиқи зиёдеро бо якдигар дар миён гузоштаанд»: «Дигар вақте ки Ҳазрати Худовандгор дар маҳрусаи Димишқ чанд муддат бо маликулорифин, муваҳҳиди муҳаққиқи комилулҳол вал қол Шайх Муҳйиддини Арабӣ ва сайидмашоих вал муҳаққиқин шайх Саъдуддини Ҳамавӣ ва зубдатулсоликин, амдатулмашоих Усмонуррумӣ ва муваҳҳиди мудаққиқ, орифи комил, фақири раббонӣ, Авҳадуддини Кирмонӣ ва маликулмашоих вал муҳаддисин шайх Садруддини Қунавӣ суҳбат фармудаанд ва ҳақоиқу асроре, ки шарҳи он тӯле дорад, бо ҳамдигар баён карда ва ризвонуллоҳу алайҳим аҷмаин» [113, 133].

Шабоҳат ва монандиҳои афкори Мавлоно ва Ибни Арабиро дар «Ҷавоҳир-ул-асрор»-и Хоразмӣ, махсусан, дар бахши чаҳоруми мақолоти даҳгонаи муаллиф, ки ба муносибати шарҳи порае аз абёти «Маснавӣ» дар бораи ҳазароти хамс, инсони комил ва ташбеҳи офариниш ба ҳуруфи олиёт, олами аъёни собита ва асмои сифоти илоҳӣ ва монанди инҳо баён мекунад, ба хубӣ метавон мушоҳида намуд, ки ҷумлаи баргирифта аз андешаҳо ва орои Ибни Арабӣ буда, ин нуктаро мо дар мавқеи худ баррасӣ кардаем.

Ҳамин тариқ, беҳтарин роҳу асли шарҳу тафсири афкори пуррамзу рози худовандгори «Маснавӣ», ки хонандаро ба маърифати ростини

андешаҳои Мавлоно раҳнамун мекунад, шарҳ ба воситаи осори худи Мавлоност.

Хоразмӣ дар мавридҳои зиёде барои тақвияти андешаи хеш аз «Маснавӣ» истишҳод мечӯяд ва андешаи хешро истидлол мебахшад. Чунончи, ҳангоми шарҳи абёти зерини достони «Бозаргон ва тутӣ»:

Эй дареғо, мурғи хушовози ман,
Эй дареғо, ҳамдаму ҳамрози ман.
Эй дареғо, мурғи хушилҳони ман,
Роҳи рӯҳу равзаи ризвони ман [113, 543].

Шореҳ сирри ирфонии нолаву ҳанини хоҷаи тоҷирро тафсир карда, барои таквияти андеша аз дафтари дувуми «Маснавӣ» мисол меоварад: «Чун хоҷаи тоҷир дар муфориқати тӯтӣ чандин навҳаву зорӣ мекунад, бояд ки солик дар муфориқати қурби ҷавори борӣ ва дар адами мушоҳидаи осори таҷаллиёти тӯтии сидраошёни рӯҳи инсонӣ лаҳзае аз нолаву ҳанин ва ламҳае аз навҳаву анин фориғ набошад. Чунонки ҳазрати Мавлавӣ дар дафтари дувум мефармояд:

Ҳар куҷо навҳа кунанд, он ҷо нишин,
З-он ки ту авлотарӣ андар ҳанин» [113, 543].

Бояд гуфт, ки дар «Маснавӣ» дар мавридҳои зиёде як мазмун, як ташбеҳ, ё як фикр такрор мешавад ва дар ин ҳолат ишора кардан ба байт ё абёти дигаре, ки ин мазмун дар он омада, беҳтарин асли шарҳ ба ҳисоб меравад. Бо истифодаи ин шева агар шореҳ, аз як тараф, пайванд ва иртиботи қавии афкори Мавлоноро нишон дода бошад, аз тарафи дигар, арзиши илмии шарҳро хеле боло бардоштааст.

Дар пайвастагӣ густариш додани афкори ирфонии Мавлоно яке аз усули фаъолияти шарҳнигории Хоразмӣ буда, шореҳ зимни таълифу тадвини муқаддимаи шарҳ аз ин шева ба таври васеъ истифода кардааст. Чунончи, ҳангоми шарҳи истилоҳи «вақт» пас аз овардани назарияи ирфонӣ дар бораи ин истилоҳ як байти «Маснавӣ»-ро чунин ба истишҳод меоварад: «Мурод аз

«вақт» ҳолест, ки солик дар замони ҳозир бар он ҳол бошад. Пас, агар дар сурур бошад, вақти ӯ сурур аст ва агар дар ҳузн бошад, вақти ӯ ҳузн аст… Чунонки мефармояд, қуддиса сирруҳу:

Бошад ибн-ул-вақт, сӯфӣ, эй рафиқ,

Нест фардо гуфтан аз шарти тариқ» [113, 108].

Ҳангоми ташреҳи истилоҳи ирфонии «қурб», ки дар мақолаи дувуми муқаддимаи шарҳ омадааст, барои тақвият ва ташреҳи матлаби ирфонӣ абёти зерро аз дафтари севуми «Маснавӣ» (абёти 704–707) нақл мекунад:

Қурби халқу ризқ бар ҷумла-ст ом,

Қурби ваҳйю ишқ доранд ин киром.

Лек қурбе ҳаст бориз шедро,

Ки аз он набвад хабар мар бедро.

Шохи хушку тар қариби офтоб,

Офтоб аз ҳар ду кай дорад ҳиҷоб.

Лек ку он қурбати шохи таре,

Ки симори пухта аз вай мехӯрӣ? [113, 116].

Чунонки мушоҳида мегардад, шореҳ бо ин роҳ истилоҳотеро, ки бо дарунмояи «Маснавӣ» иртиботи қавӣ доранд, мавриди ташреҳ қарор додааст, ки барои дарку маърифати румузи «Маснавӣ» хеле судманданд. Хоразмӣ дар поёни мақолати севум ва барои исботи он ки «ихтилофи сулуки соликон дар сурати равиш аст, на дар таваҷҷуҳи рӯҳонӣ» [113, 128] ва поёни роҳи ҳама тоифа якест», аз «Маснавии маънавӣ» баҳра меҷӯяд ва сухани хешро бо абёти дафтари дувуми «Маснавӣ» чунин тақвият мебахшад:

Дар маонӣ қисмату аъдод нест,

Дар маонӣ таҷзия-в афрод нест.

Сурати саркаш гудозон кун ба ранҷ,

То намояд зери ӯ ваҳдат чу ганҷ.

Мунбасит будему як гавҳар ҳама,

Бе сару бе по будем он сар ҳама.

Як гурӯҳ будем ҳамчун офтоб,

Бе гираҳ будему софӣ ҳамчу об.

Чун ба сурат омад он нури сара,

Шуд адад чун сояҳои кунгура.

Кунгура вайрон кунем аз манҷаниқ,

То равад фарқ аз миёни ин фариқ.

Фарқи инро гуфтаме ман аз мирӣ,

Лек тарсам то билағзад хотире [113, 128].

Хоразмӣ дар мавқеи дигар ҳам дар бораи он ки партави зоти Ҳақ дар камоли ҳар зарра аён аст, менависад: «Ва агар аз сирри «ва ҳува маакум» бохабар бошӣ ва дар идроки ғамзаи ин маият бо назар бошӣ, ба илмулякин донӣ, балки ба айнулякин бинӣ, ки «иннамо туваллу фасамма ваҷҳуллоҳ» чӣ ваҷҳ дорад. «Ман»-у «ӯ» ниқоби он рӯст ва «ин»-у «он» ҳиҷоби ҷамоли дӯст, сарангушти пиндор дидаро монеи дидор. Сарангушт офтобро пинҳон нагардонад, аммо чун бар дида ниҳӣ, ёрои дидан намонад. Маснавӣ:

Ту зи чашм ангуштро бардор ҳин

В-он гаҳоне ҳарчӣ мехоҳӣ бубин.

Нӯҳро гуфтанд уммат: Ку савоб?

Гуфт ӯ: «З-он сӯи вастағшу сиёб».

Одамӣ дидасту боқӣ пӯст аст,

Дида он аст, он ки диди дӯст аст.

Чунки диди дӯст набвад, кӯр беҳ,

Гар Сулаймон аст, аз вай мӯр беҳ [113, 154–155].

Байтҳои болоӣ аз дафтари аввали «Маснавӣ» гирифта шуда, тамсили Хоразмӣ дар мавриди сарангушт ба дида гузоштан шабеҳи абёти дигари ин порча мебошад:

Ҳақ падид аст аз миёни дигарон,

Ҳамчу моҳ андар миёни ахтарон.

Ду сари ангушт бар ду чашм неҳ,

Ҳеч бинӣ аз ҷаҳон? Инсоф деҳ.

Гар набинӣ ин ҷаҳон, маъдум нест,

Айб ҷуз з-ангушти нафси шум нест.

Ту зи чашм ангуштро бардор, ҳин

Он гаҳоне ҳарчи мехоҳӣ, бубин [13, 1/1410-1413].

Чуноне мушоҳида мегардад, Хоразмӣ зимни баёни мушкилтарин масъалаҳои назарии ирфонӣ низ кӯшиш мекунад, ки онро бо таълимоти Мавлоно татбиқ намояд ва ин матлаб дурустии даъвои шореҳро дар мавриди он ки мақолоти даҳгона як навъ шарҳи румуз ва нукоти «Маснавӣ» мебошад, тақвият мебахшад.

**6.2. Шарҳ бо ёрии «Девони кабир»**

Мутолиа ва ошноӣ бо шарҳи Хоразмӣ нишон медиҳад, ки ӯ барои тафсиру шарҳи «Маснавӣ» аз ғазалиёти Шамс баҳраҳои фаровон бурдааст. Дар шарҳи Хоразмӣ қариб саҳифаеро наметавон дарёфт, ки дар он шореҳ аз ғазалиёти «Девони кабир» ва ё «Маснавӣ» истишҳод наёварда бошад. Худи шореҳ ҳам дар мавриди касрати истишҳод ҷустанаш аз абёти Мавлоно дар муқаддимаи шарҳ чунин мегӯяд: «Ва мани банда дар шарҳи ҳар калима аз он ҷиҳат истишҳод ба абёти ҳазрати Мавлавӣ қуддиса сирруҳу кардам, то шаммае аз риёзи камолоти ӯ ба машоми ҷонат расида бошад…» [113, 34]. Ҳарчанд шореҳони дигари «Маснавӣ», пас аз Хоразмӣ, низ аз ин асл, яъне шарҳ ба воситаи осори худи Мавлоно истифода кардаанд, дар ин миён Хоразмӣ аз пешкисватон ба ҳисоб меравад ва ин асл аз боризтарин равиши кори ӯ будааст. Зеро Хоразмӣ, пеш аз он ки даст ба шарҳу тафсири каломи Мавлоно занад, ҳамчун донандаи хуби ашъори Мавлоно ва румузи ирфонии он дар миёни мардум маъруф гашта буд ва ҳатто барои шарҳу тафсири абёти алоҳидаи «Маснавӣ» аз дуру наздик ба ӯ муроҷиат мекарданд. Шореҳ дар муқаддимаи шарҳ таъкид мекунад, ки «…аз овони туфулият… рағбати тамом ба абёт ва ашъори «Маснавӣ»-и ҳазрати Мавлавӣ қуддиса сирруҳу доштам» [113, 17].

Ва ин нукта, ки фармонравоёи замони ӯ ва махсусан «Хоразмшоҳи аъзам Носириддин Абулманоқиб Шоҳзода Иброҳим Султон» [113, 20] ва

«амири марҳуми мағфур Ғиёсиддин Абулфатҳ Шоҳмалик баҳодур» [113, 20] ба «Маснавӣ»-и Мавлоно унсу иродат доштаанд, аз муҳимтарин омилҳо ба ҳисоб мераванд, ки алоқамандии Камолуддини Хоразмиро на танҳо ба «Маснавии маънавӣ», балки ба соири осори Мавлоно, аз қабили «Фиҳӣ мо фиҳӣ» ва «Девони кабир» низ нишон медиҳад. Бахусус, «Девони кабир» мавриди омӯзиши доимии шореҳ будааст ва ӯ кӯшидааст, ки барои тасҳили порае аз укда ва румузи абёти алоҳидаи «Маснавӣ» аз он баҳра бардорад ва матлаби Мавлоноро шарҳ диҳад. Ин асл аз бештарин шеваи кори шореҳ дар «Ҷавоҳир-ул-асрор» аст, ки беш аз ҳар асли дигар мавриди писанди ӯ будааст. Тааммул дар паҳнои шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор» нишон медиҳад, ки шореҳ бештар аз ҳама «Ғазалиёти Шамс» ва девони Хоқониро хуб мутолиа карда ва дар овардани абёти шоҳид аз ин ду девон маҳорати комил нишон додааст. Ҳаммонандиҳои фикрие, ки шореҳ байни «Маснавӣ» ва ғазалиёти Шамс дарёфтааст, минбаъд мавриди таваҷҷуҳи шореҳони дигар низ қарор гирифтааст. Вале, то ҷойе ки муаллифи рисолаи ҳозир мушоҳида кард, ҳеч яке аз шореҳони дигари «Маснавӣ» ҳангоми шарҳу тафсир аз осори дигари Мвлоно ба андозаи шореҳи Хоразмӣ суд наҷустаанд.

Ин нукта огоҳии густардаи шореҳро аз осори Мавлавӣ нишон медиҳад. Барои мисол «Ҳикояти амир ва ғуломаш, ки намозбора буд ва унси азим дошт дар намоз ва муноҷот бо Ҳақ» [13, 3/ 3055–3076]-ро мавриди баррасӣ қарор медиҳем: Амиреро ҳангоми саҳар ба ҳаммом эҳтиёҷ афтод, ғуломеро, ки Сунқур ном дошт, овоз дод, то заруриёти ҳаммомро бардорад ва ӯро ҳамроҳӣ кунад. Раҳгузарашон аз дари масҷиде афтод. Чун бонги даъват ба намозро шуниданд, Сунқур аз хоҷааш хоҳиш кард, то ин ки каме ӯро мунтазир бошад. Сунқур барои адои намоз дохили масҷид рафт, намоз тамом шуд ва ҳама берун омаданд, аммо аз Сунқур дараке набуд. Хоҷа, пас интизории зиёд, дилгир шуд ва садо дод: эй Сунқур, чаро берун намеоӣ? Сунқур гуфт: эй хоҷа, домангире дорам, ки маро берун омадан намегузорад. То ҳафт навбат хоҷа тақозо кард ва Сунқур ҳамон ҷавоб мегуфт. Хоҷааш гуфт: дар масҷид касе нест, он кист, ки туро берун омадан намегузорад?

Гуфт: он касе, ки туро намегузорад, дар масҷид дарой, тоати ӯро ба ҷой биёрӣ, ҳамон кас маро берун омадан намегузорад.

Ин ҳикоят дар маҷмӯъ аз 21 байт иборат аст, вале Хоразмӣ зимни шарҳ танҳо панҷ байти онро ба истишҳод меоварад, ки калиди маънӣ бар он гузошта шудааст. Мавлоно ҷавоби Сунқурро дар мавриди сабаби аз масҷид берун наомаданаш чунин баён кардааст:

Гуфт: он кас, ки туро баст аз бурун,

Бастааст ӯ ҳам маро андар дарун [113, 1617].

Маълум аст, ки ин байт ва дар маҷмӯъ ҳикояти мазкур маънии ирфонӣ дошта ва мақсад аз он баёни ин нукта аст, ки ҳамнишинию ҳамсуҳбатӣ ва ҳамроҳии ҷисмонӣ наметавонад боиси тақарруби рӯҳӣ ва равонӣ гардад. Бисёр иттифоқ меафтад, ки ду нафар дар канори ҳам зиндагӣ ба сар мебаранд, вале аз мартабаи рӯҳии ҳамдигар ғофил мемонанд. Он амир ҳам наметавонист, ки ҳолати рӯҳии ғуломи худ Сунқурро ҳангоми адои ибодати Ҳақ дарк кунад. Аз ин рӯ, дар байни онҳо ҳиҷобе вуҷуд дорад, ки онҳоро ба унвони ду гурӯҳ аз ҳамдигар ҷудо кардааст. Хоразмӣ барои шарҳу тавзеҳи ин маънӣ ғазалеро бо матлаи зер аз «Девони кабир» ба истишҳод меоварад, ки хеле мувофиқ буда, гӯё аз забони Сунқур гуфта шуда бошад:

Ин ҷо касест пинҳон домони ман гирифта,

Худро сипас кашида, пешони ман гирифта [113, 1617–1618].

Карими Замонӣ ба нақл аз китоби «Маохизи қисас ва тамсилоти «Маснавӣ»« сарчашмаи матлаби мазкурро баргирифта аз китоби «Фиҳӣ мо фиҳӣ»-и Мавлоно медонад. Ин нукта дар «Фиҳӣ мо фиҳӣ» чунин омадааст: «Дар замони Мустафо (с) кофареро ғуломе буд мусалмон, соҳибгавҳар. Саҳаре Худовандгораш фармуд, ки тосҳо баргир, ки ба ҳаммом равем. Дар роҳ Мустафо (с) дар масҷид бо саҳоба ризвонуллоҳи алайҳим намоз мекард. Ғулом гуфт: эй хоҷа, лиллоҳи таоло, ин тосро лаҳзае бигир то дугона бигзорам, баъд аз он ба хидмат равам. Чун дар масҷид рафт, намоз кард, Мустафо[с] берун омад ва саҳоба ҳам берун омаданд. Ғулом танҳо дар масҷид монд. Хоҷааш то ба чоште мунтазир ва бонг мезад, ки «эй ғулом,

берун ой». Гуфт: маро намеҳиланд. Чун кор аз ҳад гузашт, хоҷа сар дар масҷид кард, то бибинад, ки кист, ки намеҳилад. Ҷуз кафше ва сояе касе надид ва кас намеҷунбид. Гуфт: охир кист, ки туро намеҳилад, ки берун ойӣ? Гуфт: он кас, ки туро намегузорад, ки андарун ойӣ. Худ кас ӯст, ки ту ӯро намебинӣ» [41, 3/776].

Нуктаи муҳимми ирфонии дигаре, ки дар ин ҳикоят баён гардидааст, он аст, ки Мавлоно мегӯяд: инсон то аз худ гусаста нагардад, дар зоти Ӯ иттисол наёбад, то бо хеш аст, аз Ӯ бегона аст, то аз худ бегона нашавад, бо дӯст ошно нагардад.

Барои тавзеҳи ин матлаб Хоразмӣ боз ҳам аз «Девони кабир» ғазалеро бо матлаи зер зикр мекунад:

Ба гӯши дил ба ниҳонӣ расид раҳмати кул,

Ки ҳарчӣ хоҳӣ мекун, вале зи мо магсул.

Ту они мову ман они ту ҳамчу дидаву рӯз,

Чаро равӣ забари ман ба ҳар ғалиту ғутул.

Бигуфт дил, ки буридан зи ту чӣ гуна бувад,

Чӣ гуна бе зи дуҳулзан кунад ғирев дуҳул?

Ҳама ҷаҳон духуланду туӣ дуҳулзану бас,

Куҷо раванд зи ту, чунки бастаанд субул.

Ҷавоб дод, ки худро дуҳул шиносу мабош

Гаҳе дуҳулзану гоҳе дуҳул, ки орад зул.

Наҷунбад ин тани бечора, то наҷунбад ҷон,

Ки то фарас бинаҷунбад, бар ӯ наҷунбад ҷул

[113,1617–1618].

Чунонки ба назар мерасад, Хоразмӣ барои шарҳу тавзеҳи ҳикояти фавқ аз «Девони кабир» ду ғазалро зикр кардааст, ки дар маҷмӯъ барои маърифати маънии матлуб мадад мекунанд. Гузашта аз ин, ин матлаб баёнгари он аст, ки Хоразмӣ аз донандагони хуби осори Мавлоно, бахусус, «Девони кабир» будааст, вагарна чӣ гуна метавонист барои шарҳи он якбора ду ғазалеро аз Мавлоно зикр кунад? Хоразмӣ дар ин замина бештар аз ҳар шореҳони дигари

«Маснавӣ» муваффақ шудааст, ки матлабро таавассути осори худи Мавлоно шарҳу маънидод кунад.

Низ, зимни шарҳи байти маъруфи «Тан зи ҷону ҷон зи тан мастур нест // Лек касро диди ҷон дастур нест» ғазали зеринро аз «Девони кабир» меорад:

Ҳар хушӣ, к-он фавт шуд аз ту, мабош андӯҳгин,
К-он ба навъи дигар ояд сӯи ту, медон яқин.
Не хушӣ мар тифлро аз доягону шир буд,
Чун бурид, аз шир омад он зи хамру ангубин?!
Ин хушӣ чизест пинҳон, к-ояд андар нақшҳо,
Гардад аз ҳуққа ба ҳуққа дар миёни обу тин.
Лутфи худ пайдо кунад дар оби борон ногаҳон,
Боз дар гулшан дарояд, сар барорад аз замин.
Гаҳ зи роҳи об ояд, гаҳ зи роҳи нону гӯшт,
Гаҳ зи роҳи шоҳид ояд, гаҳ зи роҳи аспу зин.
Аз паси ин пардаҳо ногоҳ рӯзе сар кунад,
Ҷумла бутҳо бишканад, он гаҳ на он монад, на ин.
Тарсам аз фитна, вагарна гуфтаниҳо гуфтаме,
Шаҳ зи ман хуштар бигӯяд, ту маҳил фитроки дин
[113, 362].

Ғазали мазкур бо андаке тафовут дар «Девони кабир» [21, 4, /187] омада, масъалаест, ки ба байти «Сирри ман аз нолаи ман дур нест // Лек касро диди ҷон дастур нест» ва ҳамчунин байти дар фавқ ишорагардида, ки маънии умумии баёни масъалаи иртиботи рӯҳу равон ва танро фаро мегирад, иртибот дорад. Ин матлаб бори дигар моро ба он натиҷа мерасонад, ки ба воситаи осори худи Мавлоно шарҳу тафсир додани афкори ирфонии вай маърифатгарро аз ҳар гуна тардид ва гумону шак эмин мегардонад. Бояд гуфт, ки баёни масъалаҳои ирфонӣ бо асли аснод ҷустан аз «Девони Шамси Табрезӣ», ки вижагии бисёр муҳимми шарҳи Камолуддини Хоразмиро ташкил додааст, дар шарҳҳои дигар тақрибан ба мушоҳида намерасад.

### 6.3 Шарҳ бо ҳикоёт, оёт ва аҳодис

Омӯзиши бархе аз шарҳҳо, дар мисоли «Мукошифоти разавӣ», «Асрор-ул-ғуюб», шарҳи Русухиддин Исмоили Анқаравӣ ва шарҳи Валимуҳаммади Акбарободӣ нишон медиҳад, ки шореҳон ба хотири ба хонандаи асари хеш бахшидани лаззати маънавии бештар зимни шарҳи матлабҳо аз қиссаву ҳикоёти гуногунмарҷаъ, ки аксаран реша бар ҷаҳоншиносии исломӣ доранду аз чашмаи Қуръону аҳодис ва ривоёти дигари исломӣ маншаъ гирифтаанд, истифода мекарданд. Ин равиши таҳқиқ ва маърифати «Маснавӣ» дар замони мо бо таълифоти Бадеуззамони Фурӯзонфар «ҳамчун яке аз усули илмии таҳқиқу тафсири «Маснавӣ» пазируфта шудааст. Донишманди мазкур дар тӯли таҳқиқоти беш аз 40-солаи хеш, ки дар заминаи шинохти «Маснавӣ» анҷом додааст, маъхаз ва сарчашмаи ҳикоёти «Маснавӣ»-ро муайян ва дар асари «Маохизи қасас ва тамсилоти «Маснавӣ» гирд овардааст. Аксари шореҳони муосири «Маснавӣ» низ масъалаи муайян кардани сарчашма ва маъхази ҳикоёти «Маснавӣ»-ро ҳамчун муҳимтарин меъёр ва ҷузви умдаи шарҳу тафсири хеш пазируфтаанд ва пеш аз он ки ба шарҳу тафсир пардозанд, ба баёни маъхаз ва сарчашмаҳои ҳикоёт ва қасаси «Маснавӣ» рӯ овардаанд. Чунончи, мутолиа дар заминаи шарҳҳои ҷомеи Муҳаммади Истеъломӣ, Карими Замонӣ ва дигарон нишон медиҳад, ки ҳар кадоме аз ин шореҳон пеш аз пардохтан ба шарҳи ҳикоёт ба баёни ин матлаб таваҷҷуҳ кардаанд. Вале бояд гуфт, ки асосҳои бунёдии муайян кардани маъхази тамсилот ва қасаси «Маснавӣ» дар шарҳномаҳои асримиёнагӣ гузошта шуда ва шореҳони мазкур ин аслро аз ҳамон ҷо гирифтаанд.

Ҳусайни Хоразмӣ аз нахустин шореҳонест, ки баробари шарҳи рамзи ҳикоёти «Маснавӣ» ба сарчашмаҳои баҳрагирии Мавлоно Румӣ таваҷҷуҳ кардааст. Маълум аст, ки ин масъала ҷустуҷӯи амиқи илмӣ ва мутолиаи сердоманаро тақозо дорад ва дар ин замина Ҳусайни Хоразмӣ бо истифодаи ин асл арзиши шарҳи хешро хеле боло бурдааст. Чунончи, зимни шарҳи «Ҳикояти подшоҳи ҷуҳуди дигар, ки дар халоки дини Исо саъй намуд» [113, 455] пеш аз оғоз кардани шарҳ ба маъхазҳои ҳикоят чунин ишорат мекунад:

«Ҳикояте, ки ҳазрати Мавлавӣ эрод кардааст, қиссаи асҳоби ухдуд аст ва дар ин қисса ихтилофи ривоёт аст…» [113, 455].

Зикри ибороти «Ҳозо ҳувал мазкур фи Кашшоф» [113, 446] ва инчунин «дар баъзе тафосир овардаанд, ки…» нишон медиҳанд, ки Хоразмӣ маъхази ин ҳикоятро аз тафосир ва махсусан «Ал-Кашшоф»-и Замахшарӣ дарёфтааст. Хоразмӣ дар тавзеҳи ҳикояти фавқ ду ривоятро нақл карда бошад ҳам, ҷой доштани ихтилофро дар он низ зикр кардааст. Бадеуззамони Фурӯзонфар низ қиссаи асҳоби ухдудро, ки дар Қуръони карим (сураи Буруҷ, оятҳои 4, 5, 6, 7 ва 8) зикр гардида, дар тафсирҳо бо ихтилоф ривоят шудааст, маъхази достони мазкур ҳисобидааст [276, 291].

Нақли ин ривоят аз «Ал-Кашшоф»-и Замахшарӣ, ки баъдан дар «Мукошифоти разавӣ» низ омадааст, нишон медиҳад, ки он айнан аз «Ҷавоҳир-ул-асрор» ва бетағйир гирифта шудаааст [58, 60–61]. Бешубҳа, сарчашмаи маълумоти Хоҷа Айюби Порсо ҳам тавзеҳи ҳамин гуфтаи Ҳусайни Хоразмӣ аст: «Қиссаи ин хуруҷ дар сураи «Буруҷ» мазкур аст, ки «Қутила асҳоб-ул-Ухуди ан-нори зотил вақуд». «Ухуд» – биззам, шикофҳои замин. Ва чун ин гурӯҳ заминро шикофта, дар он оташ меафрӯхтанд ва муъминонро месӯхтанд, Худои таоло эшонро «асҳоби ухуд» хонд. Ва тафсили ин қисса дар тафосир бо ихтилофи ривоёт мастур аст» [82, 81].

Валимуҳаммади Акбарободӣ [4, 91] ин ривоятро бо тағйироти андак нақл карда ва аз ҳамон равиши сухани Хоразмӣ берун нарафтааст. Чунин ҳамоҳангии гуфтор ва баёни андеша дар шарҳҳои фавқ нишон медиҳад, ки сарчашмаи бевоситаи истиноди шореҳони мазкур маҳз «Ҷавоҳир-ул-асрор»-и Хоразмӣ будааст.

Пас, маълум мегардад, ки масъалаи муайян кардани сарчашма ва маъхази ҳикоёти «Маснавӣ» ҳамчун яке аз усули маърифати «Маснавии маънавӣ» аз шарҳҳо оғоз гардида, дар ин замина Ҳусайни Хоразмӣ қадами аввалинро гузоштааст.

Дар шарҳи мазкур дар мавридҳои зиёд вобаста ба маънии бархе абёт қисса ва ҳикоёти марғубе оварда шудаанд, ки барои тасҳили душвориҳои абёти ҷудогонаи «Маснавӣ» мадад намудаанд.

Дар аксари маврид Хоразмӣ ба сарчашмаи ҳикоёт ишора ҳам кардааст. Чунончи, дар шарҳи байти «Гар туро ишкол ояд дар назар // Пас ту шак дорӣ дар «иншаққулқамар» ва дар ташреҳи таъбири «иншақ-ул-қамар» шореҳ бо ишораи «дар тафосир овардаанд» аз китобҳои тафсир оварда шудани ҳикояти зеринро таъйид мекунад: «Рӯзе Ҳазрати Хоҷа(а) азимати ҷойе дошт. Абӯҷаҳл ба ҳамроҳии ҷуҳуде мерафт, пеш омад ва гуфт: Ё Муҳаммад, «аринӣ оятан аъламу иннака расулаллоҳи». Хоҷа гуфт: чӣ мехоҳӣ? Абӯҷаҳл ба ҳар тарафе нигоҳ мекард, то чизе таъйин кунад. Ҷуҳуд гуфт: аз ӯ бихоҳ, то камарро шаққ кунад, ки сеҳр дар замин ва он чӣ дар ӯст, асар мекунад, аммо дар осмон ва улвиёт асар надорад. Абӯҷаҳл гуфт: хоҳам, ки моҳро ба ду ним кунӣ. Ҳазрати Хоҷа ангушт бардошт ва ишорат кард: моҳ ду нима шуд, як нима ҳам дар он мавзеъ қарор гирифт ва нимаи дигар ба тарафе сайр кард. То ба ҳадде, ки Ибни Масъуд (р) мегӯяд, ки кӯҳи Ҳироро дар миёни ду нимаи камар мушоҳида кардам. Боз гуфт: бигӯй, то ба ҳам пайвандад. Боз ишорат фармуд, фароҳам омаданд. Ҷуҳуд имон овард ва Абӯҷаҳл гуфт: ин ҳамон сеҳрест, ки истимрор ёфт ва чандин карат мушоҳида афтода. Пас ҳазрати иззати ҷаллат қудратуҳу аз ин ҳол хабар медиҳад, ки қавла таоло: «Ва ин ярав оятан юъризу ва якулу сиҳру мустамиру» (Қамар, ояи 2), яъне, инчунин ояте, ки ду нима шудани моҳ аст, агар бибинанд, эъроз кунанд ва бар сеҳр ҳамл кунанд. Ва баъзе бар онанд, ки «иншаққулқамар» дар қиёмат воқеъ хоҳад шуд ва эроди лафзи мозӣ ишорат ба таҳқиқи вукӯи ӯст. Чунонкидар «изо самоу иншаққат» (Иншиқоқ, ояи 1) ва ғайра. Аммо, сиёқи оят, аънӣ «Ва ин ярав оятан юъризу…» радди сухани мункирон мекунад ва бар бутлони таъвили эшон далолат менамояд» [113, 482]. Пӯшида нест, ки ҳикояти мазкур бар мабнои ишораи худи шореҳ аз тафсирҳои Қуръон гирифта шуда ва ин ки дар миёни ҳикоят зикри қавли яке аз саҳобагони Паёмбар (с) – Абӯ Абдураҳмон Абдуллоҳ ибни Масъуд [ваф. 33 ҳ.қ.], ки мувофиқи маълумот шашумин каси

исломпазируфта маҳсуб мешавад андешаи мазкурро тақвият мебахшад. Бо он ки Мавлоно бо асноди муҳкамасос, яъне оёти китоби осмонӣ андешаҳои хешро тақвият мебахшад, нақли мазкурро дар поёни ҳикоят чунин ҷамъбаст ва хулоса кардааст: «Лоҷарам ҳазрати Мавлавӣ (қ.с.) бар ин маонӣ ишорат мефармояд ва мегӯяд, ки «пеш аз ин моҳу ахтар дар вуҷуди Муҳаммад асар дошт, акнун ба ҷойе расид, ки осори тасарруфи ӯ дар моҳу ахтар аз офтоб рӯшантар гашт» [113, 482].

Азбаски таъбири «иншаққулқамар» таъбири қуръонӣ асту дар китобҳои тафосир мавриди шарҳ қарор гирифтааст, сарчашмаи баҳраҷӯии шореҳ қарор гирифтани яке аз тафсирҳои китоби осмонӣ равшан мешавад.

Дар шарҳи ҳикояти «Ҳақир дидани дидаҳои ҳисси қавм Солеҳ ва ноқаи Солеҳро….» шореҳ бо ишораи «арбоби тафосир овардаанд, ки…» қиссаи Солеҳ ва қавми Самудро хеле батафсил нақл мекунад [113, 629-634]. Аммо, нуктаи муҳим он аст, ки шореҳ дар ибтидои нақл ба сабаби аз тарафи Мавлоно оварда шудани ҳикояти мазкур ишора карда, тақрибан рамзи ин ҳикоятро чунин баён медорад: «Ҳазрати Мавлавӣ қуддиса сирруҳу дар ин сурхӣ тафсир мекунад, қавли Ҳақ субҳонаҳу ва таолоро, ки мефармояд: «Ва ило Самуда ахоҳум Солиҳан» (Аъроф, 73), то он ҷо ки «фа ахазатҳумурраҷфату фа асбаҳу фи дориҳим» (Аъроф, 78). Шореҳ на танҳо ваҷҳи оварда шудани қисса, балки пас аз баёни қиссаи мазкур рамзҳои онро низ бозкушоӣ мекунад: «Акнун Ҳазрати Мавлавӣ тани солеҳонро дар ҳалоки толеҳон ба ноқаи Солеҳ ташбеҳ мекунад ва ҷони эшонро ба Солеҳ(а) ва хотири эшонро ба курраи ноқа. Ва мефармояд, ки бар озори ҷони авлиё ва сулаҳо ҳеч касро дастрас нест, Чунонки қасди Солеҳ карданд ва муяссар нашуд. Валекин, озори тани эшон ҳамон озори ҷони эшон аст ва сабаби ҳалокат» [113, 632].

Дар нақли зер низ, ки дар шарҳи ду байти найнома «Бо лаби дамсози худ гар ҷуфтаме // Ҳамчу най ман гуфтаниҳо гуфтаме» ва «Ҳар кӣ ӯ аз ҳамзабонон шуд ҷудо // Бенаво шуд, гарчӣ дорад сад наво» омадааст, манбаи ривоят мушаххасан таъкид мегардад: «Шайхи кабир қуддиса сирруҳу дар

«Фавоеҳ-ул-ҷамол ва фавотеҳ-ул-ҷалол» овардааст, ки Самнун, ки дар тариқи муҳаббат зӯфунун буд, дар масҷиди Шунизия бо ҷамъе нишаста, ваъз мефармуд. Назар дар аҳли маҷлис кард, ҳамаро наззорагӣ дид ва ҳеч мустамеъ наёфт. Тафриқа аз ғафлати ҷамъ дар хотири ӯ расид. Рӯй ба қандилҳои масҷид кард ва гуфт: «Бо шумо мегӯям!». Оташи нафаси ӯ дар ниҳоди қандилҳо афтод ва даргирифт. Ҳама бар ҳам заданд ва аз сари дурустии қавли он бузург хурд бишкастанд. Шеър:

Онон, ки на бо ғами ту шоданд,
Дар олами маърифат ҷимоданд.
З-он мурдадиланд ҳамчу ҳайвон,
К-аз модари табъи худ бизоданд.
Ҳар кас, ки ба сурат одамӣ шуд,
Хосияти одамаш надоданд.

Ин сирр на зи ҳар касе тавон ёфт
То нури яқин куҷо ниҳоданд.

Рӯзе ҳам аз Самнуни зӯфунун сухани муҳаббат ва таҳрики силсилаи ҷунун талаб карданд. Гуфт: касе намедонам, ки маҳрами ин роз бошад ва мустамеъе намешиносам, ки дар ин маънӣ дамсоз гардад. Аз ин инъом оми каланъомро чӣ хабар? Бар асрори аброр ашрорро чӣ назар? Сухани арбоби сир мизоҷи аносир дорад: бар фарқи муддаӣ хок без, аз чашми маънавӣ об рез; дар гӯши ом бодест самумомез, дар дили хос оташест бодангез. Оҳ, чӣ кунам? Ҳар диле мурғи ин анҷир нест ва ҳар булбулеро оҳанги ин сафир не. Байт:

Туро ба Қоф чу ҳаргиз набудааст гузар,
Зи мо ҳикояти анқо куҷо кунӣ бовар.

Ногоҳ мурғе бехудона худро дар мақсура пеши Самнун андохт.

Самнун гуфт: ҳайвонсурати одамсират беҳ аз одамсурати ҳайвонсират. Ин мурғро дар самои асрори муҳаббат қобилтар аз аҳли маҷлис мебинам. Ва бо ӯ сухан аз муҳаббат мегуфт ва мурғ минқор ба замин мезад, то аз минқори

ӯ хун омад ва филҳол ҷон дод. Мисраъ: Ҷонфишонӣ инчунин кун, гар кунӣ…» [113, 382–384].

Мазмуни умумии ҳикоёти мазкурро андешаи «ҳастии ҳамдаму ҳамроз ва маҳрами асрор» ташкил додааст. Ин нуктаро шореҳ дар ҳикояти аввал ба ибораи «ҳеч мустамеъ наёфт» ва дар ҳикояти дувум бо ишораи «касе намедонам, ки маҳрами ин роз бошад ва мустамеъе намешиносам, ки дар ин маънӣ дамсоз гардад…» аз номи қаҳрамонони ҳикоят, ки бешубҳа аз аҳли асрор ҳастанд, равшан баён кардааст.

Ин ду ҳикоят, ки Хоразмӣ дар тафсири абёти боло овардааст, баёнгари он аст, ки шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор» аз қабили шарҳҳоест, ки дар бозкушои рамзҳои ирфонии афкори Мавлоно Ҷалолуддин таълиф гардидааст. Бино бар ин ҳам яке аз махсусиятҳои хоси шарҳи Камолуддини Хоразмиро баёни рамзу рози «Маснавӣ» ташкил додааст, ки мо дар ин маврид дар мавқеи хеш сухан хоҳем кард.

Хоразмӣ зимни нақли ривояти зер дар охири ҳикоят аз «Кошиф» («Кошиф-ул-асрор») бардошт карданашро чунин таъкид менамояд: «Дигар, манқул аст, ки Ҳусайн ибн ал-Фазлро Абдуллоҳ ибни Тоҳир талабид ва гуфт: се оят бар ман мушкил аст: туро талабидам, то ба ҳалли ишкол ва кашфи шубҳаи ман қиём намоӣ; яке он ки дар қиссаи Қобил фармуд, ки «фа асбаҳа мин-ан-нодимин» ва Қобил маҳкум ба тавба нест, бо вуҷуди он ки «надам» тавба аст; дигар, қавли ӯ субҳона ал-таоло, ки мегӯяд: «куллу явмин хува фӣ шаънин», яъне Худованди таоло ҳар рӯз коре мекунад, бо вуҷуди он ки дар хабари саҳеҳ омадааст, ки «он чӣ то қиёмат шуданӣ аст, қалам навишт ва хушк шуд». Дигар, қавли ӯ азза исмуҳу, ки «ва ин лайса инсонин илло мо саъо», яъне «нест одамиро магар ҷазои амали ӯ». Пас, изъоф дар ҷазо чист? Ҳусайн гуфт: Худованди таоло уммати Муҳаммадро (с) ба хасоиси фазл махсус сохта аст, лоҷарам «надам» дар ин уммат «тавба» аст ва дар аҳди Қобил тавба набуд. Ва баъзе гуфтаанд: надомати Қобил бар хамли кушта буд, на бар куштан. Ва аммо он чи фармуд: «ва ан лайса лил инсони илло мо саъо». Маънӣ он аст, ки «одамӣ бар тариқи адл мустаҳиқ нест, беш аз ҷазои

хешро, аммо маро мерасад, ки ҷазои ӯ музоаф гардонам аз рӯи фазл. Аммо, он чи мефармояд, ки «куллу явмин ҳува фӣ шаънин» баёни шуюне мекунад, ки Худованд ба ибдоъ ва изҳори он қиём менамояд. Ва он чи қалам навишта, ҳукми машъуне аст, ки изҳори ӯ муқаддар гаштааст. Абдуллоҳ ибни Тоҳир бархост ва бар пешонии Ҳусайн бӯса дод ва фазлу ифзоли бениҳоят дар бораи ӯ мабзул дошт. Ин аст он чи дар «Кошиф» мазкур аст» [113, 2/564–565].

Бо ҳикоятҳои рангину диловези ирфонӣ шарҳ додани луғоту истилоҳоти ирфониро зимни шарҳи истилоҳоти «ситру таҷаллӣ» низ метавон ба мушоҳида гирифт. Шореҳ дар ибтидо истилоҳоти мазкурро аз ҷиҳати назарӣ шарҳ дода, сипас, бо зикр кардани сарчашмаи ҳикоят онро баён доштааст. Чунончи: «Ва дигар сатру таҷаллӣ аст. Таҷаллӣ нури мукошифа аст, ки аз Борӣ таоло бар дили ориф зоҳир мегардад ва дилро месӯзад ва мадҳуш мегардонад. Ва сатр изолаи ин таҷаллӣ аст аз дил, то насӯзад ва аз нури таҷаллӣ музмаҳил нашавад. Пас, сатр аз Борӣ таоло раҳмат аст мар-орифро, Чунонкитаҷаллӣ аз ӯ фазлу қурбат аст, ки агар сатр набудӣ, дар овони зуҳури султони ҳақиқат вуҷуди солик муталошӣ шудӣ.

Ҳикоят. Асмаъӣ гӯяд: вақте аз авқот дар аснои сафаре аз асфор ба қабилаи бани Узраҳ нузул кардам. Ва аҳли он қабиларо аксар ба ишқу ошиқӣ моил ва ба риққати дилу латофати табъ мавсуф ёфтам. Ва дар висоқе, ки мебудам, духтареро дидам, дар ғояти ҳусну ҷамол ва ниҳояти лутфу камол. Рӯзе бар сабили тафарруҷ аз он ҷо берун омадам ва тавфе мекардам. Ҷавонеро дидам, заъифтар аз ҳаволе ва наҳифтар аз ҳилоле. Деге бар сари оташ ниҳода буд ва гарм-гарм оташе меафрӯхт ва нарм-нарм замзамае мекард ва дар оташи ишқ месӯхт. Истироқи самъ кардам, ин абёт мехонд ва қатароти аборот аз дида меборид:

Фало анки ли сабру ва ло файка ҳиллату,
Ва ло анки ли будду ва ло минки маҳрабу.
Фа лав кона лиқалбони ъишту бивоҳидин,
Ва афрадту қалабан фи ҳавоки муаддабу.

Ва ло алфу бобин ин арфату тариқат,

Ва локин било қулбин ило ина азҳабу.

Аз он ҷамоат суол кардам, ки: «ин ҷавон кист ва ҳоли ӯ чист?». Гуфтанд: ӯ бар он духтар, ки ту дар хонаи ӯ нузул кардаӣ, ошиқ аст ва бо он ки наздики ӯст, муддати даҳ сол аст, ки якдигарро надидаанд. Асмаъӣ мегӯяд: бозгаштам ва ҳоли он ҷавон бо ин духтар тақрир кардам. Духтар гуфт: он дилреш хеши ман аст ва он ғамзада амзодаи ман. Ман гуфтам: шакке нест, ки меҳмони ғарибро дар араб ҳурмате ҳарчӣ тамомтар ҳаст. Илтимос аз хидмати ту он аст, ки имрӯз ҷамоли худ бад-ӯ намоӣ ва занги фурқат аз оинаи ҳоли ӯ бизудоӣ. Духтар гуфт: «салоҳи ӯ дар ин нест». Асмаъӣ гуфт: пиндоштам, ки заннат мекунад ва дафъ медиҳад. Гуфтам: «Аз барои дили меҳмон қадаме ранҷа соз ва ба ҳоли он бечора бипардоз, то аз мушоҳидаи ҷамоли бокамоли ту рӯҳе ва роҳате дарёбад». Гуфт: «Маро рағбат ва шафақат дар ҳақи амзодаи худ беш аз он аст. Аммо, медонам, ки маслаҳати ӯ дар дидани ман нест. Аммо, чун боварат намеояд, ту бирав, ки аз паят биёям ман». Асмаъӣ мегӯяд: Рафтам ва пеши он ҷавон биншастам ва гуфтам: «Мушоҳидаи дилдор ва мулоҳизаи дидорро ҳозир бош, ки он нозанин ба илтимоси ман моияд, то маскану маъвои туро ба ҳузури худ пурнур гардонад». Дар ин сухан будем, ки духтар аз дур пайдо шуд ва доман дар замин мекашид ва гарди он бар ҳаво мерафт. Ҷавон чун он гард бидид, наърае зад ва бар дегдон афтод. Ва то ӯро аз он мавзеъ бардоштанд, аъзои ӯ чанд ҷо сӯхта буд ва оташ даргирифта. Чун ба хона мурочиат кардам, духтар бо ман аз рӯи итоб гуфт:

Он чӣ имрӯз ёфт ӯ, аз ту ёфт

В-он чӣ дид ӯ, зи раҳгузори ту дид.

«Иннаҳу ло ятиқу мушоҳидата ғубори ниъолино фа кайфа ютиқу мутолаата ҷамолино».

Хоразмӣ ин матлабро бо пораи шеър ва маънии зерин ҷамъбаст мекунад:

«Дар паси парда шикеб аз рухи дилдор кирост,

Парда чун барфиканад, тоқати дидор кирост?».

На бо сатр тавон сохт ва на бо таҷаллӣ тавон пардохт. Оре, филҷумла орифро бо сатр баҳра аз айш аст, аммо, чун таҷаллӣ омад, тайш дар тайш аст. Ли муаллифӣ:

Офоқ пур аз ҷилваи ёр аст, валекин,

Эй вой, ки мо тоқати дидор надорем» [113, 113–114].

Чунонки мушоҳида мешавад, Хоразмӣ барои мафҳум гардидани истилоҳи «таҷаллӣ» ҳикояти зебоеро аз рӯзгори як ҷавони ошиқ нақл мекунад, ки хулосаи андешаро тоқати таҷаллӣ надоштани ошиқ аз ҷамоли маъшуқ ифода намудааст. Ин тарзи соддабаёнӣ, бешубҳа, хоси каломи Хоразмӣ буда, аз шарҳи баъзе мусталаҳоте, ки аз осори дигари илмии ирфонӣ баргирифтааст, ба куллӣ фарқ мекунад. Азбаски ин ҳикоят аз забони донишманд ва луғатдони машҳури араб Абӯсаид Абдулмалик ибни Қариб [мутавалиди 212–213 ҳиҷрии қамарӣ] баён мегардад, Хоразмӣ дар зимн абёти арабиро низ нақл кардааст, вале дар услуби баёни ӯ, ки дар тайи он ба кор гирифтани унсурҳои санъати саҷъ ва равонии баёнро мушоҳида мекунем, моро бар он натиҷа мерасонад, ки Хоразмӣ, воқеан ҳам, аз дидгоҳи як нафар шореҳ сухан мекунад, на олим. Танҳо шореҳи осори адабӣ метавонад, чунин истилоҳоти мармузи ирфониро бо овардани ҳикоят ва дар ниҳояти соддабаёнӣ ба маърифатгари хеш пешниҳод намояд.

Омӯзиши масъалаи мазкур нишон медиҳад, ки корбурди ҳикоёту қисса ва ривоёт, ҷиҳати шарҳу тафсири абёти алоҳидаи «Маснавӣ» аз Шайх Камолуддини Хоразмӣ оғоз шудааст.

Дар мавриди он ки тору пуди «Маснавӣ»-и Мавлоно സиришта аз мазмунҳои қуръонӣ аст, сухани зиёд гуфта шудааст ва беҳтарин шоҳиди ин маънӣ байти зерин аст, ки ба Мавлоно Ҷомӣ нисбат додаанд:

«Маснавии маънавӣ»-и Мавлавӣ,

Ҳаст Қуръон дар забони паҳлавӣ.

Шабоҳати «Маснавӣ» ба «Қуръон»-ро дар тамоми дафтарҳои «Маснавӣ» метавон ба мушоҳида гирифт ва ончунонки муҳаққиқони зиёде ба

он ишора кардаанд, назм ва услуби дар зоҳир пароканда ва гусаста, вале дар ботин ва мазмун пайвастаи «Маснавӣ» сурати бисёр равшани таъсироти Қуръон бар ин асар мебошад. Худи Мавлоно низ дар таъсиргузории ин китоби муқаддас ба «Маснавӣ» ишороти зиёде дорад. Аз ҷумла:

Ҳамчу Қуръон, ки ба маъно ҳафттуст,

Хосрову омро матъам дар ӯст [13, 3/1897].

Агарчи худи Мавлоно дар ҷо-ҷои «Маснавӣ» аз таъсири Қуръони карим бар асари хеш ишороте кардааст, мавзӯи оёт ва аҳодиси «Маснавӣ» ба таври густарда дар шарҳҳои асримиёнагӣ маҷоли баён ёфтааст. Таҳқиқи илмӣ дар мавриди истифодаи аҳодиси набавӣ дар «Маснавии маънавӣ» низ, пеш аз ҳама, бо номи муҳаққиқи беназири эронӣ Бадеуззамони Фурӯзонфар ва китоби ӯ «Аҳодиси «Маснавӣ» вобаста аст. Бояд гуфт, ки асароти Қуръони карим ба «Маснавии маънавӣ» дар китоби «Қуръон» ва «Маснавӣ»-и донишмандон ва қуръонпажӯҳи эронӣ Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ [288] низ хеле муфасссал баён гардидааст.

Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ бо мутолиаи тамоми дафтарҳои шашгонаи «Маснавӣ» оёти мавриди истифодаро ба сурати як феҳрист танзим намудааст ва бо ин кор «як фарҳангвораи таъсири Қуръон дар абёти «Маснавӣ»«-ро ба вуҷуд овардааст.

Бояд гуфт, ки соли 2007 бори аввал бо хати кириллӣ китоби «Қуръон дар «Маснавӣ»-и донишманди афғонистонӣ Сайид Иброҳим Ҳикмат ба нашр расид [299]. Ин китоб фарогири ду дафтари аввали «Маснавӣ» аст, ки бо оёти қуръонӣ иртибот доранд.

Аммо таваҷҷуҳ ба шарҳҳои асримиёнагии «Маснавӣ» собит месозад, ки баррасии таъсири Қуръони карим ба «Маснавӣ» яке аз меъёрҳои бисёр муҳим ва ҷузви ҷудонопазири шарҳу тафсири «Маснавии маънавӣ» қарор гирифтааст. Шореҳон на танҳо дар мавриди иртиботи абёти алоҳида ва ё ҳикояту достонҳои ҷудогонаи «Маснавӣ» бо Қуръони карим ишора кардаанд, балки аз ҳар ҳарфу калимаи «Маснавӣ» низ маънӣ ҷустаанд. Чунончи, бархе шореҳон ҳатто ваҷҳи бо калимаи «бишнав» оғоз гардидани «Маснавӣ»-ро

ҳам бо ин китоби осмонӣ беробита надонистаанд. Шореҳи бузурги турк Исмоили Анқаравӣ дар ибтидои шарҳи хеш ба ин нукта, ки чаро Мавлоно оғози «Маснавӣ»-ро бо хитоби «бишнав» оғоз кардааст, ишора карда менависад: «Мавлоно, ки дар оғози «Маснавӣ» бо калимаи «бишнав» амр ба истимоъ фармуда ва бо ҷумлаи дигар ибтидо накардаанд, нуктаи бузург вуҷуд дорад» [7,1].

Анқаравӣ бо зикри ин андешаи хеш ба ояти каримаи «Бадтарин махлуқе, ки дар рӯи замин ҳаракат мекунад, дар назди Худованд он касест, ки аз истимоъ маҳрум аст» ишора дорад ва бо ҳамин роҳ пайванди «Маснавӣ»-ро бо китоби осмонӣ нишон медиҳад.

Чунонки таъкид кардем, дарёфт, маърифат ва баёни маъниҳои Қуръонӣ дар шарҳҳои асримиёнагӣ аз муҳимтарин ҷузви фаъолияти шарҳнигории шореҳонро ташкил додааст. Ҳар шореҳ вобаста ба дараҷаи бардошт, зарфият ва дарку фаҳми хеш ба ин масъала таваҷҷуҳ карда ва табиист, ки яке дар ин замина тавфиқи бештаре ёфта ва дигаре камтар таваҷҷуҳ мабзул доштааст. Аммо дар маҷмӯъ, дар тамоми шарҳҳои «Маснавӣ» ин асл, яъне бо ёрии оёти қуръонӣ шарҳ додани абёти «Маснавӣ» як рукни шарҳнигорӣ бар «Маснавӣ»-ро ташкил додааст. Шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор» дар ин миён аз тамоми шарҳҳои дигар бинобар аз тарафи шореҳ хеле фаровон истифода бурдани оёту аҳодис тафовути назаррас дорад. Бино бар ин, яке аз хусусиятҳои услубии шарҳи Хоразмиро корбурди фаровони оёти қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ ташкил додааст. Дар матни шарҳи мазкур тақрибан саҳифаеро наметавон дарёфт, ки дар он оёту ҳадис зикр нашуда бошад. Ин матлаб то кадом андоза бар оёту аҳодис ва улуми қуръонӣ мусаллат будани шореҳро нишон медиҳад.

Касрати корбурди оёту аҳодис то он ҷоест, ки баъзан дар як ҷумла чандин оётро аз китоби осмонӣ зикр мекунад. Чунончи, «Пас бад-ин башорат шамси рубубият аз самои убудият толеъ гашт ва ба ҳукми «ва ашрақатил арзу би нури раббиҳо» (Зумар, 69) арзи башарият ба нури рубубият ашроқ пазируфт ва ҳол ба мушоҳидаи анвори улуҳият муртақӣ шуд ва сирри

«Аллоҳу нури самовоти вал арзи» зуҳур ёфт ва ба ҳубуби нафаҳоти алтофи рубубият, боби ҳуввият дар айни шамс мунфатеҳ гашт. «Ва инғамаса фиҳӣ-л-мунғамас сумма ло тасол» [113, 19].

Ҷумлаи зерин низ ба ҳамин махсусияти фаровонии оёти қуръонӣ дар шарҳи Хоразмӣ далолат мекунад. Чунончи, «Ба адади қатароти ғамом ва анфоси аном ва ҳаракоти фалакӣ ва тасбеҳоти малакӣ бар марқади мутаҳҳар ва машҳади муаттари хуршеди сипеҳри расолат ва моҳи фалаки ҷалолат, муштарии чархи саодат, қутби гардуни сиёдат, олимаснади айвони «ва мо арсалнока илло раҳматан лилоламин» (Анбиё, 108), садрнишини суффаи «ва кунту набийян ва Одаму байнал моъи ва-т-тин» (ҳадис) мавсуф ба махоили далолати шийами карим, маъруф ба фазоили ишороти «иннака лаъало хулуқин азим» (Қалам, 4) мустаҷмаъи сунуфи шамоили ҷуду карам, мустазҳар ба фунуни ҷалоили «ва алламка мо лам такуна таъламун» (Нисо, 113) маҳрами хилватхонаи ли мааллоҳ, муҳрими каъбаи даргоҳи Илоҳ, ишораткунандаи «ло туъҷибу» (ҳадис), башоратдиҳандаи «ло тақнату» (Зумар, 53) сарви бӯстони «қум фаанзир» (Мудассир, 2), андалеби хушилҳони «ва раббака факаббир» (Мудассир, 3).

Камолуддини Хоразмӣ ҷойи дигар дар ҷумлаи тавсифии хеш таъбири қуръонии «ваннахлу босиқун»-ро чунин корбаст кардааст: «Подшоҳ чун аз қоили содиқ сифати ин нахли босиқро шунид, ба ҳазор дил он дарахтро толиб ва ошиқ гашт» [113, 1174].

Аз мисолҳои фавқ аз тарафи Хоразмӣ то кадом андоза бо мадади Қуръону ҳадис шарҳ додани матлаб мушоҳида мегардад ва моро ба натиҷае меоварад, ки Хоразмӣ ба унвони аввалин шореҳ дар «Ҷавоҳир-ул-асрор» муҳимтарин пайвандҳои байни Қуръон ва «Маснавӣ»-ро равшан нишон додааст. Албатта, дар ин маврид ҳам шарҳи Хоразмӣ барои шореҳон ва муҳаққиқону пажӯҳандагони «Маснавӣ» ҳамчун маъхази муҳимми шинохти сарчашмаи қуръонии «Маснавӣ» манбаи баҳрагирӣ будааст.

Ва ниҳоят бояд гуфт, ки Хоразмӣ ҳангоми шарҳи «Маснавӣ» аз нусхахои мухталиф истифода карда, ба илҳоқӣ будани абёт ишора мекунад.

Чунончи, менависад: «Дар баъзе нусхаҳои «Маснавӣ» ин чаҳор байт мастур аст ва ҳия ҳозиҳи:

Ду даҳон дорем гӯё ҳамчу най,

Як даҳон пинҳон-ст дар лабҳои вай.

Лек донад ҳар кӣ Ҳақро мазҳар аст,

К-ин фиғони ин сарӣ, ҳам з-он сар аст…» [113, 385].

Ин нукта нишон медиҳад, ки нусхашиносии «Маснавӣ», ки махсусан дар шарҳҳои ҳиндустонӣ зиёд ба чашм мерасанд, аз Камолуддини Хоразмӣ оғоз гардидааст.

**6.4 Сабки шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор»**

Шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор»-и Камолуддини Хоразмиро аз лиҳози доштани сабки зебо, усули баёни шево аз тамоми шурӯҳ фарқ мекунад ва ба шеваи насри омехта таълиф шудааст. Вале, гоҳо шеваи баён ва истифодаи насри мусаҷҷаъ хонандаро ба ёди «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ ва пештар аз он муноҷотҳои Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ мебарад. Яъне, аввалин хусусияти шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор»-ро истифодаи калимаю ибороти мавзуну оҳангдор ташкил додааст. Чунончи, шореҳ шарҳи нахустин достони «Маснавӣ»-ро чунин баён кардааст: «Подшоҳе, динпаноҳе ва аз маросими салтанат огоҳе девонаи парипайкаре шуд ва бари рӯи ӯ аз силсилаи мӯи ӯ ошуфтатар гашт ва чун ба васоити беғоят ва исори амволи бениҳоят муштарии он моҳрӯй гашт, он канизак аз қазо бемор шуд, то бидонӣ, ки ҳеч роҳате бе ҷароҳате ва ҳеч мунҳате бе меҳнате ва ҳеч хамре бе хамморе ва ҳеч гуле бе хоре даст намедиҳад» [113, 394].

Дар ин пора калимаҳои ишорагардида, як навъ, ҳамоҳангии гӯшнавозе ҳосил карда, онро хеле хонданӣ ва рангин гардонидаанд. Дар порчаи зер калимаҳои «бениёзӣ», «хонабарандозӣ», «ҷонбозӣ», «шакаррез», «диловез», «барафрӯхтан», «сӯхтан» матнро ҳусни дигар бахшидаанд: «Агарчи кунҳи ҳақиқати ишқ аз ҳаййизи идрок берун аст, аммо осори ӯ аз ҳадду ҳаср афзун аст. Камина асараш аз бениёзӣ хонабарандозӣ аст ва ҷонбозӣ дар роҳи ӯ каминабозӣ аст. Пайваста кори ӯ ба машшотагӣ чеҳраи маъшуқ барафрӯхтан

ва дили ошиқ бар оташи ҳасрат сӯхтан аст. Ва силсилаи зулфи маъшуқро бофтан ва дили ошиқро чун шона шикофтан аст» [113, 195].

Низ, «Парвона донад, ки гармии талхи шамъ шаҳди шакаррез аст; девона донад, ки овози занҷир чӣ диловез ва тарабангез аст...» [113, 195].

Гоҳо чунин тарзи баён бо тахайюл баён гардида, шеъри мансурро ба хотир меорад. Дар чунин тарзи баён низ хонанда услуби соддаву равони насри ривоятиро эҳсос мекунад. Чунончи: «Бе завраќи сабр дар дарёи балои ишқ натавон нишаст ва аз ин ғарқоб бе ошноии шикебоӣ натавонист гузашт. Шаҳбозе, ки дида аз ғайр надӯзад, чашми ӯ ба рӯи шоҳ боз нашавад, найе, ки таҳаммули буридан аз найистон надорад, бо шакарлабҳои нойӣ дамсоз нашавад. Сабр мифтоҳи арбоби фараҷ ва миқоти асбоби дураҷ аст, собирони дардманд ва хастагони мустаманд, ки синаҳо сипари новаки бало сохтаанд ва теғи сабр бар лашкари ғам андохта ва тири тадбир дар кеш ва марҳами сабр дар ҷигари реш ниҳодаанд, донанд, ки «балои дӯст айни валост ва ҷафои ёр маҳзи вафо» ва ба дидаи дилу ҷон ва айни басират аён бинанд, ки дар зимни ҳар оламе караме-ст ва дар ҳар ранҷе ганҷе ва дар ҳар амонате ионате ва дар ҳар маломате каромате, чунонки дар ҳар ҷалоле ҷамолест…» [113, 185].

Аммо чунин тарзи содда ва равони шеваи сухан дар ҳама ҷойи асари мавриди таҳлил мушоҳида намегардад. Дар баъзе аз ҷойҳо, ки каломи шореҳ бо истилоҳоти фалсафӣ ё ирфонӣ омехта мегардад, сабки сухан низ то андозае ба душворӣ майл мекунад. Ба назари мо, чунин ҳолат вобаста ба истифодаи сарчашмаҳои мавриди истифода аз ҷониби шореҳ мебошад. Чунончи, мисоли зерин баёнгари равшани он аст, ки аз яке аз китобҳои ирфонии душворфаҳм гирифта шудааст: «Ӯ дар мақарри иззат ва камол ҳайизи азамат ва ҷалол, ки мартабаи ҳуввият ва ҳазрати аниййати ӯст, яъне аз ҳайсияти «ӯ»-йии ӯ, аз изофати хориҷӣ ва зеҳнӣ мубаррост ва аз иттисоф ба итлоқ ва тақаййуд муарро….» [113, 151].

Дар порчаи зер таркиботу ибороти «саманди фитнат... оташ аз сумҳо рехтан», «шоҳбози фикрат дар таярони ҳавои ирфони ӯ пару бол рехта...» ва монанди инҳо, ки барои баёни сифати ишқ ба кор гирифта шудаанд, аз як

тараф, парвози баланди фикрии шорехро ба намоиш гузоранд, аз ҷониби дигар, таносуби таркибу ибороти хушоҳанги «гӯши шунаво, чашми бино, дасти гиро»; «кофӣ не – вофӣ не»; «гусаста – раста – пайваста»; гӯш накунад – хомӯш накунад»... ба каломи Хоразмӣ рангубор ва шукӯҳ бахшидааст. Ҳарчанд матни мазкур бори гарони баёни маонии ирфониро ҳомил аст ва талаб мекунад, ки маънӣ ҳам дар пероя ва қаволиби ибороту истилоҳоти илмӣ матраҳ гардад, истифодаи калимоти хушоҳангу ҳамқофия ва мавзун имкон додааст, ки матлаби ин мабҳас бо риояи салосату равонии калом зуҳур намояд: «Ҳарчанд дар шарҳи ҳақиқати муҳаббат ибороти вофӣ нест ва дар таъйини моҳияти ӯ ишороти кофӣ не ва агарчи шоҳбози фикрат дар таярони ҳавои ирфони ӯ пару бол рехта ва асаре надида ва саманди фитнат дар ҷавалони фазои иқони ӯ оташ аз сумҳо рехта ва ба карон нарасида, аммо анҷоми кор аз оғоз дидан ва даст аз номақдур боз кашидан кори хиради дурандеш ва вазифаи ақли донишкеш аст. Валекин касе, ки риштаи хирад гусаста ва аз иқоли ақл раста ва ба куллияти вуҷуд ба ишқ пайваста бошад ва ғариқи тӯфони муҳаббат ва ҳариқи нирони мавaддат гашта ва ишқи мутлақ ба ҳукми «кунту самъаҳу ва басараҳу ва ядаҳу» гӯши шунаво ва чашми бино ва дасти гирои ӯ шуда... лоҷарам ҳарчи шунавад ба ишқ шунавад ва ҳарчи гӯяд ба ишқ гӯяд, панди хирад дар гӯш накунад, бе дастурии ишқ нагӯяд ва бе фармони ӯ хомӯш накунад...» [113, 193]».

Баробари ин, матлабе, ки тариқи тарҷума аз китобҳои ирфонии арабӣ ва ё аз ақволи бузургони арабибаён ба шарҳ ворид шудаанд, забони баъзе аз қисматҳои онро душворгуна ҷилва додаанд. Чунончи, аз мутолиаи порчаи зерин на танҳо сабки равон, хушоҳанг ва насри мусаҷҷаи шореҳ эҳсос намешавад, балки аз забони арабӣ тарҷума шудани он бармало эҳсос мегардад: «Ҷамеи олам ҳадиқаи айни Худост азза ва ҷалла. Ва мурод аз айнуллоҳ он аст, ки сабаби тааййун ва зуҳури Ҳақ бошад. Ва ҷамеи улвиёт ҷафни фавқонии ин айн аст. Ва суфлиёт ҷафни таҳтонии он ва тафриқаи малакӣ дар улвиёти аҳдоби фавонӣ...» [113, 908]. Бахусус, вақте ки шореҳ

айни арабии ҳамин порчаро дар зимн нақл мекунад, ба тарҷума будани он шубҳае боқӣ намемонад.

Дар мисолҳои зер муаллифи шарҳ зимни баён калимоту ибороти ғарибу нодиреро мисоли нӯшандаи каъси ирфон, пӯшандаи либоси ғуфрон, вориди авдияи маориф, фориди андияи (ҷамъи надӣ, хокҳои намнок, – Т.С.) латоиф [113, 17] ва ғ. мавриди истифода қарор додааст: «Аммо, ба қалил иқтисор кардем, ки қалил бар касир далолат мекунад; Чунонки ҷуръа бар ғадир ва ҳафана (муште аз гандум ва ҷав ва ҷуз он) бар байдари (хирман) кабир ва ҳувал алимул хабир» [113, 19]. «Ҳанӯз ба тамоими (мӯҳраҳо ё тилисмҳое, ки барои дафъи чашмзахм ба гардани кӯдакон меовезанд, – Т.С.) атфол месохтам ва ба амоими риҷол намепардохтам» [113, 22].

Чунонки мушоҳида мешавад, дар чунин ҳолатҳо луғоту калимоти мавриди истифодаи Хоразмӣ ба ҳеч ваҷҳ бе мадади луғат ва қомусҳои соҳавӣ маърифат намегардад, вале ҳамин саноеи пуркорбурд забони насри ӯро ҷозибаи хос бахшидааст. Гузашта аз ин, мавзуну муқаффо омадани калимоту ибороти матн дар баъзе маворид имкон медиҳад, ки калимаи номаънус ҳам, бино бар талаботи ин навъи наср, бо назардошти калимоти болоӣ, беғалат хонда шавад. Бино бар ин ҳам, он ҷо ки Хоразмӣ аз қайди зикри иқтибосу ақволи дигарон озод аст, насри ӯ бисёр зебо, равон ва дилкашу дилангез ҷилва намуда, гоҳо ҷумлаҳо сурати панду ҳикматро гирифтаанд. Чунончи:

«Ҳар киро дӯст дорӣ, ӯро дӯстдошта бошӣ» [113, 522];

«Ҳар чӣ ба забон омад, ба зиён омад» [113, 546];

«Пушаймонӣ ва зорӣ асари ҳастӣ ва далели ҳушёрист» [113, 600];

«Аз баҳри кайке гилеме масӯз» [113, 665];

«Ёри нек гули бӯстони иқбол аст» [113, 909];

«Ёри оқили нозанин, ки шоистаи машварат бошад, ба манзалаи дидаи ҷаҳонбин аст» [113, 909];

«Қаҳр дар мавқеаш малеҳ аст ва лутфи бемаҳал бағоят қабеҳ аст» [113, 924];

«Бар фиреби душман масрур мабош ва ба талбиси Иблис мағрур машав» [113, 924];

«Аз тухми идбор бари иқбол барнадоштаанд» [113, 926];

«Оҳ-оҳ аз тафовути роҳ – ду оҳан аз як ҷойгоҳ, яке наъли сутуре – дигаре оинаи шоҳ» [113, 461].

Шореҳ кӯшиш намудааст, ки арӯси каломашро бо пероҳани мавзуну мусаҷҷаъ ва мурассаъ ба ҷилва оварад. Чунончи: «Оре, лаззати ушшоқи пурниёз аз маъшуқи ошиқнавоз дар сӯзу гудоз ва ҷилваву нози ӯст. Аз он ки меҳру вало насибаи авом ва дарду бало ҳиссаи хосони ҷонбози ӯст. Дурустии ҳоли Маҷнуни шикаста дар шикастани косаи ӯст, на дар ош додан. Ва ширинии айши Фарҳоди кӯҳкан дар талхии ҷон кандани ӯст, на дар зону дар зонуи Ширин хусравосо ниҳодан. Аз гӯйи саргашта бипурс, ки дар ҳолати захм хӯрдан рақсу ҳолат чаро кунад? Ё аз парвонаи болупарсӯз бипурс, ки бо сӯзиши шамъи шабафрӯз чаро месозад?» [113, 145].

Хеле ҷолиб аст, ки чунин услуб ва насри зебою дилнишин дар тамоми паҳнои шарҳи мазкур раҳо нашуда, моҳирона пайгирӣ ва идома меёбад. Барои мисол ба ин порчаи достони маъруфи «Бозаргон ва тутӣ» таваҷҷуҳ мекунем, ки суолу ҷавоби байни бозаргон ва тӯтиро шореҳ чи гуна ба қалам додааст: «Тутӣ гуфт: Эй хоҷаи вафопешаи покизахӯ, армуғони ин банда-ку? Бар ин бечораи маҳбус бибахшой ва он чӣ дидӣ ва шунидӣ, бознамой! Хоҷа гуфт: аз он қиссаи пурғусса бозмагӯй ва дигарбора кашфи ин роз маҷӯй, ки ман аз расонидани пайғоми ту пушаймонам ва аз мушоҳидаи ҳолати он ҷамъ парешон…» [113, 530].

Ҳамин тарзи баён ба шарҳи Хоразмӣ шукӯҳи зебо бахшида, ба асар рӯҳияи адабию бадеӣ додааст. Ба назар мерасад, ки Хоразмӣ ба воситаи истифодаи калимоти хушоҳангу мавзун қудрати суханофарии хешро ба намоиш гузоштааст. Пас, ҳамин насри зебо, оҳангин, мусаҷҷаъ ва мурассаи «Ҷавоҳир-ул-асрор» аст, ки ба асар латофату зебоии дилнишини бештаре бахшидааст. Чунончи: «Ибтидои қиссаи ман он аст, ки дар «найистон» побастаи обу гил будам ва роҳи ҳастӣ мепаймудам ва бо баргу сози сарв барг

доштам. Ва дам ба дам аз сари таҷаббур ва такаббур гардан бармеафроштам ва бастаи банди хеш будам ва худро аз аҳли фано менамудам. Мубталои ҳастӣ будам ва мегуфтам: наям. Ва дур аз дамсоз будам ва мегуфтам: ҳамнишини ваям. Сарам ба теғ аз тан бардоштанд ва маро пойбастаи обу гил нагзоштанд. Ва банди ман аз банд ҷудо сохтанд ва бо ман нарди дӯстӣ ба сурати душманӣ бохтанд. Мисраъ: «Ман зиён пиндоштам, он суд шуд». Чун дил аз ёру ватан пардохтам ва сина аз тамоми хаёлот холӣ сохтам, муродоти ман ҳосил гашт ва дасти иродати ман бар гардани мурод ҳамоил шуд. Агар ба бохтани сар шитофтам, чандин дидаи бино ёфтам. Ва агар аз ватан ва ҳамдамон ҷудо афтодам, лаб бар лаби ёр ниҳодам ва дам ба дам аз нафаси муборакаш мешунавам... Акнун чашм бар фармони ёр дӯхтаам ва ҷонбахшӣ аз лаби рӯҳафзои ӯ омӯхта. Чун тарки ихтиёр кардам ва худро ба куллӣ ба дасти қудрати ӯ супурдам ва хонаи дилро ба ҳавои ӯ аз хаёли ағёр пардохтам ва бо сӯзу ғами ӯ чун най бо оташ сохтам...» [113, 362].

Чунонки мушоҳида мегардад, чунин тарзи сухан, ҷумласозӣ ва ибораороӣ насри Хоразмиро, ки аз ибороту луғоти душворёбу номафҳум ва ғайри фасеҳ дур аст, соддаву равон ҷилва додааст, ҷумлаҳо низ аксаран кӯтоҳанд ва тарзи сухани сабки хуросониро ба хотир меоваранд. Шореҳ кӯшидааст, ки то поёни китоб ин ҳунарро риоят кунад ва инсофан дар заминаи ба зуҳур овардани насри зебо хеле муваффақ шудааст. Гоҳо барои байни як матлаб тавсифҳоеро пайи ҳам қатор меоварад: «Ёри нек гули бӯстони иқбол аст, шамъи шабистони омол аст, воситаи меъроҷи ҳақоиқ аст, робитаи идроки дақоиқ аст, таровати гулшани ирфон аст, назорати чамани айқон аст» [113, 909].

Хоразмӣ на танҳо бо истифодаи калимаҳои гӯшнавоз, балки бо истифодаи калимаҳое низ, ки махраҷи талаффузашон душвор аст, ҷумлаҳои мавзуну оҳангин меофарад: «Одамро аз талбиси Иблис чӣ ғам, чун бадрақаи тавфиқат рафиқи тариқи ӯст» [113, 1097]. Дар ин ҷумла калимаҳои «бадрақа», «тавфиқ», «рафиқ» ва «тариқ» бо истифодаи ҳуруфи садодор ва душвормахраҷ бунёд ёфтаанд, вале шореҳ онҳоро моҳирона ва бо камоли

устодӣ канори ҳам гузошта, ба ҳамон шеваи марсуми хеш ҷумласозӣ ва ибораоройӣ мекунад. Шореҳ ҷойи дигар ҳам бо истифода аз ҳамин калимот қудрати суханофарии хешро ба намоиш гузоштааст: «Аз ҳазрати борӣ субҳонаҳу ва таоло, ки ёридиҳандаи ҳар мубталост, умед дошта меояд, ки саодати тавфиқи хеш бадрақаи тариқи ин давеш созад, то дар ғаввосии биҳори заххори ҳақоиқ истихроҷи ҷавоҳири дақоиқ тавонад кард. Агар тавфиқи ҳидояти ӯ рафиқ нагардад ва инояти беғояти ӯ бадрақаи тариқ нашавад, ба кадом забон ҷаноби ҷалоли ӯро вассофӣ тавонем кард ва ба кадом хотир гирди суродиқоти ҷамоли ӯ таввофӣ тавонем намуд?» [113, 22].

Гузашта аз ин, чунин насри зеборо бо каломи манзуму мансури шевою равон зевар бастани шореҳ аз махсусиятҳои дигарест, ки шарҳро боз ҳам ҷилваҳои тозаи ҳунарӣ бахшидааст. Чунончи, шореҳ барои шарҳу тавзеҳи як матлаби зебои ирфонӣ ҳикояти дилнишинеро бо камоли соддагию ширинӣ ва бо истифода аз ашъори Шайх Аттор ва Ҳофизи Шерозӣ чунин баён кардааст: «Овардаанд, ки подшоҳе буд бағоят соҳибҷамол, ки нақши висоли ӯро наққоши ваҳму хаёл дар сафҳаи ҳеч хотире нагузоштӣ ва ҳар кӣ таманнои лиқои ӯ кардӣ, ҳаёти худ кам ангоштӣ. Оламе шефтаи дидори ӯ ва ошуфтаи рухсораш буданд. Аммо, ҳеч кас заҳраи таманнои висоли ӯ ва тоқати мушоҳидаи ҷамоли ӯ надошт. Ва чун подшоҳ аз барои навозиши ошиқони муштоқ ва сӯхтагони оташи фироқи хеш гоҳ-гоҳ аз хона берун омадӣ, рухсори чун офтобро ба шабгун ниқоб пӯшидӣ, аз он ки гуфтаанд:

Далер дар рухи хубаш наметавон нигарист,

Ки ҳам фурӯғи худ ӯро ҳиҷоб мегардад.

Ва агар тарафе аз ниқоб муртафеъ шудӣ, офтоби ҷамоли ӯ партав задӣ, димор аз ҷони ошиқони зор ва сӯхтагони зор баровардӣ:

Сад парда медарад зи паси парда ҳар замон,

Аз рух чу парда барфиканад, то чиҳо кунад.

Ошиқони сӯхтаву содиқони ғамандӯхта на тоқати мушоҳидаи ҷамол доштандӣ ва на тоби сабурӣ ва на маҷоли идроки висол ёфтандӣ ва на эҳтимоли дурӣ:

Не касеро сабр будӣ з-ӯ даме,

Не касеро тоби ӯ будӣ ҳаме.

Халқ мемурданд доим з-ин талаб,

Сабр не бо ӯ, на бе ӯ, эй аҷаб.

Чун подшоҳ дар дарду беқарории ушшоқ дид ва нолаву зории бедилони муштоқ шунид, аз лутфи беғояту карами бениҳоят «фикри тадбири кори эшон кард»:

Ошиқ кӣ шуд, ки ёр ба ҳолаш назар накард,

Эй хоҷа, дард нест, вагарна табиб ҳаст.

Пас, маслиҳат чунон дид, ки касре аз барои ӯ биороянд ва ӯ ба қаср дарояд ва оинае мусайқал ва софӣ дар баробари даричаи қаср доранд ва подшоҳ аз дарича назар дар оина андозад, то чун офтоби рӯи ӯ аз оина тобад, хар ошиқе аз партави он ҷамол баҳрае ёбад...» [113, 180].

Дар ин порча абёти «Не касеро сабр будӣ...» аз маснавии «Мантиқ-ут-тайр»-и Шайх Аттор ва байти «Ошиқ кӣ шуд...» аз девони Ҳофизи Шерозӣ [113, 128] гирифта, матлаби мавриди шарҳро боз ҳам рангинтар ҷилва додааст.

Омӯзиши шарҳи Хоразмӣ нишон медиҳад, ки муаллиф ҳангоми таълифи асар бештар аз саноеи бадеии лафзии саҷъ ва анвои он, тарсеъ, таҷнис, талмеҳ ва монанди инҳо баҳраи зиёд бурдааст ва ин амал аз хусусиятҳои бисёр равшани сабки нигориши муаллиф мебошад. Аз ин назар, матни асарро метавон насри маснӯъ (ё мусаҷҷаъ) ҳисобид. Ба кор гирифтани чунин тарзи баён аз эҷодкор маҳорати хоса металабад ва барои баёни андешаи ӯ як андоза маҳдудият ва мушкилиҳо низ пеш меоварад, зеро нависанда ногузир бояд баробари дарёфт ва баёни маънӣ, инчунин, ба мушобеҳати овозҳо, ҳамшаклӣ ва тавозуни алфоз низ риоят кунад.

Зикри ҳикоёту қиссаҳо ва ишороти дигар аз рӯзгори бузургони мутасаввиф яке аз махсусиятҳо ва шеваи дигари шарҳнигории муаллифро нишон медиҳад. Чунончи, шореҳ аз рӯзгори Яҳё ибни Муози Розӣ, ки аз

орифони номдори замони хеш [ваф. 258 ҳ.қ.] ва «аз маҳрамони роз» буд, ҳикоятеро ҷиҳати бештар тақвият бахшидани афкори хеш зикр мекунад: «Яҳёи Муози Розӣ аз маҳрамони ин роз буд. Рӯзе бар сари минбар баромад. Халқи бисёр дид, ҷамъ омада. Соате дар эшон назар кард, қобиле надид. Гуфт: Моро фармудаанд, ки бо як кас сухан гӯй ва он кас ҳозир нест. Ин бигуфт ва фуруд омад...» [113, 186].

Шореҳ пас аз зикри ин ҳикояти кӯтоҳ матлаби мазкурро бо овардани пораи шеър дар мавриди маърифати асрор аз тарафи аҳли асрор тақвият бахшидааст.

Шореҳ баъзан аз тафсири абёти ҳикоёту қиссаҳо даст кашида, танҳо ба баёни румуз мепардозад ва бо овардани мисолҳои дақиқ матлаби аслии Мавлоноро ба хонанда бозгӯ менамояд. Чунончи, дар фасли «Баёни хисорати вазир дар ин макр» [13, 1/ 525 ба баъд] аз қиссаи вазир сарфи назар ва чунин маънии ирфониро тақрир кардааст: «Дар аволими илоҳӣ ҳеч оламе тангтар аз шаҳодат нест, валекин то чашми ҷаҳонбини ту худобин нагардад, сирри фусҳати аволими илоҳӣ пеши ту яқин нагардад…»[113, 428].

Барои тавзеҳи ин матлаби ирфонӣ, ки «олами шаҳодат» ном дорад, шореҳ чунин мисол меоварад: «Чунонки агар тифлро дар тангнои раҳим хабар диҳанд, ки беруни ин тангно оламе бас дилкушо ва фазое бо тӯлу паҳност ва чунин қуббаи хазро бо машоили аҷроми улуввия ороста ва чунин саҳне зебо бо дебои раёҳин пероста. Ва чандин атъима ва ашрибаи хушгувор ва чандин мусоҳибони меҳрубон ва ёрони ғамгусор аст, он тифл ба ҳукми вақт мункири он мақолот бошад. Ва чун чашми ҷаҳонбин накшода аст, пиндорад, ки беруни тангнои раҳими модари худ ҳеч оламе нест, агарчи дар миёни ӯ ва ин олам ба ғайри пӯсте ҳиҷоб нест…»[113, 429]. Бо зикри ин мисол шореҳ ба натиҷагирӣ ва хулосаи зерин даст ёфтааст: «Лоҷарам маҳбуб, ки аз модари олами шаҳодат назода аст ва чашми Худобини ӯ ба олами малакут нагшода, ҳар оина ба ҳукми ҳоли хеш мункари аҷоибу ғароиби олами ғуюб бошад… Ва ҳар киро валодат аз нашъати унсурият ҳосил нагаштааст ва чашми ӯ ба мушоҳидаи он аволим мунаввар нашуда ва ин

ҷаҳонро, ки ҳабсгоҳи ҷонҳост ва зиндонсарои мост ва ба нисбат бо он аволим тангтар аз тангнои раҳим аст, ба нисбат бо он олам ин ҷаҳони маҳдудро бе ҳад тасаввур кунад ва ин тангноро фазое дилгушо гумон барад. Ва мулоҳизаи ин маънӣ накунад, ки ба ҳарчи мададе аз он олам расид, бар ҷамеи мушокилоти худ аз ин олам ғолиб омад» [113, 428–429].

Аз махсусиятҳои дигари шарҳи матлаб дар «Ҷавоҳир-ул-асрор» он аст, ки шореҳ бевосита бо забони соддаву равон ва дар ниҳояти мӯъҷазӣ ҳикоят ё достони мавриди шарҳро бозгӯ мекунад. Чунончи, «Достони подшоҳи ҷуҳуд, ки насрониёнро мекушт, аз барои таассуб» чунин оғоз мешавад: «Дар айёми зуҳури миллати Исо алайҳиссалом дар миёни ҷуҳудон шоҳе, зулмсозе, Исодушмане, насронигудозе буд, ки аз иттиҳоди ҷони Мӯсо ва Исо хабар надошт ва аз аҳвалӣ он ягонагиро бегонагӣ мепиндошт» [113, 415].

Чунонки мушоҳида мегардад, дар ин сурат ва бо тавсифҳои хушоҳангу дилнишин шарҳ додани матлаб сабки осори насри ривоятиро, монанди «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт»-у «Чаҳор дарвеш» ва ғ. ба хотир меоварад, хосатан, вақте ки шореҳ бо хитоб ба шахси дувуми танҳо (рафтӣ, гуфтӣ ва ғ.) ҷумлапардозӣ мекунад, ин андеша бештар тақвият меёбад. Чунончи, «Шоҳи ҷуҳуд вазире маккор дошт, ки иблис аз ӯ макру талбис омӯхтӣ ва ба як шарор аз оташи ҳилати ӯ оламе сӯхтӣ…» [113, 416].

Дар ин маврид хонанда бевосита метавонад, аз қудрати суханварӣ ва табъи баланду сабки равони каломи мансури шореҳ ба хубӣ огоҳ шавад, ки воқеан қудрат ва тавоноии забону баёни шореҳро ба намоиш мегузорад. Аммо азбаски дар баъзе маврид ин забон ва тарзи баён мушкил мегардад, онро натиҷаи иқтибоси шореҳ аз осори илмию таълимии ирфонӣ донистан равост.

## Фасли 7. Сарчашмаҳои шарҳи Хоразмӣ

Омӯзиши матни «Ҷавоҳир-ул-асрор» нишон медиҳад, ки насри асар дорои сабки ягона нест ва дар он таъсири осори мансури дар заминаи шинохти тасаввуф ва аркони он навиштаи пешиниён ба хубӣ эҳсос мегардад.

Дар каломи Хоразмӣ гоҳ партави каломи мансури Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, гоҳ латофату зебоӣ ва равонии «Гулистон»-и Шайх Саъдӣ, гоҳ таъсири каломи мушкилу душворсабки Ибни Арабӣ ва гоҳ таъсири осори мансури сӯфияи пешгузаштагон – «Табақот-ус-сӯфия»-и Абӯабдураҳмони Сулламӣ, «Ал-лумаъ фит тасаввуф»-и Абӯнасри Сарроҷ, «Рисолаи Қушайрия», «Ат-таъарруф»-и Калободӣ, «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Усмони Ҳуҷвирӣ, «Тазкират-ул-авлиё»-и Шайх Аттор, «Мирсод-ул-ибод»-и Наҷмуддини Розӣ, «Эҳёу улум»-и Имом Ғаззолиро эҳсос мекунем, ки тамоми тобишҳои осори мазкурро дар худ ҷамъ кардааст.

Аз ишороти худи Хоразмӣ низ маълум мегардад, ки ӯ аз осори дар заминаи ирфону тасаввуф таълифгардида огоҳии комил дошта, онро, чи дар забони арабӣ ва чи дар забони форсӣ, мавриди мутолиа қарор дода, дар шарҳи хеш истифода намудааст.

Дар «Ҷавоҳир-ул-асрор» инчунин намунаҳои ашъори суханварони зиёд чун Ибни Сино [113, 487, 547], Низомии Ганҷавӣ ва Хоқонӣ [113, 363, 375, 528, 545, 668, 760], Ҳаким Саноӣ [113, 458, 554, 586, 587, 1732], Аттори Нишопурӣ [113, 537, 583, 1744], Хоҷа Имоди Фақеҳи Кирмонӣ [113, 547, 574, 595], Саъдии Шерозӣ [113, 1729], Ҳофизи Шерозӣ [113, 437], Камоли Хуҷандӣ [113,532] ва дигарон оварда шудаанд. Ҳамин гуногунӣ ва танаввуи маълумот шарҳи Хоразмиро шукӯҳ ва ҷилои тозае бахшидааст.

Хоразмӣ дар аксари маврид аз сарчашмаҳои истифодакардаи хеш мушаххас ном набурдааст, вале ҳолатҳое ҳам фаровон вомехӯранд, ки шореҳ бо зикри номи китоб матлаберо аз он айнан нақл мекунад. Чунончи, «Шайх Фаридаддини Аттор қуддиса сирруҳу дар «Мусибатнома» мегӯяд» [113, 583]. Ё дар бахши «Зикри сардори олами сир, шайх-ул-муҳаққиқин Аммори Ёсир қуддисаллоҳу руҳ-ал-азиз» аз китоби Наҷмиддини Кубро истифода карданашро чунин баён медорад: «Ва ҳазрати шайхи кабир, кутб-ул-ақтоб Абулҷаноб, Наҷмуддини Кубро, қуддисаллоҳу сирруҳу дар расоил ва муаллафоти хеш тариқаи тарбият ва иршоди Шайх Аммори Ёсирро муставфо

овардааст. Чунонки дар «Фавоеҳ-ул-ҷамол ва фавотеҳ-ул-ҷалол» меоварад, ки…» [113, 89].

Таъкид мебояд, ки шарҳи Хоразмӣ, пеш аз ҳама шарҳи ирфонии «Маснавии маънавӣ» аст. Аз ин рӯ, муҳимтарин сарчашмаҳоеро, ки шореҳ дар зимни навиштани ин асар аз онҳо баҳра бардоштааст, дар пай зикр мекунем:

**7.1 «Табақот-ус-сӯфия»-и Абӯабдурраҳмони Сулламӣ**

Камолуддини Хоразмӣ ба яке аз сарчашмаи қадими ирфонӣ- «Табақот-ус-сӯфия»-и Муҳаммад ибни Ҳусайни Нишопурӣ, маъруф ба Абӯабдурраҳмони Сулламӣ [325–412 ҳ.қ.], сӯфӣ ва орифи машҳури охири қарни IV ва аввали қарни V ҳ., мустақим ишора накардааст (ба истиснои як маврид, ки аз Сулламӣ ном бурдааст, саҳ. 12), аммо ба гумони қавӣ, матлаби ин китобро, ки барои муаллифони «Рисолаи Қушайрӣ» ва «Тазкират-ул-авлиё» низ ҳамчун сарчашма хидмат намудааст, ҳангоми навиштани мақолаи аввали «Ҷавоҳир-ул-асрор», мавсум ба «Фӣ зикр баъзе машоих ҳозиҳи-т-тариқат…..» истифода кардааст.

Хоразмӣ менависад: «Дигар он ки ба ҳукми ҳадиси марвӣ аз Ҷобир (р), ки маънии ӯ манқул гашт, сирри каломи машоихи изом алайҳим ризвон-ул-малик-ил-аллом мутабаййин мешавад, ки гуфтаанд, машраби ҳар касе аз авлиё мувофиқи машраби яке аст аз анбиё. Ва қадами ин валӣ дар сайри мамолики қидам ва қатъи масолики умам бар ҷодаи он набӣ бошад, ки ин валиро бо ӯ машраб мувофиқ ва хулқу сифат мутобиқ бувад, чи ба ҳукми ҳадиси Ҷобир ҷони ҳар валӣ аз нафаси рӯҳи ҳар набӣ аст. Пас, баъзе вориси Иброҳим бошанд ва баъзе вориси Мӯсо ва баъзе ворисi Исо ва баъзе вориси Сайиди коинот ва хулосаи мавҷудот Муҳаммад Мустафо алайҳиссалом ва салавотуллоҳи алайҳим аҷмаъин. Чунонкиҳазрати султон-ул-муҳаққиқин Абӯабдурраҳмони Сулламӣ дар тафсири «ва лақад ахазно мисоқа бани Исроила ва баъасно минуму исно ашара нақибан» (Моида, 12 бо андаке тағйирот) аз ҷаноби мақбули ҳазрати халлоқ Шайх Абӯбакри Варроқ нақл мекунад…» [113, 12].

Зикри номи Абӯабдурраҳмони Сулламӣ ҳам баҳрабардорӣ ва иродати Хоразмиро ба ин шахсияти ирфонӣ ва таълифоти ӯ баён мекунад.

**7.2 «Ат-таъарруф»-и Абӯбакри Калободӣ**

Яке аз осори муҳимми тасаввуф, ки бевосита таъсири он бар каломи Хоразмӣ эҳсос мегардад, асари «Ат-таъарруф ли мазҳаби аҳли тасаввуф»-и Абӯбакр Муҳаммад ибни Исҳоқ Бухории Калободӣ маъруф ба «Тоҷ-ул-ислом» [ваф. 380 ҳ.] мебошад, ки яке аз бузургон ва орифони исломӣ аст. Ин китоб он тавре, ки муаллиф дар муқаддима таъкид мекунад, дар баёни васфи тариқаи сӯфия, сирати сӯфия ва баёни ақоиди онон, дар тавҳид ва сифоти Худованд ва дигар масъалаҳое, ки марбут ба ахлоқ ва одоб, ишорот ва киноёти махсуси тариқаи сӯфия аст, баҳс мекунад. Дар бораи аҳаммияти ин китоб ҳамин нукта бас аст, ки гуфтаанд: **لما التعرف لا التصرفلو عرف**, яъне агар «Таъарруф» намебуд, тасаввуф ношинохта мемонд».

Китоби мазкур аз муқаддима ва 75 боб иборат буда, дар тайи бобҳои он масъалаҳои ваҷҳи тасмияи «суфӣ», риҷоли сӯфия, ақволи сӯфия дар сифоти Худованд, дар тавба, дар зӯҳд, дар сабр, дар фақр, дар тавозӯъ, дар хавф, дар тақво, дар ихлос, дар шукр, дар таваккул, дар ризо, дар яқин, дар зикр, дар унс, дар қурб, дар иттисол, дар муҳаббат, дар таҷрид ва тафрид, дар ваҷд, дар ғалаба, дар сукр, дар ғайбат ва шуҳуд, дар ҷамъ ва тафриқа, дар таҷаллӣ ва иститор, дар фано ва бақо, дар ҳақоиқ ва маърифат, дар тавҳид, дар самоъ ва ғайра маҷоли баррасӣ қарор гирифтаанд [408].

Хоразмӣ дар мақолаи ҳаштуми муқаддимаи «Ҷавоҳир-ул-асрор» он ҷо, ки роҷеъ ба маротиби даҳгонаи рӯҳонӣ сухан меронад, дар мавриди он ки аз андешаҳои Абдулкарими Калободӣ бардошт кардааст, равшан изҳори назар мекунад: «Ва ин даҳ мартаба, ки ба эътибори ихтилоф бар ҳақиқати инсонӣ исбот карда шуд, қариб аст бар он мақомот, ки Шайх Абӯбакр Исҳоқи Калободӣ… ба тариқи нақл аз Шайх Абӯбакр Алвоситӣ мар арвоҳро даҳ мақом исбот кардааст ва дар мақоми тосиъ ва ъошир ишорат ба мартабаи қалбӣ ва рӯҳӣ кардааст ва бад-ин иборат овардааст…» [113, 162].

Маълум мегардад, ки Шайх Абӯбакр Исҳоқи Калободӣ дар «Ат-таъарруф» ин матлабро аз қавли сӯфӣ ва орифи бузурги қарни даҳум Абӯбакр Муҳаммад Мӯсои Воситӣ [ваф. 330 ҳ.қ.], ки дар тасаввуф мақоми олӣ дошт, бардошт намудааст. Хоразмӣ, пас аз ба забони арабӣ овардани қавли Шайх Абӯбакр Исҳоқи Калободӣ, бо зикри таркиби «Тарҷумаи ин иборот ба порсӣ он аст, ки…» тарҷумаи форсии онро чунин зикр кардааст: «Мақоми нӯҳум аз мақоми арвоҳ он аст, ки рӯҳ дар қабзаи қудрати ӯ бувад ва Ҳақ субҳона ва таоло ба зоти худ мухотабаи рӯҳ кунад ва ӯ ғайри Ҳақро набинад…» [113, 76].

Аз ишороти равшани шореҳ маълум мегардад, ки ӯ ҳангоми баёни маноқиби бузургони тасаввуф низ аз «Таъарруф» бардошт намудааст. Чунончи, ҳангоми зикри маноқиби Зуннуни Мисрӣ менависад: «Соҳиби «Таъарруф» мегӯяд: Ҳар кӣ ӯро бо Ҳақ қурб афтад, ба ҳамон миқдор бо халқ бӯъд афтад. Ва чун халқ ӯро нашносад, зандиқ гӯянд. Ва ҳоли Зуннун бад-ин наҳҷ буд…» [113, 60–61].

Ин ҷо шореҳ, пас аз нақли як ҳикоят аз рӯзгори Зуннуни Мисрӣ чор байти арабӣ низ аз ҳамин китоб овардааст.

Маълум мегардад, ки Камолуддини Хоразмӣ на танҳо бо «Таъарруф», балки бо шарҳи он низ ошноӣ дошта, дар таълифи мақолаи ҳаштум аз шарҳи ин асар низ ҳамчун сарчашма истифода намудааст. Чунонки менависад: «Ва шореҳи «Таъарруф» Шайх Исмоил ибни Муҳаммад ибни Абдуллоҳ раҳимаҳуллоҳ дар шарҳи ин иборат овардааст, ки «ин суханро баён кардан душвор аст, валекин, ҷумлаи ин сухан он аст, ки чун сир ба Ҳақ нигарад, қуввати назари вай ба вақти иштиғоли вай ва Ҳақ ӯро чунон машғул гардонад, ки ғайри Ҳақ ӯро шоҳид намонад…» [113, 163].

Ин ишораи шореҳи хоразмӣ нишон медиҳад, ки ӯ аз шарҳҳои форсии «Таъарруф» ва махсусан аз китоби Абӯиброҳим Исмоил ибни Муҳаммад ибни Абдуллоҳ Мустамиллии Бухорӣ [ваф. 434 ҳ.қ.], ки илова бар ин ки сарчашмаи муҳимми тасаввуф аст, яке аз матнҳои бисёр муътабари забони форсӣ ба ҳисоб меравад, низ баҳра бардоштааст.

### 7.3 «Ар-рисолат-ул-Қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ

Сарчашмаи дигаре, ки дар муқаддимаи шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор» мавриди баҳрабардории Хоразмӣ қарор гирифтааст, «Ар-рисолат-ул-Қушайрия»-и Зайнулислом Абулқосим Абдулкарим ибни Ҳавозан Абдулмалик ибни Талҳата ибни Муҳаммади Қушайрӣ [тав. 372 ҳ.қ.] мебошад. Рисолаи мазкур аз тарафи олими маъруфи эронӣ Бадеуззамони Фурӯзонфар таҳия ва ба зевари табъ ороста гардидааст [55, 14].

Фурӯзонфар дар муқаддимаи мазкур «Рисолаи Қушайрия»-ро чунин муаррифӣ мекунад: «Рисолаи Қушайрия» нома ё паёме аст, ки Қушайрӣ онро ба сӯфиёни шаҳрҳои ислом фиристода ва шурӯи он дар соли 437 ва поёни он дар авоили соли 438 ва иллати навиштани он зухури фасод дар тариқат ва инҳирофи сӯфинамоён аз одобу сунани машоихи пешин ва зуҳури муддаиёни дур аз ҳақиқат ва дурӯғин буда ва мусанниф дар муқаддима ин матлабро аз рӯи сӯзу гудоз шарҳ додааст» [55,14].

Рисолаи Қушайрӣ бори аввал тавассути шогирди муаллиф Абӯалӣ Ҳасан ибни Аҳмади Усмонӣ тарҷума шудааст. Ҳамин тарҷума асоси кори Фурӯзонфар дар таҳияи «Рисолаи Қушайрия» қарор гирифта, асар то имрӯз дар кишвари Эрон беш аз даҳ маротиба нашр гардидааст. Китоб аз 55 боб иборат буда, аз рӯи муҳтаво метавон онро ба ду қисм ҷудо намуд:

Қисмати аввал ба баёни ақоиди сӯфиён бахшида шуда, дар он муаллиф ба масъалаи шарҳи аҳволи машоихи сӯфия пардохта, аз Иброҳими Адҳам то Абӯабдуллоҳ Аҳмад ибни Ато, маҷмӯан, дар бораи 82 тан маълумот дода, аз рӯзгори онҳо ҳикояту ақвол меоварад. Қушайрӣ аксари матлаби боби мазкурро аз «Табақот-ус-сӯфия»-и устодаш Абӯабдураҳмони Сулламӣ истифода карда ва дар мавриди зиёде дар асараш ба ин баҳрабардории худ ишораи сареҳ кардааст. Дар қиёс бо «Ҷавоҳир-ул-асрор» ин бахши асари Қушайрӣ, ки дар бораи бузургони тасаввуф маълумот медиҳад, чандон густарда нест ва кулли матлаби боби мазкур аз 74 саҳифа таҷовуз намекунад [55, 13–87].

Қушайрӣ дар ибтидои боби ба аҳволу орои бузургони тасаввуф тахсисдодааш суханро аз зикри Абӯисҳоқ Иброҳим ибни Адҳам ибни Мансур оғоз мекунад [55, 24–25] ва сипас дар бораи Абулфайз Зуннун ал-Мисрӣ [26], Абӯалӣ ал-Фузайл ибн Аёз [27], Абӯмаҳфуз Маъруф ибни Фируз ал-Кархӣ [28], Абулҳасан Сарӣ ибн ал-Муғалласӣ ас-Сақатӣ [30], Абӯнаср Бишр ибн ал-Ҳорис ал-Ҳофӣ [32] ва дигарон идома додааст.

Боби севуми рисолаи Қушайрӣ дар шарҳи мусталаҳот ва таъбироти сӯфиёна аст, ки бо истифодаи аҳволу суханони пирони тасаввуф сурат гирифтааст. Дар ин боб Қушайрӣ 50 истилоҳи ирфониро тафсир кардааст, ки дар шинохти мафҳум ва рамзҳои ирфонӣ аҳаммияти муҳим доранд.

Мутарҷими «Рисолаи Қушайрӣ» Абӯалӣ Ҳасан ибни Аҳмади Усмонӣ, ки худ шогирди Қушайрӣ буда, асарро ба забони форсӣ тарҷума кардааст, дар боби севуми китоб «Дар тафсири алфозе, ки миёни ин тоифа равад ва он чӣ аз он мушкил бувад» менависад: «Устод Имом Абулқосим раҳматуллоҳи алайҳӣ гӯяд: ҳар тоифаеро аз уламо лафзҳост миёни эшон мустаъмал, ки бад-он махсус будаанд аз дигарон ва истилоҳ кардаанд бар он муродҳо, ки эшонро будааст то наздик бувад, бо он ки боз аз ӯ сухан гӯянд ва бар аҳли ин сифат осон бувад бад-он маънӣ расидан ба иттифоқи он лафз. Ва ин тоифаро алфозест, ки қасди эшон кашфи он маъониҳост, ки эшонро бувад бо якдигар ва муҷмалу пӯшида бувад бар он ки на аз ҷинси эшон бувад андар тариқат то маънии алфози эшон бар бегонагон мубҳам бувад. Аз он ки эшонро ғайрат бувад бар асрори хеш, ки ошкоро шавад бар он ки ноаҳл бувад, барои он ки ҳақоиқи эшон маҷмӯъ нест ба такаллуф ё оварда ба навъе аз тасарруф, балки маъниҳост, ки Худой субҳона ва таоло дили қавмро хазинаи он кардааст ва холис бикардаст ба ҳақиқат онро асрори қавме. Ва мо шарҳ кунем, ин алфоз то осон гардад, онро ки хоҳад бад-он расидан, аз маъниҳои эшон, ки бар ин роҳ рафтанд ва мутобеи суннатҳои эшон буданд…» [55, 88]. Чунонки мушоҳида мегардад, дар порчаи фавқ се маънии муҳим нуҳуфтааст:

якум, дар миёни ҳар тоифае аз уламо мавҷуд будани истилоҳоти хосе, ки тавассути он бо хамдигар суҳбат мекунанд;

дувум, аз бегонагон ва ноаҳлон пӯшида доштани асрори ҳақиқат;

севум, дар лавҳи замири арбоби вафо аз тарафи ҳазрати Илоҳӣ вадиат ниҳода шудани ин ҳақиқат ва ба маънои дигар дари дилҳои баъзеро аз барои фаҳми он гушодани ҳазрати Илоҳ, ки маҳз ба хотири шарҳу баёни ҳамин истилоҳот муаллифи рисола [Қушайрӣ] тахсис дода шудани боби мазкурро таъкид кардааст.

Бояд гуфт, ки Камолуддини Хоразмӣ дар мақолаи дувуми «Ҷавоҳир-ул-асрор», ки дар он ҷо истилоҳоти сӯфияро мавриди шарҳу тафсир қарор додааст, аз ҳамин боби рисолаи Қушайрия фаровон баҳра бардоштааст. Боби мазкур «Фӣ тафсири алфозин тадуру байнаҳо ҳозиҳи-т-тоифати аллазина ороуҳум ҳавла каъбатил латоифи тоифати» ном дошта, дар ибтидои он Хоразмӣ менависад: «Ҳар оина муқаррар аст ва маълум, ки ҳар тоифаеро аз аҳли улум дар табйини қавонини калом ва таъйини мақосиду маром алфозест махсуса ва иборотест мусталеҳа, ки дар мақоми таълим ва тааллум ва тафҳиму тафаҳҳум ҷиҳати тақриби мустакшифони асрори мабонӣ ва тасҳили мустатлиони талоеи маонӣ ба истеъмоли он мутаффарид гаштаанд. Лоҷарам, тоифаи тасаввуф низ, ки арбоби ҳиками олия ва асҳоби асрори мутаолияанд, дар кашфи ғавомизи кунузи ҳақоиқ ва шарҳи хаффиёти румузи дақоиқ ба истеъмоли алфозе мутаффариданд, ки ошноро маълум ва бегонаро ғайримафҳум аст. Чи эшонро ғайрат намегузорад, ки ағёрро бар асрори ёр мутталеъ созанд ва дар кашфи завоҳири абно ва шарҳи ҳиками «мазнунун биҳо лиғайри аҳлиҳо» ба мухотибаи ҳар ноаҳле пардозанд. Зеро ки найли ҳақоиқи эшон ба навъи такаллуф ё ба зарби тасарруф нест, балки маониест, ки ҳазрати Илоҳӣ ба файзи фазфози номутаноҳӣ дар қулуби қобилаи аҳли сафо ва лавҳи замири арбоби вафо вадиат ниҳода аст ва дари дилҳои баъзеро аз барои фаҳми он гушода. Байт:

Он шиносад ҳадиси ин дили маст,

Ки аз ин бода карда бошад нӯш» [113, 107].

Таваҷҷуҳ дар муҳтавои бобҳои ин ду асар нишон медиҳад, ки Камолуддини Хоразмӣ боби дувуми асари хешро маҳз бо такя ба ҳамин

бахши рисолаи Қушайрӣ таълиф намудааст. Чунончи, дар муқаддимаи боби мазкур Хоразмӣ айнан ҳамон матлаберо, ки дар асари Қушайрӣ баён шудааст, бо ибороти дигар баён доштааст. Аз ҷумла, масъалае, ки роҷеъ ба мафоҳими «алфози махсуса ва ибороти мусталеҳаи аҳли ирфон», «мустакшифони асрори мабонӣ» будани онон, барои бегонагон мубҳам будани маънии алфози эшон ва асрорро бо ағёр дар миёна наниҳодан баён доштааст, бешубҳа, баёни андешаҳои Қушайрӣ бо алфози дигар мебошад.

Дар боби мазкур Қушайрӣ мусталаҳоти зеринро шарҳ додааст: вақт, мақом, ҳол, қабзу баст, ҳайбат ва унс, тавоҷуд ва ваҷду вуҷуд, ҷамъу тафриқа, ҷамъ-ул-ҷамъ ва фарқи сонӣ, фано ва бақо, ғайбу ҳузур, сукр ва саҳв, завқ ва шурб, маҳву исбот, сатру таҷалло, муҳозара ва мукошафа, лавоеҳ ва таволеъ ва лавомеъ, баводеҳ ва ҳуҷум, талвин ва тамкин, қурб ва бӯъд, шариат ва ҳақиқат, нафас, хавотир, илмуляқин ва айнуляқин ва ҳаққуляқин, воридот, шоҳид, нафс, рӯҳ, сирр [55, 87–135].

Тамоми мусталаҳоте, ки дар рисолаи Қушайрӣ шарҳу тафсир шудаанд, ба истисnои чаҳор истилоҳ – баводеҳ ва ҳуҷум ва шариату ҳақиқат, бо ҳамон тартибе, ки дар рисолаи Қушайрӣ зикр шудаанд, дар боби дувуми муқаддимаи шарҳи Хоразмӣ нақл гардидаанд [113, 107–119]. Аммо, тафовут ин ҷост, ки истилоҳоти мазкур дар рисолаи Қушайрӣ хеле муфассал ва дар асари Хоразмӣ бо каме ихтисор оварда шудаанд.

Ҳоло барои он ки гуфтаамон бо далел бошад, шарҳи чанд мусталаҳотро аз ин ду асар зикр мекунем: Қушайрӣ дар бораи истилоҳи «нафас»: «Нафас осоиш додани дил бувад ба латоифи ғиюб. Ва соҳиби анфос ба васф бориктар бувад аз соҳиби аҳвол. Соҳиби вақт чунон аст, ки гӯӣ мубтадиест ва соҳиби нафс мунтаҳӣ аз соҳиби аҳвол миёнаи ҳарду. Аҳвол восита аст ва анфос ниҳояти улувв. Ва авқот асҳоби дилро бувад ва аҳвол худовандони рӯҳро ва анфос аҳли сиро. Ва гуфтаанд: фозилтарин ибодатҳо шумурдани нафас аст бо Худои таоло. Ва гуфтаанд: Худои таоло дилҳо биёфарид ва маъдани маърифати хеш кард. Асрорро биёфарид ва онро маҳалли тавҳид кард. Ҳар

нафасе, ки ҳасли ӯ на ба далолати маърифат бувад ва ишорати тавҳид бар бисоти зарурати ӯ мурда бувад ва худовандашро аз он бозпурсанд.

Аз устод Абӯалии Даққоқ шунидам, гуфт: орифро нафас мусаллам набувад, зеро ки боз ӯ мусомиҳа наравад ва муҳибро аз нафас чора набувад, ки агар ӯро набувад, ночиз гардад аз бетоқатӣ» [55, 127–128].

Хоразмӣ дар истилоҳи нафас: «Ва нафас тарвеҳи қулуб аст ба латоифи ғуюб. Ва соҳиби анфос арақҷ ва асфост аз соҳиби аҳвол. Пас, соҳиби вақт мубтадӣ аст ва соҳиби анфос мунтаҳӣ ва соҳиби аҳвол мутавассит. Авқот асҳоби қулуброст ва аҳвол арбоби арвоҳро ва анфос аҳли сароирро. Ва гуфтаанд: афзали ибодот шумурдани анфос аст бо Худо. Аллом-ул-ғиюбқулубро биёфарид ва онро маодини маърифат сохт. Ва асрорро офарид ва онро маҳалли тавҳид гардонид. Пас, ҳар нафас, ки ҳосил шавад ва онро далолат бар маърифат, ё ишорат ба тавҳид набошад, он нафас мурда аст ва соҳиби он нафас аз он нафас масъул хоҳад буд. Абӯалии Даққоқ гуфт: раҳматуллоҳи алайҳ, агар муҳиббро нафас набошад, аз бетоқатӣ муталошӣ шавад» [113, 116–117].

Маълум мешавад, ки Камолуддини Хоразмӣ бевосита аз нусхаи арабии рисолаи Абулқосими Қушайрӣ истифода карда, матлабҳои онро тариқи тарҷума дар китоби хеш ба кор бурдааст, зеро матни «Рисолаи Қушайрия», ки аз тарафи Абӯалӣ Ҳусайн ибни Аҳмади Усмонӣ тарҷума гардидааст, аз муҳтавои он чӣ Хоразмӣ дар асари хеш зикр мекунад, бо баъзе хусусиятҳои забонӣ, ки бешубҳа ба асли тарҷумаи матн вобаста аст, фарқ мекунад.

Азбаски Аҳмади Усмонӣ рисолаи устоди хеш Абулқосими Қушайриро бодиққату ҳавсалаи том тарҷума кардааст ва мақсадаш ҳам ҳарчи соддатар ва ба фаҳму дарки хонандагон наздиктар кардани мафҳум ва матни арабии рисола буд, зимни истифода кардани муродифҳои арабии калимот нисбат ба Хоразмӣ хеле эҳтиёткор будааст. Таркибу калимоти тарҷумаи Аҳмади Усмонӣ аз лиҳози равонӣ ва соддагии забон нисбат ба калимаю таркиботи овардаи Хоразмӣ писандидатаранд. Чунончи, таркиби «нафас осоиш додани дил бувад»-ро Хоразмӣ ба сурати «нафас тарвеҳи қулуб аст», «фозилтарини

ибодот»-ро ба сурати ҷамъи шикастаи арабии «афзали ибодот», «Худои таоло дилҳо биёфарид»-ро ба сурати «Аллом-ул-ғиюб қулубро биёфарид» зикр кардааст. Ин аснод нишон медиҳанд, ки Хоразмӣ ҳангоми муроҷиат ба ин сарчашмаи муҳими тасаввуфи исломӣ аз нусхаи арабии он истифода кардааст.

Нуктаи дигар он аст, ки Хоразмӣ ҳангоми шарҳу тафсири истилоҳот кӯшиш намудааст, ки матлабро ҳарчи мухтасар баён намояд. Чунончи, Қушайрӣ дар бораи истилоҳи «хотир» менависад: «Хотир хитобе бувад, ки бар замоир дарояд, бувад, ки аз фариштае бувад ва бувад, ки аз дев бувад, ки ҳадиси нафс бувад ва бувад, ки аз қибали Ҳақ субҳонаҳу бувад. Чун аз қибали фаришта бувад, илҳом бувад ва чун аз дев бувад, васвос бувад. Ва чун аз қибали нафс бувад, онро ҳаводиси нафс гӯянд. Ва чун аз қибали Ҳақ бувад, онро хотири Ҳақ гӯянд…» [55, 127].

Шарҳи ин истилоҳ дар рисолаи Қушайрӣ муфассал омадааст, вале Хоразмӣ фишурдаи хулосаи ин истилоҳро чунин овардааст: «…Ва он хитобест, ки ворид мешавад бар замоир ва ин гоҳе ба илқои малак бошад ва онро «илҳом» гӯянд. Ва гоҳе ба илқои шайтон бувад ва онро «васвос» хонанд. Ва гоҳе аз ҳаводиси нафс бошад ва онро «ҳавоҷис» ном ниҳанд. Ва гоҳе аз қибали Ҳақ падид ояд ва ба лиқои Ҳақ дар дил ҳосил шавад ва он мусаммост ба хотири Ҳақ» [113, 117].

Намунаҳои фаровонеро метавон аз ин бахш фароҳам овард, ки далел бар таваҷҷуҳ ва бардоштҳои Хоразмӣ аз рисолаи Абулқосими Қушайрӣ мекунанд, вале мо ба хотири парҳез аз пургӯӣ танҳо мисоли дигареро зикр мекунем, ки дар мавриди истифодаи ақволу ривоёти «Рисолаи Қушайрия» аз ҷониби Хоразмӣ маълумот медиҳад.

Дар рисолаи Қушайрӣ зимни шарҳи истилоҳоти «ғайб» ва «ҳузур» ривояти зерин омадааст: «Ва аз Алӣ ибни Ҳусайн разияллоҳу анҳумо ривоят кунанд, ки андар суҷуд буд, оташ андар сарои вай афтод, аз намоз берун наёмад. Пурсиданд вайро аз ин. Гуфт: оташи меҳин машғул кард маро аз ин оташ…» [55, 113].

Хоразмӣ дар «Ҷавоҳир-ул-асрор» дар зимни шарҳи истилоҳоти мазкур ин ривоятро чунин нақл кардааст: «Чунонки аз Алӣ ибни Ҳусайн разияллоҳу анҳумо марвист, ки дар хонаи ӯ оташ афтод ва ӯ дар суҷуд буд. Сар аз суҷуд барнадошт ва ҳиммат аз итфои он оташ нагумошт. Баъд аз мурдани оташ чун сар бардошт, пурсиданд, ки «дар чунин ҳолат чаро сар барнадоштӣ? Гуфт: маро ёди он оташи бузург аз ин оташи хурд бехабар сохта буд» [113, 111].

Дар асари Хоразмӣ байтҳои арабии миқдоран на он қадар зиёд вомехӯранд, ки аз «Рисолаи Қушайрӣ» оварда шудаанд. Масалан, дар фасли «Зикри маноқиби асадуллоҳ-ул-ғолиб Алӣ ибни Абӯтолиб» як байти арабӣ омадааст, ки ба ҳамин сурат дар рисолаи Қушайрӣ [55, 114] зимни шарҳи истилоҳи «завқу шурб» ба назар расид:

Шарибтул ҳубба каъсан баъда каъсин,

Фамо нафиза-ш-шаробу ва ло равияту [113, 32].

Қушайрӣ дар ин ҷо ва дар ҷойҳои дигари асари хеш бештар аз абёти арабӣ ва ҳамчунин аҳволу орои бузургони тасаввуф истинод ҷуста, зимнан, сарчашмаи бардошти хешро дар аксар маврид равшан баён намудааст. Чунончи, дар шарҳи ислоҳи «ғайбат» ва «ҳузур» ба сарчашмаи ҳикояти хеш ишора карда, чунин менависад: «Аз Абӯнасри муаззин шунидам ба Нишопур ва марде солеҳ буд, гуфт: Андар маҷлиси Бӯалии Даққоқ раҳматуллоҳи алайҳӣ Қуръон ҳамехондам ба Нишопур он вақт, ки он ҷо буд. Ва вайро андар ҳаҷ ҳадис бисёр мерафт, он асар кард андар ман, қасди ҳаҷ кардам ва ӯро низ иттифоқ афтод, ки ҳамин сол ба ҳаҷ рафт….» [55, 110–111].

Аммо, бояд таъкид кард, ки баҳраҷӯиҳои Хоразмӣ аз асари Қушайрӣ бардошти маҳз набуда, хеле эҷодкорона сурат гирифтааст. Шореҳ аҳволу афкор ва ашъори зиёди арабиро, ки дар рисолаи Қушайрӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд, дар асари худ наёвардааст, балки барои исботи афкори худ дар аксари маврид аз осори Мавлоно Балхӣ истинод ҷустааст. Ба ибораи дигар, Хоразмӣ масъалаҳои назариро аз рисолаи Қушайрӣ вом гирифта, асноди онро бештар бо ашъору офаридаҳои Мавлоно Ҷалолуддин ва дар мавриди андак аз аҳволи бузургони тасаввуф зиннат бахшидааст. Чунончи,

барои баёни тафовути аҳл ва ноаҳл, ки дар бахши муқаддимавии боби дувуми асари худ баён кардааст, аз «Куллиёти Шамс» абёти зеринро овардааст:

Аъдо, ки дар каминанд, дар ғуссаи ҳаминанд,

Чун бишнаванд чизе, гӯянд якдигарро.

З-он рӯй мову ёрон кардем аҳд бо ҳам,

Пинҳон кунем сирро, пеш афканем сарро.

Мо низ мардумонем, не кам зи сангу конем,

Бе захмҳои метин пайдо накарда зарро [113, 108].

Абёти мазкур дар ҷилди аввали «Куллиёти Шамс», чопи Фурӯзонфар, бо тағйироти андак ба чашм расид: дар байти аввал ба ҷойи «якдигар» лафзи «ҳамдигар» омада ва байтҳои баъдӣ ба сурати зер аст:

З-он рӯз мову ёрон дар роҳ аҳд кардем,

Пинҳон кунем сирро, пеш афканем сарро.

Мо низ мардумонем, не кам зи санги конем,

Бе захмҳои метин пайдо накард зарро [21, 1/120].

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки «Рисолаи Қушайрӣ», ки ҳамчун яке аз сарчашмаҳои муҳиму муътабари сӯфия дар замони худ мавриди баҳрабардории ихлосмандоне чун Абулҳасан Алӣ ибни Усмон ибни Ҷуллобии Ҳуҷвирӣ (ки аз ҳамасрони Қушайрӣ буда, дар замони ҳаёти Қушайрӣ китоби «Кашф-ул-маҳҷуб»-ро таълиф намудааст) ва Шайх Аттори Нишопурӣ буд, мавриди баҳрабардории Хоразмӣ низ қарор доштааст. Ончунонки Шайх Аттор дар зимни таълифи «Тазкират-ул-авлиё» бисёре аз ривоёти китоби хешро аз ҳамин сарчашма бардошт кардааст, Хоразмӣ низ матлаби боби мазкури асари Қушайриро бевосита аз забони арабӣ ба форсӣ тарҷума намудааст.

### 7.4 Баҳрагирии Хоразмӣ аз Хоқонӣ

Ҳассонулаҷам Афзалиддин Бадил ибни Алӣ ибни Усмон Хоқонии Ҳақоиқии Шарвонӣ [117] аз бузургтарин шоирони қасидасарои садаи дувоздаҳуми адабиёти форсии ҳавзаи Озарбойҷон мебошад, ки ба иллати кам

омӯхта шудани осору ашъораш дар адабиёти тоҷик, ончунонки мувофиқи мақоми ӯст, мавриди арҷгузорӣ ва баҳрабардорӣ қарор нагирифтааст. Ашъори Хоқонӣ аз замони зиндагии ӯ мавриди таваҷҷуҳи ҳамасронаш қарор гирифта ва дар ин маврид метавон аз муносиботи адабие, ки байни ӯ ва бузургтарин суханварони он аҳд, мисли Рашиди Ватвот, Асириддини Ахсикатӣ, Камолуддин ва Ҷамолиддини Исфаҳонӣ, Низомии Ганҷавӣ, Абулалои Ганҷавӣ, Муҷириддини Байлақонӣ ва дигарон сурат гирифта буд, ёд овард [139, 234].

Ашъори Хоқонӣ на танҳо дар замони хеш, балки пас аз даргузашти ӯ низ мавриди тақлиду баҳрабардории суханварони зиёде қарор гирифтааст. Аз ҷумла, суханварони бузурге чун Амир Хусрави Деҳлавӣ, Аттори Нишопурӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Урфии Шерозӣ, Назирии Нишопурӣ, Қоонии Шерозӣ ва дигарон дар татаббӯи ашъор ва қасоиди алоҳидаи Хоқонӣ шеърҳо сурудаанд.

Муҳимтарин хусусияти шеъри Хоқонӣ, ки мавриди таваҷҷуҳи суханварон қарор гирифтааст, ҳамоно ҳунар ва истеъдоди нотакрори ӯ дар офариниши маонии баланд ва офариниши таркиботу ибороти шоирона мебошад:

Сухандонӣ ба кӣ хатм аст, медонию мепурсӣ,

Фалакро бин, ки мегӯяд: «Ба Хоқонӣ! Ба Хоқонӣ»

[117, 3].

Нуктаи аҷиб он аст, ки ҳарчанд тасаввуф дар ашъори Хоқонӣ ба дараҷаи қобили мулоҳиза нест ва миёни муҳаққиқони муосир ҳам ба унвони хусусияти муҳимми шеъри ӯ пазируфта нашудааст ва ба гуфтаи доктор Саҷҷодӣ «тасаввуф дар шеъри Хоқонӣ дар ҳадди мутавассит қарор дорад» [117, «сӣ»], вале Хоразмӣ дар мавриди зиёд аз ашъори Хоқонӣ барои баёни афкору ақоиди ирфонии худ бисёр мувофиқ ва муносиб истифода кардааст. Ҳарчанд ҷой доштани афкори ирфонӣ дар ашъори Хоқонӣ ҷойи шубҳа надорад ва ончунонки Абдураҳмони Ҷомӣ таъкид менамояд, «вайро (Хоқониро, – Т.С.) аз машраби софи сӯфиён, қуддисаллоҳу таоло асрораҳум

шурбе тамом будааст» [124,746], бо вуҷуди ин, дар ҳеч кадоме аз осори тасаввуфии адабиёти форсии тоҷикӣ аз шеъри Хоқонӣ ба унвони намуна мисол дарҷ нагардидааст, илло дар шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор»-и Камолуддини Хоразмӣ. Шореҳи Хоразмӣ аз рӯи муҳаббат ва ихлосе, ки ба Хоқонӣ ва сурудаҳои ӯ дорад, ашъори Хоқониро барои тақвияти афкори ирфонии хеш фаровон ба истишҳод овардааст. Аз ҳамин хотир, баҳрабардорӣ аз шеъри Хоқониро дар «Ҷавоҳир-ул-асрор» метавонем, ба унвони яке аз хусусиятҳои шарҳи Хоразмӣ ба ҳисоб биёварем. Шояд ҳам битавонем таваҷҷуҳ, ошноӣ ва дилбастагии Хоразмӣ ба ашъори Хоқониро аз каломи Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ боз ҷӯем, зеро афкори Мавлоно бо шеъри Хоқонӣ пайванди жарфе доштааст. Мавлоно дар дафтари дувуми «Маснавӣ» ҳамин пайванди андешаи худро бо Хоқонӣ чунин баён медорад:

Мантиқ-ут-тайрони Хоқонӣ садост,
Мантиқ-ут-тайри сулаймонӣ куҷост?
Ту чӣ донӣ, бонги мурғонро ҳаме,
Чун надидӣ мар Сулаймонро ҳаме.
Парри он мурғе, ки бонгаш мутриб аст,
Аз буруни Машриқ асту Мағриб аст [13, 3/758–3760].

Азбаски Хоқонӣ сухани дерошнои хешро «Мантиқ-ут-тайр» номзад кардааст, Мавлоно низ аз ҳамин боб сухан кардааст. Гузашта аз ин, Мавлоно дар «Фиҳӣ мо фиҳӣ» низ барои истидлол дар чанд маврид аз каломи Хоқонӣ баҳра бардоштааст: «Ӯро он дард ба дарахт овард ва дарахти хушк мевадор шуд. Тан ҳамчун Марям аст ва ҳар яке Исо дорем. Агар моро дард пайдо шавад, Исии мо бизояд ва агар дард набошад, Исо ҳам аз он роҳи ниҳонӣ, ки омад боз ба асли худ пайвандад, илло мо маҳрум монем ва аз ӯ бебаҳра. Шеър:

Ҷон аз дарун ба фоқаву табъ аз бурун ба барг,
Дев аз хуриш ба ҳайзаву Ҷамшед ношто.

Акнун бикун даво, ки Масеҳи ту бар замист,

Чун шуд Масеҳ сӯи фалак фавт шуд даво» [113, 50].

Абёти фавқ аз як қасидаи Хоқонӣ аст, ки ба матлаи зер оғоз мешавад:

Тифлӣ ҳанӯз бастаи гаҳвораи фано,

Мард он замон шавӣ, ки шавӣ аз ҳама чудо [117, 21].

Ва шояд муҳаббати ашъори Хоқонӣ ба дили Хоразмӣ тавассути ҳамин ду байте, ки дар рисолаи Фаредуни Сипаҳсолор омадааст, роҳ ёфта бошад? Ончунонки Сипаҳсолор менависад: «Хоқонӣ ҳам дар ин маънӣ ҳақоиқе дар ду байт ба ғояти ҳусн мефармояд:

Хори пои ман манам, худро зи худ фориғ кунам,

То дуӣ, яксӯ шавад ҳам, ман ту гардам, ҳам ту ман.

Бо ту наншинам ба коми хештан, бе хештан

То маро савдои ту холӣ нагардонад зи ман» [97, 115]. Бо ин ҳама, бояд таъкид кард, ки Хоқонии Шарвонӣ дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ на бо корбурди мазмунҳои ирфонӣ ва тасаввуфӣ, балки бо ҳунари баланди маъниофаринӣ, ба хидмати шеър кашидани ҳикматҳои гуногун, истифодаи истилоҳоти соҳаҳои мухталифи тиббӣ, ҷӯлоҳӣ, нарду шатранҷ, бозиҳои кӯдакона ва ғ., ки аз махсусияти каломи ӯ маҳсуб мегардад, маъруфият пайдо кардааст. Аммо шореҳи хоразмӣ дар аксари маврид ҳангоми шарҳу тавзеҳи истилоҳоту баёни мазмунҳои ирфонӣ аз шеъри Хоқонӣ баҳра бардоштааст. Ончунонки мутолиаи шарҳ нишон медиҳад, дар шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор» пас аз «Девони ғазалиёти Шамс» ашъори Хоқонӣ дувумин сарчашмаест, ки мавриди таваҷҷуҳи Хоразмӣ қарор гирифта ва шореҳ аз ин ашъор барои таъйид ва тафсири «Маснавӣ» ёрии бештаре гирифтааст.

Маълум аст, ки Хоқонӣ дар замони зиндагии худ унвони «Ҳассони Аҷам»-ро гирифта буд, Чунончи, дар «Туҳфат-ул-ироқайн» он ҷо, ки дар бораи амми донишвари худ – Кофиуддин Усмон ибни Алӣ сухан меронад, дар ин маврид мегӯяд:

Чун дид, ки дар сухан тамомам,

«Ҳассони Аҷам» ниҳод номам [118, 12].

Ба Хоқонӣ додани ин лақаб ба он хотир буд, ки дар адабиёти форсии тоҷикӣ Хоқонӣ дар сурудани наът дар васфи Паёмбари ислом аз тамоми шоирони дигар пешдастӣ доштааст. Дар девони Хоқонӣ ҳадди ақал даҳ қасидаеро метавон номбар кард, ки дар сифоти Паёмбари акрам (с) суруда шудаанд. Аз ҳамин хотир, аввалин шеъре, ки Камолуддини Хоразмӣ дар муқаддимаи шарҳи хеш зикр мекунад, баргирифта, аз як қасидаи маъруфи Хоқонӣ бо матлаи «Тифлӣ ҳанӯз бастаи гаҳвораи фано...» аст. Хоразмӣ он ҷо, ки дар натъи Расули акрам сухан мегӯяд, дар ду маврид 10 байти ин қасидаро зикр мекунад. Аз ҷумла:

Он «бо»-ву «то» шикан, ки ба таърифи ӯ гирифт,

Ҳам «қоф»-у «лом» равнақу ҳам «коф»-у «нун» бақо.

Ҳам Мӯсӣ аз далолати ӯ гашта мустанеъ,

Ҳам Одам аз шафоати ӯ буда пешво.

Нутқаш муаллиме, ки кунад нутқро адаб,

Хулқаш муфаррахе, ки диҳад рӯҳро шифо.

Он ҷо, ки Юсуфи рухи ӯ парда баргирифт,

Дӯшизагони ғайб буриданд дастҳо» [113, 3].

Азбаски шореҳ аз нусхаи ношинохтае истифода кардааст, ашъори мавриди назар бо ашъори дар нусхаи доктор Саҷҷодӣ омада, тафовутҳое низ дорад. Чунончи, дар девони мазкур байти аввал чунин аст: «Он «бо»-ву «то» шикан…» ва мисраи дувуми байти дувум чунин: «ҳам Одам аз шафоати ӯ буда муҷтабо». Байти чаҳорум дар девони мазкур ба назар нарасид [117, 4].

Ҷойи дигар ҳам зимни зикри маноқиби Увайси Қаранӣ сухани хешро бо ин шеъри Хоқонӣ оғоз мекунад:

Сифоти ӯ ба дили мо фурӯ наояд аз он-к

Арӯс нек шигарф асту ҳиҷла нозебо [113, 38].

Дар девони Хоқонӣ мисраи аввал бо андаке тағйирот ва ба шакли «Санои ӯ ба дили мо фурӯ наояд аз он-к…» омадааст [117,9]. Хоразмӣ, ончунонки оғози мақолотро низ бо ашъори Хоқонӣ зиннат додааст, ҳамин тавр муқаддимаи мақолаи аввалро низ бо ин абёти шоир ҷамъбаст менамояд:

Қаҳти вафост дар бунаи охируззамон,

Ҳон, эй ҳаким, пардаи узлат бисоз, ҳон.

Дардам сапедмӯҳраи ваҳдат ба гӯши дил,

Хез аз сиёҳхонаи ваҳшат ба кӯси ҷон.

Донӣ чӣ кун? Зи нохушу хуш кам кун орзӯ,

Симурғфаш зи нокасу кас кам зан ошён [113, 38].

Ва ҷолиб он аст, ки Хоразмӣ ашъори Хоқониро хеле бамавқеъ мавриди истифода қарор додааст. Чунончи, зикри қитъаи фавқ ҷавоби суолест, ки Суфёни Саврӣ аз Ҷаъфари Содиқ дар бораи узлат гирифтани ӯ суол мекунад: «Мардум аз фавоиди анфоси ту маҳрум гаштаанд, чаро узлат гирифтӣ?» [113, 38]. Ва Хоразмӣ ҳам барои баёни сабаби узлат гирифтани Содиқ аз ашъори Хоқонӣ, ки ба маънии «узлат» иртибот дорад, суд ҷустааст, ки воқеан ҳам мувофиқи матлаб аст.

Дар нусхаи доктор Саҷҷодӣ мисраи дувум ба сурати «Хез аз сиёҳхонаи ваҳшат ба пойи ҷон» ва мисраи дувуми байти севум ба сурати «Симурғваш зи нокасу кас гум кун ошён» омадааст [117, 308–309].

Бояд гуфт, ки дар аксар маврид шореҳ, ҳарчанд шеъри Хоқониро ба истишҳод меоварад, аз овардани номи шоир сарфи назар мекунад. Зикри номи шоирро дар шарҳи Хоразмӣ ба нудрат мушоҳида мекунем. Чунончи, дар саҳифаи 38-уми шарҳ як бор ба сурати «Хоқонӣ» ва як бор бе зикри ном, инчунин, дар саҳифаи 182 ба сурати «Афзалуддини Хоқонӣ» ишора гардидааст. Гоҳо чунин ба назар мерасад, ки ҳатто хурдтарин баҳонае ҳам ба Хоразмӣ имкон медиҳад, ки ёде аз Хоқонӣ кунад ва аз ашъори ӯ нақл кунад. Чунончи, шарҳи мисраи дувуми байти «Чун харид ӯрову бархурдор шуд // Он канизак аз қазо бемор шуд» ба шореҳ имкон фароҳам меоварад, ки дар мавриди бевафоии дунё абёти зерини Хоқониро зикр кунад:

Осудагӣ маҷӯй, ки касро ба зери чарх

Асбоби ин мурод фароҳам наёмадаст.

Аз мавҷи ғам наҷот касерост, к-ӯ ҳанӯз

Бар шатти кавну арсаи олам наёмадаст» [113, 394].

Азбаски Хоразмӣ ба ашъори Хоқонӣ таваҷҷуҳ ва дилбастагии хос дорад, кӯшиш намудааст, ки муҳимтарин масъалаҳои ирфониро низ тавассути каломи Хоқонӣ шарҳ диҳад. Чунончи, бо вуҷуди дар асоси китобҳои ирфонӣ шарҳ додани истилоҳоти «узлат ва хилват», ҳамчунин, аз ин абёти Хоқонӣ баҳра бардоштааст:

Дил зи амал дур кун, з-он ки на некӯ бувад

Мусҳафу афсонаро ҷилд ба ҳам сохтан.

Чанд расадгоҳи дев бар дари дил доштан,

Чанд қадамгоҳи пил байти ҳарам сохтан.

Чист санам? Ғайри Ҳақ, пас написандад Худой,

Дил, ки назаргоҳи ӯст, ҷойи санам сохтан [113, 178].

Дар девони Хоқонии Шарвонӣ, чопи доктор Саҷҷодӣ, танҳо дар мисраи аввали байти севум тафовут ба назар расид. Дар ин нусха мисраи мазкур ба сурати зерин омадааст: «Зар чӣ бувад ҷуз санам, пас написандад Худой» [117, 315].

Хоразмӣ на танҳо ба порае аз қасоид ва ғазалиёти Хоқонӣ истишҳод мекунад, балки гоҳ ашъоре бар вазну қофияи ашъори Хоқонӣ месарояд ва порае аз мисраъҳо ва таркиботи ӯро иқтибос ва тазмин менамояд ва ин далел бар таваҷҷуҳ ва иноятӣ хоси шореҳ ба ашъори Хоқонӣ аст. Чунончи, Хоразмӣ бо корбурди калимаи мураккаби сохтаи Хоқонӣ «оинасимо» месарояд:

Гар ту рӯи дили худ оинасимо бинӣ,

Чеҳраи дӯст дар он оина пайдо бинӣ [117. 43].

Ин калима дар матлаи яке аз қасидаҳои маъруфи Хоқонӣ ба сурати зер омадааст:

Шабравон чун рухи субҳ оинасимо бинанд,

Каъбаро чеҳра дар он оина пайдо бинанд [117, 95].

Баҳраҷӯиҳои Хоразмӣ аз ашъори Хоқонӣ танҳо дар каломи манзуми ӯ инъикос наёфтааст, балки дар матни шарҳ низ бо ибороту таркиботе вомехӯрем, ки Хоразмӣ онро аз шеъри Хоқонӣ вом гирифтааст. Чунончи,

ибораи «дар шаби амал сапеда дамидан», ки дар порчаи насрии зерин омадааст, баргирифта, аз каломи Хоқонӣ аст: «Аз Хоҷа (а) марвист, ки ин малики ҷуҳудро соҳире буд. Чун рӯзи умраш ба шаб наздик расид ва дар шаби амалаш сапеда дамид, ҷавонеро барои таълими соҳирӣ ва такмили қавонини кофарӣ мусоҳиби худ сохт…» [113, 455]. Ин таъбир дар яке аз қасидаҳои Хоқонӣ ба сурати зер корбаст шудааст:

Хурӯси кунгураи ақл пар бикӯфт, чу дид,

Ки дар шаби умеди ман сапеда шуд пайдо [117, 24].

Низ ҷойи дигар мегӯяд: «Ва дар чор болиши фалаки чорум бар муттакои заррини офтоб такя назад…» [113, 380]. Хоқонӣ таркиби «чор болиш»-ро дар як қасидаи маъруфи худ чунин баён кардааст:

Эй панҷ навба кӯфта дар дори мулки «ло»,

«Ло» дар <u>чаҳор болиши ваҳдат</u> кашад туро [117, 3].

Калимаҳои «харитакаш» ва «ҷанибабар» дар як қитъаи Хоқонӣ баробар мавриди истифода қарор гирифтаанд:

Хирад харитакаши хотири баёни ман аст,

Сухан ҷанибабари хотиру банони ман аст

[117, , «чилу нӯҳ»].

Хоразмӣ ин ду калимаро дар тайи як ҷумла чунин зикр кардааст: «Рӯҳулқудусро ба харитакашии ӯ ҳазор ниёз ва Рӯҳуламин аз ҷанибатбарии ӯ сарфароз» [113, 380–381].

Баҳрабардориҳои шореҳ аз ашъори Хоқониро дар мисолҳои зерин низ мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар онҳо ҳамоҳангии қофияҳо ва корбурди таркиботи Хоқонӣ ба хубӣ эҳсос мегардад. Шореҳ гоҳо мисраъҳо ва гоҳо байтҳои алоҳидаи шеъри Хоқониро дар каломи хеш тазмин мекунад, вале ба он ишора накардааст.

Аз ин рӯ, хонандаи ноогоҳ мисраъҳои Хоқониро, ки аз тарафи Хоразмӣ тазмин гардидаанд, муайян карда наметавонад. Чунончи, дар поёни дафтари аввали «Ҷавоҳир-ул-асрор» намунаи як қасидаи комили шореҳ, ки аз 44 байт

иборат буда, дар пайравии қасидаи Хоқонӣ суруда шудааст, зикр гардидааст [113, 767–769].

Шореҳ ваҷҳи овардани ин қасидаро чунин шарҳ додааст: «Чун ҳазрати Мавлавӣ қуддиса сирруҳу хотимаи дафтари аввалро аз манзуми «Маснавӣ» ба зикри баъзе аз фазоили асадуллоҳил ғолиб, Алӣ ибни Абӯтолиб каррамаллоҳу ваҷҳа музайян сохтааст, бар ин заъиф низ воҷиб намуд, ки хатми шарҳи ин дафтар аз хазоини асрори маънавӣ, ба назми маноқиби он ҳазрат мувашшаҳ созад, то «хитомуҳу миску» бошад. Лоҷарам ба эроди ин абёт таҷосур намуда шуд» [113, 767].

Шореҳ гоҳо мисраъҳо ва гоҳо байтҳои алоҳидаи шеъри Хоқониро дар каломи хеш тазмин мекунад, вале ба он ки онро аз Хоқонӣ вом гирифтааст, ишора накардааст. Аз ин рӯ, хонандаи ноогоҳ мисраъҳои алоҳидаи Хоқониро, ки аз тарафи Хоразмӣ тазмин гардидаанд, ба суҳулат шинохта наметавонад. Чунончи, дар поёни дафтари аввали «Ҷавоҳир-ул-асрор» намунаи як қасидаи комили шореҳ, ки аз 44 байт иборат буда, дар пайравии қасидаи Хоқонӣ суруда шудааст, зикр гардидааст [113, 767–769]. Шореҳ ваҷҳи овардани ин қасидаро дар поёни шарҳ чунин зикр кардааст: «Чун ҳазрати Мавлавӣ қуддиса сирруҳу хотимаи дафтари аввалро аз манзуми «Маснавӣ» ба зикри баъзе аз фазоили асадуллоҳилғолиб Алӣ ибни Абӯтолиб каррамаллоҳу ваҷҳаҳу музайян сохтааст, бар ин заъиф низ воҷиб намуд, ки хатми шарҳи ин дафтар аз хазоини асрори маънавӣ ба назми маноқиби он ҳазрат мувашшаҳ созад, то «хитомуҳу миск» бошад. Лоҷарам, ба эроди ин абёт таҷосур намуда шуд. Лимуаллифиҳӣ:

Эй дур монда аз ҳарами хоси кибриё,
Сӯи ватан руҷӯъ кун аз хиттаи Хито.
Дар хорзори унс чаро мебарӣ ба сар,
Чун дар риёзи унс басе кардаӣ чаро.
Бигзар зи далқи кӯҳнаи фонӣ, ки пеш аз ин
Бар қомати ту дӯхтаанд аз бақо қабо.
Аз гӯшаи ҳудус қадам гар бурун ниҳӣ,

Гӯяд зи пешгоҳи қадам ҳақ, ки марҳабо…» [113, 767].

Қасидаи мазкур дар пайравӣ ва баҳрабардорӣ аз қасидаи «Эй панҷ навба кӯфта дар дори мулки «ло»-и Хоқонӣ [117, 3] суруда шуда, дар вазну қофия, мазмуну маънӣ, қолаби сухан ва тарзу шеваи сухани Хоқонӣ офарида шудааст. Шореҳ гоҳо мисраъҳо ва гоҳо байтҳои алоҳидаи шеъри Хоқониро дар каломи хеш тазмин мекунад, вале ба он ки онро аз Хоқонӣ вом гирифтааст, ишора накардааст. Аз ин рӯ, хонандаи ноогоҳ мисраъҳои алоҳидаи Хоқониро, ки аз тарафи Хоразмӣ тазмин гардидаанд, тавре, ки ишора рафт, ба суҳулат шинохта наметавонад.

Қасидаи мазкур дар пайравӣ ва баҳрабардорӣ аз қасидаи Хоқонӣ суруда шуда, абёти шабеҳи зерин баёнгари ин андешаанд:

Хоқонӣ:

Эй панҷ навба кӯфта дар дори мулки «ло»,
Ло дар чаҳор болиши ваҳдат кашад туро [117, 4].

Хоразмӣ:

Аз панҷ ҳиссу шаш ҷиҳат он дам, ки бигзарӣ,
«Ло дар чаҳор болиши ваҳдат кашад туро»
[43, ғазали шумораи 1].

Хоқонӣ:

Нутқаш муаллиме, ки кунад ақлро адаб,
Хулқаш муфарреҳе, ки диҳад рӯҳро шифо [117, 4].

Хоразмӣ:

Ҳам ақлро муаллими лутфат шуда адиб,
Ҳам хулқро муфарреҳи хулқат шуда шифо

[43, ғазали шумораи 1].

Хоқонӣ:

Аз ҳуллаи ҳудус бурун шав ду манзиле,
То гӯядат қурайшии ваҳдат, ки марҳабо [117, 3].

Хоразмӣ:

Аз гӯшаи ҳудус қадам гар бурун ниҳӣ,

Гӯяд зи пешгоҳи қадам Ҳақ, ки марҳабо

[43, ғазали шумораи 1].

Чунонки мушоҳида мегардад, ин абёт ҳам аз ҷиҳати маънӣ, ҳам аз ҷиҳати истифодаи калимаҳо ва ҳам аз ҷиҳати вазну оҳангу қофия ба ҳам хеле наздиканд. Гузашта аз ин, калимаю таркибҳои «панҷ ҳиссу шаш ҷиҳат», «ҳарами хоси кибриё», «хорзори унс», «далқи кӯҳнаи фонӣ», «аз бақо қабо сохтан», «аз гӯшаи ҳудус қадам баргирифтан», «оинаи дил назаргоҳи подшоҳ доштан», «ба гирди тан натанидан», «ҷон ба ҳазрати ҷонон ошно шудан», «нафй кардани балои вуҷуд ба «ло»… ва ғ., ки дар қасидаи мазкури Хоразмӣ истифода шудаанд, ҳосили коргоҳи тафаккури Хоқонии Шарвонӣ мебошанд.

Таваҷҷуҳ ба қасидаҳои Хоразмӣ низ, ки дар сарчашмаҳои дигар омадаанд, нишон медиҳад, ки ӯ аз пайравон ва дилбохтагони собитқадами Хоқонии Шарвонӣ будааст. Чунончи, қасидаи дигари Хоразмӣ, ки бо матлаи «Домани ҳиммат барафшон, эй дил, аз кибру риё…» [43, 5] оғоз мешавад, низ дар пайравӣ аз як қасидаи маъруфи Хоқонӣ, ки дар ситоиши Ҳазрати хатмуланбиё суруда шудааст, маншаъ мегирад. Хоразмӣ дар ин қасида то андозае таҳти таъсири каломи Хоқонӣ қарор доштааст, ки ҳатто мисраъҳои алоҳидаи қасидаи Хоқониро ҷузви каломи хеш қарор додааст:

Хоқонӣ:

Ҷавшани сурат бурун кун, дар сафи мардон даро,

Дил талаб, к-аз дори мулки дил тавон шуд подшо [111, 304].

Хоразмӣ:

Чун занон суратпарастӣ кам кун андар роҳи ишқ,

«Ҷавшани сурат бурун кун дар сафи мардон даро».

Банди тан будан наяфзояд туро ҷуз бандагӣ,

«Дил талаб, к-аз дори мулки дил тавон шуд подшо» [43, 5].

Хоқонӣ:

Ҳарчи, ҷуз нуруссамовот, аз Худоӣ азл кун,

Гар туро мишкоти дил рӯшан шуд аз мисбоҳи «ло»

[111, 304].

Хоразмӣ:

Чун балои туст ҳастӣ, дам зи «ло»-и нафй зан,

То ба «ло» ёбад дилу ҷонат халосӣ аз бало [ 43, 5].

Хоқонӣ:

Ман Ҳусайни вақту ноаҳлон Язиду Шимри ман,

Рӯзгорам ҷумла ошӯрову Шарвон Карбало [111, 306].

Хоразмӣ:

Ман Ҳусайни вақту ноаҳлон Язиду Шимри ман,

Рӯзгорам ҷумла ошӯрову манзил Карбало [43, 5].

Хоқонӣ:

Эй Ироқ, Аллоҳу ҷорак, нек машғулам ба ту

В-эй Хуросон, ъамракаллаҳ сахт муштоқам туро

[111, 306]

Хоразмӣ:

Эй Ироқуллоҳу ҷорак сахт муштоқам ба ту

В-эй Хуросон амракаллаҳ нек муштоқам туро [ 43, 5].

Ҳамин тавр, баррасии масъалаи баҳрагирии Камолуддини Хоразмӣ аз ашъори Хоқонӣ нишон медиҳад, ки шореҳ бо ишқу ихлоси беназир ба ашъори Хоқонӣ таваҷҷуҳ доштааст. Шореҳ дар баъзе маворид, бе он ки ба шеъри Хоқонӣ будани қитъае ишора кунад, мисраъҳои алоҳида ва гоҳо абёти комили қасоиди Хоқониро дар зимни шеъри хеш истифода карда, дар ин

ҳолат чеҳраи хешро ҳамчун як муқаллиди Хоқонӣ ҷилва додааст. Вале бояд гуфт, ки ашъори Хоразмӣ танҳо бо ҳамин хусусият маҳдуд намешавад. Ашъори дигари дар заминаи мазмунҳои ирфонӣ сурудаи ӯ хеле ҷаззоб ва моявар аз афкори тасаввуфӣ буда, чеҳраи ҳунарии ӯро чун як нафар суханвари соҳибистеъдод нишон додаанд.

### 7.5 «Тазкират-ул-авлиё»-и Аттори Нишопурӣ ҳамчун сарчашма

Яке аз муҳимтарин китобҳое, ки дар таълифи шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор» ҳамчун сарчашмаи адабӣ хидмат кардааст, бешак, «Тазкират-ул-авлиё»-и Шайх Фаридаддин Аттори Нишопурӣ [1245–1221] мебошад.

Китоби мазкур фарогири зиндагиномаи 96 тан аз бузургони авлиё ва машоихи сӯфия, мақомоту маноқиб, шарҳи аҳвол, суханони ҳикматнок ва риёзоту муҷоҳидоти онон мебошад. Бо он ки дар оғози зиндагиномаи чеҳраҳои ирфонии китоби мазкур чанд сатри бо насри мусаҷҷаъ зиннатёфта оварда мешавад, вале дар маҷмӯъ «Тазкират-ул-авлиё» бо забони содда ва равони форсӣ таълиф гардида, камтар асареро метавон назири он донист. Ба иловаи доштани насри бисёр равону дилкаш ва мазминҳои густардаи ирфонӣ «Тазкират-ул-авлиё» инчунин, бино бар ба таври комил фаро гирифтани масъалаҳои марбут ба зиндагӣ, рӯзгор ва аҳволи шахсиятҳои барҷастаи тасаввуф дар радифи осори намоёни ирфонӣ қарор гирифтааст.

Мутолиа ва таҳқиқи муқаддимаи шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор» нишон медиҳад, ки Хоразмӣ дар зимни таълифи мақолаи аввали асари мазкур, ки «Фӣ зикр баъзи машоих ҳозиҳи-т- тариқати ва ироди мо натаку биҳи мин-ал ҳақиқати» [113, 25–106] ном дорад ва бахусус ҳангоми навиштани бахшҳое, ки ба рӯзгору осор, аҳволу аҳволи риҷоли барҷастаи сӯфия бахшида шудаанд, аз ин сарчашмаи муҳими ирфонӣ баҳраҳои зиёд бардоштааст.

Баҳрабардории Хоразмиро аз «Тазкират-ул-авлиё», пеш аз ҳама, дар тартиби овардани номи шахсиятҳои бузурги ирфонӣ мушоҳида менамоем. Чунончи, асари мазкур бо зикри Имом Ҷаъфари Содиқ оғоз гардида, сипас, зикри маноқиб ва аҳволи машоихи бузурге чун Увайси Қаранӣ, Ҳасани Басрӣ, Молики Динор, Муҳаммади Восеъ, Ҳабиб Аҷамӣ, Абӯҳозими Маккӣ,

Утбат-ул-Ғулом, Робиа, Фузайли Аёз, Иброҳими Адҳам, Бишри Ҳофӣ, Зуннуни Мисрӣ ва дигарон оварда мешавад. Агар аз ҳамин дидгоҳ ба «Ҷавоҳир-ул-асрор» бингарем, мебинем, ки асли зикри машоих дар ин ду асар ба ҳам шабоҳати зиёд дорад. Хоразмӣ асари хешро бо зикри маноқиби Алӣ ибни Абӯтолиб оғоз намуда, сипас, дар бораи Увайси Қаранӣ, Ҳасани Басрӣ, Шайх Молики Динор, Шайх Муҳаммади Восеъ, Шайх Ҳабиби Аҷамӣ, Шайх Абӯусмони Маккӣ, Султон Иброҳими Адҳам, Робияи Адавия, Фузайли Аёз, Бишри Ҳофӣ, Шайх Абулфайз Зуннуни Мисрӣ ва дигарон иттилоъ додааст, ки тартиби зикри номи машоих дар ин асар бо тартибе, ки дар «Тазкират-ул-авлиё» омадааст, тақрибан ҳамгун аст.

Аз байни 28 нафар бузургони тасаввуф, ки дар шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор» муфассал зикрашон рафтааст, танҳо зикри номи панҷ нафар аз машоих дар «Тазкират-ул-авлиё» дида нашуд.

Ин шахсиятҳои мутабаҳҳир, ки дар шоҳасари Шайх Аттор зикрашон нарафтааст, Шайх Абулқосими Гӯраконӣ, Имом Аҳмади Ғаззолӣ, Шайх Абӯнаҷиби Сӯҳравардӣ, Шайх-ул-муҳаққиқин Аммори Ёсир ва Наҷмуддини Кубро мебошанд, ки аҳволу ақволашон дар фаслҳои охири мақолаи аввали «Ҷавоҳир-ул-асрор» баён гардидааст. Ҳарчанд исми Абӯҳозими Маккӣ [9, 55] дар «Ҷавоҳир-ул-асрор» ба тариқи Шайх Абӯусмони Маккӣ [113, 47] оварда шудааст, асноди мазкур дар ин ду асар далолат бар он мекунанд, ки ҳар ду як нафар мебошанд.

Чунонки таъкид кардем, Камолуддини Хоразмӣ ҳангоми таълифи мақолаи аввал, бе он ки ба тазкираи Шайх Аттор ишора кунад, бархе аз матлабро аз ин асар айнан нақл мекунад ва гоҳо ҳам маонии онҳоро бо ибороти дигар баён медорад. Барои он ки андешаaамон бо далел бошад, чанд намунаро аз ин ду асар тариқи муқоиса зикр менамоем.

«Тазкират-ул-авлиё» дар бораи Боязид:

«Он халифаи илоҳӣ, он даомаи номутаноҳӣ, он пухтаи ҷаҳони нокомӣ, шайхи вақт Абӯязиди Бастомӣ раҳматуллоҳи алайҳ акбари машоих буд ва аъзами авлиё, … доим дар мақоми қурб ва ҳайбат буд ва ғарқаи оташи

муҳаббат, пайваста танро дар муҷоҳада ва дилро дар мушоҳида медошт ва ривоёти ӯ дар аҳодис олӣ буд, пеш аз ӯ касеро дар маонии тариқат чандон истинбот набуд, ки ӯро. Гуфтанд, ки дар ин шева нахуст ӯ буд, ки алам ба саҳро зада буд ва камоли ӯ пӯшида нест, то ҳадде, ки Ҷунайд разияллоҳу анҳ гуфт: Боязид дар миёни мо чун Ҷабраил аст дар миёни малоика…» [9, 118].

Дар «Ҷавоҳир-ул-асрор»:

«Он султони асҳоби тариқат ва он бурҳони арбоби ҳақиқат, он мазҳари анвори илоҳӣ ва он музҳари асрори номутаноҳӣ, он шаҳнаи ҷаҳони нокомӣ Абӯязиди Бастомӣ аз кабоири машоих буд ва аз уззоми авлиё ва доим дар мақоми хавф ва ҳайбат буд ва пайваста ғарқаи оташи муҳаббат. Ҳамеша танро дар муҷоҳада ва дилро дар мушоҳида медошт. Ва ҳиммат бар нафйи ағёр аз хилватхонаи ёр мегумошт ва пас аз ӯ касеро дар маонии тариқат чандон истинбот набуд, ки ӯро то ба ҳадде, ки Саййидуттоифа Ҷунайди Бағдодӣ қ.с. гуфт, ки «Боязид дар миёни мо чун Ҷабраил аст дар миёни малоика» [113, 62].

Тағйироти ночизе, ки дар ин ду матн ба назар мерасад, мушаххасан чунин аст: ҷумлаи тавсифии аввал ва чанд калимаву ибора ва ҷумлаҳои алоҳида дар насри Хоразмӣ дар қиёс бо асари Аттор бо тафовути андак зикр гардидааст. Масалан, Хоразмӣ ибораи «қурб ва ҳайбат»-ро ба тариқи «хавф ва ҳайбат», «Ҷунайд разияллоҳу анҳ гуфт»-ро ба тариқи «Ҷунайди Бағдодӣ қуддиса сирруҳу гуфт» ва ғ. зикр намудааст. Инчунин, ҷумлаи «Ва ҳиммат бар нафйи ағёр аз хилватхонаи ёр мегумошт» танҳо дар насри Хоразмӣ корбаст гардида, дар асари Шайх Аттор мушоҳида нагардид. Хоразмӣ, пас аз ин, дар бораи Боязид ҳикоётеро нақл мекунад, ки беш аз навад дарсад бо он чӣ Аттор овардааст, мушобеҳат дорад ва Чунонкимушоҳида мегардад, хеле кам иттифоқ афтодааст, ки Хоразмӣ таркиби ибороту ҷумлаҳои аз «Тазкират-ул-авлиё» овардаашро дигар карда бошад.

Дар «Тазкират-ул-авлиё»:

«Нақл аст, ки Ҷаъфари Содиқ муддате хилват гирифт ва берун наёмад. Суфёни Саврӣ ба дари хонаи вай омад ва гуфт: мардумон аз фавоиди анфоси

ту маҳруманд, чаро узлат гирифтӣ? Содиқ гуфт: фасадаззамону ва тағаййяр-ал-ихвону» ва ин ду байт хонд. Шеър:

Заҳаба-л-вафоузаҳоба амсу-з-зоҳибин,

Ва-н-носу байна махоилин ва маорибин.

Яфшуна байнаҳуму-л-маваддат ва-л вафои

Ва қулубуҳум маҳшунатун биақорибин [9, 18–19].

Дар «Ҷавоҳир-ул-асрор»:

«Нақл аст, ки Ҷаъфари Содиқ муддате хилват гирифт ва берун наёмад. Суфёни Саврӣ ба дари хонаи вай омад ва гуфт: ё буна расулиллоҳи, мардум аз фавоиди анфоси ту маҳрум гаштаанд, чаро узлат гирифтӣ? Содиқ гуфт: фасадаззамону ва тағаййяр-ал-ихвону», яъне фасоди замон ва тағайюри ихвон боиси узлат шудаанд. Шеър:

Заҳаба-л-вафоузаҳоба амсу-з-зоҳибин,

Ва-н-носу байна махоилин ва маорибин.

Янсуна байнаҳуму-л-маваддат ва-л вафоин

Ва қулубуҳум маҳшувввату биақорибин [113, 38].

Дар ин порча Хоразмӣ тамоми матлабро аз «Тазкират-ул-авлиё» гирифтааст ва танҳо дар сухани Суфёни Саврӣ хитоби «ё буна расулиллоҳи»-ро ворид карда, инчунин, ба ҷойи «маҳруманд» «маҳрум гаштаанд» зикр кардааст. Тарҷумаи қавли Содиқро, ки дар асари Аттор ба забони арабӣ омадааст, бо забони форсӣ низ овардааст. Низ дар байти дувум ба ҷойи «янсун» «яфшун» овардааст. Ба хотири парҳез аз пургӯӣ бахшҳои дигареро, ки дар «Ҷавоҳир-ул-асрор» [113] ва «Тазкират-ул-авлиё»-и Шайх Аттор [9] ба ҳамдигар шабоҳати зиёд доранд, ба тариқи зерин нишон додан мумкин аст:

– «Зикри Шайх Ҳасани Басрӣ (раз.)» [Ҷавоҳир-ул-асрор», саҳ. 42–43, муқоиса шавад бо тазкираи Аттор, саҳ. 29];

– «Зикри Шайх Молики Динор қуддисаллоҳу руҳа» [«Ҷавоҳир-ул-асрор», саҳ. 43–44, муқоиса шавад бо асари Аттор, саҳ. 42, 43, 45, 47];

– «Зикри Шайх Муҳаммади Восеъ (раҳ.)» [«Ҷавоҳир-ул-асрор», саҳ. 44–45, муқоиса шавад бо асари Аттор, саҳ. 48];

– «Зикри Шайх Ҳабиб Аҷамӣ қуддисаллоҳу руҳа» [«Ҷавоҳир-ул-асрор», саҳ. 45, муқоиса шавад бо асари Аттор, саҳ. 53];

– «Зикри Шайх Абӯусмони Маккӣ (раҳ.)» [«Ҷавоҳир-ул-асрор», саҳ. 47, муқоиса шавад бо асари Аттор, саҳ. 55–56].

Чунонкитаъкид кардем, номи ин шахсият дар сарлавҳа ва матни асари Аттор ба тариқи Абӯҳозими Маккӣ омадааст, вале дар асари Хоразмӣ сарлавҳа шояд иштибоҳан Абӯусмони Маккӣ зикр шудааст, вале дар дохили матн, монанди тазкираи Аттор, Абӯҳозими Маккӣ оварда шудааст.

– «Зикри Робеаи Адавия» [«Ҷавоҳир-ул-асрор», саҳ. 53, 54, 55, 56, муқоиса шавад бо асари Аттор, саҳ. 59, 63, 69];

– «Зикри Султон Иброҳим қуддисаллоҳу руҳа» [«Ҷавоҳир-ул-асрор», саҳ. 58, 59, муқоиса шавад бо асари Аттор, саҳ. 80, 81];

– «Зикри Фузайли Аёз раҳматуллоҳи алайҳ» [«Ҷавоҳир-ул-асрор», саҳ. 56–57, муқоиса шавад бо асари Аттор, саҳ. 71–72].

Бо вуҷуди ин, Хоразмӣ дар баъзе маворид ба хотири худдорӣ кардан аз тафсили муфассал ва иҷтиноб аз пургӯӣ ба «Тазкират-ул-авлиё» сареҳан ишора мекунад. Чунончи, дар фасли «Зикри Фузайли Аёз раҳматуллоҳу алайҳ» мегӯяд: «Ва қиссаи … радди ӯ мазолими халқро ва зар шудани хок дар дасти ӯ ва имон овардани ҷуҳуд машҳур аст ва дар «Тазкират-ул-авлиё» мастур…» [113, 56].

Бо овардани нуктаҳои мазкур метавон гуфт, ки Камолуддини Хоразмӣ дар зимни таълифи мақолати аввали шарҳи хеш бевосита аз китоби «Тазкират-ул-авлиё» баҳра бурдааст ва танҳо беш аз як маврид, ки дар фавқ ёдовар шудем, аз ин асар ёд намекунад.

Баробари ин, Хоразмӣ ба сарчашмаҳои дигаре низ андак-андак руҷӯъ карда ва аҳволеро аз ин китобҳо ба сароҳат баён доштааст. Чунончи, дар «Зикри Робеаи Адавия» ба Абдуллоҳи Ансорӣ чунин ишора мекунад: «Ва шайх Абдуллоҳи Ансорӣ қуддиса сирруҳу аз ин ҷо мегӯяд: агар бар ҳаво

парӣ, магасе бошӣ, в-агар бар об равӣ, хасе бошӣ, дил ба даст ор, то касе бошӣ» [113, 55].

Тафовутҳои дигаре, ки дар байни бахшҳои мазкури ин ду китоб омадаанд, ба гунаи зеранд: Хоразмӣ аксари машоихро бо лақаби «шайх» зикр кардааст, аммо ин шахсиятҳо дар асари Аттор бидуни ин лақаб оварда шудаанд.

Хоразмӣ ҳангоми баёни аҳвол ва каромоти машоихи тасаввуф аз дафтарҳои ҷудогонаи «Маснавӣ»-и Мавлоно, куллиёти девони Шамси Табрезӣ, осори Абдуллоҳи Ансорӣ, ашъори худ ва ғ. тариқи истинод абёти шоҳид нақл мекунад, ки ин хусусиятро «Тазкират-ул-авлиё» на ин ки надорад, балки умуман зикри ашъор дар «Тазкират-ул-авлиё» вуҷуд надорад.

Хоразмӣ зимни шарҳи «Маснавӣ» на танҳо аз «Тазкират-ул-авлиё»-и Шайх Аттор, балки аз осори дигари ӯ низ истифода намудааст. Чунончи, зимни шарҳу тавзеҳи масъалаи мушоҳидаи ҷамоли илоҳӣ дар оинаи қалб аз ҳикоёти «Мантиқ-ут-тайр» ба таври ҷудогона 10 байт ба истишҳод овардааст [113, 180–181].

Ҳамин тариқ, баррасии мақолаи аввали шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор» нишон медиҳад, ки сарчашмаи асосии фикрии шореҳ дар таълифи ин фасл «Тазкират-ул-авлиё»-и Шайх Фаридаддини Аттор қарор гирифта будааст.

Ногуфта намонад, ки мо дар ин бахш баҳрабардориҳои шореҳро танҳо дар зимни таълифи муқаддимаи шарҳ мавриди баррасӣ қарор додем, вале бояд гуфт, ки Хоразмӣ дар мавриди зиёд аз осори дигари Шайх Аттор низ баҳраҳо бардоштааст.

### 7.6 Рисолаи Фаредуни Сипаҳсолор

Яке аз китобҳое, ки дар таълифи муқаддимаи «Ҷавоҳир-ул-асрор» барои Хоразмӣ ҳамчун сарчашма хидмат кардааст, рисолаи Фаредуни Сипаҳсолор мебошад. Ин рисола аз қадимтарин ва муҳимтарин асар дар мавриди зиндагии Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ба ҳисоб рафта, муаллифи он Фаредун ибни Аҳмад, маъруф ба Сипаҳсолор (Исфаҳсолор), муддати чиҳил сол муриди Мавлоно будааст [97, 4].

«Рисолаи Сипаҳсолор» дар байни солҳои 690–712 ҳиҷрӣ таълиф шудааст ва аз он ҷиҳат, ки дар замони зиндагии Мавлоно рӯи саҳфа омадааст, дорои арзиши зиёд аст. Арзишу аҳаммияти рисолаи мазкурро, пеш аз ҳама, қадимӣ будани он нишон медиҳад. Ин далел, ки ҳатто матлабҳои онро муаллифи «Маноқиб-ул-орифин» Аҳмади Афлокӣ [таъл.718 ҳ.] зимни таълифи асари хеш бе дигаргунии зиёд мавриди истифода қарор додааст, баёнгари арзишу аҳаммияти асар низ мебошад.

Он гуна, ки муҳаққиқони эронӣ Муҳаммадалии Муваҳҳид ва таҳиягари матни «Маноқиб-ул-орифин» Таҳсин Ёзиҷӣ низ ишора мекунанд, асари Афлокӣ дар заминаи «Рисолаи Сипаҳсолор» ба вуҷуд омадааст, дар китоби худ ҳеч номе аз Фаредуни Сипаҳсолор ва китобаш наёварда, турфа менамояд» [97, «панҷ»].

Пажӯҳиш ва муқоисаи «Рисолаи Сипаҳсолор» бо муқаддимаи шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор» нишон медиҳад, ки Хоразмӣ аз рисолаи фавқ бардоштҳои фаровон кардааст. Чунончи, бахши роҷеъ ба рӯзгори падари Мавлоно Баҳоувалад, маҷолиси вазъгӯиҳои Баҳоувалад, хоб дидани донишмандону муфтиёни Балх, муҳоҷирати Баҳоувалад аз Балх ва пазироии ӯ аз тарафи Алоуддини Кайқубод, ки дар «Рисолаи Сипаҳсолор» низ омадаанд, бе ҳеч тардид ҳосили мутолиа ва бардошти Хоразмӣ аз ҳамин маноқиб буда, гоҳо айнан нақл шудаанд, вале дар баъзе маворид Хоразмӣ нуктаҳои алоҳидаеро тафсил низ додааст. Чунончи, лаҳзаи хоб дидани донишмандони Балх дар «Рисолаи Сипаҳсолор» чунин омадааст: «Аз ҳазрати сайид истимоъ рафт, ки шабе сесад донишманду муфтӣ аз машоҳир дар Балх, ки аз ҷумлаи мункирон буданд, дар хоб Хоҷаи коинотро –салаллоҳу алайҳи васаллам – диданд, ки дар хаймаи сабз нишаста буд ва Мавлоно Баҳоуддин Валад разиаллоҳу анҳу дар бандагиаш нишаста. Ҳазрати рисолат Мавлоноро (яъне, Баҳоувалад – Т.С.) навозишҳо фармудӣ ва дар канор гирифтӣ ва ба ҳозирон гуфтӣ, ки «султонулуламо»-ш лақаб ниҳодам. Он ҷамоат чун бедор шуданд, рӯй ба ҳазрати ӯ ниҳоданд. Чун дар роҳ бо ҳамдигар мулоқӣ

мешуданд ва аз хоби дӯшина ҳикоят мекарданд, ба тааҷҷубу таҳайюр мемонданд» [97, 11].

Дар «Ҷавоҳир-ул-асрор»-и Хоразмӣ: «Аз ҳазрати сайид истимоъ рафт, ки шабе сесад донишманду муфтӣ аз машоҳир дар Балх, ки аз ҷумлаи мункЭрон буданд, дар хоб Хоҷаи коинотро – алайҳиссалом диданд, ки дар хаймаи сабз нишаста буд ва Мавлоно Баҳоуддин Валад бо Хоҷа ҳамнишин ва Ҳазрати Хоҷа Мавлоноро навозишҳо фармудӣ ва дар канор гирифтӣ ва ба ҳозирон гуфтӣ, ки «султонулуламо»-ш лақаб ниҳодам. Он ҷамоат чун бедор шуданд, рӯй ба ҳазрати Мавлоно ниҳоданд. Чун дар роҳ бо ҳамдигар мулоқӣ мешуданд ва аз хоби дӯшина ҳикоят мекарданд, ба тааҷҷубу таҳайюр мемонданд» [113, 97].

Чунонки мушоҳида мегардад, дар ҳар ду ин фиқра матлаб айни ҳам ҳастанд ва дар фиқраи аввал Хоразмӣ танҳо ба ҷойи «салаллоҳу алайҳи васаллам» «алайҳиссалом»; ба ҷойи «ӯ» «Мавлоно»; ба ҷойи «дар хаймаи сабз нишаста буд» «дар хайма ҳамнишин»; ба ҷойи «мутааҷҷиб ва мутаҳайир мемонданд» «ба тааҷҷубу таҳаййур мемонданд» оварда ва дар фиқраи дувум ҳам бо андаке тағйирот матлабро айнан нақл карда ва он ҷо ҳам ба ин бардошт ишора накардааст.

Дар «Рисолаи Сипаҳсолор» манзараи ба маҷлиси ваъзи Баҳоувалад омадани Муҳаммади Хоразмшоҳ ва фитна ангехтани Имом Фахри Розӣ чунин тасвир шудааст: «Иттифоқан, рӯзе султон ба зиёрат омада буд, касрате азим бо шукӯҳи беш аз пеш дид, ки дар маҷлиси ваъз ҳозир буданд. Рӯй ба Имом кард ва гуфт: беҳад касрате муҷтамеъ мешудаанд. Имомро (мурод Фахри Розӣ аст, – Т.С.) фурсат даст дод ва гуфт, ки агар тадбири дафъи ин касрат нашавад, бим аст, ки дар аркони салтанат халал афтад, Чунонки дафъи он натавон кард ва иллале чанд гуфт, ки ба воситаи он ки аз атроф ҷамъе аз мулук ва акобиру машоҳир ба зиёрати ӯ муҷтамеъ мешуданд ва дар пояи тахт иҷтимои азим мекарданд, бавоиси ҳасад дар нуфус мустамар аст. Агар ногоҳ ҷамъе бад-ин тамассук хуруҷ карда, тақвияти асокири махзул хуруҷ кунанд ва ало ҳинулғафлат дастдарозӣ намоянд, мумкин бошад» [97, 12].

Дар «Ҷавоҳир-ул-асрор»-и Хоразмӣ: «Иттифоқан рӯзе султон ба зиёрати ӯ омада буд, касрате азим бо шукӯҳ ва беш аз пеш дид, ки дар маҷлиси ваъз ҳозир буданд, рӯй ба Имом кард ва гуфт: беҳад касрате мушоҳида меафтад. Имомро фурсат даст дод, гуфт: агар ба тадбири дафъи ин касрат қиём намуда нашавад, бим аст, ки дар аркони салтанат халал афтад ба воситаи он ки тибоъ бар ҳасад маҷбул аст ва ҷамъе аз мулук ва акобиру машоҳир ба зиёрат меоянд ва дар пояи тахт иҷтимои азим даст медиҳад; ногоҳ агар баъзе ба воситаи бавоиси ҳасад хуруҷ кунанд, шояд, ки тақвият ёбанд ва ало ҳинулғафлат дастдарозӣ намоянд» [113, 98] .

Тафовут ва фарқҳои ночизи байни ду матни фавқро, ки дар он баҳрабардории Хоразмӣ равшан ба назар мерасад, ба тариқи зерин нишон додан мумкин аст:

«Рисолаи Сипаҳсолор»: «Ба зиёрат омада буд» [97, 12]

«Ҷавоҳир-ул-асрор»: «Ба зиёрати ӯ омада буд» [113,98]

«Рисолаи Сипаҳсолор»: «Беҳад касрате муҷтамеъ мешудаанд» [97,12]

«Ҷавоҳир-ул-асрор»: «Беҳад касрате мушоҳида меафтад» [113, 98]

«Рисолаи Сипаҳсолор»: «Агар тадбири дафъи ин касрат нашавад [97, 12]

«Ҷавоҳир-ул-асрор»: «Агар ба тадбири дафъи ин касрат қиём намуда нашавад» [113, 98]

«Рисолаи Сипаҳсолор»: «Ба воситаи он ки аз атроф ҷамъе аз мулук ва акобиру машоҳир ба зиёрати ӯ муҷтамеъ мешуданд ва дар пояи тахт иҷтимои азим мекарданд, бавоиси ҳасад дар нуфус мустамар аст» [97, 12]

«Ҷавоҳир-ул-асрор»: «Ба воситаи он ки тибоъ бар ҳасад маҷбул аст ва ҷамъе аз мулук ва акобиру машоҳир ба зиёрат меоянд ва дар пояи тахт иҷтимои азим даст медиҳад [113, 98]

«Рисолаи Сипаҳсолор»: «Агар ногоҳ ҷамъе бад-ин тамассук хуруҷ карда, тақвияти асокири махзул хуруҷ кунанд ва ало ҳинулғафлат дастдарозӣ намоянд, мумкин бошад» [97, 12]

«Ҷавоҳир-ул-асрор»: «Ногоҳ агар баъзе ба воситаи бавоиси ҳасад хуруҷ кунанд, шояд, ки тақвият ёбанд ва ало ҳин-ул-ғафлат дастдарозӣ намоянд» [113, 98].

Хоразмӣ силсилаи муридони Наҷмуддини Куброро, ки дар миёни онҳо исми падари Мавлоно низ ҳаст, чунин нишон додааст: «Ҳазрати Шайх Наҷмуддини Кубро, бо вуҷуди он ки назари ӯ кимиёи вилоят буд, дар муддати умр дувоздаҳ мурид беш қабул накард. Аммо, ҳама акобири ҷаҳон ва ягонаи замон ва муқтадои оламу пешвои абниёи Одам буданд. Чун Шайх Наҷмуддини Бағдодӣ ва Шайх Саъдуддини Ҳумавӣ ва Шайх Бобо Камоли Ҷандӣ ва Шайх Разиуддин Алии Лоло ва Шайх менависад, ки «Аммо Ҳазрати Султонулуламо вал машоих Баҳоулҳақ вад-дин ал-Валад Муҳаммад ибнал Ҳусайн ибни Аҳмад ал-Хатибӣ ал-Бакрӣ, ки волиди Мавлоност, ба ривояти саҳеҳ мунтасиб ба Абӯбакри Сиддиқ аст ва ҷадди Имом Аҳмад ал-Хатибӣ муриди қутбулорифин Имом Аҳмади Ғаззолӣ аст. Ва Ҳазрати Султонулуламо Баҳоуддин ал-Валад дар унфувони шабоб баъд аз иктисоби улум ва одоб аввалан талқини зикр аз падари хеш баргирифтааст ва бад-ин восита силсилаи ӯ муттасил ба Шайх Аҳмади Ғаззолӣ аст. Аммо, баъд аз ин суҳбати Шайхушшуюх ва қутбулақтоб Абулҷаноб Наҷмуддини Кубро дарёфтааст ва аз рӯи риёзат ва муҷоҳада ба аълоқулали мушоҳида шитофта ва мақбулу маҳбуби ҳама дилҳо шуда…» [113, 96].

Бояд зикр кард, ки Сипаҳсолор интисоби Баҳоуваладро ба Абӯбакри Сиддиқ бо таъбири «ба ривояти саҳеҳу асониди дуруст» [97, 9] зикр кардааст ва Хоразмӣ низ онро такрор намудааст. Айни ҳамин матлабро дар мавриди вохӯрии Баҳоувалад бо Алоуддини Кайқубод ва мутамаккин шудани ӯ дар Қуния, ки дар сарчашмаи фавқуззикр омадааст, низ метавон ба мушоҳида гирифт, ки аз тарафи Хоразмӣ айнан мавриди истифода қарор гирифтааст. Тафовуте, ки дар баёни вохӯрии Баҳоувалад ва пазироии ин подшоҳи хонадони салҷуқии Рум дар қиёс бо «Рисолаи Сипаҳсолор» ба назар мерасад, ба баёни иродати фавқулодаи Алоуддини Кайқубод марбут аст. Чунончи, Хоразмӣ менависад, ки пас аз вохӯрӣ бо Баҳоувалад Алоуддин ба аркони

давлат гуфт: «Ҳарчӣ дар вилоят ва бузургии ҳазраташ мегуфтанд, ҳазор чандон аст. Наввоби ҳазраташ гуфтанд: чӣ гуна? Фармуд, ки: машоих ва уламо ва муфтиён аз атрофи билоду ақсои Миср ва Бағдод, ки пеши мо меомаданд, ҳамин ки даст ба ман додандӣ, ҳамаро дар ларза ёфтаме, бар хилофи ин бузург, ки чун дасти ӯро бар сабили тақбил гирифтам, аз ғояти маҳобат ва ғалабаи вилояти ӯ ҳама аъзои хеш дар ларза ёфтам» [113, 100].

Ҳамин матлаби марбут ба «ларзидани дасти Алоуддини Кайқубод», ки бешубҳа ба хотири баёни азамати Баҳоувалад оварда шудааст, дар «Рисолаи Сипаҳсолор» дида намешавад.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ дар мақолаи аввали муқаддимаи шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор» он ҷо, ки дар бораи зиндагиномаи Баҳоуддин Валад ва Мавлоно [дар бораи дувоздаҳ муриди Наҷмуддини Кубро, [113, 96], хоби фақеҳону донишмандони Балх, [113, 97], бухли Фахри Розӣ, [113, 98], азми сафар кардани Баҳоувалад ва истиқомат дар шаҳрҳои Рум, [113, 99], пазироии Алоуддини Кайқубод Баҳоуваладро [113, 100] ва инчунин дар бораи каромоту аҳволи Шамсиддини Табрезӣ ва Наҷмуддини Кубро сухан мекунад, аз «Рисолаи Сипаҳсолор» истифода кардааст.

Бояд гуфт, ки «Ҷавоҳир-ул-асрор» баробари аз осори ирфонӣ таъсир пазируфтан ба осори дигар низ таъсиргузор будааст. Аз ин рӯ, лозим медонем, ки дар ин бора низ чанд нуктаро зикр намоем.

Яке аз муътабартарин китобҳое, ки дар садаи XV роҷеъ ба аҳволу аҳвол ва маноқиби сӯфиён ба забони форсӣ таълиф гардидааст, «Нафаҳот-ал-унс мин ҳазарот-ил-қудс»-и Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ мебошад, ки дар он зикри аҳволи 645 сӯфӣ оварда шудааст. Ончунонки таҳқиқоти олимон собит кардааст, «Нафаҳот-ал-унс» дар заминаи осори ирфонии «Ат-таарруф ли мазҳаби аҳли тасаввуф»-и Абӯбакр Муҳаммад ибни Исҳоқ Бухории Калободӣ маъруф ба «Тоҷулислом» [ваф.380 ҳ.] ва шарҳҳои он, «Ар-рисолат-ул-Қушайрия»-и Зайнулислом Абулқосим Абдулкарим ибни Ҳавозан Абдулмалик ибни Талҳата ибни Муҳаммади Қушайрӣ, «Кашф-ул-маҳҷуб»-и

Абулҳасан Алӣ ибни Усмон ибни Ҷуллобии Ҳуҷвирии Ғазнавӣ [ваф. 470 ҳ. қ.], «Табақот-ус-сӯфия»-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, «Тазкират-ул-авлиё»-и Шайх Аттори Нишопурӣ ва чандин сарчашмаҳои дигаре, ки имкони зикри ононро дар ин навишта надорем, ба вуҷуд омадааст [123].

Маълум аст, ки Ҷомӣ дар қисматҳои гуногуни асари хеш вобаста ба зарурат аз сарчашмаҳои мухталиф истифода кардааст ва дар мавриди зиёд ҳам ба ин осор ишораи сареҳ намудааст. Вале дар сурате, ки Ҷомӣ дар «Нафаҳот» аз «Ҷавоҳир-ул-асрор» ҳамчун сарчашмаи ирфонӣ баҳра бардоштааст, дар ҳеч ҷойи асари хеш на аз Камолуддини Хоразмӣ ва на аз асари ӯ «Ҷавоҳир-ул-асрор» сухане ба миён наовардааст. Мутаассифона, дар тамоми осори таҳқиқие, ки дар мавриди сарчашмаҳои ин асари бузурги Абдураҳмони Ҷомӣ маълумот медиҳанд, дар бораи аз тарафи Мавлоно Ҷомӣ ҳамчун сарчашма мавриди истифода қарор дода шудани «Ҷавоҳир-ул-асрор» изҳори назар нашудааст. Бино бар ҳамин, метавон гуфт, ки баҳраҷӯиҳои Ҷомӣ аз сарчашмаҳои мухталиф фарохтар аз он андешаҳоест, ки муҳаққиқон дар бораи он баён доштаанд ва имкон дорад сарчашмаҳои дигари мавриди истифодаи Ҷомӣ ба аҳли илм манзур карда шаванд. Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки Ҷомӣ дар бахшҳое, ки бо зиндагонӣ ва маноқиби Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ва ё шахсиятҳои дигари бо ӯ пайванди маънавӣ дошта, маълумот додааст, бевосита аз иттилооти китоби «Ҷавоҳир-ул-асрор» истифода намудааст.

Чунончи, ҳаммонандиҳои роҷеъ ба маноқиби Шамсиддини Табрезӣ, Шайх Наҷмуддини Кубро ва муридонаш, ки дар «Ҷавоҳир-ул-асрор» [саҳ. 100–106] омадаанд ва Абдураҳмони Ҷомӣ дар «Нафаҳот-ал-унс» [124, 519 то 525] низ аз онҳо истифода кардааст, нишон медиҳанд, ки асари Хоразмӣ мавриди баҳрабардории бевоситаи Абдураҳмони Ҷомӣ низ қарор гирифта будааст. Барои исботи андешаи фавқ аз «Ҷавоҳир-ул-асрор»-и Хоразмӣ порчае зикр мекунем ва онро бо «Нафаҳот-ал-унс» қиёс менамоем, ки Ҷомӣ бо зикри «ва гӯянд…» айни ҳамон матлабро бо дигаргунии андак нақл менамояд:

Дар «Ҷавоҳир-ул-асрор»-и Хоразмӣ: «Ва дар ин айём ба ишораи шайхуттариқат, султони мамолик-ул-ҳақиқат Шайх Баҳоуддин Закариё қуддиса руҳаҳу Шайх Фахруддини Ироқӣ ба хидмати Шайх Бобо Камол раҳматуллоҳӣ алайҳ омада буд. Ӯро низ дар хилват нишонданд. Шайх Фахруддини Ироқӣ лавоеҳи асрорро ба сурати «Лавомеъ» ва ашъор дар аснои наср ва адроҷи шеър идроҷ карда, ба арзи Шайх мерасонид. Ва султон-ул-маъшуқин Шайх Шамсуддини Табрезӣ изҳори ин маонӣ намекард. Рӯзе ҳазрати Шайх гуфтанд: фарзанд Шамсуддин, аз ҳақоиқ ва асрор, ки фарзанд Фахруддин ба изҳори он қиём менамояд, бар ту ҳеч лоеҳ намешавад? Гуфт: беш аз он ҳақоиқ мушоҳида меафтад, аммо ӯ аз ҷиҳати иштиғол ба мусталаҳоти улум ба иборате муносиб кашфи баъзе асрори мактум метавонад кард ва маро даст намедиҳад. Ҳазрати Шайх фармуданд, ки: «Ҳақ субҳонаҳу ва таоло туро мусоҳибе рӯзӣ кунад, ки маориф ва ҳақоиқи аввалин ва охиринро ба номи ту изҳор кунад ва янобиъи ҳикмат аз дили ӯ ба забонаш ҷорӣ шавад. Ва ҳамаи он кисвати мақолоти мутарраз ба тирози номи шарифи ту бошад». Ва ҳамон нафаси Шайх аст, ки Ҳазрати Худовандгор ҷамеи ҳақоиқ ва асрорро тахаллус ба номи Шамси Табрезӣ кардаанд…» [113, 104].

Дар «Нафаҳот-ал-унс»-и Абдураҳмони Ҷомӣ: «Ва гӯянд, дар он вақт, ки Мавлоно Шамсуддин дар суҳбати Бобо Камол буда, Шайх Фахруддини Ироқӣ низ ба мӯҷиби фармудаи Шайх Баҳоуддини Закариё он ҷо будааст. Ва ҳар фатҳе ва кашфе, ки Шайх Фахруддини Ироқиро рӯй менамуд, онро дар либоси назму наср изҳор мекард ва ба назари Бобо Камол мерасонид. Ва Шайх Шамсуддин аз он ҳеч чизро изҳор намекард. Рӯзе Бобо Камол вайро гуфт: фарзанд Шамсуддин, аз он асрор ва ҳақоиқ, ки фарзанд Фахруддини Ироқӣ зоҳир мекунад, бар ту ҳеч лоеҳ намешавад? Гуфт: беш аз он мушоҳида меафтад, аммо, ба воситаи он ки вай баъзе мусталаҳот варзида, метавонад, ки онҳоро дар либоси некӯ ҷилва диҳад ва маро он қувват нест. Бобо Камол фармуд, ки «Ҳақ субҳонаҳу ва таоло туро мусоҳибе рӯзӣ кунад, ки маорифу ҳақоиқи аввалин ва охиринро ба номи ту изҳор кунад ва янобеъи ҳикмат аз

дили ӯ бар забонаш ҷорӣ шавад ва ба либоси ҳарфу савт дарояд. Тарози он либос номи ту бошад» [124, 572–573].

Дар «Ҷавоҳир-ул-асрор»-и Хоразмӣ: «Ва машҳур аст, ки Ҳазрати қутб-ул-ақтоб дар ҳангоми шаҳодат парчами кофареро гирифта буданд. Баъд аз шаҳид шудан даҳ кас аз дасти шайх натавонистанд гирифтан. Пас Ҳазрати Мавлавӣ интисоби худро ба ҷаноби Шайх бад-ин ваҷҳ медиҳад. Шеър:

Мо аз он мӯҳташамонем, ки соғар гиранд,

На аз он муфлисакон, ки бузи лоғар гиранд.

Ба яке даст майи холиси имон нӯшем,

Ба яке дасти дигар парчами кофар гиранд» [113, 105–105].

Дар «Нафаҳот-ал-унс»-и Абдураҳмони Ҷомӣ: «Гӯянд, ки дар вақти шаҳодат парчами кофареро гирифта буд. Баъд аз шаҳодат даҳ кас натавонистанд, ки вайро аз дасти Шайх халос диҳанд. Оқибат парчами вайро буриданд. Ҳазрати Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ, қуддиса сирраҳу, дар ғазалиёти худ ишорат ба ин қисса ба интисоби худ ба ҳазрати Шайх карда, он ҷо, ки гуфтааст:

Мо аз он мӯҳташамонем, ки соғар гиранд,

На аз он муфлисакон, ки бузи лоғар гиранд.

Ба яке даст майи холиси имон нӯшем,

Ба яке дасти дигар парчами кофар гиранд» [124, 524–525].

Дар «Ҷавоҳир-ул-асрор»-и Хоразмӣ: «Шайх (мурод Наҷмуддини Кубро аст, – Т.С.) фармуд: чун ба суҳбати ӯ (яъне, Шайх Рӯзбеҳони Кабири Мисрӣ) расидам, ба риёзат иштиғол намудам ва муддате дар хилват будам, то абвоби футӯҳоти ғайбӣ бар ман кушодан гирифт ва саодати унс бо олами қудс даст дод ва ҳолоти ман дар назари Шайх писандида омад. Ва маро ба фарзандӣ қабул кард ва сарпӯшидаи хешро ба ман дод. Ва маро дар Миср аз он духтар ду писар ҳосил шуд» [113, 91].

Дар «Нафаҳот-ул-унс»-и Ҷомӣ дар зикри Шайх Рӯзбеҳони Кабири Мисрӣ: «Ва Шайх Наҷмуддини Кубро ба суҳбати вай (яъне Шайх Рӯзбеҳон, – Т.С.) расида ва он ҷо ба риёзатҳо иштиғол намуда ва хилватҳо нишаста. Ва

Шайх Рӯзбеҳон вайро ба домодӣ қабул карда ва вайро аз духтари Шайх ду писар омада» [124, 572–573].

Дар баъзе маврид он матлаберо, ки дар «Ҷавоҳир-ул-асрор» аз номи яке аз машоих баён гардидааст, Абдураҳмони Ҷомӣ аз забони шахси севум баён медорад. Чунончи, дар «Ҷавоҳир-ул-асрор» мехонем: «Рӯзе дар хидмати Имом баҳсе мерафт ва ҷамъе аз аимма ва машоихи Табрез ҳозир буданд. Ногоҳ Шайхи восил Бобо Фараҷи Табрезӣ, ки аз авлиёи ахфиёи Табрез буд, даромад ва ман ӯро намешинохтам. Аммо, аз мушоҳидаи ӯ тағйире азим дар ман пайдо гашт ва маҷоли қироат намонд. Ва ба сӯи ман назаре андохт ва табассуме кард ва бигзашт. Пас, ба куллӣ аз даст рафтам. Аз устоди худ Имом пурсидам, ки ин дарвеш чӣ касе аст? Имом гуфт: ӯ аз маҷзубон аст ва ӯро Бобо Фараҷ гӯянд». Шайх фармуд, ки: ман он шаб беқарор будам, бомдод ба хидмати Имом Абӯмансур рафтам ва гуфтам: он Шайх Фараҷ моро сайд кардааст ва ба силсилаи шавқ қайд карда. Лутф фармоед, то дар хидмат биравем ва ӯро дарёбем, бошад, ки аз Бобо Фараҷ фараҷе ёбем» [113, 91–92].

Айни ҳамин матлаб бо тағйироти андак дар асари мазкури Ҷомӣ такрор меёбад, вале дар нусхаи мавриди назари мо номи шайх ба сурати «Бобо Фаррух» омадааст, ки ба гумони ғолиб иштибоҳи ноширон аст. Чунончи: «Рӯзе дар ҳузури устод ва ҷамъе аз аимма нишаста буд ва «Шарҳ-ус-сунна» мехонд. Дарвеше даромад, ки вайро намешинохт, аммо аз мушоҳадаи вай тағайюре тамом ба шайх роҳ ёфт, чунонки маҷоли қироаташ намонд. Пурсид, ки ин чӣ кас аст? Гуфтанд: ин Бобо Фаррух Табрезист, ки аз ҷумлаи маҷзубон ва маҳҷубони Ҳақ субҳонаҳу аст. Шайх он шаб бекарор буд. Бомдод ба хидмати устод омад, ва илтимос кард, ки «Бархезед, ки ба зиёрати Бобо Фаррух равем…» [124, 520–521].

Хоразмӣ ҷойи дигар ҳам ба муносибати зикри шаҷараи Шайх Наҷмуддини Кубро қитъаи зерини шеъриро, ки дар он устод ва пири раҳнамояш Абулвафои Хоразмӣ силсилаи иродати Шайх Наҷмуддинро ба силки назм кашидааст, бо ҷумлаи «ва Ҳазрати Абулвафо низ силсилаи

иродати Шайхро дар силки назм кашида ва гуфтаанд…» чунин зикр кардааст:

Расид файз Алиро зи Аҳмади мухтор,
Пас аз Алӣ Ҳасан омад хазинаи асрор.
Ҳабибу Тоиву Маъруф пас Сариву Ҷунайд,
Ду Бӯалист, дигар Мағрибии сарахбор.
Ақиби ин ҳама Булқосиму пас аз Нассоҷ,
Имом Аҳмаду пас Сӯҳравардию Аммор.
Пас аз акобири мазкур Шайх Наҷмуддин,
Ки буд қудватул ахёру сарвари аброр.
Камолу Аҳмаду он гаҳ Баҳои миллату дин,
Дигар Муҳаммаду пас Булфутӯҳ фахри кибор
[113, 94–95].

Ҳамин қитъаи шеърро Мавлоно Ҷомӣ ҳангоми зикри маноқиби Бобо Камоли Ҷандӣ нақл кардааст [124, 534].

Ишороти фавқ ва нуктаҳои дигаре, ки баёнгари ҳаммонандиҳои матлаби «Ҷавоҳир-ул-асрор» ва «Нафаҳот-ал-унс» ҳастанд, баёнгари онанд, ки бешубҳа муқаддимаи бисёр арзишманди Камолуддини Хоразмӣ ва махсусан он қисматҳое, ки бо Ҷалолуддини Балхӣ ва пайвандону муршидон ва муридони онҳо, монанди Наҷмуддини Кубро, Баҳоуддин Валад, Шамси Табрезӣ ва дигарон иртибот доранд, мавриди баҳрабардории Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ карор гирифта будаанд. Зеро «Ҷавоҳир-ул-асрор», пас аз «Рисолаи Сипаҳсолор» ва «Маноқиб-ул-орифин»-и Афлокӣ яке аз китобҳои муҳим ва муътабарест, ки аз сарчашмаҳои асил бардошт кардааст.

Хулоса, муқаддимаи шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор» ҳаҷман хеле бузург аст ва дарвоқеъ ба як рисолаи марбут ба ирфону тасаввуф шабоҳат дорад. Табиист, ки навиштани чунин рисола бе замина ва омодагии қаблӣ сурат намегирад. Камолуддини Хоразмӣ худ аз пӯяндагони роҳи тариқат буда ва илова бар ин, чандин сарчашмаҳои дигарро низ пеши назар доштааст, ки он аз паҳнои муқаддимаи мазкур ба равшанӣ ҳувайдост. Сарчашмаҳои фикрии

Камолуддини Хоразмиро дар навиштани ин шарҳ осори мансуру манзуми адабию ирфонии арабию форсӣ ташкил додаанд, ки дар ин миён «Ат-таарруф ли мазҳаби аҳли тасаввуф», таълифи Абӯбакр Муҳаммад ибни Исҳоқ Бухории Калободӣ [ваф. 380 ҳ.], «Ар-рисолат-ул-Қушайрия»-и Зайнулислом Абулқосим Абдулкарим ибни Ҳавозан Абдулмалик ибни Талҳата ибни Муҳаммади Қушайрӣ [тав. 376 ҳ.қ.] ва тарҷумаҳои форсии он, «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Абулҳасан Алӣ ибни Усмон ибни Ҷуллобии Ҳуҷвирии Ғазнавӣ [тав. 470 ҳ. қ.], таълифоти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, «Мирсод-ул-ибод»-и Наҷмуддини Розӣ, «Фавоеҳ-ул-ҷамол ва фавотеҳ-ул-ҷамол»-и Наҷмуддини Кубро, «Тазкират-ул-авлиё»-и Шайх Аттор Нишопурӣ, ашъори арабии ибни Сино, оёту ҳадис, «Маснавии маънавӣ» ва девони ғазалиёти Шамс, ашъори Хоқонӣ, ашъори Абулвафои Хоразмӣ, «Рисолаи Сипаҳсолор», «Маноқиб-ул-орифин»-и Афлокиро зикр кардан мумкин аст. Аммо, бояд зикр кард, ки бардоштҳои Хоразмӣ аз сарчашмаҳои мазкур эҷодкорона сурат гирифтаанд ва дар аксари маврид бо овардани далел аз осори Мавлоно асоснок карда шудаанд.

# БОБИ 3. ШАРҲНАВИСӢ БАР «МАСНАВИИ МАЪНАВӢ» ДАР ШИБҲИ ҚОРАИ ҲИНД

## Фасли 1. Пайвандҳои рӯҳонии Мавлоно бо Ҳинд

Баҳс дар мавзӯи нуфузу интишори адабиёти форсии тоҷикӣ дар кишвари Ҳинд мавзӯи сердомана ва вусъатнок буда, ба андешаи бархе аз нигорандагони таърихи адабиёт ин мавзӯъ дар китобҳои таърихи адабиёти Эрон то имрӯз ба таври комил мавриди таҳқиқу омӯзиши ҷиддӣ қарор дода нагирифтааст. Ён Морик дар муқаддимаи бахши шашуми китоби «Таърихи адабиёти Эрон аз оғоз то имрӯз», ки дар ҳамдастӣ бо муҳаққиқон – Ҷорҷ Морисон, Ҷулиан Болдик, Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ, Иржи Бечка ва Феликс Товр [269] таълиф намудааст, зимни баррасии «Адабиёти форсӣ дар Ҳинд» менависад: «Таворихи адабиёти форсӣ ба таври куллӣ то ба рӯзгори мо баррасии ҷомеъ аз адабиёти ҳиндуэронӣ надоранд. Вале набояд фаромӯш кард, ки шуморе аз осоре, ки нависандагони форсизабони Ҳинд падид овардаанд, аз арзиш ва аҳаммияти ҳунарии волое бархурдоранд» [269, 306]. Муаллифи мазкур бар он андеша аст, ки «эрониён адабиёти ҳиндуэрониро порае аз адабиёти миллии худ барнамешуморанд, балки онро ба диди як унсури бегона менигаранд» [269, 306].

Бояд таъкид намуд, ки адабиёти форсии тоҷикии Ҳинд ба ҳайси як ҷузви ҷудонашавандаи адабиёти бузурги форсӣ ҳамвора мавриди таваҷҷуҳ ва таҳқиқу омӯзиш қарор доштааст [255]. Муҳаққиқон бар онанд, ки иртиботи байни Эрону Ҳинд дар ҳавзаи адабиёти форсии тоҷикӣ аз рӯзгори ҳуҷуми сипоҳи Маҳмуди Ғазнавӣ оғоз гардида, баъд аз интиқоли ҳукумат аз Ғазна ба Лоҳур ва интишори овозаи кушодадастию саховати дарбори онҳо шоирони зиёдеро аз Хуросону Мовароуннаҳр ва минтақаҳои дигар ба он ҷо кашида, Лоҳур ҳамчун маркази илму адаб маъруфу машҳур гардид. Куҳантарин китоб дар зиндагӣ ва оини сӯфиён «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Абулҳасан Алӣ ибни Усмон Ҷуллобии Ҳуҷвирӣ, қадимтарин тазкираи форсӣ «Лубоб-ул-албоб»-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ намунаи осори муътабаре мебошанд, ки дар садаи

XI мелодӣ дар ин сарзамин таълиф ёфтанд. Махсусан, дар замони ҳукмронии хонадони Темуриён (садаи XVI) тамоми қолабҳои адабиёт дар Ҳинд рушду нумӯъ ёфтанд, зеро асосгузор ва муассиси силсилаи темурӣ Муҳаммад Заҳириддини Бобур [1525–1530] аз алоқамандони адабиёти форсӣ, аз ҷумла «Маснавӣ» буд [269, 383].

Бо назардошти шухрат ва маҳбубияти Мавлоно дар Шибҳи қора, бисёре аз тазкиранависон дар осори худ ба зикри аҳволу осори Мавлоно пардохта, дар муаррифии ин шахсияти оламгир саҳми арзанда гузоштаанд. Аз ҷумла, дар «Тазкираи Ҳусайнӣ»-и Мирҳусайни Дӯсти Санбаҳлӣ, «Хулосат-ул-ашъор ва зубдат-ул-афкор»-и Тақиуддин Муҳаммад, машҳур ба Тақии Кошонии мутахаллис ба Зикрӣ, «Хулосат-уш-шуаро»-и шореҳи «Маснавии маънавӣ» - Абдулатифи Аббосии Гуҷаротӣ [а. ХУ11], «Субҳи чаман»-и Муҳаммадалӣ Ҳасанхон [1292 қ.], «Маҷоли-ул-ушшоқ»-и Камолуддин Ҳусайн ибни Шаҳоби Гозургоҳӣ [1414 қ], «Миръот-ул-хаёл»-и Шералӣ ибни Алӣ Амҷади Лудӣ [1324 қ.] роҷеъ ба рӯзгору осор ва баъзе паҳлӯҳои эҷодиёти Мавлоно маълумот дода шудааст (дар ин бора муфассалтар нигаред ба 38, 1577; 73, 31-33; 255 ва 317).

Таъсир ва нуфузи Мавлоноро дар фарҳанги сарзамини Ҳинду Покистон метавон аз чанд дидгоҳ мавриди баррасӣ қарор дод:

1. Таъсиру нуфузи осори Мавлоно дар миёни форсисароёни Ҳинду Покистон.
2. Тарҷумаи ашъори Мавлоно бо забонҳои гуногуни ҳиндӣ (панҷобӣ, кашмирӣ, урду ва ғайра).
3. Тарҷума, тафсир ва талхиси «Маснавии маънавӣ» ба забонҳои ҳиндӣ.
4. Шарҳнависӣ бар «Маснавии маънавӣ» дар Ҳинду Покистон ба забони форсӣ.

Баррасии ҳаматарафаи масъалаҳои ривоҷи адабиёти форсии тоҷикӣ дар сарзамини Ҳинд дар доираи пажӯҳиши рисолаи ҳозир имкон надорад, аз ин рӯ муаллиф танҳо ба баррасии иҷмолии махсусиятҳои бархе аз шарҳҳои

форсии «Маснавии маънавӣ» дар ин сарзамин, заминаҳои фикрӣ ва равишҳои тафсиргарии шореҳони ҳиндӣ тавачҷуҳ намудааст.

Бояд гуфт, ки садаҳои XVI–XVIII мелодиро метавон ба унвони ривоҷи шарҳнависӣ бар «Маснавӣ» дар сарзамини Ҳинду Покистон пазируфт.

Осори бозмонда бар он далолат мекунад, ки «Маснавӣ» дар ин садаҳо берун аз хоки Хуросону Мовароуннаҳр, яъне дар кишварҳои Ҳиндустон, Покистон ва Туркия мавриди истиқбол ва шарҳу тафсир қарор гирифтааст [243, 279; 320, 520].

Ба гумони қавӣ, дар кишвари Туркия мавриди шарҳ қарор гирифтани «Маснавӣ»-и Мавлоно бо шуҳрат ва маҳбубияти Мавлавӣ, ки ватани дувуми ӯст, иртибот дорад. Ризо Шаҷарӣ роҷеъ ба сабаби асосии берун аз марзҳои Эрон мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтани осори Мавлоно менависад: «Кашида шудани фаъолияти ин фирқаҳо ва гурӯҳҳо ба хориҷ аз кишвар, ба иловаи муҳоҷирати бисёре аз шоирон ва нависандагон дар аҳди Сафавӣ ба дарбори Ҳинду Синд ва… аз равнақи бозори тасаввуф ва ба табъи он шарҳи «Маснавӣ» дар Эрон кост ва баръакс бозори ин колои рӯҳонӣ ва маънавиро дар он диёр ривоҷу равнақ бахшид. Муҳоҷирати бархе аз машоихи дигари эронӣ ба Қуния ва Қоҳира ва таълифи шарҳҳое бар «Маснавӣ» ба ҳиммати онон дар билоде дигар зоҳиран маълули ҳамин авомил бояд бошад» [315, 134]. Ба назари мо, иллати ин падида танҳо ба муҳоҷирати шоирону нависандагони аҳди Сафавӣ ба Ҳинду Синд иртиботи чандоне надорад, зеро аксари шореҳони «Маснавӣ», ки дар Ҳинду Синд зиндагӣ ба сар будаанд, ё аз мардуми бумии ин навоҳӣ будаанд, ё ин ки гузаштагони онҳо садсолаҳо пештар бо сабабҳои мухталиф ба ин сарзамин кӯч бастаанд. Бояд гуфт, ки маҳбубияти «Маснавӣ» дар миёни суханварони Ҳинд фаротар аз даврони Сафавӣ аст.

Ҳарчанд Мавлоно дар тӯли умри худ сафаре ба Шибҳи кора надошт, мардуми ин минтақа бо шахсияти ӯ ба хубӣ ошноӣ дошта ва дар роҳи расидан ба ҳадафҳо ва ормонҳои худ таҳти таъсири таълимоти ӯ қарор гирифтаанд. Бешубҳа, таъсири «Маснавӣ» ва хидмати Мавлоно дар

сарзамини Ҳинду Покистон, муҳимтар аз ҳама, дарривоҷи забони порсӣ дар ин сарзамин муассир будааст. Чунончи, доктор Мумтоз-бегим Чутҳарӣ дар мақолае бо унвони «Таъсири сӯфиёни Эрон дар тасаввуф» менависад: «Мо мусулмонони Шибҳи кора исломро бештар ба дасти эрониён қабул кардем ва таолими мазҳаби ислом ва тафсиру матлаби онро, ки ба забони арабӣ буд, ба забони форсии ширин ва ҷолиби сӯфиён омӯхтем ва таъсире, ки Эрон ва эрониён ба андеша ва фикри мо доданд, маҳвшуданӣ нест». [302, 145].

Ба назари мо, маҳбубияти Мавлоно ва осори ӯ дар сарзамини Ҳинд аз замони зиндагиаш оғоз ёфта буд. Яке аз сӯфиёни бузурги Ҳинд Шайх Баҳоуддин Закариёи Мултонӣ, ки дар интишори афкори Мавлоно ва баёни масъалаҳои ахлоқии «Маснавӣ» дар Шибҳи қора талоши фаровоне кардааст, муосири Мавлоно буд ва муридони зиёде дошт, ки ба хотири таблиғ ба нуқоти мухталифи Ҳинд сафар мекарданд ва андешаҳои муршиди худро, ки бар орову афкори Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ асос ёфта буд, мунташир месохтанд. Закариёи Мултонӣ силсила ва тариқаи сӯҳравардиро, ки дар Эрон роиҷ буд, дар Шибҳи қора, махсусан, дар сарзаминҳои Бангол ва Покистонривоҷ додааст. Аз тарафи дигар, вуруди Фахриддини Ироқӣ ба Мултон дар интишори нуфузи фикрии Мавлоно ба маҳбубияти осори Мавлоно ва «Маснавии маънавӣ» дар ин сарзамин созгор омадааст. Шайх Ироқӣ, ки таҳти таъсири афкори Мавлоно қарор гирифта ва ба ишораи сарчашмаҳо бо ӯ низ иртиботи наздик дошт, дар ғазалҳои орифона бештар ба Мавлоно тақлид мекард. Ӯ дар Бағдод бо Шайх Шаҳобиддини Сӯҳравардӣ паймон кард ва бо роҳнамоии ӯ ба Ҳинд рафта, дар ҳалқаи муридони Шайх Баҳоуддини Закариё даромад. Баҳоуддин дар замони ҳаёт ӯро ҷонишин ва халифаи худ сохт. Аз сабаби он ки пайравони тариқаи сӯҳравардия ва дигар силсилаҳои тасаввуф дар Шибҳи қора бо Мавлоно ҳамандеша буданд, афкори ӯро дар нуқоти мухталифи Ҳиндривоҷ доданд.

Гузашта аз ин, дар «Маснавии маънавӣ» чандин достонҳои латифе мавҷуданд, ки бо Ҳинд пайванд доранд, монанди достони «Бозаргон ва тӯтӣ» дар дафтари аввал, ки аз таваҷҷуҳи Мавлоно ба ин сарзамин гувоҳӣ медиҳад.

Чунин достонҳои «Маснавӣ» дар дилу ҷони сӯфиёни Ҳинд хона кард, ки онон муридони худро ба хондани «Маснавӣ» ташвиқ мекарданд, дар анҷуманҳо «Маснавӣ» мехонданд ва худ низ ба шарҳу баёни суханони ҷонбахши «Маснавӣ» барои онон мепардохтанд. Чунин буд, ки «Маснавии маънавӣ» дар роҳи густариши забон низ дар миёни ҳиндуён нақши босазо бозӣ кард. Ба навиштаи Шиммел шоир ва орифи асри чордаҳи Ҳинд Абӯалии Қаландар [ваф. 1324 м. // 724 ҳ.], ки гӯё бо Мавлавӣ мулоқот кардааст, нахустин фард аз сарояндагони Ҳинд аст, ки дар ашъори форсии ӯ таъсири андеша ва сухани Мавлоно мушоҳида мегардад [320, 530–531]. Шарафиддин Манярӣ [661–752 ҳ.//1263–1352 м.], ки дар наздикии Патнаи Ҳинд мезист, абёте аз «Маснавӣ»-ро дар рисолаи «Сад нома»-и худ нақл кардааст [198, 40].

Императори бузурги ин сарзамин Акбар [1556–1605] ба «Маснавӣ» таваҷҷуҳи хоса дошт, Дорошукӯҳ маснавии «Валаднома»-ро бо дасти худ истинсох карда, бародари ӯ - Аврангзеб [1658–1707] низ аз дилбохтагони каломи Мавлоно буд. Муллошоҳи Бадахшӣ, яке аз дарбориёни Аврангзеб, дар бораи ишқу алоқаи Аврангзеб ба «Маснавӣ» гуфтааст: «Ман борҳо ифтихор доштаам, ки қитъаҳое аз «Маснавӣ» Ҷалолуддини Мавлавиро назди Аврангзеб бихонам, импиротур чунон таҳти таъсир қарор мегирифт, ки ашк мерехт» [320, 524].

Маҳбубияти «Маснавӣ» ва Мавлоноро ин нуктаи тазкираи «Мақолот-уш-шуаро»-и Мир Алишери Қонеъ низ таъйид мекунад: Шахсе бо номи Саид Саъдуллоҳи Пуробӣ рисолаи «Чиҳил байти «Маснавӣ»-ро дар равиши «Чиҳил ҳадис»-ҳое, ки мусалмонон аз каломи Паёмбар (с) гузидаанд, гулчин ва мураттаб намудааст [49, 122]. Дар ин тазкира, инчунин, аз ишқу алоқаи шоирони зиёде нисбат ба «Маснавӣ» сухан рафтааст [49, 470]. Дар садаи XVII, махсусан, тақлид ба «Маснавӣ» хеле зиёд шуд: Муҳаққиқ олмонӣ Шиммел бо такя ба «Таърихи адабиёти Чарлз Стори таъкид мекунад, ки шоир Ҷаҳонгир Ҳошимӣ [ваф. 1539] дар тақлиди «Маснавӣ» роҷеъ ба дуо маснавии «Мазҳар-ул-осор»-ро навишт, Мирзо Афзали Сархуш [ваф. 1714] бошад, дар пайравии Мавлоно шаш маснавӣ сурудааст [320, 692]. Сувари

хаёли сурудаҳои яке аз бузургтарин шоири урду Мирзо Ғолиб [ваф. 1869]-ро метавон дар каломи Мавлоно ҷустуҷӯ кард.

Дар миёни силсилаҳои тасаввуф дар Ҳинд тариқати чиштия таваҷҷуҳи бештар нисбат ба осори Мавлоно нишон додааст ва «Маснавӣ» яке аз осори асосии мавриди мутолиаи аҳли ин тариқат ба ҳисоб меомадааст. Дар китобҳои таҳқиқии мавлавипажӯҳон роҷеъ ба масъалаи аз тарафи пири тариқати чиштия Низомиддини Авлиё [тав. 1325] бар «Маснавӣ» навишта шудани шарҳ ва дар китобхонаи Анҷумани Бангол нигоҳдорӣ шудани он бисёр навиштаанд. Минҷумла, дар мақолаи дар фавқ ишорашудаи Ҳасани Лоҳутӣ [198, 56]. ва китоби «Шукӯҳи Шамс»-и Шиммел [320, 521] ва ғ. ин маънӣ баён шуда бошад ҳам, ҷусторҳои мо асолати ин гуфтаҳоро мавриди тардид қарор медиҳад. Вале Шайх Насриддин, машҳур ба Чароғи Деҳлавӣ, ки шогирд ва ҷойнишини Низомиддини Авлиё буд, шеъри Мавлоноро нек мешинохт ва ба ишораи Ҳасани Лоҳутӣ дар рисолаи «Хайр-ул-маҷолис»-и ӯ дар ин замина ишораҳое ҳам рафтааст [198, 40].

Ин нуктаҳо баёнгари он мебошанд, ки «Маснавии маънавӣ» аз қарни шонздаҳум ба баъд дар Шибҳи қораи Ҳинд ҳамчун китоби бонуфуз мавриди таваҷҷуҳи бештаре қарор гирифта будааст. Дар ҳамин ҳол, ончунонки Ризо Шаҷарӣ низ ишора мекунад, муҳоҷирати ҳазорон шоир ва суханварони кишварҳои Хуросону Мовароуннаҳр дар авохири қарнҳои XVI–XVII ба диёри Ҳинд низ дар муаррифии «Маснавӣ» ба подшоҳону суханварони он диёр нақши басазое дошт.

Дар бораи маъруфияти «Маснавӣ» дар миёни табақаҳои дигари мардуми Ҳинд Шиммел дар «Шукӯҳи Шамс» менависад: «Дар Ҳинд ишқ ба Мавлоно Ҷалолуддин ба ҳеч рӯй маҳдуд ба силсилаҳои сӯфия набудааст. Бе иғроқ метавон гуфт, ки «Маснавӣ» дар саросари Ҳинди қуруни вусто ба сурати марҷаи муътабар пазируфта шуд» [320, 523]. Ҷалолуддин Акбари подшоҳ [934–1014 ҳ.], ки Забеҳуллоҳи Сафо ба ҳузури беш аз шаст шоири эронӣ дар дарбори ӯ ишора мекунад, худ марде шеърдӯст ва шеъргӯй будааст ва ба «Маснавӣ» низ ишқ меварзидааст [249, 457–458]. Дорошукӯҳ, валиаҳди

Шоҳҷаҳон [ваф. 1659 м. // 1029 ҳ.], ки нависанда ва шоир буда, маснавии «Валаднома»-ро бо дасти худ истинсох кардааст, дар бархе аз осораш аз суханони Мавлоно баҳраҳои зиёд бардоштааст. Аврангзеб [1658–1707], бародари Дорошукӯҳ, ба андозае ба «Маснавӣ» дилбастагӣ доштааст, ки муаллими илми илоҳиёти ӯ маҷбур мешавад, шарҳе бар «Маснавӣ» барои ӯ тасниф кунад [320, 523].

Бо вуҷуди сукути хонадони Темуриёни Ҳинд маҳбубияти «Маснавӣ» дар Ҳинд боз ҳам боло рафта, [320, 523], барои пайдоиши даҳҳо шарҳ дар ин сарзамин мусоидат кард, ки аз ин миён шарҳҳои зерин аз аҳаммияти бештаре бархурдоранд:

1. «Латоиф-ул-маънавӣ фӣ ҳақоиқи-л-маснавӣ»-и Абдулатифи Аббосии Гуҷаротӣ [а. XI ҳ. // XVII м.].
2. «Мукошифоти разавӣ»-и Мавлавӣ Муҳаммадризои Мултонии Лоҳурӣ [а. XI ҳ. // XVII м.].
3. «Махзан-ул-асрор»-и Валимуҳаммади Акбарободӣ [а. XII ҳ. // XVIII м.].
4. «Футӯҳоти маънавӣ»-и Абдулалӣ Муҳаммад ибни Низомуддин маъруф ба Баҳрулулум [а. XII ҳ.// XVIII м.].
5. «Асрор-ул-ғуюб»-и Хоҷа Айюби Порсо [а. XVIII м.].

Мо дар зер роҷеъ ба баъзе аз шарҳҳои зикршуда ибрози андеша мекунем.

## Фасли 2. Шайх Абдулатифи Аббосӣ – шореҳи «Маснавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ

Шайх Абдулатифи Аббосӣ нависанда, донишманд ва аз чеҳраҳои калидии дарбори Шоҳҷаҳон буда, дар кори таҳқиқу тадвин ва таълиф дасти тавоно дошт. Ин шахсияти беназир умри гаронмояи хешро ба мутолиа ва таҳқиқи осори Абдулмаҷд Маҷдуд Саноии Ғазнавӣ ва Мавлоно Ҷалолуддини

Балхӣ бахшида, дар ин замина чандин асар ба мерос гузоштааст. Дар бораи Абдулатифи Аббосӣ дар сарчашма ва маъхазҳое, ки ба хати кириллӣ интишор шудаанд, маълумоти комил дар даст нест, танҳо донишманд ва шарҳшиноси маъруфи тоҷик, профессор Абдулманнони Насриддин дар китоби «Матншиносии осори адабӣ» бахши махсусеро ба фаъолияти матншиносии Абдулатиф ихтисос додааст, ки дар шинохти чеҳраи ҳунарии Аббосӣ ва ҳамчунин раҳнамоии муҳаққиқони оянда дар омӯзиши усули кори матншиносони асримиёнагӣ дорои аҳаммияти махсус мебошад [226, 295–301].

Дар шарҳи аҳволу осори Абдулатиф муҳимтарин маълумотро, инчунин, метавон аз мақолаи арзишманди донишманди маъруфи муосири Афғонистон Абдулҳай Ҳабибӣ – Абдулатифи Аббосии Баниравӣ – саноишинос ва мавлавишиноси қарни ёздаҳуми ҳиҷрӣ, ки дар маҷаллаи «Ориёно» [соли 1351, шумораи 6] интишор шудааст, дарёб намуд.

Бо назардошти арзиши муҳимми мақолаи мазкур донишмандони эронӣ Муҳаммадризо Юсуфӣ ва Мӯҳсини Муҳаммадӣ онро дар муқаддимаи шарҳи «Латоиф-ул-ҳадоиқ» айнан зикр кардаанд [3, «чиҳил» ба баъд].

Дар бораи Абдулатифи Аббосӣ ва хидматҳои ӯ, инчунин, мақолаи арзишманди доктор Назир Аҳмад ва профессор Кабир Аҳмади Ҷоисӣ бо номи «Абдулатифи Аббосии Гуҷаротӣ ва нусхаи интиқодии «Маснавии маънавӣ»-и ӯ» [217], ки дар се шумораи соли ҳафтдаҳум ва нуздаҳуми маҷаллаи «Оянда», инчунин «Мавлонои Эрон дар миёни ҳиндуён»-и доктор Ҳасани Лоҳутӣ, ки дар шумораи 11-уми маҷаллаи «Адаб ва ҳунар» ба табъ расидааст [198], метавон маълумот ба даст овард.

Аз ин сарчашмаҳо маълум мегардад, ки Абдулатифи Аббосӣ аз Гуҷарот аст, ки мансуб ба Аҳмадободи Ҳинди ҷанубӣ мебошад. Чунонки муаллифи китоби «Тазкиранависии форсӣ дар Ҳинду Покистон» менависад: «Абдулатифи Аббосии Гуҷаротӣ дар Гуҷарот мутаваллид шуд. Муҳаммад Солеҳи Канбу - муаллифи «Амали солеҳ», ӯро аҳли Гуҷарот навишта ва

Абдулҳамиди Лоҳурӣ, муаллифи «Подшоҳнома», низ қавли ӯро таъйид намудааст» [218, 143].

Донишманди афғонистонӣ Абулҳай Ҳабибӣ таъкид мекунад, ки «дар ин шаке нест, ки Аббосӣ ва падараш аз саканаи Аҳмадобод будаанд ва ҳатто худи вай ин матлабро гуфта ва ҳангоме, ки Мавлоно Муҳаммад Сӯфии Мозандаронӣ соли 1019 ҳиҷрӣ [1610 м.] китоби «Бутхона»-и худро такмил кард, Аббосӣ низ дар Аҳмадобод сукунат дошт…» [3, «чиҳилу як»].

Абдулатиф дар замони Шоҳҷаҳон ба яке аз вазифаҳои дарборӣ ҷалб карда мешавад ва санаи 1635 мелодӣ [1045 ҳ.] бо фармони Шоҳҷаҳон аз тарафи шоҳ ба фармонравоии Гулканда, ки бо дарбори Шоҳҷаҳон равобити хубу дӯстона дошт, фиристода мешавад. Ҳокими ин минтақа Абдулатифро хеле хуб пазироӣ мекунад ва фармон медиҳад, ки хутба ба номи Шоҳҷаҳон бихонанд ва дар хутба номи ҳар чаҳор ёри гиромии Паёмбарро зикр кунанд ва сикка ҳам ба номи Шохҷаҳон бизананд. Ӯ, инчунин, қарор медиҳад, ки боҷи солонаро ба дарбори Шоҳҷаҳон фиристад. Азбаски Абдулатиф вазифаи сафоратро ба хубӣ иҷро намуда, соли 1636 м. бо ҳадоё ва туҳфаҳои зиёд ба Деҳлӣ баргашт ба ӯ лақаби «Ақидатхон» ва мартабаи ҳазории пиёда ва чаҳорсадии савор лоиқ дониста мешавад.

Абдулатиф бар асари бемори, вазоифи дарбориро идома дода наметавонад ва ниҳоят соли 12-уми ҳукмронии Шоҳҷаҳон, яъне соли 1639 м. аз ҷаҳон чашм мепӯшад, вале аз худ беҳтарин осори таҳқиқиро роҷеъ ба ду шоҳасари олами ирфонӣ – «Ҳадиқа» ва «Маснавии маънавӣ» бар ҷой мегузорад.

Фаъолияти таҳқиқии Абдулатифи Аббосиро метавон ба ду бахш ҷудо кард:

а] таҳқиқоте, ки дар заминаи шинохти «Маснавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддин анҷом додааст;

б] корҳое, ки дар заминаи шинохту таҳқиқи «Ҳадиқа»-и Саноӣ ба субут расонидааст.

Азбаски пажӯҳиши мо танҳо ба баррасии як паҳлӯи фаъолияти Абдулатиф, яъне таҳия, таҳқиқ, шарҳу тафсир ва маърифати «Маснавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддин оид аст, танҳо ба ин масъала дахл хоҳем намуд.

Аз аввалин корҳои Аббосӣ, ки дар заминаи шинохту муаррифии «Маснавии маънавӣ» анҷом додааст, дар асоси чандин нусхаҳои хаттӣ мураттаб намудани як нусха буд. Азбаски ҳокимони давлати Темуриён аксар ба воқеанигорӣ рағбат зоҳир мекарданд, Абдулатиф дар дарбори Шоҳҷаҳон ҳамин маъмуриятро бар дӯш дошт ва ба ин восита борҳо ба минтақаҳои гуногуни Афғонистон ва ноҳияҳои атрофи он сафар мекард.

Дар зимни ин сафарҳо ӯ аз мутолиаю таҳқиқ барканор набуда, бештари вақти хешро дар кори таҳия ва ҷамъоварии нусахи қадимаи «Маснавӣ»-и Мавлоно сарф кардааст.

Гузашта аз ин, Абдулатифи Аббосӣ муддатҳо «Маснавӣ»-ро тадрис мекардааст, аз ин рӯ, нусхаҳои зиёди қаламии «Маснавӣ»-и мавҷуд дар Шибҳи қораро, ки дар онҳо дигаргуниҳои зиёд роҳ ёфта буданд, хуб мешинохтааст. Соли 1614 м. шореҳ нусхаи қадимии «Маснавӣ»-ро ба даст меоварад ва бо ёрии нусхаҳои фаровоне, ки дар даст дошт, онро то соли 1622 м. мавриди тасҳеҳу муқобала қарор медиҳад. Пас аз анҷом додани тасҳеҳ муқаддимае менависад ва ба он феҳристи мундариҷоти «Маснавӣ»-ро меафзояд.

Ин нусхаро Аббосӣ дар муқаддима «Нусхаи носихаи маснавиёти сақима» ном бурдааст. Ӯ менависад: «Ин нусхаи носихаи маснавиёти сақима ва мусаббату мураввачи нусахи саҳеҳаи мустақима, ки ба зоҳир мисдоқи ҳол ва миръоти мунаввари мақоли сидқмаоли хидмати Мавлавии маънавист ва дар ҳақиқат ламъае аз ламаоти ҳазрати набавӣ, бал ашиъае аз ашаъоти шамси миллати муставафӣ, китобест мустатоб ва каломест фаслулхитоб, ки аввалмартаба дар санаи арбаа ва ъишрина ва алфи ҳиҷрӣ дар Оҳанпӯшони Афғонистон, тироҳи Кобул бо «Маснавӣ», ки устодони комили ин тариқат ба дафаъот дар муддати 35 сол бо 60 «Маснавӣ» муқобала карда, баъд аз чарху

таъдили бисёр дуруст сохта буданд..., шаш дафтари ин китобро алоҳида ва ҷудо дар шаш муҷаллад ҷилд карда шуд» [1, 7].

Аз ишороти дигари мавҷуд дар муқаддимаи шарҳи мазкур маълум мегардад, ки тасҳеҳи «Маснавӣ» бори аввал дар Кобул бо муқобалаи 60 нусха сурат гирифт, бори дувум бо муқобалаи чаҳор – панҷ нусха дар Пешовар ва бори савум дар Бурҳонпур бо истифодаи чаҳор нусхаи дигар тасҳеҳ шудааст. Абдулатифи Аббосӣ кори тасҳеҳу муқобалаи «Маснавӣ» -ро идома дода, ба ғайр аз нусхаи аввал, ки бо 60 нусхаи «Маснавӣ» муқобала шуда буд, «Маснавӣ»-ро боз ҳам бо 20 нусхаи дигар мавриди муқобала ва тасҳеҳ қарор додааст.

Ин корро ҳамроҳи ӯ донишмандоне анҷом додаанд, ки ҳар кадом дар шинохти нусахи муътабари «Маснавӣ» маҳорати комил ва собиқаи тадрису таҳқиқ доштанд ва нусахи мавриди истифодаи онҳо дар замони худ аз беҳтарин нусхаҳо ба ҳисоб мерафтанд.

Аз ишораи Абдулатифи Аббосӣ маълум мегардад, ки «Маснавӣ» бори дувум «дар музофоти Пешовар бо чаҳору панҷ «Маснавӣ»-и дигар исбот ёфта ва каррати солиса салсин дар дорулҳузур ва байтуссурури Бурҳонпур дар хидмати баъзе фозил..., ки борҳо авқот... ба таҳқиқи ин нусха сарф намуда, вуҷуди самувви истеъдодоти зоҳирӣ ва улувви дараҷоти ботинӣ пеши соҳибони ҳол... санад карда буданд, мукаррар ба тадриси он иштиғол намуда, камоли маҳорат доштаанд, ба тариқи таҳқиқи маонӣ бо чаҳор маснавии дигар, бал зиёда муқобала шуда бошад, ки маҷмӯъ зиёда бар 80 «Маснавӣ» мешавад» [1, 7–8].

Чунонки мушоҳида мегардад, Абдулатифи Аббосӣ дар ин даври фаъолияти худ зиёда аз 80 нусхаи маснави»Маснавӣ»-ро ба даст оварда, ҳамаи онҳоро бо ҳам қиёс мекунад ва як нусха ба вуҷуд меоварад. Ӯ пас аз муқобалаву тасҳеҳи матн ва таълифи муқаддимаву феҳрист, калимаву иборoти мушкили «Маснавӣ» ва оёту аҳодисро дар ҳошия шарҳ додааст. Мувофиқи ишораи Абдулҳайи Ҳабибӣ нусхаи «Маснавӣ»-и мазкур, ки бо қалами худи Абдулатифи Аббосӣ навишта шудааст, имрӯз ҳам дар

китобхонаи донишманди пешоварӣ Фазли Самадонӣ нигаҳдорӣ мешудааст. Абдулҳайи Ҳабибӣ соли 1330 шамсӣ бо чашмони худ дидани нусхаи мазкурро таъкид мекунад [226, 295]. Нусахи дигари хаттии «Нусхаи носиха» дар китобхонаҳои шахсии Фурӯзонфар ва Маликушшуаро Баҳор, Китобхонаи миллии Порис, китобхонаи Бодлеани Оксфорд, музейи Британиё, китобхонаи Кембриҷ, китобхонаи «Индия-оффис» нигаҳдорӣ мешаванд.

Пас аз таҳияи нусхаи носиха Абдулатифи Аббосӣ ба таълифи шарҳи «Латоиф-ул-маънавӣ мин ҳадоиқ-ил-маснавӣ» иқдом мекунад. Ин шарҳ соли 1866 дар Лакҳнав, солҳои 1876 ва 1929 дар Конпур чопи сангӣ шуда ва нусхаҳои хаттии он дар китобхонаҳои Бомбай, «Индия-оффис»-и Лондон, музеи Британиё, китобхонаи Бонкипури Ҳинд нигаҳдорӣ мешаванд. Он дар замони ҳукмронии Шоҳҷаҳон ба қалам омада, бо илтимоси дӯстон навишта шудааст. Аз ишороти муаллиф маълум мегардад, ки шарҳи мазкур ишораҳоест, ки шореҳ дар ҳошияи нусхаи носиха анҷом додааст. Чунончи, муаллиф мегӯяд: «Ҷамъе аз асҳоб таклиф намуданд, ки шарҳе алоҳида, ҷуз он чи дар ҳавошии «Нусхаи носиха» омада, бар «Маснавӣ» навишта ояд ва матлабе бар он афзуда гардад. Бино бар ин, маҷмӯаи «Латоифи маънавӣ» ба номи Шоҳиҷаҳон мусаддар гашт» [2, «чиҳилу панҷ»].

Яке аз махсусиятҳои шарҳи Аббосӣ он аст, ки шореҳ дебочаҳои «Маснавӣ»-ро, ки дар оғози дафтарҳои шашгона бо забони арабӣ навишта шудаанд, ба забони форсӣ тарҷума кардааст. Ба ин маънӣ, Абдулатифи Аббосӣ аз аввалин шореҳони «Маснавӣ» аст, ки дебочаҳои арабии онро тарҷума намудааст. Ошноӣ бо шарҳи «Латоиф-ул-маънавӣ мин ҳақоиқ-ил-маснавӣ» нишон медиҳад, ки шореҳ бештар аз ҳама ба шарҳи калимаҳо ва таркиботу ибороти арабии «Маснавӣ» таваҷҷуҳ намудааст. Дар ин бора доктор Ҳасани Лоҳутӣ менависад: «Абдулатифи Аббосӣ дар ҳар ҷои «Маснавӣ», ки ишора аз оятҳое аз Қуръон ва ё ҳадисе аз пайғамбар мебинад, пас аз навиштани сурати комили арабии он тарҷумаи форсиашро меоварад. Гоҳе иттифоқ меафтад, ки дар сафаҳоти шарҳи ӯ ҷуз байтҳои «Маснавӣ» ва оятҳои Қуръон матлаби дигар дида намешавад. Масалан, барои тавзеҳи чаҳор

байти «Маснавӣ», ки аз лобалои панҷсад байти асари мазкур интихоб кардааст, панҷ оят аз Қуръонро шоҳид овардааст ва як унвони илҳоқӣ, ки онҳоро аз миёни 500 байти «Маснавӣ» интихоб кардааст. Гӯё, ки дар он панҷсад байт ҳеч нуктаи мушкиле дигар вуҷуд надорад. Ба ҳамин далел аст, ки дар муқаддимаи худ ошкор мегӯяд «ба истидъои ҷамъе аз ихвон-ус-сафо китобе фароҳам овардааст муштамил ба тарҷумаи форсии ҳама оятҳои Қуръон ва ҳадисҳои пайғамбар, ки дар «Маснавӣ» омадааст» [198, 41].

Ба ибораи дигар, Абдулатиф Аббосӣ бештар кӯшиш намудааст, ки аз «Маснавӣ» абётеро интихоб ва шарҳ намояд, ки битвонад онҳоро ба гунае бо Қуръон ё аҳодиси набавӣ пайванд диҳад. Шарҳи Аббосӣ аз тарафи шореҳони баъдина мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифта ва он чи аз дидгоҳи шореҳони баъдина, назири Валимуҳаммади Акбарободӣ бармеояд, дар шарҳи Абдулатифи Аббосӣ баъзан иштибоҳҳое ба назар мерасидааст.

Севумин асари Абдулатифи Аббосӣ, яъне «Латоиф-ул-луғот», бештар аз «Нусхаи носиха» ва «Латоиф-ул-маънавӣ» барои шореҳони баъд аз ӯ писанд афтодааст. Дар фарҳанги мазкур зиёда аз панҷ ҳазор калимаҳои форсӣ, арабӣ, ҳиндӣ, сурёнӣ ва туркии «Маснавӣ» шарҳ ёфтаанд. Чунонки муаллиф дар муқаддимаи асар таъкид мекунад, ин фарҳангро «дар заминаи омӯзиши 12-солаи «Маснавӣ» ва бо ҳамкории Мавлоно Иброҳими Деҳлавӣ ва Ҷамолиддини Хатиб ва дар заминаи таламмуз» [32, 566] рӯи кор овардааст.

Шореҳ сарчашмаҳои мавриди истифодаашро, ки аз фарҳангҳои арабӣ ва форсии зерин иборат будаанд, дар муқаддима номбар мекунад: «Қомуси Сурох», «Канз-ул-луғот», «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», «Кашф-ул-луғот»-и Шайх Абдураҳими Биҳорӣ, «Мадор-ул-афозил»-и Шайх Илаҳдоди Сарҳиндӣ, «Шарҳи истилоҳоти сӯфия»-и Шайх ибни Аттор ва Шайх Абдураззоқи Кошӣ, «Муайид-ул-фузало»-и Шайх Лоди Деҳлавӣ ва фарҳангҳои мутафарриқи «Маснавӣ», ки баъзе арбоби талаб дархури ҷаҳду қиёс ҷамъ намудаанд [32, 567].

Шоиста аст, ки «Латоиф-ул-луғот» чун намунаи беҳтарин фарҳанги луғати «Маснавӣ» бар асоси меъёрҳои илми забоншиносии муосир мавриди таҳқиқу баррасии муҳаққиқон қарор бигирад. Аббосӣ барои шарҳу тафсири луғатҳои арабӣ, форсӣ, туркӣ ва сурёнии «Маснавӣ» муодилҳои зиёде меоварад, ки баёнгари луғатшиноси моҳир будани ӯст. Дарвоқеъ, Абдулатиф, бо ин кор ихтиёрро ба дасти хонандагони «Маснавӣ» ё ба қавли худаш «мутафаххисони матлаби олияи «Маснавӣ» медиҳад, то аз миёни чандин маънӣ, ки ӯ барои калимае хос аз рӯи «фарҳангҳои мухталифа ва китобҳои мутааддида» навиштааст, ҳар маъниро, ки «ба қаринаи мақом ва муқтазои калом, мақсуд ва матлуб бошад, аз он ҷумла, ахз намояд» [32, 567].

Ин фарҳанг соли 1877 дар Лакҳнав ва соли 1905 дар Конпур чопи сангӣ шуда, дар охири нусхаи «Маснавӣ», ки аз тарафи Муҳамммади Рамазонӣ соли 1319 ҳ. таҳия гардидааст, дар зимни саҳифаҳои 566–666 ба нашр расидааст. Ба ишораи Абдулманнони Насриддин нусахи зиёд аз ин луғат дар китобхонаҳои дунё нигаҳдорӣ мешаванд [226, 298].

Хидматҳои Абдулатифи Аббосӣ дар таҳқиқу таҳияи матн ва шарҳу басти «Маснавии маънавӣ» фаротар аз он аст, ки ин ҷо баён гардид. Ҳақ ба ҷониби адабиётшиноси маъруф Назир Аҳмад аст, ки дар шинохти заҳматҳои муаллифи мазкур бо риояи ҳадди инсоф менависад: «Ногуфта намонад, ки тавре ки Абдулатиф рӯи «Маснавӣ» кор карда, на танҳо аз нисбати «Маснавӣ» бемонанд аст, балки ҳақ ин аст, ки дар бораи ҳеч китоби форсӣ, арабӣ ва туркӣ, балки ҳеҷ як аз китобҳои шарқӣ ва шояд ғарбӣ ҳам ин қадар таваҷҷуҳ мабзул нашуда бошад»[217, 55].

Назари аксари муҳаққиқон ин аст, ки тартиб ва таҳияи матни интиқодии китобҳои шарқӣ ба василаи шарқшиносони Аврупо шурӯъ шуда ва тадриҷан ба дараҷаи рушд расидааст. Аммо ин ақидаро хидмати як нависанда, шореҳ ва муҳаққиқи гуҷаротӣ, ки бидуни шак дар адабиёти шарқ бемонанд аст, мавриди тардид қарор медиҳад. Абдулатиф барои дар сатҳи зарурӣ анҷом додани кори таҳқиқии худ саросари кишвари Ҳинд ва Афғонистонро саёҳат менамояд, аммо хеле аҷиб аст, ки муҳаққиқон

корномаи ӯро мавриди таваҷҷуҳи алоҳида қарор надодаанд. Аз ин хотир, баррасии фаъолияти таҳқиқӣ, луғатнигорӣ ва шарҳнигории Абдулатифи Аббосӣ дар заминаи осори Саноии Ғазнавӣ ва Мавлонои Балхӣ муҳаққиқони хешро интизор аст.

## Фасли 3. Шарҳи «Мукошифоти разавӣ»-и Муҳаммадризои Лоҳурӣ ва вижагиҳои он.

### 3.1 Баррасии зиндагиномаи шореҳ

«Мукошифоти разавӣ» соли 1381 бо муқаддима, тасҳеҳ ва таъликоти Ризо Рӯҳонӣ тавассути нашриёти «Суруш» дар як муҷаллад ба нашр расидааст. Доктор Ризо Рӯҳонӣ дар ибтидо роҷеъ ба масъалаҳои шинохти Мавлоно ва «Маснавӣ»-и ӯ, нақши Ҳусомуддин дар таълифи «Маснавӣ», шарҳҳои маъруфи ин шоҳасар, ангезаҳо ва «авомили хурӯш ва хамӯшӣ»-и Мавлоно дар «Маснавӣ» ва инчунин шахсияти шореҳ ва мақоми шарҳ дар «шаст» саҳифа ибрози андеша кардааст. Муҳаққиқ таъкид мекунад, ки дар кори таҳия ва тасҳеҳи китоби мазкур нусхаи китобхонаи «Ганҷбахш», ки ҷузви нусхаҳои муаррифинамудаи Аҳмади Мунзавӣ мебошад, чун асос пазируфта, ба нусахи дигар дар мавридҳои зарур муроҷиат карда шуд. Аз ишороти ношир ва инчунин феҳристҳои дастрас маълум мегардад, ки нусхахои хаттии шарҳи «Мукошифоти разавӣ» дар китобхонаҳои Бангола, Исфаҳон, Дакка, Ҳинд хеле зиёд ба назар мерасанд Дар ин бора Аҳмади Мунзавӣ дар ҷилди 2, бахши 1, «Феҳристи нусхахои хаттии форсӣ» [72, 1415] ва ҷилди 6–и ин асар [72, 3514] маълумот додааст. Дар ҷилди 2, китоби «Феҳристи муштараки нусхахои хаттии форсии Покистон» низ ҳудуди 14 нусхаи хаттии ин китоб муаррифӣ шудааст, ки садаҳои XVII–XIX китобат шудаанд [74, 3/1642 ва 1974].

Фазилатҳои кори мусаҳҳеҳи «Мукошифоти разавӣ» доктор Ризо Рӯҳониро дар таҳияи матни китоби мазкур мухтасар чунин нишон додан мумкин аст:

1. Мусаҳҳеҳ абёти шарҳро аз рӯи нусхаи Николсон шуморагузорӣ намуда ва абётеро, ки дар нусхаи Николсон мавҷуд нестанд, бо аломати «М» мушаххас кардааст.

2. Азбаски абёти мавриди шарҳ аксаран ба сурати мухтасар зикр шудаанд, яъне гоҳо танҳо ду-се калимаи аввали ҳар мисраъ зикр ва сипас шарҳ шудааст, мусаҳҳеҳ идомаи мисраъҳоро дар асоси нусхаҳои дигари мавриди истифода комил кардааст ва онро бо ишораи махсус мушаххас намудааст.

3. Гоҳо шореҳ як мисраъро зикр мекунад, аммо гузориши ӯ марбут ба тамомии байт аст, ки дар ин сурат мусаҳҳеҳ мисраи дигари байтро оварда, онро ба дохили қавс гирифтааст.

4. Мусаҳҳеҳ дар охири шарҳ таълиқоти шаш дафтарро низ фароҳам сохта, дар он кӯшиш намудааст, ки ҳадди имкон баъзе аз иштибоҳоти шореҳро, ки дар раванди таҳияи матн бо онҳо рӯбарӯ шудааст, бо ёрии шарҳҳои шореҳони салаф ва махсусан шарҳи Акбарободӣ ислоҳ намояд ва инчунин дигар ноҳамгуниҳои ҷойдоштаро барои хонанда тавзеҳ диҳад. Чунончи, худи ӯ менависад: «Дар бахши таълиқоти китоб саъй шудааст, ки ҳатталмақдур барои абёт ва мисраъҳое, ки муаллиф ба иштибоҳ шарҳ карда, ё тавзеҳе ғалат додааст, ба василаи шарҳҳои «Маснавӣ»-и пеш аз «Мукошифот» ба иловаи шарҳи Акбарободӣ тавзеҳе дурусттар биёварам, то ба фаҳми беҳтари байт кӯмак кунад…» [58, «панҷоҳу ҳафт»].

5. Дар охири китоб феҳристе аз оёт, аҳодис ва ақвол, ашъори ғайри «Маснавӣ», номи ашхос, номи китобҳо ва номи шаҳрҳоро мураттаб намудааст, ки раҳнамои хубе барои хонандагон мебошад.

Муҳаммадризо ҳангоми гузориши «Маснавӣ» аз сарчашмаҳои зиёде истифода кардааст, ки маъмулан шореҳони пеш аз вай ҳам дар корбурди он сарчашмаҳо иқдом кардаанд. Истифодаи оёти каломи илоҳӣ, аҳодиси набавӣ, китобҳои тафсир («Кашф-ул-асрор»), «Кашшоф», рисолоти марбут ба ирфону тасаввуф аз қабили «Кашф-ул-маҳҷуб», «Мирсод-ул-ибод», «Тамҳидот», «Одоб-ул-муридин», «Саҳеҳ»-и Бухорӣ, «Тазкират-ул-авлиё»,

осори Мавлоно Ҷалолуддин, аз қабили «Мактубот» ва «Ғазалиёти Шамс», ашъори Авҳадии Мароғаӣ, Саноӣ, «Маноқиб-ул-орифин», ашъори Хоқонии Шарвонӣ, таълифоти Саъдии Шерозӣ, Хоҷа Ҳофиз, Шайх Баҳоӣ, ашъори аввалин шореҳи «Маснавӣ» - Ҳусайни Хоразмӣ, шоирони ҳамзамони худи шореҳ, шарҳҳои дигари «Маснавӣ», ки қабл аз «Мукошифоти разавӣ» ба вуҷуд омада буданд, ҳикоятҳо ва ривоятҳои мухталифе, ки маъхази баъзеи онҳо маълум нест, номгӯи порае аз сарчашмаҳо аст, ки мавриди истифодаи шореҳ қарор доштаанд. Баррасии чигунагии баҳрабардории шореҳ аз ин китобҳоро муфассал мавриди таҳлил қарор додан аз имкон берун аст, аммо муҳимтарини онҳоро ба сурати зер баршумурдан мумкин аст: «Эҳёу улум-ад-дин» [саҳ. 547]; «Тафсири Ҳусайнӣ»[саҳ. 486]; «Ҳадиқат-ул-ҳақоиқ»-и Саноӣ [саҳ. 740]; «Саҳеҳ»-и Бухорӣ [саҳ. 615, 618]; «Саҳеҳ»-и Муслим [саҳ. 210]; «Кашшоф» [саҳ. 61 ва 489]; «Кашф-ул-маҳҷуб» [саҳ. 19, 88, 105]; «Гулшани роз» [саҳ. 761]; «Калила ва Димна» [саҳ. 484 ва 700]; «Нафаҳот-ал-унс» [саҳ. 4 ва 635].

Чунонки таъкид шуд, шореҳ ба муносибатҳои гуногун аз ин китобҳо истифода карда ва мусалламан ба ин роҳ баъзе аз мафоҳимро мустанад гардонидааст. Чунончи, ин ҷо тариқи намуна бо овардани як мисол, ки дар он шореҳ ба «Луғати Фурс» ишора мекунад, иктифо менамоем. Шореҳ зимни гузориши мисраи «Сирри ангилюну зуннору намоз...» [13, 1/ 364] менависад: «Англиюн» тасбеҳи тарсоён аст ва дар «Фурс» «Инҷил»-ро гӯянд [58, 27].

Муҳаммадризо ҳангоми баҳраҷӯӣ аз китобҳои ирфонӣ дар аксари маврид ба он сарчашмаҳо ишора накардааст, балки порае аз нуктаҳои ин осорро барои тақвияти андешаи хеш ба кор мегирад. Масалан, ҳангоми шарҳи мафҳуми «рӯз бегоҳ шудан»-и мисраи «Дар ғами мо рӯзҳо бегоҳ шуд», ки аз абёти маъруфи «Найнома» аст, менависад:

«Ғами ишқе, ки мо дорем, онро ниҳоят нест ва айёми ҳаёт ва рӯзи зиндагонӣ барои он вафо намекунад, аммо аз рафтани рӯз чӣ ғам, ғаме, ки безавол аст, бояд, ки бо мо ҳамнишин бошад. Чунончи, аз ҳазрати Увайс (р) манқул аст, ки шабҳои дарози зимистониро ба як суҷуд тамом мекард ва чун

саҳар мешуд, сар аз саҷда бардошта, зорӣ мекард ва мегуфт: фарёд аз кӯтоҳии шабҳо, ки барои як саҷда вафо намекунад» [58, 7].

Дар «Тазкират-ул-авлиё» мехонем: «Аз ҳазрати Увайс (р) манқул аст, ки шабҳои дарози зимистониро ба як суҷуд тамом мекард ва чун саҳар мешуд, сар аз саҷда бардошта, зорӣ мекард ва мегуфт: фарёд аз кӯтоҳии шабҳо, ки барои як саҷда вафо намекунад» [9, 21].

Низ дар шарҳи байти «Банд бигсил, бош озод, эй писар // Чанд бошӣ банди симу банди зар» [13, 1/19] менависад: «Ишорат мекунад ба муриди содиқ, чун хоҳад, ки қадам дар роҳи талаб бардорад ва аз мартабаи хомӣ барояд ва пухта шавад, аввал банди таъаллуқот бигсалад, ки гуфтаанд: Дар банди ҳарчӣ бошӣ, бандаи он бошӣ...» [56, 8]. Қавли охирин, ки бо ишораи «гуфтаанд» мушаххас шудааст, сухани Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ аст, ба ҳамин сурат: «дар банди ҳарчӣ бошӣ, бандаи он бошӣ..» [6, 5].

Аммо, дар тавзеҳоти зерини байти арабӣ:

Қола атъимни фаиннӣ ҷоеъун,

Ваътаҷил фил вақт сайфун қотеъун» [13, 1/132].

Дар ин байт шореҳ бо ишораи казо фи «Кашф-ул-маҳҷуб» ба ин сарчашмаи маъруфи адабиёти ирфонӣ равшан ишора мекунад: «Мақулаи «ҷон» аст, яъне, шарҳи авсофи ӯ ғизои ман аст, маро гурусна магузор ва зуд бош, ки вақт шамшери бурранда аст. Шайх вақтро шамшери қотеъ аз он гуфта [ки] вақт бехи мозӣ ва мустақбал бурад ва диву фардо аз дил маҳв кунад, казо фӣ «Кашф-ул-маҳҷуб». Чунончи, шамшери тез бар ҳарчӣ занӣ, аз он бигзарад, вақт ҳам мегузарад ва банд намешавад» [58, 19].

Дар «Кашф-ул-маҳҷуб» мехонем: «Машоих гуфтаанд: «Ал-вақту сайф қотеъ». Аз он ки сифати шамшер буридан аст ва сифати вақт буридан, ки вақт бехи мустақбал ва мозӣ бибурад ва андӯҳи дӣ ва фардо аз дил маҳв кунад» [113, 482]. Гузашта аз ишораи равшани шореҳ ба китоби «Кашф-ул-маҳҷуб» дар ин байт нуктаи дигари қобили таваҷҷуҳ тарҷумаи байти арабии мавриди назар аст, ки як рукни фаъолияти тарҷумонии Муҳаммадризоро ба намоиш мегузорад. Зеро дар мавриди зиёде ӯ баъзе абёти арабии «Маснавӣ»-

ро, ки бо Қуръону ҳадис иртиботе надоранд, бо забони соддаи форсӣ тарҷума карда, ба ин восита қудрати суханварии хешро ба намоиш гузоштааст. Бо ин ҳама, истифодаи шореҳ аз китобҳои ирфонӣ имкон додааст, ки ҷанбаҳои ба афкори ирфонӣ иртиботдоштаи мафҳумҳои мавриди шарҳ боз ҳам хубтару беҳтар тавзеҳ дода шавад.

Гузашта аз ин, шореҳ зимни гузориши матлаб аз ашъори маъруфтарин шоирони адабиёти форсии тоҷикӣ намунаҳо овардааст, ки порае аз онҳоро бо нишон додани саҳифаи шарҳ дар пай зикр мекунем: Абӯалӣ ибни Сино [саҳ. 643, 762, 833]; Имом Фахри Розӣ [саҳ. 107, 677, 876, 787]; Авҳадӣ [саҳ. 573]; Ҳофизи Шерозӣ [124, 147, 179]; Имом Ғаззолӣ [саҳ. 489]; Ҳаким Саноӣ [саҳ. 63, 144, 580, 623]; Хоқонӣ [489, 529, 855]; Салмон [саҳ. 168, 399]; Саъдии Шерозӣ [саҳ. 521]; Аттор [саҳ. 126, 293, 352, 394, 746, 756]; Фахриддини Гургонӣ [саҳ. 395]; Ҷомӣ [саҳ. 403] ва дигарон.

Бояд таъкид кунем, ки ин матлаб ҳисоби охирин нест, агар мо сарчашмаи байтҳои зиёди дигареро, ки бе зикри номи муаллиф дар шарҳ оварда шудаанд, дарёбем, ин миқдор боз ҳам меафзояд. Чунончи, ин байти Ҳофиз бе нишон додани номи муаллиф оварда шудааст:

Гарчи мегуфт, ки зорат бикушам, медидаам,

Ки ниҳонаш назаре бо мани дилсӯхта буд [58, 218].

Гузашта аз ин, дар шарҳи мазкур гоҳ-гоҳ байтҳои шоирони дигаре низ оварда шудаанд, ки шореҳ иштибоҳан ба номи суханвари дигар овардааст. Чунончи, Муҳаммадризо ҳангоми шарҳи абёти дафтари аввал аз Саҳобӣ ном шоир ёд карда, байти зеринро зикр мекунад:

Ҷонат хонам, агарчи бешӣ чӣ кунам,

Дар қолаби гуфтор ҳамин мегунҷад [58, 202].

Аммо бояд гуфт, ки байти мазкур аз як рубоии Авҳадуддини Кирмонӣ гирифта шуда, дар девони рубоиёти мавсуф ба сурати зерин омадааст:

На меҳри ту дар дили ҳазин мегунҷад,

На мӯҳри ту дар ҳеч нигин мегунҷад.

Ҷон хонамат арчи беш аз инӣ, чӣ кунам,

Дар колбади ҷасад ҳамин мегунҷад [52, 309].

Низ, ҷойи дигар барои тақвияти фикри хеш бо исми «Саҳобӣ» рубоии дигареро нақл кардааст:

Биштоб пайи дида кушудан худро,

Зангор зи оина зудудан худро.

Ҳарчанд ту ӯро натавонӣ дидан,

Ӯ битвонад ба ту намудан худро [58, 399].

Маъхази ин рубоиро пайдо карда натавонистем ва шояд ба шоири садаи XVI Саҳобии Астарободӣ мутааллиқ бошад.

Замоне ки Муҳаммадризо даст ба гузориши «Маснавӣ» зад, чандин китобҳои шарҳи ин шоҳасари бузург арзи ҳастӣ карда буданд, ки бешубҳа, метавонистанд, ҳамчун сарчашма ва ё раҳнамо ҷиҳати қиёсу муқобала, шарҳу таъвил ва баёни андеша ба шореҳ кӯмак намоянд. Мутолиаи «Мукошифоти разавӣ» нишон медиҳад, ки шореҳ аксари ин шарҳҳо мутолиа намуда ва дар гузориши абёт назароти шореҳони пешинро низ зикр намудааст. Чунончи, дар тафсири байти нахустини «Маснавӣ», ки аз маъруфтарин байти он аст, шореҳ як андоза муфассалтар андешаронӣ карда, назароти шореҳони салафро ҷамъбаст кардааст, ки доираи мутолиаи ӯро дар заминаи шинохти шарҳҳои «Маснавӣ» ба намоиш мегузорад. Чунончи, ҳангоми шарҳи нахустбайти «Маснавӣ» шореҳ ба се шарҳи зерини «Маснавӣ», ки пеш аз ӯ таълиф шуда буданд, ишора кардааст:

1. «Ҷавоҳир-ул-асрор»-и Хоҷа Ҳусайни Хоразмӣ [саҳ. 3, 9, 10].
2. Шарҳи Сайид Абдулфаттоҳи Гуҷаротӣ [саҳ. 3].
3. Шарҳи Шайх Абдулатифи Аббосӣ [саҳ. 54].

Дар мавриди баҳрабардориҳои Муҳаммадризо аз шарҳи Хоразмӣ сухан ронда, ба ду нуктаи муҳим, ки мизони табаҳҳури Муҳаммадризоро аз шарҳи мазкур нишон медиҳад, ишора кардан воҷиб аст:

а) тавассути ашъори Хоқонии Шарвонӣ шарҳ додани матлаб;

б) нақли андешаҳои шореҳи Хоразмӣ бо тағйироти андак ва ҷузъӣ.

Чунонки дар мавриди баррасии шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор» баён карда шуд, Камолуддини Хоразмӣ аввалин касест, ки абёти «Маснавӣ»-ро бо истифода аз ашъори Хоқонии Шарвонӣ шарҳ додааст. Муҳаммадризо ҳам ҷо-ҷо дар ташреҳи баъзе аз матлаб аз шеъри Хоқонӣ мадад ҷуста, сухани худро бо қавли Хоқонӣ таъйид бахшидааст. Ин нукта аз дилбастагӣ ва огоҳии Камолуддини Хоразмӣ аз ашъори Хоқонӣ гувоҳӣ медиҳад, аммо, вақте айни ҳамин матлабро дар гузориши Муҳаммадризо ба мушоҳида мегирем, бешубҳа, онро натиҷаи таваҷҷуҳ ва баҳрабардориҳои соҳиби «Мукошифоти разавӣ» аз шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор» донистан ба мақсад мувофиқ аст. Ба ибораи дигар, Хоразмӣ аввалин касест, ки барои шарҳи рамзу нуктаҳои «Маснавӣ» аз ашъори пурмаънои Хоқонии Шарвонӣ мадад ҷуста ва пас аз ӯ ҳамин шеваро Муҳаммадризо дар шарҳи хеш пайгирӣ намудааст. Муҳаммадризо на танҳо аз шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор», балки аз таълифоти дигари Камолуддини Хоразмӣ, махсусан, ашъори ӯ баҳраҳо бардоштааст. Чунончи, дар шарҳу тафсири байти «Хоҷаро мол асту солаш айбпӯш // Хоҷа дар ғайб асту ғарқа то ба гӯш» [13, 1/ 2349] бо таъбири «азизе аз қудамо хуб гуфта» [58, 186], як байти Хоразмиро аз «Ҷавоҳир-ул-асрор» бо андаке тағйирот овардааст [113, 613]. Азбаски дар шарҳи Хоразмӣ байти мазкур бо ишораи «ли муаллифи» мушаххас карда шудааaст, ба моли Хоразмӣ будани он шубҳае намемонад. Низ, зимни тавзеҳи байти маъруфи «Бо лаби дамсози худ гар ҷуфтаме // Ҳамчу най ман гуфтаниҳо гуфтаме» [13, 1/ 27] байти зеринро овардааст:

Туро ба Қоф, ки ҳаргиз набудааст гузар,

Зи мо ҳикояти анқо куҷо кунӣ бовар [113, 384].

Ин байт низ дар «Ҷавоҳир-ул-асрор» ба ҳамин тарз зикр шудааст [113, 384], вале интисобаш ба нафаре аз суханварон маълум нашуд.

Низ дар шарҳи байти 1821 аз дафтари аввали «Маснавӣ» Муҳаммадризо ду нақлро меоварад, ки маъхази онҳо шарҳи Хоразмӣ аст:

Баҳри ин фармуд раҳмон, эй писар,

«Кулла явмин ҳува фи шон», эй писар.

Муҳаммадризо менависад: «Аз Ибни Утба манқул аст, ки даҳр дар ҳазрати Илоҳӣ ду рӯз аст: яке рӯзи тамоми муддати дунё. Ва шаъни Худованд дар рӯзи дунё амру наҳй ва имомат ва эҳё ва манъ ва атост. Ва рӯзи дувум рӯзи қиёмат. Ва шаъни раббуларбоб дар он рӯз ҷазо ва ҳисоб. Ба эътиқоди ин зарраи саргардон ҳадиси «ман истиво явмоҳу ва ҳува мағбунун» ишора ба ҳамин ду рӯз мекунад, яъне, охират бар дунё ғолиб бошад. Оварданд, ки яке аз мулук вазири худро аз шуюни илоҳӣ пурсид. Вазир муҳлат хост ва ба хона ғамгин омад. Ғуломи сиёҳе дошт асари малол дар ҷабини хоҷа дид ва сурати ҳол аз ӯ пурсид. Вазир аз он ҳол ахбор кард. Ғулом гуфт: Ба малик бигӯ, ки шаъни илоҳӣ илоҷи лайл дар наҳор ва илоҷи наҳор дар лайл аст ва ихроҷи ҳайй аз майит ва шифо додани сақим ва сақим сохтани салим ва ибтилои маъоф ва офият додани мубтало ва фақир сохтани ағниё ва ғанӣ гардонидани фақир. Вазир каломи ӯро ба малик расонид, малик хилъати вазорат бар ғулом пӯшонид. Ғулом гуфт: имрӯз яке аз шуюни илоҳӣ ин аст, ки хилъати вазорат ба ҳамчун ман ғуломи сиёҳе арзонӣ дошт...» [58, 151–152].

Қавли аввал, ки дар «Мукошифоти разавӣ» аз номи Ибни Утба нақл шудааст, дар «Ҷавоҳир-ул-асрор» аз Ибни Айния манқул аст ва зоҳиран ба иштибоҳи носихон онро «Ибни Утба» зикр кардаанд. Аммо, ривояти дувумро Муҳаммадризо айнан аз шарҳи Хоразмӣ оварда ва маъхази онро зикр накардааст [113, 564–565].

Муҳаммадризо дар мавқеи дигар низ бе он ки номи Хоразмиро зикр кунад, маънии ироакардаи ӯро баён кардааст. Чунончи, Хоразмӣ дар шарҳи «Шод бош, эй ишқи хушсавдои мо, Эй табиби ҷумла иллатҳои мо, Эй давои нахвату номуси мо, Эй ту, Афлотуну Ҷолинуси мо», ки болотар ҳам зикр кардаем, менависад: «Дар ин ду байт баъзеро аз осори ишқ осоре баён мекунад, ки бисёре аз разоил ва уюб аз амрози муҳликаи ғиюб аст, ба воситаи ишқ дафъ мешавад. Ва баъзеро аз асли он сифоти замима, ки нахват ва номус аст, ба тасреҳ зикр кард, то мазияти ин ду бар соири разоил зоҳир гардад. Чи кибру нахват ва ҷалолат ва азамат мунозиат дар радди ӯ аз дари ҳазрати

Кирдгор аст ва ҳеч аҳадеро дар азамат ва кибриёи Эзад таоло мунозаат нарасад. Ва аввалкасе, ки нахват варзид, Иблис буд, чунонки гуфт: «Халақтанӣ мин норин ва халақтаҳу мин тин». Одам дар судури ҷарима масканат варзид ва хештан муқассир дид, ки «Раббано заламно анфусано...» лоҷарам сазовори сарири иҷтибо ва лоиқи тоҷи истифо гашт. Ва Иблис дар хилофи фармон ба уҷб ва ғурур пеш омад, лоҷарам доғи «Инна алайка лаънатӣ ило явмиддин» муҳри пушаймонии ӯ омад. Ва бештари офот аз номус бархезад, Чунонкимефармояд қуддиса сирруҳу:

Кард Ҳақ номусро сад ман ҳадид,

Эй басо, баста ба ҳабли нопадид.

Ва аввaласари ишқи маҷозӣ он аст, ки аз ин ду банди маҳкам халосӣ диҳад, чунонки мушоҳида меафтад, ки подшоҳе гоҳе аз раҳгузари ишқ ғуломии ғуломе ихтиёр мекунад. Ва кошифи ин роз қиссаи Маҳмуд ва Аёз аст» [113, 380].

Муҳаммадризо меоварад: «Дар ин ду байт танбеҳ аст ба ин ки бисёре аз разоил ва уюби нафс, ки амрози муҳликаи қулуб аст, ба воситаи ишқ дафъ мешавад ва баъзе аз аҳволи он сифоти замима, ки нахват ва номус бошад, сареҳ зикр кардаанд, то мазиди қубҳи он зоҳир шавад. Зеро ки аввалкасе, ки нахват варзид, Иблис буд, ки мардуд шуд. Ва бештари офот аз номус хезад. Ва аввал асари ишқ, хоҳ ҳақиқӣ бошад, хоҳ маҷозӣ, он аст, ки аз ин ду банди маҳкам худро халос созад ва подшоҳиро ба ғуломӣ ифтихор бахшад. Агарчи қисса дароз аст, анмузаҷе аз он ҳикояти Маҳмуд ва Аёз аст» [56, 9].

Аз муқоисаи ин санадҳо ба сароҳат маълум мегардад, ки Муҳаммадризо ҳангоми гузориши «Маснавӣ» шарҳи Хоразмиро мавриди мутолиа қарор дода ва назароти ӯро истифода кардааст. Аммо, бояд гуфт, ҳарчанд бардоштҳои Муҳаммадризо, як навъ, тариқи ихтисор сурат гирифтаанд, дар маҷмӯъ баёнгари ҳамон андешаҳои Хоразмӣ ҳастанд ва мерасонад, ки Муҳаммадризо ба Хоразмӣ иродати хос дошта ва ӯро дар чанд мавриди дигар бо ишораи «Хоҷа Ҳусайни Хоразмӣ» ёд кардааст. Чунончи, зимни шарҳи байти:

Сад ҳазорон бор бибридам умед,

Аз кӣ? Аз Шамс, ин шумо бовар кунед [13, 2/1112].

«Хоҷа Ҳусайни Хоразмӣ мегӯяд, ки истифҳом бар сабили инкор аст, яъне бовар макунед...» [58, 389].

Аммо зикри масъалаи таваҷҷуҳи Муҳаммадризо ба ҷаҳони фикрии Хоразмӣ маънои онро надорад, ки дар ҳама маврид ҷонибдори андешаҳои муаллифи «Ҷавоҳир-ул-асрор» бошад, балки ӯ дар мавридҳои зиёд ихтилофи назар доштани хешро бо асноде баён доштааст. Чунончи, таъвили Хоразмиро дар бораи аз «най» – «найи вуҷуди муҳаммадӣ» мурод доштан қатъан инкор карда ва менависад: «Алалхусус «най»-ро ба «қалами вуҷуди муҳаммадӣ» тафсир кардан эҳтимол надорад, зеро ки мисраи сонӣ лафзи «ҷудоӣ» ва «шикоят»-ро мутазаммин аст ва итлоқи ин лафз (лафзи «най» – Т.С.) бар зоти хайруланбиё раво набувад» [58, 3–4]. Ин ҷо Муҳаммадризо андешаи Камолуддини Хоразмиро инкор мекунад, зеро ба найи вуҷуди муҳаммадӣ ташбеҳ додани «най» ҳосили андешаи шореҳи хоразмӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, аз баррасиҳои боло ба ин натиҷа расидан мумкин аст, ки шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор»-и Камолуддини Хоразмӣ ба унвони аввалин шарҳи «Маснавӣ» мавриди мутолиа, баҳрабардорӣ ва истифодаи Муҳаммадризои Лоҳурӣ қарор доштааст.

Ду сарчашмаи дигаре, ки болотар зикр кардем, гузоришоти Сайид Абдулфаттоҳи Гуҷаротӣ ва Абдулатифи Аббосӣ бар «Маснавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ мебошанд, ки ҳар ду муосири Муҳаммадризо буданд. Шореҳ дар ибтидои гузориши хеш зимни ташреҳи калимаи «най» аз ин ду китоби шарҳ ёд карда ва андешаҳои муаллифони ин китобҳоро баррасӣ кардааст: «Ва раъйи қудваи аҳли фалоҳ Сайид Абдулфаттоҳи Гуҷаротӣ, ки ба тозагӣ шарҳе бар ин китоб навишта, бо раъйи хоҷаи мазкур [яъне, Камолуддини Хоразмӣ, – Т.С.] мутобиқ афтода, аммо Шайх Абдулатиф, ки чанд байтро шарҳ навишта ва баёни шаъни нузули оёт намуда, ин ҷо аз худ тасарруф карда ва бад-он тафохур намуда ва аз «най» «рӯҳ» мурод дошта, ғофил аз ин маънӣ, ки ин тасарруф мухолифи назми қуръонӣ аст, ки ояти

«нафахту фиҳи мин руҳӣ» сареҳ далолат бар он мекунад, ки ҷасади инсонӣ ба манзалаи най бошад ва рӯҳ ба манзалаи нафси нойӣ...»[58, ҳамон ҷо].

Аз ин иқтибоси соҳиби «Мукошифоти разавӣ» метавон ба чунин натиҷаҳо даст ёфт:

1. Аз ибораи «ба тозагӣ шарҳе бар ин китоб (яъне, бар «Маснавӣ», Т.С.) навишта»-и Муҳаммадризо маълум мегардад, ки шарҳи Сайид Абдулфаттоҳ чанд сол пештар аз иншо гардидани «Мукошифоти разавӣ» таълиф гардида будааст.

2. Маълум мегардад, ки Сайид Абдулфаттоҳи Гуҷаротӣ аз шахсиятҳои шинохта ва соҳибэҳтироми замони худ буда, Муҳаммадризо нисбат ба ӯ иродати хос доштааст, вагарна ӯро бо ибораи «қудваи аҳли фалоҳ» мухотаб қарор намедод.

3. Инкори андешаи Абдулатифи Аббосӣ дар мавриди тавзеҳи маънии байти мазкур.

Бояд таъкид намуд, ки Муҳаммадризо дар мавриди дигар низ аз Сайид Абдулфаттоҳ бо эҳтиром сухан ба миён оварда ҳамандеша будани хешро бо ӯ нишон додааст. Чунончи, зимни байти «Ҷомаи садранг аз он хумми сафо, Содаву якранг гаштӣ чун сабо»[13, 1/501] пас аз тавзеҳи матлаб хонандаро барои дарёфти бештари маъно ба хондани шарҳи Сайид Абдулфаттоҳи Гуҷаротӣ чунин раҳнамоӣ мекунад: «Ҳар кӣ хоҳад, ба шарҳи Сайид Абдулфаттоҳи Гуҷаротӣ қуддиса сирруҳу руҷӯъ кунад ва он маъниро фаҳм намояд...» [58, 40].

Муҳаммадризо на танҳо дар мавриди маънии абёт аз шарҳҳои мазкур истифода мебарад, балки ҳангоми тавзеҳи калимаҳо ва таъбироти ҷудогона низ назари шореҳони салафро дар мавриди зарурӣ нақл ва нақд мекунад. Чунончи, зимни ташреҳи мисраи дувуми байти 154 аз дафтари севум «Дарзамон ӯ якро з-он гурӯҳ, Медарониду набудаш з-он шукӯҳ» бо ишора ба тавзеҳоти Абдулатифи Аббосӣ менависад: «Шайх Абдулатиф ин ҷо «шукӯҳ»-ро ба маънии «ҳайбат» навишта, аммо ба маънии аслӣ агар

вогузорем, беҳтар бошад, яъне даридани он гурӯҳро азамате ва шукӯҳе дар назари он фил набуд» [58, 499].

Маълум мегардад, ки аз назари шореҳон камтарин тобишҳои маъноии калимот ҳам берун намемонд ва онҳо вобаста ба матн бо тамоми диққат ва аҳамият паҳлӯҳои гуногуни маънии калимотро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медоданд. Чунончи, Валимуҳаммади Акбарободӣ бо баёни тобишҳои дигари калимаи «шукӯҳ» назари Муҳаммадризоро рад мекунад ва менависад: «Шукӯҳ» ба маънии «азамат» ва «ҳайбат» ва «тарс» омада. Ва ин ҷо маънии аввал мурод нест. Ва он чи Муҳаммадризо навишта, ки «Шайх Абдулатиф ин ҷо «шукӯҳ»-ро ба маънии «ҳайбат» навишта, аммо ба маънии аслӣ агар вогузорем, беҳтар бошад, яъне даридани он гурӯҳро азамате ва шукӯҳе дар назари он фил набуд, интаҳо» хатост. Ва ҳақ ҳамон аст, ки «шукӯҳ» ин ҷо ба маънии «тарс» ва «ҳайбат» аст» [4, 3/997]. Чунонки мушоҳида мегардад, ин ҷо Валимуҳаммади Акбарободӣ назари интиқодии Муҳаммадризоро нисбати Абдулатифи Аббосӣ намепазирад ва маънии баёнкардаи ӯро низ хато мешуморад. Назари Валимуҳаммади Акбарободӣ дар ин маврид ҳамон андешае аст, ки Абдулатиф иброз доштааст. Низ зимни шарҳи байти

Бар ҳаво андохт ҳар якро газоф,

То ҳамезад бар замин мешуд шикоф [13, 3/155].

Муҳаммадризо бо овардани назари Шайх Абдулатифи Аббосӣ тобишҳои дигари маъноии калимаи «газоф»-ро баён медорад, ки минбаъд мавриди интиқоди шадиди Валимуҳаммади Акбарободӣ қарор гирифтааст.

Чунончи, Муҳаммадризо менависад: «Шайх Абдулатиф «газоф»-ро дар ин мақом ба маънии «беҳадду ниҳоят» навишта, лекин бар маънии аслӣ, ки «абас ва беҳуда» бошад, нигоҳ доштан авло менамояд, яъне, беҳуда ба ҳаво меандохт, боистӣ пора-пора кунад» [56, 499]. Аммо Валимуҳаммади Акбарободӣ дар ин маврид ҳам Муҳаммадризоро барои чунин тавзеҳ ба «беҳудагӯӣ» ва «ҳарза» мазаммат мекунад [4, 998].

Он чи аз ин санадҳо маълум мегардад, назари интиқодии Муҳаммадризоро дар мавриди корбурди маънии калимаҳо ва тобишҳои

дигари маъноии он нишон медиҳад. Аммо ҳолатҳои дигаре низ вуҷуд доранд. Чунончи, дар мисоли зер Муҳаммадризо назари интиқодии хешро нисбати шарҳи маънии як байт, ки аз ҷониби Абдулатифи Аббосӣ баён гардидааст, иброз доштааст. Мавлоно мегӯяд:

Эй басо касро, ки сурат роҳ зад,
Қасди сурат карду бар Аллоҳ зад [13, 2/1178].

Муҳаммадризо менависад: «Аммо он чи Шайх Абдулатиф менависад, ки «басо касро сурат роҳ зад, чунонки обидони асномро. Ва басо касро сурат ба Худо расонид, чунончи муъминонро, ки иқрор ба зоҳири шариат мувассили илаллоҳ шуд», бағоят дур аз кор аст, зеро ки зикри ду фариқ аз ин байт мустафод намешавад, камо ло яхфо» [58, 393].

Ҳамин тариқ, баҳси иҷмолӣ дар мавзӯи сарчашмаҳои фикрии Муҳаммадризои Лоҳурӣ нишон медиҳад, ки шореҳ ҳангоми таълифи «Мукошифоти разавӣ» аз муҳимтарин китобҳои бунёдии адабиёти форсии тоҷикӣ, осори умдаи адибон, китобҳои тафсир ва махсусан аз шарҳҳои дигари «Маснавии маънавӣ», ки то замони ӯ таълиф гардида будаанд, баҳраи фаровон бардоштааст.

### 3.2 Вижагиҳо ва арзишҳои шарҳи Муҳаммадризои Лоҳурӣ

Шарҳи «Мукошифоти разавӣ»-ро метавон ҷузви шарҳҳое пазируфт, ки ба мушкилоти «Маснавӣ» оиданд. Зеро шореҳ ҳангоми гузориш танҳо ба шарҳи абёт ва мисраъҳои алоҳида машғул гардида, ҳар байт ё мисраеро, ки ба назараш мушкил намудааст, шарҳ додааст. Зоҳиран, меъёри интихоби абёт ҳам баста ба асле набуда ва шореҳ мушкилоти дафтарҳои сегонаи аввали «Маснавӣ»-ро бештар ва се дафтари пасинро камтар гузориш кардааст. Чунонки таваҷҷуҳ ба миқдори саҳифоти нусхаи чопии шарҳ ин матлабро метавонад, барои мо собит гардонад:

шарҳи дафтари аввал – саҳ. 3–323 [ иборат аз 320 саҳ.];

шарҳи дафтари дувум - саҳ.323–490 [иборат аз 167 саҳ.];

шарҳи дафтари севум – саҳ. 490–635 [иборат аз 145 саҳ.];

шарҳи дафтари чаҳорум – саҳ. 635–712 [иборат аз 77 саҳ.];

шарҳи дафтари панҷум – саҳ. 713–787 [иборат аз 74 саҳ.];

шарҳи дафтари шашум – саҳ.790–869 [иборат аз 79 саҳ.].

Чунонки мушоҳида мешавад, шарҳи се дафтари аввал бештар аз 600 саҳифаро дарбар гирифта ва дар маҷмӯъ шарҳи се дафтари боқимонда танҳо ҳудуди андаке бештар аз 200 саҳифаро ташкил додааст. Ин нукта нишон медиҳад, ки шореҳ дар шарҳи дафтарҳои сегонаи аввали «Маснавӣ» бештар таваҷҷуҳ карда, баръакс, абёти нисбатан камтарро аз дафтарҳои боқимондаи «Маснавӣ» гузориш кардааст. Чунин ба назар мерасад, ки Муҳаммадризо «Маснавӣ» -ро бештар бо усули маънигузорӣ шарҳ додааст ва ин нукта муҳимтарин махсусияти шарҳи ӯро ташкил додааст. Бо корбурди ин усул шореҳ ташреҳи калимагӣ, зикри маънои луғавӣ, асли баромади калима, баёни маънои аслӣ ва маҷозии калима, калимоти ҳамммаъно ва муқобилмаънои онро, ки зимни гузоришоти Валимуҳаммади Акбарободӣ, Абдулалии Баҳрулулум ва дигарон минбаъд аз аркони муҳими тафсир дар шарҳҳо қарор гирифтанд, як сӯ гузошта, танҳо ба баёни умумии маънии абёт машғул гардидааст. Барои он ки ин андеша асоснок бошад, ба шарҳи байти зерин таваҷҷуҳ мекунем:

Шод бош, эй ишқи хушсавдои мо,
Эй табиби ҷумла иллатҳои мо.
Эй давои нахвату номуси мо,
Эй ту, Афлотуну Ҷолинуси мо [13, 1/23–24].

Муҳаммадризо менависад: «Дар ин ду байт танбеҳ аст ба ин ки бисёре аз разоил ва уюби нафс, ки амрози мӯҳликаи қулуб аст, ба воситаи ишқ дафъ мешавад, ва баъзе аз аҳволи он сифоти замима, ки нахват ва номус бошад, сареҳ зикр кардаанд, то мазиди қубҳи он зоҳир шавад. Зеро ки аввал касе, ки нахват варзид, Иблис буд, ки мардуд шуд. Ва бештари офот аз номус хезад» [58, 9].

Азбаски Муҳаммадризо ҳангоми шарҳу тафсири «Маснавӣ» бештар ба асли кори шореҳи Хоразмӣ такя кардааст, ин матлабро ҳам аз китоби

«Ҷавоҳир-ул-асрор» бо андаке дигаргунӣ нақл кардааст. Чунончи, Хоразмӣ дар ин маврид навиштааст: «Дар ин ду байт баъзеро аз осори ишқ баён мекунад, ки бисёре аз разоил ва уюб аз амрози муҳликаи ғиюб аст, ба воситаи ишқ дафъ мешавад. Ва баъзеро аз асли он сифоти замима, ки нахват ва номус аст, ба тасреҳ зикр кард, то мазийати ин ду бар соири разоил зоҳир гардад. Чи кибру нахват ва ҷалолату азамат, мунозиат дар радди ӯ аз дари ҳазрати Кирдугор аст ва ҳеч аҳадеро дар азамату кибриёи Эзид таоло мунозаат нарасад. Ва аввалкасе, ки нахват варзид Иблис буд... ва бештари офот аз роҳи номус бархезад...» [113, 379].

Аммо шореҳи дигари «Маснавӣ» Валимуҳаммади Акбарободӣ, ки ташреҳи калимаӣ аз асли муҳими кори ӯст, ҳангоми шарҳи байти мазкур ба маънои луғавии калимаҳои «нахват», ва «номус» таваҷҷуҳ намуда, барои калимаи аввал се маънӣ ва барои калимаи сонӣ чаҳор маъниро зикр намудааст: «Нахват» – ба фатҳ, нозу бузургӣ ва мастӣ ва такаббур. Ва «номус» соҳиби роз ва сир ва номи Ҷабраил алайҳиссалом. Ва макру ҳилаи ниҳонӣ ва козаи сайёд ва бонгу овоза. Ва дар истилоҳ таваққӯи ҳурмату ҷоҳ аз халқ доштан. Ва низ иборат аст аз талаби шуҳрат ва ҷоҳ ва худнамоӣ ва овози некномӣ ва номдорӣ ва машҳурӣ дар ҳар коре. Ва дар «Ахлоқи Ҷалолӣ» оварда, ки «номуси акбар шариатро гӯянд, чӣ номус дар луғати ҳукамо тадбир ва сиёсат аст, «навомис» ҷамъи он». Ва ин ҷо ба маънии «ҷоҳ» ва «худнамоӣ» аст». [4, 15].

Барои нишон додани тафовути маънигузории абёти «Маснавӣ» аз ҷониби Муҳаммадризо ва Акбарободӣ мисоли зеринро низ зикр менамоем. Муҳаммадризо дар шарҳи байти

Мӯътадил аркону бе тахлиту банд,

Хонаи маъмуру сақфаш бас баланд [13, 2/1219] менависад: «Шарҳ: яъне, аркони хонаи тан дар айёми шабоб, бе тахлиту банд, ки киноя аз таркиб ва маоҷин бошад, дар ҳадди эътидол бошад, бар хилофи пирӣ, ки ба ҷиҳати тақвияти эътидоли мизоҷ эҳтиёҷ афтад ба таркибот ва ғайра маъҷунот ва фоида бар он ҳам мутараттиб нашавад» [58, 395].

Валимуҳаммади Акбарободӣ, ки ташреҳи муфассали калимот аз махсусиятҳои кори ӯст, менависад: «Тахлит – ба маънии омехтан. Ва «банд» нуздаҳ маънӣ дорад, ин ҷо ба маънии макру ҳила беҳтар менамояд. Яъне, аркони тан дар ҷавонӣ бе тахлити маъоҷин ва бе ҳилаву тадбир мӯътадил мебошад. Ба хилофи пирӣ, ки ба ин чизҳо ҳам эътидол муяссар нест. Ва маоли ин тақрир ва тақрири Муҳаммадризо агарчи воҳид аст, лекин мушорунилайҳ дар он ки «тахлиту банд»-ро мураккаби воҳид шумурда ва киноя аз таркибу маъоҷин дошта, саҳв кардааст, чаро ки ду калима аст, як калима нест ва бар тақрири таслим лафзи мазкурро бар тарокиб аслан далолат нест...» [4, 757].

Гузориши Валимуҳаммади Акбарободӣ дар сари маънии байти мазкур бештар аз он аст, ки ин ҷо баён гардид ва мо қисме аз онро иқтибос кардем. Ин мисолҳо нишон медиҳанд, ки то кадом андоза Муҳаммадризо дар шарҳу гузориши матлаби «Маснавӣ» мӯъҷазбаёниро пеша карда ва бо асли маънигузорӣ танҳо ба баёни умумии маънии абёт иктифо кардааст. Аммо шеваи кори Валимуҳаммади Акбарободӣ бештар бар асоси шарҳи луғавӣ ва истилоҳии калимаҳо гузошта шудааст. Ба назари мо, агар шореҳон ҳамин ду шеваи гузоришро канори ҳам оварда, ба ташреҳи байт иқдом мекарданд, тавфиқи бештаре меёфтанд. Бо вуҷуди ин, барои хонанда ва маърифатгари «Маснавӣ» дар ҳар ду гузориш ҳам тамоми матлабҳо кушода нашудааст ва муроди Мавлоно аз тарафи шореҳони мазкур зикр нашудааст. Махсусан, зикри ин нукта, ки чаро Мавлоно ишқро ба Афлотуну Ҷолинус нисбат медиҳад, аз ҳеч кадоме аз ин гузориш маълум намегардад. Аммо Фурӯзонфар дар шарҳи хеш ба ин масъала нуқтаи таммат гузоштааст [276, 28–32].

Зимни мутолиаи шарҳи Муҳаммадризо имкон дорад, саволе фарорӯи хонанда падид ояд, ки ба масъалаи истиқлоли назари шореҳ марбут мебошад. Яъне, оё гузоришоти Муҳаммадризо то кадом андоза метавонад, ҷавобгӯи ниёзҳои хонандаи «Маснавӣ» гардад? Шарҳи Муҳаммадризо дар миёни шарҳҳои дигар чӣ арзишу мақомеро соҳиб аст?

Албатта, дар навбати аввал, набояд фаромӯш кард, ки шарҳи Муҳаммадризои Лоҳурӣ шарҳи ҷомеъ нест ва танҳо гузориши мушкилоти абёти «Маснавии маънавӣ» мебошад. Вале, бояд бигӯем, ки муҳимтарин равиши ҷолиби шарҳу тафсири «Маснавӣ», аз қабили тариқи қиёсу муқобала истифода бурдани назари шореҳони дигар, баёни рабти ҳикоёт, қисса ва достонҳои «Маснавӣ», шарҳ бо нақли ҳикоёт, шарҳи абёти алоҳида аз чанд дидгоҳ ва монанди инҳо маҳз дар ҳамин шарҳ корбаст гардидаанд. Дар робита бо назари шореҳони дигар шарҳ додани матлабҳоро метавон дар зимни гузориши нахустбайти «Маснавӣ» – «Бишнав аз най...» мушоҳида намуд.

Мусаллам аст, ки аксари шореҳон дар сари маънӣ ва мафҳуми «най» назарҳои мухталиф иброз намуда, инчунин, ҷой доштани эҳтимолияти андешаи хешро баён кардаанд. Аммо, чунонки мушоҳида мегардад, Муҳаммадризо хеле бо ҷуръат ва бо истидлоли равшан баъзе аз назарҳои аз зеҳн дури бархе шореҳони пеш аз худро дар мавриди маънои «най» инкор карда, назари хешро баён медорад ва онро бо гуфтори Абдураҳмони Ҷомӣ тақвият мебахшад: «Ва ба эътиқоди ин ҳечмадон авло он аст, ки такаллуфро як сӯ карда, аз «най» – ҳамин най, ки менавозанд, мурод дошта шавад. Чунончи, Мавлавӣ Ҷомӣ бар сабили эҳтимол ин ваҷҳро низ баъди таъвилот зикр фармуда...» [58, 3]. Ҳарчанд Муҳаммадризо аз номи Абдураҳмони Ҷомӣ нақли қавл кардааст, вале бояд гуфт, ки ин маъниро дар ибтидо Камолуддини Хоразмӣ, сипас Мавлоно Ҷомӣ ва минбаъд шореҳони дигари «Маснавӣ» баён кардаанд. Бадеуззамон Фурӯзонфар ҳангоми ташреҳи ҳамин маънӣ менависад: «Ва он чӣ акнун баён кардем (мурод шарҳи мафҳуми «най» ба чанд ваҷҳ, – Т.С.), яке аз ақволи шореҳони «Маснавӣ» аст дар тафсири нахустин байт аз «Маснавӣ», ки Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ бо ишорат ва Абдураҳмони Ҷомӣ ба сароҳат зикр карда ва дигарон аз қавли Ҷомӣ нақл кардаанд» [276, 7]. Муҳаммадризо дар ин маврид боз ҳам аз баёни Мавлоно Ҷомӣ, ки дар «Нафаҳот-ал-унс» зикр гардидааст, истинод ҷуста, дар масъалаи он ки чаро Мавлонои Балхӣ лафзи «бишнав»-ро истифода кардааст,

менависад: «Ва аммо тарғиб ба истимои овози най аз ҷиҳати он аст, ки нолаи найро дар дилҳои ушшоқ асарҳост, аз рози нолидани гиёҳи хушк (яъне най, – Т.С.) толиб мутанаббеҳ шавад ва дарди талаб пайдо кунад ва бидонад, ки маҳҷур аст, бино бар қайди олами сурат аз васл ба олами маънӣ, Чунончи, дар «Нафаҳот» Ҷомӣ, ки аҳволи Ҳазрати Мавлавӣ менависад, нақл мекунад, ки мефармуданд: «Мо аз овози рубоб сарири боби биҳишт мешунавем». Мункире гуфт: «Чун аст, ки мо ҳам мешунавем ва гарм намешавем? Мавлавӣ фармуданд, ки он чи мо мешунавем, овози боз шудани он дар аст ва он чи ту мешунавӣ, овози фароз шудан» [58, 4]. Муҳаммадризо, пас аз овардани қавли мазкури Мавлоно Ҷомӣ, чунин натиҷагирӣ мекунад: «Матлаб аз эроди ин қавл он аст, ки аз «най» ҳамин най, мурод доштан мувофиқи мазоқи ҳазрати Мавлавӣ аст, зеро ки эшон аз аҳли самоанд ва илло рубобро низ таъвил бояд кард, ба қавле:

Ҳарифон, ки яздонпарастӣ кунанд,

Ба овози дӯлоб мастӣ кунанд.

Ба рақс андар оянд дӯлобвор,

Чу дӯлоб бар худ бигирянд зор» [58, 4].

Бояд гуфт, ки абёти мазкур мансуб ба Саъдии Шерозӣ буда, дар «Бӯстон» ба сурати зер омадааст:

Чу шӯридагон майпарастӣ кунанд,

Ба овози дӯлоб мастӣ кунанд.

Ба рақс андар оянд дӯлобвор,

Чу дӯлоб бар худ бигирянд зор [119, 342].

Муҳаммадризо дар идомаи гузориши нахустбайти «Маснавӣ» мафҳумҳои «чун ҳикоят мекунад» ва «аз чудоиҳо шикоят мекунад»-ро бо истидлол чунин маънидод мекунад: «Пӯшида намонад, ки лафзи «чун» дар ҷойе, ки мефармояд – «чун ҳикоят мекунад» – ифодаи ду маънӣ мекунад, яъне «чӣ гуна ҳикоят мекунад», ё «замоне, ки ҳикоят мекунад». Ва «шикоят кардани най аз ҷудоӣ» ба забони ҳол қиссаи дарди фироқ бар ту арз кардан

аст, то бошад, ки ба муқтазои «ҳуббулватани мин ал имони» рӯй ба асли хеш орӣ:

Ин ватан Мисру Ироқу Шом нест,

Ин ватан шаҳрест, к-ӯро ном нест» [58, 4].

Байти охирин моли Шайх Баҳоӣ буда, дар «Куллиёти ашъор»-и ӯ ба тариқи зер зикр шудааст:

Ин ватан Мисру Ироқу Шом нест,

Ин ватан шаҳрест, к-онро ном нест [81, 10].

Чуноне дида мешавад, Муҳаммадризо дар шарҳи байти мазкур кӯшиш намудааст, ки тамоми назарҳои шореҳони пеш аз худро натиҷагирӣ ва ҷамъбаст кунад ва аз байни онҳо мувофиқи муроди Мавлоно истифода шудани мафҳуми «най» ва тобишҳои дигари таҳтонии маънои онро баён дорад.

Ҳамин тавҷеҳи Муҳаммадризо дар мавриди «ҳикоят»-у «шикоят»-и най минбаъд асоси шарҳу тафсири шореҳони баъдӣ қарор гирифтааст. Муҳаммадризо назари эҳтимолии Мавлоно Ҷомиро дар мавриди аз «най» ҳамин найи зоҳирӣ мурод доштан ба таври қатъӣ тасдиқ мекунад. Аммо шореҳ чунин усули ташреҳи муфассали мафоҳими «Маснавӣ»-ро идома надода, баръакс, дар мавриди зиёд аз гузоришоти муфассал худдорӣ кардааст. Гоҳо чунин иттифоқ ҳам афтодааст, ки танҳо ба шарҳи мисраи алоҳида пардохта, мисраи дигарро зикр намекунад. Ба ин маънӣ, метавон гуфт, ки шарҳи Муҳаммадризо гузориши мунтахаби «Маснавӣ» -и Мавлоно ба ҳисоб меравад.

Муҳаммадризо дар таъвили маонии links мармуз ва ирфонии мафҳумҳои абёти «Маснавӣ» низ маҳорати хуб нишон додааст. Чунончи, дар тавҷеҳи мисраи «Дар манӣ аввал кунӣ дафни манӣ» ба тариқи ихтисор менависад: «Аз «манӣ»-и аввал ҳастии воҷиб таоло ва аз «манӣ»-и дувум ғурур ва нахвати банда мехоҳад» [58, 498]. Низ, дар гузориши байти зер:

Шир деҳ, эй модари Мӯсо варо

В-андар об афган, маяндеш аз бало [13, 2/2969].

«Аз «модари Мӯсо» «рӯҳ» ва аз Мӯсо «қалб» ва аз «шир» илми маърифат мурод аст, ҳам месазад. Ва дар ин сурат маънӣ чунин бошад, ки тифли дили соликро, то замоне ки модари рӯҳ шири маърифат начашонад, фориқи тазвирот нагардад ва миҳаки сифат нашавад. Ва абёти оянда нозир аст ба ҷониби ҳамин таъвил [58, 467].

Ин ҷо метавон ба чанд ҷанбаи мустаҳсани кори шореҳ ишора кард: аввал он, ки аз баёни батакрори достони Мӯсо, ки дар аксари сарчашмаҳои исломӣ омадааст, худдорӣ карда ва фақат дар ибтидои тавҷеҳ ба он ишора мекунад. Дигар он ки бо ташреҳи мафоҳими ирфонии калимоти калидии байт – «модари Мӯсо», «Мӯсо» ва «шир» гиреҳҳои печидаи байтро барои хонанда бозкушоӣ мекунад. Севум, байти мазкурро дар робита бо абёти дигар алоқамандона маънидод мекунад. Чунончи, дар идомаи тавҷеҳи худ ба ин иртибот чунин ишора мекунад: «Ва абёти оянда нозир аст ба ҷониби ҳамин таъвил [58, 467]. Чунин дар алоқамандӣ ва пайвастагии абёт шарҳ додани матлаб барои хонанда роҳи маърифати маъниро ҳамвор мекунад.

Муҳаммадризо дар ҷараёни гузориши хеш на танҳо дар мавриди иртиботи маънавии абёт, балки, инчунин, роҷеъ ба рабт ва ҳампайвастагии ҳикоёт ва қиссаҳои «Маснавӣ» низ дар оғози ҳар достон изҳори назар кардааст, ки арзишмандтарин воситаҳои маърифати андешаҳои Мавлоно мебошад.

### 3.3 Рабт ва ҳампайвастагии ҳикоёт ва қиссаҳои «Маснавӣ» дар «Мукошифоти разавӣ»

Муҳимтарин нукоте, ки ҳангоми мутолиаи шарҳи «Мукошифоти разавӣ» диққати хонандаро ба худ ҷалб менамояд, аз ҷониби шореҳ баён доштани пайвандӣ миёни сужаҳо ва воқеот аст. Шореҳ, қабл аз он ки ба шарҳи абёт иқдом кунад, нахуст манзур ва мақсуди Мавлоноро аз овардани ҳикоят ва қиссаҳо баён медорад. Дар ин ишороти шореҳ, ки бо ибороти «Ин ҳикоят ба муносибати он овардаанд, ки...», «Ҳосили ин достон он аст, ки...»

мушаххас карда шудааст, нукоти ахлоқию ирфонӣ, ки метавон аз хондани «Маснавӣ» бардошт намуд, ба иҷмол баён шудааст. Азбаски нафаҳмидан ва дарёфта натавонистани рамзҳои ҳикоёт дарки муроди Мавлоноро, як андоза, дар назари хонандагони имрӯз душвор ҷилва додааст, омӯзиши матлаби зикргардида имкон медиҳад, ки зеҳни хонанда ба зовияҳои дастнораси афкори Мавлоно роҳ ёбад. Бо ибораи дигар, агар маърифатгар пеш аз мутолиаи ин ё он ҳикояти «Маснавӣ» ҳамин чанд нуктаи баёндоштаи шореҳро бихонад, ба осонӣ ба дарки маънӣ роҳ меёбад. Аз ҳамин хотир, ин асли кори шореҳ аз беҳтарин роҳҳои шинохти маънии умумии ҳикоёт ва румузи қиссаҳои «Маснавӣ» мебошад. Зеро мусаллам аст, нахустин мушкилоте, ки пешорӯи хонандаи ин асари бузург падид меояд, дарку фаҳми ҳикоёти «Маснавӣ» аст, ки зоҳиран ба ҳам иртибот надоранд. Яъне, тариқи асли қисса андар қисса баён гардидани афкори Мавлоно, ки муҳаққиқон борҳо ба он ишора кардаанд, имкони дарку маърифати матлабро, як андоза, душвор гардонидааст.

Муҳаммадризо дар оғози шарҳи достони маъруфи «Инкор кардани Мӯсо ало набийино ва алайҳиссалом бар муноҷоти шубон», ки идомаи достони «Мӯсо ва шубон» аст, овардааст: «Боло гузашт, ки зикри ҷисмонӣ хаёли ноқис аст. Мутобиқи он достони шубонро оварда, то возеҳ шавад, ки маҳомад ва мадоеҳи коффаи аном дар ҳазрати зулҷалол вал икром аз қабили турраҳоти (суханҳои беҳуда, сафсата, – Т.С.) шубон аст, аммо, ба сидқу ихлос агар мақрун бошад, дар боргоҳи улуҳият писандида ояд» [58, 421]. Бешубҳа, танҳо ҳамин ишорати кӯтоҳ, ки ҳосили достони фавқ аст, имкон медиҳад, ки хонанда аз сирри маърифат ва рамзи достон огоҳ шавад. Пас аз донистани ин матлаби асосӣ барои маърифатгар дигар ишколе боқӣ намемонад, зеро шинохти маънии луғоту ибороти алоҳидаро метавон бо ёрии китобҳои луғат ва фарҳангҳои ҷудогона анҷом дод.

Чунин усули гузоришро метавон дар оғози қиссаҳои дигари «Маснавӣ» низ ба мушоҳида гирифт, Чунончи, шореҳ дар ибтидои шарҳи «Қиссаи батбачагон...» менависад: «Ҳосили ин достон он аст, ки офаридгори олам

аволами бисёр офарида ва дар ин боб ривояти мухталифа ворид аст. Ва дар баъзе сесаду шаст ҳазор ва дар баъзе ҳафтод ҳазор ва дар ривояте ҳаждаҳ ҳазор олам. Ва ин ҳама аволами маҳсур аст дар ду олам, ки халқ ва амр аст» [58, 490].

Низ дар баёни маънии умумии қиссаи «Хӯрандагони филбача аз ҳирс...» меоварад: «Ин ҳикоят ба муносибати он овардаанд, ки абдол асҳоби дунёро насиҳат кунанд, то тарки ин мурдор гиранд ва инҳо нашнаванд, то ҳалок шаванд» [58, 494]. Ба назари мо, ин беҳтарин тавҷеҳи ирфонии ҳикояти мазкур ва беҳтарин усули кушодани матлаби пуррамзи «Маснавӣ» аст, ки Муҳаммадризо мавриди истифода қарор додааст. Гоҳо шореҳ бо як ишораи кӯтоҳ матлаби достонро барои хонанда бозгӯ мекунад, чуноне дар ҳикояти «Инкор кардани сӯфӣ» мехонем: «Ин достон марбут аст ба он ки бар қавлу феъли мудаббир эътимод набояд кард, Чунончи, сӯфӣ бар ходим эътимод кард, надомат кашид» [58, 336].

Бояд зикр кард, ки ин шеваи хуби гузоришро, ки Муҳаммадризо оғоз бахшида ва ба ин восита хонанда метавонад, дар маҷмӯъ, аз муҳтавои як достони ҳаҷман бузурги «Маснавӣ» огоҳ шавад, минбаъд Хоҷа Айюби Порсо дар «Асрор-ул-ғуюб» ҳамчун яке аз шеваҳои муҳимми шарҳнигории хеш идома ва рушд бахшидааст, ки дар ин маврид ҳангоми баррасии «Асрор-ул-ғуюб» изҳори назар хоҳем кард. Ин шева имрӯз ҳам аз ҷониби шореҳони муосир мавриди истифода қарор дорад. Ҳарчанд Бадеуззамони Фурӯзонфар аз ин тарзи ташреҳ истифода накардааст, вале шореҳи «Маснавӣ» Карими Замонӣ аз чунин тарзи гузориш босамар истифода карда, пеш аз оғози шарҳи ҳар як достони «Маснавӣ» хулосаи умумии онро баён медорад. Бешубҳа, корбурди ҳамин равиш аз шарҳи Муҳаммадризо маншаъ гирифтааст, ки намунаи дигари боз ҳам равшантари онро дар мисоли ҳикояти «Илтимос кардани ҳамроҳи Исо (а)….» мушоҳида мекунем. Шореҳ, пеш аз он ки ба гузориши абёт машғул гардад, менависад: «Чун боло мазкур шуд, ки аксари дуоҳо мӯҷиби ҳалоки шахс аст ва шахс ғофил аз он, ин ҳикоятро ба истишҳод овардаанд, ки аблаҳе аз Исо (а) дархости зинда кардани устухон кард ва аз

гӯре, ки устухон дар он ҷамъ буд, шере бархост ва он аблаҳро бардарид» [58, 335].

Чунин тарзи хулоса кардани ҳикоят дар пеши назари хонанда матлабро равшан гардонида, барои дарки бештари румузи достон мусоидат менамояд. Аммо, зикри ин нукта ҳам зарур аст, ки шореҳони салаф на ҳама вақт ба ин масъала назари яксон доштаанд ва чӣ басо шуда, ки шореҳе дар мавриди муайян кардани мақсуди Мавлоно ва байти калидӣ андешаи гузоришгарони дигарро мавриди интиқод ва инкор қарор додааст. Чунончи, Муҳаммадризо дар шарҳи байти

«Бишнавед, эй дӯстон ин достон,

Худ ҳақиқат нақди ҳоли мост он»

аз достони «Ҳикояти ошиқ шудани подшоҳ бар канизак...» менависад:

«Ва ин достон марбут аст ба он байт:

Ишқ хоҳад, к-ин сухан берун бувад,

Оина ғаммоз набвад, чун бувад.

Яъне, рози ӯ пӯшида намонад, чунончи, аз канизак пӯшида намонд» [58, 11].

Аммо Валимуҳаммади Акбарободӣ ин андешаи Муҳаммадризо ва ҳамзамон назари соҳиби «Асрор-ул-ғуюб»-ро низ намеписандад ва гузориши онанро дар мавриди мақсуди Мавлоно аз достони шоҳ ва канизак чунин инкор мекунад: «Ва он чӣ Муҳаммадризо навишта, ки «Ва ин достон марбут аст ба он байт: «Ишқ хоҳад к-ин сухан берун бувад, Оина ғаммоз набвад, чун бувад», яъне, рози ӯ пӯшида намонад, Чунончи, аз канизак пӯшида намонд... интаҳо» ва он чӣ шореҳи дигар (мурод муаллифи китоби «Асрор-ул-ғуюб» аст, – Т.С.) навишта, ки: «Ин достон марбут ба моқабл аст, ки: «Оини ҷонат чаро ғаммоз нест, З-он ки зангор аз рухаш мумтоз нест» – ҳосил он ки то ранги ғайр аз оинаи дил зоил нагардад, ғаммозӣ мутасаввур нашавад. Чунончи, ҳакими илоҳӣ ба тасфияи ботин ранҷи канизак воёфт ва ҳукамои зоҳир ба қасовати қалб аз идроки он оҷиз омаданд… интаҳо» – ин ҳарду азиз мунҳариф шудаанд, надидаанд, ки ҳазрати Мавлавӣ мефармояд, ки ин

моҷарои подшоҳ ва канизак нақли ҳоли соликон аст, ки он чӣ бар вай гузашта, бар ҷамеи соликон дар тариқи сулук мегузарад. Ва низ мефармоянд, ки ин ҳақиқатро ба гӯши дил бишнав, то билкул аз обу гил берун ойӣ. Пас, агар эроди ин достон ба ҳамин андак рабт, ки эшон фаҳмидаанд, мебуд, берун омадан аз обу гил ба истимои ин достон чӣ гуна сурат мебаст?» [4, 19–20].

Ҳарчанд гузориши Валимуҳаммади Акбарободӣ дар ташреҳи байти мавриди баҳс дуруст аст, ӯ рабти достонро бар дӯши байти дигаре гузошта, танҳо як мисраи онро зикр мекунад ва менависад: «Рабти ин достон ба он байти собиқ аст, ки: «Рав, ту зангор аз рухи ӯ пок кун» [4, 19]. Азбаски мисраи мазкур ва ё байти бо он ҳамгун дар нусхаҳои интиқодии «Маснавӣ» ба назар нарасид, илҳоқӣ будани он мусаллам мегардад ва ончунонки Валимуҳаммади Акбарободӣ бо ишора ба Муҳаммадризо ва Хоҷа Айюб «ин ҳарду азиз мунҳариф шудаанд» менависад, як андоза баҳсангез менамояд. Аз тарафи дигар, ҳосили андешаи мазкур, ки Валимуҳаммади Акбарободӣ аз ҳикояти подшоҳ ва канизак ҳосил мекунад, дар қиёс бо андешаҳои Муҳаммадризо ва Хоҷа Айюб ҷанбаи қавии мантиқӣ дорад.

Ин санадҳо нишон медиҳанд, ки шореҳон на танҳо дар мавриди шарҳи мисраъ ва абёт назароти мухталиф нишон додаанд, балки дар мавриди муайян кардан ва баён доштани муроди Мавлоно аз ин ё он ҳикоят ё қисса низ андешаҳои ноҳамгун зоҳир кардаанд.

Низ, дар оғози достони «Баққол ва тӯтӣ» менависад: «Мақсуд аз ин достон он ки афъоли аҳлуллоҳ бо афъоли худ қиёс кардан хатост, чунончи фармояд: Кори поконро қиёс аз худ магир. Ва рабти ин достон ба моқабл дар ғояти зуҳур аст» [58, 24]. Ҳар нафаре, ки аз сужаи ҳикояти мазкур огоҳ аст, пас аз ин тавзеҳи мухтасари шореҳ метавонад аз моҳияти ҳикоят, ки баёни қиёси ҳоли аҳли Ҳақ ва аҳли тақлид аст, ба хубӣ огоҳ гардад ва ба шинохти матлаб роҳ ёбад.

Нуктаи дигаре, ки баёнгари шеваи хуби кори Муҳаммадризо мебошад, риояти ҳусни одоб дар овардани матлаб ва маоние мебошад, ки шореҳони

салаф дар гузоришоти худ роҷеъ ба абёти ҷудогонаи «Маснавӣ» баён доштаанд. Бо ибораи дигар, Муҳаммадризо, ҳар ҷо ки гузоришоти шореҳони пешинро дар баёни маънии мавриди баҳс мақбул медорад, бо ишора ба қавли ҳамон шореҳ матлабро айнан нақл карда, пас аз он бо калимаи «интаҳо» поёни иқтибосро муқаррар кардааст, ки бешубҳа аз фазилатҳои фаъолияти шарҳнигории ӯро нишон медиҳад.

Ин ду шеваро минбаъд шореҳони дигари «Маснавӣ», монанди Хоҷа Айюб, Валимуҳамммади Акбарободӣ, Абдулалии Баҳрулулум ва дигарон идома додаанд. Ҳусни ин кор дар он зоҳир мегардад, ки имкон дорад, бо ин роҳ ноҷӯрӣ ва норавшаниҳои нусхаҳои хаттии шарҳҳои дигар ислоҳ карда шаванд. Чунончи, таҳиякунандаи матни «Мукошифоти разавӣ» Ризо Рӯҳонӣ дар тасҳеҳи матни «Мукошифоти разавӣ» аз шарҳи Валимуҳаммади Акбарободӣ, ки «аз китоби Муҳаммадризо ҳам бо амонат ва диққат нақл [ва сипас нақд] шуда», истифода карданашро чунин таъкид намудааст: «Дар мавриди маъдуде аз шарҳи Акбарободӣ низ дар тасҳеҳи матни ҳозир истифода шудааст. Ба ин далоил, ки манқулоти Акбарободӣ аз китоби Муҳаммадризо ҳам бо амонату диққат нақл шуда ва ҳам дар ҳудуди шаст сол баъд аз таҳрири китоби ҳозир нигошта шуда ва ба замони шореҳи мо наздик аст ва ҳам он ки дар рафъи баъзе мубҳамоти матн дастгири мо мешудааст» [58, «панҷоҳу шаш»].

Дар ҳақиқат ҳам, азбаски шарҳи Валимуҳаммади Акбарободӣ соли 1140, яъне шаст сол пас аз таълифи «Мукошифоти разавӣ» рӯи кор омадааст, ба унвони муҳимтарин дастур ва роҳнамо мавриди истифодаи Акбарободӣ қарор гирифтааст.

Муҳаммадризо дар баъзе маворид як байтро аз чанд дидгоҳ маънидод кардааст, ки хеле ҷолиб ва хонданӣ буда, баёнгари андеша ва дидгоҳи фарохи шореҳ мебошад. Чунончи:

Кошкӣ он нанг будӣ яксарӣ,
То нарафтӣ бар вай он баддоварӣ [13, 1/206].

«Дар лафзи «яксарӣ» се «тараф» пайдо мешавад: яке он ки ишқи подшоҳ бо канизак мутлақ зишт будӣ ва подшоҳро нек намудӣ, дувум он ки кош заргар танҳо мутааллиқ ба канизак доштӣ ва канизак ӯро нахостӣ ва мубталои ӯ набудӣ, севум он ки ишқи маҷозӣ яксар нанг будӣ ва маъюб намудӣ, то ҳама кас аз он ҳазар кардӣ» [58, 22]. Бояд гуфт, дар сари маънии ин байти аҷиб на танҳо Муҳаммадризо, балки шореҳони дигари «Маснавӣ» низ андешаҳои мухталиф баён доштаанд. Чунончи, Абдулатифи Аббосӣ мегӯяд: «Ба тариқи тараҷҷӣ ва таманнӣ мефармояд: кош он ишқ нанги яксарӣ будӣ, яъне маҷозе мутлақ ва ҳақиқатро дар он мадхал набудӣ, то боиси хуни заргар нашудӣ, чун ба илҳоми ғайбӣ ва футӯҳи ҳукми илоҳӣ воқеъ шуда, маълум гашт, ки ишқи подшоҳ ба канизак ҳақиқӣ буд ва зарари хос ҷиҳати нафъи ом, ки вуҷуди подшоҳ аст, ҷоиз, ин доварӣ, ки дар хақиқат нек ва ба зоҳир бад аст, бар ӯ рафт. Агар чунин набудӣ, ин доварӣ бар вай нарафтӣ» [2, 7].

Аммо, Исмоили Анқаравӣ дар шарҳи ин байт менависад: «Кошкӣ он заргар ҳам саросар айбу нанг мебуд ва заррае ҳусн надошт, то ин вазъ ва ҳоли номаъқул гиребонгираш намешуд ва барояш пеш намеомад» [7,1/122].

Ҳамчунин, дар шарҳи байти «Эй басо касро, ки сурат роҳ зад, Қасди сурат карду бар Аллоҳ зад» низ шореҳ се гуна тавҷеҳро зикр кардааст, ки хеле ҷолиб аст. Шореҳ менависад: «Баёни маънии ин байт бар се ваҷҳ аст: аввал он ки ҳар кас бар ҳақорати ҷусса ва сурати набӣ ё валӣ назар карда, аз роҳи рост афтод ва ба сабаби қасди изои он сурат бар Аллоҳ зад, яъне бо Худо пархош кард; дувум он ки бисёр кас дар ибтидо ба водии ишқи маҷоз қадам зад ва ошиқи сурат шуд ва ошиқии сурат якчанде ӯро аз роҳи ҳақиқат боздошт ва бадрақаи лутфи илоҳӣ дар айни қасди сурат инони ӯро ба ҷониби худ кашид, нақши Аллоҳ бар лавҳи дили ӯ сабт шуд; севум он ки басо касро то дами охир раҳоӣ аз сурат даст надод ва ба маънӣ ошное пайдо нашуд мисли баъзе асҳоби даъвати замони мо, ки машғул бошад ба давоми зикр ва асмоуллоҳро васила созанд барои иртиқо ба мадориҷи суварӣ ва бар

исмуллоҳ мезананд. Ва мақсуди биззоти ҳимами ин тоифа ҷифаи дунёст…» [58, 393].

Дар чунин ҳолат шореҳ ҳеч як аз гузориши мавҷудро бар дигаре тарҷеҳ намедиҳад ва қабули онро ба завқу салиқаи хонандаи «Маснавӣ» вогузор менамояд.

### 3.4 Истифодаи қиссаву ҳикоёт дар шарҳи «Мукошифоти разавӣ»

Ҳарчанд ин тарзи тафсири матлаб дар шарҳи «Мукошифоти разавӣ» ҷойгоҳи рафеъ надорад, вале боз ҳам онро нодида гирифтан нашояд, зеро баррасии ин матлаб дар сарчашмашиносии ҳикоёту қисаси «Маснавӣ» ва ҳамчунин шарҳи мазкур аз аҳаммияти вижа бархурдор буда, дараҷаи мутолиа ва пайвандҳои маънавии зеҳнии муаллифи шарҳро бозгӯ мекунад. Тавассути ҳикоёту қисас шарҳ додани абёт аз мушаххасоти шарҳи Муҳаммадризо нест ва аз миёни шореҳоне, ки дар сарзамини Ҳинд даст ба шарҳу тафсири «Маснавӣ» задаанд, танҳо муаллифи «Асрор-ул-ғуюб» ба ин шеваи гузориш майл намудааст. Дар шарҳи Муҳаммадризо метавон ба тафсири абёте бархӯрд кард, ки бунёдашон бар санъати талмеҳ гузошта шудааст, вале шореҳ ба он қиссаҳо ҳатто ишорае ҳам намекунад ва ё бо ишораи андак матлабро хеле мухтасар шарҳ медиҳад. Чунончи, дар шарҳи байти зер мушоҳида мекунем:

Одамӣ ҳамчун асои Мӯсӣ аст,

Одамӣ ҳамчун фусуни Исӣ аст [13, 3 / 4258].

Муҳаммадризо менависад: «То охири ин достон талмеҳ аст бар он ки бар алфози «Маснавӣ» нигоҳ набояд кард, ки сифати асои Мӯсо ва афсуни Исо дорад» [58, 623].

Чунонки дида мешавад, шореҳ мебоист, мафҳумҳои «асои Мӯсо» ва «фусуни Исо»-ро, ки бастагӣ ба достони зиндагиномаи ин ду паёмбари Худо иртибот дорад, нақл мекард, вале ӯ бо такя ба маънӣ ва мазмуни умумии достон ва вобаста ба ҳамон ҳикмате, ки Мавлоно дар тайи ин ҳикоят мастур медорад, матлаби дигареро зикр кардааст.

Бо вуҷуди ин ки Муҳаммадризо қисса ва ҳикоёту нақлҳоеро аз китобҳои мухталиф истифода намуда, бо ёрии онҳо матлабҳоро ташреҳ медиҳад, дар аксар маврид сарчашмаи онро зикр накардааст. Чунончи, зимни шарҳи байти 129 аз дафтари дувум:

Инчунин талбис бо бобот кард,

Одамиро он сияҳрух мот кард.

«Шарҳ: Шайх Абдулҳақи Деҳлавӣ дар аҳволи ҳазрати Ғафсулаъзам [р] аз Шайх Зиёуддин Абӯнасри Мӯсо нақл мекунад, ки гуфт: шунидам аз волиди худ Шайх Муҳйиддин Абдулқодир разияллоҳу таоло ва арзоҳ, ки дар баъзе саёҳот ба даште афтодам, он ҷо об набуд. Чанд рӯз дар он ҷо будам, об наёфтам. Ташнагӣ ғалаба кард. Ҳақ таоло абре баршумошт, бар ман соя кард ва чанд қатраи об аз он фурӯ чакид, таскин ёфтам. Пас нуре сотеъ шуд, ки тамоми уфуқро равшан кард ва сурате аз он миён зоҳир шуд ва нидо дод, ки ё Абдулқодир! Манам Парвардигори ту, ҳалол кардам бар ту он чӣ бар ғайри ту ҳаром кардам. Бикун ҳар чӣ хоҳӣ! Гуфтам: аузубиллоҳи минашшайтонир раҷим! Ногоҳ рӯшноӣ ба торикӣ мубаддал гашт ва он сурат дур рафта, гуфт: ё Абдулқодир, наҷот ёфтӣ аз ман ба воситаи илм ба аҳкоми илоҳӣ ва фиқҳи ба аҳволи манозилот. Худ ба мисли ин восита ҳафтод танро аз аҳли тариқ аз роҳ бурдаам, ки яке аз онҳо ба ҷойи хун наистод. Гуфтам: лиллоҳил фазлу вал миннату» [58, 335].

Шореҳ аксаран ин маводро на бар тариқи иқтибос овардан, балки бо усули баёни хоси худ зикр намудааст ва ба ин восита қудрати баён ва тарзи суханварии хешро низ ба намоиш гузоштааст. Шореҳ ин қиссаҳоро бо забону тарзи баёни содда пешкаши хонанда кардааст. Чунончи, барои шарҳи байти «Ӯ зи якранги Исо бӯ надошт, В-аз мизоҷи хумми Исо хӯ надошт» [13, 1/500] ҳикояти зерро меоварад: «Манқул аст, ки Исо ало набийино ва алайҳиссалавоту вассалом дар вақте аз авқот аз шарри куффор дар хонаи саббоғе мутаворӣ шуд. Чун вақти ибодати саббоғ омад, мутаваҷҷеҳи маъбади худ гардид, ки ба ибодати асноми худ қиём намояд. Ва порчаҳои мардумро, ки барои ранг кардан ба ӯ дода буданд, ба тариқи амонат ба ҳазрати Исо

супурд. Чун саббоғ дар пайи кори худ рафт, вақти намози Исо расид. Ҳазрати Исо аз тарси амонатдорӣ порчаҳоро дар ҳам печида, дар хуме аз хумҳои саббоғ андохт ва муқайяд ба намоз шуд. Чун саббоғ аз ибодати асном фароғ ҳосил карда омад ва порчаҳоро надид, музтариб шуд. Ҳазрати Исо, баъди итмоми салот, ишорат ба ҷониби хум кард ва фармуд: аз ҷиҳати эҳтиёт ҳамаро дар хум андохтаам. Саббоғ оғози навҳа кард, ки «агар туро дар хона ҷо намедодам, ба ин бало гирифтор намешудам. Аз ин ҷомаҳо ҳар ҷомае аз шахсе аст ва ҳар шахсе ранге хос ба ман фармуда, ту ҳамаро дар як хум андохтаӣ ва якранг сохтаӣ». Ҳазрати Исо фармуд, ки «бок нест, ҷомаи ҳар шахсе ба ҳар ранге, ки ӯ хоста бошад, аз хум ба ҳамон ранг ё содда, ки ихтиёри ранг бо ту бошад, хоҳад баромад. Даст дароз кун ва номи ҳар як бигир ва ҷомаҳоро барор». Алқисса, ҳамчунон шуд, ки Исо фармуда буд. Саббоғ ба Исо гаравид ва имон овард ва ҳаворӣ шуд» [58, 39–40].

Маъхази ин ҳикоят зикр нашудааст, вале Бадеуззамон Фурӯзонфар дар «Шарҳи «Маснавӣ»-и шариф» онро бо андаке тағйирот аз «Кашф-ул-асрор» нақл кардааст ва гувоҳи он аст, ки Муҳаммадризо ҳангоми зикри ҳикоёту қиссаҳои динӣ аз чунин китобҳои ирфонӣ истифода кардааст [276, 218].

Чунин тарзи гузориши абёте, ки бунёдашон бар қиссаву достонҳои қуръонӣ гузошта шудаанд, дар «Маснавӣ» хеле зиёд буда, аз ҷониби шореҳ на ҳамеша муфассалан мавриди шарҳ қарор гирифтаанд. Зеро шореҳ дар баъзе мавридҳо аз зикри ҳикоёт ва нақли қиссаҳо дурӣ ихтиёр карда, танҳо ба баёни рамзу киноёт иктифо намудааст. Чунончи, зимни шарҳи байти «Шир деҳ, эй модари Мӯсӣ варо, // В-андар об афган, маяндеш аз бало»[13, 2/466] шореҳ пас аз зикри ояти хитоби Ҳақ ба модари Мӯсо ба баёни рамзу киноёти калимоти калидии байт, монанди «шир», «Мӯсо» ва «модари Мӯсо» чунин ишора мекунад: «Ва агар таъвил кунем ва гӯем, ки аз модари Мӯсо «руҳ» ва аз Мӯсо «қалб» ва аз шир «алами маърифат» мурод аст, ҳам месазад. Ва дар ин сурат маънӣ чунин бошад, ки тифли дили соликро то замоне, ки модари руҳ шири маърифат набахшад, фориқи тазвирот нагардад ва миҳаки сифат нашавад»[58, 467].

Ин нуктаҳо нишон медиҳанд, ки дар шарҳи Муҳаммадризо тавассути қиссаву ҳикоёт ва қиссаву достонҳо шарҳ додани абёти «Маснавӣ» аз унсурҳои муҳимми кори шореҳ набуда ва шореҳ танҳо дар мавриди ҷудогона аз ин асл истифода кардааст. Зеро агар шореҳ кӯшиш мекард, ки «Маснавӣ»-ро тариқи баёни ҳикоёту қиссаҳо шарҳ диҳад, дар он сурат китоби ӯ ҳаҷман бояд хеле бузург мешуд.

**3.5 Шарҳ бо оёту аҳодис ва ақволи арабӣ**

Шубҳае нест, ки шореҳони осори адабӣ аз донандагони хуби забони арабӣ буда, баробари тарҷумаю тафсири оёту аҳодис, инчунин, ба тарҷумаи калимаю ибороти арабӣ низ таваҷҷуҳ намудаанд. Вале азбаски донистани забони арабӣ дар гузашта ҷузве аз ҳунари суханварӣ буд ва онҳое, ки ба шарҳу гузориши осори адабию бадеӣ машғул мешуданд, аз мутакаллимон ва донандагони забардасти улуми адабӣ ва арабӣ буданд, аксари онон зимни истишҳод овардан аз китобҳои арабӣ матлабро айнан зикр мекарданд ва ниёзе ба тарҷумаи форсии он надоштанд. Ин аст, ки муаллифони шарҳ низ дар аксари маврид на танҳо оёту аҳодис, балки мутуни хурду бузургеро, ки аз осори илмии марбут ба ирфону тасаввуф, фалсафа, ҳикмат, фиқҳ ва ғ. ба истишҳод меоварданд, ба забони арабӣ зикр кардаанд. Ба назари мо, ин махсусияти шарҳҳо имрӯз яке аз монеаҳои асосии маърифатгаронест, ки аз забони арабӣ огоҳӣ надоранд. Агар бархе аз шореҳон қисме аз абёти «Маснавӣ»-ро, ки комилан ба забони арабӣ суруда шудаанд [ва миқдоран чандон зиёд ҳам нестанд], тарҷума накарда ва ё шарҳ надода бошанд, Муҳаммадризо кӯшиш намудааст, ки чунин абётро бо забони форсии сара бозгӯ кунад. Муроди мо ин ҷо абётест, ки бо забони арабӣ суруда шудаанд ва маншаи онҳо ақвол, аҳодис ва оёти қуръонӣ нестанд. Чунончи, ин матлабро зимни байти зер, ки дар нусхаи Николсон мушоҳида мекунем:

Марҳабо ё муҷтабо ё муртазо,

«Ин тағиб ҷоалқазо зоқалфазо» [13, 1/99].

Шореҳ менависад: «Тарҷумаи ин ду байти арабӣ ин аст, ки маконат васеъ бод, эй баргузида ва писандида, агар ту ғоиб шавӣ, қазои абад нозил

шавад ва фазои мурод танг гардад. Ту худованди қавмӣ ва ҳар кӣ туро нахонад, ба таҳқиқ ҳалок шавад. Вой бар вай агар аз ин сират барнагардад...» [58,16]. Чунонки дида мешавад, шореҳ ин ҷо танҳо мисрои арабиро ба забони форсӣ тарҷума мекунад. Муҳаммадризо абёти шумораҳои 883 то 886-и дафтари аввалро ҳам, ки Мавлоно бо забони арабӣ сурудааст, пай дар пай ба форсӣ нақл кардааст [58, 70–72].

Аммо, вақте ки шореҳ маънии бархе аз абётро танҳо бо забони арабӣ баён медорад, нишони он аст, ки баёни маънӣ аз сарчашмаест, ки бо забони арабӣ омадааст. Чунончи, дар шарҳи байти зерин мебинем:

Ту магӯ моро бад-он шаҳ бор нест,

Бо каримон корҳо душвор нест [13, 1/ 221].

Шореҳ менависад: «Камо вақаъа фил ҳадис: ман тақарраба илаййа шибран тақаррабту илайҳи зироан» [58, 22]. Дар тавзеҳоте, ки дар поёни китоб омадааст, маншаи ин ҳадиси қудсӣ «Мирсод-ул-ибод» нишон дода шудааст [58, 879]. Ин маънӣ баёнгари тасаллути комил ва доираи мутолиоти шореҳ дар заминаи китобҳои муътабари забони арабӣ мебошад. Аз тарафи дигар, ба воситаи оёту аҳодис шарҳ кардани матлаб низ, чунонки қаблан иброз доштем, намоёнгари маърифати гузоришгар дар робита ба шинохти китоби осмонӣ мебошад.

Муҳаммадризо дар мавриди зиёд абёти мавриди шарҳро танҳо бо овардани оят ё ҳадисе аз забони арабӣ тавзеҳ медиҳад, ки ин нукта аз илми қуръонӣ комилан бархурдор будани шореҳро нишон медиҳад. Чунончи, дар байти зер:

Ёр бо ӯ, ғор бо ӯ дар суруд,

Мӯҳр бар чашм асту бар гӯшат чӣ суд [13, 1/206].

«Яъне, ин тоифаанд, ки ба сирри «ва ҳува маъакум ва айнамо кунтум» ва «наҳну ақрабу илайҳӣ мин ҳабл-ил-варид» пай бурдаанд ва пайвастаанд ба Ҳақ таоло дар ҳар ҳол. Пас, доим дар хушианд. Ё «суруд» дар ин мақом иборат бошад аз хитоб ва илҳом» [58, 30–31]. Низ байти:

Кофаронро дидаи бино набуд,

Неку бад дар дидашон яксон намуд. -

танҳо бо як оят шарҳ дода шудаасту халос. Чунончи, шореҳ дар шарҳи байти мазкур менависад: «Ишора аст ба ояи «Ва қолу мо лиҳоза-р- расули яъкул-ут-таома ва ямшӣ фил асвоқи». Ин ҷо шореҳ на танҳо маънои оятро зикр накардааст, балки бо овардани порае аз ояти 7-уми сураи Фурқон маърифати онро ба хонанда вогузор намудааст. Низ, дар ташреҳи мисраи «Тур масту «харра Мӯсо соиқо» [13, 1/26] мегӯяд: «Қолаллоҳу таоло: фаламмо таҷалло раббуҳу ли-л-ҷиболи ҷаъалаҳу даккан ва харра Мусо саиқан» [58, 11].

Ҳангоми шарҳи абёте, ки маншаи онҳоро аҳодиси набавӣ ташкил додааст, низ шореҳ ҳадисро танҳо бо забони арабӣ зикр мекунад.

Чунончи:

Мебиларзад арш аз мадҳи шақӣ,

Бадгумон гардад зи мадҳаш муттақӣ [13, 1/240].

Шореҳ дар сари мисраи аввал менависад: «Ишора аст ба ҳадиси «Изо мудиҳал фосиқу ғазиба-р-раббу ва аҳтазза лаҳу аршу». [58, 23]. Аммо азбаски мисраи дувум алоҳида мавриди шарҳ қарор гирифтааст, шореҳ маънии умумии байтро дар ҳамин ҷо баён медорад. Низ дар шарҳи мисраи дувуми байти зер:

Бишнав аз ахбори он садр-ус-судур,

«Ло салота тамма илло билҳузур» [13, 1/381].

Шореҳ менависад: «Ишора аст ба ҳадиси «Ло салота илло биҳузур-ил-қалби». Маънои ин ҳадис, ки «намоз мақбул нашавад ҷуз бо ҳузури қалб» аст, аз тарафи шореҳ баён нагардида, танҳо бо забони арабӣ оварда шудааст.

Дар шарҳи Муҳаммадризо абёти «Маснавӣ», ки бо оёту ҳадис иртибот доранд, хеле зарифона ва устодона шарҳ дода шудаанд, ки бешубҳа баёнгари огоҳии густардаи шореҳ аз Қуръон мебошад.

### 3.6 Корбурди тафсири дохилӣ дар «Мукошифоти разавӣ»

Чунонки дар бобҳои дигари рисола низ баён кардем, корбурди ин усул то кадом андоза ба ҷаҳони фикрии Мавлоно ворид будани шореҳонро нишон медиҳад. Ин нуктаро муҳаққиқон борҳо ҳам таъкид карда ва гуфтаанд, ки яке аз роҳҳои ростини шинохт ва маърифати «Маснавӣ» -и Мавлоно шинохти тариқати хоси тафаккур ва андешаи ӯст, ки дар паҳнои таълифоти дигари ӯ, монанди «Ғазалиёти Шамс», «Фиҳӣ мо фиҳӣ», «Мактубот» ва ғ. партав афкандааст. Гузашта аз ин, Мавлоно айни як андешаро бо тарзу баёни мухталиф дар «Маснавӣ» низ баён доштааст, ки дар сурати ба таври ҳампайвандӣ шарҳу маънидод кардани онҳо маърифатгар метавонад, онро дуруст дарк намояд. Дар шарҳи «Мукошифоти разавӣ» корбурди ин асл зиёд набошад ҳам, мавҷуд аст.

Чунончи, дар шарҳи байти зер мебинем:

Ҳар кӣ, ҷуз моҳӣ, зи обаш сер шуд,

Ҳар кӣ берӯзист, рӯзаш дер шуд.

«Ишқ баҳрест бепоён, ҳар ошиқе, ки моҳии ин дарёст, лабташна бизияд ва ҳаргиз сер нашавад ва ғайри ӯ, ҳар кӣ мутавасситулҳол аст, лабе тар кунад ва тааттуш фурӯ нишонад ва аз тараққӣ бозмонад. Ва ҳар кӣ баҳра аз ишқ надорад, рӯзаш дер шуд, яъне ба ғаму андӯҳ гузашт, бино бар қоидаи машҳур, ки гӯянд: ҳангоми шодӣ зуд бигзарад ва айёми ғам дер ба сар ояд. Ва маънии ин байт қисми дигар ҳам метавон кард, ки моҳӣ пайваста дар об аст ва аз дарёфти ҳақиқати об дар ҳиҷоб. Чунончи, Мавлавӣ дар ҷои дигар мефармояд:

Моҳӣ андар оби ҷӯю обҷӯ,

Мезанад бар гӯшу чашмаш оби ҷӯ.

Пас, «моҳӣ» киноя бошад аз шахси ғофил, ки аз қурби Ҳақ бехабар аст ва ҳосили маънӣ он ки ғайри ғофил ҳар кӣ ба қадре огоҳӣ дошт, ба коми дил расид...» [58, 7–8].

Низ барои ташреҳи байти «Сирри ман аз нолаи ман дур нест, Лек чашму гӯшро он нур нест» онро аз худи «Маснавӣ» фаро хондааст:

Гӯш чун нофиз шавад, дида шавад

В-арна қул дар гӯш печида шавад [58, 5].

Байти мазкур, ки ҳамчун шоҳид оварда шудааст, ҷузви дафтари дувуми «Маснавӣ» [13, 2/862] мебошад. Муҳаммадризо дар аксари маврид ҳангоми истифода ва баҳрабардорӣ аз абёти дафтарҳои «Маснавӣ» ба сарчашмаи он сареҳан ишора мекунад ва аз кадом дафтар будани онро зикр менамояд. Чунончи, зимни ташреҳи байти шумораи 82 аз дафтари дувум:

Он хаёлоте, ки доми авлиёст,

Акси маҳрӯёни бӯстони Худост. -

барои тавзеҳи ибораи «доми авлиё» аз дафтари дувум истифода карданашро чунин зикр мекунад: «Яъне, авлиё бад-он дом сайди дилҳо, ё сайди мақосиди узмо мекунанд, на он ки дар он дом гирифторанд, чунончи дар ҳамин дафтар хоҳад омад, ки дар «доми анбиё» мефармоянд:

Домҳошон мурғи гардунӣ гирифт,

Нуқсҳошон ҷумла афзунӣ гирифт» -

ва ғараз аз ин байт тафриқи хаёли аҳли ҳақиқат аст, ҳақиқат аз хаёли аҳли бутлон» [58, 13–14].

Агар дар овардани байти шоҳиди фавқ бо зикри «ҳамин дафтар» ба дафтари дувум ишора карда бошад, дар мавриди дигар зимни шарҳи байти «Буд зи густохӣ кусуфи офтоб, // Шуд Азозиле зи ҷуръат ради боб» [13, 1/92] ба дафтари шашуми «Маснавӣ» чунин ишора мекунад: «Дар ҳадис омада, ки аз густохӣ ва исоати амали халқ Ҳақ таоло офтобро мункасиф мегардонад, то бошад, ки ба ин ояти ҳоила мутанаббеҳ шаванд ва аз маъосӣ бозоянд ва дар дуову тоат афзоянд. Агарчи ин маънӣ дар ин мақом муносиб аст, бо мисраи сонии байт мувофиқат надорад. Ва низ дар дафтари шашум Ҳазрати Мавлавӣ ваҷҳи кусуфро мутобиқи қоидаи нуҷум ба назм овардаанд. Пас, дар ин маҳал низ мақсуди эшон ҳамон хоҳад буд. Ва абёти дафтари шашум ин аст:

Офтоб аз ҳар фалак гар меҷаҳад,

Дар сияҳрӯӣ кусуфе медиҳад.

К-аз занаб парҳез кун, бин, ҳуш дор,

То нагардӣ ту сияҳрӯ дегвор.

Чун гунаҳ камтар бувад, ним офтоб

Мункасиф биниву ниме нурёб.

Ки ба қадри ҷурм мегирам туро,

Ин бувад тақдир дар доду ҷазо» [58, 15].

Абёти мазкур, ки шореҳ ҳамчун шоҳид барои ташреҳи ибораи «кусуфи офтоб» зикр мекунад, мутобиқи нусхаи Николсон таҳти шумораҳои 930, 931, 936 ва 937 омадаанд.

Дар ташреҳи байти зер шореҳ диққати хонандаро ба шарҳи абёти қаблан мавриди гузориш қарордодаи хеш ҷалб карда, хоҳиш мекунад, то маърифатгар барои шинохтани маънии ибораи «шамъи дин» саҳифаҳоро бозпас гардонад ва ба абёти қаблан шарҳшуда таваҷҷуҳ намояд ва аз иртиботи афкори Мавлоно огоҳ шавад. Чунончи:

Пас бидон, ки шамъи дин бар мешавад,

Ин на ҳамчун шамъи оташҳо бувад [13, 3/ 4373].

«То охири достон рафт бар исботи ин матлаб, ки чандин сафҳа пеш аз ин гузашта ва туро ба ҳифзу нигоҳдошти он таъкид рафта буд, мабодо аз хотират маҳв шуда бошад. Аз ин ҷиҳат, иродаи зикри он лозим афтод. Он мақом ин буд:

Лек шамъи ишқ чун он шамъ нест,

Равшан андар равшан андар равшанист.

Ӯ ба акси шамъҳои оташист,

Менамояд оташу ҷумла хушист.

Варақҳоро бигардон ва он мақомро пайдо кун ва дарёб, ки ҳазрати Мавлавӣ куҷо ғӯта задаанд ва аз куҷо сар баровардаанд» [58, 626]. Абёти мавриди назар, ки барои шарҳи байти боло оварда шудаанд, баргирифта аз дафтари 3, шумораҳои 3920–3921 мебошанд, ки дар шарҳи абёти мазкур шореҳ таъкид карда буд: «Ин ҳар ду байтро ба хотир нигоҳ дор, ки баъд аз

чандин варақ ҳазрати Мавлавӣ боз руҷӯъ ба ин ду байт хоҳанд кард ва дар он маҳал танбеҳ (ишора, – Т.С.) карда хоҳад шуд, иншоаллоҳ» [58, 615].

Ин нуктаҳо мусаллам медоранд, ки Муҳаммадризо қабл аз шурӯъ ба гузориши «Маснавӣ» ин шоҳасари бузурги Мавлоноро бо диққати тамом мутолиа карда ва сипас ба шарҳу тафсир пардохта буд. Чунин тарзи гузориш дар шарҳи мазкур барои боз ҳам фасеҳ ва равшантар баён гардидани маънӣ мусоидат намудааст.

**Зикри нусхабадалҳо.** Дар замони Муҳаммадризои Лоҳурӣ ҳам бино бар иштиҳори «Маснавии маънавӣ» нусхаҳои мухталифи он дар миёни ҳаводорони ин асари оламшумул интишор доштааст. Аз ин рӯ, бо нусхаҳои мухталифи асар сарукор доштани шореҳ як амри табиӣ мебошад. Дар паҳнои шарҳи «Мукошифоти разавӣ» гоҳ-гоҳ ба ишороти шореҳ дучор омадан мумкин аст, ки назари хешро дар мавриди қироати мухталифи як калима ва ё мисраи алоҳида баён медорад. Ин нукта аз ишороти шореҳ, ки дар мавридҳои мухталиф зикр шуданд, маълум мегардад ва чунин ба назар мерасад, ки шореҳ барои аз гирдоби чунин дуандешиҳо раҳоӣ ёфтан бо истифода аз нусхаҳои гуногун байти мавриди назарро шарҳ медиҳад. Чунончи, дар тавзеҳи зерин мушоҳида мекунем:

Бингар акнун Зайди атласпӯшро,

Ҳеч атлас даст гирад ҳушро? [13, 3/1340].

Шореҳ менависад: «Ай, баъди мурдан ва хок шудан мулоҳиза кун аҳволи ӯро. Ва дар баъзе нусах ба ҷойи лафзи «Зайд» «зинда» дида шуд. Бар ин тақдир маънӣ чунин бошад, ки атласпӯши зиндаро ҳеч атласи ӯ мададе дар ҳуш ва доноӣ мерасонад? Ҳамчунин, мурдаро иморати мақобир ҳеч фоида набахшад». Низ, зимни мисраи дувуми байти 2191 аз дафтари севум:

Дев он вақт дар адоват байн-байн,

Бонг зад, к-эй сагпарастон айн-айн.

«Ва дар баъзе нусхаҳо «ин айн» дида шуд. Он ҳам ба ҳамин маънӣ аст. Аммо, дар чанд нусхаи дигар калимаи «иллатайн» қофия шуда. Дар ин сурат

чунин бошад, ки эй сагпарастон, шуморо ду иллат пеш омада – визри дунё ва наколи охират» [58, 565].

Ба назар мерасад, ки шореҳ нусхаеро мабнои кор қарор дода, ки дорои ғалатҳо ва иштибоҳотест ва ӯро низ гоҳ ба тавҷеҳоти суст ва бепоя дар бораи байт водоштааст.

Ҳамин тариқ, пас аз баҳсҳои фавқ метавон ба хулосаҳои зерин даст ёфт:

1. Байни шарҳҳои дар сарзамини Ҳинд таълифшуда «Мукошифоти разавӣ» асари нисбатан муфассалест, ки дар мушкилоти «Маснавӣ» навишта шудааст. Шарҳи мушкилоти «Маснавии маънавӣ» махсусан барои касоне, ки иҳотаи лозим аз муҳтавои ин асари бузурги ирфонӣ доранд, судманд аст. Касе, ки «Маснавӣ» -ро пурра нахонда ва ё аз муҳтавои он огоҳии комил надорад, аз шарҳи Муҳаммадризо (ва шарҳҳои дигар низ!) баҳраманд шуда наметавонад. Аз ин хотир, иҳотаи комил доштан ва ё зери даст доштани матни «Маснавии маънавӣ» ҳангоми мутолиаи шарҳи «Мукошифоти разавӣ» амри зарурӣ 
дониста мешавад.

2. Муаллифи шарҳи «Мукошифоти разавӣ» аз хонадони суханшинос ва шореҳи маъруфи адабиёти форсии тоҷикии сарзамини Ҳинд Муҳаммад Акрами Мултонӣ аст, ки ӯ ба «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ шарҳ навиштааст. Аз ин рӯ, Муҳаммадризоро ҳамчун идоматдиҳандаи суннатҳои мактаби шарҳнигории сарзамини Ҳинд шинохтан айни матлаб аст. Махсусан, ки ба ишораи сарчашмаҳо Муҳаммадризо шарҳи нотамоми волиди суханшиноси хешро, пас аз даргузашти вай ба итмом расонидааст, баёнгари мақоми ӯ дар шарҳу маърифати осори классикони адабиёти форсии тоҷикӣ мебошад.

3. Баррасии шарҳи «Мукошифоти разавӣ» нишон медиҳад, ки Муҳаммадризо дар гузориши хеш беш аз ҳар шореҳи дигар аз нахустин шарҳи «Маснавии маънавӣ» – шарҳи Камолуддини Хоразмӣ истифода кардааст.

4. Нуктаи дигар он аст, ки Муҳаммадризо дар силки аввалин шореҳоне қарор мегирад, ки пеш аз шарҳи достон ва ҳикоёти «Маснавӣ» иртиботи байни ҳикоётро зикр кардааст. Дарёфтани рабти ҳикоёт, қисса ва достонҳои «Маснавӣ» амри муҳим буда, нахустин заминаи шинохти матлаби асар мебошад, ки бар завқу ҷаҳонбинӣ ва маърифати шореҳон иртиботи қавӣ дорад. Ба гумони қавӣ корбурди ин усул низ аз ибтикороти аввалин шореҳи «Маснавӣ» Шайх Камолуддини Хоразмӣ буда, минбаъд аз ҷониби Муҳаммадризо пайгирӣ шудааст.

5. Яке аз усули кори Муҳаммадризоро тариқи хулоса баён кардани маънии ҳикоятҳои ««Маснавӣ»« ташкил додааст. Чунин тарзи тариқи хулоса баён доштани маънии ҳикоёт ва қисаси алоҳидаи «Маснавӣ» дар шарҳи Муҳаммадризо низ гоҳ-гоҳ рӯй намуда, арзиши онро афзун гардондааст, зеро бо ин роҳ хонанда метавонад иҳотаи лозимиро оид ба мақсади Мавлоно ба даст биёрад.

Бо вуҷуди ин, метавон чанд нуктаро ба унвони камбудиҳои шарҳи Муҳаммадризои Лоҳурӣ зикр намуд, ки ба сурати зайл аст:

1. Ҳарчанд шореҳ кӯшиш намудааст, мушкилоти «Маснавӣ»-ро шарҳу тафсир кунад ва дар ин роҳ то ҳадде муваффақ гардидааст, вале кам нест луғот, истилоҳот ва мафоҳими душворе, ки шореҳ ё аз он ҳарфе назадааст, ё тавзеҳоташ мушкилоти фаҳми маъноро аз байн намебарад. Масалан, абёти зер:

Гар «Худо хоҳад» нагуфтанд аз батар,
Пас Худо бинмудашон аҷзи башар.
Тарки «истисно» муродам қисватист,
На ҳамин гуфтан, ки ориз ҳолатест.

Муҳаммадризо маънии абётро баён медорад, вале марҷаи онро, ки поя бар ояи 24 сураи Қаҳф дорад, ишора намекунад: «ҳаргиз магӯ ман кореро фардо анҷом хоҳам дод, магар он ки бигӯӣ (иншооллоҳ) магар он ки Худо бихоҳад» [58, 12]. Низ дар мисраи «Ин замон ҷон доманам бартофтаст», ки «доман бартофтан» ба маънои «доман гирифтан» ва илтимос кардан аст, ба

сурати «доман тар тофтан» оварда ва бидуни зикри ҳеч мисоли дигаре «доман тар тофтан»-ро киноя аз «мустаид шудан ва камар бастан ба зикри авсоф» гирифтааст. Чунончи:

Ин нафас ҷон доманам бартофтаст,

Бӯи пероҳони Юсуф ёфтаст.

«Доман бартофтан – киноя аз мустаид шудан ва камар бастан ба зикри авсоф» [58, 18–19]. Чунин тарзи тавзеҳ маънии дархӯрро намедиҳад ва тафсири дуруст ҳамон аст, ки шореҳи турк Исмоили Анқаравӣ меоварад: «Мурод аз «ҷон» Ҳусомуддини Чалабӣ аст. Камо қила фи аввал-ул-«Маснавӣ»: «ва санадӣ ва макони-р-руҳ мин ҷасадӣ». Ин дам Ҳусомуддин, ки ҷонаш бо ҷонам тавъам аст, домонамро гирифтааст» [7, 1/94].

2. Низ зимни ташреҳи байти «Ҳар касе аз занни худ шуд ёри ман, // Аз даруни ман наҷуст асрори ман» менависад: «Наҷуст» ва «наҷаст» ҳар ду метавон хонд» [58, 5]. Худ ба худ равшан аст, ки калимаи «наҷаст» дархӯри маънии байт нест ва шореҳ шояд ин қаринаро аз рӯи кадом нусхае баён карда бошад. Бесабаб нест, ки Валимуҳаммади Акбарободӣ ин назари Муҳаммадризоро намепазирад ва менависад: «Махфӣ намонад, ки ҷуз ба замми ҷим (яъне «наҷуст» – Т.С.) нест, зеро ки муқобалаи «даруни ман» бо «занни худ» муқтазии ҳамин аст, зеро ки дар ҳар ду мисраъ қусури мустамеъ баён фармудаанд ва ба тақдири фатҳи ҷим (яъне, «наҷаст», – Т.С.) қусури мустамеъ дар мисраи сонӣ собит намешавад. Зеро ки берун наёмадани асрор аз даруни най мусталзами қусури мустамеъ нест… яъне, аз занни худ ёри ман шуд ва аз даруни ман напурсид…» [4, 10].

Низ дар мисраи»Хок бар бод асту бозӣ мекунад» [13, 2/1281] менависад: «Пурбод» ва «барбод» – ҳар ду метавон хонд. Аз «хок» олами аҷсом ва аз «бод» олами арвоҳ мақсуд аст» [58, 398].

Ин нуктаҳо нишон медиҳанд, ки фаъолияти Муҳаммадризо бештар ба ҷанбаи шарҳу тафсири маънии абёти «Маснавӣ» нигаронида шуда ва ӯ роҷеъ ба масъалаи барқарор кардану дарёфтани қаринаҳои саҳеҳи абёт камтар таваҷҷуҳ кардааст. Шореҳ на ҳама вақт кулли байтро шарҳ медиҳад:

гоҳ як мисраъ ё байтро зикр мекунад ва бо овардани нишонаи «АЛХ» (алиф, лом, хе: яъне, ило охириҳи, – Т.С.) кулли байтро тавзеҳ медиҳад, гоҳ бо овардани мисрае танҳо як калимаи онро тавзеҳ медиҳад:

Пеши ман чун шер бе мислу надид…

«Надид» ба маънии «назир», Чунончи, бенадид, яъне беназир.

Муҳаммадризо ончунон саргарми шарҳу тафсир мегардад, ки гоҳо маъниҳои дур аз зеҳн ва барои хонандаи «Маснавӣ» нопазируфтаниро низ ҳангоми шарҳи абёти алоҳида ва маъруфи «Маснавӣ» баён мекунад. Масалан, дар баёни байти маъруфи оғози «Маснавӣ»:

Ҳар кӣ, ҷуз моҳӣ, зи обаш сер шуд,

Ҳар кӣ бе рӯзист, рӯзаш дер шуд. -

менависад: «Ҳар ошиқе, ки моҳии ин дарёст, лабташна бизияд ва лабташна бимирад… пас, моҳӣ киноят бошад аз шахси ғофил, ки аз қурби Ҳақ бехабар аст». Дар ҳоле аксари муфассирон «моҳӣ»-ро рамзеи солик донистаанд, ки дар дарёи маънӣ шино мекунад. Мавлоно дар «Маснавӣ» мефармояд:

Чу моҳӣ бош дар дарёи маънӣ,

Ки ҷуз бо об хуш ҳамдам нагардад.

Малоле нест моҳиро зи дарё,

Ки бе дарё худ ӯ хуррам нагардад [58, 20].

## Фасли 4. «Асрор-ул-ғуюб»-и Хоҷа Айюби Порсо ва мухтассоти он.

### 4.1 Мақоми шарҳ ва шахсияти шореҳ

Шарҳи «Асрор-ул-ғуюб»-и Хоҷа Айюби Порсо аз шарҳҳои маъруфи «Маснавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ аст, ки соли 1120 ҳ. қ. таълиф гардида, дар мушкилоти «Маснавии маънавӣ» навишта шудааст.

Ин шарҳ бо кӯшиши адабиётшиноси эронӣ Муҳаммадҷаводи Шариат дар соли 1377 дар ду муҷаллад интишор ёфтааст. Доктор Шариат замоне, ки шарҳи «Асрор-ул-ғуюб»-ро ба чоп мерасонад, аз нусхаи тавсифнамудаи

Бадеуззамон Фурӯзонфар, ки баъд аз даргузашти ишон ба китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон мунтақил шуда, таҳти шумораи 8520 сабт гардидааст, истифода мекунад ва онро ҳамчун нусхаи асл ва нусахи дигари мавриди истифодаи хешро ба унвони «нусхабадал» қарор додааст. Мавсуф дар муқаддимаи шарҳ нусхаи мазкурро чунин тавсиф менамояд: «Ин нусха ба хати настаълиқи мутавасситест, ки дар 29 шавволи 1200 ҳ.қ. нусхабардорияш ба поён расидааст, қатъи он дорои раҳле кӯчак ва дорои 241 барг аст, ки бар рӯи ҳар сафҳаи он 29 сатр навишта шудааст ва абъоди он 20x14 аст. Навъи коғази он сипоҳонӣ ва ҷилди он тимоҷи мушкӣ ва муқаввоӣ аст ва маъмулан унвонҳо бо шангарф навишта шудааст» [82, «ҳафт»]. Фурӯзонфар дар китоби «Шарҳи «Маснавӣ»-и шариф» дар мавриди ин китоб менависад: «Асрор-ул-ғуюб» – таълифи Хоҷа Айюб – аз сӯфиёни ҳушманд ва нуктадони қарни XII ҳиҷрӣ, ки дар соли 1120 ҳиҷрии қамарӣ таълиф шуда ва муштамил аст бар шарҳи мушкилоти тамоми «Маснавӣ», бад-ин гуна, ки муаллиф дар ибтидо луғоти душворро тафсир карда ва пас аз он ба шарҳи абёт пардохта ва низ ақвол ва тавҷеҳоти шореҳони дигарро нақд ва ҷарҳу таъдил намуда ва ҷой-ҷой аз калимоту ҳолот ва хавориқи одоти Мавлоно намунае овардааст, то маънии байтро возеҳтар ва рӯшантар созад. Як нусха аз ин шарҳро, ки ба соли 1200 ҳ.қ. китобат шудааст, марҳум Муҳаммад Ҳишоми Мирзо Афсар – аз шуаро ва некмардони муосир [тав. 1319] бад-ин заиф марҳамат кардаанд» [276, «ёздаҳ», «дувоздаҳ»].

Дар мавриди шахсияти Хоҷа Айюби Порсо дар сарчашмаҳо маълумоти дақиқе дар даст набуда, танҳо ҳамин қадар маълум аст, ки Хоҷа Айюб аз шахсиятҳои тасаввуфии аҳли тасаннуни мазҳаби шофеии садаи дувоздаҳуми ҳиҷрии қамарӣ буда, дар Лоҳур умр ба сар бурдааст [82, ниг. ба саҳ. 167, 169, 187, 188, 273, 313, 949 ва ғ.].

Ҳоло дар мавриди он ки шореҳи мазкур ба ҷуз ин шарҳ боз китоби дигаре ҳам доштааст, барои мо торик аст, аммо дар муқаддимаи шарҳ Хоҷа Айюб баъзе нукотро дар мавриди он ки бо кадом мақсад ба шарҳи ин китоби мустатоб даст задаст, маълумот медиҳад: «Аммо баъд, мегӯяд фақири хоксор

ва ҳақири бемиқдор мустаҳлики буддои зунуб ва мустағриқи биҳори ғиюб – Айюб, ки муддати мадид доияи тасвиди шарҳи абёти мушкила ва фатҳи абвоби мағлақаи ин китоби сомихитоб дар хотири фотир маркуз буд, аммо аз қусури идрок ва футури фаҳм ҷуръат наменамуд, то ғалабаи шавқ ва истилои завқи аз ҳадд фузун ва инони ихтиёри ин беиқтидор аз каф рабуд ва чун дар он ҳол барои истеҳсоли ин мақсуд фоле баркушуд, дар садри сафҳа ин абёт буд:

Эй Зиёулҳақ Ҳусомуддин биё,

Эй сиқоли рӯҳу султони ҳудо.

«Маснавӣ»-ро масҳари машрӯҳ деҳ,

Сурати амсоли ӯро рӯҳ деҳ [14, 6/183-184].

Хастаи бедилро аз далерии ин фоли ҳумоюнқол нашъаи шавқ дуболо шуд ва бо вуҷуди қиллати бизоат ва адами иститоат ҷуҳдулмуқилл мабзул дошт ва ба таҳрири ин амри хатир ҳиммат баргумошт…» [82, 9–10].

Аз ин нуктаҳо равшан мегардад, ки Хоҷа Айюбро дер боз дар сар ҳавои шарҳу тафсир додани абёти мушкилаи «Маснавӣ» будааст, аммо дар ин кор ҷуръат намекард, то ин ки аз «Маснавӣ» фоле гирифт ва ҷуръат пайдо намуд, ки ба шарҳу тафсири китоб иқдом намояд. Зикри ин матлаб зарур аст, ки аксари шореҳони «Маснавӣ» дар муқаддимаи шарҳи хеш ба чунин як ишораи аз ҷониби Ҳазрати Мавлоно ба гузориши «Маснавӣ» раҳнамун шуданашон ишора кардаанд, ки шояд асоси воқеӣ надошта бошад. Аммо ин нукта мусаллам аст, ки ин нафарон ҳеч вақт аз рӯи ҳавою ҳавас ба шарҳу гузориши «Маснавӣ» даст назадаанд, балки ҳар кадоми онон дар масъалаи ошноӣ бо афкору оро ва ҷаҳоншиносии Мавлоно Балхӣ зубдаи ҳамзамонони хеш буда, бино бар ташвиқу талқини дӯстон ва алоқамандони дигари «Маснавӣ» ба ин кор даст задаанд. Чунончи, Абдулатифи Аббосӣ муддати зиёде ба тадриси «Маснавӣ» машғул буда, минбаъд ба шарҳу маънидод кардани «Маснавӣ» шуғл варзидааст, Шоҳидии Муғлавӣ бо илтимоси баъзе аз аҳбоб ба ин кор даст задааст ва ғайра. Ишқу алоқа бар «Маснавӣ» низ имкон додааст, ки Хоҷа Айюб ба шарҳи ин асари бузург камари ҳиммат бандад.

Шореҳ таърихи ихтитоми шарҳи хешро дар муқаддима бо овардани моддаи таърих чунин баён кардааст: «Фалиллоҳилҳамду вал миннату, ки файзи баракоти он зоти малакисифот дар водии тараддуд ва тазабзаб ҳодӣ ва далели ин саргаштаи залил гардид ва итмоми масъул ва анҷоми маъмул ба ҳасл анҷомид. Ва ҳамон ҳангом таърихи ихтитом дар зеҳни алил ва фаҳми калил филфавр расид, ки:

Ёфт шарҳи «Маснавӣ»-и Мавлавӣ,

Хилъати итмом аз лутфи Худо.

Гуфт таърихаш ба гӯши дил хирад,

«Турфа шарҳи «Маснавӣ»-и ҷонфизо» [82, 10].

Мисраи охирин моддаи таърихи итмоми шарҳи мазкур буда, ба соли 1120 ҳ.қ. баробар аст.

## 4.2 Сохтори «Асрор-ул-ғуюб» ва усули кори шореҳ

Шарҳи «Асрор-ул-ғуюб» аз ҷумлаи шарҳҳое мебошад, ки бар абёти душвор ва мушкилоти тамоми «Маснавӣ» нигошта шудааст. Муаллифи шарҳ дар интихоби абёти «Маснавӣ» пойбанди қонун ва чаҳорчӯбае набуда, ҳар мисраъ ё байтеро, ки ба назараш душвор менамояд, мавриди шарҳ қарор додааст.

Шореҳ на ҳама вақт мекӯшад, ки байти мустақилро шарҳ диҳад: гоҳо мисраъҳои алоҳидаро низ қайд карда, маънии онро баён медорад, ё луғати душвори онро зикр мекунад, ки ин аслро метавон асли мисраъ-мисраъ шарҳ додани «Маснавӣ» ном бурд. Шореҳ дар муқаддимаи асари худ андешаҳои барои хонандагон ибратбахшеро баён карда, инчунин, дар мавриди он ки зимни шарҳи «Маснавӣ» кадом аслро ба кор гирифтааст, тариқи иҷмолӣ маълумот додааст, ки барои фаҳмидани сохтори шарҳи мазкур ниҳоят муфид мебошад. Аз ҷумла, шореҳ менависад: «Дар тафсири луғоти муштарака ба ҷиҳати тасҳил маънии мақсуд бар дигар маонӣ тақдим ёфт ва баъд аз таҳқиқи луғот ва танқеҳи маънии абёт тақрири тавҷеҳоти соири шарҳҳо низ нақл намуд… « [82, 10]. Чунонки маълум мегардад, шореҳ пас аз шарҳи маънои

луғавии калимот ва баёни маънии абёт қавли шореҳони дигарро низ зикр кардааст.

Аксари шореҳоне, ки ба шарҳу тафсири «Маснавӣ» иқдом намудаанд, гузориши хешро аз тавҷеҳи байти оғозини «Маснавӣ» шурӯъ кардаанд, ки бесабаб нест. Мавлоно «Маснавӣ»-ро бо садои ҳикоят ва шикояти «най» оғоз мекунад ва масъала ин аст, ки чаро Мавлоно каломи хешро аз баёни нолаи «най» оғоз мекунад? Мавлоно аз мафҳуми «най» чиро дар назар дорад? Ва бисёр саволҳои ба ин монанд байни шореҳони «Маснавӣ» баҳсҳои ҷолиберо ба вуҷуд овардааст. Аксари шореҳон барои баёни он ки муроди Мавлоно аз «най» чист, андешаю маъниҳои мухталиф баён доштаанд. Бад-ин минвол «най» дар тасаввури шореҳон маъниҳои аҷибу ғарибе пайдо кардааст ва барои он низ тавҷеҳоти мухталифе ба зуҳур овардаанд. Дар ин миён, аксари шореҳони «Маснавӣ» даравриди маърифати мафҳуми «най» тавҷеҳи Мавлоно Абдураҳмони Ҷомиро аз «Рисолаи ноия»-и ӯ қобили қабул донистa ва дар гузориши хеш аксаран ин маъниро тариқи иқтибос зикр кардаанд. Хоҷа Айюб низ бо такя ба шарҳи мазкури Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ чунин баёни андеша кардааст:

«Бишнав аз най чун ҳикоят мекунад,

Аз ҷудоиҳо шикоят мекунад.

Бишнав хитоби ом аст ва дар тасдири китоб ба ин хитоб ишоратест латиф ба тақдими илмуляқин, ки самараи шунидан аст бар айнуляқин ва сабақи шариат бар тариқат ва ҳақиқат. Чунончи, дар ҳадиси карим ворид шудааст, ки «Аш-шариъату ақволӣ ва-т-тариқату афъолӣ вал ҳақиқату аҳволӣ вал маърифату асрорӣ». Ва Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, қуддиса сирруҳу ас-сомӣ дар шарҳи байтайн фармуда, ки «найро бо восилони комил ва комилони мукаммил, ки аз худ ва халқ фонӣ гашта ва ба Ҳаққ боқӣ шуда, муносибате тамом аст, иммо аз рӯи исм, зеро ки ин калима дар баъзе мавозеъ ба маънии нафй истеъмол меёбад ва эшон нафйи вучуди оризии худ кардаанд ва ба адамияти аслии худ бозгашта. Иммо, аз рӯи зот, зеро ки ҳамчунонки най аз худ тиҳӣ шудааст ва ҳарчӣ ба вай музоф аст, аз нағамоту алҳон

филҳақиқат содир аз соҳиби вай аст ва аз вай, ҳамчунин, ин тоифаи иллийа билкуллийа аз вуҷуди худ холӣ шудаанд ва ҳарчӣ бад-эшон мансуб аст, аз афъолу ахлоқ ва авсоф аз Ҳазрати Ҳақ субҳона ва таоло аст, ки дар эшон зоҳир шудааст ва эшонро ҷуз мартабаи мазҳарият беш нест» [82, 11].

Кист най? Он кас, ки гӯяд дам ба дам,

Ман наям ҷуз мавҷи дарёи қидам.

Аз вуҷуди худ чу най гаштам тиҳӣ,

Нест аз ғайри Худоям огаҳӣ….[82, 11].

Шореҳ пас аз зикри қавли Абдураҳмони Ҷомӣ ва овардани 38 байт аз «Найнома»-и ӯ ақволи дигаронро, ки Ҷомӣ дар зимни ташреҳи матлаб овардааст, идома медиҳад ва дар охир маънии байти нахустини «Маснавӣ»-ро чунин хулоса мекунад: «Бидон, ки тавҷеҳи солис, ки тариқи маҷозу истиора бигзоранд ва найро иборат аз найи зоҳир медоранд… назар ба даъби ҳазрати Мавлоно ансаб ва аҳсани тавҷеҳот аст, ки шурроҳ дар тафсири маънии най намудаанд, чӣ даъби ҳазрати Мавлоност, ки каломи ҳақоиқ низоми худро бар сабили тамҳид ва тамсил ба зикри қасас ва ҳикоёти маҷоз оғоз кунанд ва аз маҷоз ба ҳақиқат, ки мақсуди аслӣ аст, интиқол фармоянд» [82, 13]. Мурод аз «тавҷеҳи солис» боз ҳам ишора ба гуфтаи ҳазрати Ҷомӣ аст, ки дар идомаи каломи худ гуфта буд: «Ва мешояд, ки тариқи маҷозу истиора бигзоранд ва найро ҳам иборат аз найи зоҳирӣ доранд» [125]. Чунонки дида мешавад, Хоҷа Айюби Порсо дар мавриди ташреҳи байти нахустини «Маснавӣ» ҳамон андешаи Абдураҳмони Ҷомиро дунболагирӣ ва пайравӣ кардааст. Дар маҷмӯъ, шореҳ барои шарҳи ин байт аз «Рисолаи ноия»-и Мавлоно Ҷомӣ 45 байт оварда, маъниро хулосабандӣ мекунад. Чунонки таъкид шуд, аксари шореҳон ҳангоми шарҳи абёти найномаи «Маснавӣ» ба ҳамин гузориши Мавлоно Ҷомӣ рӯй овардаанд ва Хоҷа Айюб дар ҷойҳои дигар низ бо овардани назароти Ҷомӣ андешаҳои хешро тақвият бахшидааст. Чунончи, зимни шарҳи абёти аввали дафтари дувум ва хосатан байти «Муддате ин маснавӣ таъхир шуд, // Мӯҳлате боист то хун шир шуд» бо истифода аз қавли Мир Нуруллоҳи Аҳрорӣ менависад: «Аммо, мӯҷиби

таъхир аз рӯи зоҳир он чӣ шайхи марҳум (Мир Нуруллоҳ, – Т.С.) аз «Нафаҳот-ал-унс» нақл намуда, ки баъд аз он ки хидмати Мавлоно ба илтимоси Чалабӣ Ҳисомуддин, ки бо илқои ғайб мутобиқ афтода буд, шурӯъ дар назми «Маснавӣ» фармуданд ва чун ҷилди аввал ба итмом расид, ҳарами Чалабӣ Ҳусомуддин вафот ёфт ва дар миён фатрате зоҳир шуд» [82, 293]. Аз ин ишора метавон ба дарёфти ду нукта муваффақ шуд:

1. Таваҷҷуҳи шореҳ ба андешаҳои Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ
2. Истифодаи шарҳи Мир Нуруллоҳи Аҳрорӣ зимни гузориши абёт.

Ин ки барои ҳамаи шореҳони «Маснавӣ» зикри қавли Абдураҳмони Ҷомӣ дар зимни тавҷеҳи байти нахусти найнома мақбул гардидааст, ҷойи баҳс нест ва муаллифи «Асрор-ул-ғуюб» низ аз ин раванд барканор набудааст. Зеро аксари шореҳони «Маснавӣ» ҳангоми гузориши абёти найнома аз ҳамин назари Абдураҳмони Ҷомӣ сухани хешро оғоз бахшидаанд. Ҳар ойина, Хоҷа Айюб низ кӯшидааст, ки маънии абёти найномаро бо андешаҳои Ҷомӣ асоснок кунад ва ҳамин тавр бо овардани 24 байти дигар аз «Рисолаи ноия»-и Ҷомӣ матлабро ҷамъбаст кардааст. Ин ҳамон абётест, ки бо байти

«Ҳаббазо рӯзе, ки пеш аз рӯзу шаб,
Фориғ аз андӯҳу озод аз талаб»…

оғоз шуда, бо байти:

«Шуд гиребонгирашон ҳуббулватан,
Ин бувад сирри нафири марду зан»

ба итмом мерасад ва онро шореҳи дигари «Маснавӣ» Абдулалии Баҳрулулум низ зимни тавҷеҳи худ истифода кардааст [180, 148–174].

### 4.3 Назари интиқодии Хоҷа Айюб ба шарҳҳои дигари «Маснавӣ»

Аз беҳтарин асли кори Хоҷа Айюби Порсо он аст, ки ҳангоми шарҳи матлаб ва баёни маонии калимаҳо аз шарҳҳои дигар низ ёд мекунад ва нуқтаи назари шореҳони дигарро роҷеъ ба маънии абёт ё мисраи алоҳида баён медорад. Ин усул, агар аз як тараф, то кадом андоза огоҳӣ доштани шореҳро аз таълифоти сухансанҷон ва алоқамандони дигари «Маснавӣ» нишон диҳад,

аз тарафи дигар, нишондиҳандаи дараҷаи огоҳӣ ва доираи мутолиоти шореҳ, дараҷаи завқу фаҳми ӯ низ мебошад. Хоҷа Айюб бар он назар аст, ки гирд овардани тавҷеҳоти гуногуни як матлаб ва тариқи муқоиса тааммул кардан дар маонии он имкон медиҳад, ки асли маънӣ ошкор шавад ва «хато аз савоб мумтоз» гардад. Дар бораи ин асли кори хеш низ шореҳ дар оғози шарҳ ишора мекунад ва менависад: «Ва баъд аз таҳқиқи луғот ва танқеҳи маънии абёт тақрири тавҷеҳоти соири шарҳҳо низ намуд ва мақсад аз нақл ин буд, ки дар сурати иҷтимои тафосир ва тааммул дар иртиботи маонии тавҷеҳот бо абёти собиқа ва лоҳиқа маънии аслӣ ва асли маънӣ ба вузӯҳ ояд ва хато аз савоб мумтоз шавад» [82, 10].

Шореҳ ҳангоми баёни маънӣ ба шарҳҳои мухталиф ишора ва матлаби онҳоро нақд мекунад, ки ин интиқод ба гуфтаи Фурӯзонфар «натиҷагириҳои ҳушмандона» ва бисёр ҷолиби таваҷҷуҳ аст. Ба назар мерасад, ки Хоҷа Айюб ҳангоми таълифи асари хеш ҳадди ақал панҷ шарҳи «Маснавӣ»-ро дар ихтиёр доштааст ва ҳар кадоме аз ин шарҳҳоро бо ибораи махсус дар матни асари хеш ёдовар шудааст. Ишораҳое, ки ба шарҳҳои мавриди назар кардааст, бо калимаю ибороти мушаххас ишора гардидаанд, ки онро шореҳ дар ибтидои шарҳ низ ишора кардааст. Чунончи, мақсуд аз «шайхи марҳум» – Шайх Абдулатифи Аббосӣ аст, ки муаллифи китоби «Латоиф-ул-луғот», яъне китоби фарҳанги вожаҳои «Маснавӣ» аст. Китоби дигари Абдулатиф «Латоифи маънавӣ мин ҳақоиқ-ил-маснавӣ» аст, ки гузориши абёти мушкилаи «Маснавии маънавӣ» мебошад. Маълум мегардад, ки Хоҷа Айюб аз ин китобҳои шореҳи бузурги садаи XVII Ҳинд хеле фоида бурдааст. Мақсуд аз «баъзе шореҳон» – Мир Муҳаммадризои Лоҳурӣ мурод аст, ки соҳиби китоби «Мукошифоти разавӣ» буда, мувофиқи сарчашмаҳо ин китоб соли 1877 дар чопхонаи машҳури Нувал Кишори Ҳинд ба чоп расидааст. Мақсуд аз «баъзе аз шурроҳ» Мир Муҳаммад Нуруллоҳи Аҳрорӣ [ваф. 1073 ҳ.қ.] аст, ки «Маснавӣ»-ро дар шаш дафтар шарҳ додааст. Мақсуд аз «шореҳи Хоразмӣ» Хоҷа Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ мебошад, ки муаллифи қадимитарин шарҳи «Маснавӣ» – «Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор»

буда, шарҳи ӯ бар асари кушта шудани муаллиф нотамом мондааст. Таҳиякунандаи матни «Асрор-ул-ғуюб» доктор Муҳаммадҷаводи Шариат низ ҳангоми бори аввал дар матни шарҳ дучор омадани ибораи «шайхи марҳум» дар поваракӣ менависад: «Дар аввалин саҳифаи китоб чунин навишта шудааст: бояд донист, ки мурод аз «баъзе шореҳон» Мир Муҳаммадризо ва аз «баъзе шурроҳ» Мир Нуруллоҳ ва аз «шайхи марҳум» Шайх Абдулатиф ва аз «шореҳи Хоразмӣ» Хоҷа Ҳусайн аст, ки дар таҳрири тақрири ин китоби мустатоб марқум гардида» [82, 14]

Дар шарҳи мазкур, инчунин, ишора ба «азизе» ва «баъзе аз аизза», «баъзе азиз», ё «азизе навишта, ки…» низ рафтааст, ки барои мо шахсияти ин шореҳон равшан нашуд. Чунончи, дар ҷое менависад: «Ва он чи азизе навишта, ки «ошиқ шудан ба ихтиёри касе нест, то аз иртикоб ва асрори он иҷтиноб кунад – интаҳо калом» мадфӯъ аст» [82,34].

Зимни баёни матлаб мо ба ин масъала ҳамчун нигоҳи интиқодии шореҳ ба шореҳони гузашта муносибат мекунем ва аз ҳамин равзана ба баҳсҳое, ки Хоҷа Айюби Порсо бо шореҳони салаф барпо месозад, руҷӯъ менамоем. Зеро яке аз ҷанбаъҳои муҳимми шарҳнигорӣ, ки пешорӯи муфассирони каломи бадеӣ қарор дорад, тафсир ва ё маърифати дуруст ва воқеии маънии байт ё мисроъ аст, ки пеш аз ҳама, ба ҷаҳонбинӣ ва дараҷаи завқу тафаккури маърифатгар вобаста мебошад. Табиист, ки дар маърифати каломи мавзун ҳар як шореҳ нигоҳ ва нуқтаи назари хешро дорад ва аз ҳамин равзана ба шарҳу тафсир мепардозад. Кам иттифоқ меафтад, ки шореҳе куллан ба назари шореҳи дигар мувофиқ бошад ва онро қабул кунад. Аслан, яке аз сабабҳои ба вуҷуд омадани шарҳҳои мутааддид ҳам шояд ҳамин бошад, зеро шореҳон шарҳҳои дар замони худ ва ё пештар аз замони худ ба вуҷудомадаро аз ягон ҷиҳат ноқис медонистанд ва ба хотири рафъи ҳамин нуқсон ба таълиф мепардохтанд.

Ин маъниро аз муқаддимаи бархе аз шарҳҳо метавон ба мушоҳида гирифт. Ҳарчанд Хоҷа Айюб дар муқаддимаи шарҳи хеш ба ин масъала ишора намекунад, аз муҳтавои баҳсҳои ӯ пайдост, ки дар бисёр маврид бо

ақидаи маърифатгарони пешин мувофиқ набудааст. Дар шарҳи Хоҷа Айюб баҳсҳои фаровоне ҷой доранд, ки дар он назари шореҳони салаф шадидан интиқод шудаанд. Шореҳ дар мавриди зиёде ба шарҳҳои пеш аз худ ишора мекунад ва бо онҳо баҳс мекунад. Чунончи, зимни шарҳи мисраи «Ҳамчу Одам боз маъзул омада» менависад: «Яъне, азли соҳиби ҷамол аз мансаби ҳусн мисли азли Одам (а) аз биҳишт (аст). Ва он чӣ баъзе аз аизза навишта, ки «инсон ва ҷинну малак, ки соҷиди зан шуданд, аз мартабаи қурб маъзул гардиданд, чунончи ҳазрати Одам итоати Ҳавво кард ва аз биҳишт маъзул шуд – интаҳо каломуҳу» таассуф аст ва номарбут бо абёти собиқа ва лоҳиқа, Чунончи ба адно тааммул ба зуҳур ояд» [82,862–863].

Ин ҷо Хоҷа Айюб бо зикри ибораи «баъзе аизза» ҳатман ба ягон шореҳ ишора мекунад ва дар ҷойҳои дигар низ зикри ҳамин шореҳ тариқи «баъзе азиз» ё «азизе навишта, ки…» омадааст.

Мутаассифона, соҳиби рисола ҳоло дар бораи он ки мурод аз ин «азиз» ва ё «баъзе аизза» кӣ бошад, санаде дар даст надорад, аммо, он чӣ аз ишораи шореҳ бармеояд, ӯ тавҷеҳи он азизро дар ҳамин ҷо қабул надорад ва дар идомаи шарҳи мисраи сонии байт низ ӯро «бар қусури тааммул дар маънии абёт» ва «футури фикр дар маънии мисраъ» шадидан интиқод мекунад: «Гуфт: оваҳ, баъди ҳастӣ нестӣ. Оваҳ – ба мадди ҳамза; дареғ ва афсӯс ва ҳасрат. Фоили «гуфт» соҳиби ҳусн, ки бар заволи ҳуснаш ҳасрат дошт. Ва он чӣ баъзе аз аизза навишта, ки «ҳар яке аз инсон ва ҷину малак, ки соҷиди зан шуданд, мегӯянд: афсӯс, ки баъди қурб буъд омад – интаҳо каломуҳу» мабнӣ бар қусури тааммул дар маънии абёти собиқа ва лоҳиқа ва футури фикр дар маънии мисрои сонӣ. Чӣ афзунии зист муносиби заволи ҳусн аст, на заволи қурб ва ҳасли бӯъд. Ва турфатар он ки ин маънии лояъниро ба сиёқи калом часбонтар таваҳҳум намуда ва тариқи таассуф паймуда» [82, 863].

Нуктаи ҷолиб он аст, ки Хоҷа Айюб бо овардани андешаи шореҳи номаълум баҳсҳои ҷолиберо дар ниҳояти ихтисор ва мӯъҷазбаёнӣ баён доштааст. Чунончи, зимни мисраи «Ҷисми хок аз ишқ бар афлок шуд» мегӯяд: «Ишора аст ба меъроҷи Мустафо (с) ва уруҷи Исо (а). Ва он чӣ азизе

навишта, ки «таъбир кардан аз вуҷуди Муҳаммадӣ алайҳисалавоту вас салом ба ҷисми хок андаке аз қоидаи адаб дур меафтад» – интаҳо каломуҳу – аз адаб дур аст, чӣ дар ҳақиқат ин эрод роҷеъ ба ҷаноби Ҳазрати Мавлоно, ки дар тамомаи ин китоб ҳам анбиёро ба хок мансуб дошта ва фармуда, ки «Хок аз дуде нишинад зери об, // Хок бин аз арз бигзашт аз шитоб» [82, 23].

Инкори андеша ва тавҷеҳи шореҳони дигари «Маснавӣ», ки аз тарафи Хоҷа Айюб сурат пазируфтааст, иборат аз такаллуф ва ё изҳори фазл нест. Шореҳ бо далелҳои собит ба баррасии ин матлаб мепардозад ва ҳангоми инкори назари шореҳи дигар андешаҳои хешро бо истинод зикр менамояд. Ҳоло тариқи мисол яке аз мисраҳои маъруфи «Маснавӣ»-ро аз қисмати найнома зикр мекунем, ки дар он шореҳ андешаи Муҳаммадризои Лоҳуриро чунин рад мекунад. Мисраъ: «Ҷуфти хушҳолону бадҳолон шудам» - Ин мисраъ нашри мураттаб аст аз мисрои аввал ва мурод аз «хушҳол» ва «бадҳол» маънии маъруф ва аз «ҷуфт шудан» иштирок дар ҷамъият ва нола. Ва он чӣ баъзе шореҳон навишта, ки «мустамеон ду тоифаанд: хушҳол ва бадҳол. Хушҳол онон, ки аз нолаи най ҷон ёфтанд ва ба сӯи ҷонон шитофтанд. Ва бадҳол касе, ки дар вартаи обу гил фурӯ монад ва рахши ҳиммат ба ҷониби мақсади аслӣ наронад – интаҳо каломуҳу» мулоим нест бо абёти оянда, ки «Ҳар касе аз занни худ шуд ёри ман…» чӣ ин тавҷеҳ муқтазии он аст, ки сомеи комил, ки аз нолаи най ҷон ёбад ва ба сӯи ҷонон шитобад, низ ба занни худ аз идроки сирри нолаи най маҳҷуб бошад» [82, 19].

Чунонки мушоҳида мегардад, шореҳ андешаи Муҳаммадризоро бо зикри маънии абёти ояндаи «Маснавӣ» инкор мекунад ва андешаи хешро баён месозад. Ин асли ташреҳу тавзеҳи матлабро метавон, як навъ, тафсири дохилии матн ҳисобид, ки аз беҳтарин усули шарҳу тафсири матн ба ҳисоб меравад. Яъне, шореҳ барои тақвияти гуфтаи хеш аз осори худи суханвар мисол оварда, андешаро истидлол мебахшад.

Дар шарҳи «Асрор-ул-ғуюб» корбурди ин асл дар баъзе маврид ба назар мерасад. Махсусан, вақте ки Хоҷа Айюб абёти найномаро мавриди

шарҳ қарор медиҳад, барои тақвияти андеша абёти дафтарҳои дигари «Маснавӣ»-ро ба истишҳод меоварад. Чунончи, зимни шарҳи байти «Ҳар кӣ ҷуз моҳӣ зи обаш сер шуд, // Ҳар кӣ берӯзист, рӯзаш дер шуд» дар шарҳи таркиби «рӯзаш дер шуд» мегӯяд: «Бидон, ки савоб дар тафсири ин байт таҳрири Шайх он аст, ки «моҳӣ иборат аз орифи комил, Чунончи, дар дафтари дувум дар қиссаи «Ҷӯҳӣ ва он кӯдак» мефармояд:

Ҳар кӣ дид он баҳрро, ӯ моҳӣ аст,

Ҳар кӣ дид Аллоҳро, аллоҳӣ аст.

Ва «дер шудан» ба маънии зоеъ шудан ва аз даст рафтан. Чунончи, дар дафтари дувум дар қиссаи «Ғарибе, ки хона меҷуст» фармудаанд, ки:

Чун расад он ҷо, бубинад гургу шер,

Рӯзгораш бурду рӯзаш гашт дер» [82, 22].

Маҳз овардани ду байти шоҳид аз худи «Маснавӣ» далели шореҳро қувват бахшида ва имкон додааст, дар баёни маънӣ бо ҷуръат ва бо истидлол ҳарф занад, вагарна имкон дошт, шореҳ мисли бархе аз гузоришгарони дигар дар шарҳи маънӣ аз ҷодаи ҳақиқат удул намояд. Азбаски дар тафсири байти мазкур андешаҳои мухталиф баён шуда ва баъзе аз шореҳони «Маснавӣ» «дер шудани рӯз»-ро ба гунаҳои дигар ҳам тафсир кардаанд, овардани чунин далелҳо сухани шореҳро нерӯи дигар бахшидааст. Азбаски Муҳаммадризои Лоҳурӣ дар тавҷеҳи байти мазкур акси андешаҳои фавқро баён доштааст, мавриди интиқоди шадиди Хоҷа Айюб қарор гирифтааст. Хоҷа Айюб дар идома менависад: «Ва он чӣ баъзе шореҳон )мурод Муҳаммадризо аст, – Т.С.) навишта, ки «моҳӣ пайваста дар об аст ва аз дарёфти ҳақиқати об дар ҳиҷоб. Пас, моҳӣ киноя бошад аз ғофил, ки аз қурби Ҳақ бехабар аст. Ҳосили маънӣ он ки ғайри ғофил ҳар кӣ ба қадре огоҳӣ дошт, ба коми дил расид ва он ки бемурувват бо нафс зиндагӣ кард ва маҳкуми ӯ нагардид, «рӯзаш дер шуд», яъне умри боқӣ ва ҳаёти ҷовид ёфт» – саҳв аст... чӣ «рӯз дер шудан» ба маънии «умр зоеъ шудан омада, на ҳаёти ҷовид ёфтан, Чунончи, аз абёти мазкура дар тавҷеҳи Шайхи марҳум (Шайх Абдулатиф, – Т.С.) мазкур шуд « [82, 22–23].

Чунонки дида мешавад, чунин гузориш дур аз ҳақиқат аст ва шореҳ дар ин маврид натавонистааст ба дарки матлаб даст ёбад, вале Хоҷа Айюб бо истифодаи асли тафсири дохилӣ тавонистааст матлабро дуруст маънидод кунад. Гузашта аз ин, Хоҷа Айюб дар ин гузориш аз ду шореҳи «Маснавӣ» – Шайх Абдулатифи Аббосӣ ва Муҳаммадризои Лоҳурӣ ёд кардааст ва фикри аввалиро ҷонибдорӣ, андешаи дувумиро инкор мекунад. Ҷойи дигар, шореҳ зимни ташреҳи байти «Ту аз он мурғи ҳавоӣ фаҳм кун, // Ки надидастӣ туюри мин ладун» дар ибтидо нуқтаи назари хешро чунин баён медорад: «Яъне, аз мурғони ҳавоӣ, ки маръо ва маҳсуси ту аст фаҳм кун, ки ҳар гоҳ аз фаҳми рози овози ин мурғ қосирӣ, пас мурғони «мин ладун»-ро, ки ҳаргиз надидаӣ, алҳол сирри эшон чӣ сон тавонӣ фаҳмид?!» [82, 1133]. Пас аз баёни назари хеш оид ба маънии байт бо ишораи «баъзе шореҳон» андешаи Муҳаммадризои Лоҳурӣ – соҳиби китоби «Мукошифоти разавӣ»-ро ба гунаи зер инкор мекунад: «Ва он чи баъзе шореҳон навишта, ки «мурғи ҳавоӣ Сулаймон аст, ки тахташ бар ҳаво мерафт. Яъне, Сулаймони набиро дарёб, то мафҳуми ту гардад, ки тоири он қудсиро надидаӣ ва аз сирри «уллимно мантиқа-т-тайри ва утино мин кулли шайъин» хабаре нашунидаӣ – интаҳо каломаҳу» таассуф аст, Чунончи ба адно тааммул ба зуҳур ояд» [82, 1133].

Тааммул ва диққат дар шарҳи «Асрор-ул-ғуюб» нишон медиҳад, ки муаллиф бештар аз Муҳаммадризо ва Абдулатиф сухан ба миён оварда ва ақволи ононро мавриди радду қабул қарор додааст.

Дар шарҳ ҷо-ҷо андешаҳои Муҳйиддин ибни Арабӣ низ вобаста ба мазмуни абёти шарҳшуда оварда шуда, баёнгари он аст, ки Хоҷа Айюб низ «Маснавӣ»-ро аз дидгоҳи Ибни Арабӣ мавриди шарҳ қарор додааст. Шореҳ бо андешаи Ибни Арабиро бо забони арабӣ оварда, сипас, дар зимни он тарҷумаи форсии онро низ ҳатман зикр мекунад. Чунончи, дар гузориши байти зерин аз дафтари шашум мушоҳида мекунем:

Буд Одам дидаи нури қадим,
Мӯй дар дида бувад кӯҳи азим.

«Яъне, Ҳазрати Одам алайҳиссалом дидае буд мунаввар ба нури қадим. Дар ин мисраъ ишораи латиф аст ба машраби ин тоифаи иллийа, Чунончи, қудваи муваҳҳидин Ҳазрати Шайх Муҳйиддин дар «Фусус» овард, ки Ҳува лилҳаққи субҳонаҳу биманзалати инсон айн минал айни ва ҳувал муаббару анҳу бил басари фалиҳазо суммия инсонан фаинна назарал ҳаққи субҳонаху илалхалқ фаарҳамаҳум, ҳосил он ки инсони комил ҳақ таолоро ба манзалаи мардумаки чашм аст ва назари раҳмати ҳақ азза шаънаҳу ба халқ ба воситаи ӯст, ки агар вуҷуди саропо ҷуди ӯ набудӣ ҳақ таоло назари рахмат ба халқ нанамудӣ» [82, 1118]. Таркиби васфи дар канори исми орифи андалусӣ оварда баёнгари иродату эътиқоди шореҳ бар ин шахсияти бузурги ирфонӣ аст, ки назари Мавлоно бо дидгоҳи ӯ ба ҳам омадааст.

### 4.4 Усули шарҳи «Маснавӣ» дар «Асрор-ул-ғуюб»

**Баёни рабти достонҳо дар оғози шарҳ.** Маърифати матлаби «Маснавӣ» ва дарки нуктаҳои мармузи он мавқуф ба шинохти омилҳои зиёдест, ки шореҳони «Маснавӣ» дар раванди шарҳу тафсири ин асари бузург онҳоро ба вуҷуд овардаанд. Дар шарҳҳои «Маснавӣ» на танҳо рамзҳо, балки ибора ва таркибҳои ҷудогонае, ки ба назари хонанда хеле оддӣ ва мафҳум менамоянд, боиси сарусадоҳои ҷолиби шореҳон воқеъ гардидаанд, ки баёнгари нигоҳи мӯшикофона ва муҳаққиқонаи маърифатгарони салаф мебошад. Барои мисол баҳсеро, ки дар робита ба мафҳуми «бори дигар ғалат кардан» зимни байти зерин омадааст, мебинем:

Эй ҳамеша ҳоҷати моро паноҳ,
Бори дигар мо ғалат кардем роҳ.

Хоҷа Айюб менависад: «Лафзи «бори дигар» дар муҳовараи баъзе аз аҳли Балх такякалом (такрори сухан, – Т.С.) аст ва дар итлоқи ин лафз такрори «бор» даркор нест, яъне «эй он ки ҳамеша ҳоҷатравои моӣ, ғалат кардем, ки ба ҳукамо илтиҷо овардем» [82, 32]. Шореҳ пас аз баёни ин маънӣ ақволи шореҳони дигарро ба тартиби зерин нақд кардааст:

1. Инкори Муҳаммадризои Лоҳурӣ: «Ҳоҷат нест он чӣ баъзе шореҳон навишта, ки: «Ба муқтазои башарият, Чунончи, ғалатҳо бисёр кардем, бори

дигар ғалат кардем, ки ба ҳукамо руҷӯъ овардем. Ё он ки калимаи «бори дигар»-ро ба мисраи аввал васл кунем ва гӯем, ки: эй он ки ҳамеша ҳоҷати моро паноҳ будай, бори дигар паноҳи мо шав, ки роҳ ғалат кардем» [82,32].

2. Инкори Сайид Абдулфаттоҳ: «Ва он чӣ қудваи аҳли фалоҳ Сайид Абдулфаттоҳ фармуда, ки «ғалати аввал ошиқ шудан бар канизак ва ғалати дувум руҷӯъ ба ҳукамо [аст]». Хоҷа Айюб дар инкори ин маънӣ менависад: «Аммо, агар шоҳ ишқи канизакро ғалат пиндоштӣ, аз сабҳати (шояд сиҳҳати, – Т.С.) ӯ эъроз кардӣ ва дар дуо дафъи ин бало хостӣ, камо ло яхфо. Магар он ки гуфта шавад, ки шоҳ аз ин роҳ, ки аз ишқи ҳақиқӣ огоҳ буд ва бо Ҳақ унсу ошноӣ дошт, ишқи маҷозиро нисбат ба ишқи ҳақиқӣ ғалат ва ибтило мепиндошт. Аммо, чун мағлуби ишқи канизак шуд, ночор ва беихтиёр чораҷӯи шифои ӯ буд ва дар дуо тазаррӯъ ва зорӣ менамуд» [82, 26–27]. Дар идомаи ин баҳс зикри қавли дигари Муҳаммадризоро овардан бамаврид аст, ки иловатан дар шарҳи ин байт менависад: «Лекин ҷойи ҳайрат аст, ки ин байт мақулаи ошиқ аст ва ошиқ ошиқ шуданро чун ғалат донад? Ва агар донад, ӯро ба ғалат ҳам ошиқ натавон гуфт. Аммо, Абдулатиф менависад, ки «ғалати аввал руҷӯъ ба ҳакимон ва ғалати дигар изҳори ҳоҷат ба алими ъаллом» [58, 12–13].

Чунин баҳсҳои мантиқӣ дар мавриди абёти алоҳидаи «Маснавӣ» хеле зиёданд ва нишон медиҳанд, ки то чӣ андоза шореҳон дар шарҳу маърифати маонӣ доманаи баҳс оростаанд. Бояд гуфт, ки баҳси мазкурро Муҳаммадризои Лоҳурӣ хеле батафсил ва бо далелҳои мантиқӣ ба риштаи баррасӣ кашида, аз он натиҷаҳои судманд ҳосил намудааст. Валимуҳаммади Акбарободӣ, бо назардошти ҳамин баҳсҳо, андешаи шореҳони «Маснавӣ» Муҳаммадризо, Хоҷа Айюби Порсо, Шайх Абдулатиф, Сайид Абдулфатоҳро зикр ва баррасӣ кардааст. Тавофут ин ҷост, ки Акбарободӣ боз ҳам ҳамчун намояндаи сазовори мактаби Ибни Арабӣ ин андешаҳоро бо таълимоти Шайхи Акбар имтизоҷ медиҳад ва як навъ ҷамъбаст мекунад [4, 22–23].

Вале дар ин баҳс мо мехоҳем, дар мавриди яке аз усули муассири маърифати «Маснавӣ» изҳори андеша намоем, ки онро дарёфти рабти қисса

ва достонҳои «Маснавӣ» унвон кардан мумкин аст. Тааммул дар паҳнои достонҳои «Маснавӣ» нишон медиҳад, ки рабти достон ва қиссаҳоро дар ин шоҳасар абёти алоҳидае бар ӯҳда доранд, ки онҳоро шартан «абёти калидӣ» ном кардан мувофиқи матлаб мебошад. Шинохти ҳамин абёти калидӣ метавонад раҳнамои хуби хонанда дар маърифати румуз ва бозкушои матлаби асар гардад. Ба ибораи дигар, овардани як ҳикояти тӯлонӣ, ки шояд аз чандин хати сужет ва ё аз садҳо байт фароҳам ояд, дар «Маснавӣ» баста ба як байт аст, ки шинохти он хонандаро аз тамоми каҷфаҳмӣ ва саргумиҳо метавонад берун оварад ва ба маърифати ростини як достони тамоми «Маснавӣ» раҳнамун созад. Дарёфти муроди Мавлоно аз қисса ва достонҳои алоҳида ба хонанда ба осонӣ даст намедиҳад ва, аз ин рӯ, ин ҷанбаи шарҳи Хоҷа Айюб нишон медиҳад, ки шореҳ то кадом андоза ба ҷаҳони фикрии Мавлоно ворид шудааст. Зеро «Маснавӣ»-ро комилан мутолиа накарда, маърифат кардани рабти ҳикоёт ва шинохтани абёти калидӣ кори саҳл нест. Албатта, ин нукта танҳо ягона шарти роҳ ёфтан ба олами мармузи маъниҳои «Маснавӣ» нест, вале, бо назардошти аҳаммияти масъала, Хоҷа Айюб ба ин нукта таваҷҷуҳи алоҳида мабзул дошта ва дар зимни гузоришоти хеш ба он ишора кардааст. Барои равшантар шудани матлаб андешаҳои болоиро тариқи мисол тавзеҳ медиҳем: охирин достони «Маснавӣ» «Ҳикояти он подшоҳ ва васият кардани ӯ се писари худро» мебошад, ки дар батни он ба муносибатҳои гуногун ҳикоятҳои зиёде оварда шудааст. Чунончи, «Ҳикояти Садри ҷаҳони Бухоро», «Ҳикояти он ду бародар, ки яке амрад буд ва яке кӯса», «Ҳикояти он подшоҳ, ки донишмандро ба маҷлиси худ овард…», «Ҳикояти Имрулқайс», «Ҳикояти Зулайхо»… ва чандин ҳикоёти дигарро Мавлоно ба муносибатҳои мухталиф дар зимни ҳамин достон нақл кардааст, ки зоҳиран бо асли достони мазкур иртиботе надоранд. Аммо, бояд гуфт, ки маърифати ин ҳикоёт барои хонанда осон нест ва барои дарки дуруст ва воқеии он хонанда бояд ба кунҳи маънӣ ва румузи ҳикоёт роҳ ёбад ва, ба ибораи дигар, ҳамон абёти калидиро, ки бори матлаби ҳикоятро мекашанд, маърифат кунад. Хоҷа Айюб зимни шарҳ ба ҳамин масъала диққати кофӣ

мабзул дошта, дар оғози аксари ҳикоёт ба ҳамин абёти калидӣ ва рабти ҳикоёт сареҳан ишора мекунад. Чунончи, дар оғози «Ҳикояти Садри ҷаҳони Бухоро» менависад: «Ин ҳикоят марбут ба мисраи сонии байти болост, ки «По бикаш пеши иноят хуш бимир» ва бо мисраи байти сонӣ, ки «З-ин ҳиял то ту намирӣ, суд нест», ба муносибати абёте, ки дар охири ин ҳикоят аст, яъне: Гуфт: лекин то намирӣ, эй ануд…» [82, 1096]. Мавлоно, пеш аз оғози «Ҳикояти Садри ҷаҳони Бухоро», вобаста ба мазмуни достон фалсафаи «то намирӣ, нараҳӣ»-ро иброз доштааст ва ҳикояти мазкур ҳам ба ҳамин хотир оварда шудааст. Хоҷа Айюб ҳамин се байти калидиро, ки асос ва сабаби аз ҷониби Мавлоно оварда шудани «Ҳикояти Садри ҷаҳони Бухоро» гардидаанд, нишон додааст, ки айни замон маърифати ҳамин се байт метавонад, дар фаҳмиши ҳикояти мазкур ба хонанда кӯмак намояд. Бо ибораи дигар, се байти рабт, ки шореҳ дар фавқ ба он ишора мекунад, фарогири маънии «Ҳикояти Садри ҷаҳони Бухоро» мебошад. Ҳикоёти дигари ин достон низ аз тарафи шореҳ бо ҳамин равиш барои хонандагон муаррифӣ гардидаанд. Чунончи, вобаста ба «Ҳикояти он ду бародар, ки яке амрад буд ва яке кӯса» шореҳ менависад: «Ин ҳикоят марбут бо байти болост, ки «Як иноят беҳ зи садгун иҷтиҳод» ба муносибати абёти оянда, ки «Заррае сойя иноят беҳтар аст…» [82, 1097].

Ба назари соҳиби рисола, баёни абёти калидӣ ва баробари он зикр кардани муроди аслии Мавлоно, ки дар оғози достонҳои «Маснавӣ» аз ҷониби шореҳ баён гардидааст, яке аз муҳимтарин хусусият ва фазилатҳои шарҳи мазкур ба ҳисоб меравад. Ин равишро шореҳ аз ибтидои фаъолияти хеш оғоз карда, минбаъд тайи дафтарҳои дигар низ пайгирона ва бо асли мухталиф идома додааст. Чунончи, дар оғози шарҳи аввалин достон аз дафтари нахустини «Маснавӣ» «Ошиқ шудани подшоҳ бар канизак» менависад: «Ин достон марбут ба моқабл аст, ки: «Оинайи ҷонат чаро ғаммоз нест // З-он ки зангор аз рухаш мумтоз нест». Ҳосил он ки то ранги ғайр аз оинаи дил зоил нагардад, ғаммозӣ мутасаввир нашавад. Чунончи, ҳакими Илоҳӣ ба тасфияи ботин ранҷи канизак воёфт ва ҳукамои зоҳир ба қасовати

қалб аз идроки он оҷиз омаданд» [82, 25]. Баёни иҷмолии ин нукта, ки ҳамчун раҳнамое дар оғози достон омадааст, имкон медиҳад, ки хонанда аз асли матлаб огоҳ гардад.

Ба андешаи Хоҷа Айюб байти мавриди назар боис гардида, ки Мавлоно барои тавзеҳи он достони подшоҳ ва канизакро баён кунад. Дарки маънии байти мазкур, ки муроди аслии Мавлоно дар он нуҳуфтааст, имкон медиҳад, ки маърифатгар дар партави он ба шарҳу тавзеҳ пардозад ва ба олами маънии достони мазкур роҳ ёбад. Хоҷа Айюб дар оғози аксари достон ва қиссаҳои «Маснавӣ» ин равишро риоя кардааст, ки он имкон медиҳад, хонанда пайванди матлабҳоро дуруст дарк кунад. Чунончи, дар оғози «Достони он подшоҳи ҷуҳуд, ки насрониёнро мекушт» ин нуктаро чунин баён мекунад: «Ин достон марбут аст ба абёти боло, ки «Чун басе иблиси одамрӯй ҳаст, Пас ба ҳар дасте нашояд дод даст», то он ҷо ки «Бӯму сайлимро лақаб каззоб монд… ило охириҳи ба муносибати абёти оянда, ки «Ӯ ба зоҳир воизи аҳком буд…» ило охириҳи» [82, 50].

Ҳар се байте, ки дар иртибот ба достони мазкур оварда шудаанд, абёти калидӣ ҳастанд ва достони мазкур барои шарҳу тавзеҳи ҳамин матлаб оварда шудааст. Ба ибораи дигар, мақсади Мавлоно аз овардани «Достони он подшоҳи ҷуҳуд, ки насрониёнро мекушт» баёни матлабест, ки тайи се байти боло инъикос шудаанд. Гузашта аз он ки шореҳ абёти калидии ҳикоёт, қиссаҳо ва достонҳои «Маснавӣ»-ро бо тартиби дар боло ишорашуда нишон медиҳад, гоҳо бо ибораи «ҳосил он ки…» хулосаи умумии ҳамон достонро низ баён доштааст, беҳтарин раҳнамои маърифатгар ба ҳисоб меравад. Чунончи, дар оғози достони «Изофат кардани Одам (а) зиллатро ба хеш ки «Раббано заламно анфусано…» меоварад: «Ин достон марбут бо байти болост, ки «Гар забон гӯяд зи асрори ниҳон… ило охириҳи» ба муносибати байти оянда, ки «Гуфт: тарсидам, адаб нагзоштам…». Ҳосил он ки аз асрори ниҳон, ки қурб ва маъийяти Ҳақ аст ҷалла шаънаҳу, Одам (а) огоҳ буд, лоҷарам: Гуфт: тарсидам, адаб нагзоштам. Ё он ки марбут аст бо абёти боло, ки баёни ҷабр ва ихтиёр аст» [82, 128]. Чунин ишороти шореҳ дар ибтидои

достонҳо на танҳо беҳтарин раҳнамои маърифатгар дар маърифати румузи «Маснавӣ» аст, балки роҳкушо ба олами мармуз ва рӯҳонии Мавлоно Ҷалолуддин низ мебошад.

Дар «Асрор-ул-ғуюб» шореҳ на танҳо ба воситаи абёт рабти достонҳоро нишон медиҳад, балки сабаби овардани ин ё он ҳикоятро, ки Мавлоно дар миёни достонҳо фаро хондааст, бо як-ду ҷумла низ ишора мекунад, ки он, як навъ, роҳкушои маърифатгар дар дарки матлаб мебошад. Чунончи, пеш аз гузориши абёте, ки зимни фасли «Аз Худованди валиюттавфиқ дархостани адаб» (дар достони «Шоҳ ва канизак») омадааст, шореҳ мурочиатан ба хонанда мегӯяд: «Татбиқи ин калом ба моқабл зоҳир аст, Чунончи, баъзе шореҳон навишта, ки: ҳукамо аз беадабии тарки истисно аҷзи худ мушоҳида карданд ва шоҳ ба меҳмони ғайбӣ муроoти адаб кард ва домани мақсуд ба чанг овард. Пас аз Ҳақ таоло тавфиқи адаб бояд хост, ки сабаби вуқӯи офот тарки адаб аст» [82, 30]. Чунонки дида мешавад, аз тарафи шореҳ зикр шудани ин матлаб хонандаро аз асли қазия огоҳ мекунад ва рабти онро бо достон нишон медиҳад. Аммо шореҳон дар атрофи шинохти рабти ин достон ҳангомаҳои ҷолибе барпо кардаанд, ки қисме аз онҳоро Хоҷа Айюб дар шарҳи хеш чунин нақл кардааст: «Ва баъзе шореҳон (мурод Муҳаммадризо аст, – Т.С.) навишта, ки ин достон марбут аст ба он байт, ки: «Ишқ хоҳад, к-ин сухан берун равад.., яъне рози ишқ пинҳон намонад, Чунончи, аз канизак пӯшида намонд». Хоҷа Айюб идома медиҳад: «Ва Шайхи марҳум (Шайх Абдулатиф мурод аст, – Т.С.) навишта, ки «дар ин қисса подшоҳ киноя аст аз ақли ҷузвӣ ва ҳаким завоя аз ақли куллӣ ва канизак иборат аз нафси ҷузвӣ ва заргар ишора ба дунёи данӣ, ки ақли ҷузвӣ ҳамеша дар банди ҳавои нафс аст ва нафс ҳамвора ошиқи дунёи данӣ. Ва ақли куллӣ, ки ақли ваҳйи анбиё иборат аз он аст, муолиҷи он. Ва бе ақли куллӣ сиҳҳат ва изолати амрози нафсонӣ муҳол ва мутааззир – интаҳо каломуҳу [82,24].

Хоҷа Айюб, пас аз зикри ин ду назар, андешаи Шайх Абдулатифро чунин инкор кардааст: «Аммо, шоҳро киноя доштан аз ақли ҷузвӣ мулоим

[дуруст, шоиста, мувофиқ, – Т.С.] нест бо абёти оянда, ки дар охири ин достон аст. Чунончи, мефармоянд, ки:

Шоҳ буду шоҳи бас огоҳ буд,

Хос буду хосаи Аллоҳ буд».

Шореҳ идома медиҳад: «Ва авло он чӣ баъзе шурроҳ (мурод Мир Нуруллоҳи Аҳрорӣ, – Т.С.) навишта, ки рӯҳ ба манзалаи подшоҳи хиттаи вуҷуд аст, тааллуқе ба нафс дорад, ки ба манзалаи ходима ва ҷорияи ӯст, чи то нафс набошад, бадан, ки ба манзалаи маскани рӯҳ аст ва маркаби он, барпо наметавонад буд, лекин андар ҷория хоҳиши камол ба дунёи данӣ, ки мисли заргар аст, дорад ва ошиқи ӯст. То тааллуқи нафс аз дунё мунқатеъ нашавад, суҳбати рӯҳ бо вай софӣ нагардад – интаҳо каломуҳу. Аммо агар атиббои зоҳирро ба улуми зоҳир ва ҳакими Илоҳиро ба ҷазби Ҳақ тамсил намудӣ, мамосилати том ҳосил шудӣ, камо ло яхфо» [82, 25].

Чунонки мушоҳида мегардад, Хоҷа Айюби Порсо дар мавриди рабти достони подшоҳ ва канизак назароти се шореҳи дигар – Муҳаммадризо, Шайх Абдулатиф ва Мир Нуруллоҳро зикр карда, ҳарчанд нисбати андешаи Муҳаммадризо зиддият нишон намедиҳад, ҷонибдории хешро аз Мир Нуруллоҳ сареҳан баён мекунад. Аслан, андешаи шореҳони фавқ ҳамагӣ дурустанд, вале равзанаи нигариш аз ҳам тафовут дорад. Ин аст, ки ҳосили баҳси шореҳони мазкурро Валимуҳаммади Акбарободӣ дар «Махзан-ул-асрор» хеле мӯъҷаз ва равшан ҷамъбаст намудааст, ки зикри он дар ин ҷо бемаврид нест: «Мурод аз «шоҳ» рӯҳ аст ва мурод аз «канизак» нафс ва аз «заргар» дунё ва аз «атиббо» шайхони музаввир, ки бар маснади иршод менишинанд ва қобилияти он мартаба надоранд. Ва аз «табиби Илоҳӣ» шайхи комили мукаммал, ки соҳиби иршод ва такмил аст. Ва Муҳаммадризо аз «атиббо» қувои ақлонӣ ва тадбироти ҷисмонӣ ва аз ҳакими илоҳӣ ҷазабаи хос мурод дошта [ки] ба ҳар ҳол сурате дорад. Ва Шайх Абдулатиф аз «подшоҳ» ақли ҷузвӣ ва аз «ҳаким» ақли куллӣ фаҳмида. Ва шореҳе дигар (мурод Хоҷа Айюб аст, – Т.С.) бар ин сухан карда, ки «шоҳро киноя доштан аз ақли ҷузвӣ мулоим нест ба абёти оянда, ки дар охири ин достон аст,

Чунончи мефармоянд: Шоҳ буду оҳи бас огоҳ буд, Хос буду хосаи Аллоҳ буд – интиҳо каломуҳу. Ғаразаш он ки ақли ҷузвӣ чӣ гуна хосаи Аллоҳ хоҳад буд, лекин инро надида, ки Ҳазрати Мавлавӣ худ ҷойи дигар мефармоянд, ки:

Чун туро ақлест ҷузвӣ дар ниҳон,

Комилулақле биҷӯ андар ҷаҳон.

Ҷузви ту аз кулли ӯ куллӣ шавад,

Ақли кулл бар нафси худ ғулле шавад.

Пас, назар ба ин ақли ҷузвӣ мурод доштан авло менамояд ва эътироз беҷост» [4, 20].

Ба дида меояд, ки Шайх Валимуҳаммади Акбарободӣ бо овардани ақволи шореҳони пешин ин баҳсро ҷамъбаст кардааст. Шореҳ андешаи Хоҷа Айюбро дар мавриди нуктаи «шоҳро киноя доштан аз ақли ҷузвӣ мулоим нест», ки дар инкори андешаи Абдулатифи Аббосӣ баён шудааст, бо овардани мисоли дигаре аз «Маснавӣ» рад мекунад ва ҷой доштани ин маъниро дур аз ҳақиқат намедонад.

Ҳамин тариқ, баҳси мазкур нишон медиҳад, ки шинохти байти калидӣ ва рабти достон ва қиссаҳои «Маснавӣ» дар замони мо ҳам аз масъалаҳои хеле муҳимми маърифат буда, байни шореҳон андешаҳои ҷолибе ба вуҷуд овардааст.

**Шарҳи луғавӣ.** Яке аз равишҳои кори шореҳон ҳангоми шарҳу тавзеҳи мутуни мавриди истифода, пеш аз ҳама, шарҳи луғоту калимоти душворфаҳм мебошад, ки роҳ ба шинохти маънӣ тавассути он сурат мегирад. Дар «Асрор-ул-ғуюб» ин шева аз усули пуркорбурд ба ҳисоб рафта, шореҳ ҳангоми шарҳи калимаӣ ду шеваи тавзеҳро истифода кардааст:

<u>Якум он, ки</u> дар ибтидо маънии он луғатро дар робита бо мисраъ ё байти мавриди шарҳ баён мекунад ва дар ин маврид маъниҳои дигари луғавии он калима ва тобишҳои дигари маъноии онро зикр намекунад. Ба ибораи дигар, дар ин тарзи тавзеҳ шореҳ танҳо ба баёни як маънӣ иктифо мекунад. Чунончи, дар шарҳи мисраи «То намонад уммате з-ӯ хоиба» дар мавриди калимаи «хоиба» менависад: хоиба – навмед ва маҳрум [82, 1096].

Низ дар шарҳи мисраи «Рӯзи дигар баҳри абнои сабил» аз дафтари шашум мегӯяд: Абнои сабил – яъне, мардуми раҳгузаре» [82, 1096]. Мисолҳои зерин низ аз ҳамин қабиланд:

«Каббода – ба фатҳи кофи тозӣ камони нарм» [82, 902];

«Ҳарӣ – ба фатҳи якум ва касри дувум лоиқ ва сазовор. Ва дар баъзе нусах «ҷарӣ» ба ҷим омада, ки ба фатҳи якум ва касри дувум ва ташдиди ё-и таҳтония ба маънии вакил ва расул аст [82, 860]; «Ҳулм – биззам хоб дидан ва хоб» [82, 814]; «Носӣ – фаромӯшкунанда» [82, 814].

Дувум он, ки ҳангоми шарҳ додани луғати мавриди назар чандин маънои онро баён медорад, ки ин асл дар шарҳи мазкур корбурди зиёд дорад. Чунончи, ҳангоми шарҳи байти «Шӯву занро гуфта шуд баҳри масел, Ки макун, эй шӯй, занро бадгусел» аз дафтари шашуми «Маснавӣ» дар мавриди маъниҳои гуногуни калимаи «гусел» менависад: «Гусел – ба замми кофи аҷамӣ ва ё-и маҷҳул: видоъ кардан ва дафъ кардан ва фиристодан ва номзад кардан. Ва баъзе шурроҳ навишта, ки шӯву зан ба тариқи мисол воқеъ шуда, ки Ҳақ таоло дар шаъни занон фармуд: фаимсокун бимаъруфин ав тасриҳун бииҳсон. Ва илло дар ҳар соҳиб ва масоҳиб ҳамин ҳукм аст, ки бо ӯ ба тариқи шоиста муошират намоянд, ё ба тарзи писандида рухсат диҳанд, на он ки шӯру шиддат дар миён оранд» [82, 1131]. Чунонки дида мешавад, ин ҷо шореҳ чаҳор маънии калимаи мавриди назарро зикр карда, сипас тариқи зикри маънии ояти китоби осмонӣ маънии калимаи «бадгусел»-ро баён намудааст. Гоҳо шореҳ танҳо маъниҳои калимаро зикр мекунад ва дарёфти маъниро ба худи хонанда вомегузорад. Чунончи:

Шоҳ омад, то бубинад воқеа,
Дид он ҷо зилзила в-алқориа.

«Қориа – сахтии замона ва қиёмат ва фарохии дари саро» [82, 1132]. Чунонки дида мешавад, ин ҷо шореҳ се маънии калимаи «қориа»-ро зикр кардааст, вале дар ин ҳолат барои хонанда равшан намешавад, ки кадоме аз ин маънӣ барои байти мавриди назар созгор аст. Чунончи, зимни шарҳи

байти «Ҳарчӣ нон хоҳанд, ӯ зутар фатир, Ораду кампирро гӯяд, ки гир» [13, 6/4231] менависад: «Фатир – ба фатҳи якум ва касри дувум хамири бемоя ва шири тоза» [82, 1113]. Ин ҷо низ шореҳ ба кадоме аз ин маънӣ созгор будани маънии байтро зикр накардааст ва шинохт ва дарёфти маъниро ба худи хонанда ҳавола кардааст, ки ба назари мо онро метавон аз камбудии шарҳ қаламдод намуд. Мисолҳои зерин, ки намунаашон дар шарҳи мазкур фаровон ҳастанд, аз ҳамин қабиланд:

«Микис – ба касри якум ва дувум ва ё-и маҷҳул муболиға дар муомила ва байъ ва ниҳоятталабӣ дар кор, ки ба тозияш истиқсо гӯянд ва биззам марди бовиқор» [82, 1112].

Сибт – билкаср қавми Мӯсо (а) ва гурӯҳ ва қабила ва фарзанд-зода ва билфатҳ ростқад ва ба фатҳайн мӯе, ки аъд набошад, яъне фурӯҳишта [82, 1113].

Яке аз нукоти ҷолиби кори шореҳ он аст, ки дар аксари маворид роҷеъ ба чигунагии тарзи навишт ва қироати калимаҳо ишораҳои рӯшан мекунад. Чунончи: Лубод – биззам боронинамад ва олати зироат. Либод – билкаср, намад. Ва ба замми якум ва фатҳи дувум (лубад, – Т.С.) пару пашми бар ҳам гирифта ва мол барниҳода. Ва ба фатҳи якум ва касри дувум (лабид, – Т.С.) гӯсфанд; лубуд – ба замматайн бар сина хуфтани мурғ ва бар замин часпида [82, 1097]. Чунонки аз ин мисол мушоҳида мешавад, шореҳ тарзҳои мухталифи хониши як калимаро, ки ба истилоҳи имрӯз дар натиҷаи иваз шудани садонокҳо ҳосил шудаанд, нишон додааст:

«Далол – билфатҳ нозу карашма ва биззам савсан ва арғувон.

Шанг – билфатҳ ва кофи форсӣ зариф ва раъно ва шӯх ва ба маънии дузду роҳзан ва мутакаббир низ омада» [82, 862]. Ба ин асл овардани калимаҳо имкон медиҳад, ки тарзи талаффузи дурусти онҳо аз ҷониби хонанда риоят гардад.

Истифодаи асли шарҳи калимаӣ маънои онро надорад, ки шореҳ ҳама вақт ин тарзи ташреҳро ба кор гирифта, луғатҳоро шарҳ дода бошад, балки дар баъзе маврид, ҳарчанд зарурати шарҳи луғате вуҷуд дорад, шореҳ он

луғатро тавзеҳ надода, танҳо ба баёни маънӣ иқдом намудааст. Чунончи, зимни байти зерин мушоҳида мегардад:

«Ақл к-ӯ ақли дигарро сухра кард,

Мӯҳра з-ӯ дорад, вай аст устоди нард [82,1100].

Ин ҷо шореҳ ҳеч як аз калимаро шарҳ надода, танҳо маънии умумии байтро баён медорад: яъне, агар ақл ақли дигарро мағлуб сохт ва нарди ғолибӣ бо ӯ бохт, ғалабаи ӯ низ аз ҳамон ҳоким махфӣ аст, зеро ки устоди ин нард ӯст ва ҳар ғолиб мағлуби шогирди ӯ» [82, 1130].

Ба назар мерасад, ки Хоҷа Айюб ҳангоми шарҳи калимаҳо тарзи ягонаро риоя накарда, балки ҳар калимаеро, ки ба назараш душвор намудааст, шарҳ додааст ва дар ин сурат басо шуда, ки калимае, ки бояд шарҳ шавад, мавриди ташреҳ қарор нагирифтааст.

Шореҳ баъзе калимотро бо қироати мардумони Шибҳи кора оварда, зимнан қирооти манотиқи дигари онро низ зикр кардааст. Чунончи, дар мавриди калимаи «дастур», ки онро дар шакли «дустур» зикр мекунад, мегӯяд:

Тан зи ҷону ҷон зи тан мастур нест,

Лек танро диди ҷон дустур нест.

«Дустур» биззам – вазири кабир ва дафтаре, ки кавонини салтанат дар он мастур аст ва аҳли фурс ба фатҳ истеъмол кунанд (дастур, – Т.С.), ба маънии соҳибдаст ва мӯътамад ва ҳуҷҷат ва дастурӣ ва иҷозат. Ва дар ин мақом мурод маънии охир аст [82, 19].

Ҳамин тариқ, баҳс дар шинохти равиши шарҳи калимаӣ дар «Асрор-ул-ғуюб» нишон медиҳад, ки он яке аз роҳҳои ворид намудани зеҳни хонанда ба шинохти маонии абёт буда, ин равиш дар шарҳ хеле пурсамар мавриди истифода қарор гирифтааст. Шореҳ бо истифода аз сарчашмаҳои мухталифе, ки бешубҳа, аз китобҳои луғатнома ва шарҳномаҳо иборат буданд, муваффақ шудааст, ки калимоти номаънус ва ношинохтаи абёти «Маснавӣ»-ро мавриди шарҳ қарор диҳад.

### 4.5 Шарҳ бо нақлу ҳикоятҳои марбут ба рӯзгори Мавлоно

Яке аз равишҳои кори Хоҷа Айюб он аст, ки ҳангоми маънисозии абёти алоҳида мекӯшад то баёни матлабро ба навъе бо зиндагии шахсӣ ва хислату ҳолоти ҳазрати Мавлоно Ҷалолуддин дар алоқамандӣ шарҳ диҳад. Ба ин восита шореҳ дар шарҳи мазкур силсилаи ҳикоёту нақлҳоеро оварда, ба ин васила матлабро шарҳу тафсир намудааст. Аслан, агар дақиқтар таваҷҷуҳ намоем, роҷеъ ба ин равиш ҳам Хоҷа Айюб дар муқаддимаи шарҳ ишора мекунад ва менависад: «Ва баъзе аз хавориқи одот ва ғароиби ҳолот ва латоифи нукоти Ҳазрати Мавлоно, ки муносиби маънии абёт буд, низ таҳрир намуд» [82, 10]. Суоле пеш меояд, ки маъхази ҳикоёт ва нукоте, ки ба рӯзгори Мавлоно иртибот доранд, аз куҷост? Мутолиаи шарҳ нишон медиҳад, шореҳ баробари он ки аз шарҳҳои дигари пеш аз худ ба вуҷудомада истифода кардааст, инчунин, аз «Маноқиб-ул-орифин»-и Афлокӣ, «Нафаҳот-ал-унс»-и Абдураҳмони Ҷомӣ ва китобҳои мушобеҳ ба он баҳра бардоштааст. Аз ишороти шореҳ маълум мегардад, ки агарчӣ дар баъзе маврид «Нафаҳот-ал-унс»-ро бевосита истифода накардааст, тавассути китобҳои дигар маълумоти онро меоварад ва дар ин сурат ҳатман сарчашмаи маълумоти хешро зикр менамояд. Чунончи, дар робита ба маънии абёти нахустини дафтари дувум, ки он ҷо дар сабаби таъхири навиштани идомаи «Маснавӣ» сухан меравад, менависад: «Аммо мӯҷиби таъхир аз рӯи зоҳир он чӣ Шайхи марҳум аз «Нафаҳот-ал-унс» нақл намуда, ки баъд аз он ки хидмати Мавлоно ба илтимоси Чалабӣ Ҳисомуддин, ки бо илқои ғайбат мутобиқ афтода буд, шурӯъ дар назми «Маснавӣ» фармудаанд ва чун ҷилди аввал ба итмом расид, ҳарами Чалабӣ Ҳусомуддин вафот ёфт ва дар миён фатрате воқеъ шуд. Баъд аз ду сол Чалабӣ Ҳусомуддин ба хидмати Мавлоно ниёзмандӣ ба тақдим расонида, бақияи «Маснавӣ»-ро истидъо намуд. Баъд аз он хидмати Мавлоно мефармуд ва Чалабӣ Ҳусомуддин менавишт. Ва ин байт ишора ба ҳамон таъхир аст» [82, 293]. Чунонки дида мешавад, ин ҳикоят дар миёни дӯстдорон ва алоқамандони «Маснавӣ» машҳур аст ва маншаи он аслан тазкираи Аҳмади Афлокӣ буда, минбаъд ба осори дигари

тазкирамонанд ва манокиб мунтақил шудааст. Нуктаҳое аз онро, Ҷомӣ дар фасли марбут ба Мавлоно Ҷалолуддин оварда ва Мир Нуруллоҳи Аҳрорӣ (Шайхи марҳум) чун шореҳони дигар онро ба ҳамин васила айнан истифода намудааст. Хоҷа Айюб бештар ҳамон хикоётеро ба шарҳи худ ворид кардааст, ки баёнгари азамату бузургии Мавлоно ва намоёнгари шукӯҳи «Маснавӣ»-и ӯ ҳастанд. Чунончи, дар сари мисраи аввали байти «Маснавӣ чун сайқали арвоҳ буд, // Бозгашташ рӯзи истифтоҳ буд» аз дафтари дувум, бо ишора ба мақоми рафеи «Маснавӣ» ҳикояти зеринро нақл мекунад, ки бешубҳа маъхази он ҳам «Манокиб-ул-орифин» мебошад: «Рӯзе Ҳазрати Чалабӣ Ҳусомуддин дар бандагии Ҳазрати Мавлоно тақрир мекард, ки имшаб дар мубашшараи хоб дидам, ки Ҳазрати Билол (р) Каломуллоҳро бар болои сар бардошта буд ва Ҳазрати Сайидалмурсалин (с) китоби «Маснавӣ»-ро дарбар гирифта, мутолиа мефармуд ва бо асҳоби киром мубоҳот мекард ва тафохур менамуд. Ҳазрати Мавлоно мефармуд, ки:

– Эй валлоҳ, ончунон аст, ки чашми мубораки шумо дид, ҳошо, ки дидаи шумо нодида гӯяд ва ҳар дидае, ки бад он дидае дидор дида гардад ва аз аҳли дида шавад, то ғайбҳош дида шавад» [82, 194].

Овардани чунин ҳикоёт ва махсусан бо абёти «Маснавӣ» таъмин намудани иртиботи он шарҳи мазкурро бадеият бахшида, як андоза пуробуранг гардонидааст.

Маъхази ҳикоёт, гуногун бошад ҳам, баъзан ба хотири боварбахш шудани он ва ё аз сарҳади «Маснавӣ» дур нарафтан шореҳ нақлро аз забони Мавлоно баён мекунад. Чунончи, зимни шарҳи байти зерин:

Шовируҳунна пас он гаҳ холифу,

Инна ман лам яъсиҳинна толифу.

«Нақл аст, ки рӯзе ҳазрати Мавлоно дар тафсири «шовируҳунна ва холифуҳунна» маонӣ мегуфт. Дар он зимн ин ҳикоят фармуд, ки рӯзе Ибни Масъуд (раз.) дар шаҳри Басра дар боми сарои худ сайр мекард. Ба хотуни худ ишора кард, ки «ман аз ин бом фурӯ ҷаҳам». Зан фарёд кард ва гуфт: Нашояд! Ӯ нашнид ва аз он баландӣ фурӯ ҷаҳид. Аз ҳукми қазо пояш шикаст.

Баъд аз он ки соҳибфарош шуда буд, ҷамъе қазоват аз Димишқ биёмаданд, ки фористарини мардум туӣ, бояд, ки ҳозир шавӣ, то ба машварати акобир аз миён Усмонро баргирем. Гуфт: алмузру возиҳу вал азру фозиҳу. Дар ин ҳолат, ки мебинед, аслан маҷоли ҳаракат надорам. Ва ба баракати он шикаст, ки аз он қазияи гарданшикан амон ёфт ва ҳозир нашуд, бигуфт: садақа расулаллоҳу салаллоҳи алайҳи ва салам фи қавлаҳу. Хилофи зан кардан маро аз гуноҳи кабоир раҳонид ва ба инояти махфӣ расонид [82, 228].

Бо зикри ин матлаб шореҳ кӯшиш намудааст, ки онро бо номи Мавлоно пайванд занад ва иртиботи байни ҳикоят ва байти мавриди шарҳро тақвият бахшад. Бо зикри ин матлаб шояд шореҳ ба он ишора кунад, ки Мавлоно муддате ба таълиму тадрис низ машғул будаанд. Аз тарафи дигар, овардани ҳикояти вафқ, ки бо номи амиралмуъминин Усмон иртибот дорад, ишораи нозукест ба мазҳаби аҳли тасаннун доштани шореҳ, зеро шореҳоне, ки ба мазҳаби ташайюъ гироиш доштаанд, дар гузоришоти хеш аз хулафои рошидин [ба истиснои Алӣ (а) ёд накардаанд.

Низ дар шарҳи байти «Ё Алӣ, аз ҷумлаи тооти роҳ, Баргузин ту сояи хоси Илоҳ» аз достони «Васият кардани Расул [с] амиралмуъминин Алиро» ҳикоятеро аз рӯзгори Мавлоно нақл кардааст, ки мақсуд аз он баёни инсони хоси Илоҳ будани ҳазрати Мавлоност [82, 229]. Бештарини чунин нақлҳо, ки бо ибораи «нақл аст, ки Ҳазрати Мавлоно», «манқул аст, ки Ҳазрати Мавлоно…» оғоз мегардад, ҷанбаи ривоятӣ доранд ва шояд маъхази хешро аз маноқиб ва китобҳои тазкира гирифта бошанд. Ин нукта моро ба натиҷае мерасонад, ки Хоҷа Айюб пеш аз он ки ба шарҳу тафсири «Маснавӣ» шурӯъ кунад, аз равзанаҳои мухталиф ба рӯзгору осори Мавлоно Ҷалолуддин рӯй оварда, ба ҳар як ҷузъиёти зиндагии шоир, ки дар сарчашмаҳо зикрашон рафтааст, таваҷҷуҳ намудааст. Ҳатто дар абёте, ки зоҳиран наметавон онро бо рӯзгори Мавлоно қобили қиёс донист, шореҳ мекӯшад иртиботеро дарёбад ва байтро аз равзанаи пайванди он бо зиндагии Мавлоно шарҳ диҳад. Чунончи, дар мисоли зерин мебинем:

Ҳар кӣ бошад шери асрору амир,

Ӯ бидонад ҳарчӣ андешад замир.

«Манқул аст, ки ҳазрати Мавлоно дар Масҷиди қалъа рӯзи ҷумъа тазкир мефармуд ва бағоят маҷлис гарм шуда буд. Фақеҳе аз рӯи инкор сӯи занн дар дил гузаронид. Ҳазрати Мавлоно ба ҳайбат бонг бар вай зад, ки «Хавосси ҳазрати Илоҳӣ ҷавосисулқулубанд, чун дар суҳбати ишон расӣ, ба ҳузури дил ва сидқи тамом биншин то аз саодати сармадӣ бенасиб намонӣ!». Фақеҳи мункар бархост ва сар бараҳна кард ва ҷомаҳо чок зада, зорикунон ба эътиқоди комил ва сидқи беғил мурид шуд» [82, 232]

Ба назар чунин тарзи баён, аз як тараф, барои тамоми табақаҳои мардум баробар хидмат кунад, аз тарафи дигар, далел бар он аст, ки шореҳ мекӯшад Мавлоноро аз равзанаи рӯзгори худи ӯ шарҳ диҳад. Шарҳи мазкур шояд аз ҳамин ҷиҳат маъруфият пайдо карда бошад, зеро ин матлабро шореҳон шояд тафсири ирфонӣ дода бошанд.

Дар назари аввал чунин менамояд, ки шореҳ аксари абётеро, ки ишора ба воқеаю ҳодиса мекунанд ва талмеҳ мебошанд, бо равиши мазкур ташреҳ кардааст, аммо ин тарз дар саросари асар яксон риоя нашудааст. Хоҷа Айюб гоҳо абётеро, ки ишораи сареҳ ба воқеае мекунанд, тариқи ихтисор тавзеҳ медиҳад ва бо ин роҳ эҷозро риоя мекунад. Чунончи,

Сабр кун бар кори Хизре бе нифоқ,

То бигӯяд Хизр: «Рав, ҳозо фироқ» [82, 230].

Аслан маънии ин байт ишора ба воқеаи ҳамроҳӣ кардани Мӯсо бо Хизр аст, ки ношӣ аз Қуръон буда, дар китобҳои тафсир ва соири осори мазҳабии адабиёти мо муфассалан баён ёфтааст ва шореҳ мебоист чун қоидаи маъмул онро нақл мекард. Вале шореҳ бар хилофи урф ва бо зикри ояи китоби осмонӣ маънии байти мазкурро чунин шарҳ медиҳад: «Қавлуҳу таъоло: қола ҳозо фироқу байнӣ ва байнак, яъне гуфт Хизр бо Мӯсо ало набийино ва алайҳиссалом, ки ин аст миёни ману ту ҷудоӣ. Яъне, гуфта будӣ, агар навбати солис суол кунам, бо ман суҳбат мадор. Инак, вақти фироқ расид» [82, 230].

Ин тарзи гузориш, ки дар саросари матни шарҳ ба назар мерасад, нишон медиҳад, ки шореҳ дар тафсири матлаби маъруф ҷонибдори мӯҷазбаёнӣ аст. Чунончи, ҳангоми шарҳи мисраи «Кӯҳ дар рақс омаду чолок шуд» ҳамин мухтасарбаёниро хеле хуб риоя кардааст: «Ин мисраъ ва байти ояндаро ишорат аст ба каримаи «Фаламмо таҷалло рабаҳу ли-л-ҷабали ҷаъалаҳу даккан ва харра Мусо саиқан», яъне пас, вақте ки таҷаллӣ кард, Парвардигори Мӯсо мар кӯҳро, гардонид ӯро пора-пора ва афтод Мӯсо (а) беҳуш» [82, 23].

Чунин равиши шарҳ имкон додааст, ки шореҳ аз тавзеҳоти мукаррари малоловар парҳез кунад ва матлабро дар ниҳояти ихтисор баён созад.

Ҳамин тавр, баҳс дар мавриди истифодаи ҳикоёту қиссаҳо дар шарҳи «Асрор-ул-ғуюб» моро ба натиҷаҳои зерин меорад:

1. Овардани ҳикоёту қисса ва воқеоти нодире, ки қисман ба рӯзгори Мавлоно Ҷалолуддин иртибот доранд, яке аз вижагиҳои «Асрор-ул-ғуюб» мебошад.

2. Шореҳ аксари талмеҳотеро, ки дар зимни абёти «Маснавӣ» омадаанд ва аз сабаби дар китобҳои шарҳ, тафосири қуръонӣ, маноқиб ва «Қисас-у-л-анбиё»-ҳо фаровон корбаст гардидан маъруфияти бештаре пайдо кардаанд, дар ниҳояти эҷоз зикр карда, баръакс, ҳикоётеро, ки ба рӯзгори Мавлоно Ҷалолуддин иртибот доранд, нисбатан муфассал баён кардааст. Ин шеваи пешгирифтаи шореҳ шарҳи «Асрор-ул-ғуюб»-ро аз такрорҳои малоловари матлаб дур нигоҳ дошта, баръакс арзиш ва ҳусни онро афзудааст, зеро аксари ҳикоёте, ки ба рӯзгори Мавлоно иртибот доранд, хеле ҷолиб ва хонданӣ буда, дар сарчашмаҳои дастрас дида намешаванд.

**Нусхаҳои мавриди истифодаи шореҳ.** Маълум мегардад, ки шореҳ ҳангоми гузориши «Маснавӣ»-и Мавлоно чандин нусхаи хаттии онро дар даст дошта, дар ҷараёни шарҳ танҳо ба як нусхае, ки дар назараш мӯътамад буд, такя кардааст. Шояд ин нусхаи мӯътамад ҳамон нусхаи мавсум ба «Нусхаи носихаи маснавиёти сақима»-и Абдулатифи Аббосӣ бошад, ки бо муқобалаи 80 нусхаи қаламӣ рӯи коғаз омада ва ба эҳтимоли зиёд ин асар

мавриди истифодаи шореҳ қарор дошт. Хоҷа Айюб ҳангоми шарҳи абёти «Маснавӣ»-и мавриди истифодаи худ ва ба хотири ҷудо намудани абёти асил аз мулҳақот зуд-зуд ба ҳамин нусхаи носиха муроҷиат мекардааст ва тафовутро дар дохили матн нишон додааст. Шореҳ абётеро, ки дар ҳамин нусхаи носиха мавҷуд набуданду дар нусхаҳои дигари мавриди истифодаи худаш ҷой доштанд, бо ишораи «ин байт аз мулҳақот аст», «дар нусахи мусаҳҳеҳаи қадима ба назар наёмада» [82, 170] ҷудо кардааст. Чунончи, ҳангоми шарҳи байти:

Гуфтам, эй дур уфтода аз ҳабиб,

Ҳамчу ранҷуре, ки дур аст аз табиб.

менависад: «Ин байт аз мулҳақот аст ва дар нусахи мусаҳҳеҳа наёмадааст» [82, 38]. Ин ҷо ғолибан мурод аз «нусхаи мусаҳҳеҳа» ҳамон нусхаи Шайх Абдулатиф аст. Маълум мегардад, ки чунин нусхаи мусаҳҳеҳа ягона набуда, аз чандин нусхаҳои рӯйнависшуда иборат будааст ва аксари онҳоро шореҳ мутолиа карда ва ё ҳамроҳи худ доштааст. Шореҳ зимни ташреҳ дар баъзе маврид на танҳо қаринаҳои дигари мисраъ ва ё байтеро қабул намекунад, балки бо эътирофи мавҷуд будани нусахи дигар қаринаи ҷойдоштаро шарҳ ҳам додааст, аммо, дар ҳамин ҳол ҳам мавқеи хешро ошкор нишон медиҳад, ки ҷонибдори кадом қарина аст. Чунончи, ҳангоми шарҳи байти маъруфи «Сирри ман аз нолаи ман дур нест // Лек чашму гӯшро он нур нест» менависад: «Ва дар баъзе нусах «чашми гӯш» ба изофат воқеъ шуда. Дар ин сурат исботи чашм барои гӯш ба тариқи истиора аст. Аммо, нусхаи аввалӣ нисбат ба мисрои аввал, ки мутазаммини сирр ва нола аст, авло ва ансаб» [82, 19].

Шореҳ, бо вуҷуди он ки дар нусхаҳои мусаҳҳеҳа мавҷуд набудани бархе аз абёти илҳоқиро медонад ва ин донисти хешро боибораи «дар аксари нусахи муссаҳҳеҳа наёмадааст» ишора мекунад, боз ҳам қисме аз ин абётро шарҳу тавзеҳ додааст. Чунончи, дар байти зер, ки дар идомаи абёти найнома омадааст:

Нақди ҳоли хешро гар пай барем,

Ҳам зи дунё, ҳам зи уқбо бар х[в]арем.

«Бар хӯрдан (аз) дунё маърифати Ҳақ ҷалла шаънуҳу, ки «ман арафа нафсаҳу фақад арафа раббаҳу» ва бар хӯрдан (аз) уқбо натоиҷ ва самароти маърифат, ки давлати абадӣ ва саодати сармадӣ аст. Ин байт дар аксари нусахи мусаҳҳеҳа наёмадааст» [82, 24–25]. Бо вуҷуди ин, шореҳ аксари абёти илҳоқиро мухтасар шарҳу тафсир додааст, ё ин ки танҳо луғатҳои онро маънӣ кардааст, вале дар ҳама ҳолат илҳоқӣ будани онҳоро таъкид мекунад:

«Чунки заргар аз мараз бадҳол шуд,

В-аз гудозиш шахси ӯ чун нол шуд.

Нол – най ва решаи борик, ки дар қалам бошад, монанди тор. Ин байт аз мулҳақот аст» [82, 43].

Мантиқан ин ҷо суолҳое матраҳ мегарданд, ки «Оё ҳамаи абётеро, ки шореҳ дар шарҳи хеш илҳоқӣ мехонад, воқеан ҳам илҳоқӣ ҳастанд? Оё метавон ба асолати суханҳои шореҳ ва сиҳҳати абёти «Маснавӣ»-и мавриди шарҳ итминону эътиқод намуд?»

Барои ба ин саволҳо ҷавоб додан соҳиби ин рисола абётеро, ки дар матни шарҳи мазкур бо ишораи «илҳоқӣ» мушаххас шудаанд, бо нусхаҳои интиқодии мавҷудаи «Маснавӣ»-и Мавлоно мавриди қиёс қарор дод. Маълум гардид, ки аксари абёте, ки дар матни шарҳи Хоҷа Айюб ҳамчун абёти илҳоқӣ ишора шудаанд, дар нусхаҳои Николсон ва доктор Истеъломӣ, ки мавриди истифодаи мо қарор доштанд, вуҷуд надоранд. Чунончи, абёти зерин, ки ҳамчун ҷузви дафтарҳои аввал ва шашум мавриди шарҳ қарор гирифтаанд ва онҳоро шореҳ бо ишораи «ин байт аз мулҳақот аст» мушаххас намудааст, аз ҳамин қабиланд:

Гуфт з-он фасле Ҳузайфа бо Ҳасан,

То ба он шуд ваъзу тазкираш ҳасан [82, 53].

Ва:

Ин зани дунё, ки ҳаст ӯ масти ту,

Ҳақ амонат додаш андар дасти ту [82, 1131].

Ва:

Ёр мар номусро ғайри назар

Нест, лекин з-ин назар дин пурхатар [82, 1097].

Ин абёт ва чанд байте, ки болотар мавриди таҳлил қарор додем, дар ҳеч кадом аз нусхаҳои интиқодии зикркардаамон наёмадаанд. Ин нукта нишон медиҳад, ки Хоҷа Айюб ҳангоми шарҳи «Маснавӣ» ба масъалаи шинохт ва интихоби абёти асил, ё ба асл наздики «Маснавӣ» эътибори махсус дода ва ба ин восита нишон додааст, ки дар байни нусхаҳои «Маснавӣ» нусахи машкук кам нестанд.

Аммо, бо ин ҳама наметавон нусхаи мавриди истифодаи шореҳро ба унвони нусхаи боэътимод пазируфт. Ба назар чунин мерасад, ки шореҳ ҳарчанд дар бораи нусхаҳои мӯътамад ва ё ба истилоҳи худи ӯ «нусахи сақимаи мусаҳҳеҳа» сухан меронад, нусхае, ки бо истифода аз он «Маснавӣ»-ро шарҳ медиҳад, аз ин нусхаи мусаҳҳеҳа фарқ мекунад. Ба ин маънӣ, метавон гуфт, ки на ҳама вақт абёти нусхаи мавриди истифодаи шореҳ бо нусхаҳои интиқодии Николсон ва доктор Истеъломӣ мувофиқат дорад. Чунончи, барои намуна аз достони охирини «Маснавӣ» байтеро зикр мекунем:

Ҳайрати маҳз аз дарат бесуратӣ,

Зода садгун олат аз беолатӣ [82, 1092].

Мисраи аввали ин байт дар нусхаи Николсон ба сурати «Ҳайрати маҳз орадат бесуратӣ» омадааст, вале шореҳ онро ба ҳамон сурате, ки мазкур омад, ташреҳ кардааст [82, 1092].

Шореҳ на танҳо ба абёти нусхаҳои номӯътамад ишора мекунад, балки дар баъзе маврид ҷой доштани қаринаҳои мухталифи калимоти абётро низ нишон медиҳад. Чунончи, зимни шарҳи байти:

Ҷон ба ҷон пайвасту қолабҳо хамид,

Чун ду мурғи сарбурида метапид [13, 6/3959].

аз дафтари шашуми «Маснавӣ» менависад: «Дар баъзе нусах ба ҷойи «хамид» «хачид» омада. «Хачид» ба «хо»-и мӯъҷама ва «ҷим»-и форсӣ худро

аз ҳам кашидан дар вақти ҷимоъ аз хушӣ ва шамшеру корд дар ғилоф кардан» [82, 1132].

Валимуҳаммади Акбарободӣ ин калимаро ба сурати «хаҷид» ва ба маънии «шамшер ва корд дар ғилоф кардан» оварда, зимнан ба маънии баённамуда Хоҷа Айюб ин гуна ишора мекунад: «Ва шореҳе ба ҷойи «хаҷид» нусхаи «хамид» навиштааст» [4, 2620].

Ин калима дар нусхаи Николсон ва дар нусхаи Қуния ба сурати «чахид», ба маънои «кӯшид» истифода шудааст. Аз чунин баррасиҳои шореҳ ба сароҳат маълум мегардад, ки ӯ ҳангоми шарҳи матлаб ҳатман қаринаҳои дигарро низ бо нигоҳи интиқодӣ меомӯзад ва назари хешро нисбати маъниҳо баён мекунад. Чунончи, зимни мисраи «Ғайри он пир он чӣ хоҳандӣ аз ӯ» (Ҳикояти садри ҷаҳони Бухоро, аз дафтари шашум) менависад: «Яъне, ғайри он пир он чӣ хоҳанда буд аз ӯ. Ва дар баъзе нусах «он чӣ мехоҳид аз ӯ» омада. Ва дар баъзе нусахи дигар ба ҷойи «он чӣ» «эч» омада, ки бар вазни «ҳеч» ва ба маънии ӯст» [82, 1096].

Диққат ва тааммули шореҳ ҳангоми шарҳ аз ин матлаб низ рӯшан мегардад, ки ӯ дар баъзе маворид, иштибоҳоти содирнамудаи котибонро низ нишон додаст. Чунончи, « ва дар баъзе нусахи сақима ба саҳви носих дар байти боло ба ҷойи «айб» «ғайб» ба айни мӯъҷама омада» [82, 1092]. Низ ҷойи дигар менависад: «Он чӣ дар нусахи сақима ба ҷойи «гардадам» «гардадаш» омада, аз саҳви носих аст ва мунофӣ бо абёти боло ва бо байти оянда…» [82, 1139]. Чунин иштибоҳотро шореҳ бо овардани аснод равшан нишон медиҳад ва дар мавридҳои зиёд сиҳҳати онро ҳам зикр мекунад. Чунончи, « ва дар баъзе нусахи сақима, ки ба ҷойи «мухтабӣ» «меҳнатӣ» ба «ҳо»-и мӯҳмала ва сукун омада, аз саҳви носих аст ва муносиб нест ба қофияи «набӣ», ки дар мисраи сонӣ аст» [82, 1137].

Ҳамин тариқ, баррасии ин матлаб моро ба натиҷаҳои зерин мерасонад:

1. Дар шарҳи «Асрор-ул-ғуюб» шореҳ 11 ҳазору 512 байти «Маснавӣ»- ро якҷоя бо оёту аҳодиси арабии фаровон мавриди гузориш қарор додааст.

2. Хоҷа Айюб ҳангоми шарҳи «Маснавӣ» баробари нусхаҳои мухталиф аз «Нусхаи носихаи маснавиёти сақима»-и Шайх Абдулатифи Аббосӣ истифодаи фаровон кардааст ва онро, як навъ, мизони шинохти абёти асил ва илҳоқии «Маснавӣ» қарор додааст. Маълум аст, ки ҳамин нусхаҳои носиха ба қалами худи Абдулатиф мутааллиқ буда, мувофиқи ишораи донишманди афғонистонӣ Абдулҳайи Ҳабибӣ нусхаи мазкур имрӯз ҳам дар китобхонаи донишманди пешоварӣ Фазли Самадонӣ нигоҳдорӣ мешудааст [226]. Минбаъд ин нусхаи носиха аз тарафи носихон борҳо рӯйнавис шуда ва ба ин восита теъдоди ин нусха дар миёни алоқамандони «Маснавӣ» паҳн гардидааст. Азбаски миёни нусхаҳои хаттии «Нусхаҳои носиха» тавовутҳое ҳам ба назар расидаанд, Хоҷа Айюб ин тафовутҳоро низ ба унвони «саҳви носих» мушаххас намудааст.

3. Хоҷа Айюб ба ҳангоми шарҳи байти нахустини «Маснавӣ» абёти бисёре ро аз «Найнома»- и Ҷомӣ нақл мекунад ва суханони шореҳони дигарро низ дар бораи «най»-и «Маснавӣ» боз мегӯяд, то хулоса бикунад, ки Мавлоно ба забони тамсил сухан мегӯяд.

4. Шореҳони пешинаи «Маснавӣ» ҳангоми шарҳ аз достонҳои муболиғаомезе, ки Афлокӣ дар «Маноқиб-ул-орифин» ба Мавлоно ва дигарон нисбат медиҳад, то ононро дорои нерӯҳои моварoуттабиа қаламдод кунад, камтар истифода кардаанд. Чунончи, Муҳаммадризо дар «Мукошифоти разавӣ» танҳо як бор аз Афлокӣ ёд мекунад, он ҳам барои ишора ба саргузашти Салоҳидин Заркӯб баъд аз ғайби ҳамешагии Шамс. Аммо Хоҷа Айюб ба ин достонҳо эътиқод дорад ва аз онҳо барои бозкушои маонии абёт ва шарҳу тафсир фаровон истифода мекунад. Бо ибораи дигар, Хоҷа Айюб достону ҳикоёти «Маноқиб-ул-орифин»-ро ҳамчун калиди ҳалли бисёре аз маънии «Маснавӣ» меҳисобад. Дар ин сурат «Маноқиб-ул-орифин»-и Афлокӣ аз назари теъдоди истифода баъд аз Қуръону ҳадис севумин маъхазест, ки Хоҷа Айюб барои рӯшан сохтани манзури Мавлоно аз он истифода мекунад.

5. Хоҷа Айюб зимни шарҳу гузориши абёт ба баррасии назари шореҳони гузашта пардохта, пешиниёни худ, монанди Хоҷа Камолуддин Хоразмӣ, Мир Муҳаммад Нуруллоҳи Аҳрорӣ, Абдулатифи Аббосӣ ва Муҳаммадризои Лоҳуриро мавриди интиқод қарор медиҳад, ки сазовори таҳқиқу баррасӣ аст.

6. Хоҷа Айюб бештар ба шарҳи калимаҳо ва гузориши душвориҳои «Маснавӣ» эътибор додааст ва аз ин рӯ, «Асрор-ул-ғуюб»-ро метавон ба унвони шарҳи мушкилоти «Маснавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддин муаррифӣ кард. Ҳарчанд Хоҷа Айюб ба гузориши талмеҳоти қуръонӣ, шарҳи калимаю ибороти арабӣ, аҳодис, мазмунҳои ирфонӣ ва монанди инҳо ҳам диққат медиҳад, ба ин ҷанбаи ташреҳ дар қиёс бо шарҳҳои дигари»Маснавӣ», аз қабили шарҳи Акбарободӣ, шарҳи Ҳазрати Баҳрулулум, шарҳи Анқаравӣ ва дигарон камтар таваҷҷуҳ нишон додааст.

7. Дар мавриди мухталиф таъкид кардем, ки истифодаи тафсири дохилӣ, яъне тавассути каломи худи суханварон шарҳ додани матлаб аз беҳтарин равишҳои маърифати каломи онон мебошад. Шарти асосии ин гуна тафсир он аст, ки шореҳ бояд тамомии осори суханварро мавриди мутолиа қарор дода бошад, то битавонад, тавассути каломи худи ӯ матлабро равшан созад. Ҳарчанд ин равиш дар шарҳи Хоҷа Айюб мавқеи зиёд надорад, дар баъзе маворид шореҳ онро ба кор гирифтааст. Азбаски истифодаи равиши тафсири дохилӣ дар шарҳи «Асрор-ул-ғуюб» зиёд дида намешавад ва ҳамчун яке аз мушаххасоти шарҳ нест, мо онро дар фасли алоҳида мавриди таҳлил қарор надодаем.

8. Омӯзиши маводи шарҳҳои гуногун нишон медиҳад, ки шарҳи Хоҷа Айюби Порсо ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи бузургтарин шореҳони «Маснавӣ» қарор гирифта, шореҳон дар мавриди зарурӣ аз он баҳраҳо бардоштаанд. Баъзе матлабе, ки Хоҷа Айюб дар шарҳи хеш нақл кардааст, бархе аз шореҳон онро ба ҳамон сурате, ки дар «Асрор-ул-ғуюб» вомехӯрад, мавриди истифода қарор додаанд. Ин нукта нишон медиҳад, ки шарҳи Хоҷа Айюб дар байни шореҳон ва маърифатгарони пешин ҷойгоҳи хосе дошта, мавриди

омӯзиш ва баҳрабардорӣ қарор доштааст. Ин нуктаро дар мисоли бардошт кардани яке аз шореҳони бузурги «Маснавӣ»-и Мавлоно - Валимуҳаммади Акбарободӣ мушоҳида кардан мумкин мебошад. Чунончи, Хоҷа Айюб зимни шарҳи байти зер: «То биёмад хишт мезад дар Табук // Бо малик гуфтанд шоҳе аз мулук [14, 6/4000] менависад: «Табук – билфатҳ; номи мавзее аст, ки Ҳазрати расолатпаноҳ [с] он ҷо ғазо кард ва Ҷаъфар – бародари амиралмуъминин Алӣ [р] дар он ғазва ба шаҳодат расид» [82, 1132].

Валимуҳаммади Акбарободӣ: «Табук – ба фатҳи «то»-и фавқония ва бо-и муваҳҳидаи мазмум, исми мавзеест, ки Ҳазрати расолат (с) он ҷо ғазо карда ва Ҷаъфари Тайёр (раз.) ба шаҳодат расид…» [4, 2624].

9. Аз нуктаҳои бисёр муҳим ва арзишманди шарҳи «Асрор-ул-ғуюб», ки барои хонанда ва маърифатгари «Маснавӣ» муфид аст, дарёфт ва баёни рабти абёти «Маснавӣ» бо достонҳои алоҳидаи он мебошад, ки баёнгари огоҳии комили шореҳ аз равишҳои фикрии Мавлоно Ҷалолуддин мебошад. Хоҷа Айюби Порсо бо истифода аз ин равиш хонандаро, пеш аз ҳама, бо маънои умумии ҳикоёт ошно месозад ва сипас ба гузориши абёти алоҳида мепардозад. Муайян намудани иртиботи абёти алоҳидаи «Маснавӣ» ва таъмини ин рабт бо қиссаву достонҳо имкон медиҳад, ки хонанда ва маърифатгар ба дарку маърифати ростини ҷаҳони фикрии Мавлоно даст ёбад.

10. Шарҳи «Асрор-ул-ғуюб», новобаста аз он ки ба гузориши абёти мушкили «Маснавӣ» ихтисос дорад ва аз ҷиҳати ҳаҷм низ чандон бузург нест, боз ҳам дар масъалаи бозкушои рамзу тамсилот, душворӣ ва печидагиҳо, шинохти асли матлаб ва мафҳумҳои ба он вобаста, инчунин, ошно гардидан бо баъзе аз ҷузъиёти зиндагии Мавлоно Ҷалолуддин дорои арзиши хос мебошад.

**Фасли 5. Шарҳи Валимуҳаммади Акбарободӣ ва мақоми он дар маърифати «Маснавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ**

Шарҳи Валимуҳаммади Назири Акбарободӣ аз шарҳҳои маъруфи «Маснавии маънавӣ» аст, ки дар Шибҳи қора таълиф гардида, то имрӯз аз он нусхаҳои хаттии зиёде боқӣ мондаанд. Аҳмади Мунзавӣ дар «Феҳристи нусхаҳои хаттии форсӣ» [72, 5/ 3510] ва «Феҳристи муштараки нусхаҳои хаттии форсии Покистон» аз ин шарҳ бо номҳои «Шарҳи «Маснавӣ»-и Мавлавӣ ва шарҳи «Махзан-ул-асрор» ёд карда, беш аз даҳ нусхаи хаттии ҷойдоштаи онро дар китобхонаҳои Ҳиндустону Покистон зикр кардааст [74, 3/1639].

Худи муаллифи шарҳ ҳам дар дебочаи шарҳи дафтари нахуст асарро танҳо шарҳи «Маснавӣ» номида, минҷумла, дар мавриди «Махзан-ул-асрор» номида шудани асар чунин изҳори назар кардааст:

Аз фуюзоти ҷаноби Мавлавӣ
Интизоме ёфт шарҳи «Маснавӣ».
Чун зи ботин рух намуд анҷоми ӯ,
«Махзан-ул-асрор» кардам номи ӯ [4, «ё»].

Азбаски дар адабиёти форси тоҷикӣ бо номи «Махзан-ул-асрор», қабл аз ҳама, маснавии маъруфи Низомии Ганҷавӣ шинохта шудааст, шояд бо ҳамин сабаб асари Акбарободӣ бештар ҳамчун «Шарҳи Маснавӣ» ёд мешавад. Дар мавриди зиндагинома ва ҷараёни ҳаёти Валимуҳаммади Акбарободӣ, ки аз бузургтарин шореҳони осори адабӣ дар Шибҳи қораи Ҳинд буда, гузориши ӯ роҷеъ ба «Маснавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ бо номи «Махзан-ул-асрор» шинохта шудааст, дар сарчашмаҳо маводи қобили мулоҳиза ба назар намерасад. Мутаассифона, номи Акбарободӣ ҳатто дар доиратулмаориф ва донишномаҳои муосир низ дида намешавад. Барои равшан шудани матлаб зарур медонем, ки андешаҳои таҳиягари матни шарҳи Акбарободӣ – доктор Наҷиб Моили Ҳиравиро, ки дар пешгуфтори шарҳи мазкур омадааст, дар ин мавринд тариқи иқтибос зикр кунем: «Чун ин муқаддима (яъне, муқаддимаи шарҳи Акбарободӣ дар назар аст, – Т.С.)

навишта шуд, гумон бурдам, ки шояд аҳволу осори Валимуҳаммади Акбарободӣ ба ҳайси як мадхал дар Доиратул маорифи исломия, ки зери назари Донишгоҳи Панҷоби Лоҳур соли 1409 қамарӣ [1982 м.] арза шуда, омадааст ва нигоранда бемулоҳиза ҳадс задаам, ки доиратулмаорифи мазкур ному нишони ӯро сабт накардааст. Аз ин рӯ, аз дӯсти донишманд оқои дуктур Иноятуллоҳ Маҷидӣ хоҳиш кардам, ки агар мадхали мазкур дар доиратулмаорифи мазбур омадааст, аз рӯи лутф тасвири онро барои банда ирсол доранд. Он чӣ эшон фиристодаанд, мадхали Назири Акбарободӣ буд, ки нависандаи он мадхал оқои Сайид Эҳтишом Ҳусайн аст, ки номи Назири Акбарободии шоирро Валимуҳаммад хондааст. Он чӣ дар мадхали «Урду доитарулмаорифи исломия» омадааст, ба ҳеч рӯй бо Валимуҳаммади Акбарободӣ – шореҳи «Маснавӣ» ва «Бӯстон» ва сарояндаи «Туҳфат-ул-асрор» иртибот надорад…» [4, «йа»].

Пеш аз ҳама, бояд гуфт, ки шарҳи Акбарободӣ дар феҳристҳои нусахи хаттии форсӣ ба унвони «Шарҳи «Маснавӣ»-и Мавлавӣ ва «Махзан-ул-асрор» муаррифӣ гардидааст.

Азбаски дар оғози шарҳ, яъне дар хутбаи мансури дафтари аввал, ки ба унвони «Дебочаи шореҳ» омадааст, Акбарободӣ номи асари худро зикр накарда, онро танҳо «Шарҳи маснавӣ» номидааст, дар идомаи абёти фавқ сабаби «Махзан-ул-асрор» ном гузоштани асарро ба гунаи зер баён кардааст:

Чун набошад номи шайъ пеш аз вуҷуд,  
Исми ӯ дар хутба нолоиқ намуд.  
То ҷанин берун наёмад аз шикам,  
Кай мусаммо шуд ба кунят ё алам.  
Кам кунӣ аз номи ӯ гар даҳ адад,  
Мар туро аз соли хатм огаҳ кунад.  
То ки бошад «Маснавӣ» андар ҷаҳон,  
Дорад аз фазли худаш Ҳақ ҷовидон [4, 2695].

Дар дебочаи мазкур шореҳ, пас аз ҳамду натъи мухтасар, ба шарҳи мушкилоти «Маснавӣ» оид будани асар ишора карда, зимнан соли таълифи

онро низ сареҳан зикр намудааст: «Ва баъд, бидон, ки ин китобест, ки фақир Валимуҳаммад дар ҳалли мушкилоти «Маснавӣ» ва тафсили муҷмалоти маънавӣ ба истифода аз рӯҳи муқаддаси Мавлавӣ – раввaҳаллоҳу руҳаҳу ва авсала илайно футуҳаҳу, ки тастири онро бузургтарин саодат шумурда ва таҳрири онро беҳтарин ибодат дониста… ва дар ин шуғл бо ҷону дил пардохтам. Ва алҳол як ҳазору як саду чиҳилум аст аз сол…» [4, 4].

Маълум мегардад, шореҳ ба ҷуз он ки муҳаққиқ ва суханшиноси варзида буд, дастикам ба навиштани шеър низ иштиғол доштааст. Чунончи, ҳангоми шарҳи байти 2131 аз дафтари севуми «Маснавӣ» мегӯяд: «Ва фақир ин матлабро дар рисолаи «Туҳфат-ул-асрор» дар суолу ҷавоб ба назм овардааст ва он ин аст:

Яке гуфто, ки олам ҷуз Худо нест,
Касе ҷуз вай ба ҳастӣ ошно нест.
Вуҷуди бут набошад ҷуз вуҷудаш,
Чаро туғёну куфр омад суҷудаш.
Бигуфтам: з-он ки ғайри дӯст диданд,
Аз он пас дар раҳи тоат давиданд.
Надидан сурати Ҳақро камоҳӣ,
Ҳамин куфр асту ширку рӯсиёҳӣ.
Чӣ хуш гуфтаст он ширинкаломе,
Ба илми маърифат олимақоме:
«Агар кофар зи бут огоҳ гаштӣ,
Куҷо дар дини худ гумроҳ гаштӣ.
Мусалмон гар бидонистӣ, ки бут чист,
Бидонистӣ, ки дин дар бутпарастист» [4, 1235].

Аз ин матлаб чанд нукта зоҳир мегардад:

– ба шеър иштиғол доштани шореҳ;

– соҳиби рисолаи «Туҳфат-ул-асрор» будани ӯ, ки ҳоло маълум нест дар кадом мавзӯъ бошад;

– азбаски ду байти охир тазмин аст ба осори Маҳмуди Шабистарӣ, таваҷҷуҳ ва иродат доштани шореҳ ба ин суханвар маълум мегардад.

Азбаски «Гулшани роз» тариқи суолу ҷавоб иншо гардидааст ва Акбарободӣ низ ба ҳамин хусусияти асари хеш ишора кардааст, асар бояд аз ҷиҳати мавзӯъ ирфонӣ бошад.

Сарчашмаҳо шаҳодат медиҳанд, ки Акбарободӣ солҳои 1140–1149 ҳ. қ. ба «Гулистон»-и Шайх Саъдӣ шарҳе навиштааст, ки аз беҳтарин шарҳҳои форсии «Гулистон» дарШибҳи қора ба ҳисоб меравад. Ин асар соли 1890 мелодӣ дар Лакҳнав чопи сангӣ шудааст.

Нуктаи дигар, ки баёнгари таваҷҷуҳи шореҳ ба шеъру шоирӣ маҳсуб мегардад, он аст, ки Акбарободӣ оғозу анҷоми шарҳи дафтарҳои «Маснавӣ»-ро бо шеър оғоз намудааст. Чунончи, дар оғози дебочаи шарҳ менависад:

Ман киям, к-андар санояш дам занам,

Ҳар ду лаб дар васфи ӯ барҳам занам.

Ӯ саной хеш худ гуфтасту бас,

Дурри васфи хеш худ суфтасту бас [4, 3].

Гузашта аз абёти тавсифӣ, ки дар ситоиши «Маснавӣ»-и Мавлоно мегӯяд, тамоми дафтарҳои дигарро бо ҳамду натъ оғоз ва ихтитом бахшидааast. Чунончи, дар оғози дафтари чаҳорум:

Ҳамди Ҳақ, ки бартар аз ҳамду саност,

Не ҳама ҳамду сано ҳамди Худост.

Гар ситоиш мекунӣ ту Зайдро,

Зайд, к-ӯ бошад он ҳамди Худо… [4, 1559].

Ва дар хотимаи дафтари чаҳорум:

Ёфт аз фазли Худои зулҷалол

Шарҳи ҷилди дафтари чорум камол.

Шукри тавфиқаш ҳамегӯям ба ҷон,

З-он ки шукри ӯ наёяд аз забон [4, 1926].

Ҳамин тавр, Акбарободӣ, дар маҷмӯъ, дар шаш дафтари «Маснавӣ» 132 байт сурудааст, ки баёнгари қудрати суханварии ӯ дар эҷоди шеър мебошад.

Ин абёт мутаносибан дар дафтарҳои шашгонаи шарҳ чунин омадаанд: дафтари аввал – 11 байт; дафтари дувум – 13 байт; дафтари севум – 18 байт; дафтари чаҳорум – 23 байт; дафтари панҷум – 22 байт ва дафтари шашум – 40 байт. Илова бар ин, дар дохили шарҳ ҳам шореҳ 5 байт аз худ суруда, зимни он ду байти Маҳмуди Шабистариро тазмин кардааст.

Аз фазилатҳои дигари фаъолияти таҳқиқӣ ва таҳририи Акбарободӣ он аст, ки ӯ ба кори нусханависии шарҳи хеш ҳам иштиғол дошта, зимнан, ҳангоми нусханависӣ бар шарҳи мазкур ба баъзе аз назароти худ иловаҳо ворид мекарда ва ё андешаи собиқи хешро тағйир медодааст.

Аз бархе ишороти шореҳ маълум мегардад, ки ӯ пас аз интишори нусхаҳои шарҳи хеш ҳам зимни нусханависӣ онро дубора таҳрир мекардааст. Чунончи, ин нуктаро аз шарҳи байти 568-уми дафтари севуми «Маснавӣ» дарёфтан мумкин аст. Шореҳ дар маънои вожаи «ҷулоб» менависад: «Бояд донист, ки он чӣ дар баёни ин луғат собиқ навишта будам ва ғолиб, ки аз «Латоиф-ул-луғот», ки фарҳанги «Маснавӣ» аст, нақл ёфта бошад, дар ҳар нусха, ки биёбанд, онро маҳв кунанд ва ба ҷой он чӣ акнун навиштаам, сабт кунанд» [4, 1032].

## **5.1 Маърифати «Маснавӣ» аз назари Акбарободӣ**

Акбарободӣ бар он назар аст, ки «Маснавӣ»-и Мавлоно аз ду дидгоҳ маърифат мешавад: дидгоҳи хос ва дидгоҳи ом.

Дидгоҳи хос танҳо барои онҳо дастрас аст, ки аҳли дил ҳастанд, аммо дидгоҳи ом махсуси аҳли зоҳир аст, ки онҳоро ба олами ботини «Маснавӣ» роҳ нест: ончунонки инсон ботину зоҳир дорад, ончунонки Қуръони каримро зоҳиру ботин аст, «Маснавӣ»-ро низ аз ҳамин ду дидгоҳ тафсир кардан лозим аст.

Ба ақидаи шореҳ Мавлоно ба эътибори шуҳрати баъзе аз назарҳо маонии дархӯри фаҳми омро баён карда бошад ҳам, манзури ӯ дигар будааст. Ба назари шореҳ донистани баъзе аз асрор барои ом ҷоиз нест ва боиси ваҳшати эшон мегардад.

Чунонки дар ҷаҳоншиносии исломӣ яке аз масъалаҳои баҳснок «Кӣ будани забеҳ: Исмоил ё Исҳоқ?» аст, ки дар ин маврид шореҳ мегӯяд: «Ва он чи ҳазрати Мавлавӣ (раз.) дар байти оянда ва дар мавозеи дигар номи Исмоил фармудаанд, ба эътибори иштиҳор аст, то авомро ба зикри Исҳоқ ваҳшат рӯ надиҳад, чунонки дар дафтари аввал гуфта шуд. Ва ҳақ ҳамин аст, ки гуфт Исҳоқро, ки: Эй писари ман! Ба дурустӣ, ки дидам ман дар хоб, ки забҳ мекардам туро. Пас, назар кун, эй Исҳоқ ва тафаккур кун, ки дар забҳ таслим мешавӣ, ё на? Пас, таслим шуд Исҳоқ ва гуфт: Эй падари ман! Бикун он чи маъмур шудаӣ ба он, зуд бош, ки биёбӣ маро аз собирон дар забҳ ё бар қазои Худои таъоло, агар хоста бошад Худои таъоло…» [4, 1500].

Акбарободӣ ин нуктаро дар мавриди дигар низ зикр мекунад ва ба такрор забеҳ будани Исҳоқро таъкид медорад, ки сарчашмаи ин андеша аз таълимоти Ибни Арабӣ сарчашма гирифтааст.

Ин нуктаҳо нишон медиҳанд, ки Акбарободӣ бо таълимоти орифонаи яке аз шахсиятҳои баландпояи ирфонӣ Муҳйиддин ибни Арабӣ ошноии комил дошт ва ҳамин табаҳҳур имкон додааст, ки шореҳ дар шарҳу тавзеҳи ирфонии матлаби «Маснавӣ» маҳорат нишон диҳад. Агар ба замони зиндагии Акбарободӣ ва махсусан ба садаҳои XVII–XVIII дар Шибҳи қора аз назари таъсири орову афкори шахсиятҳои барҷаста нигоҳ кунем, дармеёбем, ки тақрибан камтар адиб, донишманд ва ориферо метавон дарёфт, ки дар осору афкори ӯ ҷаҳоншиносии ирфонии Муҳйиддин ибни Арабӣ таъсир нагузошта бошад. Валимуҳаммади Акбарободӣ низ аз ин фароянд барканор набуда, на танҳо бо осори маъруфи Ибни Арабӣ «Фусаслҳикам» ва «Футуҳоти Маккия» ошноӣ дошт, балки аксари муҳимтарин шарҳҳои осори мазкури Ибни Арабиро, ки байни донишмандону муҳаққиқон шуҳрати беназир доштанд, мавриди мутолиа қарор дода буд. Чунончи, шореҳ дар мавриде менависад:

«Ва фақир тобеи Ҳазрати шайх (раз.) аст, аз он ки ҳар чӣ вай фармуда, аз кашфу аён аст, на аз қиёсу гумон…» [4, 1500].

Акбарободӣ дар аксари маврид аз Ибни Арабӣ бо эҳтиром ва таваҷҷуҳи хос ёд мекунад, ӯро «Ҳазрати Шайхи акбар» [4, 216], «Ҳазрати шайх» ва «қиблаи аҳли таҳқиқ» мехонад: «Қиблаи аҳли таҳқиқ Ҳазрати Шайх Муҳйиддин разияллоҳу анҳ дар охири фасли мӯсавӣ мефармоянд…» [4, 1249].

Иродати шореҳро ба Ибни Арабӣ дар шарҳи дафтари шашум ҳам зимни шарҳи байти шумораи 3985 «Ё чу Исмоили саббори маҷид, Пеши ишқу ханҷараш ҳалқе кашид», ки ба истиқболи андешаи Ибни Арабӣ сухан гуфтааст, метавон ба мушоҳида гирифт. Чунончи, «Пештар ба такрор навишта шуда, ки нисбати забҳ ба Исмоил(а) ба эътибори шуҳрат фармудаанд, вагарна забеҳ Исҳоқ аст алайҳиссалом» [4, 2623].

Бешубҳа, сарчашмаи андешаи Акбарободиро дар ин маврид метавон аз ишроти фаровони Ибни Арабӣ, ки дар «Фусус-ул-ҳикам» баён гардида, Исҳоқро забеҳ медонад, дарёфт намуд. Акбарободӣ аз рӯи эътиқоду иродат ба Ибни Арабӣ пайрави андешаҳои ӯ гардидааст. Ҷойи дигар шореҳ аз Ибни Арабӣ бо унвони «хотам-ул-вилоят» чунин ёд мекунад: «Ҳазрати хотам-ул-вилоят Шайх Муҳйиддин (раз.) дар «Китоб-ут-таҷаллиёт» мефармоянд, ки «ман Ҷунайд ва Шиблӣ ва Абӯязид ва ғайруҳумро тараққӣ додам» [4, 890].

Агар шореҳ дар ибрози нуктаҳои фавқ сареҳан тобеи Ибни Арабӣ будани хешро иброз дошта бошад, ҷойи дигар то кадом андоза бо таълифоти Ибни Арабӣ ошноии комил доштани ӯ возеҳ мегардад. Чунончи, зимни шарҳи байти зерин:

Одам аз хок аст, кай монад ба хок,

Ҷиннӣ аст аз нор бе ҳеч иштирок [4, 2406],

куллан ба маълумоти китоби «Футуҳоти Маккия» такя карда, ба андозаи сеяки сафҳа аз асари мазкур матлаберо дар мавриди аз хок бино шудани одам ва аз оташ офарида шудани ҷин бо забони арабӣ баён медорад ва онро бо ҷумлаи зерин ҷамъбаст мекунад: «Пас, нисбати одам ба хок ва

нисбати ҷиннӣ ба нор аз ҷиҳати ғалабаи хок ва нор аст дар одам ва ҷин» [4, 1785].

Акбарободӣ ҳангоми шарҳи «Маснавӣ» кӯшидааст, ки иртиботи орову афкори Мавлоноро бо осори Ибни Арабӣ собит намояд. Зимни шарҳи қисме аз абёти мушкили ирфонӣ ва баҳсангези «Маснавӣ» ба мабоҳис ва иборoти «Фусус-ул-ҳикам» ва «Футӯҳоти Маккия» такя карда, ба нақли онҳо саъй кардааст.

Ба ин маънӣ, шореҳ дар мавриди зарур аз осори фавқ мадад ҷуста, порае аз мушкилоти «Маснавӣ»-ро ба кӯмаки ин осор шарҳу тавзеҳ додааст. Аксари матлаби мавриди истишҳоди Акбарободӣ аз Ибни Арабӣ ба ҳамон забонест, ки соҳиби «Фусус-ул-ҳикам» бо он забон асар эҷод кардааст, аммо, дар мавриди андак шореҳ бархе аз ишоротро аз арабӣ ба забони форсӣ тарҷума ва нақл кардааст. Чунончи, дар шарҳи байти 1381 аз дафтари севуми «Маснавӣ» менависад: «Ҳазрати Шайх Муҳйиддини Арабӣ (раз.) дар «Фусус» фармудааст ва фақир тарҷумаи иборoти «Фусус»-ро менависад, то бар ҳар кас осон шавад» [4, 158].

Пас, маълум мегардад, ки шореҳ ҳамчун донандаи хуби забони арабӣ дар баъзе аз маврид нуктаҳоеро аз китоби Ибни Арабӣ тарҷума намудааст. Аз ҳамин маводи кӯчак, ки канда-канда дар паҳнои шарҳ ҳастанд метавон дарёфт, ки забони тарҷумаи шореҳ ҷавобгӯи меъёрҳои забони адабии форсии тоҷикӣ будааст. Аз тарафи дигар, ин тарҷума дараҷаи ошноии Акбарободиро дар забони арабӣ ва форсӣ нишон медиҳад.

Нақду баррасиҳое, ки бо истифода аз китобҳои Ибни Арабӣ, осори бузургтарин шореҳи «Фусус-ул-ҳикам» дар Шибҳи қора Муҳибуллоҳи Аллоҳободӣ, Довуди Қайсарии Румӣ ва бузургони дигар роҷеъ ба масъалаи баъси Фиръавн (сакароти мавт ва муоинаи аҳволи охират, ки дар вақти ҳузури мавт ҳосил гардад), баён медорад, мизони маснавишиносӣ ва мақоми ирфонии ӯро нишон медиҳад [4, 1248–1265].

Шореҳ дар мавриди бархе аз мушкилоти»Маснавӣ» на танҳо ба осори Ибни Арабӣ, балки дар як вақт ба чанд рисолаи тасаввуфӣ руҷӯъ кардааст, ки

баёнгари табаҳҳури ӯ дар масъалаҳои ирфонӣ мебошад. Чунончи, дар мавриди шарҳи калимаи «муроқиб» аз мисраи аввали байти «Гар муроқиб бошиву бедор ту, Бинӣ ҳар дам посухи кирдор ту» [4;2460] бо ишора ба андешаҳои Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд, Ибни Арабӣ ва Наҷмуддини Кубро менависад: «Муроқиб» – ба замми аввал ва касри чаҳорум – чашмдоранда. Ҳазрати Хоҷа Баҳоуддин разияллоҳу анҳу фармудаанд, ки муроқибаро се гуна эътибор кардаанд: аввал, мулоҳизаи зоти Ҳақ бар ваҷҳе, ки он мулоҳиза мӯҷиби ғафлат аз мо сиво бошад ва он мулоҳиза аз таъзими Ҳақ ва мулоҳизаи қурби ӯ ва аз таҳқиқи нафси худ пайдо шавад; дувум, мулоҳизаи ин ки Ҳақ субҳона нозири зоҳир ва ботин аст ва он чӣ аз эшон содир шавад ва ҳазрати Шайх Муҳйиддин разияллоҳу анҳу инро мурқибат-ул-муроқиба хонанд, зеро ки мутааллиқи ин муроқиба муроқибаи Ҳақ аст; севум, нигоҳ доштани зоҳир ва ботин аст аз мухолифати амри илоҳӣ ва дар мақоми мувофиқат будану риояти он чӣ бар ӯ гузаронида шавад аз неку бад, ки мӯҷиби шукр аст, ё тадорук.

Ва Ҳазрати Шайх Наҷмуддини Кубро қуддиса сирруҳу дар баъзе аз расоили худ қисми робеъ аз муроқиба баён фармудаанд ва тарҷумаи иборати эшон ин аст, ки муроқиба берун омадани шахс аст аз дидани феъли худ ва нотавонии худ дар ҳоле, ки чашми интизор ба бахшишҳои Ҳақ дошта бошад…» [4,1789].

Дар шарҳи порае аз матлаби ирфонӣ, ки шореҳ бо истифода аз китобҳои илмии соҳавӣ анҷом додааст, боз ҳам хонандаро барои маърифати бештар ҳосил кардан ба сарчашма раҳнамун месозад. Чунончи, бо вуҷуди дар як сафҳа тариқи иқтибос зикр кардани андешаҳои Довуди Қайсарӣ дар поёни иқтибос ба хонанда муроҷиат карда, менависад: «Агар фаҳме дошта бошӣ, хоҳӣ дарёфт ва илло ба Шарҳи Қайсарӣ руҷӯъ кун, ки дар он ба тафсил мазкур аст» [4, 160].

Маълум аст, ки яке аз сарчашмаҳои фикрии Мавлоно ва ангезандаи таълифи «Маснавӣ» осори Ҳаким Саноӣ аст ва муҳаққиқон дар ин маврид борҳо ишора кардаанд, ки агар «Ҳадиқа»-и Саноӣ намебуд, асаре мисли

«Маснавӣ» зуҳур намекард. Афлокӣ дар «Маноқиб-ул-орифин» нақл мекунад, ки Мавлоно гуфтааст: «Ҳар кӣ суханони Саноиро бихонад ва дарёбад, бар асрори суханони мо воқиф шавад» [41,3/1080]. Акбарободӣ, ки бешубҳа, аз иртиботи фикрии Мавлоно ва Саноӣ огоҳ буд, баъзе аз ишороти мармузи Мавлоноро дар мавриди Саноӣ ба хубӣ дарк кардааст. Чунончи, дар шарҳи байти зерин:

Хуш баён кард он ҳакими ғазнавӣ,

Баҳри маҳҷубон мисоли маънавӣ [13, 3/ 4229].

Аз ишораи Акбарободӣ маълум мегардад, ки Мавлоно дар ду байти оянда мазмуни байти зерини Ҳаким Саноиро овардааст. Шореҳ менависад: «Байти Ҳаким Саноӣ қуддиса сирруҳу, ки ду байти оянда мазмуни ӯст, ин аст, ки:

Аҷаб набвад гар аз Қуръон насибе нест ҷуз нақше,

Ки аз хуршед ҷуз гармӣ наёбад чашми нобино» [4, 1507].

Аз рӯи мулоҳизоти мо бори аввал Акбарободӣ ба шинохти байти Саноӣ даст ёфтааст ва шореҳони дигар онро дар шарҳи худ нақл кардаанд. Ин нукта боз ҳам таъйидгари ин назар аст, ки шореҳ аз сарчашмаҳои фикрии Мавлоно Ҷалолуддин ва махсусан осори Саноӣ ба хубӣ огоҳ будааст. Шореҳони муосири «Маснавӣ» Николсон ва Карими Замонӣ низ бо истифодаи ҳамин назари Акбарободӣ байти фавқро шарҳ кардаанд [41, 3/1081]. Умуман, истифодаи сарчашмаҳои мухталиф баёнгари доираи назар ва доираи мутолиоти ӯ буда, арзиши шарҳро боло бурдааст.

### 5.2 Акбарободӣ ва баҳрабардории ӯ аз осори шореҳони дигар

Азбаски Акбарободӣ пас аз Абдулатифи Аббосӣ [таъ. 1031–1032], Мир Нуруллоҳи Аҳрорӣ [таъ. 1073] ва Муҳаммадризои Лоҳурӣ [таъ. 1084 ҳ. қ.], Хоҷа Айюби Порсо [таъ. 1120 ҳ.] зиндагӣ ва эҷод кардааст, зарур мешуморем, ки роҷеъ ба кайфияти муносибат ва баҳрамандиҳои Валимуҳаммад дар робита ба осори маснавишиносии шореҳони мазкур изҳори андеша намоем.

Аз шореҳони дар фавқ ишорагардида Акбарободӣ танҳо аз Хоҷа Айюби Порсо ном набурдааст, вале таҳқиқоти қиёсии матлаби шарҳи «Махзан-ул-асрор» ва «Асрор-ул-ғуюб» нишон дод, ки Акбарободӣ аз муаллифи «Асрор-ул-ғуюб» бо ибораи «шореҳе дигар» ёд кардааст, вале ҷойи тааҷҷуб аст, ки дар ҳеч куҷо номи шореҳро зикр накардааст (дар ин бора руҷӯъ шавад ба дафтари аввали шарҳи «Махзан-ул-асрор» зимни шарҳи абёти шумораи 35 ва 36, ки шореҳ бо ибораи «шореҳе дигар» баёни андеша кардааст. Ин матлаб қиёс шавад бо абёти бидуни шуморагузорӣ дар саҳифаҳои 25 ва 26-и шарҳи «Асрор-ул-ғуюб»).

Дар замони зиндагии Акбарободӣ махсусан «Латоиф-ул-луғот» ва матни «Маснавӣ»-и тасҳеҳнамудаи Абдулатифи Аббосӣ, ки бо номи «Нусхаи носихаи маснавиёти сақима» маъруф буд ва низ шарҳи «Ҳадоиқ-ул-маснавӣ»-и ӯ дар байни аҳли адаб ривоҷи тамом дошт ва бешубҳа Акбарободӣ ҳам онҳоро мавриди истифода қарор додааст. Бо вуҷуди ин, шореҳ нусахи мусаҳҳаҳи «Маснавӣ»-и Аббосиро ҳаргиз ба ҳайси нусхаи комил напазируфтааст. Илова бар он, нақду баррасӣ аз нусхаи носихаи «Маснавӣ»-и Абдулатифи Аббосӣ, Акбарободӣ аз шарҳи дигари бар «Маснавӣ» анҷомдодаи Абдулатиф – «Миръот-ул-маснавӣ» низ истифода бурдааст.

Шарҳи «Маснавии маънавӣ»-и Мир Нуруллоҳи Аҳрорӣ низ аз ҷумлаи шарҳҳои маъмулу машҳури «Маснавӣ» ба ҳисоб меравад. Мир Нуруллоҳ аз пайравони тариқати нақшбандӣ дар аҳди Аврангзеб буда, бар «Гулистон»-и Саъдӣ ва «Юсуф ва Зулайхо»-и Ҷомӣ низ шарҳ навиштааст [74, 3/1640].

Акбарободӣ қисме аз қироатҳо ва ривоятҳои «Маснавӣ»-ро бар асоси нусхаҳои дигари хаттӣ ба кор гирифтааст ва бар қисме аз мулоҳизот ва андешаҳои Абдулатиф нигоҳи интиқодӣ афкандааст. Чунончи, зимни шарҳи байти зер мехонем:

То биёмад, хишт мезад дар Табук,

Бо малик гуфтанд: «Шоҳе аз мулук…» [13, 6/4000].

Табук – ба фатҳи то-и фавқония ва бо-и муваҳҳадаи мазмум исми мавзеест, ки Ҳазрати расолат (с) он ҷо ғазо карда ва Ҷаъфари Тайёр (р) дар Ғазва ба шаҳодат расид. Ва ба тақдими бо-и муваҳҳадаи мусаннот дар китобҳои луғат мисли «Сурох» ва «Кашф-ул-луғот» ва «Бурҳони қотеъ» ва «Мунтахаб» забт накардаанд, магар Шайх Абдулатиф дар «Латоиф-ул-луғот», ки фарҳанги «Маснавӣ» аст, инро дар ҳар ду боб овардааст. Ва дар боби бо-и муваҳҳада аз «Маориҷ» нақл карда ва ҳол он ки соҳиби «Маориҷ» мутааррризи баёни ҳуруф нашудааст. Дар он ҷо аслан маълум намешавад, ки ба тақдими то-и мусаннот аст бар бо-и муваҳҳада, ё билъакс. Ва мушорунилайҳ дар ҳар ду боб баъди навиштани маънӣ дар ҳаққи тақдими то-и мусаннот навишта, ки «асаҳ ҳамин аст» ва дар ҳаққи тақдими бо-и муваҳҳада навишта, ки «ба сиҳҳат нарасида аст». Ғараз, ки ғалате аҷиб ба кор бурда аст, чунончи, дар дафтари дувум дар сурхии «Тарк кардани носеҳ баъд аз муболиғати панд» низ бар ғалати мушорунилайҳ огоҳ сохтаем дар таҳти он байт, ки:

Бигзарад ин сит аз Басра-в Табук,

З-он ки «анносу ало дини мулук» [4, 2624].

Азбаски як рукни кори Акбарободиро ҳангоми шарҳи «Маснавӣ» вожашиносӣ ташкил додааст, дар чунин мавридҳо назари Аббосиро ҷонибдорӣ накарда, бар бахше аз ишороту ибороти ӯ иловаҳо ворид кардааст. Дар мисоли боло ҳам шореҳ илова бар «Латоиф-ул-луғот»-и Аббосӣ аз чаҳор луғатномаи муътабар ном мебарад, ки мубайини талошҳои дақиқи ӯ дар заминаи вожашиносии «Маснавӣ» ба ҳисоб меравад.

Гузашта аз ин, Акбарободӣ аз шарҳҳои дигари мазкур, ки дар фавқ зикрашон рафта ва аз ҷумлаи шарҳҳои маъруфи Шибҳи қора шинохта шуда буданд, баҳра бардошта, дар «Махзан-ул-асрор» нисбати ин осор нақду назари хешро баён кардааст.

Аз ин миён, «Мукошифоти разавӣ»-и Муҳаммадризо бештар аз шарҳҳои дигар мавриди гироиш ва нақду назари Акбарободӣ қарор гирифтааст. Ба ин маънӣ, Акбарободӣ беш аз ҳар шореҳи дигар бо

Муҳаммадризо мунозира ва баҳс оростааст ва дар мавриди зиёде аз асари Муҳаммадризо иқтибос меорад ва сипас андешаи хешро дар канори он баён медорад. Дар шарҳи Акбарободӣ тақрибан саҳифаеро наметавон дарёфт, ки дар он як-ду ишора ба шарҳи Муҳаммадризо нарафта бошад.

Чунин менамояд, ки шореҳ тафсири Муҳаммадризоро ба манзалаи мизоне қарор дода, баробари он муваффақияту дастбурди хешро дар заминаи маърифати дурусти каломи Мавлоно баён дошта бошад. Аз муҳокимарониҳои Акбарободӣ ба хубӣ пайдост, ки ӯ «Мукошифоти разавӣ»-ро бодиққат хондааст ва дар ҷараёни таълифи шарҳи хеш ҳам ҳамвора ба чигунагии тафсири ҳар як байти он таваҷҷуҳ намудааст. Шореҳ кӯшидааст, ки дар раванди қиёсу муқобалаи афкори хеш ва муаллифи «Мукошифоти разавӣ» ҳадди инсофро риоя кунад ва «хатову савоб»-ро холисона баён намояд. Аммо аз баррасиҳои мунтақидонаи Акбарободӣ нисбат ба шарҳи Муҳаммадризо метавон ба натиҷае расид, ки ӯ дар баъзе масъалаҳо бо назари муаллифи «Мукошифот» муносибати ҳамфикрию ҳамақидагӣ ва дар баъзе ихтилофи назар доштааст ва ин мухолифат бар асари дидгоҳи мазҳабии шореҳ ба зуҳур омадааст. Дар ин сурат Акбарободӣ аз накдҳои ҷадалӣ низ имтиноъ наварзидааст. Чунончи, менависад: «Муҳаммадризо дар ин ҷо навишта, ки: «метавонад буд, ки ин байт дар таъни Муовия бошад. Яъне, мунозира бо Иблис холӣ аз макру талбис набувад, интаҳо» [4, 890]. Пас аз ин сухан Акбарободӣ илова мекунад: «Аз ин каломаш бӯи рафз меояд, агар чунин аст, маро бо вай сухан нест ва илло Худояш биёмурзад, ки хатое азим кардааст. Саҳв дар маънии байт, як тараф, ки беадабӣ ба ҷаноби ҳазрати Муовия (раз.) намуда. Гӯянд, ки мушорунилайҳ дар аввал мазҳаби шиъаи шаниъа медошт, лекин дар охири ҳаёт аз он эътиқоди фосид тавба карда, валлоҳу аълам» [4, 890].

Нуктаи муҳимми сухани Акбарободӣ, ки илова бар тавзеҳи маънии байт ба даст меояд, марбут ба маълумоти ӯ роҷеъ ба мазҳаби Муҳаммадризо аст, ки гӯё дар охири ҳол аз мазҳаби аҳли ташайюъ баргашта бошад. Гоҳо чунин ҳам иттифоқ афтодааст, ки Акбарободӣ андешаи Муҳаммадризоро

нокомил ва ноқис дарёфтааст ва онро аз ягон ҷиҳат такмил бахшидааст. Чунончи:

Ҳамчу пилам бар сарам зан захму доғ,

То набинам хоби Ҳиндустону боғ [4, 4199].

«Муқаррар аст, ки пил чун Ҳиндустон ба хоб бинад, девона шавад ва илоҷаш доғ аст. Ва хоб иборат аз ғафлат аст… Ва он чӣ Муҳаммадризо навишта, ки «аз Ҳиндустон олами фонӣ мурод аст, Чунонкипил мулки Ҳиндро ватан сохта, табъи инсонӣ низ ба олами носут рахт андохта ва ғайри он ба олами дигар напардохта, интаҳо» агарчӣ метавонад, лекин муносибати том надорад, магар ки аз носут олами табиат ирода карда бошад» [4, 1504].

Чунонки дида мешавад, дар ин маврид шореҳ, ҳарчанд бо Муҳаммадризо ихтилофи назари ҷиддӣ надорад, андешаҳои ӯро қисман қабул доштааст.

Низ ҷойи дигар дар зимни шарҳи байти «Шоҳнома» ё «Калила» пеши ту// Ҳамчунон бошад, ки Қуръон аз уту» [13, 4/3463] менависад: «Ва он чи Муҳаммадризо навишта, ки «яъне «Шоҳнома» ва «Калила»-ро аҳли исён ва туғён ба манзалаи Қуръон дононд, пас аз «Маснавӣ» онҳоро чӣ насиба, интиҳо» саҳв аст чи мақсуди ин тақрир он аст, ки аҳли исён «Калила» ва «Шоҳнома»-ро ба ҷону дил писандидаанд ва ба қабули тамом баргузида, ба «Маснавӣ» куҷо майл хоҳанд кард ва чӣ гуна аз ӯ баҳраманд хоҳанд шуд» [4, 1888].

Дар мавриди дигар шореҳ баробари интиқоди шадиди андешаҳои Муҳаммадризо назари Абдулатифи Аббосиро низ мавриди интиқод қарор додааст, зеро соҳиби «Мукошифоти разавӣ» аксаран аз шарҳи Абдулатифи Аббосӣ иқтибос оварда, каломи хешро дар ҳамин мизон тавозун кардааст. Ба ин маънӣ, Акбарободӣ дар тавзеҳи ин ё он луғат на танҳо Муҳаммадризо, балки афкори Аббосиро низ нақд кардааст. Чунончи, дар фикраи поёнӣ суханони Муҳаммадризоро зимни шарҳи байти «Бар ҳаво андохт ҳар якро газоф// То ҳамезад бар замин мешуд шикоф» [13, 1/155] «ҳарза ва беҳуда» номидааст: «Газоф» ба касри аввал ду маънӣ дорад: аввал, ба маънии ҳарза ва

беҳуда бувад: дувум, бисёр ва беҳисоб ва беҳадро гӯянд. Ва ин ҷо ба ҳар ду маънӣ дуруст меафтад. Аммо ба маънии аввал пас тақрираш он ки ҳар якро ҳарза, яъне ба андак зӯрӣ ва ба адно таваҷҷуҳ бар ҳаво меандохт ва ба ин қадар андохтан ончунон ба боло мерафт, ки то бар замин меафтод, шикоф мешуд. Агар ба зӯри тамом бар ҳаво андохтӣ, зарра-зарра мегашт. Ва аммо ба маънии дувум – пас тавҷеҳаш он ки ҳар якро бисёр ва беҳад бар ҳаво меандохт ва даст аз андохтан барнадошт, то ки бар замин афтода, шикоф мешуд.

Ва он чи Муҳаммадризо навишта, ки «Абдулатиф «газоф» дар ин мақом ба маънии беҳад ва ниҳоят навишта, лекин бар маънии аслӣ, ки «абас ва беҳуда» бошад, нигоҳ доштан авло менамояд, яъне, беҳуда ба ҳаво меандохт, боистӣ пора-пора кунад, интаҳо» саросар ҳарза ва беҳуда аст» [4, 998].

Баҳсҳои зиёде, ки аз ҷониби шореҳ дар радду қабули андешаҳои шореҳони дигар гуфта шудаанд, метавонад мавзӯи баҳси алоҳидае бошад, то ба ин равиш саҳифаҳои тозае дар баррасии афкори назарии шореҳони «Маснавӣ» ва мизони сухансанҷии онон боз шавад.

### 5.3 Усули шарҳи «Маснавӣ» аз дидгоҳи Акбарободӣ

**Шарҳи луғавӣ.** Яке аз равишҳои шарҳи «Маснавӣ», ки як ҷузви фаъолияти шореҳонро ташкил додааст, шарҳу тафсири вожаю истилоҳот аст, ки ба воситаи луғатнома ва фарҳангҳо ба амал бароварда мешавад. Акбарободӣ ҳангоми шарҳи калимаҳо ҳатман ба фарҳангномаҳои муътабар такя кардааст ва ин андешаи моро номгӯи сарчашма ва луғатномаҳои маъруфе, ки дар ҷой-ҷойи асар муаллиф номи онҳоро зикр кардааст, тасдиқ менамояд. Гоҳо шореҳ барои шарҳи як моддаи луғавӣ ба чандин луғатномаҳо руҷӯъ кардааст, Чунончи, барои тавзеҳи калимаи «Табук» ба шаш китоби луғат ишора мекунад [4, 2624].

Шореҳ ҳангоми шарҳи калима ва истилоҳот аз луғатнома ва фарҳангҳои зерин баҳра бардоштааст:

1. «Муаййид-ул-фузало» [саҳ.192; 952; 1001; 1031; 2450; 2646].

2. «Бурҳони қотеъ» [саҳ. 844; 2624].

3. «Ассиҳоҳ» [саҳ. 2105].

4. «Ҳалли луғот»-и Абдулатифи Аббосӣ [саҳ. 193; 1050; 1766; 2061; 2223; 2302; 2397; 2546; 2665;].

5. «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» [саҳ. 83; 1021; 1069; 1131; 1126; 1435; 1572; 1716; 1804; 2143; 2309; 2407; 2554; 2627].

6. «Фарҳанги Рашидӣ» [саҳ. 147; 255; 2025; 2231].

7. «Фарҳанги маснавӣ»-и Абдулатиф [саҳ. 844].

8. «Латоиф-ул-луғат» [саҳ. 37; 148; 151; 192; 222; 613; 675; 727; 756; 1022; 1032; 1126; 1400; 1469; 1481; 1793; 2982; 2296; 2541; 2592; 2596; 2624].

9. «Канз-ул-луғот» [саҳ. 1569; 1792; 1975; 2443].

10. «Кашф-ул-луғот» [саҳ. 727; 728; 844; 1859; 2282; 2624].

11. «Маҷмаъ-ул-луғат» [саҳ. 938].

Бо ёрии китобҳои луғат шарҳу тафсир додани калимоти алоҳида ба шореҳ имкон додааст, ки бисёр мушкилоти маърифати «Маснавӣ»-ро ҳал кунад. Акбарободӣ ҳангоми шарҳи калимагӣ танҳо ҳамон калимаҳоеро шарҳ додааст, ки маънии он барои хонандагони замонаш номафҳум будаанд. Чун аз дидгоҳи маърифатгари имрӯз нигоҳ мекунем, ҳамин ниёзро хонандагони имрӯз низ доранд, яъне ҳамон калимаҳое, ки шореҳ онҳоро шарҳ медиҳад, барои хонандаи имрӯз ҳам як андоза ношинохтааст. Аз ин нуқтаи назар, гуфтан мумкин аст, ки забони «Маснавӣ» ҳама вақт ниёз ба шарҳу тавзеҳ дорад ва ин на аз он хотир аст, ки Мавлоно калимоти душворро бештар мавриди истифода қарор додааст, балки Мавлоно калимотро бо ҳамон тобишҳои маънавие истифода мекунад, ки барои хонанда ин ҳолат ғайриинтизор аст.

Бо ин ҳама, Акбарободӣ калимоти мавриди шарҳро бо тамоми тобишҳои маноӣ фаро гирифтааст ва паҳлӯҳои мухталиф ва маъниҳои гуногуни як вожаро дар як вақт шарҳ медиҳад. Чунончи, дар байти зер шарҳи калимаи «нажанд» чунин сурат гирифтааст:

Ки асотир асту афсонай нажанд,

Нест таъмиқеву таҳқиқе баланд [4, 1506].

«Нажанд – бо аввал ва сонии мафтӯҳ ва баъзе бо аввали максур низ хондаанд. Се маънӣ дорад: аввал андӯҳгин ва афсурдаро гӯянд; дувум пасту нишеб бошад; севум ба маънии хашмгин бувад. Ва дар ин ҷо ба маънии паст ё афсурда бувад. Ва дар ин мисраъ ишора аст ба ояи карима, ки дар пораи «ва изо самъу» дар сураи «Анъом» воқеъ шуда: «Ин ҳозо илло асотиру-л-аввалина», яъне гуфтанд куффор, ки нест ин Қуръон магар афсонаҳои пешиниён» [4, 1506].

Чунонки мушоҳида мегардад, шореҳ баробари он ки се маънии калима «нажанд»-ро зикр мекунад ва маънии дувумро дархӯри тавзеҳ меҳисобад, шарҳи хешро итмомёфта намеҳисобад ва ояти қуръониро низ ба истишҳод меоварад.

Дар шарҳи байти «Дасту по додам-т чун белу каланд, // Ман бибахшидам зи худ он кай шуданд» бошад, калимаи «каланд»-ро чунин шарҳ додааст: «Каланд бо аввал ва сонии мафтӯҳи ба нун зада се маънӣ дорад: аввал, дастафзоре бошад каландкоронро, ки бад-он заминро кананд ва онро «кананд» низ гӯянд; дувум, қуфли чӯбин бувад ва онро «каландон» низ гӯянд; севум, чизе кундаи нотарошида бувад умуман ва чӯбе бошад, ки дар қаллодаи саг бибанданд хусусан. Ва дар ин ҷо ба маънии аввал аст» [4, 1243].

Бо зикри чанд маъно тавзеҳ ёфтани луғот дар шарҳи Акбарободӣ яке аз вижагиҳои бисёр мумтози асар мебошад, зеро шореҳ дар ин замина калимотро хеле дақиқназарона, мӯшикофона, ҳаматарафа шарҳ додааст. Шореҳ дар баъзе мавридҳо, ҳангоми шарҳи мисраъҳо, танҳо ба шарҳи луғат иқдом намудааст ва барои як моддаи луғавӣ то ҳашт маънии онро зикр намудааст. Чунончи, зимни шарҳи байти 2187 «Аз ҳама уммед бибрида тамом // Дӯстону холу амму бобу мом» - танҳо ба шарҳи луғот иқдом намудааст:

«Хол» – бародари модар ва нишони рӯй ва шутури бузурги сипоҳ ва лашкар ва навъе аз бурди Яман ва номи кӯҳе ва дарвеш ва ба форсӣ маъруф.

Ва «ам» ба фатҳ – бародари падар ва ҷамоаи одамиён. Ва «боб» дар истилоҳи аҳли Форс падарро гӯянд ва дари хонаву сарой ва ба маънии ҳақ низ омада. Ва «мом» – модар» [4,1248]. Чунонкидида мешавад, шореҳ дар шарҳи калимот маҳорати комил нишон дода, бо камоли донишмандӣ чандин маънии як калимаро зикр кардааст, ки шояд чунин тарзи ташреҳи моддаи луғавӣ дар луғатномаҳо низ ба назар нарасад. Барои он ки андешаамон беасос набошад, дар зер шарҳи ҳамин байтро аз шарҳи маснавии Карими Замонӣ зикр мекунем, то ин ки тафовут равшан шавад. Мисраи дувуми ин байт дар нусхаи мавриди истифодаи Карими Замонӣ бо тағйироти андак омадааст: «Дӯстону холу амм, бобову мом». Шореҳ ягон калимаи байтро тафсир накардааст ва танҳо маънии онро чунин шарҳ додааст: «Онон аз ҳама кас қатъи умед карда буданд, яъне на дар фикри дӯстони худ буданд ва на дар фикри доӣ ва аму ва падару модари худ» [41, 3/565].

Чунонки мулоҳиза мегардад, афзалияти шарҳи Акбарободӣ дар ин ҷо хеле равшан мушоҳида мегардад. Баробари ин, шореҳ гоҳо ибороти алоҳидаро ба гунае тафсир кардааст, ки баробари шинохти маънӣ хонанда аз ваҷҳи пайдоиши он низ огоҳ мегардад. Чунончи, дар мисраи «Хуш навозиш кард ёри ғорро» [13, 2/ 2252] ибораи «ёри ғорро» ба гунаи зер шарҳ додааст: «Ёри ғор дар урф киноят аст аз дӯсте, ки камоли ихлос дошта бошад. Барои он ки Сиддиқи акбар (раз.), ки камоли ихлос бо Расули Худо (с) дошт, дар ғори Ҳиро бо Ҳазрат будааст» [4, 855].

**Шарҳи ирфонӣ.** Яке аз вижагиҳои «Махзан-ул-асрор» тафсир ва тавзеҳоти ирфонии матлаби «Маснавӣ» мебошад, ки пеш аз ҳама, аз улувви мақоми маънавии шореҳ дар вуқуфи асрору румузи ирфонӣ дарак медиҳад. Ин маъниро худи шореҳ ҳам дар дебочаи шарҳ ишора намуда, зимнан иллати дар заминаи шарҳи «Маснавӣ» тавфиқ наёфтани бархе аз шореҳонро аз асрори сӯфия ноогоҳ будани онҳо маънидод кардааст: «Баъди мутолиааш (мурод мутолиаи «Махзан-ул-асрор», – Т.С.) маълум хоҳад шуд, ки аксари шореҳон, ки иттилоъ бар ғавомизи асрори сӯфия надоштаанд, абёти байинаи онро саҳл ангошта, фурӯ гузоштаанд ва дар аксари абёт, ки батни онҳоро

нафаҳмидаанд, бар маонии зоҳир часбидаанд. Ва низ дар тақрири аксари абёти дигар, ки мутааллиқ ба асрор нест ва кори табиат ва толиби илмест, ғалатҳои аҷиб ба кор бурдаанд ва дар роҳи тавҷеҳоти баид ва ғариб пай сипарда» [4, 4].

Шореҳ маъонии «Маснавӣ»-ро барои онҳое, ки аз асрор огоҳ нестанд, «мушкилтар аз мушкил» ва барои аҳли роз «осонтар аз осон» ва худи «Маснавӣ»-ро «мушкили осон» муаррифӣ карда, менависад: «Ба ҳар ҳол, ҳазрати «Маснавӣ» китобест мушкилтар аз мушкил ва осонтар аз осон, он бар оқил ва ин бар нодон. Агар мушкили осон лақабаш ниҳем, барҷост, ки осонкунандаи мушкилҳост» [4, 4].

Дарҳақиқат, Акбарободӣ дар паҳнои шарҳи мазкур даъвои хешро собит намудааст ва дар ҳалли рамзҳо ва нукоти ирфонии «Маснавӣ» маҳорати комил зоҳир намудааст. Барои он ки матлаб равшан гардад, мо дар асоси қиссаи Дақуқӣ аз дафтари севуми «Маснавӣ» ин матлабро ташреҳ медиҳем. Ногуфта намонад, ки қиссаи Дақуқӣ аз рамзомезтарин ва муфассалтарин достонҳои «Маснавӣ» аст, ки ҳудуди 400 байтро ба худ ихтисос додааст. Мавлоно дар ин достон масъалаҳои ирфонии ваҳдати вуҷуд, иттиҳоди авлиё, таҷалли Ҳақ дар кисвати халқ ва ғ.-ро моҳирона ба назм кашидааст, ки фаҳми бисёре аз абёти он барои шореҳон мушкилӣ пеш овардааст.

Аммо тавзеҳоти ирфонии Акбарободӣ дар ин замина хонданӣ ва хеле мантиқӣ садо додаанд, ки аз рифъати маърифати ирфонии шореҳ гувоҳӣ медиҳанд. Чунончи, шореҳ зимни шарҳи қиссаи «Шунидани Дақуқӣ дар намоз афғони аҳли он киштӣ, ки ғарқ хост шуд» чунин мегӯяд: «Мурод аз «киштӣ» ҷисми Дақуқӣ аст ва аз «аҳли киштӣ», ки аз хавфи ғарқ дар фиғон буданд – ҳавос ва қувои ҷисмонӣ. Ва ҳолати фано дар аҳадият, ки бар вай дар он таваҷҷуҳ торӣ мешуд, ба сурати ғарқ шудани киштӣ дар дарё намудор гардид… Мурод аз «соҳил» олами мисол аст… Ҳазрати Зот ба сурати «дарё» намудор шудааст… «Мавҷ» иборат аз ғалабаи таҷаллии зот аст…» [4, 1245].

Ин нуктаҳо то кадом андоза дар мабоҳиси ирфонӣ огоҳӣ доштани шореҳро нишон медиҳад. Чунонки таъкид кардем, «Махзан-ул-асрор»-и

Акбарободӣ аз ҷумлаи шарҳҳоест, ки дар он шореҳ бештар кӯшидааст, матлабро аз дидгоҳи ирфонӣ ташреҳ диҳад. Аз ин рӯ, ӯ ҳар як амалиёт ва ё рафтори қаҳрамонони ҳикоёти «Маснавӣ»-ро аз ҳамин дидгоҳ тафсир карда, баъзан ба натиҷаҳои аҷибе даст ёфтааст. Чунончи, шореҳ дар атрофи масъалаи он ки «чаро он ҳафт тан дар дуои Дақуқӣ барои халосии қавми киштӣ норозӣ гардиданд ва аз миён ғоиб гардиданд?» доманаи баҳс оростааст, ки аксари шореҳон бар он ҷавоби сазовор надодаанд. Матлаб он аст, ки чун чашми Дақуқӣ ҳангоми намоз ба дарё афтод ва қавми ғарқшудаистодаро мушоҳида намуд, даст ба дуо бардошт ва аз Худо халосии он қавмро хостор шуд. Ба баракати дуои Дақуқӣ он қавм аз гирдоби бало халос ёфтанд, вале муқтадиёни Дақуқӣ, ки иборат аз ҳафт тан буданд, ин рафтори ӯро напазируфтанд, аз дари инкори Дақуқӣ даромаданд ва ба ҳамдигар гуфтанд: «Ин чӣ касест, ки дар кори Худо фузулӣ кард?». Дақуқӣ мегӯяд: Ҳамин ки сарамро ба ақиб гардонидам, то бибинам, онҳо чӣ мегӯянд, дидам, ки ҳеч кас пушти сарам нест ва гӯё ҷумла ба осмон рафта буданд. Инак, солҳост, ки ман дар орзӯи ёфтани онон ҳастам ва ҳанӯз ин фироқ ба висол напайвастааст». Ин нуктаро Акбарободӣ аз равзанаи ирфонӣ чунин таъвил кардааст: «Сирри инкори он ҷамоат, ки асмои сабъаи илоҳиянд, бар дуо ва шафоати Дақуқӣ, ки ҷомеи асмои илоҳия ва кавния аст, он бошад, ки асмои мазкура асмои рубубият ва улуҳиятанд, ки мартабаи вуҷуб аст. Ва ҳазрати вуҷубро ба ҳазрати имкон тақобул ва тазод аст, ки «байнаҳумо барзахун ло ябғиён». Ва Дақуқӣ маҷмаи баҳрайни улуҳият ва кавнайн аст ва барзахи ҷомеъи вуҷуб ва имкон. Пас, чун вай ба ҳукми ҷомеият ба олам руҷӯъ фармуд, он руҷӯъ эшонро хуш нанамуд ва пас аз руҷӯи вай ба олами ҳис, сувари олами мисол аз назари вай пӯшида шуд ва эшон ба сӯи олами ғайб ва маонӣ, ки ватани аслии эшон аст, парвоз карданд ва нопадид шуданд» [4, 1285].

Низ дар ҷойи дигар зимни байти 2188 аз дафтари севум – «Зоҳиду фосиқ шуд он дам муттақӣ, Ҳамчу дар ҳангоми ҷон кандан шақӣ» – дар мавриди калимаҳои «зоҳид», «фосиқ» ва «муттақӣ» чунин маънӣ берун

кашидааст: «Бояд донист, ки муттақӣ шудани фосиқ зоҳир аст, аммо муттақӣ шудани зоҳид, пас ба эътибори он аст, ки муттақӣ бартар аст аз зоҳид, чӣ муттақӣ касест, ки парҳез кунад аз ширку маосӣ. Ва ширк ду қисм аст: ширк дар маъбудият ва ширк дар мавҷудият. Ва зоҳид аз ширки дувум халос наёфтааст. Ва «зоҳид» қувои рӯҳонӣ аст ва «фосиқ» қувои ҷисмонӣ. Ва аз ин ҷо мустафод мегардад, ки мурод аз аҳли киштӣ ҷамеи қувои рӯҳонӣ ва ҷисмониänд, на танҳо қувои ҷисмонӣ» [4, 1248–1249].

Матлаби мазкур низ ба қиссаи Дақуқӣ иртибот дорад ва муроди шореҳ аз «аҳли киштӣ» онҳое ҳастанд, ки ба баракати дуои Дақуқӣ аз ғарқ шудан эмин монданд, аммо ин дуо боиси инкор кардани иқтидокунандагони Дақуқӣ гардид. Шореҳ ин қиссаро, ки яке аз муфассалтарин ҳикоёти «Маснавӣ» аст, аз назари ирфонӣ хеле ҷолиб шарҳ додааст. Аммо нуктаи муҳим ин ҷост, ки барои аз муҳтавои баҳсҳои миёни шореҳон дар шарҳи ҳикоёти «Маснавӣ» огоҳ гаштан, маърифатгар бояд, пеш аз ҳама, аз маонии умумии ҳамон ҳикоят ва ё достони мавриди шарҳ огоҳ бошад. Ба ибораи дигар, лозим аст, ки омӯзандаи шарҳ «Маснавии маънавӣ»-ро батамом мавриди мутолиа қарор диҳад, зеро бе тасаллути комилу фарогир бар мазмуни ҳикоёту қисас ва достону тамсилоти «Маснавӣ» дарку маърифати гуфтаҳои шореҳон ба хонанда комилан даст намедиҳад. Дар сурате, ки аксари шореҳон пайдарпайии шарҳи абёти «Маснавӣ»-ро риоя накарда, танҳо ба шарҳи абёти алоҳида пардохтаанд, бе мутолиаи саросари ин шоҳасар омӯхтани шарҳҳои «Маснавӣ» имкон надорад ва як амри беҳуда менамояд. Зеро шореҳон ба ягон амали дар назари хонандаи «Маснавӣ» табиии қаҳрамонони ҳикоёт ва достонҳои «Маснавӣ» махсусан таваҷҷуҳ ва таваққуф намуда, дар перомуни он баҳсҳои ҷолиби диққат оростаанд ва онро аз дидгоҳҳои мухталиф шарҳу таъвил карда, барои исботи назари хеш далелҳои мухталиф ироа кардаанд, ки агар хонандаи «Маснавӣ» аз амалиёти қаҳрамонони ҳикоёту достонҳои «Маснавӣ» дақиқан огоҳ набошад ва ё достонро нахонда бошад, ба умқи баҳсҳои шореҳон расида наметавонад. Барои он ки ин назарамон ба исбот расад, боз ҳам ба қиссаи Дақуқӣ мурур мекунем ва тафсири «Сирри иқтидо

кардани қавм аз паси Дақуқӣ»-ро аз равзанаи андешаи Акбарободӣ зикр мекунем.

Дар қиссаи мазкур Акбарободӣ дар мавриди ба назари Дақуқӣ намоён шудани ҳафт шамъ, аз сурати ҳафт шамъ ба як шамъ мубаддал гардидани он, боз ҳам сурати ҳафт дарахт гирифтани он шамъҳо ва ба сурати ҳафт мард шудани он ҳафт дарахт, ки ҷузве аз баёни қиссаи Дақуқӣ аз забони Мавлоност, таваққуф карда, баҳси хеле ҷолиб ва тӯлонӣ ба миён овардааст. Шореҳ рамзҳои қиссаи мазкурро ба гунаи зер ба қалам додааст: «Сирри иқтидои қавм, ки собиқ низ ба он ваъда рафта буд, он аст, ки қавм иборат аз асмои сабъаанд ва Дақуқӣ, ки инсони комил аст, мазҳари исми ҷомеъ аст, ки исмуллоҳ бошад. Ва нисбати асмо бо исми ҷомеъ нисбати аҷзо аст бо кулл. Ва зоҳир аст, ки кулл имом ва матбӯъ аст ва аҷзо муқтадо ва тобеъ. Аммо махфӣ намонад, ки он чи собиқ дар сурхии (манзур сарлавҳаи бахшҳои алоҳидаи ҳикоёти «Маснавӣ» аст, ки дар гузашта бо ранги сурх ишора мешуданд, – Т.С.) «Як дарахт шудани он ҳафт дарахт» гузашта, ки: «Як дарахт аз пеш монанди имом, Дигарон андар пайи ӯ дар қиём» он имомат ба эътибори тақаддуми табиӣ ё шарафии як исм аст бар дигар асмо, Чунончи, дар он ҷо дарёфтӣ. Ва дар ин ҷо ба эътибори ҷомеияти исмуллоҳ аст мар дигар асморо» [4, 1239–1240].

Зимни ташреҳи рамз ва тамсилоти қиссаи мазкур Акбарободӣ аз Муҳаммадризои Лоҳурӣ иқтибос оварда, онро ҷузв-ҷузв таҳлил карда, дар иртибот ба он назари хешро низ нисбат ба назари Муҳаммадризо баён медорад, ки мо онро ҷиҳати санаду далел зикр мекунем. Акбарободӣ менависад: «Ва алҳол тақрири Муҳаммадризо, ки дар баёни муродоти сурхиҳои гузашта навиштааст ва собиқ ба нақли он ваъда карда будам, нақл мекунам ва бар хатову савоби он иттилоъ медиҳам. Пас, бишнав, ки мушорунилайҳ навишта, ки «эҳтимол дорад, ки ҳафт шамъ иборат аз таҷаллии уммаҳоти сифот бошад, ки онро «аиммаи сабъа» низ мегӯянд. Ва он ҳаёт ва илм ва қудрат ва самъ ва басар ва калом аст, ки дар ҷамеи мазоҳир сироят дорад. Чун усули мавҷудоти олам шаҳодати ҷимод ва набот ва ҳайвон

аст, ки мавсум гашта ба маволиди салоса. Сифоти сабъа дар назари Шайх Дақуқӣ дар ҷилбоби (пӯшиш, – Т.С.) ҷимодӣ ба сурати ҳафт шамъ маръо гашта. Дар кисвати наботӣ ба шакли ҳафт дарахт мутаҷалло гардида. Ва дар либоси ҳайвонӣ ба шакли ҳафт мард намудор шуда. Ва, аммо, яке шудани ҳафт шамъ ва ҳафт дарахт танбеҳ бар он бошад, ки сайри солик то дар сифот аст, тааддад боқист, чун ба соҳили дарёи аҳадият расад ва аз камоли ихлос нафйи сифот кунад, ҷуз як зоти машҳуди ӯ нагардад. Ва низ танбеҳ бар он ки сифоти сабъа аз ваҷҳи осор ҳафт аст ва аз ваҷҳи зот воҳиди мутлақ. Ва метавонад, ки «абдоли сабъа»-ро бар мисоли ҳафт шамъ ба Шайх намуда бошанд, ба эътибори он ки ҳомилони нури ҳидоят эшонанд. Ва ботини эшонро чун бо якдигар мухолифат нест, ба сурати як шамъ ҷилвагар шуда, боз ба васфи аслии худ баромада, ҳафт тан гаштаанд. Ва дигар бор ба эътибори он ки асмори фавоиди вуҷудӣ ва шуҳудӣ аз баракоти зоти эшон бар мазоқи толибони Ҳақ гуворо мегардад, ба шакли ҳафт дарахт худро намудаанд. Ва дар ин мартаба низ иттиҳоди маънавиро боз намуда ва як дарахт шуданро гувоҳи ваҳдонияти худ сохта, ба ҳайъат ва ҳолати вуҷуди унсурии худҳо авд кардаaанд ва дубора ҳафт мард гаштаанд ва имом талаб намудаaанд. Зеро ки абдоли сабъа тобеи қутбанд ва Дақуқӣ қутби вақт буд, ки ӯро ба имомат ихтиёр карданд.

Ин ду тавҷеҳ бар сабили эҳтимол ба тақдим расид, вагарна авло он аст, ки ба муқтазои «ва мо яъламу ҷунуда раббика илло ҳува» чунон гуфта шавад, ки сирре аз асрори ғайб бар он орифи комил мункашиф шуд. Баёни он агар дар ин мақом лозим мебуд, Ҳазрати Мавлавӣ баён менамуданд. Кор дар ҷойи дигар аст, ки Дақуқӣ барои аҳли киштӣ дуо кард ва он ҳафт тан махфӣ шуданд, интаҳо» [4, 1240–1241].

Порчаи мазкур иқтибоси Акбарободӣ аз шарҳи Муҳаммадризои Лоҳурӣ – муаллифи «Мукошифоти разавӣ» мебошад. Чунонкидида мешавад, Муҳаммадризо дар ин фикраи тавзеҳии худ кӯшиш намудааст асрори ҳафт шамъ шудан ва дар охир ба сурати ҳафт имом даромада, аз паси Шайх Дақуқӣ иқтидо кардани он мардон, ки дар қиссаи Дақуқӣ баён гардидааст,

ибрози назар карда, асрори ирфонии онро баён медорад, вале Акбарободӣ бо овардани назари Муҳаммадризо матлабро ба гунаи дигар шарҳ медиҳад, зеро ба андешаи ӯ Муҳаммадризо «бо ин ҳама, дар он умур, ки мутааррризи онҳо шудааст, аксар ғалат карда». Шореҳ ғалатҳои Муҳаммадризоро зимни шарҳи худ чунин баён кардааст:

1. «Қавли ӯ (яъне, қавли Муҳаммадризо,–Т.С.) «чун асли мавҷудоти олам шаҳодати ҷимод ва набот ва ҳайвон аст, ки мавсум гашта ба маволиди салоса. Сифоти сабъа дар назари Шайх Дақуқӣ дар ҷилбоби ҷимодӣ ба сурати ҳафт шамъ маръо гашта… интаҳо» ғалати фош аст, чаро ки унсури оташ аз маволиди салоса нест, балки яке аз уммаҳоти он маволид аст. Маволид, ки он ҷимод ва набот ва ҳайвон аст, натоиҷи афлоку аносиранд, афлок ба манзалаи обо ва аносир ба манзалаи уммаҳоти онҳост. Ва он чи оташу обу хокро гоҳе ҷимод мегӯянд, ба эътибори он мегӯянд, ки ҷон надорад. Ва ба ин эътибор бар набот низ итлоқи ҷимод мекунанд [4, 1241].

2. «Агар гӯӣ, ки мушорунилайҳ (Муҳаммадризо,–Т.С.) аз «шамъ» – «мум» ирода карда, пас «ҷимод» гуфтан ва аз маволиди салоса шумурдан саҳеҳ бошад, гӯем, ки ин ирода хилофи муроди Ҳазрати Мавлавӣ аст, чаро ки дар абёт баёни нур ва равшании шамъҳо аст, балки гӯем, ки мушорунилайҳ аз «шамъ» – «мум» ирода накардааст. Чунончи, қавли ӯ дар эҳтимоли дувум, ки «ва метавонад, ки «абдоли сабъа»-ро бар мисоли ҳафт шамъ ба Шайх намуда бошанд, ба эътибори он ки ҳомилони нури ҳидоят эшонанд, интаҳо» дол бар он аст» [4, 1241].

3. «Ва ҳамчунин қавли ӯ, ки «абдоли сабъа тобеи қутбанд ва Дақуқӣ қутби вақт буд, ки ӯро ба имомат ихтиёр карданд, интиҳо» саҳви сареҳ аст, чӣ агар инчунин будӣ, боистӣ, ки эшон ба дуои Дақуқӣ барои аҳли киштӣ эътироз накардандӣ» [4, 1241].

4. «Ва он чӣ навишта, ки «ин ду тавҷеҳ бар сабили эҳтимол ба тақдим расид, вагарна авло он аст, ки ба муқтазои «ва мо яъламу ҷунуда раббика илло ҳува» чунон гуфта шавад, ки сирре аз асрори ғайб бар он орифи комил мункашиф шуд. Баёни он агар дар ин мақом лозим мебуд, Ҳазрати

Мавлавӣ баён менамуданд, интаҳо» – ин қавл мухбир аст, ки назди мушоруинлайҳ аз ин ҳар ду тавҷеҳ аҳадуламрайн ҳам субут надорад ва аз баёни Ҳазрати Мавлавӣ разияллоҳу анҳу бехабар аст. Ва бар соҳиби басират аён аст, ки мурод аз «ҳафт шамъ» асмои сабъаанд. Ва ҳазрати Мавлавӣ разияллоҳу анҳ дар ин мақом он чӣ ҳаққи баён кардан аст, баён фармудаанд, лекин баёни ҳазрати Мавлавӣ разияллоҳу анҳ мар ин қиссаро ба ранги ин қисса вуқӯъ ёфтааст. Чунончи, халқ аз дидани шамъҳо, бо вуҷуди чунин нуроният, бебасар ва аз дарахтону меваҳо, бо вуҷуди вуфур, бехабар буданд. Ҳамчунин, мардумон аз идроки баёни ҳазрати Мавлавӣ разияллоҳу анҳ, бо вуҷуди чунин аёнӣ, бебаҳраанд. Оре, идроки инчунин умур мавқуф бар иршоди рӯҳи пурфутӯҳи ҳазрати Мавлавӣ разияллоҳу анҳ аст» [4, 1242].

Чунонки мушоҳида мегардад, шореҳ дар ташреҳи рамзи «Маснавӣ» хеле борикбинона муносибат карда, назари хос нишон медиҳад ва дарки рамзу рози «Маснавӣ»ро баста, бар «иршоди рӯҳи пурфутуҳи ҳазрати Мавлавӣ» медонад. Ба ҳамин муносибат шарҳи Акбарободӣ бар «Маснавӣ» дар заминаҳои хоси дарёфт ва дарки худи ӯ ба вуҷуд омадааст.

Довариҳои Акбарободӣ дар канори андешаҳои Муҳаммадризо хеле мантиқӣ ва боҷуръатона садо додаанд, ки вуқуфи комили шореҳро дар заминаи маърифати «Маснавӣ» ва тасаллути комили ӯ бар рамзҳои ирфонии ин шоҳасар нишон медиҳад. Гузашта аз ин, ки ташреҳи матлаби мазкур дар шарҳи Муҳаммадризо хонандаро ба саргумӣ мекашад ва Акбарободӣ, бо назардошти ҳамин масъала, аз Муҳаммадризо ва «шореҳи дигар»-е интиқод мекунад, ки бар асрору румуз роҳ наёфтаанд ва дар достони Дақуқӣ ба дарки матлаб нарасидаанд: «Ин ҳар ду азиз аз ин маънӣ, ки мурод аз аҳли киштӣ чӣ касонанд, бехабаранд, бар зоҳир ҳамл кардаанд» [4, 1248].

Аммо ин андешаҳо маънои онро надорард, ки назароти Акбарободӣ дар мавриди ташреҳи рамзи ирфонии «Маснавӣ» ҳамеша қобили қабул бошад. Дар шарҳи Муҳаммадризо ҳам нуктаҳои мармузе ҳастанд, ки хеле ҳунармандона мавриди ташреҳ қарор гирифтаанд ва мо тавзеҳи ин матлабро дар мавриди худ хоҳем зикр намуд.

Нуктаи дигар, ки тавфиқи Акбарободиро дар шарҳи мушкилот ва рамзҳои ирфонӣ нишон медиҳад, унсу улфати шореҳ бар «Маснавӣ» аст, ки болотар ба он ишорае рафт. Валимуҳаммад Мавлавиро «муршиди ҳақиқӣ»-и худ медонад ва бар он аст, ки ба баракати ҳамин иртиботи рӯҳонӣ тавонистааст, ба зовияҳои ношинохтаи ирфонии асар роҳ ёбад. Чунончи, зимни шарҳи байти 2052 аз дафтари севуми «Маснавӣ» менависад: «Ин байт ба равише воқеъ шудааст, ки ба завқ медонам, ки ҳеч кас дар фаҳми маънии вай ба савоб нарасида бошад, илло маншоаллоҳ… Агар муршиди ҳақиқӣ Ҳазрати Мавлавӣ (раз.) маънии ин байт илқо намефармуданд ва бар далолати алфоз огоҳ наменамуданд, ман ҳам мисли соир-ун-нос хаторо аз савоб надонистаме ва фарқи миёни мақсуди ин натавонистаме…» [4, 1213].

Ин нукта, бешубҳа, баёнгари он аст, ки Акбарободӣ бар асари огоҳӣ аз куллиёт ва ҷузъиёти фикри Мавлоно бар олами рози «Маснавӣ» роҳ ёфтани хешро иброз доштааст. Шореҳ ба ҳамин асли баён ба бисёр масъалаҳои душворёби «Маснавӣ» роҳ бурдааст. Дар шарҳи байти 1381 (дафтари 3) менависад: «Ва уламо дар ин ҷо таъвилот кардаанд ва баъзе гуфта, ки ин ҳадис аз ҷумлаи муташобеҳот аст. Чунончи, Шайх Абдулатиф дар шарҳи худ нақл кардааст ва шореҳон дар ин мақом оҷизанд, он чи Ҳақ бар ин фақир мункашиф кардааст, менависад… « [4, 157–158].

Шореҳ ҳангоми шарҳи абёт ба як масъала аз чандин равзана менигарад ва бо таҳлилу муқобалаҳои қавии мантиқӣ баҳсҳои аҷиб барпо мекунад, ки ин равиш ба шарҳ танаввуъ ва рангинии хоса бахшидааст. Чунончи, дар шарҳи байти:

Чун малак анвори Ҳақ дар вай биёфт,

Дар суҷуд афтоду дар хидмат шитофт [13, 1/1247]

шореҳ пас аз баёни маънии мутадовили байт, ки «малоик пас аз мушоҳидаи анвори Ҳақ ба Одам саҷда бурданд ва Иблис аз мушоҳидаи Ҳақ маҳрум монд ва аз саҷда рӯй тофт», барои тавзеҳи дақиқу муфассал аз «Мантиқ-ут-тайр»-и Шайх Аттор чунин мисол меорад: «Ва Ҳазрати Шайх Фаридаддини Аттор, қуддиса сирруҳу, дар «Мантиқ-ут-тайр» аз Амри

Бӯусмон нақл мефармоянд, ки Ҳақ таоло дар вақти нафхи рӯҳ дар ҷисми Одам хост, ки малоик бар нури Одам мутталеъ шаванд ва ба ҳамин ирода эшонро ҳукми саҷда фармуд, чун эшон ба муҷарради амр ба саҷда афтоданд, ночор аз иттилоъ бар сирри Одам маҳрум монданд. Ва Иблис, ки саҷда накард ва дар пайи таҷассус ва иттилоъ бар сирри Одам гашт, маҳрами роз шуд ва нури Одамро дарёфт. Пас ин сухан бо каломи Ҳазрати Мавлавӣ (раз.) мухолиф менамояд, лекин дар ҳақиқат мухолиф нест, агар дарёбӣ, ки малоик чист ва Иблис кист» [4, 143]..

Шореҳ, пас аз зикри ин сухан, ба ташреҳи матлаб аз дидгоҳи дигар қурбат меҷӯяд, ки онро метавон дидгоҳи хоси ирфонии шореҳ унвон кард: «Ва фақир муҷмал ба ту мегӯяд, бишнав, ки малоик ва Иблис ғайр аз қувои ту нестанд, пас сомеа ва босира ва ғайраҳумо дар ҳар вақт, ки инсон эшонро кор фармояд, ба муҷарради амр дар саҷда меоянд ва ба хидмат мегароянд ва эшонро аз сирри ҳазрати инсон ҳеч хабар нест. Ва чун Иблис, ки назди баъзе иборат аз ваҳм аст, мутеъ ва мунқоди инсон нашуд ва қадам бар ҷодаи истиқлол ниҳод ба ҷамеи хавориқ ва каромот, ки камолоти инсонианд, балки дар ҳақиқат камолоти ҳазрати ҳақанд, муттасиф шуд ва ҳамин иттисоф ба сифоти ӯст. Ва агар аз Иблис ақли ҷузвӣ, ки мункари тавҳид аст, мурод бошад, низ дуруст мешавад, ки ақли ҷузвӣ баъд аз талаб ва саргардонӣ ба дарёфти суҳбати ақли куллӣ, ки муршиди комил бошад, соҳиби маърифат мешавад» [4, 143].

Азбаски шореҳ дар шарҳи рамзи ирфонии «Маснавӣ» бештар аз дидгоҳи мактаби Ибни Арабӣ ва шореҳони осори ӯ наздик мешавад, ин ҷо низ дар партави ҳамин дидгоҳ изҳори назар карда, зимнан ба он ишора низ мекунад: «Ва… «Иблис» иборат аз «нафс» бошад, чунончи, ҳазрати Довуди Қайсарӣ қуддиса сирруҳу – шореҳи «Фусус-ул-ҳикам» низ бар он аст» [4, 143].

Хулосаи муҳимми ин бахш дар ин андеша гиреҳ мехӯрад, ки Акбарободӣ бар асари доштани нигоҳи фардӣ дар бозкушои асрори «Маснавӣ» маҳорати комил нишон додааст ва бо тарзи хос ба шарҳи

мушкилоти «Маснавӣ» иқдом намудааст. Ин тавфиқи шорехро наметавон аз доираи мутолиоти фарох ва доманадори ӯ дар заминаи осори илмии ирфонӣ, рисолаҳои ҷудогона ва назарсанҷиҳои бесобиқааш ҷудо арзёбӣ намуд. Маҳз ҳамин ду нукта – нигоҳи пурвусъату борикбин ва истифода аз осори мухталифи илмӣ, луғатномаҳо, рисолаҳо, шарҳҳо, насри бадеӣ, рисолаҳои мазҳабӣ, маснавиҳои ҷудогона ва ғайра шарҳи Акбарободиро хонданӣ ва ҷолиб гардонидаанд.

### 5.4 Сарчашмаҳои шарҳи Акбарободӣ

Дар мавриди он ки Қуръони карим аввалин сарчашма дар таълифи «Махзан-ул-асрор» будааст, ҷойи тардид нест ва умуман боҷуръат метавон гуфт, ки ҳеч яке аз шореҳони «Маснавӣ» бе истифода аз ин китоби муқаддас наметавонист, шарҳи хешро тамомият бахшад, чаро ки тору пуди «Маснавӣ» сиришта аз маонии Қуръон аст.

Акбарободӣ ҳам дар робита ба иртиботи маънавию сохтории «Маснавӣ» бо Каломуллоҳ, ки муҳаққиқони муосир низ дар ин маврид ишороти фаровоне доранд, таъкид карда, дар чанд маврид ба ҳамон қавли маъруфи мансуб ба Ҳазрати Ҷомӣ – «Маснавии маънавии Мавлавӣ// Ҳаст Қуръон бо забони паҳлавӣ» муътақид будани хешро баён кардааст. Чунончи, менависад: «Ҳазрати Мавлавӣ (раз.) низ мутобиқи каломуллоҳ дар ин китоб, ки Қуръони порсӣ аст, аз баёни суҷуд ва итлоқ сукут фармудаанд…» [4, 144].

Низ ҷойи дигар менависад: «Таъни «Маснавӣ»-ро, ки Қуръони порсӣ аст, махлас ва гурезгоҳ меҷӯӣ… намедонад, ки тамоми «Маснавӣ» Қуръони порсӣ аст ва тоунаш тоуни Қуръон…» [4, 1509]. Ҷойи баҳс нест, ки корбурди оёти фаровони Қуръон, ки дар шарҳи мазкур омадааст, ба асар рӯҳу қудрати сухан бахшидааст, вале зикри ин нуктаро низ зарур мешуморем, ки Акбарободӣ барои истидлоли қавӣ бахшидани назароти хеш аз тафосири қуръонӣ низ баҳраи зиёд бардоштааст.

Тафосири қуръонӣ ҳамчун яке аз сарчашмаҳои фикрӣ ва осори гаронқадри мазҳабӣ ба шореҳ имкон додааст, ки дар бозкушои матлаби зиёди баҳснок муваффақ шавад. Чунончи,

Ман Халилам, ту писар пеши бичук,

Сар бинеҳ, «иннӣ аронӣ азбаҳук» [13, 3/4174].

Ин байт чанд ишкол дорад, ки дарки маънои онро ба хонанда душвор мегардонад. Нахуст, дар мисраи аввал калимаи туркии «бичук» (пичоқ), ки маънии «корд»-ро дорад, корбаст гардидааст. Ишколи дигари байти мазкур дар мисраи дувум аст, ки ишора ба сураи Соффот, ояти 102 дорад: «Гуфт (Иброҳим): эй писари нозанинам, ба хоб дидам, ки бисмилат кунам. Бингар, ки дар ин амр чӣ раъй дорӣ?). Ва ниҳоят, ин байт дар мавриди он ки забеҳ кӣ буд (Исмоил ё Исҳоқ?) баҳс мекунад, ки дар ин масъала донишмандон ва муфассирони ҷаҳони ислом назароти мухталиф баён кардаанд. Акбарободӣ дар ин замина аз ду тафсир матлаби мавриди баҳсро нақл карда, як андоза, бар он нуқтаи таммат гузоштааст. Тафсири аввал, ки матлаби он бо забони арабӣ баён мегардад, ҳамчун тафсири «Мадорик» зикр шудааст: «Эй азиз! Он чӣ гуфта шуд, ки мазбуҳ Исҳоқ буд, на танҳо ҳазрати Шайх (раз.) бар он аст, балки ихтилофи саҳоба ва тобеин ҳам дар миён аст, Чунонки дар тафсири «Мадорик» мастур аст» [4, 1500].

Баъд аз баёни ин нукта шореҳ матлабро аз китоби Мадорик ва бо забони арабӣ зикр мекунад. Шореҳ боз ҳам барои исботи он ки забеҳ маҳз Исҳоқ буд, матлаби аҷиберо аз «Тафсири Ҳусайнӣ» баён медорад, ки он номаи Ҳазрати Яъқуб ба малики Миср аст, ки пас аз Бин Ёминро ба ҷурми дуздӣ дар Миср нигоҳ доштани Юсуф навишта шудааст. Дар ин нома Яъқуб насаби гузаштагони хешро зикр карда, аз ҷумла менависад: «Аз Яъқуби Исроилуллоҳ ибни Исҳоқи Забеҳуллоҳ ибни Иброҳими Халилуллоҳ ба сӯи малики Миср. Аммо баъд, мо он аҳли байтем, ки балоро муваккали мо гардонидаанд. Ҷаддам Иброҳимро дасту пой баста, дар оташи Намруд афканданд. Ва падарам Исҳоқро корд бар ҳалқ ниҳоданд, Худо барои ӯ фидо фиристод. Ва маро писаре буд, дӯсттарини ҳамаи фарзандон ба ман,

бародарон ӯро ба саҳро бурданд ва пероҳани хунолуда ба ман оварданд. Ӯро гург хӯрд. Ман дар фироқи ӯ чандон гиристам, ки чашмам сафед шуда. Ӯро бародари айнӣ буд, ки ман бар вай тасалло доштам. Ту ӯро ба дуздӣ гирифтаӣ ва нигоҳ доштаӣ. Ва мо на аз он хонаводаем, ки дуздӣ кунем, ё аз мо дузде бизояд. Агар ин фарзандро бар ман фиристӣ, фабиҳо ва илло бар ту дуое кунам, ки асари он ба фарзанди ҳафтумини ту бирасад, вассалом» [4, 1500–1501].

Ҳарчанд масъалаи мазкур аз лиҳози динӣ баҳснок боқӣ мемонад, тарзи ташреҳ, баҳс ва истинод овардан аз сарчашмаҳои мазкур шарҳи байти мавриди назарро хеле аҷиб ҷилва додааст.

Акбарободӣ, ҳангоми шарҳи матлабе, ки бо Қуръон иртибот дорад, бо овардани асноди тафосири мухталиф андешаҳояшро бештар асоснок кардааст.

Шореҳ аз тафсир ва осори марбут ба шинохти Қуръон ба тариқи зерин истифода кардааст, ки мо порае аз онҳоро бо зикри саҳифаи шарҳ нишон медиҳем:

1. «Тафсири Ҳусайнӣ» [саҳ. 240; 1345; 1500; 1958].
2. «Тафсири Кашшоф» [саҳ. 1372].
3. Тафсири «Мадорик» [саҳ. 1500].
4. «Тафсири мунир» [саҳ. 877].
5. «Анвор-ул-фурқон ва азҳор-ул-Қуръон» [саҳ. 802].
6. «Саҳеҳ»-и Бухорӣ [саҳ. 1420; 1530; 2201].

Акбарободӣ ҳангоми шарҳ аз сарчашмаҳои мухталиф истифода кардааст, ки иборат аз девони шоирон, осори ирфонӣ, китобҳои мазҳабӣ, луғатномаҳо, фарҳангномаҳо, шарҳҳо, тазкираҳо, тафсирҳо, маснавиҳо, осори ҷуғрофӣ, абёти шоирони ҷудогона ва ғайра иборат мебошанд. Аксари иқтибосҳо чандон калон нестанд ва вобаста ба талаботи байти шарҳшаванда омадаанд. Ба назар мерасад, ки Акбарободӣ ҳангоми шарҳи мафҳумҳои динӣ, ирфонӣ ва мазҳабӣ бештар ба осори марбут ба ин мавзӯъ такя мекунад. Махсусан, ҳангоме ки бо кӯмаки рисолаҳои ирфонӣ вожагони калидӣ ва ё

истилоҳоти хос маънидод карда мешаванд ва ё сарчашмаҳои мазҳабии дигар мавриди истифода қарор мегиранд, шореҳ аз иқтибосҳои калони иборат аз ду ва сесафҳаӣ низ сарфи назар намекунад. Аммо, хеле ҷолиб аст, ки шореҳ пеш аз истифодаи сарчашма ва маъхази мавриди истифода, дар аксари маврид номи он сарчашмаро зикр мекунад ва сипас онро тариқи иқтибос истифода мебарад. Чунончи, ҳангоми шарҳи байти «Ман каломи Ҳаққаму қоим ба зот, // Қути ҷони ҷону ёқути закот» [13, 3/4287] пас аз баёни ду маънии луғавии калимаи «закот» дар таҳқиқи мафҳуми «каломи Ҳақ» ва шарҳи маънии «Оё каломи Ҳақ қадим аст ё ҳодис?» менависад: «Дар рисолаи «Дуррат-ул-фохира», ки таснифи Ҳазрати Мавлавӣ Ҷомӣ аст, – қуддиса сирруҳу, ба тафсили тамом мастур аст. Ва фақир дар ин ҷо тамоми иборати рисолаи мазкур, ки дар таҳқиқи калом аст, нақл мекунад, то ҳақиқати ҳол камо ҳия мункашиф шавад» [4, 1509].

Пас аз зикри ин нукта тамоми матлаби роҷеъ ба ин масъаларо дар се сафҳа ва бо забони арабӣ зикр мекунад ва дар хотима мегӯяд: «Ин аст иборати «Дуррат-ул-фохира», ки дар таҳқиқи калом аст ва дар ин ҷо толиби таҳқиқро кор тамом аст» [4, 1509–1512]. Аз ин матлаб барои хонанда дар кадом мавзӯъ баҳс кардани рисолаи номбурдаи Ҷомӣ, инчунин бо забони арабӣ таълиф шудани он равшан мегардад.

Низ дар ҷои дигар аз «Силсилат-уз-заҳаб»-и Ҷомӣ як байтро ба тариқи зер нақл мекунад:

«Ҳазрати Мавлавӣ Ҷомӣ қуддиса сирруҳу ас-сомӣ дар ақоид, ки дар китоби «Силсиллат-уз-заҳаб» аст, баён фармудаанд, мефармоянд, ки:

«В-ар даре аз шафеъ нагшояд,  
Арҳамурроҳимин бибахшояд» [4, 1244].

Баъзан шореҳ аз овардани матлаби зиёди сарчашмаҳо худдорӣ карда, ба эътибори иштиҳори он қисме аз матлабро зикр карда, сипас аз баёни муфассали он худдорӣ кардааст. Чунончи, дар шарҳи байти «Рафт дарвеше зи шаҳри Толиқон // Баҳри сити Булҳасан то Хориқон» менависад: «Толиқон номи шаҳрест маъруф ва Хориқон номи деҳест аз Хуросон, наздик ба Бастом

ва ӯро Харақон низ гӯянд. Дар «Тазкират-ул-авлиё» мазкур аст, ки «Шайх Абӯалӣ Сино, ки дар фалсафа ва ҳикмати тиб ва анвои улум назири худ надошт, овозаи Абулҳасанро шунид, ҳавас афтод ӯро, ки ба зиёрати Шайх равад. Пас ба Харақон омад ва бар дари хонақоҳ шуд. Шайх он рӯз ба ҳезум овардан рафта буд. Абӯалӣ даст бар дар зад, хотун дар паси дар омад ва гуфт: Кист? Гуфт: Шайх куҷост, ки ба дидани ӯ омадаам. Хотун гуфт: Чӣ хостӣ аз дидори ин зандиқи солус. Ва аз ин суханон бисёр гуфт, ба воситаи он ки Шайхро мункар буд. Ва Бӯалӣ бар он назар накард ва хабар пурсид. Гуфт: Ба саҳро рафтааст. Абӯалӣ бад-он ҷониб рафт, шайхро дид, ки меомад хирворе ҳезум бар шере ниҳода ва мореро тозиёна сохта…» [4, 2255–2256].

Шореҳ бо назардошти маъруфияти қиссаи мазкур онро бо тамомият нақл намекунад ва мегӯяд: «Пас «дарвеш» дар ин ҷо киноят аз Абӯалӣ бошад ва шояд, ки ин дарвеш шахсе дигар бувад ва ин сурат ҳардуро рӯй намуда бошад» [4, 2456].

Сарчашмаҳои дигари фикри шореҳро китобҳои роҷеъ ба тасаввуф ва рисолаҳои алоҳидаи ирфонӣ ташкил додаанд. Қисме аз китобҳои бунёдии тасаввуф, ки бештар мавриди истифодаи шореҳ қарор гирифтаанд, аз инҳо иборатанд:

1. «Футуҳоти Маккия» [саҳ. 40; 83; 216; 221;1511; 1523…]. Яке аз пуркорбурдтарин сарчашмаҳое, ки мавриди баҳрабардории Акбарободӣ қарор гирифтааст, ҳамин асари Ибни Арабӣ аст, ки аз рӯи ҳисоби мо танҳо дар шарҳи як дафтари «Маснавӣ» беш аз 60 мавриди истифода доштааст.

2. «Фусус-ул-ҳикам» асари дигари Ибни Арабӣ аст, ки бештар аз «Футӯҳоти Маккия» шореҳ истифода кардааст. Акбарободӣ дар шарҳи дафтари севуми «Маснавӣ» дар 80 мавриframework аз маводи ин китоб баҳраманд гардидааст.

3. «Шарҳи рисолаи тасвия»-и Шайх Муҳибуллоҳи Аллоҳободӣ. Ин шахс аз шореҳони «Фусусу-л-ҳикам»-и Ибни Арабӣ буда, бино ба ишораи Акбарободӣ асари дигаре бо номи «Манозири ахассулхос» низ доштааст, ки дар пайравии «Фусусу-л-ҳикам» ва бо забони арабӣ навишта шудааст.

Акбарободӣ номи ин шахсро дар ҳама маврид бо эҳтиром ва бо ибороти «Ориф биллоҳ, ҳазрати Шайх Муҳибуллоҳи Аллоҳободӣ» зикр карда, аз асараш иқтибосоти фаровон овардааст [4, 1250].

Китобҳои дигари ҳамчун маъхаз истифодакардаи шореҳ ба қарори зайл мебошад:

4. «Ал-Кашшоф»-и Замахшарӣ [саҳ. 2572].
5. «Рашаҳот айн-ул-ҳаёт» [саҳ. 353; 382; 392; 449; 588; 1115; 1234; 1331; 2476…].
6. «Тазкират-ул-авлиё»-и Шайх Аттори Нишопурӣ [саҳ. 2456].
7. Шарҳи Қайсарӣ [3; 1249; 1264].
8. Шайх Абдулҳақи Деҳлавӣ, муаллифи «Такмилу-л-имон» [саҳ. 1264]
9. «Лавоеҳ» [саҳ. 376; 615; 683; 1149…].
10. «Ламаот»-и Ироқӣ [саҳ. 488; 667; 1090; 1091; 1380; 2203…].
11. «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Ҳуҷвирӣ [саҳ. 434] ва ғ.

Баробари ин, чандин рисолаҳои тасаввуфӣ ва шарҳи рисолаҳои мухталифро метавон номбар кард, ки барои тақвияти андешаҳои шореҳ мавриди истифода ва баҳрабардорӣ қарор гирифтаанд. Тафовут дар корбурди ин қабил осор дар қиёс бо шарҳҳои «Маснавӣ» дар он аст, ки шореҳ ба чунин китобҳо на ба хотири интиқод, балки танҳо ба хотири тақвият бахшидани андешаҳои хеш руҷӯъ мекунад. Номгӯи чанде аз ин осорро чунин нишон додан мумкин аст:

1. Рисолаи қофияи Ҷомӣ [саҳ. 1147].
2. Рисолаи Нуриддин Аҳмад [ки низ дар арӯз ва қофия баҳс мекардааст, р.к. саҳ. 1147].
3. Рисолаи Ҳафт аҳком [саҳ. 1159].
4. Расоил [ин ҷо расоили Шайх Наҷмуддини Кубро дар назар аст; р.к. саҳ. 1789].
5. Шарҳи рисолаи тасвия [саҳ. 1249].
6. Шарҳи рисолаи Шайх Наҷмуддини Кубро [саҳ. 1272].
7. Шарҳи шамоил [1142; 1332].

8. Шарҳи «Фусус-ул-ҳикам»-и Қайсарӣ [саҳ. 143; 304; 1191].

9. Шарҳи «Ламаот»-и Ҷомӣ [697; 705].

10. Шарҳи рубоиёт-и Ҷомӣ [328; 377; 378; 589; 599; 1210; 1279; 1282; 1283; 1907; 2342; 2476 ва ғ.].

11. Шарҳ-ус-суннат [саҳ. 114].

12. Шарҳи «Махзан-ул-асрор»-и Низомӣ [саҳ. 2158; 2246].

13. Шарҳи Ҳидоят [Ал-ҳикмат] [саҳ.332] ва ғ.

**Осори адабию бадеӣ** аз сарчашмаҳои дигарест, ки дар шарҳи Акбарободӣ фаровон ба кор бурда шудааст. Дар шарҳ номи осори зиёди адабию бадеӣ, ахлоқию таълимӣ, аз қабили «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ [саҳ. 1888], «Бӯстон»-и Саъдӣ [саҳ. 1349], «Ҳадиқат-ул-ҳақоиқ»-и Саноӣ [саҳ. 2013], «Силсилат-уз-заҳаб»-и Ҷомӣ [саҳ. 1244], «Калила ва Димна»-и Насрулло [саҳ. 966; 967; 1888], «Гулшани роз»-и Шабистарӣ [саҳ. 2160], «Мусибатнома» [саҳ. 1561] ва «Мантиқ-ут-тайр»-и Аттор [саҳ. 143; 144; 1561] ва ғайра ба муносиботи гуногун оварда шудаанд. Чунончи, зикри Ҳофизи Шерозиро ба муносибати шарҳи иборай «оби ҳайвонӣ» [саҳ. 2807] чунин овардааст, ки аз муҳтавои он баёни афкори ирфонии шореҳ ба хубӣ ошкор мегардад: «Яъне он (оби ҳайвон, – Т. С.) чашмаи илм ва маърифат аст, ки ҳар кӣ аз он бихӯрад, то абад зинда монад, на он ки он чашмаи хориҷ аз шахс бар рӯи замин дар мавзеи муайян дар ҷойи торик мавҷуд аст, ки касе ба он расидан наметавонад, Чунонки авом мепиндоранд. Ва он чӣ Ҳофиз фармудааст:

Ҳаргиз намирад, он кӣ дилаш зинда шуд ба ишқ,

Сабт аз бар ҷаридаи олам давоми мо -

низ машъар ба ҳамин маънӣ аст, зеро ки ишқ дар истилоҳи сӯфия иборат аз зоти Аллоҳ аст, пас ҳар кӣ ба зоти Ҳақ зинда шуд, яъне худро айни зоти Ҳақ донист… ҳаргиз намирад…» [4, 1349].

Азбаски шореҳ дар сарзамини Ҳинд – гаҳвораи тамаддун ва фалсафаи Шарқ зиндагӣ кардааст, табиист, ки афкори соҳибони мазҳабҳои гуногуни ин сарзамин дар шарҳ партав афкандааст. Ҳарчанд шореҳ маънии мавриди

писанди хешро баён мекунад, боз ҳам ба назароти мазоҳиби дигар таваҷҷуҳ менамояд ва онро барои хонанда шарҳ медиҳад. Чунончи, дар байти 4209 аз дафтари севум зимни шарҳи матлаб бо овардани ақоиди мазоҳиби ғайр, аз қабили «даҳрия», «табиия» ва «таносухия» аз ақидаи таносухи рӯҳ ёд кардааст: «Яъне аз Худо бихоҳ, ки маънии ин нуктаҳо камо ҳия бифаҳмӣ ва ба зоҳири алфоз назар карда, лағзиш накунӣ ва ба мазҳаби даҳрия ва табиия наяфтӣ ва инкори сонеъ накунӣ. Даҳрия мегӯянд, ки «мавҷудот аз таъсири даҳр ба воситаи афлок ва аносир пайдо мешаванд». Ва табиия мегӯянд, ки «табиати ҳар шайъ онро пайдо мекунад, ба иҷтимои асбоб шайъ худ ба худ зоҳир мешавад». Ва ё «лағзиш» афтодан дар мазҳаби аҳли таносух бувад. Таносухия мегӯянд, ки одамӣ, чун мемирад, ба сабаби гуноҳони хеш навбат ба навбат дар сувари ҷамеи мавҷудот медарояд, то ки дар ҷимодот мутаваллид мешавад ва боз аз он ҷо ба наботот меояд. Ва аз он ҷо ба ҳайвонот ва аз он ҷо ба сурати инсонӣ пайдо мегардад. Ва ҳамчунин боз дар сувари ҷамеи мавҷудот медарояд, магар касе, ки ба маърифати Ҳақ бирасад. Пас ӯ баъди мавт аз омадушуд наҷот меёбад ва дар зоти Ҳақ маҳв мегардад. Ва агар он шахс солеҳ аст ва ориф нест, пас вай низ аз омадушуд наҷот меёбад, лекин вай дар олами фariштагон меравад». Ва мазҳаби ҷамеи аҳли Ҳинд ҳамин аст…» [4, 1503–1504].

### 5.5 Нусхаҳои мавриди истифодаи шореҳ

Шореҳони «Маснавӣ» теъдоде аз нусхаҳои қаламии мухталифро дар ихтиёр доштанд ва ҳангоми шарҳ аз онҳо истифода мекарданд. Аз ин сабаб хурдтарин тафовуте ҳам, ки дар матн ҷой дошт, аз назари онон берун намемонд ва назари хешро дар бораи фарқи нусхаҳо дар мавқеи худ баён мекарданд. Чунончи:

Чун бирондӣ шаҳвате паррат бирехт,

Ланг гаштӣ в-он хаёл аз ту гурехт [13, 3/ 2136].

Яъне, аз рондани шаҳватат он майлу муҳаббат, ки боиси қатъи тааллуқоту мӯҷиби ҷилои оинаи дил бувад, завол пазирад ва сурати маҳбуби

маҷозӣ, ки миръоти шоҳиди ҳақиқат аст ва ба робитаи муҳаббат дар оинаи дил нақш баста, рӯ ба эҳтиҷоб ниҳад.

Ва дар баъзе нусах мисраи аввал ба ин равиш аст, ки «Чун бирондӣ шаҳвату паррат бирехт…». Ва агарчи маънии нусхатайн муттаҳид аст, лекин таркиб мухталиф…» [4, 1238–1239].

Чунонки дида мешавад, шореҳ айни як байтро аз рӯи ду нусха мавриди шарҳ қарор додааст, вале, азбаски ин тафовут чандон ҷиддӣ нест ва ба маънӣ халал ворид намесозад, ҳарду қаринаро мақбул донистааст. Шореҳи англис Николсон ҳам қаринаи аввалаи ин байтро пазируфта, зимнан байтро хеле мушаххас шарҳ додааст: «Агар сирфан бар ҳавои нафс равӣ, наметавонӣ бар авҷи ҳақиқат пар кашӣ: нақш ва сурати рӯҳонии маъшуқи ту аз дилат маҳв мешавад» [78, 3/1178].

Аз ишораҳои Акбарободӣ маълум мегардад, ки ӯ ба масъалаи тасҳеҳи тафовути мисраъ ва абёти «Маснавӣ» муносибати ҷиддӣ дорад ва дар ин маврид бо шореҳони дигар ва махсусан муаллифи «Мукошифоти разавӣ» доманаи баҳс меорояд ва ӯро шадидан мавриди интиқод қарор медиҳад. Чунончи:

Ман налофам в-ар билофам ҳамчу об
Нест дар оташкушиам изтироб.
Чун бидуздам? Чун ҳафизи махзан ӯст,
Чун набошам сахтрӯ? Пушти ман ӯст [13, 3/4137- 4138].

Баҳсе, ки Акбарободӣ дар сари байти дувум ба вуҷуд овардааст, чунин аст: «Мурод аз «махзан» ҷон аст. Яъне, чун ҳофизи ҷони ман Ҳақ аст, пас ман ҷонро чаро аз маҳалли хавф бидуздам ва муҳофизат кунам…

Ва он чӣ Муҳаммадризо навишта, ки «яъне, лофзан дузд ва лофзанӣ дуздӣ аст ва дуздӣ ва хиёнат аз ман наёяд, зеро ки ҳофизи махзани ғайби Ҳақ таолоро медонам. Пас, гуфтаи ман лоф набошад, интаҳо» ҳашв аст. Ва он чӣ гуфта, ки «агар ба нун бихонанд (чун надуздам, – Т.С.) маънӣ чунин бошад, ки гуфтаҳои ман, хоҳ лоф бошад, хоҳ ғайри лоф бошад, аз он махзан аст ва

маро бо ӯ сарукор, чаро надуздам, интаҳо» ғалат кардааст, ки лафзи «бидуздам»-ро ба «нун» таҷвиз намудааст. Бо он ки тақрираш косид ва фосид аст ва чаро набувад, ки бунёди вай бар фасод аст ва бо вуҷуди ин матои косид ба зӯъми фосид навишта, ки «ва абёти оянда ҳамин маъниро таъйид мебахшад» [4, 1498–1499]. Чунонки дида мешавад, Муҳаммадризо матлабро аз рӯи ду қарина мавриди шарҳ қарор додааст, вале дар ҳар ду маврид ҳам Акбарободӣ таъвилотро намепазирад ва ба накди ҷадалӣ мепардозад.

Чунин назарҳо дар шарҳи Акбарободӣ хеле фаровон буда, бар он далолат мекунанд, ки шореҳони «Маснавӣ» на танҳо бо шарҳҳои пеш аз худ ошноӣ доштанд ва муносибаташонро нисбати асли тафсири шореҳони салаф баён мекарданд, балки ҳангоми шарҳи «Маснавӣ» аз рӯи нусхаҳои мухталиф ба баҳсу баррасӣ мепардохтанд ва афзалияти нусхаеро бо санаду далелҳои мантиқӣ баён мекарданд.

Диду нигоҳи интиқодии Акбарободӣ на танҳо бар шарҳи Муҳаммаддризо ва Абдулатиф, балки дар перомуни нусхаҳои номазбути дигари «Маснавӣ», ки дар Шибҳи қора роиҷ будааст, баён гардидааст. Шореҳ бо санаду далелҳо нодурустӣ ва дурии забтҳои номазбути онҳоро равшан мекунад. Чунончи, менависад: «Ва он чӣ дар баъзе нусахи сақима «бигир» воқеъ шуда, ба сиғаи амр таҳрифи носихон аст, чун маънии «магир» нафаҳмидаанд ва онро ҳамл бар саҳви котиб карда ва «бо ту» навиштаанд» [4, 330].

Бо вуҷуди он ки шореҳ ба илҳоқӣ будани бархе абёти мавриди назари худ ишора мекунад, боз ҳам ба шарҳи он иқдом намудааст. Аммо, ин зуҳурот танҳо хоси шарҳи Акбарободӣ набуда, дар куҳантарин шарҳи «Маснавӣ» – шарҳи Камолуддини Хоразмӣ ва шарҳҳои дигар низ ба равшанӣ мулоҳиза мегардад. Бояд гуфт, ки қисме аз абёти илҳоқии «Маснавӣ» ончунон бо абёти аслии он шабоҳат доранд ва бо сохторҳои забонии «Маснавӣ» мувофиқ сохта шудаанд, ки шинохти онҳо корест душвор.

Аз ин хотир, мутолиа ва таҳқиқи таърихӣ дар мавриди чигунагӣ ва сабабҳои пайдоиши абёти илҳоқӣ дар маснавишиносии таърихӣ аз воҷиботи матншиносӣ ба ҳисоб меравад.

1. «Махзан-ул-асрор»-и Валимуҳаммади Акбарободӣ аз ҷумлаи шарҳҳои бисёр муътабар, муфассал ва арзишмандест, ки дар миёни шарҳҳои дигари муътабари сарзамини Ҳинд бо фазоили бешумори худ имтиёз мекунад. Ҳарчанд гузориши мазкур ба шарҳи тамомии абёти «Маснавӣ» ихтисос надорад ва тақрибан нисфи абёти онро фаро гирифтааст, боз ҳам дар шумори муфассалтарин шарҳҳои «Маснавӣ», чун шарҳи Анқаравӣ ва шарҳи Баҳрулулум қарор доштааст. Мувофиқи ҳисоби соҳиби рисола, Акбарободӣ аз 4003 байти дафтари аввал ба шарҳи 1989 байт тавфиқ ёфта, дар баробари он абёти илҳоқии зиёдеро ҳам мавриди тафсир қарор додааст. Мутаассифона, шарҳи Акбарободӣ бо он вусъати маъно ва фарогирии матлаби бузурге, ки дар худ гунҷоиш додааст, мавриди мутолиа, таҳқиқ ва баҳрабардориҳои ҷудогона қарор нагирифта ва аз ҳамин сабаб ҳам арзишҳои он ба аҳли илм маълум нагардидаанд.

2. Омӯзиши шарҳи мазкур нишон медиҳад, ки Акбарободӣ бо ҷаҳоншиносӣ ва ирфони Ибни Арабӣ аз наздик ошно буд, «Маснавӣ»-ро аз ҳамин дидгоҳ шарҳ додааст. Зикри асомии китобҳои Ибни Арабӣ дар паҳнои шарҳ нишон медиҳад, ки шореҳ баробари аз таълифоти Ибни Арабӣ ба хубӣ огоҳ будан, онро ба ҳайси сарчашмаи муҳими афкори Мавлоно пазируфтааст. Аз ин рӯ, шарҳи Акбарободӣ ба лиҳози ибниарабишиносӣ дархури таваҷҷуҳ мебошад. Гузашта аз ин, шореҳ дар тафсири абёти ирфонии «Маснавӣ» ба осори шореҳони «Фусус-ул-ҳикам» ва «Футӯҳоти Маккия» бештар такя намудааст.

3. Акбарободӣ зимни таълифи «Махзан-ул-асрор» аз сарчашмаҳои зиёди илмию адабӣ, девону расоил, осори тасаввуфӣ, луғатномаю фарҳангҳо, шарҳҳо, тафсирҳо, осори ахлоқию китобҳои мазҳабӣ, ки теъдодашон аз садҳо таҷовуз мекунад, истифода кардааст, ки ин танаввӯъ шарҳи ӯро ҷолиб ва

пурбор гардонидааст. Аз тарафи дигар, ин нукта бангари доираи назар ва тафаккури фарохи шореҳ мебошад.

4. Нусхашиносӣ, муқобалаи нусах, ҷудо кардани абёти машкук ва илҳоқӣ аз огоҳии комили шореҳ дар маърифати «Маснавӣ» маълумот дода, аз муҳимтарин фазоили шарҳи мазкурро нишон медиҳанд.

5. Интиқод аз шореҳони дигар ба хотири дарки дурусти матлаби абёти «Маснавӣ» ҷузве аз фаъолияти шарҳнигории Акбарободиро ташкил додааст. Мувофиқи ҳисоби мо шореҳ 121 бор аз Мир Нуруллоҳи Аҳрорӣ, 100 бор аз Абдулатифи Аббосии Гуҷаротӣ, 140 бор аз Муҳаммадризои Лоҳурӣ ном бурдааст ва навиштаҳои ононро мавриди интиқод қарор додааст. Аз ин рӯ, тариқи ҷудогона мавриди омӯзиш қарор додани масъалаи мазкур барои илми назарияи адабиёт ва нақди адабӣ дорои аҳаммияти хоса мебошад.

6. Шарҳи Акбарободӣ муфассалтарин шарҳест, ки ҳиндуён бар «Маснавӣ» навиштаанд. Ба назари мо, ду омил боиси тӯлонӣ шудани шарҳи Валимуҳаммади Акбарободӣ гардидааст:

а) интиқодҳои фаровон аз шореҳони пешини ҳиндӣ, монанди Муҳаммадризо, Мир Нуруллоҳи Аҳрорӣ ва дигарон;

б) истифода аз фалсафаи ирфонии Ибни Арабӣ, ки боиси ба зуҳур омадани баҳсҳои зиёд дар шарҳ гардидааст.

Ҳамин тариқ, мо дар ин боби рисолаи худ, ки ба баррасии ҷудогонаи шарҳҳои ҳиндии «Маснавӣ» пардохтаем, дар хотима бархе аз муштаракоти шарҳҳои мазкурро дар маҷмӯъ зикр менамоем. Зеро, новобаста аз ҳамаи он ихтилофи назар ва баҳсу муҷодалаҳое, ки дар шарҳҳо инъикос гардидаанд ва мо иҷмолан онҳоро овардаем, шарҳҳои ҳиндии «Маснавӣ» муштаракоти муайян доранд:

1. Ҳамаи шореҳон ба шарҳи абёте иқдом мекунанд, ки худашон онҳоро душворфаҳм ва ниёзманди тавзеҳ мебинанд.

2. Ҳамаи шореҳон дар шарҳу тавзеҳи абёте, ки маонии қуръонӣ доранд, маҳорат нишон додаанд ва пайванд ва шабоҳатҳои «Маснавии маънавӣ»-ро бо Қуръони маҷид равшан нишон додаанд.

3. Дар ҳеч кадом аз шарҳҳои «Маснавии маънавӣ», бо вуҷуди ба истишҳод овардани оёту аҳодис ва оятҳои қуръонӣ, роҷеъ ба маъхази достонҳои «Маснавӣ» изҳори назар нашудааст.

4. Дар тамоми шарҳҳо зимни шарҳу тафсири маонии ирфонӣ аз аќволу андешаи сӯфиёни машҳури қадим, монанди Боязиди Бастомӣ, Ҷунайди Бағдодӣ, Шиблӣ, Ҳаллоҷ ва дигарон истифода шудааст.

5. Ҳарчанд ки дар шарҳи худ исми китоби донишмандони машҳур чун Ибни Арабӣ, Ибни Фориз, Абдураҳмони Ҷомӣ, Шайх Маҳмуди Шабистарӣ, Садриддин Қунавӣ ва дигаронро зикр мекунанд, дар аксари маврид ба сарчашмаи истиноди маълумот ишора намекунанд ва китобшиносии нақли қавлҳои худро намеоваранд.

6. Агарчи аз ашъори шоирони форсигӯй ё сурудаҳои хеш истинод меҷӯянд, дар аксари маворид ба сарчашма ишорат намекунанд. Бо вуҷуди ин, дар мавридҳои бисёр андак метавон дар шарҳҳо ба номҳои Хоқонӣ, Низомӣ, Саноӣ, Аттор, Саъдӣ ва Ҳофиз вохӯрд.

7. Аксари шореҳони Шибҳи қора дар навиштани шарҳ «Нусхаи носихаи маснавиёти сақима»-и Абдулатифи Аббосиро [таъл.1032] мизони асолати абёти «Маснавӣ» пазируфтаанд, ки бешак дар он замон аз маъруфияти хос бархурдор буд. Нусхаи мазкур дар шарҳҳо ба унвони «нусхаҳои муътабар», «нусхаҳои мутадовил», «нусхаҳои муътабари «Маснавӣ» ёд гардидааст.

8. Ҳарчанд дар таълифоти донишмандони Ғарб оид ба шарҳҳои ҳиндии «Маснавӣ» маълумот дода шудааст, дар ин замина онон корҳои таҳқиқии алоҳида анҷом надода, маълумоташон хусусияти ахборӣ дорад. Чунончи, мавлавишиноси Олмон Шиммел дар китоби маъруфи «Шукӯҳи Шамс» зимни баррасии иҷмолии маъруфтарин шарҳҳои «Маснавӣ» дар бораи шарҳи Абдулалӣ Муҳаммад ибни Низомиддини маъруф ба Баҳрулулум менависад: «Донишмандони мағрибзамин ин шарҳро беҳтарин дебоча ва роҳнамои илоҳиёти Мавлавӣ донистаанд» [320, 526]. Соҳиби рисолаи ҳозир дар заминаи омӯзиши шарҳҳои ҳиндии «Маснавӣ» ба натиҷае расид, ки дар

шарҳи Баҳрулулум тақрибан ҳамон шеваи шарҳнигории Валимуҳаммади Акбарободӣ ба кор бурда шудааст. Шореҳ монанди Валимуҳаммади Акбарободӣ нахуст абётро зикр менамояд ва сипас бо таваҷҷуҳ ба зикри маънои луғот ва истилоҳот ва ишороту талмеҳоти қуръонӣ ва ҳадисӣ ба шарҳи абёт иқдом мекунад. Шарҳи Баҳрулулум низ аз дидгоҳҳои ирфонии Ибни Арабӣ навишта шудааст ва шореҳ низ аз осори барҷастаи Ибни Арабӣ «Фусус-ул-ҳикам» ва «Футӯҳоти Маккия» иқтибоси фаровон намудааст. Ба гумони ғолиб, агар Шиммел бо шарҳҳои дигари «Маснавӣ», аз ҷумла бо шарҳи «Махзан-ул-асрор»-и Акбарободӣ ошноӣ медошт, бо назардошти шабоҳатҳои зиёде, ки байни шарҳи Баҳрулулум ва шарҳи Акбарободӣ вуҷуд дорад, андешаи фавқро баён намекард.

## БОБИ 4. ШАРҲҲОИ «МАСНАВӢ» ДАР ОСИЁИ САҒИР

### Фасли 1. Нигоҳе ба мактаби шарҳнигории туркӣ бар «Маснавӣ»

Дар заминаи шинохти Мавлоно ва осори ӯ дар Осиёи Сағир китобу мақолоти зиёд навишта шуда, аз ин миён, хидмати адабиётшинос ва мавлавипажӯҳи муосири турк Абдулбоқии Гулпинорлӣ шоистаи омӯзишу баррасӣ аст. Зеро таҳқиқу пажӯҳиш, тарҷума ва тафсири осори Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ барои устод Абдулбоқӣ шуҳрату маъруфияти азиме овард ва номи ӯро дар радифи бузургтарин пажӯҳандагони осору афкори Мавлоно қарор дод.

Гулпинорлӣ муҳимтарин таҳқиқоти хешро дар заминаи тасаввуфи исломӣ ва баррасии шахсиятҳои сӯфия ва махсусан Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ анҷом додааст. Дар муаррифии чеҳраи ҳунарии Гулпинорлӣ ва осори мондагори ӯ муҳаққиқ ва донишманди эронӣ Тавфиқ Субҳонӣ хидмати назаррас анҷом додааст. Ин донишманд, ки имрӯз устоди донишгоҳи «Паёми нур»-и Ҷумҳурии исломии Эрон мебошад, муҳимтарин китобҳои Гулпинорлиро ба форсӣ тарҷума намуда, ба ҳамин васила номи худ ва донишманди туркро ба тамоми форсизабонон муаррифӣ кардааст. Аз ҷумлаи китобҳои тарҷуманамудаи ӯ аз «Мавлавия пас аз Мавлоно» [148] ва «Мавлоно Ҷалолуддин: зиндагонӣ, фалсафа, осор ва гузидае аз онҳо» [147] метавон ном бурд.

«Мавлавия баъд аз Мавлоно» аз беҳтарин ва ҷомеътарин сарчашма дар шинохти тариқати мавлавия ба ҳисоб меравад. Ҷадидтарин ва беҳтарин шарҳе, ки дар Туркия дар замони муосир бар «Маснавӣ» навишта шудааст, шарҳи насрии Абдулбоқии Гулпинорлӣ аст. Осори ба Мавлоно бахшидаи Гулпинорлӣ мавриди таваҷҷуҳ ва писанди муҳаққиқони зиёди Эрону Аврупо ва мавлавипажӯҳони бузург, монанди Аннемари Шиммел, Бадеуззамон Фурӯзонфар ва дигарон қарор гирифтааст.

Гулпинорлӣ охирҳои умри хеш [1982] феҳристи китобҳои хаттии воқеъ дар шаҳри Қунияи китобхонаи музейи Мавлоноро низ мураттаб ва дар чаҳор ҷилд анҷом медиҳад. Аз ин феҳрист танҳо се ҷилди аввал ба чоп расида,

ҷилди чаҳорум, ки муҳимтарин китобҳои хаттии музейи Мавлоноро дарбар мегирад, ба шакли дастнавис дар китобхонаи музейи Қуния боқӣ монда, то имрӯз ба чоп нарасидааст.

Мавлоно қисми аъзами умри хешро дар Осиёи Сағир гузаронида бошад ҳам ҳеҷ кадоме аз осори хешро бо забони туркӣ наофаридааст. Аввалин сарчашмаҳое, ки ба рӯзгору осори Мавлоно бахшида шуда, дар сарзамини Осиёи Сағир ба вуҷуд омадаанд, ба қалами Фаредуни Сипаҳсолор ва Аҳмади Афлокӣ тааллуқ дошта, бо забони форсӣ навишта шудаанд. Дар робита ба пайвандҳои маънавии туркон бо Мавлоно донишманди олмонӣ Шиммел менависад: «Агар туркҳо сахт шефтаи Мавлоно Ҷалолуддин буда, ё ҳанӯз ҳастанд, шигифтовар нест, ӯ лақаби худ «Румӣ»-ро аз аҳли Рум, яъне аҳли Анатулӣ, сарзамине, ки бештаринаи умри худро дар он ҷо сипарӣ кард, гирифт» [320, 515].

Ба ишораи сарчашмаҳо шинохти «Маснавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ дар Анталия аз қарни понздаҳуми мелодӣ оғоз шудааст. Нахустин шарҳе, ки дар он диёр навишта шуд, шарҳи Аҳмади Румӣ [а. XIV] ба ҳисоб меравад.

Донишманди турк Исмоил Гулек дар бораи Мавлавӣ Иброҳимбек, ки аввалин шореҳи манзуми «Маснавӣ» дар Анталия буда, 17 ҳикояти «Маснавӣ»-ро ба шакли манзум шарҳ додааст, маълумот медиҳад. Бино ба маълумоти ӯ нусхаи хаттии мунҳасир ба фарди ин асар дар Истамбул дар китобхонаи Ҳоҷӣ Салим Оғо, дар бахши Камонкаши Амирхоҷа, бо шумораи 250 дар баргҳои 22А – 107Б сабт шудааст. Ин асар аз 2377 байт иборат буда, муаллиф дар он ба таҳлили ирфонии ҳикоятҳои интихобшуда иқдом намудааст [383].

Шайх Муъиниддин ибни Мустафо аз нахустин шоирони Мавлавия буда, бо тахаллиси «Муъинӣ» шеър гуфтааст. Муъинӣ ҷилди аввали «Маснавӣ»-ро бо номи «Маънавии муродия» дар ду ҷилд, ба шакли шеър ва дар ҳамон вазни «Маснавӣ»-и Мавлоно тарҷума ва шарҳ кардааст. Ин китоб соли 840 ҳиҷрӣ [1462 мелодӣ] ба поён расида ва нависанда онро ба султони

усмонӣ - Муроди дувум тақдим кардааст. Нусхаи хаттии ин асар дар китобхонаи осори хаттӣ ва чопи қадими Бурсо бо шумораи 1664–1665 нигаҳдорӣ мешавад. Доктор Камол Ёвуз ҳудуди 3000 байт аз ин шарҳро мунташир кардааст [384]. Китоби мазкур аз назари фанни тарҷума ва шарҳ аз шарҳи Мавлавӣ Иброҳимбек бартариҳо дошта ва бо забони сода таълиф шудааст.

Шайх Алӣ ибни Маҷдуддин ал-Шоҳрудии маъруф ба Мусаннафак дар аҳди Султон Муҳаммади Фотеҳ соли 845 ҳ. ба Қоромон сафар кард ва чун алоқаи мардуми Қоромонро нисбат ба «Маснавӣ» мушоҳида намуд, баъзе аз бахшҳои «Маснавӣ»-ро ба форсӣ шарҳ ва ба беги Қоромон – Уғлу Султон Иброҳим ибни Муҳаммад ибни Алоуддин тақдим кард. Нусхаи хаттии муаллифи ин асар дар китобхонаи Сулаймонияи Истамбул нигаҳдорӣ мешавад.

Шореҳи «Девони Ҳофиз» ва «Гулистон»-у «Бӯстон»-и Шайх Саъдӣ - Муслиҳиддин Мустафо Афандӣ, маъруф ба Сурурӣ [ваф. 1560–1561] нахустин бор «Маснавӣ»-ро дар қарни шонздаҳуми мелодӣ ба таври комил ба форсӣ шарҳ кардааст. Ба ишораи Гулпинорлӣ нусхаи хаттии ин асар дар Истамбул, дар китобхонаи Сулаймония бо шумораи 686 сабт шудааст. Пас аз Сурурӣ Судии Бунавӣ [ваф. 1594–1595 м.], ки ӯ низ девони Ҳофизро ба туркӣ шарҳ кардааст, шарҳе бар «Маснавӣ» менависад.

Мустафо Шамъии Афандӣ ҳам дар байни солҳои 995–1001 ҳ. [1587–1592 м.] шарҳи комиле бар шаш дафтари «Маснавӣ» ба туркӣ таълиф намуд, ки мувофиқи ахбори муаллифи «Тазкираи шуарои мавлавия» - Асрори дада [ваф. 1797 м.] нисбат ба шарҳҳои қаблӣ, шуҳрати бештаре пайдо кардааст [148, 207].

Бузургтарин шайхи тариқати мавлавия - Русухиддин Исмоили Анқаравӣ [ваф. 1631 м.] ба воситаи шарҳе, ки бар «Маснавии маънавӣ» навишт, шуҳрат ёфт. Шарҳи ӯ бо номи «Фотеҳ-ул-абёт» аз бузургтарин шарҳҳои «Маснавӣ» дар Туркия ба ҳисоб рафта, мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқону шореҳони зиёде қарор гирифтааст. Шарҳи зиндагонӣ ва осори

шореҳи мазкур дар муқаддимаи форсии «Шарҳи кабири Анқаравӣ» муфассал баён шудааст [7]. Николсон ва Фурӯзонфар ин шарҳро аз беҳтарин шарҳҳо меҳисобанд, вале ин шуҳратро Гулпинорлӣ барҳақ намешуморад. Ӯ менависад: «Вале ин шуҳрат ҳаргиз барҳақ нест. Анқаравӣ дигар осори Мавлоноро нахонда, агар ҳам хонда бошад, ба дидаи диққат дар онҳо нанигаристааст. Ҳеч гоҳ «Мақолоти Шамс»-ро мутолиа накардааст, аз ин рӯ, аз ҳикоёти мундариҷ дар «Маснавӣ», ки асли онҳо дар «Мақолот» аст, бехабар мондааст… Гузашта аз ҳамаи инҳо вай ҳатто лузуме эҳсос накардааст, ки барои шарҳи худ нусхаи саҳеҳеро милок қарор диҳад. Матне, ки шарҳи вай бар он муттако аст, саросар ғалат аст ва дар аксари маворид таҳрифоте дар он роҳ ёфтааст» [145, 208]. Гузашта аз ин, Гулпинорлӣ Анқаравиро барои мавриди шарҳ қарор додани дафтари ҳафтуми ҷаълии «Маснавӣ» сахт накӯҳиш мекунад: «Шореҳ аз услуби кору фалсафаи Мавлоно, ки вай шарҳи яке аз осори ӯро бар ӯҳда гирифта, иттилооте надорад ва бо шарҳи дафтари ҷаълии ҳафтум, ки аз Мавлоно нест, ба таъйиди он бархестааст. Чунонки аз ин рӯ, бо эътирози машоихи мавлавияи замони худ мувоҷеҳ шудааст» [148, 208].

Бо вуҷуди ин, Анқаравӣ дар миёни шореҳон бо унвони «ҳазрати шореҳ» ва «шореҳи Анқаравӣ» ва китобаш бо номи «Шарҳи кабири Анқаравӣ» маъруф аст. Дар бораи азамат ва арзиши шарҳи мазкур доктор Исмат Сатторзода, аз ҷумла менависад: «Дар миёни тамоми муфассирин, ки ба тафсири «Маснавӣ»-и шариф пардохтаанд, танҳо шореҳи маъруфи ҷаҳонӣ Исмоили Анқаравист, ки дар баёни афкори Мавлоно ва шарҳу тавзеҳи мазомини осмонӣ ва амиқу ғайримутабодир ба зеҳни «Маснавӣ» чирадастӣ ва ҳунармандии хешро собит намудааст. Ин матлабест, ки мусташриқин ва мутарҷимини бузурги олами адаб бад-он эътироф доранд ва «Шарҳи кабири Анқаравӣ»-ро асоси кори хеш қарор додаанд ва аз он баҳраманд шудаанд» [7,7].

Донишманди турк Ерҳан Йетек махсусиятҳои шарҳи Анқаравиро ба гунаи зер баён доштааст: «Дар миёни шарҳҳои туркӣ ин шарҳ беш аз

шарҳҳои дигар мавриди қабул ва пазириш қарор гирифтааст. Анқаравӣ дар муқаддимаи китоби худ мегӯяд, ки «Маснавӣ»-ро бар асоси манобеъи улуми исломӣ, ки шумори онҳо беш аз чиҳил асар аст, аз лиҳози ирфонӣ шарҳ кардааст. Вай дар миёни ин сарчашмаҳо китоби «Футуҳоти маккия»-и Ибни Арабиро беш аз ҳама ба кор бурдааст.

Анқаравӣ дар асари худ, аз як сӯ, афкори Мавлоноро тавзеҳ дода ва аз сӯйи дигар, пояҳои умумии тасаввуфро бо тарзи содда баён кардааст, вале дар шарҳи «Маснавӣ» то андозаи зиёде таҳти таъсири Ибни Арабӣ қарор гирифтааст. Ин гуна шарҳҳо пас аз Анқаравӣ ҳамчунон идома ёфтанд. [148, 232]. Шарҳи Анқаравӣ дар Қоҳира ва Истамбул борҳо ба чоп расида ва бино бар хоҳиши мавлавиёни Димишқ Ҷангӣ Юсуфи дада – шайхи мавлавихонаи Бешиктош [ваф. 1669 м.] онро бо андаке хулоса бо номи «Ал-манҳаҷ ал-қавӣ ли туллоб-ул маснавӣ» ба арабӣ баргардонда аст.

Гулпинорлӣ аз шарҳҳои дигари «Маснавӣ» инчунин, дар мавриди шарҳи Абдулмаҷиди Сивосӣ [ваф. 1639 м.], Сорӣ Абдуллоҳ [ваф. 1660 м.], Исмоили Ҳаққии Барусавӣ [ваф. 1725 м.], Шайх Муроди Бухорой [ваф. 1848 м.], Обидин пошшо [ваф. 1907 м.] ва чанде дигарон маълумот додааст [148, 208]. Абдулмаҷиди Сивосӣ 1328 байти ҷилди аввали «Маснавӣ»-ро бо номи «Шарҳи ҷазират-ул- маснавӣ» шарҳ намудааст [380]. Сорӣ Абдуллоҳи Афандӣ [ваф.1660 м.] ҳам ҷилди аввали «Маснавӣ»-ро ба ном «Ҷавоҳири бавоҳири «Маснавӣ» шарҳ кардааст. Ӯ «Маснавӣ»-ро аз дидгоҳи Ибни Арабӣ шарҳ кардааст ва шарҳи ӯ соли 1287-88 дар Истамбул ба чоп расидааст.

Исмоили Ҳаққии Барусавӣ китоби «Рӯҳ-ул-маснавӣ»-и худро ба забони туркӣ бар 738 байти аввали «Маснавӣ» навиштааст. Барусавӣ дар поёни асари худ мегӯяд, ки барои фаҳм ва дарки маънии тамоми «Маснавӣ», шарҳи ин 738 байт кофӣ аст. Ин асар соли 1287 ҳ. дар Истамбул дар ду ҷилд ба чоп расидааст.

Бино ба ишораи донишманди турк Алӣ Гузалюз Шайхи нақшбандӣ Муҳаммад Муроди Афандӣ [ваф. 1848 м.], ки ба тадриси «Маснавӣ» низ машғул буд, дар китоби «Хулосат-ур-рӯҳ» тамоми «Маснавӣ»-ро шарҳ

кардааст. Нусхаи хаттии ин асар, ки аз 6 ҷилд иборат аст, дар китобхонаи донишгоҳи Истамбул дар қисмати махтутоти туркӣ бо шумораҳои 6309 то 6314 сабт шудааст.

Гулпинорлӣ дар асари хеш номи чанд шарҳи қадимии дигареро зикр карда, таъкид менамояд: «Ин шарҳҳо ба назари мо нарасида ва гумон мекунем, ки мутолиаи онҳо зиёд зарурӣ набошад» [148, 211].

«Маснавии маънавӣ» дар Туркия дар замони мо ҳам мавриди шарҳу тафсир қарор гирифтааст. Чунончи, Аҳмад Авнӣ Қунуқ соли 1936 мелодӣ тамоми «Маснавӣ»-ро шарҳ кардааст. Вай, қабл аз оғоз кардани шарҳи «Маснавӣ», шарҳҳои туркӣ ва ҳиндиро баррасӣ ва мутолиа кардааст. Қунуқ бархе аз муҳимтарин абёти «Маснавӣ»-ро бо истинод ба «Фиҳӣ мо фиҳӣ»-и Мавлоно шарҳ кардааст. Вай дар муқаддимаи асари худ мегӯяд, ки матни нусхаи Исмоили Русухии Анқаравиро асоси кори худ қарор дода, ба осори шореҳони ҳиндӣ, монанди Баҳрулулуми Лакҳнавӣ, Валимуҳаммади Акбарободӣ ва дигарон мурочиа кардааст [384].

Нусхаҳои хаттии ин асар дар китобхонаи музейи Мавлоно мавҷуд буда, дар Истамбул ба чоп расидааст. Бо ишораи доктор Тавфиқ Субҳонӣ тарҷумаи шарҳи Қунуқ дар Эрон мунташир шудааст.

Дигар аз шореҳини «Маснавӣ» Тоҳир-ал Мавлавӣ [ваф. 1951м.] аст. Вай баъд аз фавти устодаш Муҳаммадасади Афандӣ тадриси «Маснавӣ»-ро дар ҷомеи Фотеҳи Истамбул оғоз кард ва мулоҳизоти дарсие, ки ба номи «Тақрироти маснавӣ» таҳия мекард, асоси шаклгирии ин шарҳро ба вуҷуд овардааст [381]. Ӯ фақат шарҳи чаҳор ҷилди «Маснавӣ»-ро ба поён расонда, пас аз шарҳи наздик ба ҳазор байт аз ҷилди панҷум фавт кардааст. Ин асар баъд аз соли 1963 дар Истамбул ба чоп расидааст ва нусхаи хаттии он дар китобхонаи музейи Мавлоно нигаҳдорӣ мешавад.

Муҳаммад Мухлиси Қунар «Маснавӣ»-ро мутобиқи фаҳм ва забони рӯзгори мо тарҷума ва шарҳ кардааст. Ӯ ба тарҷумаи тамомии абёт напардохта, балки маънии ҳикоятҳоро хулоса, «Маснавӣ»-ро ба шакли сода

ва возеҳ шарҳ карда, онро «Лубби «Маснавӣ» ном ниҳодааст. Ин асар соли 1961 ба чоп расидааст [380].

Дар Туркия охирин шарҳи комили «Маснавӣ»-ро Абдулбоқии Гулпинорлӣ таълиф карда ва Вазорати омӯзиш ва парвариши Туркия шарҳи мазкурро дар шаш ҷилд, нахустин бор соли 1972 ва дувумин бор соли 1980 чоп кардааст [146].

## Фасли 2. Юсуфи Синачок ва талхису шарҳи «Маснавӣ» дар Осиёи Сағир

Дар мактаби шарҳнигории Осиёи Сағир бори аввал кӯшишҳои талхиси «Маснавӣ» маҳз бо «Ҷазираи маснавӣ»-и Юсуфи Синачок [ваф.1546 м.] оғоз шудааст. Юсуфи Синачок аз тамоми дафтарҳои «Маснавӣ» 366 байт интихоб намуда, аз ҷиҳати мавзӯъ абётро дастабандӣ мекунад. Чунончи, фаслҳоеро бо номи «Дар баёни иттиҳоди авлиёи киром», «Дар баёни манозили хилқати одам», «Дар баёни ҳусни тавба», «Дар баёни фавоиди гиря» ва ғайра ихтисос дода, аз дафтарҳои «Маснавӣ» вобаста ба ҳамин мавзӯъ абётро канори ҳам мегузорад. Дар сурате, ки як байт аз дафтари шашум ва байти сонӣ аз дафтари чаҳорум ё панҷум интихоб шудааст, хонанда эҳсос намекунад, ки ин абёт аз дафтарҳои мухталифи «Маснавӣ» гирифта шудаанд. Чунончи:

Зориву гиря қавӣ сармояест,
Раҳмати куллӣ қавитар дояест [13,1/1951].
То нагиряд абр кай хандад чаман,
То нагиряд тифл, кай ҷӯшад лабан? [13,5/1134].

Байти аввали мавриди назар аз дафтари аввал ва байти сонӣ аз дафтари панҷуми «Маснавӣ» гирифта шуда, байни онҳо робитаи маъноӣ барқарор аст.

Синачок пайвандҳои маънавии байни абёти мунтахабро ба хубӣ риоя намуда, як асари ҷолибу хонданӣ аз «Маснавӣ» ба вуҷуд овардааст, ки минбаъд мавриди пайравии алоқамандони дигари «Маснавӣ» қарор мегирад.

«Ҷазираи маснавӣ» бо тасҳеҳ ва тавзеҳи устоди Донишгоҳи аллома Таботабоии Теҳрон доктор Неъматуллоҳ Эронзода соли 1387 ҳ. [2008 м.] ба нашр расидааст [96]. Мавсуф таъкид мекунад, ки «Юсуфи Синачок дар «Ҷазираи маснавӣ» тавонистааст, бо тасаллути аҷиби худ бар мафоҳими «Маснавии маънавӣ» абёти муртабитро аз дафтарҳои шашгона ба хубӣ канори ҳам қарор диҳад. Ин кор ба қадре моҳирона ва устодонаву дақиқ анҷом шудааст, ки ба назар меояд, Синачок «Маснавӣ»-и ҳазрати Мавлоноро ҳифз доштааст. «Ҷазираи маснавӣ» матни мустақиле ба назар мерасад, ки байни аҷзои он пайвастагӣ ва ҳамхонӣ ва ҳамоҳангӣ мавҷ мезанад…» [96, 5].

«Ҷазираи маснавӣ» хулосаи мавзӯъдори дақиқи «Маснавии маънавӣ»-и Мавлавӣ аст ва дар он муаллиф ба баёни 34 мавзӯи дар «Маснавӣ» матраҳгардида пардохта, барои толибони ҳақоиқи «Маснавӣ» роҳкушоӣ намудааст. Асари Синачок минбаъд дар байни дӯстдорони каломи Мавлоно шуҳрат ёфта, боиси ба вуҷуд омадани талхисот ва шарҳҳои зиёд гардидааст. Чунонки Абдулбоқии Гулпинорлӣ ишора мекунад, Шайхи мавлавихонаи Шом – Илмӣ дадаи Бағдодӣ [ваф. 1661 м.] нахустин шарҳро бо номи «Самаҳоти ламаоти баҳр-ул-маънавӣ бишарҳи «Ҷазират-ул-маснавӣ» соли 1571 м. таълиф мекунад [148, 185].

Шайхи хонақоҳи Ғалата Ғолиби шоир [ваф. 1799 м.] шарҳи хешро бо номи «Шарҳи «Ҷазираи маснавӣ» ба туркӣ таълиф мекунад, ки он бо кӯшиши Тургут Карабей, Муҳаммад Вонли-уғлу ва Муҳаммад Отолой соли 1996 дар Арзрум ба чоп расидааст [386].

Шореҳи дигари турк Ҷӯрӣ [1655 м.] 40 байтро аз «Ҷазираи маснавӣ» интихоб карда, онро «Шарҳи интихоб» меномад. Ӯ ҳар байти интихобнамудаашро бо вазни «Маснавӣ» ва бо панҷ байт шарҳ кардааст.

Маълум мегардад, ки «Ҷазираи маснавӣ» на танҳо дар Осиёи Сағир, балки дар Ҳинду Покистон низ маъруфтият пайдо кардааст. Устоди Донишгоҳи Лоҳур доктор Муин Низомӣ дар бораи ривоҷи «Ҷазираи маснавӣ» дарШибҳи кора ва Покистон менависад: «Ин гузидаи Юсуфи

Синачок дар миёни аҳли адаб ва ирфони сарзамини мо хеле матраҳ буда ва дар бисёре аз хонақоҳҳо тадрис мешудааст» [96, 254].

Суннати интихоб, талхис ва шарҳи абёти «Маснавӣ» дар Осиёи Сағир минбаъд аз тарафи Шоҳидӣ Иброҳими дада зимни таълифи «Гулшани тавҳид», ки шарҳи муфрадоти «Маснавии маънавӣ» маҳсуб мегардад, идома ёфтааст [128].

«Гулшани тавҳид» соли 1371 дар Машҳад ба чоп расида ва муаллифи рисола низ дар асоси дастхатҳо онро бо пешгуфтори муфассал ба чоп расонид [125].

## Фасли 3. «Гулшани тавҳид» – шарҳи манзуми «Маснавии маънавӣ»

Дар бораи аҳаммияти «Гулшани асрор» муҳаққиқи беназири турк Абдулбоқии Гулпинорлӣ менависад, ки агар мо «Гулшани асрор»-ро намедидем, дар бораи Шоҳидӣ маълумоти қотеъ дар даст надоштем [148, 194]. Осори Шоҳидӣ аз инҳо иборатанд:

1. «Гулшани ваҳдат» – ба забони туркӣ ва бар вазни «рамали мусаддаси мақсур» навишта шуда, аз 248 байт иборат аст. Дар моддаи таърихи таълифи китоб, ки бо ду байти форсӣ омадааст, муаллиф таърихи хатми китобро соли 1536 зикр кардааст. Китоби мазкур илова бар дебочаи туркӣ муқаддимаи форсӣ ҳам дорад, ки аз он мавзӯъ ва сохтори асар ба роҳатӣ муайян мегардад. Шоҳидӣ менависад: «Ҳамон тавр, ки Аттор дар «Мантиқ-ут-тайр» симурғро ба муколама бо дигар мурғон водошт ва мақсуди ӯ баёни ҳақиқат буд, ман низ дар ин китоб риштаи суханро ба зулф, рӯй, риш, хол, чашм, абрӯ ва даҳон супурдаам». Асар мазмуни ирфонӣ дошта, ба ишораи Гулпинорлӣ илова бар асари шайх Аттор дар он таъсири «Гулшани роз»-и Маҳмуди Шабистарӣ эҳсос мегардад.

2. «Гулшани тавҳид» ба забони форсӣ ва бар шеваи «Маснавӣ»и Мавлоно таълиф гардидааст. Асар соли 1529–1530 таълиф ёфта, нусхае аз он дар миёни нусахи форсии китобхонаи Донишгоҳи Истамбул таҳти шумораи 1018 нигоҳдорӣ мешавад. Ин нусха гӯё аз рӯи нусхае истинсох шудааст, ки онро писари Шоҳидӣ соли 1586–1587 китобат кардааст. Гулпинорлӣ менависад, ки «Гулшани тавҳид» соли 1298 ҳиҷрии қамарӣ тавассути бозраси адлияи Мавсил Аҳмад Ниёзӣ дар яке аз матбааҳои Истамбул ба чоп расидааст. Ин асар соли 1878 мелодӣ дар Истамбул чоп шуда ва оқои Мидҳат Баҳорӣ Байтур соли 1967 онро ба туркӣ баргардондааст [148, 382]. «Гулшани тавҳид» соли 1371 дар Машҳад ва соли 2015 дар Тоҷикистон ба нашр расидааст [128].

3. «Гулшани асрор» арзишмандтарин асари Шоҳидӣ буда, дар вазни «ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф» соли 1544 навишта шудааст. Дар қисмати дигари ин асар тарҷумаи ҳоли худнавишти Шоҳидӣ ва баъзе афроди машҳури мавлавиён муфассал зикр шуда, арзиши онро бештар кардааст. Муҳаққиқи амрикоӣ Франклин Луис бо такя ба ақидаи муҳаққиқи турк Абдулбоқии Гулпинорлӣ менависад: «Аз бахти бад чун зимни он (яъне, зимни китоби «Гулшани асрор» – Т.С.) сухан аз шаробхории мавлавиён ва истифодаи онон аз афюн ба миён омада[1], аз ҳудуди қарни ҳафтдаҳум дар феҳристи китобҳои мамнӯъ ва ғайримуҷози дарвешони мавлавӣ қарор дошта ва бино бар ин нусахи хатти он бисёр камёб аст» [282, 552]. Ин асарро Шоҳидӣ дар синни 76-солагии худ таълиф кардааст.

4. «Туҳфаи Шоҳидӣ». Ин асар ҳаҷман хурд буда, луғати манзуми форсӣ ба туркӣ мебошад. Шоҳидӣ дар «Гулшани асрор» аз раҳнамоиҳои падари худ дар омӯхтани илм сухан ронда, аз ҷумла ба ташвиқи ӯ дар мавриди навиштани ин асар ишора мекунад:

Ба ман саъйи балеғе кард марҳум,

Луғатҳо кардаам бо вазн манзум [148, 201].

---

[1]Бояд гуфт, ки дар таркиби номи асар омадани калимаи “асрор” низ иҳом дорад ва бар ду маънӣ далолат мекунад, зеро дар забони туркӣ “асрор” маънои “моддаи мухаддир” ва “афюн”-ро низ дорад.

Ба ишораи Гулпинорлӣ барои ин луғат, ки дар он замон хеле машҳур будааст, дар Туркия шарҳҳо ва назираҳо навиштаанд ва асли он соли 1275 ҳиҷрӣ ба нашр расидааст.

5. «Шарҳи «Гулистон». Ин китоб ва китоби дигари Шоҳидӣ мусаммо ба «Гулшани ирфон» дар сарчашмаҳо зикр шуда бошад ҳам, то имрӯз дастраси аҳли илм нагардидааст. Ба ишораи тазкиранигор Асрори дада Шоҳидӣ ин китобро дар хитоб ба Шуҳудӣ навиштааст.

6. «Мушоҳидоти Шоҳидия». Ба ишораи Гулпинорлӣ дар бораи ин асар танҳо Соқиби дада маълумот дода, таъкид кардааст, ки Шоҳидӣ дар ин рисола файзҳоеро, ки аз Девона Муҳаммади Чалабӣ ва Мавлоно касб кардааст, ба забони арабӣ ба риштаи таҳрир кашидааст.

7. «Суҳбатнома». Ин асар ҳам то имрӯз дастрас нашудааст ва танҳо Соқиби дада дар бораи он маълумот додааст. Ба андешаи ӯ Шоҳидӣ баёни одоби мурод ва муридро дар қолаби рисолае таҳрир кардааст.

8. «Девон». Шоҳидӣ дар замони зиндагӣ девоне мураттаб накарда ва ашъоре, ки аз ӯ боқӣ мондааст, аз дохили маҷмӯаҳо гирд оварда шудааст. Дар миёни нусахи хаттии Қуния дар маҷмӯаи шумораи D.4.37 сию ду шеъри вай ба тартиби алифбоӣ гирд оварда шудааст. Аз ҳамин назар, Гулпинорлӣ бар он назар аст, ки бар маҷмӯаи ашъори Шоҳидӣ девон наметавон гуфт.

Соли 1530 м. Иброҳими Шоҳидӣ «Гулшани тавҳид»-и худро ба итмом расонд, ки ин асар низ намунаи дигари мунтахаби «Маснавӣ» маҳсуб мегардад. Мунтахаби Шоҳидӣ аз мунтахаботи дигари «Маснавӣ» фарқи калон дорад, зеро Шоҳидӣ аз ҳар дафтари «Маснавӣ» 100 байт ва дар маҷмӯъ аз тамоми дафтарҳои шашгонаи «Маснавӣ» 600 байти беҳтаринро баргузида, дар шарҳи ҳар байти «Маснавӣ» панҷ байт, ҷамъан се ҳазор байт аз худ суруд ва бар он афзуд.

Ҳамин тариқ, асари иборат аз 3600 байт ҳосил гардид, ки ин шарҳ яке аз шарҳҳои манзум ва хуби «Маснавӣ» аст. Шоҳидӣ дар оғози асар таъкид мекунад, ки ӯ қаблан аз дарёи дурри «Маснавии маънавӣ» абётеро интихоб карда будааст, ки ин абёт монанди марвориди шоҳвор дар миёни ошиқони

«Маснавӣ» машҳур гашта, дилҳои онҳоро тасхир мекунад. Аммо, азбаски дар байни ин абёти гузидашуда иртиботи маънавӣ барқарор набуд, дар дили шоир хоҳише пайдо мешавад, ки байни ин абёт иртиботи маънавӣ барқарор созад. Дар ҳамин вақт нафаре аз дӯстони Шоҳидӣ ҳам аз ӯ тақозо мекунад, то пайванди маънавии абёти «Маснавӣ»-ро бо ашъори хеш барқарор созад. Ниҳоят Шоҳидӣ даст ба шарҳи абёти мунтахаб мезанад ва ҳар байти «Маснавӣ»-ро бо панҷ байт шарҳу тафсир медиҳад:

Собиқан ин Шоҳидии мавлавӣ,
Аз китоби «Маснавии маънавӣ»
Муфрадоти «Маснавӣ» кард ихтиёр,
Дар ҷаҳон шуд ошиқонро ёдгор...
Ман ба шашсад байт гуфтам се ҳазор,
Монад аз ман ошиқонро ёдгор.
Чунки бо авни Худо кардам тамом,
Гуфтам ӯро «Гулшани тавҳид» ном [128, 42].

Шореҳ хешро солики тариқи Мавлавӣ хонда, таъкид мекунад, ки ғаввоси баҳри»Маснавӣ» аст ва аз забони Мавлоно сухан мегӯяд:

Соликам ман дар тариқи Мавлавӣ,
Гаштаам ғаввоси баҳри «Маснавӣ».
Муршиду ҳодист Мавлоно ба ман,
Аз забонам ӯ ҳамегӯяд сухан.
Оҷизу афтодаам ман бас ҳақир,
Ҳаст он султони ишқам дастгир.
Гарчи ҳастам ман зариру бебасар,
Шуд асогири ман он соҳибназар.
Гар музаффар нестам ман, нест ғам,
К-он музаффар гашт пиру муршидам [128, 48].

Аммо дарки асрори «Маснавӣ» барои ҳар нафар даст намедиҳад. Шоҳидӣ бар он назар аст, ки саропои «Маснавӣ» иборат аз асрор аст ва ҳар

гоҳ, ки гӯши сар баставу гӯши сирр кушода гардад, асрори «Маснавӣ» бар солик макшуф мешавад ва ӯ мақбули Мавлоно мегардад:

Чун кушояд гӯши сирр з-ин розҳо,

Бишнавӣ бе лафзҳо овозҳо.

Бар ту асрори ниҳон гардад аён,

Бишнавӣ бе гӯш, гӯӣ безабон.

Он замон гардӣ ту марди маънавӣ,

Кашф гардад бар ту сирри «Маснавӣ».

Бо рамузи авлиё доно шавӣ,

Он замон мақбули Мавлоно шавӣ.

Қадри ту олӣ шавад з-афлоку арш,

Арш пеши қадри ту гардад чу фарш [128, 57].

Шоҳидӣ тамоми муваффақияти хеш ва мақому мартабаи сухансанҷию суханварӣ, мақомоти маънавӣ ва рӯҳонии хешро аз ҳамнишинӣ бо Мавлоно ва дамсозӣ бо «Маснавии маънавӣ» медонад:

Шоҳидӣ чун ёфт пири маънавӣ,

Шуд муридаш дар тариқи Мавлавӣ.

Ошино омӯхт андар баҳри ишқ,

Кард бо ӯ сайр андар шаҳри ишқ.

Зод ишқ андар дилам хуршедвор,

Бурд аз ман он замон сабру қарор [128, 63].

Баробари он, ки мурид худ ҷӯёи муршиди комил аст, муршид низ толиби солики муқбил аст. Шамс ҳам то бархӯрд бо Мавлоно аз даргоҳи илоҳӣ талаб мекард, ки: «Худовандо! Мехоҳам, ки аз мастурони маҳбуби худ якеро ба ман бинмойӣ. Хитоби иззат даррасид, ки ончунон шоҳиди мастур ва вуҷуди пурҷуди мағфур, ки истидъо мекунӣ, ҳамоно, ки фарзанди дилбанди султонулуламо Баҳоувалади Балхӣ аст. Гуфт: Худоё, дидори муборaки ӯро ба ман бинмой! Ҷавоб омад, ки шукрона чӣ медиҳӣ? Фармуд, ки: «Сарро!». Илҳом омад, ки: «Ба иқлими Рум рав, то ба мақсуд ва матлуби ҳақиқӣ

бирасӣ». Камари ихлос дар миёни ҷон баста, ба сидқи тамом ва ишқи азим ҷониби мулки Рум равона шуд» [10, 616]. Шоҳидӣ дар ин маврид мегӯяд:

То нашуд зар миси ту з-он кимиё,
Кай расӣ ту дар мақомоти Худо.
Бас бирав, ҷӯёи он иксир бош,
Шав муриду хоки пои пир бош.
Чун муриди ӯ шудӣ, гаштӣ мурод,
Худ ба ӯ додӣ ту, ӯ худ бо ту дод.
Ҳамчунон ки толиби пир аст мурид,
Пир ҳам ҷӯяд муриди мустафид.
Сӯи соҳибхайр мепӯяд фақир,
Соҳиби хайрот ҳам ҷӯяд фақир [128, 88].

Бино бар ин ҳам, Шоҳидӣ хешро солики тариқи Мавлавӣ меҳисобад, ки китоби «Маснавӣ» муршиду раҳнамои ӯст:

Бош солик дар тариқи Мавлавӣ,
Муршиди худ кун китоби «Маснавӣ» [128, 44].

Бояд таъкид кард, ки Шоҳидӣ аз паҳнои дарёи пурдурри шаҳвори «Маснавӣ» беҳтарин абётро интихоб ва шарҳу тафсир намуда, комилан муваффақ ҳам шудааст, ки ин қуллаи дастнораси маъниҳоро фотеҳ бошад.

Барои он ки арзиши шарҳи мазкурро дар бозкушои рамзҳози «Маснавӣ» муайян кунем, ночор пеши худ суол мегузорем: «Оё шарҳи мазкур метавонад, ба андозае дар тасҳили уқдаҳои мармузи «Маснавӣ» барои хонанда кӯмак бикунад?».

Посухи суолро тариқи мисоли зерин баён сохтан айни матлаб аст: Мавлоно дар дафтари чаҳоруми «Маснавӣ», он ҷое, ки аз ранҷу роҳати тану ҷон сухан ба миён мегузорад, мегӯяд:

Шодии тан, сӯи дунёвӣ камол,
Сӯи рӯзи оқибат нуқсу завол [13, 4/ 3097].

Бешак, дарки маънӣ дар ин маврид барои хонанда душвор аст, зеро матлаб як андоза мармуз ва печдарпеч баён гардидааст. Муроди Мавлоно он

аст, ки мегӯяд: Шодию парвариши ҷисм [тан] аз нигоҳи дунёпараст (дунёвӣ) камол ҳисоб меёбад, аммо ҳамин шодӣ нисбат ба рӯзи охират нуқсу завол аст. Ба ибораи дигар, ҳар қадар, ки мо танро дар ин дунё мавриди парво қарор диҳем, ҳамон андоза дар он дунё рӯҳи хешро хору залил хоҳем кард. Маънии мазкурро Шоҳидӣ чунин баён мекунад:

Тан, ки дар дунё шавад хандону шод,
Ҷон дар он олам намеёбад мурод.
Тан, ки шуд дар меҳнату дарду бало,
Ҷон биёбад роҳату завқу сафо.
Ҳар кӣ дар дунё шавад хору ҳақир,
Ӯ шавад дар оқибат шоҳу амир.
Тан, ки шуд дар айшу ишрат комрон,
Пас зи ишратҳои боқӣ монд ҷон [128, 187].

Агар танро дар ин ҷаҳон шоду хуррам созӣ ва ба хотири роҳати тан кӯшиш ба харҷ диҳӣ, ҷони ту аз ғаму андӯҳ рӯ ба нобудӣ меоварад. Барои тан шодию фараҳ муҳайё кардан мисли он аст, ки онро шаккару ҳалво дода бошӣ, бар хилофи он шаккару ҳалво барои ҷон ба манзалаи заҳри қотил аст, ки ӯро ба ҳалокат мерасонад:

Гар ту танро шаккару ҳалво диҳӣ,
Заҳри қотил дар даруни ҷон диҳӣ.
Ин тани мо чунки зидди ҷони мост,
Ҳурмату рағбат ба тан ҷонро ҷафост.
Тан ба меҳнат чун заиф асту наҳиф,
Ҷон ба иззат бас латиф асту шариф.
Сабр кун аз лаззати тан чанд рӯз,
То бубинӣ он ҷамоли дилфурӯз [128, 134].

Дар ин абёт шахсияти маънавии Шоҳидӣ рӯнамо мегардад, ки ӯ рағбату парвариши танро ҷафо кардан ба ҷон меҳисобад, зеро ҷон гавҳари бас латиф аст ва онро дигаргуна ғизо мебояд. Агар солик аз лаззати тан хешро нигоҳ дорад, метавонад ба ҷамоли дилфурӯзи дӯст мушарраф гардад.

Шоҳидӣ дар мавриди дигар низ дар мазаммати нафс сухан ба миён меоварад ва соликро ба он вомедорад, ки дар риёзат танро ба ҳалокат расонад, зеро рӯҳи пок боқӣ мемонад, аммо саранҷоми тан фаност, намесазад, ки баҳри айши фонии тани хокӣ ҷонро, ки гавҳари шариф аст, табоҳ созӣ:

Дар риёзат кун ба нафси худ қитол,
Душман аст, ӯро мадеҳ ҳаргиз маҷол.
Дар риёзат гар кунӣ танро ҳалок,
Дар бақо монад мухаллид рӯҳи пок.
Чунки охир хок хоҳад гашт тан,
Баҳри айши фонии ӯ ҷон макан.
Чунки охир ин бадан гардад хароб,
Чанд дар таъмири ин кӯшӣ шитоб? [128, 128].

Баробари ин, Шоҳидӣ онҳоеро, ки ошиқ нестанд, аҳли тан медонад, ки монеаи расидани солик ба асл мебошанд. Инон ба ҳеч ваҷҳ аз ҳаззи тан дурӣ намеҷӯянд, зеро аз лаззати рӯҳонӣ огоҳӣ надоранд:

Дӯстонат ҳамчу ту аҳли тананд,
Доимо дар роҳати тан метананд.
Ҳар кӣ ошиқ нест, ӯ танпарвар аст,
Ҷонаш он ҷон аст, ки дар гову хар аст.
Ҳаззи он ҷон мешавад аз ҳаззи тан,
Ӯ чӣ донад ҳаззи васли зулминан.
Рӯҳи инсонӣ, ки ҳаст он ҷони ҷон,
Ҷони ӯ ёбад ҳаёти ҷовидон.
Ҷунбиши тан бегумон аз ҷон бувад,
Ишқу шавқи ҷон ҳам аз ҷонон бувад [128, 230].

Шоҳидӣ таъкид мекунад, ки аҳли тан ҳеч гоҳ ба дарки асрори Ҳақ нахоҳанд расид. Аз ин рӯ, сухани хешро махсуси аҳли дил медонад, ки баъди хондани ин «Маснавӣ» бар онҳо даричаи асрор кушода хоҳад шуд. Аҳли дил

аз шароби ваҳдат сармастанд ва аз қанди ҳикмат тӯтии дилро ғизо медиҳанд, вале аҳли тан масти шароби шаҳват мебошанд:

Аҳли дил гар бишнавад гуфтори ман,
Кашф мегардад варо асрори ман.
Аҳли тан масти шароби шаҳватанд,
Аҳли дил сархуш зи ҷоми ваҳдатанд.
Қанди ҳикмат тӯтии дилро ғизо,
Зоғи танро ҳаст саргин иштиҳо [128, 310].

Бино бар ин ҳам, Шоҳидӣ соликро ба худшиносӣ даъват мекунад, ки пардаи ҷони хешро, ки нафси саг аст, пора кунад ва гавҳари ҷонро раҳоӣ бахшад:

Эй ахӣ, ту хешро нашнохтӣ,
Ҳам зи худ бар худ ту парда сохтӣ.
Пардаи ҷони ту ин нафси сагат,
Лозим ояд нафси сагро куштанат.
Мондааст маҳбус ҳар нодон зи ҷон,
Хештанро нафс пиндорад ҳамон [128, 312] .

Бешак, ин беҳтарин тавҷеҳ ва шарҳи байти мавриди назари мост, ки Шоҳидӣ онро дар перояи чанд байти худ маънидод кардааст.

Маҳорати Шоҳидиро дар ташреҳи маонӣ ҳамин нукта равшан месозад, ки ӯ матлаби тариқи рамзу киноя баёнкардаи Мавлоноро чунон равшану дақиқ ташреҳ медиҳад, ки дигар ниёзе ба тавзеҳ боқӣ намемонад. Чунончи, дар абёти зер «наъл» ва «лаъл»-ро, ки дар «Маснавӣ» тариқи киноя корбаст гардидааст, хеле хуб тавзеҳ додааст. Мавлоно мегӯяд:

З-ин харон то чанд бошӣ наълдузд?
Гар ҳамедуздӣ, биёву лаъл дузд [13, 4/1098].

Азбаски дар байти мазкур калимаҳои «наъл» ва «лаъл» вожаҳои калидӣ ҳастанду бори маънӣ бар дӯши ҳамин калимот гузошта шудааст, зарур аст, то хонандаи «Маснавӣ» бидонад, ки мурод аз ин калимаҳо чист ва мафҳумҳои

парҳез фармудани Ҳазрати Мавлавӣ аз «дуздидани наъл»-у ризоият дар рабудани лаъл чист. Шоҳидӣ ин матлабро ба тариқи зерин шарҳ додааст:

Наълу молу зар матои дунявӣ,
Лаъл асрору рамузи «Маснавӣ».
Гар харӣ ту, шуд сазовори ту наъл,
Коҳу ҷав ҷӯ, ту чӣ донӣ қадри лаъл?
Нест пеши ошиқон қадри ҷаҳон,
Охур аст дунёву толибаш харон.
Андар охур қисми хар коҳу алаф,
Хар чӣ донад иззу иқболу шараф [128, 218].

Бархе аз абёти Шоҳидӣ Oнчунон бо абёти «Маснавӣ» пайванд ҳосил кардаанд, ки дар сурати дар алоҳидагӣ хондани онҳо кас гумон мекунад, гӯяндаи ин абёт як нафар аст. Бешак, ин далели маҳорат ва ҳунари баланди шоириву маънисанҷии шореҳ мебошад. Мисол:

Мавлоно:
Дӯст дорад ёр ин ошуфтагӣ,
Кӯшиши беҳуда беҳ аз хуфтагӣ [13, 1/1829].
Шоҳидӣ:
Дӯст дорад дӯст оҳи зорро,
Нолаю зорӣ хуш ояд ёрро [128,85].
Мавлоно:
Гар бигӯям он чӣ дорам дар дарун,
Бас ҷигарҳо гардад андар ҳол хун [13, 4/2769].
Шоҳидӣ:
Он чӣ ҳаст андар дилу ҷонам ниҳон,
Гар шудӣ пайдо, фано гаштӣ ҷаҳон [128, 151].
Мавлоно:
Мулки дунё танпарастонро ҳалол,
Мо ғуломи мулки ишқи безавол [13, 6/4421].

Шоҳидӣ:

Мулки дунё танпарастонро макон,

Ошиқонро мулк ишқи ҷовидон [128, 230].

Донишманди турк Абдулбоқии Гулпинорлӣ ҳангоми баррасии шеъри Шоҳидӣ ва мизони табаҳҳури ӯ дар забони форсӣ ба натиҷаи ғайриқобили қабуле расидааст, ки воқеан мояи ҳайрат ва тааҷҷуб аст. Ӯ баробари он ки Шоҳидиро дар сароидани шеъри туркӣ муваффақ меҳисобад, дар мавриди табаҳҳураш дар шеъри форсӣ менависад: «Мутаассифона, ӯ забоне нотавон дорад. Бо форсии омӯхта аз китоб [ба истилоҳ китобӣ] низ беҳтар аз ин наметавон навишт. Ин тардид пас аз хондани ашъори форсии ӯ, ки ба тақлид аз шеъри Мавлоно ва дигар бузургони мавлавия сохта шудааст, дар зеҳни мо падид омадааст ва барои эҳтироз аз судури ҳукми қатъӣ номи онро тардид ниҳодаем, ба назари мо, ин тардид бо яқин баробарӣ мекунад» [148, 294]. Ҳоло барои мо равшан нест, ки ин донишманди беназир, ки инсофан беҳтарин муаррифи суханварони туркзабони мавлавишинос дар олами мавлонопажӯҳӣ мебошад, бо кадом далел ва чаро дар бораи ашъори Шоҳидӣ ин гуна доварии ноҷо кардааст. Мутаассифона, андешаи мазкурро бо такя бар қавли Гулпинорлӣ муҳаққиқи амрикоӣ Л. Франклин низ айнан такрор кардааст [282, 606]. Вале магар абёти зерро касе, ки «забони нотавон» ва табаҳҳури кофӣ аз шеъри форсӣ надорад, метавонад, ба ин ширинӣ ва пурмаъноӣ баён кунад? Он ҷо ки Шоҳидӣ месарояд:

Оби ҳайвон аст ин назми шариф,

Кош будӣ лоиқи ҳарфам ҳариф.

Аз ту мехоҳам, Худоё, ҳамдаме,

К-ӯ шавад ин сирҳоро маҳраме.

Пеши кӯрон чун барафрӯзам чароғ,

Чун бирезам қандро ман пеши зоғ?

Чун ба сафроӣ диҳам ҳалвои тар?

Беҳуд аст алҳони хуш бо гӯши кар.

Оҳ, ку як ҳамнишини аҳли дард,

Дур бод аз маҷлиси ман хому сард.

Низ ба ин абёти олӣ таваҷҷуҳ кунед:

Чашм агар ҳақбин набошад, кӯр беҳ,

Ёр агар ҳамдард набвад, дур беҳ [128, 148].

Низ:

Пир он аст, ки шавад донои роз,

Не, ки бинад дар ҷаҳон умри дароз.

Чун нашуд аҳли яқин, ӯ дар шак аст,

Ӯ агар садсола бошад, кӯдак аст [128, 213].

Бе ҳеч шубҳа ин абёт, ҳарчанд ки дар партави маонии оламгири «Маснавӣ»-и Мавлоно зуҳур кардааст, инсофан метавонад бо ашъори пири Балхӣ ҳампаҳлӯ бошад.

Гузашта аз ин маънисозиҳои дилписанде, ки дар фавқ зикрашон рафт, Шоҳидӣ таркиботи фаровони зебои шоирона ҳам офаридааст, ки баёнгари тафаккури баландпарвоз ва қареҳаи ҳунарии ӯ мебошанд. Мо бо овардани чанд байт қазоватро ба худи хонандаи нуктасанҷ ҳавола мекунем:

Дар талаб искандари ақлат ғариб,

Ӯ ба Хизри ҷони ошиқ шуд насиб.

XXX

Қанди ҳикмат тӯтии дилро ғизо,

Зоғи танро ҳаст саргин иштиҳо.

XXX

Ҳамдами инсони комил бош, то

Пойи дил аз қайди тан ёбад раҳо.

XXX

То ту дар қайди ҳавову шаҳватӣ,

Ин яқин медон, ки дур аз ҳазратӣ.

XXX

Оби дин бар оташи шаҳват бизан,

Ҳону ҳон, бар орзуи тан матан.

XXX

Ҳар кӣ аз лаззоти нафсонӣ бурид,

Дар иваз лаззоти рӯҳонӣ расид.

XXX

Баҳри Ҳақ ин қути фониро биҳил,

Чанд ҷӯӣ ризқи худ аз обу гил.

Албатта ҳамаи ашъори дар партави «Маснавӣ» сурудаи Шоҳидӣ якдаст нестанд ва дар онҳо норасоиҳо низ мушоҳида мегарданд. Чунончи:

Ҳар чӣ он суврӣ бувад, фонӣ шавад,

Ҳар чӣ бошад, маънавӣ монад абад.

Заъфи ин байт ин ҷост, ки муаллиф бо тақозои вазн маҷбур аст, дар мисраи якум калимаи «суварӣ»-ро «суврӣ» нависад, то вазнро риоя кунад. Низ дар байти зерин, ки калимаи «онро» ҳашви зоид аст:

Лек нури чашми дил дорем мо,

Гову харро менадод онро Худо.

Дар байти зер шакли ҷамъи ибораи «аҳли дилон» вожаи зебо нест, танҳо ба хотири вазн шоир онро истифода намудааст:

Бас биҷӯ ту дар дили аҳли дилон,

Он ки берун аст аз кавну макон.

Ин норасоиҳое, ки зикр шуданд, ҳарчанд дар асари Шоҳидӣ зиёд нестанд, ба ҳеч ваҷҳ бо каломи Мавлоно созгор намеоянд.

Ҳамин тариқ, бо баррасӣ ва мутолиа дар мавзӯи «Шарҳҳои «Маснавӣ» дар Осиёи Сағир» метавон гуфт, ки истиқбол ва таваҷҷуҳи рӯзафзуни туркҳо ба ашъори Мавлоно шореҳони туркро ба он дошт, ки «Маснавӣ»-ро бад-он забон низ тарҷума ва шарҳ кунанд. Тадриҷан шарҳнависӣ ба забони туркӣ ривоҷи бештаре ёфт. Бо коста шудани нуфузи забони форсӣ дар Туркия тақрибан тамоми шарҳҳои машҳуре, ки дар ин ду-се қарн бар «Маснавӣ»

навишта шудаанд, бо забони туркӣ сурат гирифтанд. Аз байни шарҳҳои зиёди туркӣ (тақрибан 17-то) шарҳи Анқаравӣ маъруфияти бештар дорад.

Шарҳҳои туркӣ бо баъзе хусусиятҳои худ аз шарҳҳои форсии дар Шибҳи қора таълифшуда тафовут доранд. Шореҳони турк ба ташреҳи калимаю таъбироти ҷудогона ва луғатҳои душворфаҳми «Маснавӣ» камтар таваҷҷуҳ кардаанд. Чунончи, шореҳи турк Исмоили Анқаравӣ дар робита ба маънии луғавии калимаҳо, мафҳумҳо, калимаю ибороти хоси каломи Мавлавӣ таваҷҷуҳ накарда, танҳо ба шарҳи маънии байтҳо диққат додааст. Баръакс, шореҳони ҳиндии «Маснавӣ» шарҳи худро аз ташреҳи маънои луғавии калимаҳо, таърихи пайдоиш ва асли баромади калимаҳо оғоз карда, инчунин, дар асоси маводи луғатномаҳои муътабаре, ки дар сарзамини Ҳинд таълиф шуданд, тарзи дурусти талаффузи калимаҳоро низ нишон додаанд. Ин ҳолат ба он вобаста аст, ки шореҳони турк пеши худ мақсад гузошта буданд, танҳо маънии абёт ва ба ин восита паёми Мавлоноро ба хонандагони турк расонанд ва бад-ин тариқ ба саволи «Мавлавӣ чӣ мегӯяд?» ҷавоб гӯянд.

# ХУЛОСА

Мутолиа ва таҳқиқ дар заминаи шинохту маърифати шарҳҳои «Маснавии маънавӣ» моро ба натиҷаҳои зерин овард:

1. Аввалин шореҳи «Маснавӣ» худи Мавлоност. Ӯ илова бар ин ки баъзе аз абёти «Маснавӣ»-ро дар мактуботи хеш шарҳ карда, мазмунҳои муштараки зиёде дар «Маснавӣ» ва осори дигари ӯ, монанди «Ғазалиёти Шамс», «Фиҳӣ мо фиҳӣ» ва «Маҷолиси сабъа» метавон ёфт, ки рӯшангари порае аз душвориҳо ва мушкилоти «Маснавӣ» аст. Девони Шамс на танҳо афкори ӯро дар «Маснавӣ», ҳатто муҳтавои ҳикоёти онро низ шарҳ медиҳад. Дар «Фиҳӣ мо фиҳӣ» фаслҳое ҳастанд, ки ба шарҳи абёти «Маснавӣ» ихтисос доранд. «Мақолоти Шамс» низ аз муҳимтарин маъхази «Маснавӣ ба ҳисоб меравад.

2. Шарҳнависӣ бар «Маснавии маънавӣ» аз садаи понздаҳуми мелодӣ дар Варорӯд оғоз ёфта, аввалин шарҳ ба қалами Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ тааллуқ дорад. Ҳусайни Хоразмӣ нахуст шарҳи манзуме бо номи «Кунуз-ул-ҳақоиқ фӣ румуз-уд-дақоиқ» бар «Маснавӣ» навишта ва баъд аз он «Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор»-ро бо таваҷҷуҳ ба орову андешаҳои Ибни Арабӣ таълиф намудааст. Мутаассифона, аз шарҳи манзуми Хоразмӣ ба ҷуз абёти алоҳидае, ки дар зимни шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор» омадаанд, дигар чизе боқӣ намондааст.

3. Пас аз Ҳусайни Хоразмӣ Мавлоно Яъқуби Чархӣ [ваф. 851 ҳ.қ.] ба шарҳу тафсири «Найнома» пардохта, инчунин, абёте аз достони «Подшоҳ ва канизак» ва достони Шайх Дақуқиро низ шарҳ додааст. Пас аз шарҳи Яъқуби Чархӣ Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ба шарҳу тафсири абёти алоҳидаи «Маснавӣ» даст зада, суннати шарҳнависӣ бар ин шоҳасари бузурги ирфониро тақвият бахшидааст. Халилулло Халилӣ ин ду рисоларо тасҳеҳ карда, нахуст соли 1336-уми шамсӣ ва сипас соли 1352-уми шамсӣ дар Кобул ба нашр расонидааст. Рисолаи Яъқуби Чархӣ соли 1387 бо кӯшиши Муҳаммадҷаводи Шамс тавассути ройзании Сафорати ҶИЭ дар Тоҷикистон ва «Рисолаи ноия»-и Мавлоно Ҷомӣ соли 2015 бо таваҷҷуҳи муаллифи ин

сатрҳо дар маҷаллаи илмии «Камоли Хуҷандӣ» №1[1], 2015] ба чоп расидааст.

4. Рисолаи Ҷомӣ пас аз «Кунуз-ул-ирфон»-и Хоразмӣ, ки бо назм навишта шудааст, дувумин китобест, ки дар он «Маснавӣ» ба сурати манзум тафсир шудааст. Шарҳи Ҷомӣ, мухтасар бошад ҳам, мавриди истифодаи бисёре аз шореҳони баъд аз ӯ, бахусус, шореҳоне, ки хостаанд «Маснавӣ»-ро монанди ӯ аз дидгоҳи Ибни Арабӣ шарҳ диҳанд, воқеъ шудааст.

5. Рӯзгор ва осори Ҳусайни Хоразмӣ дар адабиётшиносӣ ба таври дақиқ омӯхта нашудааст ва ҳанӯз ишкол ва норавшаниҳои марбут ба ҳаёт ва осори ӯ зиёданд. Бисёр муҳаққиқони таърихи адабиёт ва аз ҷумла, таҳиягари матни «Ҷавоҳир-ул-асрор» Муҳаммадҷаводи Шариат бо такя ба маълумоти «Маҷолис-ул-муъминин»-и Қозӣ Нуруллоҳи Шуштарӣ шахсияти шореҳро бо шоир ва орифи садаи шонздаҳуми фарорудӣ Камолуддин Ҳусайн ибни Аҳмад ибни Иброҳими Хоразмӣ [ваф. 958 ҳ.қ.], ки соҳиби китоби «Одоб-ул-муридин» мебошад, омехта кардаанд. Дар бораи ин ориф Шарафуддин Ҳусайни Хоразмӣ «Ҷодат-ул-ошиқин» ва Камолуддин Маҳмуди Ғиждувонӣ «Мифтоҳ-ал-толибин»-ро, ки дарбаргирандаи бархе ашъор, мақолот ва низ суханоне дар мақомоти шайхи мазкур аст, навиштаанд. Дар «Самарқанднома»-и профессор Расул Ҳодизода низ зиндагии ин ду шахсият ба ҳам омехта карда шудааст. Ба назари мо, дар мавриди Камолуддини Хоразмии шореҳи «Маснавӣ» маълумоти саҳеҳ ҳамон аст, ки дар «Маҷолис-ун-нафоис»-и Навоӣ зикр шудааст. Шахсияти дар «Маҷолис-ул-муъминин» зикргардида, бешак ҳамон шахсияти ирфониест, ки маноқибаш дар «Ҷодат-ул-ошиқин» омадааст.

6. Дар бораи Камолуддини Хоразмӣ – шореҳи «Маснавии маънавӣ» маълумоти саҳеҳро метавон аз тазкираи «Маҷолис-ун-нафоис»-и Алишери Навоӣ ба даст овард. Дар ин сарчашма ҳарчанд маълумот кам аст, вале зикри чанд нуктаи муҳим дар он вуҷуд дорад, ки ин шахсиятро барои мо дақиқ муаррифӣ мекунад:

– пайванду иродати Камолуддини Хоразмӣ ба яке аз сӯфиёни бузурги замони худ – Хоҷа Абулвафои Хоразмӣ;

– дар замони Шоҳрух Мирзо зиндагӣ кардани ӯ;

– ба баҳси мазҳабӣ кашида шудани ӯ дар замони Шоҳрух;

– ба шарҳи «Маснавии маънавӣ» иқдом намудани ӯ;

– ба шеъру шоирӣ иштиғол доштани ӯ;

- соҳиби китоби «Мақсид-ул-ақсо», «Шарҳи қасидаи «Бурда» будани ӯ».

Созгор наомадани ин аснод бо зиндагии Шайх Камолуддин Ҳусайни Хоразмие, ки зикраш дар «Ҷодат-ул-ошиқин» рафтааст, баёнгари ду шахсияти алоҳида будани шахсиятҳои ҳамном мебошад.

7. Аз муҳаққиқоне, ки бевосита ба масъалаи омӯзиши осори Камолуддини Хоразмӣ дахолат кардаанд, танҳо Забеҳуллоҳи Сафо дар ҷой-ҷойи «Таърихи адабиёт»-и худ роҷеъ ба ҳунари нигорандагии шореҳ дар асоси маълумоте, ки дар муқаддимаи шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор» омадааст, изҳори назар кардааст. Азбаски Сафо ба масъалаи зиндагиномаи шореҳ таваҷҷуҳи алоҳида зоҳир накарда, танҳо ба баррасии забон ва сабки ҳунарии Камолуддини Хоразмӣ дар шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор» эътибор додааст, дар мавриди муайян кардани шахсияти шореҳ иштибоҳ накардааст. Бо ибораи дигар, Сафо зимни муайян кардани вижагиҳои насри садаи XV ба ин масъала таваҷҷуҳ кардааст, аз ин хотир, баҳси муайян кардани зиндагиномаи Камлуддини Хоразмиро вазифаи худ нашуморидааст. Ба назари мо, агар таҳиягари матни шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор» Муҳаммадҷаводи Шариат ҳам ба маълумоти шарҳ такя мекард, метавонист, дар шинохт ва муаррифии шореҳи «Маснавӣ» ба иштибоҳ роҳ надиҳад.

8. Ашъори Камолуддини Хоразмӣ иштибоҳан ба номи сӯфии маъруфи садаи нӯҳуми мелодӣ Мансури Ҳаллоҷ мансуб дониста шуда бошад ҳам, муқоисаи он бо ашъоре, ки дар матни шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор» омадааст, далолат мекунад, ки сароядааш як нафар аст.

9. Баррасии ашъори Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ нишон медиҳад, ки ӯ дар сароидани ашъори баландмазмун низ ҳунари комил доштааст. Дар паҳнои шарҳи «Ҷавоҳир-ул-ашъор» намунаҳои зиёди ашъори ин суханвар ҳамчун абёти шоҳид ва ё санад ҷиҳати тақвияти андеша оварда шудаанд. Аз мазмуни ашъори шореҳ се ҷанбаи ҳунарӣ возеҳ мегардад:

а) соҳиби истеъдоди баланди шоирӣ будани ӯ;

б) ба каломи Хоқонӣ таваҷҷуҳи хос доштани ӯ;

в) таваҷҷуҳи зиёд доштан ба ирфону тасаввуф.

10. «Ҷавоҳир-ул-ашъор ва завоҳир-ул-анвор» аз аввалин шарҳҳои «Маснавии маънавӣ» ба ҳисоб рафта, аз чаҳор ҷилд иборат аст. Ҷилди аввал муқаддимаи муфассале оид ба масъалаҳои ирфонӣ ва се ҷилди боқимонда шарҳи се дафтари аввали «Маснавӣ» мебошад. Мутаассифона, ба сабаби марги бармаҳали шореҳ, шарҳи мазкур нотамом мондааст. Шореҳ дар ибтидо муқаддимаи гаронсанге, ки як рисолаи ирфониро мемонад, таълиф намуда, сипас, ба шарҳу тафсири «Маснавӣ» мепардозад. Муқаддимаи мазкур сохтори муназзам дошта, аз даҳ мақола фароҳам омадааст. Дар мақолаи аввал, ки роҷеъ ба 29 нафар аз риҷоли барҷастаи тасаввуф маълумот дода шудааст, таъсир ва нуфузи «Тазкират-ул-авлиё»-и Шайх Аттор ба хубӣ эҳсос мегардад.

11. Хоразмӣ ҳангоми шарҳу тафсири матлаб аз ашъори арабӣ бештар аз «Футӯҳоти маккия»ва «Фусус-ул-ҳикам»-и Ибни Арабӣ, «Шарҳи Қайсарӣ»-и Довуди Қайсарӣ, Девони Ҳаллоҷ, Девони ибни Фориз, «Калила ва Димна» ва ғ. баҳра бардоштааст. Танҳо дар ҷилди аввал беш аз шаст байти арабӣ нақл шудааст. Ва аз ашъори шоирони бузурги форсӣ бештар аз ҳама «Ғазалиёти Шамс», Девони Хоқонӣ, ашъори Носири Хусрав, Низомӣ, Шайх Аттор, «Маснавии маънавӣ», Девони Ироқӣ, Саъдӣ, «Мирсод-ул-ибод» ва ғ. баҳра бардоштааст.

12. Хоразмӣ низ монанди баъзе аз шореҳони дигари баъди худ аз осор ва таълимоти Ибни Арабӣ ва пайравони ӯ, монанди Садруддини Қунавӣ ва Довуди Қайсарӣ огоҳии комил дорад ва монандиҳоеро, ки байни ақволу

афкор ва истилоҳоти Мавлоно Ҷалолуддин ва суханону ақволи Муҳйиддин ибни Арабӣ мушоҳида мешавад, далел бар таъсири Мавлоно аз мактаби Ибни Арабӣ медонад ва кӯшиш мекунад, абётеро, ки ин монандиҳо дар он ба чашм мерасанд, дар партави таълимоти Ибни Арабӣ шарҳу тавзеҳ мекунад. Ончунонки аз муқаддимаи шарҳ низ маълум мегардад, шореҳ бар он назар аст, ки Мавлоно чанд муддат дар Димишқ бо Ибни Арабӣ «мусоҳибат ва муҷолисат дошта ва асрору ҳақоиқи зиёдеро бо якдигар дар миён гузоштаанд». Аз ин хотир, дар шарҳи мазкур баёни афкору андешаи Ибни Арабӣ, махсусан, дар муқаддимаи пурмуҳтавои шарҳ равшан ба назар мерасад. Чунончи, он масъалаҳое,, ки дар мақолаи чаҳорум ба муносибати шарҳи абёти «Маснавӣ» дар бораи ҳазароти хамс, инсони комил ва ташбеҳи офариниш ба ҳуруфи олиёт, олами аъёни собита ва асмои сифоти илоҳӣ… баён мекунад, баргирифта аз андешаҳо ва афкори Ибни Арабӣ аст.

13. Муҳимтарин вижагие, ки «Ҷавоҳир-ул-асрор»-ро аз соири шарҳҳо мумтоз медорад, он аст, ки бо насри мусаҷҷаъ ва зебо ва дилангез навишта шудааст ва ин хусусият ба шарҳ арзиши ҳунарии бештаре бахшидааст.

14. Аз баррасие, ки дар заминаи шарҳи Камолуддини Хоразмӣ анҷом додем, маълум мегардад, ки дар ибтидо шарҳҳо танҳо ба хотири тариқи сода ва фаҳмо ба хонанда пешниҳод намудани матлаб навишта мешуданд, шарҳи «Маснавӣ» хусусияти баёни маънӣ дошт, яъне шореҳон матлабро тариқи умумӣ шарҳ медоданд ва танҳо ба баёни куллии андешаи Мавлоно ишора мекарданду халос. Ин аст, ки шореҳи Хоразмӣ нуктаҳои умдаи достонҳои «Маснавӣ»-ро шарҳ ва хулоса мекунад. Аммо дар садаҳои баъд тадриҷан асли ҷузъ-ҷузъ фурӯ рафтан ба матлабҳо ва шарҳ додани тамоми ҷузъиёти «Маснавӣ» ривоҷ ёфт. Дар натиҷа, шарҳҳо ҳам мазмунан ва ҳам аз ҷиҳати шакл ғановат пайдо намуданд ва шарҳҳои аз лиҳози ҳаҷм бузургтар ба миён омаданд.

15. Хоразмӣ танҳо ба шарҳи абёти дорои мазмунҳои ирфонӣ ҳиммат гузошта, шарҳи абёти мафҳумро зарур наҳисобидааст. Аммо шореҳони пасин ба шарҳи абёте иқдом намудаанд, ки онро мутобиқи завқи худ душвор

шуморидаанд. Дар ин сурат, онҳо абётеро низ шарҳ кардаанд, ки аслан зарурате ба маънидод надоштаанд.

16. Набояд фаромӯш кард, ки аввалин кӯшишҳо дар шинохти шахсият ва осори Мавлавӣ аз Осиёи Сағир шурӯъ шудааст. Бо вуҷуди ин ки Мавлоно тамоми умри хешро дар Осиёи Сағир гузаронид, ҳеч як осори хешро ба забони туркӣ насурудааст. Аз ин рӯ, шарҳҳое, ки дар ин сарзамин навишта шуданд (монанди шарҳҳои Аҳмади Румӣ, шарҳи Сурурӣ, шарҳи Шоҳидӣ), ба форсӣ буданд. Гузашта аз ин, «Рисолаи Фаредуни Сипаҳсолор», «Манокиб-ул-орифин»-и Аҳмади Афлокӣ, асарҳои фарзанди аршади Мавлоно – Султонвалад, ки ҳамчун муҳимтарин сарчашмаҳои омӯзишии рӯзгору осори Мавлоно шинохта шудаанд, ба забони форсӣ таълиф шудаанд. Осори мазкур дар таҳқиқоти адабиётшиносии олимони маъруфи мавлавишиноси замони мо ҳамчун сарчашмаи ба замони зиндагии Мавлоно наздик пазируфта шудаанд. Азбаски дар замони зиндагии Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ва асрҳои баъд низ забони форсӣ дар Осиёи Сағир ривоҷ дошт, аввалин осори марбут ба Мавлоно ва рӯзгори ӯ ба забони форсӣ таълиф гардиданд, вале аз садаи XVII мелодӣ ба баъд шарҳҳои туркӣ имтиёз пайдо намуданд. Иллати аз ривоҷ бозмондани забони форсӣ дар ин сарзамин ба вазъи сиёсии Анталия вобаста мебошад, зеро пас аз барҳам хӯрдани сулолаи Салҷуқиён, инчунин, ба омилҳои ихтилофоти давлати усмонӣ ва сафавиён вобаста мебошад.

17. Агар «Дақоиқ-ул-ҳақоиқ»-и Аҳмади Румиро, ки шарҳгунае бар «Маснавии маънавӣ» аст, ҳамчун шарҳи «Маснавӣ» бипазирем, шарҳнависӣ бар «Маснавӣ» дар Осиёи Сағир аз қарни понздаҳум шурӯъ мешавад. Вале, азбаски ин асар сурати шарҳро надорад, метавон гуфт, аввалин шарҳҳои «Маснавӣ» дар Осиёи Сағир аз садаи шонздаҳум оғоз гардидаанд. Муслиҳиддин Мустафо Афандӣ, маъруф ба Сурурӣ [ваф.1560–1561] нахустин бор «Маснавӣ»-ро дар қарни шонздаҳуми мелодӣ ба таври комил ба форсӣ шарҳ кардааст. Шореҳони турк бар осори се суханвари бузурги адабиёти форсии тоҷикӣ – Мавлонои Балхӣ, Шайх Саъдии Шерозӣ ва Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ таваҷҷуҳи бештар мабзул дошта, осори онҳоро мавриди

шарҳу баст қарор додаанд. Чунончи, тибқи маълумоти «Кашф-уз-зуннун»-и Хоҷӣ Халифа Сурурӣ илова бар шарҳи «Маснавии маънавӣ» бар «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ, Шамъӣ бар «Махзан-ул-асрор»-и Низомӣ, «Мантиқ-ут-тайр» ва «Панднома»-и Шайх Аттор, инчунин, девони Ҳофиз, «Гулистон» ва «Бӯстон»-и Саъдӣ ва «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ ва Судии Буснавиро шарҳ додааст [222, 2/134].

18. Туркон на танҳо ба шарҳу тафсири «Маснавӣ» иқдом намуданд, балки ба раванди талхиси «Маснавӣ» низ асос гузоштанд. Намунаи бисёр арзишманди талхиси «Маснавӣ» асари «Ҷазираи маснавӣ»-и Юсуфи Синачок аст, ки шеваи мазкур минбаъд дар адабиёти туркӣ мавриди идома ва пайравӣ қарор гирифт. «Ҷазираи маснавӣ»-и Юсуфи дада [935 ҳ.] на танҳо мавриди пайравӣ қарор гирифт, балки бар он шарҳҳое низ таълиф гардиданд. «Шарҳи Ҷазират-ул-маснавӣ»-и Абдуллоҳ ибни Муҳаммад – раис-ул-куттоб ал-Усмония ва шайхи мавлавихонаи Шом [таъл. 979 ҳ. қ., ба забони туркӣ], «Шарҳи мунтахабе аз «Ҷазират-ул-маснавӣ»-и Ҷурӣ [1065 ҳ.] ва шарҳи «Самаҳоту ламаоти баҳрилмаънавӣ би шарҳил «Ҷазират-ул-маснавӣ»-и шайхи хонақоҳи Ғалата Ғолиби шоир [ваф. 1214 қ.], ки Ҳоҷӣ Халифа дар «Кашф-уз-зунун» аз он ном бурдааст, далели ин гуфтаҳо мебошанд [148,166].

19. Дар миёни шарҳҳое, ки дар Осиёи Сағир таълиф гардидаанд, «Гулшани тавҳид»-и Иброҳим Шоҳидии Муғлавӣ бо назм навишта шудааст. Адабиётшиноси турк Исмоил Гулек, инчунин, дар бораи Мавлавӣ Иброҳимбек, ки аввалин шореҳи манзуми «Маснавӣ» дар Анталия буда, 17 ҳикояти «Маснавӣ»-ро ба шакли манзум шарҳ кардааст, маълумот медиҳад. Ин асар аз 2377 байт иборат буда, нусхаи хаттии он дар яке аз китобхонаҳои Туркия нигоҳдорӣ мешавад ва муаллиф дар он ба таҳлили ирфонии ҳикоятҳои интихобшуда иқдом намудааст [383].

Агар шарҳи Шоҳидиро ягона шарҳи манзуми боқимондаи «Маснавӣ» бипазирем, иштибоҳ нахоҳад шуд, зеро аз шарҳи манзуми Камолуддини Хоразмӣ «Кунуз-ул-ҳақоиқ ва румуз-уд-дақоиқ» ба ҷуз маълумоти пароканда ва намунаи абёте, ки дар зимни шарҳи дигари муаллиф – «Ҷавоҳир-ул-асрор»

омадааст, матлаби дигаре дар даст нест. «Гулшани тавҳид» шарҳи муфрадоти «Маснавии маънавӣ» мебошад.

Ин равиш мавриди истиқболи шоироне чун Охунд Мулло Муҳаммадалии Нурӣ [тав. 1253 ҳ. қ.], Холис Толибонии Қодирӣ [Х1Х м.], Мулло Ҷиюни Сиёлкутӣ [тав. 1118] ва Сардор Меҳрдилхони Муҳаммадзои Қандаҳорӣ [қарнҳои XVIII–XIX] ва ғ. воқеъ шудааст. Бо вуҷуди ин, шарҳҳои манзуми «Маснавӣ» гиреҳкушои тамоми мушкилоти «Маснавӣ» нестанд ва чандон эътиборе касб накардаанд.

20. Комил ва арзишмандтарин шарҳи «Маснавӣ»-ро Исмоили Анқаравӣ дар оғози қарни ёздаҳуми ҳиҷрӣ [17 мелодӣ] таълиф намудааст. Ин шарҳи туркӣ аз замони таълиф то имрӯз ҷузви маъдуди шарҳҳои арзишманди «Маснавӣ» аст ва бар шарҳҳои дигар низ бисёр таъсир гузоштааст. Шарҳи мазкур мавриди таваҷҷуҳи донишмандони бузурги мавлавишинос Бадеуззамони Фурӯзонфар ва Рейналд Николсон қарор гирифта, муфассалтарин шарҳи «Маснавӣ» ба ҳисоб меравад.

21. Шарҳҳои туркӣ барои интишори адабиёти форсии тоҷикӣ ва махсусан «Маснавии маънавӣ» дар кишварҳои араб низ нақши равшан гузоштааст. Бино ба иттилои Рейналд Николсон дар садаи нуздаҳум узви силсилаи мавлавия Шайх Юсуф ибни Аҳмад шарҳе ба забони арабӣ бо номи «Ал-манҳаҷ-ул-қавӣ ли туллоб-ул-маснавӣ» таълиф намуд [76], ки ба ишораи Алии Гузалюз, тарҷумаи арабии шарҳи Исмоили Анқаравӣ мебошад [407]. Бо вуҷуди ин, арабҳо ба «Маснавӣ» таваҷҷуҳи дархур зоҳир накардаанд.

22. Мактаби шарҳнигории Ҳиндустон яке аз пурмаҳсултарин мактабҳои шарҳнигорӣ дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ ба ҳисоб меравад. Чунонки адабиётшиноси тоҷик Абдулманнони Насриддин таъкид мекунад, дар ин кишвар дар қиёс бо мактаби шарҳнигории Туркия ба шарҳу тафсири осори ду-се адиб маҳдуд нашуда, ба осори адабии Саноӣ, Хоқонӣ, Мавлавӣ, Аттор, Саъдӣ, Низомӣ, Амир Хусрав, Авҳадӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ, Котибӣ, Соиб, Носир Алӣ, Зуҳурӣ, Ғанӣ ва даҳҳо суханварони дигар шарҳу ҳошияҳо навишта шудааст. Азбаски аксари шореҳони ҳиндустонӣ, монанди

Абдулатифи Аббосӣ, Мир Нуруллоҳи Аҳрорӣ, Афзали Аллоҳободӣ, Сироҷуддин Алихони Орзу, Рой Тик Чанди Баҳор, Муҳаммад Ғиёсуддини Ромпурӣ ва дигарон соҳиби фарҳангҳо ва ё китобҳои шарҳ низ буданд, шарҳҳои онон бо тадқиқи амиқи вожаю таркибот имтиёз мекунанд. Чунончи, Абдулатифи Аббосӣ, баробари шарҳу тафсири «Маснавӣ», бо фаро гирифтани 80 нусха дар таҳияи нусхаи интиқодии ин шоҳасари олами ирфон саҳм гузоштааст, инчунин, фарҳанги луғоти «Маснавӣ»-ро, ки дарбаргирандаи беш аз панҷ ҳазор луғати форсию арабӣ, сурёнию туркӣ-муғулӣ мебошад, тартиб додааст. Абдулатиф бар «Ҳадиқа»-и Саноӣ низ шарҳи арзишманде навиштааст.

23. Муҳоҷирати шоирон ва орифони эронӣ ба диёри Ҳинд ва нуфузи теъдоде аз онҳо дар дарбори подшоҳон ва ҳокимони он диёр дар интиқол ва тарвиҷи андешаҳо ва афкори Мавлоно ва мақбулият ва маҳбубияти «Маснавӣ» дар он диёр муассир буд, ба тавре ки бештарини шарҳҳо бар «Маснавӣ» дар қарни ҳафтдаҳум ба баъд навишта шудааст ва маъруфтарин ва муассиртарини онҳо ба назари мо шарҳҳои Абдулатифи Аббосӣ, Мир Нуруллоҳи Аҳрорӣ, «Мукошифоти разавӣ»-и Муҳаммадризои Лоҳурӣ, «Асрор-ул-ғуюб»-и Хоҷа Айюби Порсо, «Махзан-ул-асрор»-и Акбарободӣ ва Баҳрулулуми Лакҳнавӣ аст.

24. Тақрибан тамоми шарҳҳои муфид ва арзишманди ҳиндиён бар «Маснавӣ» ба забони форсӣ навишта шудааст ва ба забонҳои урду, ҳиндӣ, пашту ва панҷобӣ ҷуз чанд шарҳи камаҳамият чизе вуҷуд надорад. Ҳамаи шореҳони мазкур ҳиндӣ буда, дар садаҳои XVI то XVIII дар шаҳрҳои Лоҳур, Мултон, Гуҷарот ва Акбаробод зистаанд.

25. Тамоми шарҳҳои ҳиндӣ муштаракоти ягона доранд: онҳо аз дидгоҳҳои ирфонии Ибни Арабӣ навишта шудаанд ва шореҳон аз осори барҷастаи Ибни Арабӣ, монанди «Фусус-ул-ҳикам» ва «Футӯҳоти Маккия» фаровон истифода кардаанд.

26. **Шореҳони туркӣ ҳарчанд** ба форсӣ менависанд, забони форсӣ забони модарии онҳо нест. Бо вуҷуди ин, онҳо дар шарҳи худ аз забони

ҳиндӣ ёд намекунанд, аз забони арабӣ ба забони форсӣ матнҳоро тарҷума мекунанд, ки ин дараҷаи табаҳҳури онҳоро дар забони арабӣ ва форсӣ ба намоиш мегузорад.

27. Дар шарҳҳои ҳиндӣ номи садҳо рисолаҳои ирфонии хурду бузурги арабию форсӣ, луғатномаҳо, осори адабию бадеӣ, девонҳои суханварони тоҷику форс ва араб, суханшиносон ва шореҳони «Маснавӣ»-ро дучор омадан мумкин аст, ки ҳангоми таълифи шарҳ аз онҳо ҳамчун сарчашма истифода кардаанд.

28. Шореҳони ҳиндии «Маснавӣ», ҳангоми шарҳ, нусхаи таҳиянамудаи Абдулатифи Аббосиро, ки бо номи «Нусхаи носихаи маснавиёти сақима» шинохта шудааст, мавриди истифода қарор додаанд. Онҳо асолати абёти нусхаҳои мавриди истифодаи хешро дар муқоиса бо ҳамин «Нусхаи носихаи «Маснавӣ»« месанҷиданд ва аз рӯи он дар мавридҳои муайян ба илҳоқӣ будани абёти мавриди шарҳ ишора мекарданд. Чунончи, Муҳаммадризои Лоҳурӣ дар чандин ҷо бар Абдулатифи Аббосӣ хӯрда мегирад ва гоҳе низ бар абёти илҳоқии «Нусхаи носиха» ишора мекунад. Мисол, вақте дар дафтари дувум ба байти зер мерасад:

Соли шаст омад, ки дар шастат кунад,

Роҳи дарё гир, то ёбӣ рашад.

менависад: «Абёте, ки мебинӣ, ғайр аз нусхаи «Маснавӣ», ки Абдулатиф ҷамъ карда, дар нусхаҳои муътабари дигар ёфт намешавад ва, алҳақ, агар набошад, хубтар аст».

29. Шореҳони ҳиндии «Маснавӣ» нисбат ба андешаи ҳамдигар бо назари интиқодӣ дида дӯхта, ҳар кадом андешаи хешро дуруст ва фикри ҳампешаи пешинро инкор кардаанд. Агар қисме аз шореҳон бо ибороти «ба сиҳҳат нарасидааст», «ба маънӣ даст наёфтааст», «домани мақсуд ба даст наёварда», «тариқи таассуф паймуда» [82, 863] «таассуф аст ва номарбут бо абёти собиқа» [82, 862–863] ва монанди ин андешаи ҳампешаи хешро инкор карда бошанд, бархе бо ибороти «ракик аст», «музахрафот аст», «залолат аст»… [4, 1478] ҳампешаи хешро ба каммаърифатӣ муттаҳам кардаанд.

Чунончи, дар мавриди байти зерини «Маснавӣ» ва чӣ гуна хондани калимаи «бахт» Акбарободӣ изҳори назар карда, далели Мир Нуруллоҳи Аҳрориро инкор мекунад ва онро «ракик» мехонад:

Муддате ин «Маснавӣ» таъхир шуд,
Мӯҳлате боист, то хун шир шуд.
То назояд бахти ту фарзанди нав,
Хун нагардад шири ширин, хуш шунав [14, 2/1 ва 2].

«Ташбеҳи «бахт» аст ба ҳомила. Ва он чӣ Мир Нуруллоҳ навишта, ки «лафзи бахт агарчи ба фатҳи аввал машҳур аст, аммо, ба замми аввал, ба маънии «шутурони бухтӣ» муносибтар дида мешавад», бас ракик аст, камо яшҳаду биҳи-з-завқ» [4, 541].

30. «Найнома»-и Абдураҳмони Ҷомӣ маъхазест, ки тамоми шореҳони ҳиндии «Маснавӣ» –Муҳаммадризои Лоҳурӣ, Хоҷа Айюби Порсо, Валимуҳаммади Акбарободӣ, Абдулалии Баҳрулулум барои шарҳи абёти оғози «Маснавӣ» аз он истифода кардаанд. Ин нукта баёнгари дараҷаи маъруфияти рисолаи мазкури Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар миёни шореҳони ҳиндии «Маснавӣ» мебошад.

31. Аз миёни шарҳҳои ҳиндӣ шарҳи Валимуҳаммади Акбарободӣ, ки муаллиф кӯшидааст «Маснавӣ»-ро бар асоси дидгоҳҳои Ибни Арабӣ тафсир кунад, таъсири бештаре бар шарҳҳои баъд аз худ ниҳодааст. Муҳаққиқи англис Рейналд Николсон ва донишманди эронӣ Бадеуззамони Фурӯзонфар дар навиштани шарҳ аз ин шореҳ бисёр ёд кардаанд ва зимни нақли назариёти ӯ дар нақди он низ кӯшидаанд.

32. Муайян намудани масъалаи ин ки «кадоме аз шарҳҳои «Маснавӣ» беҳтарин дониста мешавад?», кори осон нест, зеро тамоми шарҳҳои навишта бар «Маснавӣ» аз аҳаммияти баробар бархурдор нестанд ва ҳар кадом дорои арзише ҳастанд, ки дар дигаре вуҷуд надорад. Ба ин маънӣ, шарҳҳо дар маҷмӯъ метавонанд барои ҳалли мушкилоти «Маснавӣ» мусоидат намоянд.

# КИТОБНОМА

## Сарчашмаҳо ба забони тоҷикӣ

[1]. Аббосӣ, Абдулатиф. «Нусхаи носихаи маснавиёти сақима» / Абдулатифи Аббосӣ.–Теҳрон: Китобхонаи Маҷлиси Шӯрои исломӣ, дастхати шумораи 14987.

[2]. Аббосӣ, Абдулатиф. «Латоиф-ул-маънавӣ мин ҳадоиқ-ул-маснавӣ»: чопи сангӣ / Мавлавӣ Абдулатиф ибни Абдуллоҳи Аббосӣ.–Лакҳнав: Нувал Кишур, 1292 ҳ.

[3]. Аббосӣ, Абдулатиф. «Латоиф-ул-ҳадоиқ» /Абдулатифи Аббосӣ; [Муқаддима, тасҳеҳ ва таълиқи М. Юсуфӣ ва М. Муҳаммадӣ].–Теҳрон: Амири кабир, 1387.–Ҷилди аввал.–505 с.

[4]. Акбарободӣ, Валимуҳаммад. Шарҳи «Маснавӣ»-и Мавлавӣ мавсум ба «Махзан-ул-асрор»: Иборат аз ҳафт муҷаллад /Валимуҳаммади Акбарободӣ; [Ба эҳтимоми Наҷиб Моили Ҳиравӣ].–Теҳрон: Қатра, 1383.–3190 с.

[5]. Анвор, Қосим. Анис-ул-орифин / Қосими Анвор; [Таҳияи матн бо пешгуфтор, тавзеҳот, феҳраст ва луғатномаи Ш. Тоҷибоев].–Хуҷанд: Ношир,2008.–140 с.

[6]. Ансорӣ, Хоҷа Абдуллоҳ. Суханони пири Ҳирот / Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ; [Бо кӯшиши Муҳаммадҷаводи Шариат].–Теҳрон: Дунёи китоб, 1365.–120 с.

[7]. Анқаравӣ, Русухиддин Исмоил. Шарҳи кабири Анқаравӣ бар «Маснавӣ»-и Мавлавӣ: Иборат аз 15 ҷилд / Русухиддин Исмоили Анқаравӣ; [Тарҷумаи Исмат Сатторзода].–Теҳрон: Навбаҳор, 1388.–8690 с.

[8]. Ардабилӣ, Муҳаммад Имод. «Раҳоварди маънавӣ»: Шарҳи абёти мушкилаи «Маснавӣ» / Муҳаммад Имоди Ардабилӣ; [Бо муқаддимаи А. Хушнавис].–Теҳрон: Атоӣ, 1356.–1363 с.

[9]. Аттор, Фаридаддин. «Тазкират-ул-авлиё»: Иборат аз 2 ҷилд /Фаридаддини Аттор; [Баргардон ва фароҳамоварандаи матн, муаллифи муқаддима ва таълиқот М. Оқилова].–Хуҷанд: Ношир, 2009.–474 с.
[10]. Афлокӣ, Шамсиддин Аҳмад. Манокиб-ул-орифин: Иборат аз 2 ҷилд / Шамсиддин Аҳмади Афлокӣ; [Ба кӯшиши Т. Ёзиҷӣ].–Теҳрон: Дунёи китоб, 1385.–1222 с.
[11]. Аҳрорӣ, Мир Нуруллоҳ. Шарҳи «Маснавии маънавӣ» / Мир Нуруллоҳи Аҳрорӣ.–Нусхаи хаттии музейи Бритониё, шумораи 16771.
[12]. Бадахшонӣ, Ғиёсуддин. Шарҳи ду байти «Маснавӣ» / Ғиёсуддини Бадахшонӣ.–Тошканд: Захираи дастнависҳои Институти шарқшиносии ба номи Берунӣ, дастхатҳои №№9395, 8886 ва 9121.
[13]. Балхӣ, Мавлавӣ Ҷалолуддин. «Маснавии маънавӣ»: Бар асоси нусхаи мактуб ба соли 677 қамарӣ / Мавлавӣ Ҷалолуддини Балхӣ; [Муқобала бо тасҳеҳ ва табъи Р. Николсон; Тасҳеҳ, муқобала ва кашфулабёт аз Қивомуддини Хуррамшоҳӣ].–Теҳрон, 1384.–1647 с.
[14]. Балхӣ, Мавлавӣ Ҷалолуддин. «Маснавии маънавӣ»: Бар асоси матни Рейнолд Николсон ва муқобала бо нусхаҳои дигар / Мавлавӣ Ҷалолуддини Балхӣ.–Теҳрон: Замон, 2001.–728 с.
[15]. Балхӣ, Мавлавӣ Ҷалолуддин. Куллиёти Шамс / Мавлавӣ Ҷалолуддини Балхӣ; [Бар асоси чопи Бадеуззамон Фурӯзонфар].–Теҳрон: Ҳермес, 2008.–1859 с.
[16]. Балхӣ, Мавлавӣ Ҷалолуддин. «Маснавии маънавӣ»: Хулосаи достонҳо, қитъаот ва тамсилот, дубайтиҳо, такбайтиҳо, рубоиёт, зиндагинома ва чанд мақола / Мавлавӣ Ҷалолуддини Балхӣ; [Бо эҳтимоми М. Ғаюр].–Теҳрон: Асотир, 1363.–473 с.
[17]. Балхӣ, Мавлавӣ Ҷалолуддин. «Мактубот» ва «Маҷолиси сабъа» / Мавлавӣ Ҷалолуддини Балхӣ; [Бо муқаддимаи Ҷ. Салмосизода].–Теҳрон: Иқбол, 1379.–320 с.
[18]. Балхӣ, Мавлавӣ Ҷалолуддин. Фиҳӣ мо фиҳӣ / Мавлавӣ Ҷалолуддини Балхӣ; [Бо тасҳеҳ ва ҳавошии Б. Фурӯзонфар].–Теҳрон: Заввор, 1386.–353с.

[19]. Балхӣ, Мавлавӣ Ҷалолуддин. Мақолоти Мавлоно (Фиҳӣ мо фиҳӣ) / Мавлавӣ Ҷалолуддини Балхӣ; [Вероиши матн аз Ҷ. М. Содиқӣ].–Теҳрон: Нашри марказ,1376.–236 с.

[20]. Балхӣ, Мавлавӣ Ҷалолуддин. Гузидаи «Фиҳӣ мо фиҳӣ» / Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ; [Шарҳ ва тавзеҳи И. Қумшаӣ; Баргардон, таҳия, тавзеҳот ва луғатнома аз А. М. Шаваткӣ].–Душанбе: Пайванд, 2007.–302с.

[21]. Балхӣ, Мавлавӣ Ҷалолуддин. «Куллиёти Шамси Табрезӣ»: Иборат аз 10 муҷаллад / Мавлавӣ Ҷалолуддини Балхӣ; [Бо инзимоми шарҳи ҳоли Мавлавӣ ба қалами Бадеуззамон Фурӯзонфар].–Теҳрон: Амири кабир, 1391.–1570 с.

[22]. Балхӣ (Румӣ), Мавлавӣ Ҷалолуддин. Феҳрасти осор ва адабиёт дар бораи ӯ /Мавлавӣ Ҷалолуддини Балхӣ; [Мураттибон Ҷ. Раҷабов ва А. Юнусов].–Душанбе: Эҷод, 2007.–112 с.

[23]. Басирӣ, А. Достонҳои «Маснавӣ» / А. Басирӣ.–Шероз: Китобфурӯшии Муҳаммадӣ, 1343.

[24]. Баҳоуддин, Валад. Валаднома / Баҳоуддин Валад; [Бо муқаддима ва тасҳеҳу ҳошияи Ҷ. Ҳумоӣ].–Теҳрон: Амири кабир, 1315.

[25]. Баҳрулулум, Абдулалӣ. Тафсири ирфонии «Маснавии маънавӣ»: Шарҳи Ҳазрати Баҳрулулум: Иборат аз шаш ҷилд /Абдулалии Баҳрулулум; [Зери назар ва муқаддимаи Фаршед Иқбол].–Теҳрон: Эронёрон, 1383.–498 с.

[26]. Бишнав аз най. Нидои най: Қиссаҳои «Маснавии маънавӣ»/ Аҳмади Иқтидорӣ; [Бар асоси «Маснавии маънавӣ»-и чопи Рейнолд Николсон ва китоби «Бонги ной»-и М. Ҷамолзода].–Теҳрон: Дунёи китоб, 1369.–473с.–Ҷилди 1.

[27]. Бишнав аз най. Нидои най: Қиссаҳои «Маснавии маънавӣ» / Аҳмади Иқтидорӣ; [Бар асоси «Маснавии маънавӣ»-и чопи Р. Николсон ва китоби «Бонги ной»-и М. Ҷамолзода].–Теҳрон: Дунёи китоб, 1369.–476 с.–Ҷилди 2.

[28]. Бишнав аз най. Нидои най: Қиссаҳои «Маснавии маънавӣ» / Аҳмади Иқтидорӣ; [Бар асоси «Маснавии маънавӣ»-и чопи Рейнолд Николсон ва

китоби «Бонги ной»-и М. Ҷамолзода].–Теҳрон: Дунёи китоб, 1369.–446 с.–Ҷилди 3.

[29]. Боғи сабзи ишқ: Чанд достони маънавӣ / Интихоб ва шарҳи доктор Козими Дизфулиён.–Теҳрон, 1379.–324 с.–Чопи 2.

[30]. Бохарзӣ, Абдулвосеъ Низомӣ. Мақомоти Ҳазрати Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ / Абдулвосеъ Низомии Бохарзӣ.–Душанбе: Дониш, 2014.–284 с.

[31]. Гавҳарин, Саидсодиқ. Фарҳанги луғот ва таъбироти «Маснавӣ»-и Ҷалолуддин Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Ҳусайни Балхӣ: Иборат аз 14 чилд / Саидсодиқи Гавҳарин.–Теҳрон: Заввор, 1381.

[32]. Гуҷаротӣ, Абдулатифи Аббосӣ. «Латоиф-ул-луғот»: Замимаи «Маснавии маънавӣ» / Абдулатифи Аббосии Гуҷаротӣ; [нусхаи М. Рамазонӣ].–Теҳрон, 1319 ш.–С. 566-666.

[33]. Гозургоҳӣ, Камолуддин. «Маҷолис-ул-ушшоқ» / Камолуддин Ҳусайн ибни Шаҳоби Гозургоҳӣ.– Конпур: Нувалкишур, 1414 қ.

[34]. Девони Анварии Абевардӣ / Таҳияву нашр бо тасҳеҳу тавзеҳоти Расул Ҳодизода.–Душанбе: Ирфон, 1971.–226 с.

[35]. Донишномаи адаби форсӣ: Адабиёти форсӣ дар Осиёи Миёна. Вирости дувум ба сарпарастии Ҳасан Анӯша.–Теҳрон, 1380.–652 с.– Ҷилди 1.

[36]. Донишномаи Эрон ва ислом: Иборат аз 9 муҷаллад / Зери назари Эҳсон Ёршотир.–Теҳрон: Бунгоҳи тарҷума ва нашри китоб, 1354.–6342 с.

[37]. Донишномаи адаби форсӣ: Адаби форсӣ дар Шибҳи қора: Ҳинд, Покистон, Бангладеш / Ба сарпарастии Ҳасан Анӯша.–Теҳрон, 1380.–921 с.–Бахши 1.

[38]. Донишномаи адаби форсӣ: Адаби форсӣ дар Шибҳи қора: Ҳинд, Покистон, Банглодеш / Ба сарапарастии Ҳасан Анӯша.–Теҳрон, 1380.–632 с.–Бахши 2.

[39]. Жозеф, Эдвард. Ҳафт банди ной дар шарҳи чаҳор достони «Маснавии маънавӣ» / Эдвард Жозеф.–Техрон: Асотир, 1371.–285 с.

[40]. Жозеф, Эдвард. Нахҷирон. Баҳсе дар бораи достони нахҷирон ва шеру харгӯш аз дафтари аввали «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ / Эдвард Жозеф.–Теҳрон: Амири кабир, 1362.

[41]. Замонӣ, Карим. Шарҳи ҷомеи «Маснавӣ»: Дар ҳафт муҷаллад / Карим Замонӣ.–Теҳрон, 1384.

[42]. Замонӣ, Карим. Шарҳи комили «Фиҳӣ мо фиҳӣ» / Карим Замонӣ.–Теҳрон: Интишороти Муин, 1391.–662с.–Чопи 3.

[43]. Девони Мансури Ҳаллоҷ.–Теҳрон: Китобхонаи Саноӣ, 1370.–234с.

[44]. Ибни Сино, Абӯалӣ. Қонуни тиб: Иборат аз 5 китоб /Абӯалӣ ибни Сино.–Душанбе: Сарредаксияи илмии ЭСТ, Ирфон, 1991.–452 с.– Китоби 1.

[45]. Исрофилниё, Шарифмурод. Шарҳи мунтахаби «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ: Дастури таълимӣ / Шарифмурод Исрофилниё.–Душанбе: Пайванд, 2016.–220 с.

[46]. Исрофилниё, Шарифмурод. Шарҳи мунтахаби «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ: Дастури таълимӣ / Шарифмурод Исрофилниё.–Душанбе: Пайванд, 2016.–160 с.

[47]. Кашмирӣ, Шайх Муҳаммад Мусаллам. Шарҳи «Маснавӣ»-и шариф (китобатшуда дар соли 1725) / Шайх Муҳаммад Мусаллами Кашмирӣ // Дастхати шумораи 2340 аз захираи дастнависҳои хатии ба номи Ҳамид Сулаймони шаҳриТошканд.

[48]. Кашфулабёти «Маснавӣ»-и Николсон / Ба кӯшиши Муҳаммадҷаводи Шариат.– Исфаҳон: Интишороти Камол, 1363.–405с.–Чопи 1.

[49]. Каломи хомӯш / Гузидаи ашъор ва насри Ҷалолиддин Муҳаммад ибни Муҳаммади Мавлавӣ / Баргардон аз Рейнолд Николсон ва Артур Арбери.–Теҳрон: Ҳермес.–1383.–1509 с.–Чопи аввал.

[50]. Кароматуллоева, Н. Феҳристи дастнависҳои тоҷикӣ-форсии Китобхонаи давлатии ба номи Абулқосими Фирдавсӣ / Н. Кароматуллоева.–Душанбе, 1978.–208 с.–Ҷ. 2.

[51]. Кафофӣ, Абдусалом. «Маснавӣ»-и Ҷалолуддини Румӣ / А. Кафофӣ; [тарҷума ва шарҳу дироя].–Бейрут, 1966.

[52]. Кирмонӣ, Авҳадуддин. Девони рубоиёт / Авҳадуддини Кирмонӣ.–Теҳрон: Амири кабир. 1336.–280 с.

*[53].*Қонеъ, Мир Алишер. «Мақолот-уш-шуаро» / Мир Алишери Қонеъ; [Бо муқаддима ва тасҳеҳи Сайид Ҳисомуддини Рошидӣ.–Карочӣ,1957.–1018 с.
[54]. Қаҳти хуршед: Баргузидаи ашъори Девони Шамси Табрезӣ / Тарҷумаи Рейнолд Николсон.–Теҳрон: Марворид, 1358.–251 с.–Чопи аввал.
[55]. Қушайрӣ, Абулқосим. «Рисолаи Қушайрия» / Абулқосим Абдулкарим ибни Ҳавозани Қушайрӣ; [Мутарҷим Абӯалӣ Ҳасан ибни Аҳмади Усмонӣ; Муқаддима, тасҳеҳ ва таълиқоти Маҳдии Муҳаббатӣ].–Теҳрон: Ҳермес, 1391–625 с.–Чопи аввал.
[56]. Қуръони маҷид / Тарҷумаи Абдулмуҳаммади Оятӣ.–Теҳрон, 1997.
[57]. Лоҳурӣ, Муҳаммадризо. Мукошифоти разавӣ: Нусхаи хатии китобхонаи фарҳанги Исфаҳон/ Муҳаммадризо Лоҳурӣ.–Шумораи 11537.
[58]. Лоҳурӣ, Муҳаммадризо. «Мукошифоти разавӣ»дар шарҳи «Маснавии маънавӣ» / Муҳаммадризо Лоҳурӣ; [Муқаддима, тасҳеҳ ва таълиқот аз Ризо Рӯҳонӣ].–Теҳрон: Суруш, 1386.–1011 с.
[59]. Лоҳурӣ, Муҳаммадризо. Шарҳи «Маснавӣ»-и Ҷалолуддини Румӣ / Муҳаммадризо Лоҳурӣ // Дастхати захираи Институти шарқшиносии ба номи Берунӣ, шумораи 2225 ва 11709.
[60]. Лудӣ, Шералихон. «Миръот-ул-хаёл» / Шералихон Лудӣ.–Бомбай: Музаффарӣ, 1324 қ.
[61]. Мавлавӣ, Ҷалолуддини Муҳаммади Мавлавӣ. Пири чангӣ / Ҷалолуддини Муҳаммади Мавлавӣ.–Теҳрон: Китобхонаи марказии донишгоҳи Шаҳид Биҳиштӣ (Аз силсилаи «Шоҳкориҳои адабиёти форсӣ»), бидуни соли нашр.– 42 с.
[62]. Мавлавӣ, Ҷалолуддини Муҳаммади Мавлавӣ. Девони ҷомеи Шамси Табрезӣ / Ҷалолуддини Муҳаммади Мавлавӣ; [Бар асоси нусхаи тасҳеҳшудаи Бадеуззамон Фурӯзонфар; Веростор Мустафо Замонӣ].–Теҳрон: Фирдавс, 1384.
[63]. Мавлавӣ, Ҷалолуддини Муҳаммад. Қаҳти хуршед: Баргузидаи ашъори девони Шамси Табрезӣ / Ҷалолуддини Муҳаммад [Тарҷумаи Р. Николсон; Ба эҳтимоми М. Рӯшангар].–Теҳрон: Фурӯғӣ, 1336.

[64]. Мавлавӣ, Ҷалолуддини Муҳаммад. Куллиёти Шамси Табрезӣ / Ҷалолуддин Муҳаммади Мавлавӣ; [Бо инзимоми шарҳи ҳоли Мавлавӣ ба қалами Бадеуззамон Фурӯзонфар].–Теҳрон: Амири кабир.–1391.–1570 с.

[65]. Мавлавӣ, Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммад. «Ҷунги «Маснавӣ»: Мунтахаботе аз шаш дафтари «Маснавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммад / Бо муқаддима ва тавзеҳот ба қалами А. Мубаширӣ.–Теҳрон: Атоӣ, 1362.

[66]. Мавлавӣ, Ҷалолуддин Муҳаммади Мавлавӣ. «Маснавии маънавӣ» / Ҷалолуддин Муҳаммади Мавлавӣ; [Тасҳеҳи матн бар асоси нусхаҳои муътабари замони Мавлоно ва наздик ба замони ӯ, муқобала ба чопҳои маъруфи «Маснавӣ», тавзеҳот ва таълиқоти ҷомеъ ва феҳристҳо аз Муҳаммад Истеъломӣ].–Теҳрон: Заввор, 1362,–1370 с.

[67]. Мавлавӣ, Ҷалолуддин Муҳаммад. Куллиёти «Маснавии маънавӣ»-и Мавлавӣ бо феҳристи дафотир ва кашфулабёт ва шарҳи шавоҳиди оёти қуръонӣ ва маонии луғот, шарҳи ҳоли Мавлоно ба қалами Зайнулобиддин Шервонии Неъматуллоҳӣ.–Шероз: Китобхонаи Маърифат, 1354.

[68]. Мавлавӣ, Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхии Румӣ. «Маснавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхии Румӣ / Ба хат ва тасҳеҳи Ҳ. Мирхонӣ.–Теҳрон, 1374 қ.

[69]. Мавлавӣ, Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхии Румӣ. «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммад Балхии Румӣ. Хулосаи достонҳо, қитъаот ва тамсилот, дубайтиҳо, такбайтиҳо, рубоиёт, зиндагинома ва чанд мақола / Ба эҳтимоми Муҳсин Ғаюр.–Теҳрон,1363.

[70]. Мавлавӣ, Ҷалолуддин Муҳаммади Мавлавӣ. «Миърот-ул-маснавӣ»: Танзими ашъори «Маснавӣ» бар ҳасби мавзӯъ ҳамроҳ бо бозёбии оёти қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ / Ҷалолуддин Муҳаммади Мавлавӣ; [Тасҳеҳ, муқаддима, кашфулабёт ба кӯшиши Б. Хуррамшоҳӣ].–Теҳрон: Гуфтор, 1378.

[71]. Мирзозода, Холиқ. Таърихи адабиёти тоҷик: иборат аз ду китоб. Китоби 1(2). / Холиқ Мирзозода. –Душанбе: Маориф, 1989.–486 с.

[72]. Мунзавӣ, Аҳмад. Феҳрасти нусхаҳои хаттии форсӣ . Иборат аз 6 ҷилд ва 7 китоб/ Аҳмади Мунзавӣ.–Теҳрон: Муассисаи фарҳангии минтақаӣ, 1351.
[73]. Мунзавӣ, Аҳмад. Феҳрасти нусхахои хаттии форсии китобхонаи умумӣ ва Оршиви Патёла / Аҳмади Мунзавӣ.–Деҳлии нав: Ройзании фарҳангии ҶИЭ, 1374ш.
[74]. Мунзавӣ, Аҳмад. Феҳрасти муштараки нусхаҳои хаттии форсии Покистон: Иборат аз 14 ҷилд / Аҳмади Мунзавӣ.–Исломобод: Маркази таҳқиқоти форсии Эрон ва Покистон, 1362-1375.
[75]. Мондоно, Сиддиқ Беҳзодӣ. Китобномаи Мавлавӣ / Сиддиқ Беҳзодӣ Мондоно.–Теҳрон: Муассисаи барномарезии илмӣ ва омӯзишӣ, 1351.–482 с.
[76]. Мондоно, Сиддиқ Беҳзодӣ. Китобшиносии Мавлавӣ / Сиддиқ Беҳзодӣ Мондоно.–Теҳрон: Маркази нашри донишгоҳӣ, 1380.–18+637с.
[77]. Намангонӣ, Маҷзуб. Тазкират-ул-авлиё / Маҷзуби Намангонӣ.–Дастхати шумораи 2662 аз хазинаи дастнависҳои ба номи Берунии шаҳри Тошканд.
[78]. Насрӣ, Мӯсо. Наср ва шарҳи «Маснавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммад Балхии Румӣ. –Ибора аз 6 ҷилд. / Мӯсои Насрӣ.–Теҳрон, 1371.
[79]. Николсон, Рейнолд. Шарҳи «Маснавии маънавӣ»-и Мавлавӣ: Иборат аз 6 муҷаллад / Рейнолд Николсон; [Бо пешгуфтори Сайид Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Тарҷума ва таъликҳи Ҳасани Лоҳутӣ].–Теҳрон, 1374.–2322 с.
[80]. Офтоби маънавӣ: Чиҳил достон аз «Маснавӣ» / Ба кӯшиши Нодир Вазинпур.–Теҳрон: Сипеҳр, 1366.–454с.–Чопи дувум.
[81]. Омулӣ, Шайх Баҳоуддин Муҳаммад. Куллиёти ашъори форсӣ / Шайх Баҳоуддин Муҳаммад ал-Омулӣ машҳур ба Шайх Баҳоӣ; [Ба тасҳеҳу муқаддимава пайвасти М. Тавҳидипур].–Теҳрон: Маҳмудӣ, 1336.
[82]. Порсо, Хоҷа Аюб. «Асрор-ул-ғуюб»–шарҳи «Маснавии маънавӣ». Иборат аз ду ҷилд. / Хоҷа Аюби Порсо; [Тасҳеҳ ва таҳшияи М. Шариат].–Теҳрон: Асотир, 1377.–1476 с.
[83]. Раҳимбердӣ, М. Шарҳи «Маснавӣ» / М. Раҳимбердӣ // Дастхати захираи дастхатҳои ба номи Ҳамид Сулаймон, шумораи 1882.

[84]. Рубоинома: Гузидаи рубоиёт аз Рӯдакии Самарқандӣ то имрӯз / Бо эҳтимоми Сайид Аҳмад Биҳиштии Шерозӣ.–Теҳрон, 1372.

[85]. Румӣ, Аҳмад. «Дақоиқ-ул-ҳақоиқ» / Аҳмади Румӣ; [Бо эҳтимоми С. Ноинӣ ва М. Шерозӣ; бо муқаддимаи Забеҳулло Сафо].–Теҳрон: Маркази мутолиот ва ҳамоҳангии фарҳангӣ, 1354.

[86]. Румӣ, Ҷалолуддин. Сад барги ғазал / Ҷалолуддини Румӣ; [Интихоб ва пешгуфтори Абдуманнон Насриддинов].–Хуҷанд: Нури маърифат, 2007.–142 с.

[87]. Румӣ, Ҷалолуддин Муҳаммад. Ҳаштсад ғазали дилошӯб / Ҷалолуддин Муҳаммади Румӣ; [Таҳияи Асрор Раҳмонфар ва Ато Мирхоҷа].–Душанбе: Адиб, 2007.–856 с.

[88]. Сабзаворӣ, Ҳоҷ Мулло Ҳодӣ. Шарҳи «Маснавӣ»: иборат аз 2 ҷилд / Ҳоҷ Мулло Ҳодии Сабзаворӣ; [Ба кӯшиши доктор М. Буруҷирдӣ].–Теҳрон: Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ, 1373.–500 с.

[89]. Салмосизода, Ҷавод. Шарҳи чаҳор тамсили «Маснавии маънавӣ» / Ҷавод.Салмосизода; [бар асоси тафсири Р. Николсон, «Фотеҳ-ул-абёт» ва «Рӯҳ-ул-маснавӣ»].–Табрез, 2553 (1976).–460+59 с.

[90]. Салмосизода, Ҷавод. Тафсири «Маснавӣ»-и Мавлавӣ / Ҷавод Салмосизода; [Бар асоси тафсири Р. Николсон, «Фотеҳ-ул-абёт» ва «Рӯҳ-ул-маснавӣ»; Таълиф ва тарҷумаи Ҷавод Салмосизода].–Теҳрон, 1369.–1370.

[91]. Санбаҳлӣ, Мирҳусайни Дӯст.Тазкираи Ҳусайнӣ / Мирҳусайни Дӯсти Санбаҳлӣ.–Лакҳнав: Нувалкишур, 1292.

[92]. Сарҳиндӣ, Абдулаҳад. Шарҳи баъзе абёти Мавлавии Румӣ / Абдулаҳади Сарҳиндӣ // Дастхати № 5119 аз Захираи даснависҳои ба номи Ҳамид Сулаймони шаҳри Тошканд

[93]. Самарқандӣ, Низомии Арӯзӣ. Чаҳор мақола / Низомии Арӯзии Самарқандӣ; [Мураттиб, муаллифони сарсухан ва ҳозиркунандагони чоп Х. Шарифов, У. Тоиров].–Душанбе: Ирфон, 1986.

[94]. Сафоӣ, Расул. Кашф-ул-мисроъи мисраи дувуми «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Балхӣ / Расули Сафоӣ.–Исфаҳон: Донишгоҳи Исфаҳон, 1385.

[95]. Сиёлкутӣ, Ворис. Луғот аз абёти «Маснавӣ»; Шарҳи «Далоил-ул-хайрот» / Вориси Сиёлкутӣ, М. С. Деҳлавӣ // Дастхати шумораҳои 10906; 11090.

[96]. Синачок, Юсуф. Ҷазираи «Маснавӣ» / Юсуфи Синачок; [Тасҳеҳ ва тавзеҳи Неъматулло Эронзода].–Теҳрон: Интишороти илм ва дониш, 1387.–89 с.

[97]. Сипаҳсолор, Фаредун ибни Аҳмад. Рисолаи Сипаҳсолор дар маноқиби ҳазрати Худовандгор / Фаредун ибни Аҳмади Сипаҳсолор; [Бо муқаддима тасҳеҳ ва таълиқоти М. А. Вафоӣ].–Теҳрон: Сухан, 1385 ҳ. ш.

[98]. Сипаҳсолор, Фаредун ибни Аҳмад. Рисолаи Сипаҳсолор. Қадимитарин сарчашма дар шинохти Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ/ Фаредун ибни Аҳмади Сипаҳсолор; [Таҳия, тавзеҳ ва муқаддимаи Т. Султонӣ].–Хуҷанд: Хуросон, 2015.–208 с.

[99]. Субҳонӣ, Тавфиқ. Кашф-ул-абёти Куллиёти Шамси Табрезӣ / Тавфиқ Субҳонӣ.–Теҳрон: Анҷумани осор ва мафохири фарҳангӣ, 1385.

[100]. Субҳонӣ, Тавфиқ. Кашф-ул-абёти Куллиёти Шамси Табрезӣ / Тавфиқ Субҳонӣ.–Теҳрон: Анҷумани осор ва мафохири фарҳангӣ, 1393.

[101]. Султонвалад. Интиҳонома / Султонвалад; [Бо муқаддима, тасҳеҳ ва таълиқи Муҳаммадалӣ Хазонадорлу].–Теҳрон: Равзана, 1376.–392 с.

[102]. Султонвалад. Девон: Шомили ғазалиёт, қасоид, қитъаот, таркибот, ашъори туркӣ, мусаммат, рубоиёт/ Султонвалад; [Бо муқаддимаи Саид Нафисӣ].–Теҳрон: Китобфурӯшии Рӯдакӣ, 1338.–630 с.

[103]. Султонвалад. Интиҳонома/ Султонвалад; [Бо муқаддима, тасҳеҳ ва таълиқи Муҳаммадалӣ Хазонадорлу.–Теҳрон: Равзана, 1376.–392 с.

[104]. Султонвалад. Девон: Шомили ғазалиёт, қасоид, қитъаот, таркибот, ашъори туркӣ, мусаммат, рубоиёт/ Султонвалад; [Бо муқаддимаи Саид Нафисӣ.–Теҳрон: Китобфурӯшии Рӯдакӣ, 1362.–645 с.

[105]. Фарҳанги забони тоҷикӣ: Иборат аз 2 ҷилд.–Москва: Советская энциклопедия, 1969, 951 с.–Ҷ. 1.

[106]. Фарҳанги забони тоҷикӣ: Иборат аз 2 ҷилд.–Москва: Советская энциклопедия, 1969.–949 с.–Ҷ. 2.

[107]. Феҳрасти дастнависҳои тоҷикӣ-форсии китобхонаи давлатии РСС Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ / Мураттиб А. Юнусов.–Душанбе: Маориф, 1971.–Ҷ. 1.

[108]. Феҳрасти машрӯҳи баъзе китобҳои нафисаи каламияи китобхонаи Осафияи Саркор Олӣ / Таҳияи М. А. Баҳодур.–Ҳайдаробод-Дакан, 1357.

[109]. Феҳрасти мақолоти форсӣ: Дар шаш муҷаллад / Ба кӯшиши Эраҷи Афшор .–Теҳрон, 1383.

[110]. Феҳрасти мақолоти форсӣ: Феҳрасти мавзӯии таҳқиқот ва мутолиоти эроншиносӣ бар забони форсӣ, ки дар нашриёти адвории чопи Эрон ва мамолики дигар то поёни соли 1338 ш. чоп шудааст / Ба кӯшиши Эраҷи Афшор.–Теҳрон,1368 қ.–Ҷилди 1.

[111]. Хони маънӣ: Мунтахаби ашъори Анварии Абевардӣ, Адиб Собири Тирмизӣ ва Хоқонии Шарвонӣ.–Душанбе: Адиб, 2011.–480 с.

[112]. Хоразмӣ, Камолуддин Ҳусайн. «Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор». Иборат аз ду муҷаллад / Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ; [Ба тасҳеҳи М. Шариат].– Исфаҳон: Интишороти Машъал, 1360.

[113]. Хоразмӣ, Камолуддин Ҳусайн. «Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор»: дар чор муҷаллад / Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ; [Муқаддима ва тасҳеҳу таҳшияи М. Шариат].–Теҳрон: Асотир, 1384.

[114]. Ҳабибов, Амирбек. Ганҷи парешон / А. Ҳабибов.–Душанбе: Ирфон, 1984.– 360 с.

[115]. Ҳидоят, Ризоқулихон. «Риёз-ул-орифин» / Ризоқулихони Ҳидоят;[Ба кӯшиши М. Гургонӣ].– Теҳрон, 1317.

[116]. Ҳуҷвирӣ, Абулҳасан Алӣ ибни Усмон. «Кашф-ул-маҳҷуб» / Абулҳасан Алӣ ибни Усмон Ҳуҷвирӣ; [Тасҳеҳи Д. Жуковский].– Теҳрон: Таҳуро, 1373.–986 с.

[117]. Шарвонӣ, Хоқонӣ. Девон / Хоқонии Шарвонӣ;[Ба кӯшиши Зиёуддини Саҷҷодӣ].– Теҳрон: Заввор, 1371.–874 с.

[118]. Шарвонӣ, Хоқонӣ. «Тӯҳфат-ул-ироқайн» / Хоқонии Шарвонӣ // Нусхаи Китобхонаи Маҷлиси Шӯрои миллӣ, шумораи 12388.–303 с.

[119]. Шерозӣ, Саъдӣ. «Бӯстон» / Саъдии Шерозӣ; [Тасҳеҳ ва тавзеҳи Ғуломҳусайни Юсуфӣ] / Теҳрон: Хоразмӣ, 1363.–1020 с.

[120]. Шерозӣ, Ҳофиз. Девон / Ҳофизи Шерозӣ; [Аз рӯи нусхаи тасҳеҳшудаи Муҳаммади Қазвинӣ ва Қосим Ғанӣ].–Теҳрон, 1377.–680 с.

[121]. Чархӣ, Мавлоно Яъқуб. «Рисолаи ноия» / Мавлоно Яъқуби Чархӣ; [Ба тасҳеҳи Х. Халилӣ].–Душанбе: Ройзани фарҳангии ҶИЭ дар Тоҷикистон, 1386.–113 с.–Чопи 1.

[122]. Ҷаъфарӣ, Муҳаммадтақӣ. Тафсиру нақд ва таҳлили «Маснавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ: Иборат аз 14 муҷаллад / Муҳаммадтақӣ Ҷаъфарӣ.–Теҳрон, 1349.

[123]. Ҷомӣ, Абдураҳмон. «Нафаҳот-ал-унс» / Абдураҳмони Ҷомӣ; [Тасҳеҳи доктор М. Обидӣ].–Теҳрон: Иттилоот, 1370.

[124]. Ҷомӣ, Абдураҳмон. «Нафаҳот-ал-унс мин ҳазарот-ил-қудс» / Абдураҳмони Ҷомӣ; [Таҳиягарони матн,муаллифони муқаддима ва феҳристҳо М. Оқилова, Б. Мирсаидов].–Душанбе, 2013.–865 с.

[125]. Ҷомӣ, Абдураҳмон. «Найнома» / Абдураҳмони Ҷомӣ // Нусхаи хаттии шахсии китобатшуда ба соли 704 ҳ.қ.–22 с.

[126]. Шаҳидӣ, Саидҷаъфар. Шарҳи «Маснавӣ» / Саидҷаъфари Шаҳидӣ.–Теҳрон: Интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1373.

[127]. Шерозӣ, Шоҳ Низомиддини Доӣ. Шарҳи «Маснавии маънавӣ» / Доӣ Низомиддин Маҳмуди Шерозӣ; [Тасҳеҳ ва пешгуфтори М. Ронҷҳо].–Исломобод: Маркази таҳқиқоти Эрон ва Покистон, 1363-1364.

[128]. Шоҳидӣ, Иброҳим Муғлавӣ. Гулшани тавҳид: шарҳи «Маснавии маънавӣ» / Иброҳим Муғлавии Шоҳидӣ; [Муаллифи сарсухан ва тавзеҳот Т.Султонӣ].–Хуҷанд: Вектор Канд, 2015.–352 с.

[129]. Шоҳидӣ, Иброҳим Муғлавӣ. Гулшани тавҳид / Иброҳим Муғлавии Шоҳидӣ; [Бо эҳтимоми Муҳаммадҳусайни Хусравон ва Ризо Ашрафзода].–Машҳад: Ҷаҳони андешаи кӯдакон, 1371.

[130]. Шоҳидӣ, Иброҳим Муғлавӣ. «Гулшани тавҳид» / Иброҳим Муғлавии Шоҳидӣ // Захираи дастхатҳои ба номи Ҳамид Сулаймон, шумораи 1572.

[131]. Шоҳидӣ, Иброҳим. «Гулшани тавҳид» / Иброҳим Муғлавии Шоҳидӣ // Дастхати ганҷинаи дастхатҳои Пажӯҳишгоҳи шарқшиносӣ ва АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон.–Шумораи 188/1.

[132]. Шуштарӣ, Қозӣ Сайид Нуруллоҳ. «Маҷолис-ул-муъминин»: Иборат аз шаш муҷаллад / Қозӣ Сайид Нуруллоҳи Шуштарӣ.–Теҳрон: Китобфурӯшии исломия, 1353 ҳ.

[133]. Энсиклопедияи советии тоҷик: Дар 8 ҷилд.–Душанбе, 1988.–Ҷ. 8.

[134]. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик: Дар 3 ҷилд.–Душанбе: Сарредаксияи илмии ЭСТ, 2004.–Ҷ. 3.

[135]. Яздонбахш, Қаҳрамон. Гузидаи достонҳои «Маснавӣ» / Қаҳрамони Яздонбахш.–Теҳрон: Интишорот ва омӯзиши Инқилоби исломӣ, 1370.

**Осори таҳқиқӣ ба забони тоҷикӣ**

[136]. Абдуллоев, Аҳмад. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дувуми асри Х1 ва аввали асри XII / А. Абдуллоев.–Душанбе: Дониш, 1986.–262с.

[137]. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII–XIV: қисми 2.–Душанбе: Ирфон, 1983.–229 с.

[138]. Амирӣ, Каюмарс. Забон ва адаби форсӣ дар Ҳинд / Каюмарси Амирӣ.–Теҳрон: Шӯрои густариши забон ва адабиёти форсӣ, 1374.–332 с.

[139]. Аз наҳви сухан то ҷавҳари маъно: Маҷмӯаи мақолот бахшида ба 70-солагии профессор Зикриёев Ф.–Хуҷанд: Меъроҷ, 2010.–400 с.

[140]. Аҳмад, Азиз. Таърихи тафаккури исломӣ дар Ҳинд / Азиз Аҳмад [Тарҷумаи Н. Лутфӣ, М. Ёҳақӣ].–Теҳрон, 1367.–261 с.

[141]. Баррасиҳо аз таърихи фалсафаи тоҷику форс / Маҷмӯаи мақолаҳо.–Душанбе: Матбуот, 2002.–618с.

[142]. Баҳор, Маликушшуаро. Сабкшиносӣ ё таърихи тававвури насри форсӣ / М. Баҳор.–Теҳрон: Амири кабир, 1375.

[143]. Бақоев, Муҳаммадвафо. Ҳаёт ва эҷодиёти Амир Хусрави Деҳлавӣ / М.Бақоев.–Душанбе: Дониш, 1975.–280 с.

[144]. Браун, Эдвард. Таърихи адабиёти Эрон (аз Саъдӣ то Ҷомӣ) : дар 4 ҷилд / Э. Браун.–Теҳрон, 1327.–Ҷ. 3.

[145]. Ганҷинаи маънавии Мавлоно: Бо осоре аз Сайид Ҳасани Наср, Вилям Читтик ва Аннемари Шиммел / Тарҷума ва таҳқиқи Шаҳоб Аббосӣ.–Теҳрон: Марворид, 1383.–427+59 с.

[146]. Гулпинорлӣ, Абдулбоқӣ. Наср ва шарҳи «Маснавӣ»–и шариф: Иборат аз 3 ҷилд / Абдулбоқии Гулпинорлӣ; [Тарҷума ва тавзеҳи Т. Субҳонӣ].–Теҳрон: Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ, 1374.–1224с.

[147]. Гулпинорлӣ, Абдулбоқӣ. Мавлоно Ҷалолуддин: Зиндагонӣ, фалсафа, осор ва гузидае аз онҳо / Абдулбоқии Гулпинорлӣ; [Тарҷума ва тавзеҳи Тавфиқ Субҳонӣ].–Теҳрон: Пажӯҳишгоҳи улуми инсонӣ ва мутолиоти фарҳангӣ, 1384.–470 с.

[148]. Гулпинорлӣ, Абдулбоқӣ. «Мавлавия баъд аз Мавлоно». Нашри аввал / Абдулбоқии Гулпинорлӣ; [Тарҷума ва тавзеҳи Тавфиқ Субҳонӣ].–Теҳрон: Кайҳон, 1366.–744 с.

[149]. Ғанӣ, Қосим. Ёддоштҳои дуктур Қосим Ғанӣ дар ҳавошии девони Ҳофиз / Қосим Ғанӣ; [Ба кӯшиши И. Сорамӣ].–Теҳрон, 1366.–310 с.

[150]. Ғаффоров, Абдуллоҷон. Назми форсизабони Ҳинду Покистон дар нимаи дувуми асри XIX ва асри XX / Абдуллоҷон Ғаффоров.–Душанбе: Дониш, 1975.–143 с.

[151]. Ғаффорова, Замира. Масъалаҳои ҳиндшиносӣ ва равобити адабӣ / З. Ғаффорова.–Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 2011.–516 с.

[152]. Ғаффорова, Умеда. Сайре дар ирфони Мавлавӣ / У. Ғаффорова // Армуғони «Ганҷи сухан».–Хуҷанд: Ношир, 2012.–354с.

[153]. Даргоҳӣ, М. Расули офтоб: Мавлавӣ аз шариат то шӯридагӣ / М. Даргоҳӣ.–Теҳрон: Муассисаи интишоротии Амири кабир, 1379.–511 с.

[154]. Даштӣ, Алӣ. Сайре дар Девони Шамс / А. Даштӣ.–Теҳрон: Бунёди фарҳанги Эрон, 1355.

[155]. Деҳбошӣ, Алӣ. Тӯҳфаҳои онҷаҳонӣ: Сайре дар зиндагӣ ва осори Мавлоно Ҷалолуддин Румӣ / А. Деҳбошӣ.–Теҳрон: Сухан, 1384.

[156]. Домодӣ, Муҳаммад. Шарҳи ишқу ошиқӣ ҳам ишқ гуфт: Таҳлили ишқ ва илму ирфон ҳамроҳ бо шарҳу тафсири мунтахаби «Маснавӣ»-и Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ / М. Домодӣ.–Теҳрон: Доно, 1379.

[157]. Достонҳои паёмбарон дар «Куллиёти Шамс». Навиштаи Тақии Пурномдориён.–Теҳрон: Муассисаи мутолиот ва таҳқиқоти фарҳангӣ, 1364.

[158]. Замонӣ, Осифа. Форсисароёни Ҳинд дар Кашмир / О.Замонӣ // Маҷаллаи «Дониш»: Фаслномаи Маркази таҳқиқоти форсии Эрон ва Покистон.–Пойизи 1376.–Шумораи 50.

[159]. Зарринкӯб, А. «Сирри най». Нақд ва шарҳи таҳлилӣ ва татбиқии «Маснавӣ»: чопи даҳум, дар ду муҷаллад.–Теҳрон, 1383.–1154 с.

[160]. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. «Арзиши мероси сӯфия» / А. Зарринкӯб.–Теҳрон: Ориё, 1344.–270 с.

[161]. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. «Баҳр дар кӯза»: дар се муҷаллад / А. Зарринкӯб.–Теҳрон: Уламо, 1367.

[162]. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. «Пилла-пилла то мулоқоти Худо» (Дар бораи зиндагӣ, андеша ва сулуки Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ) / А. Зарринкӯб.–Теҳрон, 1358.–398 с.

[163]. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. «Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон» / А. Зарринкӯб.–Душанбе: Ирфон, 1992.–396 с.

[164]. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. «Дунболаи ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон» / А. Зарринкӯб.–Теҳрон: Амири кабир, 1366.

[165]. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. «Сирри най». Нақду шарҳи таҳлиливу татбиқии «Маснавӣ» : чопи панҷум / А. Зарринкӯб.–Теҳрон: Интишороти илмӣ, 1373.–606 с.

[166]. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. «Нардбони шикаста» /А. Зарринкӯб.–Теҳрон: Сухан,1389.–518с.

[167]. Зиёев, Хуршед. Мавлавия ва таърихи таҳаввули он / Х. Зиёев.–Душанбе: Ирфон, 2004,–216 с.

[168]. Зоиров, Ҳалимҷон. Нигоҳе ба «Мактубот»-и Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ / Ҳ.Зоиров // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.–Душанбе: Дониш, 2009.–№4.–С.70-74.
[169]. Ишороти Валавӣ / Мирзо Мӯҳсин Имоди Ардабилӣ.–Теҳрон, 1327 ҳ.ш.
[170]. Ишқи Мавлоно [Гирдоваранда Фаррухи Интизом].–Теҳрон: Наврӯзӣ, 1345 ш.
[171]. Иқбол, Аббос. Таъсири Мавлоно бар фарҳанги исломӣ / А. Иқбол [Тарҷума ва ҳавошӣ аз Муҳаммад Рофеъии Меҳрободӣ].–Теҳрон: Муассисаи матбуотии Атоӣ, 1363.–211 с.
[172]. Иқбол, Аббос. Зиндагӣ ва осори Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ /А. Иқбол; [Тарҷумаи Ҳ. Афшор].–Теҳрон: Нашри Марказ, 1375.
[173]. Иҷлолӣ, А. Тавзеҳи нукоти адабӣ, ирфон, ишороти қуръонӣ ва аҳодис дар «Маснавӣ»-и Мавлавӣ / А. Иҷлолӣ.–Табрез: Донишгоҳи Табрез,1369.
[174]. Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеӣ. Шоири оинаҳо (баррасии сабки ҳиндӣ ва шеъри Бедил) / М. Кадканӣ.–Теҳрон: Амири кабир, 1374.
[175]. Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеӣ. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ / М. Кадканӣ.–Теҳрон: Амири кабир, 1366.
[176]. Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеӣ. Тасаввуфи исломӣ ва робитаи инсон ва Худо: тарҷума аз англисӣ / М.Кадканӣ.–Теҳрон: Заввор.–Чопи севум.–208 с.
[177]. Каримов, Усмон. Адабиёти тоҷик дар асри XVI / У. Каримов.–Душанбе: Дониш, 1985.–228 с.
[178]. Козарунӣ, Ҳ. Ишқ дар «Маснавии маънавӣ» / Ҳ. Козарунӣ.–Теҳрон: Заввор, 1374.
[179]. Козимзода, Ҳусайни Эроншаҳр. Тафсири маънавӣ бар дебочаи «Маснавӣ» бо даҳ ғазал аз «Девони Шамс»-и Мавлавӣ / Э. Ҳ. Козимзода; [Бо муқаддимаи Б. Фурӯзонфар ва Ҳозиқӣ].–Теҳрон: Иқбол,1334.
[180]. Келдиёров, Тоҷибой. Нигоҳе ба ҳаёт ва осори Баҳрулулум (ҳамроҳ бо шарҳи абёти «Найнома» аз шарҳи Баҳрулулум) / Т. Келдиёров //Номаи донишгоҳ.–2009.–№3(19).–С.148-174.

[181]. Келдиёров, Тоҷибой. Нигоҳи интиқодӣ ба шарҳи ирфонӣ: тақриз ба китоби «Шархи Баҳрулулум» / Т.Келдиёров // Номаи донишгоҳ.–2011.–№ 4(28).–С. 252-265.

[182]. Келдиёров, Тоҷибой. «Гулшани тавҳид»–шарҳи манзуми маснавии Мавлоно// Т. Келдиёров // Номаи донишгоҳ.–2012.–№1(29).–С.12-22.

[183]. Келдиёров, Тоҷибой. Усули нақли қиссаву ҳикояҳо дар «Асрор-ул-ғуюб»-и Хоҷа Айюби Порсо/ Т. Келдиёров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши филология.–2012.–№4/4(91).–С. 269-273.

[184]. Келдиёров, Тоҷибой. Аввалин шореҳ ва нахустин шарҳ / Т. Келдиёров // Ахбори ДДҲБСТ.–2011.–№1(53).–С. 230-236.

[185]. Келдиёров, Т. Нигоҳе ба шарҳи Валимуҳаммади Акбарободӣ бар «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Румӣ/ Т. Келдиёров // Номаи донишгоҳ.–2013.–№1(34).–С.30-41.

[186]. Келдиёров, Тоҷибой. Нигоҳи интиқодӣ дар «Асрор-ул-ғуюб»-и Хоҷа Айюби Порсо/ Т. Келдиёров // Номаи донишгоҳ.–2013.–№3(36).–С. 3-11.

[187]. Келдиёров, Тоҷибой. Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ–аввалин шореҳи маснавии Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ/ Т. Келдиёров //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон: Бахши филология.–2013.–№4/1(105).–С. 203-208.

[188]. Келдиёров, Тоҷибой. Вижагиҳо ва арзишҳои шарҳи «Мукошофоти разавӣ»-и Муҳаммадризои Лоҳурӣ / Т. Келдиёров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон: Бахши филология.–2013.–№4/4(116).–С. 173-181.

[189]. Келдиёров, Тоҷибой. Баҳсе дар мазҳаби Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ / Т. Келдиёров // Ахбори ДДҲБСТ.–2014.–№1(57).–С. 288-293.

[190]. Келдиёров, Тоҷибой. Нигоҳе ба сабки шоирии Хоразмӣ / Т. Келдиёров // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.–2014.–№1(56).–С. 284-300.

[191]. Келдиёров, Тоҷибой. Усулҳои тафсири дохилӣ дар шарҳи Хоразмӣ / Т. Келдиёров // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.–2014.–№1(56/2).–С. 299-303.

[192]. Келдиёров, Тоҷибой. Усули овардани қиссаву ҳикоёт дар «Ҷавоҳир-ул-асрор»-и Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ/ Т. Келдиёров // Номаи донишгоҳ.–2014.–№1(38).–С. 53-61.

[193]. Келдиёров, Тоҷибой. Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ ва Хоқонии Шарвонӣ / Т. Келдиёров // Ахбори ДДҲБСТ.–2014.–№ 4(60).–С. 203-209.
[194]. Келдиёров, Тоҷибой. Таъсири «Тазкират-ул-авлиё»-и Шайх Аттори Нишопурӣ ба «Ҷавоҳир-ул-асрор»-и Камолуддини Хоразмӣ/ Т. Келдиёров // Номаи донишгоҳ.–2014.–№4(41).–2014.–С. 30-33.
[195]. Қазвинӣ, Муҳаммад. Баъзе тазминҳои Ҳофиз / М.Қазвинӣ // Ёдгор.–Соли аввал.–Шумораҳои 5-9.
[196]. Қумшаӣ, Ҳусайн Муҳйиддин Илоҳӣ. 365 рӯз бо Мавлавӣ / Ҳусайн Муҳйиддин Илоҳии Қумшаӣ.– Теҳрон: Сухан, 1393.–628с.
[197]. Лангрудӣ, М. Ҷ. Рози бақои Эрон дар сухани Мавлавӣ / М. Ҷ. Лангрудӣ.–Теҳрон: Китобхонаи Ганҷи дониш, 1371.
[198]. Лоҳутӣ, Ҳасан. Мавлонои Эрон дар миёни ҳиндуён / Ҳ. Лоҳутӣ // Адаб ва ҳунар: Моҳномаи илмии тахассусии ҳикмат ва маърифат.–Шумораи 11.
[199]. Мероси Мавлавӣ: Шеър ва ирфон дар ислом / Тарҷумаи Марями Мушарраф.–Теҳрон: Интишороти Сухан,1386.–432 с.
[200]. Майер, Фридрих. Баҳоувалад, зиндагӣ ва ирфони ӯ / Ф. Маер; [Тарҷумаи М. Мушарраф].–Теҳрон: Маркази Нашри донишгоҳӣ, 1382.–262с.
[201]. Майер, Фридрих. Баҳоувалад ва хутути аслии ҳаёт ва ирфони ӯ / Ф. Маер; [Тарҷумаи М. Бойбурдӣ].–Теҳрон: Суруш, 1385.–554с.
[202]. Мақсудов, Бадриддин. Рӯзгор ва осори Камоли Хуҷандӣ / Б. Мақсудов.–Душанбе, 1994.–188 с.
[203]. Маъонӣ, Аҳмад Гулчин. Таърихи тазкираҳои форсӣ / А.Маъонӣ.–Теҳрон, 1350.–1004 с.
[204]. Маъсума, Амин Деҳқон. Муқоисаи инсони фараҳманд дар «Шоҳнома» бо валӣ дар «Маснавӣ» / А. Д. Маъсума.–Теҳрон: Ҳақиқат, 1383.
[205]. Маҷмӯаи мақолот бахшида ба 800-умин зодрӯзи Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ / [Мураттиб ва муҳаррир А. М. Хуросонӣ].–Душанбе: Пайванд, 2007.–347 с.
[206]. Мирзоев, Абдулғанӣ. Аз таърихи муносибатҳои адабии Мовароуннаҳр ва Ҳинд / А. Мирзоев // Садои Шарқ.–1964.–№5.–С. 35-39.

[207]. Мирзоев, Абдулғанӣ. Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик / А.Мирзоев.–Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1974.–199 с.
[208]. Мирсаидов, Баҳром. Ҳусомуддин дар ҷаҳони андешаи Мавлоно ва мавлавиён.– Хуҷанд: Ношир, 2014.–140 с.
[209]. Мозӣ Ӯғлу, Ҳасиба. Мақом ва таъсири Мавлоно дар оғоз ва густариши адабиёти турк дар Анталия / Ҳ.Мозӣ Ӯғлу // Дар китоби «Мавлоно аз дидгоҳи туркон ва эрониён».–Теҳрон: Созмони чоп ва интишороти Фарҳанг ва иршоди исломӣ, 1369.–210 с.
[210]. Муваҳҳид, Муҳаммадалӣ. Куҳантарин ривоят аз моҷарои Шамс ва Мавлоно / М.Муваҳҳид.–Теҳрон, 1387.–308с.
[211]. Муин, Муҳаммад. Дижи Ҳушрабо / М. Муин // Ёдномаи Мавлавӣ: Ба муносибати ҳафтсадумин соли Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Мавлавӣ.–Теҳрон, 1337.
[212]. Муродӣ, Низомуддин. Адабиёти форсу тоҷик дар Кошғар (асрҳои ХУ1-Х1Х) / Н. Муродӣ.–Хуҷанд: Ношир, 2015.–415 с.
[213]. Мухтор, Шокир. Шӯҳрати Румӣ дар Фаронса / Ш. Мухтор.–Душанбе: Сино, 2000.–240с.
[214]. Мухторов, Аҳрор. «Ҳисор». Очерки таърихӣ / А. Мухторов.–Душанбе: Адиб, 1995.–303 с.
[215]. Мустафо, Муҳаммад Ҷаъфар. «Пойизи Балх» (корбурди «Маснавӣ» дар худшиносӣ) / М. Ҷ. Мустафо.–Теҳрон: Парешон, 1380.–423 с.
[216]. Навшоҳӣ, Ориф. Мақолоти Ориф: Дар заминаи адабиёти форсӣ ва нусхашиносӣ / О. Навшоҳӣ.–Теҳрон: Бунёди мавқуфоти доктор Маҳмуди Афшор, 1381.
[217]. Назир, Аҳмад. Абдулатифи Аббосии Гуҷаротӣ ва нусхаи интиқодии «Маснавии маънавӣ»-и ӯ / А. Назир ва К.Ҷоисӣ // Оянда.–Соли ҳафтдаҳум ва нуздаҳум.–С. 51-57.
[218]. Нақавӣ, Саидризо. Тазкиранависии форсӣ дар Ҳинду Покистон / С. Нақавӣ.–Теҳрон: Қатра, 1349.–732 с.

[219]. Насриддинов, Абдуманнон. Маърифат ва шарҳи адабиёт / А. Насриддинов.–Душанбе: Ирфон,1991.–175 с.

[220]. Насриддинов, Абдуманнон. Шарҳнависӣ дар таърихи адаби форс-тоҷик. Қ.1./ А. Насриддинов.–Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Р.Ҷалил, 2000.–254 с.

[221]. Насриддинов, Абдуманнон. Шарҳнависӣ дар таърихи адаби форс-тоҷик. Қисми 2/ А. Насриддинов.–Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Р.Ҷалил, 2001.–262с.

[222]. Насриддин, Абдуманнон. Наҳваи тафаккури Мавлоно дар «Маснавии маънавӣ» / А. Насриддин // Ганҷинадори мероси ниёгон: Маҷмӯаи мақолот.–Хуҷанд: Ношир, 2007.

[223]. Насриддинов, Абдуманнон. Бо корвони нур / А. Насриддинов.–Хучанд, 2010.–138 с.

[224]. Насриддинов, Абдуманнон. Қадимтарин сарчашма дар шинохти Мавлоно / А. Насриддинов // Адабиёт ва санъат.–2010.–7-уми январ.–№1(1504).

[225]. Насриддин, Абдуманнон. Куллиёти осор: дар ҳафт муҷаллад / А. Насриддин.–Хуҷанд: Хуросон, 2013.–636 с.–Ҷилди 2.

[226]. Насриддин, Абдуманнон. Матншиносии осори адабӣ / А. Насриддин.–Хуҷанд: Ношир, 2009.–450с.

[227]. Насриддинов, Фахриддин. Арзишҳои адабӣ дар тарҷума ва тафосири куҳани форсӣ-тоҷикӣ/Ф. Насриддинов.–Хуҷанд: Ношир,2012.–576с.

[228]. Нафисӣ, Саид. Таърихи назму наср дар Эрон ва дар забони форсӣ / С. Нафисӣ.–Теҳрон, 1344.–664 с.–Ҷ. 1.

[229]. Наҷот, Доро. «Шайх Абулқосими Гургонӣ» / Д. Наҷот.–Душанбе: Шарқи озод, 1999.

[230]. Наҷмободӣ, Кайвон. Ҳастӣ ва Ҷалолуддини Муҳаммад / К. Наҷмободӣ.–Теҳрон: Чашма, 1386.

[231]. Нажод, Салими Раҳим. Ҳудуди озодии инсон аз дидгоҳи Мавлавӣ: ҷабр ва ихтиёр / С.Р. Нажод.–Теҳрон: Таҳурӣ, 1364.

[232]. Нуров, Нуралӣ. Бедили Деҳлавӣ дар истиқболи Мавлонои Балхӣ / Н. Нурзод // Китоби моҳи адабиёт.–1390.–Соли панҷум.–№52–С. 45-51.

[233]. Нурзод, Нуралӣ. Ҳазрати Султон Боҳу – шореҳи афкори ирфонии Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ / Н. Нурзод // Камоли Хуҷандӣ.–2015.–№1.– С. 74-86.

[234]. Нӯъмонӣ, Шиблӣ. Савонеҳи Мавлавии Румӣ: Таҳқиқи аҳвол ва зиндагонии Мавлоно Ҷалолуддини Мавлавӣ ва табсираву тақризи мабсут бар Маснавии шариф / Ш. Нӯъмонӣ; [Тарҷумаи Муҳаммадтақии Фахрдоии Гелонӣ].–Теҳрон, 1332.

[235]. Обидӣ, Вазирулҳасан. Манобеи муштараки Ҳазрати Мавлонова алломаи Иқбол дар оёти муборакаи куръонӣ ва аҳодиси муқаддасаи набавӣ / В.Обидӣ // Армуғони донишгоҳ.–Лоҳур: Матбааи Панҷоб, 1971.

[236]. Оштиёнӣ, Саид Ҷалолуддин. Шарҳи муқаддимаи Қайсарӣ дар тасаввуфи исломӣ. / С. Ҷ. Оштиёнӣ.–Машҳад: Бостон.–1375.–120 с.

[237]. Офоқӣ, Собир. Сӯфиёни Кашмир ва нақши онон дар нашри фарҳанг ва адаби форсӣ/ С.Офоқӣ // Маҷаллаи Ҳунар ва мардум.–Шумораи 112 ва 113.–Баҳман ва исфанди 1345.

[238]. Пурномдориён, Муҳаммадтақӣ. Достонҳои паёмбарон дар «Куллиёти Шамс»: Шарҳ ва тафсири ирфонии достонҳо дар ғазалҳои Мавлавӣ / М. Пурномдориён.–Теҳрон: Муассисаи мутолиот ва таҳқиқоти фарҳангӣ, 1369.

[239]. Раёҳӣ, Парӣ. Ақл аз дидгоҳи Мавлоно / П. Раёҳӣ.–Теҳрон: Муассисаи пажӯҳиши ҳикмат ва фалсафаи Эрон, 1384.

[240]. Раҳмон, Эмомалӣ. Мавлоно ва тамаддуни инсонӣ (бо алифбои форсӣ ва кириллӣ).–Душанбе: Бухоро, 2008.–272 с.

[241]. Риёзӣ, Ҳашматуллоҳ. Достонҳо ва паёмҳои «Маснавӣ» / Ҳ. Риёзӣ; [Ба эҳтимоми Ҳабибуллоҳи Покгавҳар].–Теҳрон: Ҳақиқат, 1383.

[242]. Рукнӣ, Муҳаммад Маҳдӣ. Ҷабр ва ихтиёр дар «Маснавӣ» / М.М. Рукнӣ.– Теҳрон: Асотир, 1377 ҳ.ш.–136 с.–Чопи аввал.

[243]. Родфар, Абдулқосим. Тарҷумаҳои осори Мавлавӣ ба забонҳои Шибҳи қора / А. Родфар // Фарҳанг: Вежаи адабиёт ва ирфон.–Шумораи 14, баҳори 1372.

[244]. Салим, Ғуломризо. Ошноӣ бо Мавлавӣ / Ғ. Салимӣ; [Бо муқаддимаи доктор Ғуломҳусайн Юсуфӣ].–Теҳрон: Интишороти Тӯс. 1361.–8+242 с.

[245]. Салимов, Носир. Марҳалаҳои услубӣ ва таҳаввули анвоъи наср дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои IX-XIII) / Н.Салимов.–Хуҷанд: Нури маърифат, 2002.–396 с.

[246]. Сатторӣ, Ҷалол. Ишқнавозиҳои Мавлоно / Ҷ. Сатторӣ.–Теҳрон: Нашри Марказ, 1384.

[247]. Сатторов, Абдунабӣ. Нуқтаи пайванд / А. Сатторов.–Душанбе: Ирфон, 1982.–239 с.

[248]. Сатторзода, Абдунабӣ. Таърихчаи назариёти адабии форси тоҷикӣ / А. Сатторзода.–Душанбе, 2001.–141 с.

[249]. Сафо, Забеҳулло. Таърихи адабиёт дар Эрон: Чопи ҳафтум / З. Сафо.–Теҳрон: Интишороти Фирдавсӣ, 1389.–635 с.–Ҷ. 5/2.

[250]. Сафо, Забеҳулло. Ганҷинаи сухан / З.Сафо.–Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи Теҳрон, 1339.

[251]. Сафо, Забеҳулло. Таърихи адабиёт дар Эрон : Чопи сездаҳум / З. Сафо.–Теҳрон, 1389.–608 с.–Ҷ. 4.

[252]. Синха, Н.К. История Индии / Н.К. Синха, А.Ч.Банерджи.–Москва: ИВЛ, 1954.–440 с.

[253]. Соҳибуззамонӣ, Носириддин Муҳаммад Ҳасан. Хати севум: Дар бораи шахсият, суханон, андешаи Шамси Табрезӣ) / Н. М. Соҳибуззамонӣ.–Теҳрон: Атоӣ,1351.

[254]. Субҳонӣ, Тавфиқ. Шарҳҳои «Маснавӣ» / Т. Субҳонӣ// «Пажӯҳишнома»-и Донишкадаи адабиёт ва улуми исломии Донишгоҳи Шаҳид Биҳиштӣ.–Шумораи 22.–Поиз ва зимистони 1376.

[255]. Субҳонӣ, Тавфиқ. Нигоҳе ба таърихи адабиёти форсӣ дар Ҳинд / Т. Субҳонӣ.–Теҳрон: Дабирхонаи Шӯрои густариши забон ва адаби форсӣ, 1377.–724 с.

[256]. Султонӣ, Тоҷибой. Нашри нави «Маснавии маънавӣ» чӣ гуна бояд бошад? / Т.Султонӣ // Адабиёт ва санъат.–2011.–26-уми май.

[257]. Султонӣ, Тоҷибой. Қалъаи Ҳушрабо: Шарҳи достони «Дизи Зотуссувар» аз дафтари шашуми «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ / Т. Султонӣ.–Хуҷанд: Ношир, 2011.–144 с.

[258]. Султонӣ, Тоҷибой. Услуби баён ва ҷилваҳои забон дар «Маснавии маънавӣ»/ Т.Султонӣ // Паёми Суғд.–2012.–№5.–С.75-81.

[259]. Султонӣ, Тоҷибой. Дар раҳгузори шинохти Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ / Т.Султонӣ // Дунёи китоб.–2013.–Март-апрел.–№ 4-5.

[260]. Султонӣ, Тоҷибой. Таъсири «Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор»-и Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ ба «Нафаҳот-ал-унс»-и Мавлоно Ҷомӣ / Т. Султонӣ // Маводи ҳамоиши байналмилалии «Ҷойгоҳи Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар муколами фарҳангҳо» (3-4-уми ноябри соли 2014.–Хуҷанд: Нури маърифат, 2014.–516 с.

[261]. Султонӣ, Тоҷибой. Нигоҳе ба рӯзгор ва осори Хоҷа Абулвафои Хоразмӣ / Т.Султонӣ // Маҷаллаи Маркази илмии Камоли Хуҷандӣ.–2015.–№1.–С. 87-101.

[262]. Султонӣ, Тоҷибой. Аҳамияти муқаддимаи шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор»-и Ҳусайни Хоразмӣ дар маърифати «Маснавии маънавӣ» / Т. Султонӣ // Камоли Хуҷандӣ.–2015.–№2.–С.59-73.

[263]. Султонӣ, Тоҷибой. Муаррифии нусхаҳои хаттии шарҳҳои «Маснавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ дар китобхонаҳои Ӯзбекистон / Т. Султонӣ// Чакидаи мақолоти ҳамоиши байналмилалии Анҷумани тарвиҷи забон ва адабиёти форсӣ (15-17-уми шаҳривари соли 1391).–Теҳрон: Донишгоҳи Аллома Таботабоӣ, 1391.– С. 581.

[264]. Султонзода, Тоҷибой. Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор»-и Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ ва мақоми он дар муаррифии рӯзгор ва

осори Хоҷа Абулвафои Хоразмӣ // Масъалаҳои назария ва таърихи адабиёти тоҷик: Мақолаҳо аз ҳамоиши ҷумҳуриявии «Афкори назарӣ-адабии форсу тоҷик дар асрҳои миёна» бахшида ба 80-солагии Арбоби илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессор Худойӣ Шарифов (Душанбе, 30-юми июни соли 2017).–Душанбе: Сино, 2017.–326 с.

[265]. Султонзода, Тоҷибой. Ахбори Алишери Навоӣ дар бораи Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ– аввалин шореҳи «Маснавии маънавӣ» / Т. Султонзода // Маҷмӯаи чакидаи мақолоти ҳамоиши байналмилалии шарқшиносӣ, таърих ва адабиёти форсӣ (Алигарҳ, 3- марти соли 2017).–Алигарҳ: Донишгоҳи Алигарҳ, 2017.– С. 12.

[266]. Суруш, Абдулкарим. Қимори ошиқона (чопи ҳафтум) / А. Суруш.– Теҳрон: Муассисаи фарҳангии Сирот, 1384.–9+ 330 с.

[267]. Тадайюнӣ, Атоулло. Мавлоно ва тӯфони Шамс / А. Тадайюнӣ.–Теҳрон: Интишороти Теҳрон, 1388.–604 с.

[268]. Таламмуз, Ҳусайн. Оинаи қисас ва ҳиками «Маснавии маънавӣ»–и Мавлавӣ мавсум ба «Миръот-ул-маснавӣ»/ Ҳ. Таламмуз.–Теҳрон, 1361.

[269]. Таърихи адабиёти Эрон аз оғоз то имрӯз / Ҷорҷ Морисон, Ҷулиан Болдик, Ён Морис, Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ, Иржи Бечка ва Феликс Товр; [Тарҷумаи Я. Ожанд].–Теҳрон: Интишороти Густура, 1380.–502 с.

[270]. Товусӣ, М. Фарҳанги «Латоиф-ул-луғот»-и Абдулатифи Аббосии Гуҷаротӣ ва вежагиҳои он /М. Товусӣ // Фаслномаи мутолиоти Шибҳи қораи Донишгоҳи Систон ва Балуҷистон.–Соли шашум.–Шумораи 19.– Тобистони 1393.–С. 47-64.

[271]. Туробӣ, Манучеҳр. Зиндагии Мавлавӣ / М. Туробӣ // Теҳрон: Ширкати тавсеаи китобхонаҳои Эрон, 1386.–215с.–Чопи 6.

[272]. Умар, Сафар. Нақши «Интиҳонома» дар ошноӣ бо «Маснавии маънавӣ» / С. Умар // Офтоби маърифат: Маҷмӯаи мақолот бахшида ба 800-умин солгарди зодрӯзи Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ).–Душанбе, 2007.

[273]. Фазлуллоҳ, Зиёуннур. Ваҳдати вуҷуд: сайри таърихӣ ва татаввури ваҳдати вуҷуд ва баррасию таҳлили он дар осори Ибни Арабӣ ва Мавлоно / З. Фазлуллоҳ; [Бо муқаддимаи М. Китобӣ].–Теҳрон: Заввор, 1369.

[274]. Фарҳодӣ, Равон Абдулғафур. Маънии ишқ назди Мавлоно / Р.А. Фарҳодӣ.–Теҳрон: Асотир, 1372.

[275]. Фотимӣ, Ҳусайн. Тасвиргарӣ дар ғазалиёти Шамс / Ҳ. Фотимӣ.–Теҳрон: Амири кабир, 1364.

[276]. Фурӯзонфар, Бадеуззамон. Шарҳи «Маснавӣ»-и шариф: Чопи 12) / Б. Фурӯзонфар.–Теҳрон: Амири кабир, 1386.–1236 с.

[277]. Фурӯзонфар, Бадеуззамон. Маъхази қисас ва тамсилоти «Маснавӣ»/ Б.Фурӯзонфар.–Теҳрон, 1382.–Чопи 3.

[278]. Фурӯзонфар, Бадеуззамон. Аҳодиси «Маснавӣ» / Б. Фурӯзонфар.–Теҳрон: Амири кабир,1361.–Чопи 3.

[279]. Фурӯзонфар, Бадеуззамон. Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммад машҳур ба Мавлавӣ (ба муносибати Соли ҷаҳонии Мавлоно) /Б. Фурӯзонфар.–Теҳрон: Амири кабир, 1385.

[280]. Фурӯзонфар, Бадеуззамон. Шарҳи аҳвол ва осори Мавлоно / Б. Фурӯзонфар; [Бо кӯшиши Ҷаъфари Ранҷбар ва Масъуди Миршоҳӣ].–Душанбе: Китобхонаи устод Халилӣ, 2007.–252 с.

[281]. Фурӯзонфар, Бадеуззамон. Мабоҳисе аз таърихи адабиёти Эрон / Б. Фурӯзонфар.–Теҳрон: Амири кабир, 1354.–412 с.

[282]. Франклин, Д. Луис, Мавлоно: дирӯз то имрӯз, Шарқ то Ғарб / Д. Франклин; [Тарҷумаи Ҳасан Лоҳутӣ].–1386.–764 с.

[283]. Халилӣ, Халилуллоҳ. Аз Балх то Қуния / Х. Халилӣ.–Кобул: Вазорати иттилоот ва култур, 1346.

[284]. Халифа, Абдулҳаким. Ирфони Мавлоно. Тарҷумаи Аҳмади Муҳаммадӣ ва Аҳмади Миръалоӣ / Х. Абдулҳаким.–Теҳрон, 2536.–193 с.

[285]. Хонларӣ, Парвиз Нотил. Чанд нукта дар тасҳеҳи девони Ҳофиз / П.Н. Хонларӣ.–Теҳрон, 1337.–40 с.

[286]. Хоҷаева, Матлуба. Масъалаҳои сабкшиносӣ / М. Хоҷаева.–Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 1994.
[287]. Хуррамшоҳӣ, Баҳоуддин. «Ҳофизнома» / Б. Хуррамшоҳӣ.–Теҳрон: Қатра, 1366.–Чопи 1.
[288]. Хуррамшоҳӣ, Баҳоуддин. «Қуръон ва «Маснавӣ». Фарҳангвораи таъсири оёти Қуръон дар абёти «Маснавӣ» / Б. Хуррамшоҳӣ.–Теҳрон: Қатра, 1383.–738 с.
[289]. Ҳабибов, Амирбек. Аз таърихи равобити адабии Бадахшон бо Ҳиндустон (асрҳои XVI-XVII ва XVIII) / А. Ҳабибов.–Душанбе: Дониш 1991.–172 с.
[290]. Ҳайдарӣ, Ф. Пиндорҳои юнонӣ дар «Маснавӣ» / Ф. Ҳайдарӣ.–Теҳрон: Равзана, 1384.
[291]. Ҳакимиён, Абулфатҳ. «Шореҳон ва муқаллидони «Маснавӣ»/ А. Ҳакимиён //Нигин.–Баҳмани 1352.– №105.
[292]. Ҳасанов, Абдуҷамол. Мазмуну мӯҳтаво ва вижагиҳои забонии дафтари панҷуми «Маснавии маънавӣ»-и Румӣ / А. Ҳасанов // Армуғони «Ганҷи сухан».–Хуҷанд: Ношир, 2007.–С. 48-61.–Ҷилди 1.
[293]. Ҳумоӣ, Ҷалолуддин. Тафсири «Маснавӣ»-и Мавлавӣ: Достони Қалъаи Зотуссувар ё Дизи Ҳушрабо / Ҷ. Ҳумоӣ.– Теҳрон: Интишороти донишгоҳ.–1347.
[294]. Ҳодизода, Расул. Самарқанднома / Р.Ҳодизода.–Душанбе, 2002 / 1381ш.
[295]. Ҳодизода, Расул. Адабиёти тоҷик (асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX) / Р. Ҳодизода, У. Каримов, С. Саъдиев.–Душанбе: Маориф, 1988.–416 с.
[296]. Ҳодизода, Расул. Ҷалолуддини Румӣ / Р. Ҳодизода.–Хуҷанд: Нури маърифат, 2003.–102 с.
[297]. Ҳолбрук, Виктория. Қалъаи Зотуссувар: Мавлавӣ ва Ғолиб / В. Ҳолбрук; [Тарҷумаи Марями Мушарраф] // Мероси Мавлавӣ: Шеър ва ирфон дар ислом.–Теҳрон: Интишороти Сухан,1386.
[298]. Ҳоирӣ, Ҳусайн. Нухбат-ул-ирфон ан оёт-ил-Қуръон ва тафсириҳо: Татбиқи ашъори «Маснавии маънавӣ» ва «Куллиёти Шамс» бо Қуръони карим / Ҳ. Ҳоирӣ.–Теҳрон: Ҳақиқат, 1383.

[299]. Ҳикмат, Саид Иброҳим. «Қуръон дар «Маснавӣ» / Саид Иброҳими Ҳикмат.–Душанбе, 2007.–480 с.

[300]. Ҳумоӣ, Ҷалолуддин. Мавлавинома. «Мавлавӣ чӣ мегӯяд?» Ақоид ва афкори Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Мавлавӣ / Ҷ. Ҳумоӣ.–Теҳрон: Интишороти Огоҳ, (чопи дувум), 2536.–590 с.–Бахши аввал.

[301]. Ҳумоӣ, Ҷалолуддин. Мавлавинома. «Мавлавӣ чӣ мегӯяд?» Ақоид ва афкори Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Мавлавӣ / Ҷ. Ҳумоӣ.–Теҳрон: Интишороти Огоҳ, 2536.–962 с.–Бахши дувум.

[302]. Чакидаи «Маснавӣ»: Ҳовии такбайтҳое аз натиҷаи ҳикоят ва тамсилҳои «Маснавии маънавӣ», маҷмӯаи пандҳо ва андарзҳо ва зарбулмасалҳои ин девони маънавӣ) / Гирдоваранда А. Касмоӣ.– Теҳрон: Фарҳангхонаи Усфур, 1368.–Чопи аввал.

[303]. Чакидаи мақолоти ҳамоиши байналмилалии Анҷумани тарвиҷи забон ва адабиёти форсӣ (Теҳрон, 15-17-уми шаҳривари соли 1391).–Теҳрон: Донишгоҳи аллома Таботабоӣ, 1391.–764 с.

[304]. Читтик, Уилям. Роҳи ирфони ишқ: таолими маънавии Мавлавӣ / У.Читтик; [Тарҷумаи Ш. Аббосӣ].–Теҳрон: Пайкон, 1382.–Чопи аввал.

[305]. Чутҳарӣ, Мумтоз-бегим. Таъсири сӯфиёни Эрон дар тасаввуфи Шибҳи қораи Покистон ва Ҳинд / М. Чутҳарӣ // Лоҳур: Нашрияи идораи авқофи Панҷоб, 1993.

[306]. Ҷаҳонгирӣ, Муҳсин. «Муҳйиддин Ибни Арабӣ – чеҳраи барҷастаи ирфони исломӣ» / М. Ҷаҳонгирӣ.–Донишгоҳи Теҳрон, 1375 ш.–600 с.–Чопи чаҳорум.

[307]. Ҷаъфарӣ, Муҳаммадтақӣ. Мавлавӣ ва ҷаҳонбиниҳо дар мактабҳои Шарқ ва Ғарб / М. Ҷаъфарӣ.– Теҳрон: Интишороти Баъсат, бе соли нашр.–144 с.

[308]. Ҷаъфарӣ, Муҳаммадтақӣ. Авомили ҷаззобият дар суханони Ҷалолуддин Муҳаммади Мавлавӣ / М. Ҷаъфарӣ.–Табрез, 1376.–316 с.

[309]. Шамисо, Сирус. Сабкшиносии шеър / С. Шамисо.–Теҳрон: Интишороти Фирдавс, 1374.

[310]. Шанкар, Чандар. Таҳаффузи тароҷими мутуни форсӣ ба забони ҳиндӣ / Ч. Шанкар // Маҷмӯаи суханрониҳои нахустин семинори пайвастагиҳои фарҳангии Эрон ва Шибҳи қора.–Исломобод, 1374.

[311]. Шарифов, Шодӣ. Арзиши адабии маснавии «Интиҳонома»-и Султон Валад / Ш. Шарифов.–Хуҷанд: Хуросон, 2015.–156с.

[312]. Шарифов, Худоӣ. Услуб ва камолоти сухан / Х.Шарифов.–Душанбе: Ирфон, 1985.–173 с.

[313]. Шарифов, Худоӣ. Балоғат ва суханварӣ / Х.Шарифов.–Душанбе, 2002.

[314]. Шафақ, Исмоил. Ранги ишқ: шарҳ ва тафсири се достон аз «Маснавии маънавӣ»/ И. Шафақ.–Теҳрон: Ҳуҷаста, 1382.

[315]. Шаҷарӣ, Ризо. Муаррифӣ ва нақду таҳлили шарҳҳои «Маснавӣ» / Р. Шаҷарӣ.–Теҳрон: Амири кабир, 1386.–367 с.

[316]. Шаъбонӣ, М. Шохаи марҷон: рамзпардозии ҳайвонот дар «Маснавии маънавӣ» / М. Шаъбонӣ.–Теҳрон: Солис, 1386.

[317]. Шиммел, Аннемари. Шукӯҳи Шамс: Сайре дар осору афкори Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ/ А. Шиммел; [Тарҷумаи Ҳ. Лоҳутӣ].–Теҳрон: Амири кабир, 1386.–885 с.

[318]. Шиммел, Аннемари. Адабиёти исломии Ҳинд / А. Шиммел; [Тарҷумаи Я. Ожанд].–Теҳрон: Амири кабир, 1373.–114с.

[319]. Шиммел, Аннемари. Ҳузури Эрон дар ҷаҳони ислом / А. Шиммел, Э. Ёршотир; [Тарҷумаи Ф. Маҷлисӣ].–Теҳрон: Марворид, 1381.

[320]. Шиммел, Аннемари. Шукӯҳи Шамс / А. Шиммел; [Тарҷумаи Ҳасани Лоҳутӣ].–Теҳрон:Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1375.–94+885с.

[321]. Шукуров, Муҳаммадҷон. Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад / М. Шукуров.–Душанбе: Ирфон, 1985.–367 с.

[322]. Шӯри Худо: Гузора бар «Маснавии маънавӣ»-и Мавлавӣ : иборат аз 2 ҷилд/ Шарҳ ва тафсири Абулқосими Партав.–Теҳрон: Асотир, 1379.–1293с.

[323]. Эте, Ҳерман. Таърихи адабиёти форсӣ / Ҳ. Эте; [тарҷумаи Р. Шафақ].–Теҳрон: Бунгоҳи тарҷума ва нашри китоб, 2536.–368 с.

## Сарчашмаҳо ба забони русӣ

[324]. Акимушкин, О. Ф. Описание таджикских и персидских рукописей Института востоковедения РАН. Вып.10. Поэтическиесборники, альбомы / О. Ф. Акимушкин.–М.: Наука, 1993.

[325]. Ибн ал-Араби. Мекканские откровения /Ибн ал-Араби [Введение, перевод с арабского, премичания и библиография А.Д.Кныша].– СПб.: Центр «Петербургское Востоковедение», 1995.–288 с.

[326]. Истины: изречения персидских и таджикских народов, их поэтов и мудрецов. Перевод с фарси Н. Гребнева.–Спб.: Азбука-классика, 2005.–256 с.

[327]. Каталог восточных рукописей АН Таджикской ССР : в 6-ти томах / под ред. А.Мирзоева и М.И. Занда.–Душанбе: Дониш, 1968.–Т.3.–238 с.

[328]. Каталог восточных рукописей АН Таджикской ССР : в 6-ти томах/ под ред. А.М. Мирзоева и А.Е. Бертельса.–Душанбе: Дониш, 1974.–Т. 5.–448 с.

[329]. Кондырева, Н. Хафиз: Сто семнадцать газелей / Хафиз [Составления, подстрочний перевод, предословия и комментарий Н. Кондыревой] / Н.Кондырева.–М.: Наука, 1981.–183 с.

[330]. Марр Ю. Н. Хакани, Низами, Руставели / Ю. Н. Марр, К. К. Чайкин Составление сборника, редакция текста, педисловие и примечания / Ю. Н. Марр, К. К.Чайкин.–Тбилиси, Мецниереба, 1966, Вып. 2.

[331]. Руми // Ирано-таджикская поэзия: Библиотека всемирной литературы. Серия первая, том 21.–М.: Художественная литература, 1974.–С.127-186.

[332]. Руми // Классическая восточная поэозия: Антология / Руми [Сост., предисл., введение, глоссарий, коммент. Х. Г. Короглы].–М.: Высш. школа, 1991.–С.293-319.

[333]. Руми, Джалаладдин. Дорога превращений: суфийские притчи / Дж. Руми [пер. Д. В. Щедровицкого].–М.: Оклик, 2009.

[334]. Руми, Джалал ад-дин, Мухаммад. Маснави-йи ма’нави («Поэма о скрытом смысле»). Первый дафтар (байты 1-4003) / Дж. Руми [Пер. с перс. О. Ф. Акимушкина, Ю. А. Иоаннесяна, Б. В. Норика, А. А. Хисматулина,

О. М. Ястребовой; Общ., науч.редакция и указ. А. А. Хисматулина].–СПб.: Петербургское Востоковедение, 2007.–448 с.

[335]. Руми, Джалал ад-дин, Мухаммад. Маснави-йи ма’нави («Поэма о скрытом смысле»): Дафтар 2 (байты 1-3810) / Лж. Руми [Пер. с перс. М.-Н. О. Османова; Общ. редакция, коммент. и указ. О. М. Ястребовой].–СПб.: Петербургское Востоковедение, 2009.–376 с.

[336]. Руми, Джалал ад-дин, Мухаммад. Маснави-йи ма’нави («Поэма оскрытом смысле»). Третий дафтар (байты 1-4810) / Дж. Руми [Пер. с перс., примеч. и указ. О. М. Ястребовой; Под ред. А. А. Хисматулина].–СПб.: Петербургское Востоковедение, 2010.–480 с.

[337]. Руми, Джалал ад-дин, Мухаммад. Маснави-йи ма’нави («Поэма о скрытом смысле»). Четвертый дафтар (бейты 1-3855) / Дж. Руми [Пер. с перс. Л. Г. Лахути, Н. И. Пригариной, М. А. Русанова, Н. Ю. Чалисовой; Координатор проекта Н. И. Пригарина; Науч. ред. Я. Эшотса, указ. Л. Г. Лахути].–СПб.: Петербургское Востоковедение, 2010.–496 с.

[338]. Руми, Джалал ад-дин, Мухаммад. Маснави-йи ма’нави («Поэма о скрытом смысле»). Пятый дафтар (бейты 1-4238) / Дж. Руми [Пер. с перс. О. М. Ястребова;Под ред. А. А. Хисматулина].–СПб.: Петербургское Востоковедение, 2011.–448 с.

[339]. Руми, Джалал ад-дин, Мухаммад. Маснави-йи ма’нави («Поэма о скрытом смысле»). Шестой дафтар (бейты 1-4916) / Дж. Руми [Пер. с перс. А. А. Хисматулина, О. М. Ястребовой; Под ред. А. А. Хисматулина].–СПб.: Петербургское Востоковедение, 2012.–480 с.

**Осори таҳқиқӣ ба забони русӣ**

[340]. Азизов, Сорбон. Проблемы поэтики и вопросы текстологии прозаических произведений Мавлоно Джаладдина Балхи (на примере «Маджолиси сабъа» и «Фихи ма фихи»). Автореф. дис… канд. филол. наук/ Азизов Сорбон Садуллоевич.– Душанбе, 2017.–28 с.

[341]. Акимушкин, О. Ф. К вопросу о традиции жанра искусственную касыди в персидской поэзии Иран: Сборник статей / О. Акимушкин.–Москва: Наука, 1971.

[342]. Акимушкин, О. Ф. Вопросы восточной текстологии / О. Акимушкин // Советское востоковедение: Проблемы и перспективы.–Москва,1988.

[343]. Акимушкин, О. Ф. Вдохновенный из Рума. Поэмао скрытом смысле/ О. Акимушкин.–Москва, 1988.

[344]. Алиев, Г. Персоязычная литература Индии / Г.Алиев.–Москва: Наука, 1968.–248 с.

[345]. Алимардонов, А. Ибодатхона и мактабхона и их роль во взаимодействии и синтезекультур народов индийского субконтинета(вторая половина ХУ1-начало ХУ11 вв.) / А. Алимардонов //Известия АН Республики Таджикистан. Серия: востоковедение, история, филология,–1992. №4(28).–с.9–20.

[346]. Антонова, К. Английское завоевание Индии в ХУП веке / К. Антонова.–Москва: ИВЛ, 1958.–326с.

[347]. Антонова, К. История Индии / К. Антонова,Г.Бонград-Левин, Г. Котовский.–Москва: Мысль, 1973.–558 с.

[348]. Антонова, К. Английское завоевание Индии в ХУП веке / К. Антонова.–Москва: ИВЛ, 1958.–326с.

[349]. Бахтин, М. М. Проблемы поэтики Достоевского/ М.М.Бахтин.– Москва, 2002.–167с.

[350]. Бертельс, Е. Э. Суфизм и суфийкая литература // Избранные произведение : в 5-ти томах / Е. Э. Бертельс.–Москва: Наука, 1965.–524 с.–Т. 1.

[351]. Бертельс, Е. Э. История персидско-таджикской литературы // Избранные произведение: в 5-ти томах / Е. Э. Бертельс.–Москва: ИВЛ, 1960.–554 с.–Т. 3.

[352]. Бертельс, Е. Э. К вопросу об «индийском стиле» в персидской поэзии // История литературы и культуры Ирана / Е. Э. Бертельс.–Москва: Наука, 1988.–С. 437-440.

[353]. Бертельс, Е. Э. История литературы и културы Ирана // Избранные труды/ Е. Э. Бертельс.–Москва: Наука, 1988.–588 с.–Т. 5.

[354]. Ванина, Е. Средневековое городское ремесло в Индии / Е. Ванина.–Москва: Наука, 1991.–224 с.

[355]. Есин, А. Принципы и приемы анализа литературного произведения / А.Б. Есин.–Москва: Флинта, Наука, 2000.–163с.

[356]. Капранов, В. Таджикско-персидская лексикография в Индии XYI-XIX вв. / В.Капранов.–Душанбе: Дониш, 1987.–224 с.

[357]. Лотман, Ю.М. В школе поэтического слова / Ю.М.Лотман.–Москва: Просвещение, 1988.–349 с.

[358]. Лотман, Ю. М. Анализ поэтического текста / Ю.М.Лотман.–Ленинград, 1972.–520 с.

[359]. Нарзикул, М. Трактат Амир Хусрава Дехлави «Эъджази Хусрави» (Чудо Хусрава) и традиции эпистолярного жанра в истории персидско-таджикской литературы (X-XIV вв.): Автореф. дис… док. филол. наук: 10.01.03 / Нарзикул М.–Душанбе, 2009. –55с.

[360]. Нуров, Н. Отражение исторической географии и таджикской культуры в произведениях Мавлана / Н. Нуров // Ираннаме.–Алмаато.–2013.–№1.–С. 203-220.

[361]. Одилов, Нодир. Мировоззренние Джалолиддина Руми / Н.Одилов.–Душанбе: Ирфон, 1974.–112с.

[362]. Пригарина, Н. Хафиз и влияние суфизма на формирование языка персидской поэзии / Н. Пригарина // Суфизм в контексте масльманской культуры.– М.: Наука, 1989.

[363]. Проблемы исторической поэтики литератур востока / Составитель и ответственный редактор И.В.Стеблева.–М.: Наука, 1988.–311с.

[364]. Рипка, Ян. История персидской и таджикской литературы / Я. Рипка.–М.: Прогресс, 1970.

[365]. Серебряков, И.Д. Литературы народов Индии / И.Д. Серебряков.–М: Высшая школа, 1985.–304 с.

[366]. Фиш, Радий. Джалолиддини Руми / Р.Фиш.–М: Наука, 1985.–272 с.

*[367].* Хатлони, Салим. Проблемы поэтических образов в творчестве Джалолуддина Руми: Автореф. дис… док. филол. наук: 10.01.03 /Хатлони Салим.–Душанбе, 2009.–53с.

[368]. Шарипов, Х. Теоретические вопросы прозы в таджикско-персидских памятниках классического периода: Автореф. дис… док. филол. наук : 10.01.03 / Шарипов Худои.–Душанбе, 1987.-53 с.

[369]. Читтик, У. В поисках скрытого смысла: Духовное учение Руми.–М., 1995.

**Сарчашмаҳо ба забони узбекӣ**

[370]. Навоий, Алишер. Мукаммал асарлар тӯплами: Йигирма жилдлик. 13-жилд. Мажолис-ун-нафоис / А. Навоий.–Тошкент, 1997.

[371]. Навоий, Алишер. Мукаммал асарлар тӯплами: Йигирма жилдлик.17-жилд. Насоим-ул-муҳаббат / А. Навоий.–Тошкент, 2001.

[372]. Румий, Жалолуддин. Маснавий ҳикояларидан дарслар. Қирқ ҳикояга қирқ шарҳ/ Ж. Румий [Нашрга тайёрлловчи ва изоҳлар муаллифи Х. Абдумурод].–Тошкент: Муҳаррир нашриёти, 2010.–Биринчи китоб.– 75 бет.

[373]. Румий, Жалолуддин. Маснавий ҳикояларидан дарслар. Қирқ ҳикояга қирқ шарҳ / Ж. Румий [Нашрга тайёрлловчи ва изоҳлар муаллифи Х. Абдумурод].–Тошкент: Муҳаррир нашриёти, 2010.–Иккинчи китоб.–80 бет.

[374]. Румий, Жалолуддин. Маснавий ҳикояларидан дарслар. Қирқ ҳикояга қирқ шарҳ / Ж. Румий [Нашрга тайёрлловчи ва изоҳлар муаллифи Х. Абдумурод].–Тошкент: Муҳаррир нашриёти, 2010.–Учунчи китоб.–91 бет.

**Осори таҳқиқӣ ба забони узбекӣ**

[375]. Абдуллаев, Ҳамид. Хожа Абулвафо Хоразмий ва Алишер Навоий / Ҳ. Абдуллоев // Алишер Навоийнинг ижодий мероси ва унинг жаҳоншумул аҳамияти: Илмий назарий анжуман маърузалари.– Тошкент, 2001.– 42-43 бет.

[376]. Абдуллаев, Ҳамид. Хоразм шоирлари Навоий наздида / Ҳ. Абдуллоев // Алишер Навоий ва форс-тожик адабиёти: Узбекистон шарқшуносларининг 7 анъанавий анжумани материаллари.– Тошкент, 2002.–33бет.

[377]. Исломий, Ҳамидхон. Алишер Навоий ва Хоразм авлиёлари / Ҳ. Исломий.–Тошкент, 1998.

[378]. Очилов, Эргаш. Навоий назари тушган авлиё / Э.Очилов // Узбек тили ва адабиёти.– Тошкент, 2003.–№5.– 2003.–84-93 бет.

[379]. Фикрат, Ҳурматжон. Румий ва Хароботий / Ҳ. Фикрат // Узбек тили ва адабиёти.–2003.–№5.–46-49 бет.

**Сарчашмаҳо ба забони туркӣ**

[380]. Abdulmecid–i, Sivasi. Serh-i Mesnevi / A. Sivasi // Beyazit Devlet Kutuphanesi.–Veliyyuddin, 1651.–v.3.

[381]. Atilla, Şentürk, Tahirui Mevlevi: Hayati ve Eserleri / S. Atilla.–Istanbul, 1991.

[382]. Erhan,Y. Ankaravi, I. R. Türkiye Diyanet Vakfı İslâm Ansiklopedisi, / Y. Erhan // TDV Islam Ansiklopedisi, C. 3.–Istanbul, 1991.– S. 211-213.

[383]. Ismail, Gulec. Türk edebiyatında Mesnevî tercüme ve şerhleri»/ G. Ismail // Journal of Turkish studies, 27/11.–Harvard, 2003.–p.161-176.

[384]. Konuk, A. Mesnevi-i Serif Serhi, yayina hazirlayanlar. Dr. Selçuk Eraydin-Prof. Dr. Mustafa Tahrali, Istanbul 2004.–S. 29-56.

[385]. Semih, Ceyhan.Mesnevi, TDV Islam Ansiklopedisi / C. Semih.–Ankara, 2004. –S. 325-334.

[386]. Turgut,K. Seyh Galib: Serh-I Cezire-i Mesnevi / K. Turgut, M. Vanli-oglu, M. Atalay.–Erzurum,1996.–8+256 s.

[387]. Yazuv, K. Mesnevi-i Muradiye / K. Yazuv.–Ankara, 1982.

**Сарчашма ва маъхазҳо ба забони англисӣ**


[388]. Ethe, H. Catalogue of Persian, Turkish, Hindustani in the badlian Library / H. Ethe.–Oxford, 1889.–Part I.

[389]. Gibb, J.W. History of Ottoman poetry, vol 3, book 4, Chapter 7 / J.W. Gibb.–Pages 247-248 by E.

[390]. Kirmani, Waris. Dreams Forgotten / W. Kirmani.–Aligarh, 1986.–462 p.

[391]. Camille and KabirHelminski. Jewels of Remembrance / Helminski.–Threshold Books, 1996.

[392]. Coleman, Barks. The Essential Rumi / B. Coleman.–Harper, San Francisco, 1995.

[393]. Marshall D. N. Mughals in India. A Bio–Bibliographical survey of manuscripts / D. N. Marshall.–London and New York, 1985.–634 p.

[394]. Muqtadir, M. A. Catalogue of the arabic and persian MSS in the Oriental Public Library at Bankipore / M. A. Muqtadir.–Calcutta, 1925.–Vol. III.

[395]. Pertsch, W. Verzeichnisse der persischen Handschiften der Koniglichen Bibliothekzu Berlin. Bd. II / W. Pertsch.–Berlin, 1888.–1283 p.

[396]. Razvi, M.H. and Qaisar M.H. Catalogue of Manuskripts in the Maulana Azad Library Aligarh Muslim University : Habibganj Collection / M.H. Razvi and M.H. Qaisar.–Aligarh, 1985.–Vol.I, part II.–386 p.

[397]. Rieu, Ch. Catalogue of the Persian Manuscripts in the British Museum / Ch. Rieu.–London, 1879.–Vol. I.–432 p.

[398]. Rieu, Ch. Catalogue of the Persian Manuscripts in the British Museum / Ch. Rieu.–London, 1883.–Vol. II.–P. 433–877.

[399]. Rumi, Jalaluddin. Mathnawi, 8 vols / J. Rumi [translated by Reynold Nicholson].–Luzac Press, London, 1925– 1940.

[400]. Storey, C.A. Persian Literature. A bio–bibliographical survey / C.A. Storey.–London, 1953.–Vol.I, P.2.–314 p.

[401]. Mystical Poems of Rumi /Translated by A.J. Arberry // Persian Heritage Series, №3.–Chicago: Univ. of Chicago Press, 1968.

[402]. Mystical Poems of Rumi /Translated by A.J. Arberry // Persian Heritage Series, №23.–Boulder CO, Westview Press, 1979.

[403]. The Rubaiyat of Jalal ad-din Rumi: Select translations into English Verse /Translated by A.J. Arberry, Emery Walker Press.–London, 1949.

[404]. Chittick, W. C. ‘Ibn ‘Arabi and His School’, in S. H. Nasr (ed.) / W. C. Chittick.–Islamic Spirituality: Manifestations, New York, Crossroad, 1990.

**Сарчашма ба забони немисӣ**

[405]. Bericht Uber den zu Kairo im Jahre D.H. 1251(1835) in sechs Foliobanden erschienenen turkischen Commentar des Mesnewi Dschlaleddin Rumi^s [Vienna: Akademie der Wissenschaften, 1851]

[406]. Rückert, F. Über setzungen persischer Poesie [Text] / Aus gewählt und lingeleitet von A. Schimmel.–Wies baden, Harrasowitz, 1966.– 70s.

**Маводи электронӣ**

[407]. Гузалюз, Алӣ. Шарҳҳои «Маснавӣ» дар Анатулӣ / Саҳифаи электронии «Маркази таҳқиқоти компутерии улуми исломӣ»

[408]. Киёинажод, Зайнуддин. Нахустин китобҳои муҳими ирфонӣ ва тасаввуфи исломӣ то поёни қарни панҷуми ҳиҷрӣ / Маркази таҳқиқоти компутерии улуми исломӣ аз Пойгоҳи мақолоти форсӣ.–Сомонаи www. sid. ir.

[409]. Ҳоирӣ, А. Ошноӣ бо чанд нусха аз шарҳҳои «Маснавӣ»–и Ҷалолиддин Муҳаммад Мавлавии Балхӣ / А. Ҳоирӣ // Пойгоҳи мақолоти форсӣ.–Сомонаи www. sid. ir.

[410]. «Пойгоҳи мақолоти форсӣ» бо нишонии интернетии www. sid.ir

[411]. Httj:// masnavi.persiondid.com

# МАЗМУНУ МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ ДАР ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ ДАРҶ ШУДАНД

## Маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и Федератсияи Русия ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон


[1-М]. Келдиёров Т.С. Нигоҳи интиқодӣ ба шарҳи ирфонӣ [тақриз ба китоби «Шарҳи Баҳрулулум» ] // Номаи донишгоҳ. - Хуҷанд, № 4 [28], 2011. -С. 252-265

[2-М]. Келдиёров Т.С. «Гулшани тавҳид»- шарҳи манзуми маснавии Мавлоно // Номаи донишгоҳ. - Хуҷанд, № 1 [29], 2012. - С. 12-22

[3-М]. Келдиёров Т.С. Усули нақли қиссаву ҳикояҳо дар «Асрор-ул-ғиюб»-и Хоҷа Айюби Порсо // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе: Сино, 2012. № 4/4 [91].- С. 269-273.

[4-М]. Келдиёров Т.С. Аввалин шореҳ ва нахустин шарҳ // Ахбори ДДҲБСТ. - Хуҷанд, №1[53], 2013. -С. 230-236

[5-М]. Келдиёров Т.С. Нигоҳе ба шарҳи Валимуҳаммади Акбарободӣ бар «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Румӣ // Номаи донишгоҳ. - Хуҷанд, 2013, № 1[34]. -С.30-41

[6-М]. Келдиёров Т.С. Нигоҳи интиқодӣ дар «Асрор-ул-ғиюб»-и Хоҷа Айюби Порсо // Номаи донишгоҳ. - Хуҷанд, 2013, № 3 [36]. -С. 3-11

[7-М]. Келдиёров Т.С. Вижагиҳо ва арзишҳои шарҳи «Мукошифоти разавӣ»-и Муҳаммадризои Лоҳурӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе: Сино, № 4/4 [116], 2013.-С. 173-181

[8-М]. Келдиёров Т.С. Баҳсе дар мазҳаби Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ // Ахбори ДДҲБСТ. –Хуҷанд, № 1[57], 2014, - С. 288-293

[9-М]. Келдиёров Т.С. Нигоҳе ба сабки шоирии Хоразмӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.-Душанбе, №1[56], 2014. -С. 284-300

[10-М]. Келдиёров Т.С. Усулҳои тафсири дохилӣ дар шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор» -и Камолуддини Хоразмӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.- Душанбе, №1[56/2], 2014. –С. 299-303

[11-М]. Келдиёров Т.С. Усули овардани қиссаву ҳикоёт дар «Ҷавоҳир-ул-асрор»-и Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ // Номаи донишгоҳ. – Хуҷанд, №1[38], 2014. -С. 53-61

[12-М]. Келдиёров Т.С. Камолиддин Ҳусайни Хоразмӣ ва Хоқонии Шарвонӣ // Ахбори ДДҲБСТ. Хуҷанд, № 4[60], 2014. -С. 203-209.

[13-М]. Келдиёров Т.С. Таъсири «Тазкират-ул-авлиё»-и Шайх Аттори Нишопурӣ ба «Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор» -и Камолуддини Хоразмӣ // Номаи донишгоҳ. Хуҷанд, №4 [41], 2014. – С. 30-33

[14-М]. Келдиёров Т. Шарҳнависӣ бар «Маснавии маънавӣ» дар Мовароуннаҳру Хуросон // Номаи донишгоҳ.Хуҷанд, № 2 [43], 2015. –С. 63-70

[15-М]. Султонзода Т.С. Забон ва тарзи баён дар шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор»// Номаи донишгоҳ. – Хуҷанд, № 2 [51], 2017. - С. 105-110

[16-М]. Султонзода Т.С. Иртиботи мақолоти даҳгонаи шарҳи «Ҷавоҳир-ул-асрор» бо «Маснавии маънавӣ»// Номаи донишгоҳ. – Хуҷанд, № 4[57], 2018.-С. 99-104

**I. Асарҳои дигар:**

**а) Рисолаҳо:**

[17-М]. Султонӣ, Т. Қалъаи Ҳушрабо: Шарҳи достони «Дизи Зотуссувар» аз дафтари шашуми «Маснавии маънавӣ»–и Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ / Т. Султонӣ.–Хуҷанд: Ношир, 2011.–144 с.

[18-М]. 2. Султонӣ, Т. Шарҳшиносии «Маснавии маънавӣ» / Т. Султонӣ.–Хуҷанд: Нури маърифат, 2019.–288 с.

[19-М]. 3. Султонӣ, Т. Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ ва «Ҷавоҳир-ул-асрор»-и ӯ / Т. Султонӣ.–Хуҷанд: Нури маърифат, 2019.–286 с.

б) Мақолаҳо дар маҷалла ва маҷмӯаҳои илмӣ:

[20-М]. Келдиёров Т.С. Нигоҳе ба ҳаёт ва осори Баҳрулулум (ҳамроҳ бо шарҳи абёти «Найнома» аз шарҳи Баҳрулулум] //Номаи донишгоҳ, №3 [19], 2009. – С.148–174

[21-М]. Султонӣ Т. Нашри нави «Маснавии маънавӣ» чӣ гуна бояд бошад?» // АС. – 26 майи 2011.

[22-М]. Султонӣ Т. Услуби баён ва ҷилваҳои забон дар «Маснавии маънавӣ» // Хуҷанд: Паёми Суғд, №5, 2012. - С.75-81

[23-М]. Султонӣ Т. Шайх Абдулатифи Аббосӣ – шореҳи маснавии Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ. [Дар китоби «Туҳфаи аҳбоб»]. -Хуҷанд: Ношир. - 2012. – С. 134-139

[24-М]. Султонӣ Т. Дар раҳгузори шинохти Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ // Дунёи китоб, № 4-5, март-апрели 2013

[25-М]. Султонӣ Т. Валимуҳаммади Акбарободӣ – шореҳи «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Ҷаллуддини Румӣ. [Дар китоби «Анвори хирад»].- Хуҷанд: Меъроҷ. -2013. -С. 95-100

[26-М]. Султонӣ Т. Таъсири «Ҷавоҳир–ул–асрор ва завоҳир–ул–анвор»–и Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ ба «Нафаҳот–ал–унс»–и Мавлоно Ҷомӣ. Маводи ҳамоиши байналмилалии «Ҷойгоҳи Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар муколамаи фарҳангҳо»[3–4 ноябри соли 2014].–Хуҷанд:Нури маърифат, 2014.–516 с.

[27-М]. Султонӣ Т. Сарчашмаҳои шарҳи «Мукошифоти разавӣ»-и Муҳаммадризои Лоҳурӣ. [Дар китоби «Робитаҳои адабӣ ва фарҳанги Шарқ».

Маҷмӯаи мақолаҳо ба муносибати 50-солагии зодрӯзи д.и.ф., профессор Умеда Ғаффорова].-Хуҷанд: Ношир, 2014.-С. 234-241.

[28-М]. Султонӣ Т. Нигоҳе ба рӯзгор ва осори Хоҷа Абулвафои Хоразмӣ // Хуҷанд: Камоли Хуҷандӣ.– 2015.–№1.–С. 87–101

[29-М]. Султонӣ Т. Аҳаммияти муқаддимаи шарҳи «Ҷавоҳир–ул–асрор ва завоҳир–ул–анвор»–и Ҳусайни Хоразмӣ дар маърифати «Маснавии маънавӣ» // Камоли Хуҷандӣ.– 2015.–№2.–С.59–73

[30-М]. Султонӣ Т. Сухане чанд дар бораи Иброҳим Шоҳидии Муғлавӣ [Дар китоби «Гулшани тавҳид» [шарҳи муфрадоти «Маснавии маънавӣ»]. – Конибодом: Вектор-Канд.-2015.-С.3-32

[31-М]. Султонӣ Т. Сухане чанд дар бораи «Рисолаи Сипаҳсолор» ва муаллифи он [Дар китоби «Рисолаи Сипаҳсолор» [қадимитарин сарчашма дар шинохти Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ]. – Хуҷанд: Хуросон.-2015.-С.3-19

[32-М]. Султонӣ Т. «Асрор-ул-ғуюб» ва усулҳои кори шореҳ дар он //Фаслномаи «Камоли Хуҷандӣ». -2015, № 3[3].-С. 92-100

[33-М]. Шарҳҳои «Маснавии маънавӣ» дар Осиёи Сағир // Фаслномаи «Камоли Хуҷандӣ». -2015, № 4[4]. –С. 45-53

[34-М]. Султонӣ Т. Иртиботи фикрии Шайх Камоли Хуҷандӣ бо Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ. Маводи конференсияи байналхалқии «Камоли Хуҷандӣ: ташаккули адабиётшиносӣ ва равобити адабӣ». - Хуҷанд: Ношир, 2016.-С. 365-370

[35-М]. Султонӣ Т. Сайре бар шарҳнигории «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ. // Ганҷи сухан.-2016.-№1[1]. –С. 90-97

[36-М]. Султонӣ Т. Лутфи баҳориёт дар «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ. Дар китоби «Наврӯзномаи Суғд». - Хуҷанд: Ношир, 2016.-С. 15-24

[37-М]. Султонӣ Т. Муаррифии нусхаҳои хаттии шарҳҳои «Маснавӣ»–и Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ дар китобхонаҳои Ӯзбекистон [Чакидаи мақолоти ҳамоиши байналмилалии Анҷумани тарвиҷи забон ва адабиёти форсӣ] –Теҳрон: Донишгоҳи Аллома Таботабоӣ, 15–17 шаҳривари соли 1391. – С. 581

[38-М]. Султонӣ Т. «Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор»-и Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ ва мақоми он дар муаррифии рӯзгор ва осори Хоҷа Абулвафои Хоразмӣ // Масъалаҳои назария ва таърихи адабиёти тоҷик. Мақолаҳо аз ҳамоиши ҷумҳуриявии «Афкори назарӣ-адабии форсу тоҷик дар асрҳои миёна» бахшида ба 80-солагии Арбоби илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессор Худоӣ Шарифов. –Душанбе: Сино, 2017. -326 с.

[39-М]. Султонзода Т. Ахбори Алишери Навоӣ дар бораи Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ – аввалин шореҳи «Маснавии маънавӣ» [Маҷмӯаи чакидаи мақолоти ҳамоиши байналмилалии шарқшиносӣ, таърих ва адабиёти форсӣ]. –Ҳиндустон: Донишгоҳи Алигарҳ, 3- марти соли 2017. – С. 12